**Ҷадвали 1. Минтақаҳои озоди иқтисодии Чин дар соли 2021**
**Table 1. China's Free Economic Zones in 2021**

| МОИ | ММД, млрд.юан | Шумораи ташкилотҳо | Содирот ва воридоти молҳо, млрд долл. амрикоӣ | Ташкилотҳо бо сармояи хориҷӣ, шумора | Масоҳат, км.кв. |
|---|---|---|---|---|---|
| Шанхай Вайгаоя | 31,50 | 7054 | 20,93 | 5364 | 8,5 |
| Далян | 5,33 | 3848 | 1,86 | 1536 | 4,60 |
| Тянсзин | 8,30 | 8152 | 3,62 | 4541 | 3,8 |
| Квингдао | 2,50 | 2365 | 0,86 | 935 | 2,54 |
| Сзянсзин | 3,90 | 3312 | 1,90 | 373 | 4,10 |
| Лингбо | 4,01 | 4586 | 1,18 | 742 | 2,30 |
| Фунджоу | 0,27 | 636 | 0,44 | 419 | 0,8 |
| Сямэн | 0,72 | 32 | 1,65 | 19 | 0,63 |
| Шантоу | 1,19 | 1103 | 0,16 | 269 | 2,34 |
| Гуанҷоу | * | 2003 | 1,56 | 592 | 2,0 |
| Шэничжэн | 15,18 | 1246 | 17,90 | 1099 | 2,25 |
| Сзухай | 0,40 | 137 | 0,70 | 106 | 3,0 |
| Ҳайкоу | 0,60 | 541 | 0,02 | 95 | 1,93 |

**Сарчашма:** муаллифон дар асоси маълумотҳои [6] таҳия намудаанд.

Маълумотҳои ҷадвали 1 гувоҳӣ медиҳанд, ки МОИ дар саросари Ҷумҳурии Халқии Чин паҳн гардидаанд, ки аз ҳама бузургтари онҳо дар музофотҳои Шанхай Вайгаоя, Далян, Сзянсзин ва Сзухай ҷой гирифтаанд [1,с.111]. Метавон қайд намуд, ки рушди иқтисодиёти Тоҷикистон аз афзоиши истеҳсолот дар бисёр соҳаҳои хоҷагии халқ вобастагӣ дорад. Ташаккули истеҳсолоти дохилӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ воситаи муҳим дар тараққиёбии иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин самт зарур аст, ки таҷрибаи Чин оид ба ташкили МОИ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шавад. Таҷрибаи Чин ҳамчун механизми асосӣ дар самти рушди соҳибкории хурду миёна ба воситаи таъсиси МОИ дониста мешавад. Чунин минтақаҳо ба

соҳибкорон озодии бештар барои фаъолият пешниҳод менамоянд ва ин омил сабаб мегардад, ки соҳибкории хурду миёна дар ноҳияҳои қафомонда рушд намояд ва дараҷаи бекорӣ коҳиш дода шавад.

Дар баробари Ҷумҳурии Халқии Чин таҷрибаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) низ дар самти ташкил ва инкишофи МОИ ғанӣ арзёбӣ мегардад. Аввалин МОИ дар ИМА соли 1934 таъсис дода шуд ва ҳамчун минтақазои махсуси соҳибкорӣ ба фаъолият шуруъ намуданд. Тибқи маълумотҳои оморӣ соли 2021 дар ИМА 270 МОИ ба қайд гирифта шудааст. Ҷиҳати ташкил ва рушди МОИ дар ИМА Қонун “Дар бораи минтақаҳои савдои берунӣ” қабул гардид ва фаъолияти чунин минтақаҳо ба воситаи ин қонун танзим карда мешуд. Қонуни болозикр баъд аз ба вуқуъ пайвастани “Депрессияи бузург” қабул гардид ва ҳадафи асосии он рушди тиҷорат ва коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ ба ҳисоб мерафт [5]. Мувофиқи адабиётҳои иқтисодӣ айни замон дар ИМА се шакли МОИ фаъолият мекунанд ва ҳамчун заминаи ҷалби сармояи хориҷӣ ба ин кишвар хизмат менамоянд. Шаклҳои амалкунандаи МОИ дар ИМА инҳоянд [1; 5; 12]:

- ⇨ Минтақаҳои озод барои соҳибкорӣ.
- ⇨ Минтақаҳои махсус барои рушди тиҷорат.
- ⇨ Бошишгоҳҳои технологӣ (технопаркҳо).

Метавон зикр намуд, ки ИМА дар ҷаҳон оид ба ташкил ва пешбурди фаъолияти МОИ яке аз мақомҳои калидиро касб намудааст. МОИ дар пешрафти тиҷорат дар музофотҳои ИМА нақши сазовор доранд. Мисоли бебарори ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ зиёд аст, вале ҳоло дар ИМА минтақаҳои озоди иқтисодӣ бомуваффақият амал мекунанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таҷрибаи ИМА вобаста ба таъсиси МОИ ба мақсад мувофиқ мебошад. Бояд тазаккур дод, ки иқтисоддонони бисёр кишварҳо имрӯз таҷрибаи ИМА-ро дар ин самт меомӯзанд, зеро маҳз дар ин ҷо МОИ-и зиёд амал мекунанд ва дорои шаклҳои гуногун мебошанд. Горян Э.В. чунин меҳисобад, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои ИМА ҳамчун ниҳоди муҳимми ҷалби сармояи хориҷӣ ва тақвияти фазои соҳибкорӣ кумак менамоянд [5]. Дар воқеъ, МОИ дар аксари кишварҳои ҷаҳон ҳамчун маркази ҷалби сармояи хориҷӣ ташкил карда мешавад. Барои ИМА минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун ангезае дар самти такомули масоили иҷтимоӣ-иқтисодӣ хизмат намуда, аз соли 1938 то 1995 панҷто агентиҳои давлатӣ ҷиҳати маблағгузории МОИ таъсис дода шуданд. Агентиҳои давлатии ташкилшуда, раванди мабалғгузориҳоро ба МОИ тезонида, рушди устувори онҳоро таъмин менамоянд.

Вобаста ба гузориши Шурои МОИ (FTAS) ба Конгресси ИМА, давоми соли 2021 дар ИМА 260 МОИ фаъолият менамоянд, ки маҷмуан зиёда аз 330 амалиёти фаъоли истеҳсолӣ доранд. Аз ин минтақаҳои номбаргардида, 195 номгӯи онҳо фаъол мебошад. Дар ин минтақаҳо 3300 ташкилоту корхонаҳо амал намуда, 440000 нафар аҳолӣ ба кори доимӣ фаро гирифта шудааст (ҷадвали 2) [1,с.110].

**Ҷадвали 2. Фаъолияти МОИ-и дар ИМА амалкунанда тайи солҳои 2017-2021**
**Table 2. Activity of SEZs operating in the USA in 2017-2021**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017,% |
| Истеҳсоли молу маҳсулот, млрд. доллари америкоӣ | 798,1 | 659,4 | 610,4 | 669,2 | 793,8 | 99,5 |
| Ҳаҷми содирот, млрд. доллари америкоӣ | 99,2 | 84,6 | 75,7 | 87,1 | 112,9 | 13,8 |
| Шумораи МОИ, адад | 258 | 262 | 263 | 262 | 260 | 100,8 |
| Шумораи минтақаҳо фаъол, адад | 179 | 186 | 195 | 191 | 195 | 108,9 |

**Сарчашма:** муаллифон дар асоси маълумотҳои [1] таҳия намудаанд.

Маълумотҳои дар ҷадвали 2 овардашуда гувоҳӣ медиҳанд, ки шумораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд. Минтақаҳои озоди иқтисодии умумӣ ва минтақаҳои озоди фаъол. МОИ фаъол шумораашон сол аз сол зиёд гардида, дар соли 2021 195 ададро ташкил додааст. Ҳаҷми содирот низ, дар соли 2021 112,9 млрд доллари америкоиро ташкил додааст, ки нисбати соли 2017 13,8% афзоиш ёфтааст.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ИМА ҳамчун механизмаи махсус дорои хусусиятҳои хос мебошад ва ҳангоми таъсиси чунин минтақаҳо Ҳукумати ИМА имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва иқтисодӣ пешниҳод менамояд, ки раванди ташаккули онҳоро густариш медиҳад. Илова ба ин, метавон зикр намуд, ки минтақаҳои озоди иқтисодии ИМА тибқи модели махсуси таҳиягардида фаъолият менамоянд ва тартиби амали онҳо аз дигар кишварҳои ҷаҳон фарққунанда арзёбӣ мегардад (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Тартиби фаъолияти МОИ дар ИМА**
**Table 3. Procedures for the operation of SEZs in the USA**

| | |
|---|---|
| **Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ** | МОИ дар ИМА аз рӯйи Қонун "Дар бораи минтақаҳои озоди тиҷоратӣ", ки соли 1934 қабул гардида буд, амал менамяд. Инчунин, дар назди Конгресс Шуро оид ба МОИ амал мекунад, ки имтиёзҳо ва имкониятҳои МОИ-ро муайян менамояд. |
| **Ҷанбаҳои ташкилӣ** | МОИ тибқи талаботи Шурои байниидоравии махсус ташкилшуда таъсис дода мешавад ва раванди иҷроиши онро Шурои мазкур назорат менамояд. Инчунин, дар назди Вазорати савдои ИМА ниҳоде таъсис дода шудааст, ки масоили марбут ба МОИ-ро танзим ва назорат менамояд. |
| **Тартиби маблағгузорӣ** | МОИ аз ҷониби сармоягузори хориҷӣ ва резидентҳои ИМА маблағгузорӣ карда мешавад. |

**Сарчашма:** муаллифон дар асоси омӯзиши маълумотҳои [5] таҳия намудаанд.

Бо таҳқиқи ташаккул ва инкишофи МОИ дар ИМА метавон ба хулосае омад, ки рушди ҳамаҷонибаи иқтисодӣ-иҷтимоии ин кишвар бо такомули пайвастаи чунин минтақаҳо сахт вобаста буда, ин минтақаҳо дар пешравии хоҷагии халқ нақши муҳимро иҷро менамояд. Бояд дарҷ намуд, ки МОИ дар ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна, ташаккули ширкатҳои истеҳсолии миллӣ, рақобатпазирии бозори истеҳсолӣ, таъмини талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти баландсифат ва ҷалби сармоягузорони хориҷӣ аҳаммияти беандоза дорад. МОИ фазои сармоягузории ИМА-ро тақвият бахшида, савдои байналхалқиро дар ин мамлакат рушд медиҳад, ки боиси омӯзиш ва таҳқиқотҳои олимони ҷаҳон гардидааст. Таҷрибаи ИМА ҳамчун кишвари пешсаф дар самти ташкили чунин минтақаҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муфид арзёбӣ мегардад ва ҷанбаҳои афзалиятноки он бояд мавриди истифода қарор дода шавад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар собиқ кишварҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ баъд аз пошхӯрии ин иттиҳод оғоз ёфт. Баъд аз гузариш ба иқтисоди бозорӣ ҳар як кишвари алоҳида МОИ-ро мавриди истифода қарор доданд. Яке аз кишварҳое, ки дар ин самт миёни кишварҳои собиқ Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ пешгом дониста мешавад, Федератсияи Русия мебошад. Дар Федератсияи Русия минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун минтақаҳои махсус таъсис меёбанд ва тибқи қонунгузории ин кишвар чунин минтақаҳо ҳудуди муайяне, ки давлат барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ муайян намудааст, дониста мешавад [2,с.344]. Дар чунин минтақаҳои Федератсияи Русия низоми содакардашудаи андозӣ, гумрукӣ ва иқтисодӣ амал мекунад, ки фазои мусоиди соҳибкориро фароҳам овардааст. Ҳадафҳои асосии ташкил ва рушди МОИ дар Федератсияи Русия (ФР) аз инҳо иборат мебошад: -зиёд намудани сармояи хориҷӣ ба ФР; - болобарии ҳаҷми содирот; - тақвияти робитаҳои иқтисодӣ бо бозорҳои ҷаҳонии молу коло; - коркарди технологияи нав; - ҷорисозии инноватсия дар истеҳсолот ва ғ. Ба таври дигар, ҳадафи асосии МОИ фаъол гардонидани иқтисодиёти минтақаи зери фишор қарордошта тавассути ҷорӣ намудани тартиби махсуси пешбурди тиҷорат дар ҳудуди он мебошад. Метавон қайд кард, ки рушди системавии МОИ дар ФР баъд аз қабули Қонуни Федеролӣ "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" оғоз ёфт. Қонуни мазкур самтҳои муҳимми фаъолияти МОИ-ро дар бар гирифта, тартиби таъсисдиҳии минтақаҳои мазкурро мушаххас намудааст [7,с.4]. Истифодаи навъҳои гуногуни имтиёзҳо ва ҳавасмандгардонӣ, ки барои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ шароити мувофиқ фароҳам меорад, дар Қонуни мазкур оварда шудааст, аз ҷумла:

⇨ имтиёзҳои гумрукӣ – коҳишдиҳӣ ва ё барҳам додани боҷҳои гумрукӣ, ҷорисозии тартиби сабуки амалиёти тиҷорати хориҷӣ;

⇨ имтиёзҳои фискалӣ – чунин имтиёзҳо дар самти андозбандӣ, унсурҳои алоҳидаи он, коҳишдиҳии сатҳи андозҳо аз рӯи навъҳои алоҳидаи андозҳо, озодкунии доимӣ аз андозҳо ва пешниҳоди қарзҳоро дар бар мегирад;

⇨ имтиёзҳои молиявӣ – шаклҳои гуногуни субсидияҳои давлатӣ, қарзҳои имтиёзноки давлатӣ, коҳишдиҳии қарзи хизматрасониҳои коммуналӣ, кам кардани иҷорапулиҳо, ташкили инфрасохтори зарурӣ ва ғ.;

⇨ имтиёзҳои маъмурӣ – бақайдгирии корхонаву ташкилотҳо, иҷозатномадиҳӣ, низоми раводиди махсус, низоми содашудаи воридшавии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ.

Дар Федератсияи Русия натиҷаи имтиёзҳои пешниҳодгардида, назаррас арзёбӣ мегардад ва даромаднокии МОИ дар соли 2021 нисбат ба соли 2018 то андозаи 30-35% афзоиш ёфтааст. Шаклҳои гуногуни МОИ дар ФР амал менамоянд ва шумораи зиёди аҳолӣ дар ин минтақаҳо ба кори доимӣ фаро гирифта шудаанд (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. Шаклҳои МОИ ва шумораи аҳолии дар он фаъолияткунандаи ФР барои соли 2021**

**Table 4. Forms of the SEZ and the population of the Federal Republic of Germany operating in it for 2021**

| **Шаклҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ** | **Шумораи аҳолии дар МОИ фаъолияткунанда** |
|---|---|
| МОИ саноатӣ-истеҳсолӣ | 1562 |
| МОИ техникӣ – татбиқӣ | 1075 |
| МОИ сайёҳӣ – рекреатсионӣ | 754 |
| МОИ дар бандаргоҳҳо | 84 |
| Ҳамагӣ | 3475 |

**Сарчашма:** муаллифон дар асоси омӯзиши маълумотҳои [7] таҳия намудаанд.

Аз ҷадвали 4 бар меояд, ки самтҳои фаъолияти МОИ дар ФР гуногун буда, ҳар як минтақа тибқи таъиноти худ фаъолият менамояд ва таҳкимбахши соҳаи муайяни хоҷагии халқ мебошад. Тибқи маълумотҳои оморӣ соли 2021 дар ҳудуди ФР 27 МОИ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 11 – адад минтақаҳои саноатӣ-истеҳсолӣ, 6 – адад техникӣ-татбиқӣ, 9 – адад сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва 1 – адад намуди бандарӣ мебошанд. Маълумотҳои омории соли 2021 нишон медиҳанд, ки дар МОИ-и Россия 33 кишвари хориҷӣ, ба монандӣ: Кипр, ИМА, Нидерландия, Туркия, Олмон, Швейтсария, Белгия, Италия, Исроил, Дания, Шведсия, Ҳолландия ва дигар давлатҳо сармоягузорӣ намудаанд [1,с.114]. Сохтори сармоягузории хусусии резидентҳо аз рӯйи мамлакатҳои номбурда 369371 млн. рублро ташкил намудааст. Сохтори сармоягузории мустақим аз рӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар соли 2021 бошад 65619,01 млн. рублро дар бар гирифт, ки аз ин миқдор: сармоягузории резидентҳои ғайрибуҷетӣ – 59920,2 млн. рубл (91,3%), воситаҳои буҷети федералӣ – 2091,99 млн. рубл (3,2%) ва воситаҳои буҷети минтақавӣ – 3606,82 млн. рубл (5,5%)-ро ташкил намуд. Шумораи умумии таъсиси ҷойҳои корӣ дар ММИ-и Россия дар соли 2018 ба 36869 нафар баробар гардид [12]. Камбудӣ дар модели идоракунӣ дар МОИ-и Россия ба мисли дигар мамлакатҳои хориҷӣ дар он аст, ки ду шохаи идораи чунин минтақаҳо, яъне давлатӣ ва хусусӣ вуҷуд дорад. Ҳамзамон, дар Россия идоракунии федералии чунин минтақаҳо назар ба дигар шаклҳо бештар мебошанд. Дар ин самт бояд бештар таваҷҷуҳро ба таҷрибаи Чин равона намуд. Зеро дар Чин фаъолияти МОИ бо ёрии санадҳои меъёрии қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад, ки онҳоро ҳукуматҳои музофотҳои алоҳида қабул кардаанд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мушкилоти модели идоракунии МОИ-ии Россия бо мавҷуд набудани стратегияи муайяни рушд вобаста мебошад. Ҷиҳати беҳбуд бахшидан ва тақвият додани МОИ дар ФР, бояд стратегияи муайяни дарозмуддат қабул карда шавад. Новобаста аз ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки таҷрибаи ФР-ро ба таври васеъ истифода намояд. Махсусан, ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, заминаи ҳуқуқӣ-меъёрӣ ва имтиёзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон мавриди истифода қарор дод. Имтиёзҳое, ки дар МОИ-ии ФР пешниҳоди субъектони

иқтисодӣ карда мешаванд, боиси ҷалби бештари сармоягузорони хориҷӣ мегарданд ва омили мазкур тақвиятбахшандаи вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Дар баробари кишварҳои Чин, ИМА, Федератсияи Русия МОИ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ низ маъмул гардидаанд ва зина ба зина инкишоф ёфта истодаанд. Ин ҷо дар баробари ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон таҷрибаи Ӯзбекистон низ омӯзанда ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Ӯзбекстон МОИ-ро ҳамчун механизми муҳим дар иқтисоди миллӣ қабул карда, ҷиҳати татбиқи он корҳои заруриро ба анҷом расонида аст. Аввалин коре, ки дар ин самт ба анҷом расонида шуд, таҳкими заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад [3,с.83]. Соли 1996 Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” қабул гардид. Қонуни қабулгардида заминаи калидии рушди МОИ-ро дар Ӯзбекистон таъсис дод ва тартиби ташкили чунин минтақаҳо мушаххас карда шуд [3,с.89]. Баъд аз ташкили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон МОИ ба фаъолияти густурда оғоз намуданд. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба санаи 31 декабри соли 2021, 21-адад минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва 115 –адад минтақаҳои хурди саноатӣ таъсис ёфтааст. МОИ-ии Ҷумҳурии Ӯзбекистон асосан дар самтҳои: саноат, саноати сабук, саноати вазнин, хизматрасонӣ, кишоварзӣ, коркарди маъданҳои зеризаминӣ ва ғайра фаъолият менамоянд, ки бо сармоягузории субъектони хориҷӣ ва резидентҳо ташкил гардидаанд. МОИ амалкунанда дар давоми соли 2021 ба маблағи 1,76 трлн.сӯм молу маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки нисбат ба соли 2020 ба андозаи 29,14% афзудааст [4,с.33]. Ба МОИ-ии Ҷумҳурии Ӯзбекистон кишварҳои аз нигоҳи иқтисоди пешрафта таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд ва маблағҳои зиёд сармоягузорӣ кардаанд. Сармоягузории кишварҳое ба монанди: Чин, Британияи Кабир, Кореяи Шимолӣ, АМА, Ҳиндустон, Италиё ва ғайра назаррас мебошад. Дар маҷмуъ аз ҷониби кишварҳои болозикр ба МОИ-и ин кишвар зиёда аз 300 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузории Ӯзбекистон, 356 лоиҳаи нави сармоягузорӣ бо маблағи умумии зиёда аз 2 миллиард доллари амрикоӣ пешбинӣ гардидааст, ки то давраи соли 2025 бояд татбиқ карда шавад [3,с.88]. Кишварҳое, ки аз ҳама зиёд ба МОИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон сармоягузорӣ кардаанд Чин (40% аз ҳаҷми умумӣ), Австрия (37%) ва Британияи Кабир (10%) ба ҳисоб мераванд. Кишварҳои болозикр асосан ба самтҳои хоҷагии халқ, коркади маъданҳои зеризаминӣ, истифодаи нанотехнология, кишоварзӣ, саноати вазнин ва ғайраҳо сармогузорӣ намудаанд.

Бо таҳқиқи паҳлуҳои назариявӣ-амалии ташаккули МОИ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон метавон дарҷ намуд, ки самтҳои афзалиятноки онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ кард. Алалхусус, доир ба коркарди маъданҳои зеризаминӣ, коркарди нахи пахта, истихроҷи металлҳои қиматбаҳо (тилло, нуқра, мис, платинӣ), тақвияти соҳаи кишоварзӣ, саноати вазнин бояд таҷрибаи МОИ-и Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шавад.

Маълум аст, ки рушди МОИ дар ҳар як кишвари алоҳида метавонад ҳамчун омили таҳкимбахшандаи соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт бошад ва ба ин васила сатҳи некуаҳволии мардум боло бурда шавад. Илова ба ин, МОИ на танҳо сатҳи некуаҳволии аҳолиро боло мебарад ва дараҷаи бекориро коҳиш медиҳад, балки ҳамчун механизми таъминкунандаи инкишофи иқтисодиёт ба шумор меравад. МОИ ҳамчун таъминкунандаи иқтисодиёти мамлакатҳо буда, таъсири амалии он дар самтҳои зерин зоҳир мегардад:

1. Ҳамчун механизми ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба мамлакат. Ба таври мисол, дар минтақаҳои озоди Чин, ки дар ҷаҳон нисбатан фаъолияти муваффақона доранд, ҳаҷми сармоягузориҳои ҷалбшуда гуногун арзёбӣ мегардад. Шумораи лоиҳаҳо бо сармояи хориҷӣ дар ин кишвар тайи солҳои 1993-2020 аз 1628 то ба 10000 адад афзоиш ёфт [6]. Ҳаҷми сармоягузориҳои ба ин лоиҳаҳо равонашуда зиёда аз 300 млрд доллари амрикоиро дар соли 2021 ташкил медиҳад. Дар Ҳиндустон бошад, ҳиссаи сармоягузориҳо ба МОИ то ба андозаи 38%-и ММД-и ин кишвар арзёбӣ гардидааст (соли 2020). Аз ин нишондиҳандаҳои бар меояд, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ фаъолияти МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок роҳандозӣ карда шавад.

2. Тақвиятбахшандаи содирот. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти босамари МОИ заминаи мусоидро ҷиҳати болобарии содироти молу маҳсулот фароҳам меоварад. Тақрибан 100%-и содироти молу маҳсулоти Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ аз ҳисоби МОИ роҳандозӣ мегардад. Содироти молу маҳсулоти Тайван низ аз ҳасоби МОИ татбиқ мегардад. Содироти кишварҳои: Маврикий – 77%, Филиппин – 67%, Коста-Рика – 51%, Хитой – 57%, Туркия – 45% ва Мексика – 45% аз ҳисоби фаъолияти МОИ ба роҳ монда шудааст. Тавре дида мешавад, дар кулли кишварҳои пешрафта МОИ ҳамчун ниҳоди тақвиятбахшандаи содирот хизмат менамояд ва ба ин васила рушди иқтисоди миллиро таъмин намудааст [1; 2; 12].

3. Таъминкунандаи иқтисодиёт бо захираҳои асъорӣ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ василаи муҳимми даромади асъории кишвар арзёбӣ мегарданд. Ин ҷо метавонем таҷрибаи Мавританияро омӯзанда арзёбӣ намоем. Дар ин мамлакат, аз соли 1994 то соли 2018 ба андозаи 65,7% афзудааст. Агар соли 1994 даромади асъории ин кишвар 3%-ро ташкил дода бошад, пас соли 2018 ин нишондиҳанда 68,7%-ро ташкил дод. Инчунин, даромади асъории кишварҳои Индонезия, Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ ва Тайван дар ин давра аз 49 то ба 63% расонида шуд, ки гувоҳи фаъолияти самараноки МОИ дар ин кишварҳо мебошад.

4. Таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ. МОИ дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ аҳаммияти махсусро касб намудааст. Дар Малайзия шумораи коргарони МОИ дар даҳ соли охир аз 21 000 то ба 123 000 нафар расидааст [7]. Шумораи коргарони Чин дар МОИ зиёда аз 3 млн. нафарро ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи аз ҳама бузург дар ҷаҳон дониста мешавад. Филиппин низ дар ин самт пешсаф мебошад ва тайи солҳои 1994-2020 шумораи коргарон дар ин мамлакат аз 23651 нафари соли 1994 дар соли 2020 то ба 70000 расид. Ба маротиб афзоиш ёфтани шумораи коргарон дар МОИ аз касби мавқеи устувори ин минтақаҳо гувоҳӣ медиҳад.

5. Таъмини рақобатпазрии иқтисоди миллӣ. Фаъолияти самараноки МОИ барои рушди истеҳсолоти дохилӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти миллии ҳар як кишвар нақши муҳим дорад. Ширкатҳо ва ташкилоту корхонаҳои миллӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ мавқеи устувори худро касб намуда, ба раванди тиҷорати байналхалқӣ ворид мегарданд. Дар ин асос рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ таъмин мегардад ва субъектони иқтисодӣ маҳсулоту хизматҳои худро ба дигар кишварҳо пешкаш менамоянд, ки ин омил сабагори тақвияти муносиабтҳои иқтисодӣ мегардад.

6. Баландбардории савияи дониши синфи коргар ва менеҷерони ташкилоту корхонаҳо. Дар ширкатҳои дорои сармояи хориҷӣ, чун қоида, шабакаи омӯзишӣ таъсис дода мешавад, ки барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои дар ҳоли гузариш муҳим аст. Зеро бо таъсиси чунин шабака дараҷаи кордонии коргарон тақвият меёбад ва ин сабаби зиёдшавии самаранокии меҳнат мегардад. Маъмурияти МОИ барои чунин сармоягузорон имкониятҳо ва имтиёзҳои зиёдро пешниҳод менамоянд.

7. Баландбардории соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар минтақаҳо. Дар кулли кишварҳои пешрафта музофоти аз нигоҳи иқтисодӣ қафомонда бо истифодаи МОИ ба минтақаҳои пешрафта табдил дода шуданд. Масалан минтақаи Шеннони Ирландия, музофоти Шенҷен ва Шанхай дар Чин, музофоти Манаус дар Бразилия, минтақаи Мадраси Ҳиндустон ва ҳоказо бо татбиқи МОИ ба минтақаҳои пешрафтаи савдо ва истеҳсолот табдил ёфтанд. Чунин таҷрибаро метавонем дар минтақаҳои дурдасти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоем.

8. Татбиқкунандаи ислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакат. Минтақаҳои озоди иқтисодии Чин мисол шуда метавонанд, ки сиёсати ба истилоҳ "дарҳои боз" аз онҳо оғоз шудааст, яъне, либерализатсияи дастрасӣ ба сармояи мустақими хориҷӣ, молу хизматҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Халқии Хитой, баъдан чунин сиёсат дар доираи ислоҳоти миллӣ дар маҷмуъ, дар кишвар амалӣ карда шуд;

Умуман, минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар музофотҳо ва кишварҳои гуногуни ҷаҳон арзиш ва самаранокии худро ҳамчун василаи ҳавасмандгардонии содирот, воридшавии сармояи миллӣ ва хориҷӣ, бунёди истеҳсолоти саноатӣ, технологӣ ва шуғли аҳолӣ собит намуданд. Яъне, МОИ аксар вақт ҳамчун танзимгари муҳимми иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди минтақа тавассути истифодаи технологияҳои ташкилӣ, воситаҳои иқтисодӣ,

механизмҳои иҷтимоӣ ва дигар низомҳои махсус амал мекунад, ки барои мусоидат ба иқтисоди миллӣ пешбинӣ шудаанд, ки дар натиҷа сокинони минтақа соҳиби ҷойҳои корӣ мегарданд ва фазои мусоиди соҳибкориву сармоягузорӣ фароҳам оварда мешавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Қодирзода Ф.А.**


### АДАБИЁТ

1. Акрамова Ш.Г. Состояние развития свободных экономических зон в Республике Узбекистан / Ш.Г. Акрамова // Экономика и социум. - 2020. -№8(75). -С.82-90.
2. Алиев Ш.Т. Влияние специальных экономических зон на мирохозяйственные процессы в условиях глобализации / Ш.Т. Алиев // Экономика и управление: новые вызовы и перспективы. - 2010. -№1. -С.346.
3. Андреева Е.С. Мировая практика создания и функционирования свободных экономических зон / Е.С. Андреева // Актуальные проблемы социально-экономического развития России. – 2012. -№3. -С.112-115.
4. Бозаров С. Свободные экономические зоны в развитии экономики Республики Узбекистан / С. Бозаров // Вестник юридических наук. – 2018. -№4. -С.31-36. – EDN GWEWAI.
5. Горян Э.В. Программа внешнеторговых зон США: национальная концепция института особой экономической зоны. [Электронный ресурс]. URL: http://www.nbpublish.com
6. Козловская А.А. Свободные экономические зоны в России и проблемы их функционирования / А.А. Козловская, А.В. Кравченко // Международный студенческий научный вестник. – 2015. -№4-3.
7. Котляров Н.Н. Экономические аспекты функционирования особых экономических зон в условиях глобализации (на примере Китая) / Н.Н. Котляров, Г. Тяньмин // Российский внешнеэкономический Вестник. - 2009. -№6. -С.11.
8. Махмадизода, Ф.Б. Пути устойчивого развития сельхозтоваропроизводителей регионов в условиях ВТО / Махмадизода Ф.Б., Наджбудинзода Х.Ш., Махмадизода С.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. -№5. -С.138-145.
9. Одинаев Х.А. Развитие свободных экономических зон и проблемы расширения межрегиональной торговли / Х.А. Одинаев, У.М. Гулаков // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2018. -№10. -С.5-14.
10. Одинаев Х.А. Развитие свободных экономических зон и проблемы расширения межрегиональной торговли / Х.А. Одинаев, У.М. Гулаков // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2018. -№10. -С.5-14.
11. Хасанова Ю.М. Тенденция развития свободных экономических зон в регионах Республики Узбекистан / Ю.М. Хасанова, З.И. Рузиев // Материалы международного научного форума "Образование. Наука. Культура": Материалы международного научного форума «Образование. Наука. Культура». В 5 ч., Гжель, 20 ноября 2019 года. Том Ч. 3. -Гжель: Гжельский государственный университет, 2020. -С.274-276. – EDN BDWNMI.
12. Шевчук А.В. Особенности, виды и характеристика особых (свободных) экономических зон в России. [Электронный ресурс]. URL: http://newinspire.ru



### ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАШАККУЛИ МИНТИҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола паҳлуҳои назариявӣ-амалии ташаккул ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта ва дар ҳоли рушд мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили тамоюли рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон самтҳои афзалиятноки фаъолияти онҳо муайян гардидааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ нишон медиҳад, ки чунин минтақаҳо ҳамчун механизми калидӣ ва муҳим дар низоми иқтисодии ҳар як давлат баромад менамоянд ва дараҷаи рушди соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии давлат аз самаранокии фаъолияти онҳо вобаста мебошад. Муаллифон бо такя ба адабиёти таҳқиқгардида, имкониятҳои истифодаи таҷрибаи кишварҳои ҷаҳонро оид ба рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, ки ин метавонад раванди ташаккули ин минтақаҳоро дар ҷумҳурӣ суръат бахшад. Дар маҷмуъ, вобаста ба рушди минтақаҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешсаф аз ҷониби муаллифон як қатор пешниҳодҳои мушаххас тавсия гардидаанд.



**Калидвожаҳо:** минтақаҳо озоди иқтисодӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, иқтисоди миллӣ, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, савдои байналхалқӣ, тиҷорат, иқтисоди воқеӣ.



### ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ СОЗДАНИЯ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН И ВОЗМОЖНОСТИ ЕГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье исследуются теоретические и практические аспекты формирования и развития свободных экономических зон в экономически развитых странах мира. На основе изучения и анализа тенденций развития свободных экономических зон в странах мира определены приоритетные направления их деятельности. Опыт развитых стран в направлении создания свободных экономических зон показывает, что такие зоны выступают ключевым и важным механизмом в экономической системе каждого государства, и от эффективности их использования зависит степень развития экономической и социальной сфер государства, их деятельность. На основе изученной литературы автором определены возможности использования опыта стран мира по развитию

свободных экономических зон в Республике Таджикистан, что может ускорить процесс формирования этих зон в республике. В целом, в связи с развитием экономических районов в Республике Таджикистан, используя опыт ведущих стран, автором рекомендован ряд конкретных предложений.

**Ключевые слова:** свободные экономические зоны, валовый внутренний продукт, национальная экономика, особые экономические зоны, международная торговля, бизнес, реальная экономика.

**FOREIGN EXPERIENCE IN CREATING FREE ECONOMIC ZONES AND THE POSSIBILITY OF ITS USE IN THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article examines the theoretical and practical aspects of the formation and development of free economic zones in the economically developed countries of the world. Based on the study and analysis of trends in the development of free economic zones in the countries of the world, priority areas for their activities have been identified. The experience of developed countries in the direction of creating free economic zones shows that such zones are a key and important mechanism in the economic system of each state, and the degree of development of the economic and social spheres of the state depends on the effectiveness of their use. their activities. On the basis of the studied literature, the author identified the possibilities of using the experience of the countries of the world in the development of free economic zones in the Republic of Tajikistan, which can accelerate the process of formation of these zones in the republic. In general, in connection with the development of economic regions in the Republic of Tajikistan, using the experience of leading countries, the author recommended a number of specific proposals.

**Keywords:** free economic zones, gross domestic product, national economy, special economic zones, international trade, business, real economy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-62-68-95**
***Қурбонова Марҳабо Сафаровна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904-45-44-77.** E-mail: **Shi-fo@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Саидмуродова Малика Абдувахобовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономический наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-62-68-95**
***Курбонова Мархабо Сафаровна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **904-45-44-77.** E-mail: **Shi-fo@mail.ru**

**Information about authors:** ***Saidmurodova Malika Abduvakhobovna*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail**: malika-63-63@mail.ru.** Phone**: (+992) 918-62-68-95**
***Kurbonova Markhabo Safarovna*** **-** Tajik National University, applicant for the Department of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 904-45-44-77.** E-mail: **Shi-fo@mail.ru**

ТДУ: 339.17(575.3)

# ҲАДАФИ ЧОРУМИ МИЛЛӢ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ МАМЛАКАТ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Давлатов А.А., Қодирзода Ф.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бояд хотиррасон намуд, ки сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамгироии иқтисодии кишвар бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар чаҳорчӯбаи принсипҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманди муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ барои рушд ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам овард. Ин ҳамкорӣ бо ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) васеъ, низоми тиҷорати хориҷии кишвар шаффоф мегардад ва монеаҳои маъмурӣ ва техникӣ тадриҷан бартараф карда мешаванд [7,с.1].

Дар натиҷаи ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо барои кишвар якчанд дарҳои нави мамлакатҳои ҷаҳон кушода шуд. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 120 кишвари ҷаҳон ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ барқарор намудааст. Дар натиҷаи тавсеаи доираи ҳамкорӣ дар тули 30 соли истиқлолияти давлатӣ тиҷорати хориҷии кишвар ба таври назаррас афзоиш ёфт. Инчунин, бо кумаки миёнаравии созмонҳои байналмилалӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аксарият кишварҳои ҷаҳон муомилоти моливу пулӣ ба миён омад, ки дар натиҷаи он гардиши савдои хориҷии кишвар ба маротиб боло рафт [10,с.831].

Ҳамин тариқ, агар дар соли 1991 гардиши савдои хориҷӣ 131,1 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас соли 2000 ин нишондиҳанда ба 1,459,3 млн. доллари ИМА баробар шуд, ки 11,1 маротиба зиёдтар мебошад [7,с.4].

Ин тамоюли афзоиш низ дар давоми солҳои 2007-2018 нигоҳ дошта шуд, нишондиҳандаҳои муомилоти фарогири тиҷорати хориҷӣ аз 4,015,3 млн. доллари ИМА то 4,325,5 млн. доллари ИМА афзуданд [11,с.557].

Бояд ёдовар шуд, ки дар солҳои истиқлолияти кишвар дар натиҷаи кумакҳои техникӣ ва машваратии созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, инчунин, қабули тадбирҳои самарабахш оид ба ислоҳоти соҳаи тиҷорат, заминаи ҳуқуқӣ бунёд ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва техникӣ, гардиши савдои хориҷӣ 33 баробар зиёд шуд. Раванди диверсификатсияи истеҳсолот ба содирот ва татбиқи барномаҳои рушди истеҳсолот дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ равона шуда буд ва сохтори ҷуғрофии содироти кишвар ба таври назаррас тағйир ёфт. Дар сохтори содиротӣ ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ, энергетика, кишоварзӣ, қувваи барқ, канданиҳои зеризаминӣ, сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ва ғайраҳо тадриҷан афзуданд.

Дар замоне, ки дар натиҷаи бухронҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, рақобат дар бозорҳои ҷаҳонӣ қавӣ буд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон назди худ мақсад гузошт, ки стратегияи содиротии кишварро барои давраи миёнамуҳлат ҷиҳати ҳалли масъалаҳои рақобатпазирии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва дигар бозорҳои потенсиалӣ барои фурӯш, такмил додани бастабандӣ ва тамғагузорӣ, ҷорӣ намудани инноватсияи истеҳсолӣ барои содирот ва воридотивазкунанда, ташкили хизматрасониҳои логистикӣ, инфрасохтори нақлиётӣ ва рушди идоракунии сифат таҳия намояд [9,с.12].

Барои расидан ба ин ҳадафҳо, дар заминаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва захираҳои табиии кишвар бо кумакҳои СУС, «Барномаи давлатии рушди содирот ва воридотивазкунӣ барои солҳои 2016-2020» қабул гардид. Барномаи мазкур шароит фароҳам меорад то истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ пурра барқарор шавад, ҳаҷми умумии маҳсулоти тайёр баланд гардида, дар дохил ва ҳам дар хориҷ харидорони худро пайдо намоянд [9,с.21].

Ҳаминро бояд гуфт, ки муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдо барои татбиқи барномаҳои ҳаётан муҳим дар соҳаҳои энергетика, бунёди роҳ ва инфрасохтор, бахшҳои иҷтимоӣ ва саноат, инчунин афзоиши қобилияти

харидории аҳолӣ ба афзоиши воридоти таҷҳизот ва технологияҳое, ки дар истеҳсолот ва маҳсулоти истеъмолӣ истифода мешаванд, мусоидат намуд.

Вале, сарфи назар аз он, ки дар кишвар барои амалисозии сиёсати самараноки макроиқтисодӣ, инчунин, тағйироти сохтории иқтисодиёт, заминаи иқтисоди бозаргонӣ ва муносибатҳои нави иқтисодӣ қадамҳои устувор гузошта мешаванд, вале ҳанӯз ҳам мушкилиҳои зиёд мавҷуданд, ки асосан ақибмонии истеҳсолот ва соҳаи саноат, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани низоми идоракунӣ, нобаробарии шадид ва ғайра мебошанд. Аммо бояд фаромӯш накард, ки барои муайян кардани нақшаҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул карда шудааст [8,с.10].

Дар асоси Стратегияи мазкур, нақшаҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, ҳадафҳои миллӣ, ҳадафҳо ва нақшаҳои фаъолият муайян карда шудаанд. Ин ҳуҷҷати муҳим вазифаи ниҳоии гузариши кишварро аз модели иқтисодии аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ таъмин менамояд [5]. Инчунин, ҳадафи чорум рушди босуръати саноатикунонии кишвар мебошад ва соҳаи мазкур дар замони имрӯза ислоҳоти навбатиро талаб мекунад.

Аз таҳлилҳои эмперикӣ ва динамикӣ муайян мегарданд, ки сармоягузориҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ тавассути ислоҳоти гузаронидашуда, ба нишониҳандаҳои иқтисодии кишвар таъсири мусбии назаррасро расонидаанд. Вале новобаста аз оне, ки ин нишондиҳандаҳо хуб арзёбӣ мегарданд, ҳоло ҳам имконоти зиёде мавҷуданд, ки аз онҳо истифода бурда намешаванд ва ҳамкориҳоро боз ҳам қавитар намуда, ислоҳоти ҷиддии соҳаро тақозо дорад.

Инчунин, бояд тазаккур дод, ки аз ҳисоби паст будани инфрасохтори соҳаи саноат қисме аз созмонҳо барои сармоягузорӣ дар самти мазкур ҳавасманд намебошанд. Аз ин рӯ, барои гузаронидани ислоҳоти навбатӣ дар бахши саноат ҷалби Созмони Умумиҷаҳоии Савдо барои кумаки машваратӣ, техникӣ ва молиявӣ айни муддаост.

Таҳлили ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳон нишон медиҳад, ки унсури муҳимми рушди иқтисодиёти кишвар ва ҳамкорӣ бо ин созмонҳо яке аз самтҳои стратегии сиёсати иқтисодии он мебошад.

Умуман, мо метавонем қайд намоем, ки ин созмон дар иқтисоди кишвар нақши муҳим бозида, ба рушди иқтисодиёти кишвар ва соҳаҳои мухталифи он, дар таҳкими иқтисоди миллӣ ва ба воридшавии амиқи кишвар ба низоми муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад [7,с.2].

Саноатикунонӣ омили асосии пешбарандаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Бунёди корхонаҳои гуногуни саноатӣ, яъне саноатикунонӣ, суръати рушди иқтисодиётро такони ҷиддӣ бахшида, барои расидан ба ҳадафҳои дигари иҷтимоӣ заминаи устувор муҳайё месозад.

Зимни Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ба хотири боз ҳам рушд бахшидани соҳаи соноати кишвар ва ба ин васила таъмини пешрафти иқтисодиёти миллӣ, ҳамзамон, муҳайё намудани ҷойҳои бештари корӣ барои аҳолӣ солҳои 2022-2026 Солҳои рушди саноат эълон гардиданд [3].

Воқеан, бо шарофати истиқлоли давлатӣ ва хизматҳои беназири Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъмини сулҳу амонӣ дар мамлакат, баробарӣ ва иқтидорҳои мавҷудаи соҳаҳо рушди бемайлон ёфта истодаанд. Аз ҷумла, соҳаҳои саноати кишвар низ дар пайи дастгирию роҳандозии имтиёзҳои зиёд барои соҳибкорон ба нишондодҳои баланд ноил гардида истодааст.

Дар баробари ин, ҳадафҳои ба нақша гирифтаи Ҳукумати кишвар дар ҷодаи саноатикунонии босуръат ва эълони солҳои рушди саноат боз ҳам шароит фароҳам меорад, ки тамоми сарватҳои зеризаминии мамлакат самаранок истифода шаванд [12].

Мақсади асосии стратегияи мазкур фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҷалби сармояи мустақим ва воридоти технологияҳои нави инноватсионӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир, тақвияти иқтидори

содиротии кишвар ва дар ин замина зиёд гардидани шумораи ҷойҳои нави корӣ, кам кардани миқдори муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад.

Дар маҷмуъ татбиқи ин ҳадафҳо барои густариши раванди саноатикунонии мамлакат ва пайдо намудани мавқеъ дар бозори минтақа ва ҷаҳон мусоидат мекунад.

Аз ҷониби дигар, барои дар амал татбиқ кардани ҳадафи стратегии Ҳукумати ҷумҳурӣ саноатикунонии кишвар, намояндагони корхонаҳои хурду калон, тавлидкунандаи маводи хӯрокворӣ, коркарду бастабандии маҳсулоти кишоварзӣ, ресандагию бофандагӣ, алюминӣ, маъданҳои кӯҳӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва даҳҳо корхонаҳои навбунёдшаванда бояд аз имкониятҳои маҷуда истифода бурда, барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири саноатӣ бо истифода аз технологияи нав мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳониро ба роҳ монанд [8,с.7].

Сифати баланди молу маҳсулоти истеҳсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини бехатарии он имконият фароҳам меорад, ки дар бозори дохил ва хориҷ мизоҷони бештар пайдо намуда, эътимоди боварӣ ба онҳо баланд гардад.

Зеро эътимоди харидор ба сифати маҳсулот ҳам дар бозори дохил ва хориҷи кишвар яке аз талаботҳои асосӣ дар роҳи муваффақ шудани корхонаҳои истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад.

Ба роҳ мондани ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар омилҳои зиёди таъсир ба рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро дорад. Дар навбати аввал он боиси фароҳам овардани ҷойҳои фаровони корӣ гардида, мушкилоти кориро коҳиш медиҳад, инчунин, ҳолати вобастагӣ аз маҳсулоти воридотиро аз байн мебарад.

Гузашта аз ин, базаи иҷтимоии давлат аз ҳисоби коргарони саноатӣ мустаҳкамтар шуда, бо ин роҳ сафи мутахассисони баландпояи соҳаи саноат меафзояд.

Саноатикунонии босуръати мамлакат, яъне бунёди корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохтори соҳа барои боз ҳам баланд шудани некуаҳволии шаҳрвандон шароити хуби воқеӣ фароҳам меорад [1,с.4].

**Ҷадвали 1. Динамикаи истеҳсоли маҳсулот аз рӯи соҳаҳо (1991=100)**
**Table 1. Dynamics of production by sectors (1991=100)**

| Солҳо | 1991 | 1997 | 2000 | 2005 | 2010 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти саноатӣ | 100 | 32,3 | 40,6 | 70,2 | 80,8 | 94,6 | 98,2 |
| Маҳсулоти хоҷагии қишлоқ | 100 | 52,3 | 62,3 | 94,8 | 106,3 | 107,9 | 110,2 |
| Гардиши нақлиётии молҳо | 100 | 26,9 | 11,9 | 22,4 | 36,6 | 40,7 | 46,8 |
| Хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ | 100 | 10,6 | 26,6 | 51,4 | 82,5 | 97,8 | 109,0 |

Сарчашма: Тоҷикистон: 20 соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2011. -С.514-515, 576-577, 662-663, 893-894; Тоҷикистон дар рақамҳо. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2015. -С.10-15.

Маълум аст, ки зиёд шудани корхонаҳои соҳаи саноат ба рушди деҳот низ таъсири куллӣ мерасонад. Дар ин масъала оқилона ва бо дар назардошти ҷойгиршавии қувваҳои корӣ бунёд намудани корхонаҳои саноатӣ дар деҳот аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Дар рафти амалисозии барномаи саноатикунонии босуръати кишвар, тавре таҷрибаи ҷаҳонии саноатикунонӣ нишон медиҳад, паҳлуҳои дигари раванди саноатикунонӣ низ равшан мешаванд, зеро ин таҷрибаи навест дар роҳи пешрафти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [4,с.2].

Ҳамчунин барои бунёди корхонаҳои саноатӣ маҳалҳои ҷойгиршавии ашёи хом, инфрасохтор ва мавҷудияти қувваи корӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Дар ин маврид барои роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби сармояи мустақим дар самти бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, барқарорсозии корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Баробари ин, дар раванди саноатикунонии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, бояд ба сохтмони корхонаҳои бахши саноати сабук аз қабили коргоҳҳои бофандагию ресандагӣ ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ афзалият дода шавад. Дар ин самт масъалаи бозомузии коргарони соҳавӣ тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат ба миён меояд. Зеро

саноатикунонӣ дар роҳи пешбурди иқтисоди кишвар заминаҳои илмию ихтисосиро тақозо мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ дар кишвар таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд ва ташаббускори ҳалли масъалаҳои марбут ба дастгирии соҳибкорӣ аст.

Имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти содироти маҳсулоти ниҳоӣ зиёданд ва имрӯз соҳибкорону сармоягузоронро зарур аст, ки малакаву имкониятҳои худро барои истеҳсол ва содироти маҳсулоти дорои қобилияти рақобат дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ ва ба даст овардани арзиши баланди иловагӣ равона намоянд. Саноатикунонии мамлакат яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар буда, баҳри амалигардонии босуръати он Президенти мамлакат зимни Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар солҳои 2022-2026-ро “Солҳои рушди саноат” эълон карданд. Амалигардонии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар имкон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи саноат ҳамчун тавлидкунандаи арзиши баланди иловашуда таъмин гардида, дар ин раванд даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил карда шавад [2,с.252].

Мақсади асосии стратегияи мазкур, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҷалби сармояи мустақим ва воридоти технологияҳои нави инноватсионӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир, тақвияти иқтидори содиротии кишвар ва дар ин замина зиёд гардидани шумораи ҷойҳои нави корӣ, кам кардани миқдори муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Дар маҷмуъ, татбиқи ин ҳадафҳо барои густариши раванди саноатикунонии мамлакат ва пайдо намудани мавқеъ дар бозори минтақа ва ҷаҳон мусоидат мекунад.

Дар рафти амалисозии барномаи саноатикунонии босуръати кишвар, бояд аз таҷрибаи саноатикунонии кишварҳои рушдкардаи ҷаҳон истифода намуд. Бояд омӯхт, ки онҳо чӣ гуна тавонистанд рушди саноатро дар кишвари худ устувор кунанд, ҳамчунин, таъминкунандаи молу маҳсулот ҳам дар дохил ва ҳам дар берун гарданд. Онҳо аз чӣ имкониятҳо истифода намуданд, неруи асосии иқтидори корхонаҳои саноатии онҳо чӣ гуна пойдору мустаҳкам гардидааст. Ин ҳама таҷрибаҳоест, ки дар сурати омӯхтан ва татбиқ кардан барои расидан ба ҳадафи саноатикунонии кишвар кумаки амалӣ мерасонад. Албатта имрӯзҳо аз таҷрибаҳои ҷаҳонӣ дар самти амалӣ кардани ҳадафи олӣ истифода мегардад, вале мебояд аз онҳо ҳарчи бештару беҳтар истифода намуд [4,с.5].

Барои бунёди корхонаҳои саноатӣ, маҳалҳои ҷойгиршавии ашёи хом, инфрософтор ва мавҷудияти қувваи корӣ аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Ҳамаи масъалаҳое, ки муҳтавои асосии Паёми навбатии Президенти мамлакатро ташкил медиҳанд, бо ҳам алоқамандии зич доранд. Хусусан расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ, баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати мамлакат, ҳамчунин, масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ.

Бояд қайд намуд, ки саноатикунонии босуръати мамлакат аз таъминот бо неруи барқу, қувваи корӣ, рушди инфрософтори роҳу нақлиёт, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва имконоти фурӯши он, маблағгузорӣ ва бисёр масъалаҳои дигар вобастагӣ дорад. Дар ин ҳолат масъалаи кадрҳои дорои маҳорату малакаи баланди ба истеҳсолот роҳбарикунанда, яъне, пешсафони истеҳсолот аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Роҳбарии босалоҳият ба самтҳои гуногуни иқтисодиёт ҳамеша самараи хуб медиҳад [6].

Дар самти амалӣ кардани саноатикунонии босуръати кишвар, масъалаи бозомӯзии коргарони соҳавӣ таввасути курсҳои кӯтоҳмуддат амали муҳим ва асосӣ мебошад, зеро саноатикунонӣ дар роҳи пешбурди иқтисоди кишвар заминаҳои илмию ихтисосиро тақозо мекунанд.

Вобаста ба барномаи давлатии рушд барои солҳои 2016–2020 аён гардид, ки бо таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда ва бо такмил гардонидани асосҳои институтсионалӣ, диверсификатсияи содирот, содагардонии расмиёти савдо ва инчунин, дарёфти бозорҳои нави фурӯш ба як қатор тадбирҳои назаррас Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил гардид.

Дар ин давра маҳсулоти воридотивазкунии асосии ватанӣ зиёда аз 35 млрд. сомонӣ истеҳсол шуд, аз ҷумла семент 6,9 млрд. сомонӣ, нахи пахта 6,5 млрд. сомонӣ, маҳсулоти кешбофӣ 3,5 млрд. сомонӣ, нон ва маҳсулоти нонӣ 3,3 млрд. сомонӣ, орд 2,9 млрд. сомонӣ, алюминийи аввалия 2,2 млрд. сомонӣ, тухм 1,6 млрд. сомонӣ, нӯшокиҳои беспирт 1,3 млрд. сомонӣ, ангишт 1,2 млрд. сомонӣ, маҳсулоти дузандагӣ 0,9 млрд. сомонӣ, биринҷ 0,7 млрд. сомонӣ, равғани растанӣ 0,5 млрд. сомонӣ, консерваи меваю сабзавот 0,5 млрд. сомонӣ ва ғайраро ташкил дод [9,с.12].

Дар қонунгузории амалкунандаи мамлакат ба соҳибкорон ва сармоягузорон дар маҷмуъ 109 номгӯи имтиёзҳо пешбинӣ гардидааст. Аз шумораи умумии имтиёзҳои қайдгардида 57 намудашро имтиёзҳои андозӣ, 35 намудашро имтиёзҳои гумрукӣ, 17 намуди дигарашро имтиёзҳои молиявӣ ва грантҳои аслии давлатӣ ташкил медиҳанд, ки дар умум 92 номгӯи он имтиёзҳои фискалӣ ва 17 номгӯи дигар ғайрифискалӣ мебошанд.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ, таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ, ашёи хом барои корхонаҳои истеҳсоли либоси мактабӣ, техникаи таъйиноти кишоварзӣ, технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони ташхису табобат, маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ, технологияву таҷҳизоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ, тухмии зироатҳои кишоварзии дараҷаи суперэлита ва элита, чорвои зотӣ (таъиноти гӯштӣ, ширӣ ва пашмӣ), хӯроки омехтаи паранда ва чорво, автомашинаҳои нав аз пардохтҳои гумрукӣ пурра ё қисман озод карда шуданд. Барои субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок, инчунин, корхонаҳои амалкунандае, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (тибқи тартиби амалкунанда) машғул мебошанд, низоми имтиёзноки андозбандӣ ва имтиёзҳои тарифию гумрукӣ дар доираи талаботи созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (минбаъд – СУС) пешниҳод гардидаанд.

Баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди содирот ба ҳисоб рафта, сифати маҳсулот мутобиқи меъёрҳо ва стандартҳои СУС, Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё ва дигар бозорҳои эҳтимолӣ баланд шуда, бастабандӣ, тамғагузорӣ ва брендинг, ҷорӣ намудани инноватсия дар истеҳсоли ба содирот нигаронидашуда беҳтар гардид, таъминоти моддӣ, инфрасохтори нақлиёт, идоракунии сифат такмил ёфтанд.

Портали савдои Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2019 расман ифтитоҳ гардида, ба фаъолияти худ шуруъ намуд. Портали савдои Тоҷикистон таҷрибаи нахустин дар фаъолияти савдои хориҷӣ ва дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, соли 2019 Созмони Миллали Муттаҳид дар нашрияи навбатии худ ин порталро ҳамчун намунаи беҳтарин дар минтақа арзёбӣ намуд. Аз 1 сентябри соли 2020 шакли пурраи Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман ба фаъолият оғоз намуд.

Новобаста аз натиҷаҳои бадастомада, дар самти истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда аз сабабҳои тағйир ёфтани конюктураи бозори ҷаҳонӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва таҳримҳои иқтисодӣ байни кишварҳои абарқудрат, чораҳои ҳимоявии (протексионистии) давлатҳои шарики тиҷоратии кишвар, коҳиш ёфтани нарх ва талабот ба маҳсулоти асосии содиротӣ, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани ҳаҷми истеҳсол, воридотивазкунӣ, содирот, маблағгузорӣ, ташкили инфрасохтори логистикию басту банд ва кластерҳои молу маҳсулоти ватанӣ, нокифоягии маблағҳои гардишии корхонаҳо, фоизи нисбатан баланди қарзҳои бонкҳо, фарсудашавии моддию маънавии таҷҳизоти саноатию кишоварзӣ ва норасоии мутахассисони дахлдор нишондиҳандаи дурнамои содирот ва воридотивазкунии баъзе номгӯи маҳсулоти дар БДМСВ пешбинишуда таъмин нагардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул намуд, ки он барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи амиқ мегузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон 26 декабри соли 2019 дастовардҳои асосии иҷтимоию иқтисодии мамлакатро дар соли 2019 таҳлилу баррасӣ намуда, ба рушди соҳаи саноат аҳаммияти махсус зоҳир намуданд. Пешвои миллат, аз ҷумла зикр намуданд:

«Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ амалӣ гардонида истодаем. Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3% афзоиш ёфт».

Ёдовар мешавем, ки бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ соли 2018 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми стратегӣ эълон карда шавад ва то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 22% расонида шавад.

Мавриди зикр аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо корхонаҳои соҳавӣ дар семоҳаи аввали соли равон ҷиҳати татбиқи амалии ҳадафи чоруми стратегии давлат – яъне, гузориши иқтисодиёти мамлакат аз самти аграрӣ-саноатӣ ба индустриалӣ–аграрӣ, инчунин, иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 анвари соли 2019 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ ба 5 млрд 721 млн сомонӣ расонида шуда, суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба 115,9% баробар шуда, афзоиш 792,9 млн сомониро ташкил дод.

Ҳиссаи соҳаҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ тариқи зайл ба назар мерасад: электроэнергетика 31,3%, саноати маъдан 25,6%, саноати хӯрокворӣ 19,0%, саноати масолеҳи сохтумон 8,7%, саноати сабук 7,1%, саноати мошинсозӣ 6,1%, табъу нашр 0,9%, саноати ангишт 0,7% ва газ 0,5%.

Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар саноати ангишт 152,4%, саноати маъдани кӯҳӣ 115,0%, саноати масолеҳи сохтумон 111,1%, саноати сабук 113,5%, саноати мошинсозӣ 110,6%, саноати табъу нашр 169,8%, саноати хӯрокворӣ 118,4% корхонаҳои пахтатозакунӣ 67,9%, нафт ва газ 124,5% ва электроэнергетика 123,3%-ро ташкил дод.

Рушди саноат дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ таъмин гардида, дар ВМКБ 105,0%, вилояти Суғд 116,4%, вилояти Хатлон 107,3%, щаҳри Душанбе 122,3% ва НТҶ 149,4%-ро ташкил дод.

Дар ин давра ҳаҷми муҳимтарини маҳсулоти саноатии дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда, аз 103,0 то 169,4% нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта афзоиш ёфт.

Бо истифода аз технологияиҳои муосир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда зиёд шуда, талаботи бозор бо маҳсулоти саноатии ватанӣ қисман таъмин гардида истодааст.

Дар ин давра маҳсулотҳои нави саноатии воридотивазкунанда, ба монанди халта, риштаи полипропиленӣ, ротбанд, хишти сабук, гаҷкартон, халтаҳои полиэтиленӣ, собуни мушкин, гӯшти мурғ, сачоқчаҳои хушк, эмулсия, бозичаҳои кӯдакона, трактор, ядак (прицеп), автобус, фойтунчаҳои кӯдакона, аробачаҳои кӯдакона, пахтаи тиббӣ, гирдакҳои пахтагин ва чӯбчаҳои пахтагини нафис истеҳсол карда шуданд.

Хушбахтона солҳои охир як қатор корхонаҳои саноатии пуриқтидор ба фаъолият шуруъ намуданд, ки дар рафти саноаткунонии кишварамон саҳми беандозаи худро гузоштаанд. Аз ҷумла, гурӯҳи корхонаҳои "Ғаюр" дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва таъсиси корхонаҳои азими саноатӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт фаъолияти пурсамар дошта, давра ба давра вобастагии бозори ҷумҳуриро аз маҳсулоти сохтмонӣ ва нассоҷии хориҷӣ коҳиш дода истодааст.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки нақши гурӯҳи корхонаҳои "Ғаюр" дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ, бозомӯзии мутахассисон, вориди технологияҳои муосири

инноватсионӣ, ғанӣ намудани буҷет бо андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ба роҳ мондани истеҳсолоти ивазкунандаи воридот ва маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, беҳтар кардани тавозуни гардиши савдои хориҷӣ, саноатикунонии босуръати кишвар, ки ҳадафи чоруми миллӣ эълон гардидааст, инчунин, анҷом додани корҳои созандагӣ ва хайру эҳсонкорӣ назаррас аст.

Айни ҳол маҳсулоти корхонаҳои сементбарорӣ талаботи аҳолии Тоҷикистонро пурра қонеъ намуда, қисми боқимондаи он ба давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Федератсияи Русия содирот карда мешавад.

Ҷиҳати ноил гардидан ба саноатикунонии босуръати кишвар Пешвои миллат нисбат ба соҳибкорони ватанӣ дар Паёми соли гузашта имтиёзҳои зеринро пешбинӣ намуданд:

Бо мақсади таъмин намудани риояи дақиқи муқаррароти қонунгузорӣ дар самти мораторий ба Прокуратураи генералӣ супориш доданд, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ нисбат ба масъулони мақомоти давлатие, ки ба фаъолияти соҳибкорон беасос дахолат карда, садди роҳи рушди соҳибкорӣ мешаванд, чораҳои зарурӣ андешанд;

Бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон, расонидани кумак барои таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо, бахусус, ба субъектҳои соҳибкории навтаъсис ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ ҷиҳати дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ, ки дар як вақт вазифаи маркази таълимии соҳибкоронро иҷро мекунанд;

Дар солҳои 2019–2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ карда, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ карда шуд.

Иқдоми саноатикунонии мамлакат, яъне, аз давлати аграрӣ ба индустриалӣ-аграрӣ мубаддал гардонидани Тоҷикистон, ки бо ташаббуси Пешвои миллат пеш гирифта шудааст, ба таври назаррас дар амал татбиқ мешавад.

Дар фарҷом ёдовар мешавем, ки Паёми Пешвои миллат ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар дар ҳақиқат ҳамчун ҳуҷҷати барномавии сиёсиву ҳуқуқии сол, муқарраркунандаи афзалият ва самту шартҳои ташаккулу пешрафти давлату ҷомеа маҳсуб ёфта, дар асоси он равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию идеологӣ бо суръат амалӣ карда мешаванд.

Ин ҳуҷҷати стратегии ҳадафманд рушди соҳаҳои мухталифи ҷомеаро дар як давраи муайян ҷамбаст намуда, пешбурди сиёсати мутавозини давлатиро бобати иҷрои барномаву стратегияҳои давлатӣ ба хотири ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ муайян мекунад.

Дар маҷмуъ, ҳамаи он масъалаҳое, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ матраҳ мегарданд, моро водор месозад, ки дар атрофи ғояҳои созандаи Пешвои миллат муттаҳиду сарҷамъ бошем ва барои татбиқи амалии онҳо чораҳои судманд андешида бошем.

**Муқарриз: н.и.и., м/к-и ДМТ – Имомёрбеков Ф.**

**АДАБИЁТ**

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –С.4. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.stat.tj/tj/
2. Алиев А.Д. ООН и вопросы проведения операции по поддержанию мира и стабильности в Таджикистане / А.Д. Алиев // Паём. – 2019. -т. 17. –С.252.
3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. –Душанбе, 21 декабри 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/
4. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. -С.2, 5. [Манбаи электронӣ]. URL: http://sanoat.tj.

5. Исайнов Х.Р. Водно-энергетический потенциал Центральной Азии: проблемы и пути решения / Х.Р. Исайнов, Э.Н. Шералиев // Природо обустройство. – 2013. -№1.
6. Паёми Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. –Душанбе, 21 декабри 2021.
7. Созмони Умумиҷаҳонии Савдо. –С.1-4. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.wto.tj/tj/about/
8. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –С.7-10. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/file
9. Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016-2020. –С. 12-21. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/file
10. Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуи оморӣ – 2013. -С.831.
11. Тоҷикистон: 21-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуи оморӣ. – 2014. -С.557.
12. Хикматов С.Х. Состояние экономики и деятельность кредитных организаций Таджикистана: ситуации, проблемы и развитие / С.Х. Хикматов, Чахоншох С. /// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -2020. -№6.

## ҲАДАФИ ЧОРУМИ МИЛЛӢ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ МАМЛАКАТ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Новобаста аз натиҷаҳои бадастомада дар самти истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда аз сабабҳои тағйир ёфтани конюктураи бозори ҷаҳонӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва таҳримҳои иқтисодӣ байни кишварҳои абарқудрат, чораҳои ҳимоявии (протексионистии) давлатҳои шарики тиҷоратии кишвар, коҳиш ёфтани нарх ва талабот ба маҳсулоти асосии содиротӣ, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани ҳаҷми истеҳсол, воридотивазкунӣ, содирот, маблағгузорӣ, ташкили инфрасохтори логистикию басту банд ва кластерҳои молу маҳсулоти ватанӣ, нокифоягии маблағҳои гардиши корхонаҳо, фоизи нисбатан баланди қарзҳои бонкҳо, фарсудашавии моддию маънавии таҷҳизоти саноатию кишоварзӣ ва норасоии мутахассисони дахлдор нишондиҳандаи дурнамои содирот ва воридотивазкунии баъзе номгӯи маҳсулоти дар БДМСВ пешбинишуда таъмин нагардид. Барои бунёди корхонаҳои саноатӣ маҳалҳои ҷойгиршавии ашёи хом, инфросохтор ва мавҷудияти қувваи корӣ аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Ҳамаи масъалаҳое, ки муҳтавои асосии Паёми навбатии Президенти мамлакатро ташкил медиҳанд, бо ҳам алоқамандии зич доранд. Хусусан расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ, баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати мамлакат, ҳамчунин, масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ. Бояд қайд намуд, ки саноатикунонии босуръати мамлакат аз таъминот бо неруи барқу, қувваи корӣ, рушди инфросохтори роҳу нақлиёт, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва имконоти фурӯши он, маблағгузорӣ ва бисёр масъалаҳои дигар вобастагӣ дорад. Дар ин ҳолат масъалаи кадрҳои дорои маҳорату малакаи баланди ба истеҳсолот роҳбарикунанда, яъне, пешсафони истеҳсолот аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Роҳбарии босалоҳият ба самтҳои гуногуни иқтисодиёт ҳамеша самараи хуб медиҳад.

**Калидвожаҳо:** истеҳсолот, босалоҳият, самтҳои гуногун, маблағгузорӣ, саноатикунонӣ, рушди инфросохтор, қувваи корӣ, корхонаҳои саноатӣ, амнияти озуқаворӣ, фарсудашавӣ, қарзҳои бонкҳо, содирот, маблағгузорӣ, воридотивазкунанда, логистика, маҳсулоти ватанӣ.

## ЧЕТВЕРТАЯ НАЦИОНАЛЬНАЯ ЗАДАЧА БЫСТРОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ СТРАНЫ И ЭТАПЫ ЕЕ РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Независимо от достигнутых результатов в производстве экспортоориентированной и импортозамещающей продукции, в связи с изменениями на мировом рынке, торговыми конфликтами и экономическими санкциями между странами-сверхдержавами, защитными (протекционистскими) мерами государств-торговых партнеров страны, снижение в цене и спросе на основную экспортную продукцию, отсутствие объемов производства, импорта, экспорта, финансирования, организации логистической и упаковочной инфраструктуры и кластеров отечественных товаров, недостаточность оборотных средств предприятий, относительно высокий процент банковских кредитов, материальный и духовный износ промышленного и сельскохозяйственного оборудования и нехватка соответствующих специалистов являются показателями перспективности экспорта и импорта некоторого перечня товаров, предусмотренных в БДСВ. Расположение сырья, инфраструктуры и наличие рабочей силы имеют решающее значение для строительства промышленных предприятий. Все вопросы, составляющие основное содержание очередного послания Президента страны, тесно связаны между собой. В частности, достижение полной энергетической независимости, выход из коммуникационного тупика, обеспечение продовольственной безопасности, ускоренная индустриализация страны, а также решение социальных и экономических вопросов. Следует отметить, что быстрая индустриализация страны зависит от обеспечения электроэнергией, рабочей силой, развития дорожной и транспортной инфраструктуры, производства конечной продукции и возможностей ее реализации, финансирования и многих других вопросов. В этом случае особую актуальность приобретает вопрос кадров с высокой квалификацией, ведущих производство, т. е. руководителей производства. Грамотное управление различными сферами экономики всегда дает хорошие результаты.

**Ключевые слова:** производство, компетенция, разные направления, финансирование, индустриализация, развитие инфраструктуры, рабочая сила, промышленные предприятия, продовольственная безопасность, амортизация, банковские кредиты, экспорт, финансирование, импортозамещение, логистика, отечественная продукция.

**THE FOURTH NATIONAL OBJECTIVE OF THE RAPID INDUSTRIALIZATION OF THE COUNTRY AND THE STAGES OF ITS DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

Regardless of the results achieved in the production of export-oriented and import-substituting products, due to changes in the world market, trade conflicts and economic sanctions between superpower countries, protective (protectionist) measures of the country's trading partners, a decrease in the price and demand for the main export products, lack of production, import, export, financing, organization of logistics and packaging infrastructure and clusters of domestic goods, insufficient working capital of enterprises, a relatively high percentage of bank loans, material and spiritual depreciation of industrial and agricultural equipment, and a lack of relevant specialists are indicators of the prospects for export and import of some the list of goods provided for in the BDSA were not provided. The location of raw materials, infrastructure and the availability of labor are critical to the construction of industrial plants. All issues that make up the main content of the next message of the President of the country are closely interconnected. In particular, achieving full energy independence, getting out of the communication bottleneck, ensuring food security, accelerating the industrialization of the country, as well as solving social and economic issues.т It should be noted that the rapid industrialization of the country depends on the provision of electricity, labor, the development of road and transport infrastructure, the production of final products and the possibility of its sale, financing and many other issues. In this case, the issue of highly qualified personnel leading to production, i.e., production managers, acquires particular relevance. Competent management of various sectors of the economy always gives good results.

**Keywords:** production, competence, different areas, financing, industrialization, infrastructure development, labor force, industrial enterprises, food security, depreciation, bank loans, exports, financing, import substitution, logistics, domestic products.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Давлатов Анушервон Аъзамбекович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **anushervon2030@mail.ru.** Телефон: **(+992) 904-46-00-34**
***Қодирзода Фарҳоди Анвар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисод, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907-65-66-99**. E-mail: **f123085@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Давлатов Анушервон Аъзамбекович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **anushervon2030@mail.ru.** Телефон: **(+992) 904-46-00-34**
***Кодирзода Фарход Анвар*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907-65-66-99.** E-mail: **f123085@mail.ru**

**Information about authors: *Davlatov Anushervon Azambekovich* -** Tajik National University, Ph.D. candidate of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **anushervon2030@mail.ru.** Phone**: (+992) 904-46-00-34**
***Kodirzoda Farhod Anvar*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **907-65-66-99**. E-mail: **f123085@mail.ru**

ТДУ: 372.12(575.3)

# БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Саидова Ҳ.М., Мирбобоев Р.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар низоми хизматрасониҳои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи ислоҳоти он тули солҳои соҳибистиқлолӣ корҳои назаррасе бо мақсади дигаргунсозии низоми соҳаи маориф ва рушди ояндаи он анҷом дода шудаанд. Дар баробари ин, дар шароити кунунӣ масъалаҳои мубрам, ба монанди паст будани сатҳу сифати таҳсилот ва ба таври васеъ истифода шудани хизматрасониҳои гаронарзиши пулакии соҳаи маориф ҷой дорад, ки барои қисми зиёди аҳолӣ дастнорас мебошад. Дар шароити имрӯза заминаи гузошташуда дар ҳошияи ислоҳоти маориф, бояд барои қонеъсозии талаботи аҳолӣ ва кам намудани вазнинии молиявӣ, баландбардории сифат ва дастрасии хизматрасониҳои маориф равона карда шаванд. Гарчанде расман таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон мебошад, дар асл аҳолӣ маблағҳои муайянро барои таҳсили фарзандон дар литсейҳои равияи табиию риёзӣ ва гимназияҳои равияи гуманитарӣ пардохт менамоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21–уми декабри соли 2021 қайд намуданд, ки «барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад» [11]. Аз ин рӯ, аз ҷониби Ҳукумати кишвар ба соҳаи маориф ва илм аҳаммияти аввалиндараҷа дода шуда истода, зина ба зина ислоҳот дар ҳамаи сатҳҳои маориф идома дорад ва мушкилоти ҷойдошта пайваста бартараф шуда истодааст.

Дар шароити муосир, дар кишвари мо низ эътимод ба арзишмандии таҳсилоти олӣ хислати умумиро касб кардааст, аз ин рӯ, гурӯҳҳои мушаххаси истеъмолкунандагони он барқарор гаштаанд. Гурӯҳи якум нафароне мебошанд, ки диплом барои онҳо заминаи расидан ба мансаби баланд мебошад. Гурӯҳи дуюмро онҳое ташкил медиҳанд, ки дар умум донишгоҳ барои онҳо бренди таҳсилоти бонуфуз аст. Гурӯҳи сеюм аз онҳое иборат аст, ки барои ба даст овардани дониш ва дар амалия татбиқ кардани он начандон саъю кӯшиш мекунанд. Гурӯҳи чорум, ки мунтазам дар афзоиш аст, онҳое мебошанд, ки қобилияти аз бар кардани маҷмуи донишҳо, маҳорат ва малакаи кориро нишон дода, ба гирифтани касб ва тахассуси сазовор кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Ин гурӯҳ қодир аст ба бозори хизматрасонии таълимӣ таъсир гузорад ва донишгоҳҳоро мувazzаф намояд, ки сифати таҳсилотро баланд бардоранд.

Дар ин иртибот, омӯзиши вазъи фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ нишон медиҳад, ки имрӯз дар соҳаи маорифи кишвар ду масъалаи асосӣ ҷой дорад. Якум, норасоии мутахассисони соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳ ва сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои муассисаҳои таълимии кишвар. Дар воқеъ, дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ислоҳоти зиёде анҷом дода шуда, қатори муайяни онҳо то ба имрӯз идома дорад. Аммо, мутаассифона, на ҳамаи ислоҳоти гузаронидашуда барои беҳтар гардидани сифати таҳсилот, баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ мусоидат намудаанд.

Ислоҳоти соҳаи маориф бояд нақши муҳимро дар ташаккулёбии сармояи инсонии мамлакат иҷро намояд. Дар ин самт пешниҳод карда мешавад, ки дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ бо дарназардошти фармоиши давлатӣ омода кардани кадрҳои соҳибкасб пурра дар асоси маблағгузории давлатӣ ба роҳ монда шавад. Ин имкон медиҳад, ки мутахассисони соҳибкасби омодагардида дар истеҳсолот ва дигар соҳаҳо ба кору фаъолият фаро гирифта шаванд [5,с.64].

Дар кишвари мо низ раванди навсозии доимии низоми таҳсилоти олӣ ба баланд бардоштани самаранокии он нигаронида шудааст. Баланд бардоштани самаранокии хизматрасонӣ дар низоми таҳсилоти олӣ ба сифати ҳадафи асосӣ ва ниҳоии дигаргунсозиҳои ба амал баровардашаванда дониста мешавад.

Муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар ҳоли ҳозир аз тағйирёбии динамикии муҳити беруна, аз даст додани суботи қаблӣ, босуръат васеъ шудани талабот ба сармояи инсонӣ нигаронӣ доранд. Ва ин дар ҳолест, ки маблағгузорӣ ва таъмини пажуҳишҳои илмӣ ва коркардҳои технологӣ дар сатҳи зарурӣ ба амал бароварда намешавад [11]. Бешубҳа, самаранокӣ аз дигаргунсозиҳо ба омода будани сармояи инсонӣ, дар ҷорӣ намудани навовариҳои технологӣ, идоракунӣ ва дигар равандҳои инноватсионӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, омили инсонӣ ва дараҷаи истифодаи он, бояд шарти асосии баланд бардоштани самаранокии тамоми низоми таҳсилоти олӣ дониста шавад.

Самаранокии низоми таҳсилоти олиро аз нуқтаи назари самаранокии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бояд ба назар гирифт. Гузашта аз ин, ноил шудан ба самаранокии иқтисодӣ ҳамчун ҳадафи асосӣ ҳисобида мешавад, аммо омили маҳдудкунанда самаранокии иҷтимоӣ мебошад, ки он низ ҳамчун ҳадафи ниҳоии тамоми низом бояд қабул карад шавад. Самаранокии иқтисодӣ бо афзоиши даромади хатмкунандагон пас аз хатми муассисаи таҳсилоти олӣ вобаста аст. Самаранокии иҷтимоӣ бошад, боигариҳои ғайрииқтисодиеро дар назар дорад, ки аз таҳсилот бармеояд [11].

Дар қаринаи зикршуда, самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун ченаки умумии сифати низоми таълим, яъне сифати фаъолияти муштараки ҳамаи зернизомҳо, хусусан зернизоми таълимгирандагон (донишҷӯён, докторантҳо), таълимдиҳандагон (кормандони илмию педагогӣ) ва идоракунандагон (роҳбарон), ки якҷоя ҳам идоракунӣ ва ҳам рушди низоми таҳсилоти олиро таъмин менамоянд.

Ҷорӣ намудани низоми нави зинавии омодасозии кадрҳо дар низоми таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, гузариш аз модели ба дониш асосёфтаи омода кардани хатмкунандагон ба салоҳиятнокӣ, наздикнамоии стандартҳои Тоҷикистон ва тартиби арзёбии сифати фаъолияти таълимӣ бо аврупоӣ ташаккули нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои нави арзёбии сифати раванди таълимро талаб мекунад, ки дар қатори онҳо самаранокии хизматрасониҳо яке аз муҳимтарин маҳсуб меёбад.

Масъалаи самаранокии хизматрасониро дар низоми таҳсилоти олӣ як ҳолати мушаххас муайян намекунад, балки ба вай маҷмуи омилҳое таъсир менамоянд, ки ба тамоми муассисаҳои таҳсилоти олӣ хос мебошанд.

Яке аз онҳо сатҳ ва ҳаҷми маблағгузорӣ мебошад, ки аз маблағгузории буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ иборат аст. Маблағгузории буҷетӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ асосан ба муассисаҳои таълимии давлатӣ равона карда мешаванд. Хароҷот барои ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар алоҳидагӣ (бо назардошти шароити махсуси фаъолияти онҳо) аз рӯи шумораи миёнаи солонаи донишҷӯён, меъёрҳои таъминоти моддии онҳо, меъёри музди кори омӯзгорон ва дигар нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад. Ҳаҷми умумии маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатии соҳаи маориф дар солҳои 2015-2022**
**Table 1. Total amount of state budget expenditures in the field of education in 2015-2022**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти буҷети соҳаи маориф, млн сомонӣ | 2918,7 | 3146,2 | 3581,2 | 3863 | 4404,9 | 5004,7 | 5597,1 | 6304,0 |
| Бо % аз ММД | 5,5 | 5,5 | 6,1 | 5,8 | 5,6 | 5,7 | 6 | 6 |
| Бо % аз буҷети давлатӣ | 18,8 | 16,9 | 18 | 18,1 | 18,2 | 19,0 | 19,9 | 18,6 |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | | |
| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, млн сомонӣ | 477,1 | 556,2 | 632,8 | 606,1 | 716,5 | 781,5 | 975,6 | 1110,1 |
| Ҳиссаи МТОК дар | 16,3 | 16,3 | 17,7 | 15,7 | 16,3 | 15,6 | 17,4 | 17,6 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| хароҷоти буҷети соҳаи маориф, бо % | | | | | | | | |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллифон дар асоси Маҷмуаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст.

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки маблағгузории соҳаи маориф, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ пайваста зиёд шуда истодааст. Агар дар соли 2015 ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи таҳсилоти олӣ 477,1 млн сомониро ташкил карда бошад, он гоҳ ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 1110,1 млн сомонӣ баробар шуда, дар муқоиса ба соли 2015 зиёда аз 2,33 маротиба афзун шудааст. Дар солҳои охир ҳиссаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар хароҷоти буҷети давлатӣ пайваста зиёд гардида, 17,6%-ро дар соли 2022 ташкил додааст.

Бояд ба назар гирифт, ки дар шароити муосир муҳити фаъолияти молиявии муассисаҳои таҳсилоти олӣ тағйир ёфта, дар шароити рушди иқтисодиёти бозорӣ тавсеаи назаррас дар раванди маблағгузории онҳо ба амал омада истодааст. Имрӯз муносибатҳои молиявии муассисаҳои таҳсилоти олиро бо дараҷаи баланди мураккабии сарчашмаҳои гуногунии захираҳои молиявӣ, мавҷудияти маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ тавсиф додан мумкин аст.

Дар иртибот бо ин, маблағгузории пурраи давлатии таҳсилоти олии касбӣ бояд барои ҳамаи хоҳишмандон, махсусан барои нафарони болаёқат аз ҳамаи табақаҳои ҷамъият дастрас бошад ва имконияти аз худ намудани барномаи муассисаи таҳсилоти олиро фароҳам оварда, қабул барои таҳсил дар асоси озмун роҳандозӣ карда шавад. Омӯзиш ва таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳад, ки имрӯз донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар бештар кӯшиши ба тариқи шартнома қабул кардани донишҷӯёнро ба роҳ мондаанд, то аз ин ҳисоб фаъолияти хоҷагидории худро пеш баранд. Дар як қатор мавридҳо ин амал ба паст шудани сифати тайёр намудани кадрҳо оварда истодааст.

Дар низоми маблағгузории соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, кафолати давлатӣ унсури ниҳоӣ мебошад. Дар иртибот бо ин аз нигоҳи иқтисодӣ ду самти муҳимро ба инобат гирифтан зарур мебошад. Якум, таъмин намудани бозтавлиди захираҳои меҳнатӣ, дуюм, аз тарафи давлат ба вуҷуд овардани шароит барои ташаккулёбии максималии рушди сармояи инсонӣ дар ҳолати маҳдудияти захираҳо. Аз ин рӯ, дар шароити кунунии рушди иқтисодии мамлакат - табдил додани неруи инсонӣ ба омили асосии рушди иқтисодӣ масъалаи афзалиятнок мебошад, чунки маҳз дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, махсусан соҳаи маориф заминаи пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ гузошта мешавад.

Натиҷаи арзёбии сатҳи некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки сатҳи камбизоатӣ аз 27,4%-и соли 2018 то 22,5% дар соли 2022 коҳиш дода шудааст [12]. Гарчанде ки солҳои охир даромади пулии аҳолӣ афзоиш ёфта истода бошад ҳам, то ҳол дар миёни давлатҳои ИДМ, Тоҷикистон яке аз давлатҳои камбизоат ба ҳисоб меравад. Дар шароити ба амал омада, қисми ҷавонони болаёқат аз сабаби мавҷудияти мушкилоти молиявӣ имконияти дар гурӯҳҳои шартномавӣ таҳсил намуданро надоранд. Агар ба онҳо имконияти ройгон ба даст овардани таҳсилоти олии касбӣ дода шавад, онҳо аз ин имконият истифода намуда, барои беҳтарсозии шароити зисти худ дар оянда кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Маблағгузории пурраи давлатии таҳсилоти олӣ имкон медиҳад, ки мутахассисон на танҳо аз доираи аҳолии некуаҳволии миёна ва баланддошта, чунон ки дар ҷумҳурӣ айни замон ба назар мерасад, балки аз доираи тамоми табақаҳои ҷомеа, махсусан аз табақаҳои осебпазир низ интихоб карда шавад.

Ҳамзамон, равандҳои ҷойдоштаи иқтисодиёти муосир, кам кардани хароҷоти давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои давлатиро бо мақсади таъмини рушди иқтисодӣ дар кишвар тақозо менамояд. Аз ин рӯ, бояд роҳу усулҳо ва омезиши оптималии таҳсилоти ройгон ва ғайриройгонро, ки ба ҳам имрӯз дар кишвар алоқамандии ногусастанӣ доранд, ҷустуҷӯ намуд.

Барои нишон додан дар мақола мо аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба маблағгузории давлатии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода мебарем. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар ИМА ҳиссаи дастгирии фондҳои хусусӣ 1/3 даромади умумии муассисаҳои таҳсилоти олиро ташкил медиҳад.

Айни замон сарчашмаи асосии маблағгузории таҳсилоти олӣ дар ИМА, Британияи Кабир ва Олмон буҷети давлатӣ маҳсуб меёбад. Дар Тоҷикистон мутобиқи маълумоти оморӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мақоми давлатиро доро мебошанд, бинобар ин, аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Ҳаҷми маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷет аз теъдоди донишҷӯёни дар гурӯҳҳои буҷетӣ (ройгон) ба таҳсил фарогирифта вобаста мебошад.

**Ҷадвали 2. Теъдоди донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар солҳои 2012-2021**

**Table 1. Number of students of higher professional education institutions in 2012-2021**

| Нишондиҳандаҳо | 2012/ 2013 | 2013/ 2014 | 2014/ 2015 | 2015/ 2016 | 2016 / 2017 | 2017 / 2018 | 2018 / 2019 | 2019 / 2020 | 2020 / 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи донишҷӯён *(ҳазор нафар)* | 150,1 | 159,4 | 165,3 | 176,5 | 186,9 | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 245,9 |
| Буҷавӣ (ҳазор нафар) | 59,6 | 63,9 | 67,8 | 66,9 | 65,6 | 62,6 | 60,9 | 61,5 | 65,2 |
| Шартномавӣ (ҳазор нафар) | 90,5 | 95,5 | 97,5 | 109,6 | 121,3 | 133,1 | 148,9 | 168,1 | 180,7 |
| Вазни қиёсӣ, % | 60,3 | 59,9 | 59,0 | 62,3 | 64,9 | 68,0 | 71,0 | 73,2 | 73,5 |

Сарчашма: Маҷмуаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2022. -С.125. Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -С.83.

Чи тавре ки аз таҳлили ҷадвали 2 бар меояд, вазни қиёсии донишҷӯёни ба тариқи шартномавӣ таҳсилкунанда нисбати донишҷӯёни гурӯҳҳои буҷавӣ зиёд мебошад. Тибқи маълумоти ҷадвали 2 дар давраи солҳои 2012-2021 ҳам шумораи донишҷӯёни ба таври ғайриройгон таҳсилкунанда ва ҳам ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар афзоиш ёфтааст. Агар дар соли таҳсили 2012/2013 шумораи донишҷӯёни шартномавӣ 95,5 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, дар соли хониши 2020/2021 шумораи онҳо ба 180,7 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба соли таҳсили 2012/2013 ба 99,7% зиёд гардидааст. Дар баробари ин, вазни қиёсии донишҷӯёни гурӯҳҳои шартномавӣ аз 60,3% соли таҳсили 2012/2013 то 73,5%, яъне ба 13,2 пункти фоизӣ дар соли хониши 2020/2021 боло рафтааст.

Вазъи ба миён омада, ҳолатеро инъикос менамояд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ хислати тиҷоратиро ба худ касб карда истода, фаъолияти худро дар ин соҳаи барои ҷомеа басо муҳим ба гирифтани даромад равон кардаанд. Мутаассифона, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯзҳо донишгоҳҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд ва ба тариқи шартномавӣ ихтисосҳои нави равияҳои иқтисодӣ, менеҷмент ва ҳуқуқшиносию тиббиро ифтитоҳ намуда, барои довталабон пешниҳод менамоянд. Ба ақидаи мо, солҳои охир муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз маблағи шартномаи донишҷӯён сахт вобаста гардидаанд ва онро ҳамчун сарчашмаи руйпӯш намудани хароҷот ва гирифтани даромад истифода менамоянд. Албатта, дар шароити муосир ҳангоми нокифоя будани маблағгузории давлатии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, чунин амали муассисаҳои таҳсилоти олӣ қобили қабул мебошад. Дар баробари ин, ба ақидаи мо, зина ба зина зиёд кардани маблағгузории давлатӣ ба муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони соҳибкасб барои ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ ва гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ ногузир мебошад.

Роҳҳои афзун намудани маблағгузории соҳаи маориф дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ба ғайр аз маблағгузории буҷетӣ инҳо буда метавонанд:

1. Ҷорӣ намудани ҳиссаҷудокунӣ аз музди кори аҳолӣ, ки дар шакли фонди махсус ҷамъоварӣ гардида, барои маблағгузории таҳсилоти олӣ равона мегардад. Пардохткунандагони ин маблағҳо кормандони зинаҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ мебошанд, ки бояд ин иқдомро ҷонибдорӣ намоянд. Зеро онҳо барои гирифтани таҳсилоти олии касбии ройгони фарзандонашон ҳавасманд мебошанд. Масъалаи муайян намудани андозаи ҳиссаҷудокуниҳо тадқиқоти алоҳидаро талаб менамояд.

2. Барои давлат дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ вазнинии хароҷотро оид ба таъминоти таҳсилоти олӣ мустақилона бар душ доштан хеле душвор мебошад. Аз ин рӯ, шиддати иҷтимоиро дар ҷамъият ба инобат гирифта, ба мақсади паст намудани хароҷот ва беҳтар гардонидани дастрасӣ ба таҳсилоти олии касбӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, махсусан, оилаҳои камбизоат, оилаҳои қобилияти пардохтпазиринадошта пешбинӣ кардани имтиёзҳо дар пардохти маблағи шартнома зарур ва ба мақсад мувофиқ буда метавонад. Ин низомро ҳамчун воситаи танзими дастрасии шаҳрвандон ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳисоб намудан мумкин аст. Дар рӯпӯш намудани хароҷоти хизматрасониҳои низоми таҳсилоти олӣ оилаҳои сарватманд метавонанд иштирок намоянд. Дар ин маврид ба ҳайси ҳавасмандӣ барои донишҷӯён вобаста ба азхудкунии барномаи таҳсилоти олӣ тахфиф ё пурра озод намудан аз пардохти маблағи таҳсил аз ҳисоби воситаҳои давлатию ҷамъиятӣ истифода намудан мумкин аст.

3. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд бо корхонаҳои мамлакат робитаҳои тарафайнро роҳандозӣ намоянд. Имрӯз бояд макотиби олӣ вобаста ба фармоиши корфармо (корхонаҳо) кадрҳоро тайёр намояд. Аз сабаби бе таҳлили бозори меҳнат омода намудани кадрҳо пешниҳоди мутахассисони дипломдор дар бисёр соҳаҳо аз талабот ба он зиёд аст. Ин ҳолат ба болоравии сатҳи бекорӣ ва ба хориҷа рафтани як қисми мутахассисон гардида истодааст. Агар муассисаҳои олии касбӣ бо фармоиши корхонаҳо кадр омода намоянд, маблағгузории хизматрасониҳои онҳо низ бояд ба зиммаи фармоишгар вогузор карда шавад, ки барои донишгоҳҳо сарчашмаи иловагии маблағгузорӣ мегардад ва барои беҳтарсозии вазъи моддӣ-техникии муассиса мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҷиҳати истифодаи дастовардҳои илмии олимону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар истеҳсолот метавонад сарчашмаи дигари дарёфти даромадҳои пулии муассисаҳои таълимӣ гардад.

4. Роҳандозиии муносибатҳои мутақобила бо созмонҳои байналмилалӣ, донорҳо бо мақсади ҷалби грантҳо.

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки суръати омодасозии кадрҳо нисбати суръати афзоиши тақозо ба онҳо дар бозори дохилии меҳнат хеле зиёд аст. Сабаби дигар ин афзоиши босуръати аҳолӣ мебошад, ки имрӯз Тоҷикистонро ба яке аз давлатҳои қувваи кории барзиёддошта табдил додааст. Дар шароити имрӯза бо дарназардошти зиёд гардидани захираҳои кадрӣ вобаста ба баъзе аз ихтисосҳо ва коҳиш ёфтани сифати таҳсилоти олии касбӣ чораҳои қатъӣ бояд андешида шавад. Яке аз чунин чораҳо, ба ақидаи мо, дар заминаи талаботи замони муосир ва иқтисодиёти бозорӣ аз аттестатсия ва аккредитатсияи ҳам дохилӣ ва ҳам минтақавию байналмилалӣ гузаронидани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар сурати мувофиқат накардан бозхонд кардани Иҷозатномаи фаъолият мебошад.

Дар шароити муосир барои Тоҷикистон рушди бозори хусусии хизматрасонӣ дар соҳаи маориф аз аҳаммият холӣ намебошад ва мо инро метавонем дар намунаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо мушоҳида намоем. Ҳамин гуна муассисаҳои хусусӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии кишвар низ зарур мебошанд, ки ногузир ба боло рафтани рақобат дар омодасозии кадрҳо дар байни муассисаҳои таълимӣ ва то андозае сабуки овардан ба буҷети давлатӣ мегардад.

Дар раванди таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар ҷумҳурӣ бояд Маркази ягонаи мониторинги тақозо ба кадрҳо таъсис дода шавад. Ба вазифаҳои ин марказ бевосита бурдани таҳқиқот бо мақсади равона намудани хизматрасониҳо дар низоми таҳсилоти олии касбӣ дар доираи тақозо ба кадрҳо дар кишвар ва дархости корфармоён ба сатҳи малака, ҳунар, маҳорат, салоҳиятнокӣ ва касбияти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил мегардад. Дар замони муосир ягон мақомоти чунин таҳқиқотбаранда дар ҷумҳурӣ фаъолият намекунад, ки тақозоро ба қувваи корӣ дар сатҳи мамлакат муайян намуда, онро бароиояндаи наздик пешгӯӣ намояд. Айни замон дар ҷумҳурӣ сохторе, ки тавонад барои давраи дарозмуддат тақозои бозори меҳнатро ба мутахассисони таҳсилоти олӣ муайян созад, вуҷуд надорад. Ба фаъолияти ин марказ бояд сохторҳои ҳавасманди давлатӣ, махсусан, Вазорати меҳнат, муҳоҷират

ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад тақозоро ба мутахассисон ҳисоб намояд. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар асоси пешниҳоди дурнамои тақозо тайёр намудани кадрҳоро дар марҳилаҳои кӯтоҳ_, миёна_ ва дарозмуҳлат муайян месозад. Ҳисоби дурнамои тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб барои ҳар сол асоси беҳтарсозии мазмун ва сохтори стандартҳои таҳсилот, банақшагирии фармоишҳои давлатӣ барои омодасозии мутахассисон аз рӯйи ҳаҷм ва сохтори тахассусӣ, чораҳои танзимкунанда барои қабули донишҷӯён мебошад.

Дар ин самт пешниҳод карда мешавад, ки талабот барои иҷозатномагирӣ (литсензиякунонӣ) ва аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд қавитар карда шавад. Маҳаки асосӣ бояд сатҳи тақозо ба мутахассисони муассисаи таҳсилоти олӣ аз рӯйи ихтисос ба бахши мувофиқи фаъолитяи касбӣ бошад. Яъне, то чӣ андоза мутахассисони омоданамудаи муассисаи таълимӣ аз ҷониби корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо арзёбӣ карда мешавад. Ҳангоми додани иҷозатнома барои кушодани самту ихтисосҳои нав на танҳо иқтидори таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ, кадрӣ ва техникии муассисаи таълимӣ барои омода намудани кадрҳо ба инобат гирифта шавад, балки ба он бояд аҳаммият дод, ки хатмкардагони ин муассисаи таълимӣ дар бозори меҳнат харидор доранд ё не.

Имконияти низоми таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон на он қадар калон мебошад. Фарогирӣ ба таҳсилоти олӣ тақрибан 18% аҳолии синну соли мувофиқро ташкил медиҳад, ки 2,5 маротиба аз кишварҳои Аврупо ва ҳатто аз Осиёи Марказӣ паст мебошад. Дар маҷмуъ, 50%-и аҳолӣ имконияти таҳсил карданро надоранд ва ё зарурати идомаи таҳсил ва касбомӯзии фарзандонашонро ҳангоми хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ намебинанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нобаробарии тақсимоти донишҷӯён вобаста ба ихтисосҳо мушоҳида карда мешавад. Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳад, ки анбӯҳи асосии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ихтисосҳои гуманитарию иҷтимоӣ (52%) ташкил медиҳад. Ба ҳиссаи ихтисосҳои табиатшиносӣ 16%-и донишҷӯён рост меояд. Донишҷӯёни ихтисосҳои муҳандисӣ ва сохтмон ҳамагӣ 15%-и шумораи умумии донишҷӯёнро ташкил медиҳанд. Бо дарназардошти норасоии кадрҳои педагогӣ ихтисосҳои омӯзгориро ҳамагӣ 5% донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ интихоб намудаанд ва ҳамагӣ 3% донишҷӯён дар ихтисосҳои аграрӣ таҳсил менамоянд. Бо дарназардошти норасоии ҷойи корӣ бозори муосири меҳнат дар кишвар хатмкунандагони зиёдро аз рӯйи ихтисоси гирифтаашон бо ҷойи кор таъмин карда наметавонад. Дар натиҷа, низоми таҳсилоти олӣ беқурб ва сифати он коҳиш ёфта истодааст.

Барои таъмини сатҳи баланди дастрасии аҳолӣ ба таҳсилоти олии касбӣ соли 2014 дар ҷумҳурӣ Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки қабули довталабонро аз рӯи низоми имтиҳони марказонидашуда ба донишгоҳҳои кишвар роҳандозӣ менамояд. Дар доираи ин низоми қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои соҳаи маориф ба маротиб зиёд гардид. Зеро дар ин низом довталабон имкон доранд, аз кластери интихобнамудаашон якбора то 12 муассисаи таълимиро интихоб намоянд. Аз як тараф, таъсиси Маркази миллии тестӣ хеле хуб аст, ки табақаҳои осебпазир ва камбизоат низ ба хизматрасониҳоии соҳаи маориф дастрасии баробар пайдо менамоянд. Аз тарафи дигар, қатори муайяни дохилшудагон бинобар сабаби надоштани имконияти пардохти маблағи таҳсил дар гурӯҳҳои ғайриройгон барои таҳсил ҳуҷҷатҳои худро ба донишгоҳҳо намесупоранд ва ҷойҳои пешбинишуда дар гурӯҳҳои ғайриройгон (шартномавӣ) холӣ мемонад. Ин ҳолат боиси иҷро нагардидани нақшаи қабул ва кам шудани даромади пулии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардида истодааст. Аз ин рӯ, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зарур аст, ки барои ҷалби довталабон ба муассисаҳои худ аз усулҳои маркетинг васеъ истифода карда, таблиғотро ҷиҳати ҷалби довталабон дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

Яке аз самтҳои дигари баланд бардоштани сатҳ ва самаранокии хизматрасонӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон, роҳандозии гузариши зина ба зина аз

шакли таҳсилоти ғоибона ба таҳсилоти фосилавӣ мебошад, ки шуруъ аз соли 2014 дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар роҳандозӣ шуда истодааст. Ин низом низ дар навбати худ дорои бартариҳо ва камбудҳо мебошад. Ба бартариҳои низоми таҳсилоти фосилавӣ, пеш аз ҳама, инро, ба ақидаи мо, дохил намудан мумкин аст, ки донишҷӯ бо истифодаи технологияи компютерӣ ва интернет метавонад аз ҳар гӯшаи ҷумҳурӣ ё берун аз он ба сомона ворид гардад, бо барномаи таълимӣ шинос шавад ва супоришҳои гузошташударо иҷро намуда, барои санҷиш ва назорат ирсол намояд. Ба қатори камбудиҳои ин низом, пеш аз ҳама, мушкилоти дастрасӣ ба технологияи компютерӣ ва шабакаи интернет дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошад. Гузашта аз ин, арзиши интернет дар ҷумҳурӣ хеле гарон буда, донишҷӯён соатҳо ба сомона ворид шуда наметавонанд ва бо ин сабаб маводҳои ирсолкардашуда сари вақт ба онҳо дастрас намегардад, ки имконияти хондан ва аз худ карданро то сатҳи муайян коҳиш медиҳад.

Аз оғози соли хониши 2014 се муассисаи таълимӣ - Донишкадаи политехникӣ ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба амалигардонии барномаи таҳсилоти фосилавӣ шуруъ намуданд. Таҷрибаи ин муассисаҳои таълимӣ баъдан дар дигар муассисаҳо мавриди истифода қарор дода шуд. Донишгоҳи техникии Тоҷикистон аз курсҳои онлайни Донишгоҳи техникии миллии ш. Тернопол истифода намуд. Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон низоми таҳсилоти фосилавиро мустақилона коркард намуд, ки фарогири 165 номгӯйи фанҳо (курсҳо), 13586 тестҳои онлайн мебошад ва барои истифодабарӣ ба донишҷӯёни курсҳои 1-4-и худи муассисаи таълимӣ пешбинӣ шудааст [18].

Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ низоми таҳсилоти фосилавӣ ҷорӣ карда шудааст, ки барномаи он мустақилона аз ҷониби худи донишгоҳ таҳия карда шуда, мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили вазъи муосири низоми таҳсилоти олии касбӣ, самтҳои афзалиятноки рушди хизматрасониҳои он, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки сатҳи хизматрасониҳои он дар ҷумҳурӣ новобаста ба чораҳои андешидаистода ва гузаронидани ислоҳот дар ин соҳа беҳбудиро талаб менамояд. Ҳанӯз ҳам, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бе омӯзиши бозори меҳнат фаъолияти омодасозии кадрҳоро ба роҳ мемонанд, ки ба зиёд шудани шумораи ба кор таъмин нагардидани хатмкунандагон ва коҳиш ёфтани нуфузи таҳсилоти олӣ дар мамлакат гардидааст. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар бояд сарчашмаҳои алтернативии ҷалби маблағгузориҳоро дарёфт намоянд ва вобастагии худро аз ҷамъоварии маблағи донишҷӯёни гурӯҳҳои шартномавӣ камтар намоянд. Дар ин маврид, муассисаҳои таълимӣ дарк менамоянд, ки бо дарназардошти тақозои бозори меҳнат фаъолият намоянд ва тибқи фармоиши корфармоён ба тайёр намудани кадрҳо машғул гарданд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Табарзода О.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Алексеева И.А. Повышение эффективности системы высшего бразования на основе использования ее человеческого капитала. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru.
2. Гребнев, Л. Российское образование в зеркале демографии / Л. Гребнев // Вопросы экономики. - 2003. -№7. - С.16-19.
3. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» от 27.12.1993г.№ 899// (с доп. 1994-2004гг.). Ахбори Шурои Оли Республики Таджикистан. -1994.-№1- Ст.30. [Электронный ресурс]. URL: http://www.mmk.tj
4. Исмоилов Ш.М. Организационно-экономический механизм инновационного развития сферы образования: автореферат кандидатской диссертации / Ш.М. Исмоилов. -Душанбе, 2017. -С.18.
5. Комилов, С.Дж. Интеллектуальная собственность в системе формирования человеческого капитала / С.Дж. Комилов // Изв. тадж. отд-ния Междунар. академии наук высшей школы. - 2016. -№1. -С.62-69.
6. Комилов, С.Дж. Формирование регионального рынка инновационных, социальных услуг в современных условиях / С.Дж. Комилов // Материалы 4-й международной конференции «Актуальные проблемы развития экономики и образования» 3-4 июня. -Душанбе, 2016. -С.118.
7. Маҷмуаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -С.24.
8. Маориф дар Ҷумхурии Тофикистон. АОПҶТ. -Душанбе, 2018. -С.46.
9. Министерство образования и науки Республики Таджикистан: перечень основных концепций, программ, планов действия системы образования. Предложения №13, пункт-15. -Душанбе, 2009.

10. Музаффаров Б.С. Методические основы расчёта стоимости перехода на двенадцатилетнюю систему образования: опыт Республики Таджикистан / Б.С. Музаффаров, Ф.Б. Махмадиев // Российский экономический интернет-журнал. – 2020. – № 3. – С. 22.
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 21.12.2021. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/27417
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/29823
13. Рахмон, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации / Эмомали Рахмон. -Душанбе: Ирфон, 2006. - Т.1. -360 с.
14. Саидова Ҳ.М. Ҷанбаҳои ташкили – иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ: автореферати диссертация барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ / Ҳ.М. Саидова. -Душанбе, 2021. -32 с.
15. Саидова Ҳ.М. Сармояи инсонӣ ва маблағгузорӣ ба он ҳамчун омили некуаҳволӣ дар ҷомеа / Ҳ.М. Саидова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Маҷаллаи илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ. -Душанбе, 2019. -№2. -С.147-150.
16. Саидова Ҳ.М. Сармояи инсонӣ ва маблағгузорӣ ба он ҳамчун омили некуаҳволӣ дар ҷомеа / Ҳ.М. Саидова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Маҷаллаи илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ. -Душанбе, 2019. -№2. -С.147-150.
17. Саидова Ҳ.М. Ҷанбаҳои ташкили – иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ: автореферати диссертация барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ / Ҳ.М. Саидова. -Душанбе, 2021. -32 с.
18. Система дистанционного обучения Таджикского государственного университета коммерции. [Электронный ресурс]. URL: http://www.moodle.tguk.tj
19. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст.
20. Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -С.83.

## БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба мавзӯи баланд бардоштани самаранокии хизматрасонии муассисаҳои таҳсилоти олӣ бахшида шудааст. Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки дар низоми таҳсилоти олии кишвари мо низ ба раванди гузаронидани ислоҳот ба мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот ва дар ин замина беҳтар кардани хизматрасонӣ аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Дар баробари ин дар мақолаи мазкур муайян карда шудааст, ки на дар тамоми самтҳои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ самаранокии хизматрасониҳои таълимӣ дар сатҳи зарурӣ қарор дорад. Дар бисёр соҳаҳои фаъолият, бахусус раванди маблағгузорӣ азнавсозӣ ва такмилдиҳӣ зарур аст, фаъолияти баъзе самтҳои дигар бошад, фаъолгардонӣ ва гузаронидани ислоҳотро ба мақсади беҳтар кардани сатҳу сифат ва самаранокии хизматрасониҳои таълимиро тақозо менамояд. Дар ин иртибот, дар мақола роҳҳои алтернативӣ ва афзун кардани маблағгузории соҳаи маориф дар низоми таҳсилоти олии касбӣ дар баробари маблағгузории буҷетӣ пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, дар асоси таҳлили маълумоти оморӣ исбот карда шудааст, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бе омӯзиши бозори меҳнат хизматрасониҳоро дар омодасозии кадрҳо ба роҳ мемонанд, ки ба зиёд шудани шумораи ба кор таъмин нагардидани хатмкунандагон ва коҳиш ёфтани нуфузи таҳсилоти олӣ дар кишвар шуда истодааст. Дар доираи ин мақола, роҳҳои дастрасии довталабон ба хизматрасониҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин самтҳо ва воситаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва беҳтар кардани самаранокии хизматрасонӣ пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** таҳсилоти олӣ, самаранокии иқтисодӣ, самаранокии иҷтимоӣ, самаранокии хизматрасонӣ, сармояи инсонӣ, таҳсили ройгон ва ғайриройгон, маблағгузорӣ, маблағгузории буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ.

## ПОВЫШЕНИЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ УСЛУГ В СИСТЕМЕ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена теме повышения эффективности услуг высших учебных заведений. Проведенный анализ показал, что в системе высшего образования нашей страны уделяется серьезное внимание процессу проведения реформ с целью повышения качества образования и вопросам эффективности предоставления услуг со стороны образовательных учреждений. В то же время в данной статье определено, что эффективность образовательных услуг находится не на должном уровне во всех направлениях деятельности образовательных учреждений. Во многих сферах деятельности, особенно в процессе финансирования, необходимо проведение модернизации и совершенствование, в то время как деятельность некоторых других сфер требует активизации и реформирования с целью повышения уровня, качества и эффективности образовательных услуг. В этой связи,

в статье, наряду с бюджетным финансированием, представлены альтернативные пути и способы увеличения финансирования в системе высшего профессионального образования республики. Вместе с тем на основе анализа статистических данных выявлено, что учреждения высшего профессионального образования без изучения рынка труда оказывают услуги по подготовке кадров, что приводит к увеличению количества безработных выпускников и снижению значение высшего образования в стране. В рамках данной статьи представлены способы доступа абитуриентов к услугам учреждений высшего профессионального образования, а также показаны направления и средства повышения уровня и качества образования и эффективности предоставляемых образовательных услуг.

**Ключевые слова:** высшее образование, экономическая эффективность, социальная эффективность, эффективность услуг, человеческий капитал, бесплатное и платное образование, финансирование, бюджетное и внебюджетное финансирование.

**IMPROVING THE EFFICIENCY OF SERVICES IN THE SYSTEM OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article is devoted to the topic of improving the efficiency of services of higher educational institutions. The analysis showed that the higher education system of our country pays serious attention to the process of reforms to improve the quality of education and the effectiveness of the provision of services by educational institutions. At the same time, this article determines that the effectiveness of educational services is not at the proper level in all areas of activity of educational institutions. In many areas of activity, especially in the process of financing, modernization and improvement are necessary, while the activities of some other areas require activation and reform in order to improve the level, quality and effectiveness of educational services. In this regard, the article, along with budget financing, presents alternative ways and means of increasing funding in the system of higher professional education of the country. At the same time, based on the analysis of statistical data, it was revealed that institutions of higher professional education without studying the labor market provide training services, which leads to an increase in the number of unemployed graduates and a decrease in the importance of higher education in the country. Within the framework of this article, the ways of access of applicants to the services of institutions of higher professional education are presented, as well as the directions and means of improving the level and quality of education and the effectiveness of educational services provided are shown.

**Keywords**: higher education, economic efficiency, social efficiency, efficiency of services, human capital, free and paid education, financing, budgetary and extra-budgetary financing.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидова Хисния Маҳмадулоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллим калон кафедраи умумидошигоҳии назарияи иқтисод. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **934-53-33-55**

***Мирбобоев Раҳматуло Мадюбович*** - Донишгоҳи милиии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 884-29-07-00.** E-mail: **mirrah56@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Саидова Хисния Махмадулоевна*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, РеспубликаТаджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел: **93-453-33-55**

***Мирбобоев Рахматуло Мадаюбович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 884-29-07-00**. E-mail: **mirrah56@mail.ru**

**Information about authors:** ***Saidova Khisniya Mahmaduloevna*** – Tajik National University, candidate of economic sciences, senior teachers of the university-wide department of economic theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **93-453-33-55**

***Mirboboev Rahmatulo Madaubovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 884-29-07-00**. E-mail: **mirrah56@mail.ru**

ТДУ: 311:314.1 (575.3)

# ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҳаитова Б.Ҳ., Одинаев М.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Оид ба мафҳуми муҳоҷират бояд таъкид намоем, ки иваз намудани ҷои манзил албатта сабабу омилҳои гуногунро доро мебошад, аз ҷумла. аз рӯи масофа, аз рӯи муҳлатнокӣ, аз рӯи убури марз ва ғайра. Ҷойивазкунӣ метавонад ба таври ихтиёрӣ, маҷбурӣ ва ғайраҳо сурат гиранд, ки асоси онро омили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва ғайраҳо ташкил медиҳанд ва муҳоҷирон мақсадҳои гуногуни худро доранд, ки ҳамаи ин омилҳо ба мафҳуми муҳоҷират тобишҳои гуногун дода метавонанд. Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳимми тараққиёти демографӣ, муайян намудани сабабҳои гузариши демографии давлатҳо, омилҳои ба он таъсиркунанда, суръати гузариши марҳилаҳои демографӣ ба ҳисоб меравад [6,с.13-20]. Масъалаҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва ояндабинии онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки ҳар як давлат ба ҳисоб рафта, батанзимдарории он дар асоси қонуну қарорҳо ва консепсияҳо ба роҳ монда мешаванд. Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии демографӣ шаҳодат медиҳад, ки шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ тамоюли афзоишро нигоҳ медорад [20,с.5-13]. Чунончи, гурӯҳи муаллифон Маҳмадбеков М., Мирзоев С., Ҳакимов П., дар асари худ қайд мекунанд, ки “муҳоҷирати аҳолӣ – ин муҳаррикии фардҳо ва гурӯҳҳои одамон аст, ки зимни он убури сарҳадоти маъмурӣ ё давлатӣ бо тағйир ё бе тағйири (муҳоҷирати ғайриқонунӣ) макони доимии сукунат мегирад” ва илова мекунанд, ки “муҳоҷир – фардест, ки сарҳади маъмурию давлатиро ба тарзи қонунӣ ё ғайри қонунӣ убур карда, дар ҷойи сукунати нав бо тағйир ва ё бе тағйири макони сукунати доимӣ ба муддати муайян боқӣ мемонад”. Дар баробари муҳоҷират, яъне мигратсия боз дар адабиётҳои илмӣ мафҳуми эмигратсияро низ дучор мешавем, ки ин мафҳум низ маънои муҳоҷиратро медиҳад, яъне, муҳоҷирате, ки аз як кишвар ба кишвари дигар сурат мегираду муҳоҷир мақсад дорад, ки макони зисти доимӣ пайдо намуда, шаҳрвандии кишвари мазкурро соҳиб шавад. Масъалаҳои таҳлили омории вазъи демографии муҳоҷирати меҳнатӣ, таълимӣ ва шуғли аҳолӣ вобаста ба омилҳо ва роҳҳои ҳалли он дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт доимо зери назорат ва таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд [9,с.184-191]. Рақобати байни муҳоҷирон ва мардуми таҳҷоӣ асосан характери иқтисодӣ дошта, соҳаи фаъолияти меҳнатиро дар бар мегиранд. Омили низоии муҳоҷират дар ин ҳолат пурра равшан аст ва дар бисёр ҳолатҳо бархӯрдҳо дар нуқтаҳои савдо, бозорҳо, оташ задании тарабхонаҳо, корпартоиҳо дар корхонаҳо, сохтмонҳо ва талабҳо аз ҳукуматдорон оид ба маҳдуд намудани ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва ғайраҳоро дар бар мегиранд. Мувофиқи маълумотҳо аксарияти мардуми дар муҳоҷират буда, на аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва на аз қонунгузории Федератсияи Россия оид ба масъалаи мазкур хуб огаҳӣ доранд ва ба доми фиреби қаллобон гирифтор мегарданд ё надониста ҷиноят содир мекунанд. Ба ақидаи мо, муҳоҷират яке аз омилҳои муҳимтарини ҷуброни нобудшавии табиии аҳолӣ ва дастгирии баланд бардоштани неруи меҳнатӣ гардидааст. Тавсифи моҳияти иҷтимоиву иқтисодии муҳоҷирати меҳнатӣ, таъсири он ба ташаккулёбии бозори меҳнат ва иқтисоди кишварҳои содиркунанда оварда мерасонад. Вобаста аз ин пешниҳод мегардад, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳошияи мубодилаи меҳнатӣ ҳамчун яке аз шаклҳои муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ баррасӣ карда шавад [21,с.120-129]. Қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия мераванд. Дар асл шумораи бекорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зиёд мебошад, вале қисми зиёди онҳо расман ба қайд гирифта нашудаанд, махсусан занҳо дар деҳоти мамлакат. Сатҳи бекорӣ дар Чехия 2,5%, Малта ва Олмон 3,6%, Испания 16,7%, Юнон 20,5% ва моҳи июни соли 2018 дар Россия 4,7%-ро ташкил медод. Дар ИМА сатҳи бекорӣ аз 4,8% моҳи январ то 4,1% дар моҳи декабри соли 2017 кам шуд. Моҳи июли соли 2017 сатҳи бекории расман эътирофшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,3%-ро ташкил медод. Мувофиқи маълумоти

ташкилотҳои омории байналмилалӣ сатҳи бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 10%-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1. Ҳолат ва динамикаи шуғл ва бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2017**

**Table 1. Status and dynamics of employment and unemployment in the Republic of Tajikistan for 2011-2017**

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2017/2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Захираҳои меҳнатӣ ҳамагӣ | 4664 | 4796 | 4859 | 4983 | 5111 | 5224 | 5326 | 1,1 маротиба |
| Қувваи корӣ | 2303 | 2347 | 2362 | 2382 | 2437 | 2438 | 2460 | 1,1 маротиба |
| Аҳолии машғул | 2249 | 2291 | 2307 | 2325 | 2380 | 2384 | 2407 | 1,1 маротиба |
| Бекорони расман ба қайд гирифташуда | 54 | 56 | 54 | 56 | 57 | 54 | 53 | 98,1% |
| қувваи кории дар иктисодиёт истифоданашуда | 2361 | 2449 | 2497 | 2601 | 2674 | 2786 | 2866 | 1,2 маротиба |
| Муносибати қувваи корӣ ба ҳамаи захираҳои меҳнатӣ | 49,3 % | 48,9 % | 48,6 % | 47,8 % | 47,6 % | 46,6 % | 46,1 % | 0,94 (б.ф.) |
| Муносибати аҳолии машғул ба ҳамаи захираҳои меҳнатӣ | 48,2 % | 47,7 % | 47,4 % | 46,6 % | 46,5 % | 45,6 % | 45,2 % | 0,94 (б.ф.) |

Сарчашма: Ҷадвал аз тарафи муаллифон дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. -С.25-39 тартиб ва ҳисоб карда шудааст.

Мувофиқи чадвали 1 бар меояд, ки суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ дар ин давра 1,1 маротиба афзудаанд. Ҳамзамон, мутаносибан, ҳаҷми қувваи корӣ 1,1 маротиба ва шумораи аҳолии машғул 1,1 маротиба афзоиш ёфт. Бо назардошти таносуби захираҳои меҳнатӣ ба тамоми захираҳои меҳнатӣ маълум мешавад, ки он аз 49,3% дар соли 2011 ба 46,1% дар соли 2017 тағйир ёфт. Ин нишон медиҳад, ки ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ 3,2% кам шудааст. Вобаста ба муносибат ба ҳамаи захираҳои меҳнатӣ метавон хулоса кард, ки он аз 48,2% дар соли 2011 то 45,2% дар соли 2017 тағйир ёфта, ҳиссаи аҳолии машғул дар ин давраҳо ба 3% коҳиш ёфт. Маълумотҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки тамоюли афзоиши тамоми захираҳои меҳнатӣ аз афзоиши қувваи корӣ ва аҳолии машғулбуда пеш меравад. Ҳамзамон, шумораи бекорони расман эътирофшуда дар давраи зикршуда (2011-2017) 1,85% коҳиш ёфтааст. Тағйирот дар равандҳои иҷтимоию демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хосси худро доранд ва аксарияти онҳо тамоюли мусбат доранд, ки дорои тавсифҳои гуногун мебошанд [15,с.157-164].

Дар солҳои охир сабаби умумии муҳоҷират барои ҳамаи мамлакатҳои ИДМ инҳо мебошанд:

- бухрони иқтисодӣ- иҷтимоӣ ва рушди бекорӣ;
- задухурдҳои сахти динӣ;
- ҷудокунӣ ва аз нав тақсимкунии територияҳо;
- барҳам хӯрдани системаи тақсимоти иҷтимоӣ;
- баргаштани қисмҳои ҳарбӣ аз хориҷи дур.

Барои пешгирӣ кардани таркиши иҷтимоӣ, проблемаи содироти қувваи корӣ, характери бениҳоят муҳим мегирад. Барои Тоҷикистони муосир, пеш аз ҳама, муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ асосан қувваи кории беихтисос хос аст. Қисми зиёди маҷрои муҳоҷират аз Тоҷикистон ба мамлакатҳои ИДМ, алалхусус ба Русия ва мамлакатҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст. Мувофиқи маълумоти гуногун, ин нишондиҳанда аз 750 то 800 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Сабабҳои иқтисодие, ки асоси ҳиҷрати меҳнатиро ташкил мекунад, аз инҳо иборатанд:

- набудани миқдори кифояи ҷои корӣ;
- сатҳи пасти даромадҳо ва музди кори паст;
- дурнамои ноаён барои гирифтани ихтисоси зарурӣ;
- муҳити пасти иқтисодӣ, ки комилан мувофиқи қобилияти соҳибкории одамонро талаб карда тавонад ва ғайра.

Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ характери ғайрирасмӣ дорад. Вале дар солҳои охир кӯшиши назорати давлатии ин раванд гузаронида шуда истодааст. Ҳангоми аз нав тақсимкунии қувваи коргарӣ байни давлатӣ дар як қатори ин шартҳо, кор карда баромадани ҳуҷҷатҳои қонунӣ барои ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони мо дар дигар давлатҳои кордиҳанда зарур мебошад. Ин ҳуҷҷатҳо дар шакли қонун оиди ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон дар мамлакатҳои кордиҳанда дар созишномаҳои байни давлате, ки қувваи коргариро киро мекунанд, бояд ҷой дошта бошад. Проблемаи идоракунии муҳоҷирати қувваи коргарӣ бояд дар сатҳи байни давлатӣ мувофиқи қонунҳои мавҷуда ва сиёсати муҳоҷирати мамлакатҳои гуногун ҳал карда шавад. Нақши асосиро барои ҳал кардани проблемаҳои идоракунии муҳоҷирати қувваи коргарӣ, инчунин, сиёсати дохилии мамлакати муҳоҷирати аҳолӣ, ки барои ҳал кардани муҳоҷирати аҳолии маҳали истифода бурда мешавад, мебозад. Сиёсати муҳоҷирати қувваи коргарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони ҳозира бояд фаъол бошад ва дар асоси худ характери иҷтимоӣ-иқтисодӣ бояд дошта бошад. Танҳо чунин рафтор дарояндаи наздик барои дастрас кардани мақсадҳои асосии минтақавии сиёсати муҳоҷиратиро таъмин менамояд.

Аз сабаби зиёд будани афзоиши табиӣ ва паст будани сатҳи бакортаъминкунии аҳолӣ, шумораи бекорони воқеӣ дар ҷумҳурӣ афзуда истодааст. Дар ҳолати зиёд шудани муҳоҷирони меҳнатӣ сатҳи бекорӣ дар мамлакат кам мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба ташкили ҷойҳои нави корӣ диққати махсус дода истодааст. Бо назардошти афзоиши табиии аҳолӣ аз тамоми захираю имкониятҳо истифода бурда, ҷойҳои нави корӣ ташкил намудан зарур аст, то сатҳи бекорӣ паст карда шавад. Айни замон, илова ба масъалаҳои бекорӣ, паст будани музди меҳнат, муҳоҷирати берунӣ ва дохилӣ, боз мушкилоте пеш омадааст, ки бо мушкилоти номбаршуда вобаста мебошад. Ин ҳам бошад, мушкилоти афзудани нобаробарии даромад миёни табақаҳои гуногуни ҷомеа, афзудани тафовут миёни аҳолии доро ва камбизоат мебошад. Зиёда аз ин, мушкилоти шуғли аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мушкилоти қабули тадбирҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ҷиҳати кам кардани шумораи муҳоҷирони меҳнатии берун аз ватан, боз мушкилоти камбизоатии коргарӣ пеш омадааст ва зиёда аз 50%-и мардуми дар бозори дохилӣ машғул, камбизоат мебошанд.

Ҳамчунин, ҳангоми омода намудани Консепсияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2050 зарур аст, ки мониторинги иҷрои ҳуҷҷатҳои стратегии қаблан қабулшуда ва қарорҳои барномавӣ баргузор карда шавад. Масалан дар Стратегияи рушди бозори меҳнат то соли 2020 як қатор чорабиниҳои аҳаммияти стратегидошта барои рушди бозори меҳнат, ҳалли проблемаҳои шуғли аҳолӣ ва рушди соҳибкорӣ дар мамлакат ба нақша гирифта шуда буданд. Аз ҷумла ба нақша гирифта шуда буд, ки чорабиниҳо оид ба озодкунии кордиҳандагон аз иҷрои вазифаҳои ба онҳо вобастанабуда, масалан таъину пардохти нафақа ва кумакпулӣ.

Дар рафти таҳқиқоти интихобии гузаронидашудаи муаллиф аз 400 хоҷагиҳои пурсидашуда 63%-и онҳо дорои муҳоҷир буда, 37%-и онҳо чунин қайд намудаанд, ки муҳоҷират надоранд. Мувофиқи таҳқиқоти гузаронидашуда маълум гардид, ки аз 400 хоҷагии дар таҳқиқот иштирок намуда 50%-и онҳо чунин посух гардониданд, ки як нафар аъзои хонаводаи онҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ 10,5%-и онҳо ду нафар дар муҳоҷирати меҳнатӣ, 1,5%-и онҳо се нафар, 0,8%-и онҳо чор нафар дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Инчунин, дар раванди таҳқиқоти интихобӣ маълум гардид, ки аз теъдоди умумии посухдиҳандаҳо 27,8% барои таъминоти оила, 14% фирор намудан аз хизмати ҳарбӣ, 8,3% васеъ кардани ҷаҳонбинии худ, 8% илм омӯхтан, 5,5%-и онҳо барои сайру гашт рафтаанд. Инчунин, ошкор карда шуд, ки маблағе, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба даст меоранд, бештари онҳо ба соҳаи иҷтимоӣ: хариди молҳои хӯрокворӣ ва либос, гузаронидани тӯй, дафн ва дигар маъракаҳо, молҳои истифодаи тулонӣ (нақлиёт, телевизор ва ғайраҳо), хариди хона, квартира ё замин барои манзил, таҳсил, баргардонидани қарз, сармоя ба кишоварзӣ сарф менамоянд. Дар натиҷаи таҳқиқоти интихобӣ маълум карда шуд, ки 56,5% посухдиҳандагон чунин ақида доранд, ки муҳоҷират метавонад боиси шикасти никоҳ шавад, 34,5% на он қадар, 9,0% шикасти никоҳро аз ҳисоби муҳоҷирон инкор менамоянд [11,с.199].

Аз рӯи ҷинс, тибқи Таҳқиқоти қувваи корӣ ТҚК (ОРС), аз шумораи умумии 553868 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, 526787 нафар мардон (95,1%) ва 27081 нафар занҳо (4,9%) мебошанд. Асосан муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон корҳои сохтмониро бо шароити вазнини меҳнатӣ анҷом медиҳанд. Вобаста ба ин, омили асосии гендерӣ истифодаи шароити меҳнати занон дар шароити вазнин нест, ки он ҳам дар қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар қонунҳои кишварҳои қабулкунанда нишон дода шудааст. Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол ба назар гирифта намешавад, зеро муҳоҷирон метавонанд сатҳи таваллудро коҳиш диҳанд. Қисми боқимондаи аҳолии ғайрифаъол метавонанд ба таври ғайрирасмӣ шуғл дошта бошанд, ки сатҳи таваллуд нисбат ба шахсони расман шуғл баландтар аст [1,с.101-105]. Аз сӯи дигар дар деҳот волидайн ба таваллуди бештар таваҷҷуҳ доранд, чун аз фарзандони худ ба унвони неруи корӣ истифода мекунанд. Аз рӯи баъзе мушоҳидаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди шаҳришавӣ (урбанизатсия) низ ба мушоҳида мерасад. Яъне, чун дар деҳот аҳолӣ дар пайдо кардани ҷойи кори доимӣ мушкилӣ мекашанд ва дар он ҷо шуғли аслӣ вобаста ба хоҷагии қишлоқ аст, аз ин рӯ онҳо рӯ ба шаҳрҳо меоранд. Зеро дар шаҳр имкони дарёфти шуғл бештар аст. Дар сурати ба танзим надаровардани масъалаи таваллуд аз эҳтимол дур нест, ки аҳолӣ ба норасоии манзил ва озуқаворӣ рӯ ба рӯ шавад. Ҳамчунин, афзоиши босуръати аҳолӣ дар мамлакат метавонад боиси болоравии сатҳи бекорӣ, камбизоатӣ ва нарасидани замин оварда расонад. Самти асосии таҳлили ҳолати бозори меҳнат, пеш аз ҳама, ба он асоснок шудааст, ки ногузир будани коркарди комплекси чорабиниҳо доир ба истифодабарии самароноки онҳо мавҷуд аст [5,с.27-33].

Аз рӯйи маълумоти омори расмӣ як қатор нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-демографиро бо истифода аз усули индексӣ таҳлил менамоем.

Нишондиҳандаи дигари муҳимми иҷтимоию демографӣ, ки онро мо дида мебароем, ин раванди муҳоҷират дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошад.

**Ҷадвали 2. Динамикаи равандҳои муҳоҷират дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (нафар)**

**Table 2. Dynamics of migration processes in the regions of the Republic of Tajikistan (people)**

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2017 /2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи омадагон** | | | | | | | | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 32619 | 33809 | 36298 | 39648 | 35316 | 33336 | 37497 | 114,9% |
| ВМКБ | 823 | 742 | 952 | 698 | 638 | 638 | 723 | 87,8% |
| Вилояти Суғд | 9085 | 7924 | 7019 | 7422 | 7306 | 6198 | 6381 | 70,2% |
| Вилояти Хатлон | 9183 | 9191 | 11551 | 14651 | 12844 | 13445 | 14398 | 156,7% |
| ш. Душанбе | 3975 | 6245 | 6950 | 5739 | 4943 | 5193 | 6668 | 167,7% |
| НТҶ | 9553 | 9707 | 9826 | 11138 | 9585 | 7862 | 9327 | 97,6% |
| **Шумораи рафтагон** | | | | | | | | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 38867 | 38917 | 40304 | 45344 | 40135 | 37606 | 41150 | 105,9% |
| ВМКБ | 1786 | 1976 | 2201 | 2125 | 1833 | 1834 | 1866 | 104,5% |
| Вилояти Суғд | 11370 | 10009 | 9355 | 9728 | 9472 | 8445 | 9002 | 79,2% |
| Вилояти Хатлон | 15258 | 13875 | 16356 | 21334 | 17850 | 17308 | 18144 | 118,9% |
| ш. Душанбе | 2214 | 4584 | 4054 | 3318 | 2866 | 3133 | 4534 | 2,0 маротиба |
| НТҶ | 8239 | 8473 | 8338 | 8839 | 8114 | 6886 | 7604 | 92,3% |
| **Афзоиши муҳоҷират** | | | | | | | | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | -6248 | -5108 | -4006 | -5696 | -4819 | -4270 | -3653 | -58,5% |
| ВМКБ | -963 | -1234 | -1249 | -1427 | -1195 | -1196 | -1143 | -118,7% |
| Вилояти Суғд | -2285 | -2085 | -2336 | -2306 | -2166 | -2247 | -2621 | -114,7% |
| Вилояти Хатлон | -6075 | -4684 | -4805 | -6683 | -5006 | -3863 | -3746 | -61,6% |
| ш. Душанбе | -1761 | 1661 | 2896 | 2421 | 2077 | 2060 | 2134 | 121,2% |
| НТҶ | 1314 | 1234 | 1488 | 2299 | 1471 | 976 | 1723 | 131,1% |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллифон аз рӯйи маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон: 25-соли истиқлолияти давлатӣ. -Душанбе, 2016. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. -С.36-50.

Маълумотҳои дар ҷадвали 2 овардашуда, нишон медиҳад, ки раванди муҳоҷират дар ҷумҳурӣ ноустувор аст. Аксарияти аҳолии қобили меҳнат кӯшиш доранд, ки аз ҷойҳои худ барои кофтукови кор ва гирифтани даромади калонтар раванд. Ин бо он алоқаманд аст, ки дар минтақаи деҳот ва минтақаҳои дурдасти кӯҳӣ, хусусан барои ҷавонон ҷойи кор нест. Аз ин рӯ, аксаран раванди муҳоҷират бо сабабҳои зерин рӯй медиҳанд.

- якум, намуди асосии муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирати дохилӣ мебошад, масалан, пас аз хатми мактаб, ҷавонон аз деҳот кӯшиш мекунанд, ки ба донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ дохил шаванд;

- дуюм, муҳоҷирати муваққатӣ, ки бо муҳоҷират ба муҳлати нисбатан дарозмуддат, аксаран муддати қаблан муайянкардашуда вобаста аст, ки бо ҷойи нави кор алоқаманд аст;

- сеюм, муҳоҷирати мавсимӣ инчунин, ба вазъияти иҷтимоию демографӣ дар ҷумҳурӣ таъсири калон мерасонад.

Дар ҳақиқат, имрӯз яке аз масъалаҳои муҳим дар муҳоҷирати меҳнатии кунунӣ масъалаи ҷинсӣ (гендерӣ) мебошад, яъне, таносуби мардон ва занон дар маҷрои муҳоҷират, ки бояд омӯхта ва таҳқиқ карда шавад.

**Ҷадвали 3. Динамикаи шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мустақилона барои кор ба мамлакатҳои дигар рафтанд (нафар)**
**Table 3. Dynamics of the number of citizens of the Republic of Tajikistan who independently went to work in other countries (people)**

| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | нафар | 750070 | 739017 | 793447 | 669090 | 551728 | 572134 | 487757 |
| | бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Мардҳо | нафар | 663337 | 652002 | 693355 | 562990 | 487137 | 526771 | 419721 |
| | бо % | 88,4 | 88,2 | 87,4 | 84,1 | 88,3 | 92,1 | 86,1 |
| Занҳо | нафар | 86773 | 87015 | 100094 | 106100 | 64591 | 45363 | 68036 |
| | бо % | 11,6 | 11,8 | 12,6 | 15,9 | 11,7 | 7,9 | 13,9 |

Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тоҷикистон: 25-соли истиқлолияти давлатӣ. -Душанбе, 2016. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. -С.81-82.

Чи тавре аз маълумотҳои ҷадвал бар меояд, дар давоми солҳои 2011–2017 тақрибан хусусияти устуворӣ доранд. Шумораи умумии муҳоҷирони ба Федератсияи Россия омадагонро дар соли 2017 487757 нафар ташкил карданд, аз онҳо мардон 419721 нафар ва занон 68036 нафар мебошанд. Дар таносуби дарсади ҳиссаи мардон 86,1%, занон бошад, ҳамагӣ 13,9%-ро ташкил намуд, ки албатта ба сохтори ҷинсӣ бетаъсир намемонад. Агар дар умум шумораи муҳоҷирон кам гардида бошад, лекин ҳиссаи занони муҳоҷир солҳои охир рӯ ба афзоиш дорад. Бо дарназардошти хислатҳои хосси минтақаи мушаххас мақсади ниҳоии илман асоснокkардашудаи батанзимдарории сиёсати муҳоҷириро дар минтақаҳо ҷорӣ намудан мумкин аст [11,с.199].

Таҳқиқи равандҳои демографӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ собит намуд, ки ҳолати тағйирёбии онҳо гуногун буда, бояд пурра муайян ва ошкор карда шаванд. Идоракунонии ин равандҳо танҳо дар ҳолати доштани маълумотҳои дақиқ бо воситаи фишангҳои гуногун роҳандозӣ мегардад ва баровардани қарорҳои дахлдорро тақозо менамояд. Танзим ва идоракунонии равандҳои демографӣ танҳо ба хотири ҳифз ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва ҳалли дигар муаммои мураккаби иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Бо таҳияи маҷмуи чорабиниҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, демографӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, психологӣ, мо имконият дорем равандҳои демографиро танзим намуда, шароит ва ҳолати иҷтимоии аҳолиро дар минтақа беҳтар созем. Танҳо роҳандозии маҷмуи чорабиниҳо метавонад ҳолати иҷтимоию демографиро дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он беҳтар намояд.

Чорабиниҳои иҷтимоию психологии батанзимдарории муҳоҷират бо ташаккулёбии рафтори муҳоҷирон, ки бо худ маҷмуи амал ва рафторро, ки дар раванди бевосита бо муҳоҷирати аҳолӣ алоқамандро дар бар гирифтааст. Таъсири фаъолона ба ташаккулёбии тасаввуроти якранг (қолабӣ) дар бораи боэътиборӣ, дар бораи бартарии

ин ё он тарзи ҳаёт метавонад омили танзимкунандаи муҳоҷират гардад. Дар баробари ин, бояд давраи вақт ба назар гирифта шавад. Ин гуна чорабиниҳо метавонанд пас аз гузаштани вақти тулонӣ, нисбат ба чорабиниҳои иқтисодӣ, самара диҳанд.

Умуман сиёсати давлатию демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ ва ҳаёти миллат, ба танзимдарории равандҳои такрористеҳсолии аҳолӣ, таҳкиму пойдории оила, муносибатҳои оиладорӣ, масъулияти падару модарро дар тарбияи фарзандон, бартараф кардани мушкилоти рӯзгори оилавиро чи аз ҷиҳати иқтисодию- иҷтимоӣ ва равонӣ, дастгирӣ ва кумаки ҳамешагӣ ба оилаҳои ниёзманд, масъулияти ҳамешагии Ҳукумат ва аҳли ҷомеаро доир ба ин масъалаҳо фарогир буда, бори дигар аз хиради волои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарак медиҳад [4,с.121-127]. Танзим ва идоракунонии равандҳои демографӣ танҳо ба хотири ҳифз ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва ҳалли дигар муаммои мураккаби иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Бо таҳияи маҷмуи чорабиниҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, демографӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, психологӣ, мо имконият дорем равандҳои демографиро танзим намуда, шароит ва ҳолати иҷтимоии аҳолиро дар минтақа беҳтар созем. Танҳо роҳандозии маҷмуи чорабиниҳо метавонад ҳолати иҷтимоию демографиро дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он беҳтар намояд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Азимов А.Дж. Тенденции изменения состояния населения и трудовых ресурсов с учётом влияния отдельных факторов / А.Дж. Азимов, С.С. Мирзоев, М.А. Одинаев // Конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. дар мавзуи «иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ». –Душанбе, 2022. -С.101-105.
2. Алиев О.М. Демография и проблемы продовольственной безопасности Республики Таджикистан / О.М. Алиев, М.А. Одинаев // Вестник ТНУ (научный журнал). -Душанбе, 2012. -№2/8-100. –С.203-206.
3. Ахмадов Ф.М. Тенденция развития демографических процессов и их воздействие на окружающую среду / Ф.М. Ахмадов, М.А. Одинаев // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. - 2015. -№2/3(165). -С.35-38.
4. Барфиев Қ.Х. Истифодаи усули индексӣ дар омӯзиши сохтори таваллуд/ Қ.Х. Барфиев, С.С. Мирзоев, М.А. Одинаев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. -2020. -№2(70). -С.121-127.
5. Бобоева Р.М. Вопросы моделирования зависимости роста ВВП страны от состояния рынка труда / Р.М. Бобоева, М.А Одинаев, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№6. -С.27-33.
6. Дар хусуси баъзе масъалаҳои гузариши демографӣ дар шароити муосир / С.Ф. Низомов, М.А. Одинаев, Ф.С. Обидов, И.С. Шамсов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. -№6. -С.13-20. ISSN: 2413-5151
7. Мирзоев С.С. Изучение динамики рождаемости индексным методом анализа в Республике Таджикистан / С.С. Мирзоев, М.А. Одинаев // Специальный выпуск ISSN 1694-7347. Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. Международный теоретический и научно-практический журнал. –Киргизстан, 2019. -№1(24). -С.287-292.
8. Мирзоев С.С. Таҷрибаи баъзе аз кишварҳо дар арзёбии нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ / С.С. Мирзоев, Ф.М. Аҳмадов, М.А. Одинаев // Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -С.45-53.
9. Нишондиҳандаҳои оморив вазъи демографӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / А.Ҷ. Азимов, М.А. Одинаев, М.И. Ҳайдарзода, А.А. Азимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№2. -С.184-191. ISSN: 2413-5151
10. Одинаев М.А. Арзёбии омори сатҳи зиндагии аҳолӣ / М.А. Одинаев, С.С. Мирзоев, А.Ҷ. Ҳайдаров // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2018. -№6. -Қ. 2. -С.46-51.
11. Одинаев М.А. Таҳқиқи омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. … ном. илм. иқт: 08.00.12 / М.А. Одинаев. -Душанбе, 2020. -196 с.
12. Одинаев М.А. Иқтидори демографӣ ҳамчун омили рушддиҳандаи иқтисодиёт/ М.А. Одинаев, С.С. Мирзоев // Пайёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2019. -№7. -С.99-105.
13. Одинаев М.А. Индексный метод анализа динамики рождаемости в Республике Таджикистан / М.А. Одинаев, С.С. Мирзоев // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. Международный теоретический и научно-практический журнал. – 2019. -№1(24). -С.286-290.

14. Одинаев М.А. Тенденция демографического развития регионов и их социально-экономические проблемы / М.А. Одинаев, О.С. Табаров // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2014. -№2/10(152). -С.98-103.
15. Одинаев М.А. Экономико-статистическое моделирование демографических процессов Республики Таджикистан / М.А. Одинаев, О.С. Табарзода // Экономика Таджикистана. - 2021. -№3. -С.157-164.
16. Сайт Агенства по статистики при Президенте Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: http://www.stat.tg
17. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан // Статистический сборник. –Душанбе: АСПРТ, 2020. -350 с.
18. Статистический анализ динамики численности населения и факторы её роста / С.С. Мирзоев, М.А. Одинаев, А.И. Субњонов, Ш.Р. Кабиров // Экономика Таджикистана. -Душанбе, 2018. -С.101-106.
19. Таджикистан: 30 лет государственной независимости статистический сборник. -Душанбе, 2021. -702 с.
20. Таҳлили омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., М.А. Одинаев, Ф.С. Обидов, Д.С. Амонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. -№5. -С.5-13. ISSN: 2413-5151
21. Таҳлили омории инкишофи равандҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Одинаев, М.И. Ҳайдарзода, О.С. Табарзода, Ф.М. Аҳмадов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№2. -С.120-129. ISSN: 2413-5151

## ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Барои нисбатан аниқтар тавсиф намудани вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти гуногунии минтақаҳо аз рӯйи омилҳои иҷтимоӣ, демографӣ, иқтисодӣ ва дигар истифода бурдани таҳлили кластерӣ нисбатан қулай аст. Зеро, он имконияти якбора муқоиса намудан ва тасниф кардани объектро аз рӯйи нишондиҳандаҳои гуногун, медиҳад. Таҳлили тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар ин давра нишон доданд, ки хусусиятҳои хосси ташаккулёбии аҳолии минтақаҳо, суръати баланди зиёдшавии шумораи аҳолӣ ва тағйиротҳои куллӣ дар сохтори ҷойгиршавии он ба назар мерасад. Дар баробари ҳаракати табиии аҳолӣ, яке аз равандҳои муҳимми демографӣ, ҳаракати механикии аҳолӣ ё муҳоҷират мебошад. Таҳлили равандҳои муҳоҷират яке аз самтҳои муҳимми таҳлили оморӣ мебошад. Аҳаммияти муҳоҷират ба он муайян мегардад, ки дар баробари ҳаракати табиии аҳолӣ, тағйирёбии миқдор ва ҳайати аҳолӣ омили асосӣ ба ҳисоб рафта, ба тақсимот ва азнавтақсимкунии оқилонаи захираҳои меҳнатӣ, таъсир мерасонад. Муҳоҷирати аҳолӣ хислати номуташаккилона дорад, ки ба танзим даровардан ва пешгӯйӣ кардани он душвор аст. Хулосабарорӣ гардидааст, ки вазъи муосири демографӣ хусусиятҳои хосси худро дошта, ба рушди иҷтимоию-иқтисодии ҷамъият таъсири бевосита мерасонад.

**Калидвожаҳо:** омор, аҳолӣ, иҷтимоӣ, муҳоҷират, таваллуд, фавт, никоҳ, шикасти никоҳ, тағйирёбӣ, синнусол, афзоиши табиии аҳолӣ.

## СТАТИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ПОКАЗАТЕЛЕЙ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Для наиболее точной характеристики социально-экономической ситуации в регионах Республики Таджикистан, учитывая разнообразие регионов по социальным, демографическим, экономическим и другим факторам, наиболее удобно применять кластерный анализ, так как он позволяет одновременно сравнивать и классифицировать объекты по различным показателям. Анализ изменений социально-демографических процессов за этот период показывает, что наблюдаются высокие темпы прироста населения и фундаментальные изменения в структуре населения регионов. Наряду с естественным перемещением населения одним из важнейших демографических процессов является механическое перемещение населения, или миграция. Анализ миграционных процессов - одно из важнейших направлений статистического анализа. Важность миграции определяется тем, что наряду с естественным перемещением населения изменение численности и состава населения является основным фактором, влияющим на рациональное распределение и перераспределение всего населения и трудовых ресурсов. Миграция не организованна, ее трудно регулировать и прогнозировать. Сделан вывод о том, что сложившаяся демографическая ситуация имеет свои особенности и напрямую влияет на социально-экономическое развитие общества.

**Ключевые слова:** статистика, население, миграция, рождение, смертность, брак, разводимость, естественный прирост населения.

## STATISTICAL ANALYSIS OF LABOR MIGRATION INDICATORS IN THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

For a complete characterization of the demographic situation in the regions of the Republic of Tajikistan and the reasonable formation of socio-demographic policy in them, it is necessary to consider in detail the socio-economic situation, taking into account regional similarities and their differences. For the most accurate characterization of the socio-economic situation in the regions of the Republic of Tajikistan, taking into account the diversity of regions in terms of social, demographic, economic and other factors, it is most convenient to use cluster analysis, since it allows you to simultaneously compare and classify objects according to various indicators. Analysis of changes in socio-demographic processes over this period shows that there are high rates of population growth and fundamental changes

in the population structure of the regions. Along with the natural movement of the population, one of the most important demographic processes is the mechanical movement of the population, or migration. The analysis of migration processes is one of the most important areas of statistical analysis. The importance of migration is determined by the fact that, along with the natural movement of the population, the change in the size and composition of the population is the main factor affecting the rational distribution and redistribution of the entire population and labor resources. Migration is not organized, it is difficult to regulate and predict it. It is concluded that the current demographic situation has its own characteristics and directly affects the socio-economic development of society.

**Keywords:** statistics, population, social, migration, birth, death, marriage, divorce, change, age, natural population growth.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳаитова Бибирачаб Ҳоҷиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904-17-46-47**
***Одинаев Меҳрубон Абдураҳмонович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59**

**Сведения об авторах:** ***Хаитова Бибираджаб Ходжиевна*** **-** Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры экономической теории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **904-17-46-47**
***Одинаев Мехрубон Абдурахмонович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры статистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59**

**Information about authors:** ***Khaitova Bibirajab Khodzhievna*** - Tajik National University, Senior Lecturer at the Department of Economic Theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **904-17-46-47**
***Odinaev Mekhrubon Abdurakhmonovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Statistics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru**. Phone: **(+992) 900-17-17-59**

ТДУ: 334.34.1

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ИҚТИСОДИ САБЗ

*Саидов С.С., Маҷидзода Д.М.*
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Захираҳои об бузургтарин ва бебаҳотарин неъмати табиӣ мебошад, ки на танҳо инсоният, балки тамоми мавҷудоти олам онро истеъмол мекунанд ва дар навбати дигар истифода мебаранд. Аз ин рӯ, метавон таъкид намуд, ки захираҳои об, махсусан оби аз ҷиҳати экологӣ тоза барои ҳаёти инсоният нақши бузург дошта, истифодаи самараноки он метавонад ба рушди иқтисоди сабз таъсири мусбӣ расонад. Идоракунии самараноки захираҳои об яке аз муосиртарин воситаи таъмини гузариш ба иқтисоди сабз мебошад.

Имрӯз таваҷҷуҳи бисёре аз ҷомеаҳо ва кишварҳои ҷаҳонӣ ба проблемаи камшавии захираҳои об нигаронида шудааст. Инро Ҳадафи шашуми рушди устувор (ҲРУ), ки дар баробари дигар ҳадафҳои ҲРУ, аз ҷониби тамоми кишварҳои узви СММ дар соли 2015 ҳамчун як қисми Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 қабул шудааст, гувоҳӣ медиҳад. Ҳадафи шашум, ин таъмини дастрасӣ ва истифодаи устувори захираҳои об ва беҳдошт барои ҳама мебошад.

Дар робита бо ин, мехоҳам қайд намоям, ки имрӯз бидуни захираҳои табиӣ рушди иқтисодиёти ҷаҳонро тасаввур кардан қариб, ки ғайриимкон мебошад. Солҳои охир ба мушоҳида мерасад, ки беэътиноӣ нисбат ба проблемаҳои экологӣ монеае дар роҳи рушд шуда истодааст. Вобаста ба ин, дурнамои рушди ҷомеаро, тавассути ду самти афзалиятнок - экология ва иқтисод тасаввур намудан мумкин аст. Яъне ҳалли мушкилот дар сатҳи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт чунин тадбирҳоро талаб менамояд: кам кардани ифлосшавӣ ба муҳити атроф, кам намудани партовҳои карбон, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, ҳифз ва афзоиши сармояи табиӣ, пешгирии талафёбии хидматҳои экосистема, афзоиши даромад ва шуғли аҳолӣ. Риояи чунин талаботҳо, заминаи гузариш ба модели иқтисоди нав, яъне иқтисоди «сабз» мебошад.

Иқтисоди сабз яке аз модели муосири илми иқтисод ба шумор рафта, мақсади он таъмини «сабзгардонӣ»-и тамоми соҳаҳои иқтисодиёт мебошад. Ин самти муосири рушди иқтисодиёт ва навсозӣ дар он мебошад, ки талаботҳои экологиро пурра бояд ба назар гирад. Вобаста ба ин, ҷомеаи имрӯзаро лозимаст, ки ба ноосфераи ҳақиқи роҳ ёбад ва муносибат ба табиат ба куллӣ тағйир дода шавад.

Аз ҷониби олимону коршиносон вобаста ба иқтисоди сабз таърифҳои мухталиф ва фарзияҳои гуногун пешниҳод карда шудааст. Баъзе аз онҳо чунин мешуморанд, ки иқтисоди «сабз» соҳаи нави иқтисод буда, муносибати масъулиятнок ба муҳити зистро талаб менамояд. Тарафи дуюм ин ифодаро ҳамчун технологияи нав ва як навъи экосистема, ки ба кумаку фоидаоварӣ ба табиат даъват мекунад, мефаҳманд. Гурӯҳи сеюм бошад, чунин мепиндоранд, ки он марҳилаи нави гузариши рушд буда, мақсади асосиаш истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза аст. Дар умум, ин модели амалишавандаи иқтисодёт ба технология тоза ё «сабз» асос меёбад. Яъне метавон қайд намуд, ки иқтисоди сабз ҳамчун як шакли муосири иқтисод буда, сатҳи некуаҳволии мардумро беҳтар мегардонад ва адолати иҷтимоиро таъмин мекунад.

Масъалаҳои гузариш ба иқтисодиёти сабз дар яке аз конфронсҳои намояндагии СММ дар соли 2012 дар Рио-де-Жанейро бахшида ба бистумин солгарди Конфронси СММ оид ба рушди устувор (Рио+20) матраҳ шудаанд. Дар асноди байналмилалӣ ҳарчи бештар мафҳумҳои «саноати сабз», «бозорҳои сабз», шуғли сабз ва дигар истилоҳот бо сифатҳои «сабз» истифода мешаванд. Инчунин, дар ҷомеаи имрӯза, аллакай дар бораи "инноватсияҳои сабз" сухан меравад, ки маънои технологияҳои навро бо таъсири камтарин ба муҳити зист (энергияи алтернативӣ, нақлиёти барқӣ, сӯзишвории биологӣ ва ғайра) дорад.

Дар маҷмуъ «…чунин хусусиятҳои бунёдӣ, ки ба иқтисоди сабз хос мебошанд, ҷудо кардан мумкин аст:

- ✓ устувории экологӣ, сабзонидани иқтисодиёт;
- ✓ самти иҷтимоӣ;
- ✓ ҳадди аксар фарогирии сохторӣ ва ҳудудӣ;
- ✓ баланд бардоштани арзиши молҳои табиӣ;
- ✓ такия ба дониш;
- ✓ кам кардани хатарҳои рушд, аз ҷумла экологӣ;
- ✓ инноватсия;
- ✓ самаранокии энергия/ карбони паст;
- ✓ амсилаҳои оқилонаи истеъмол ва истеҳсол;
- ✓ усулҳои нави андозагирии пешравӣ» [1].

Дар байни ҳадафҳои рушди устувор - иқтисоди сабз нақши калидӣ дошта, муҳимтарин ҷузъи барномаи рушди устувор ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва аз байн бурдани камбизоатӣ то соли 2030-ро дар бар мегирад.

Лозим ба қайд аст, ки масъалаи рушди устувор ҳамеша дар меҳвари сиёсати Ҳукумати кишвар қарор дошта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикикстон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” санаи 26 декабри соли 2019 «…таъкид намуданд, ки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус, **захираҳои об** яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди “энергияи сабз” ва рушди “иқтисоди сабз” ба ҳисоб меравад» [6].

Захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлат буда, истифодаи самараноки он ба манфиати халқ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад [2]. Соҳаи истифодабарии об ва ирригатсия яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт буда, объекти банақшагирии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Давлат дар танзим ва идоракунии низоми истифодаи об нақши асосиро мебозад. Дар робита бо ин, метавон гуфт, ки об дар кам намудани сатҳи камбизоатӣ, пешгирии гуруснагӣ, беҳтар намудани сатҳи некуаҳволӣ, пешгирии таъсири манфӣ ба муҳити экосистемаҳои табиӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор муҳим мебошад. Истифодаи самараноки захираҳои об барои расидан ба ҳадафаҳои рушди устувор ва амалӣ намудани принсипҳои иқтисоди сабз нақши муҳим дорад. Яъне истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои об вазифаи стратегии ҳар як давлату миллат ва ҷузъи муҳимми амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилгарон ба он ақидаанд, ки аз чор ҷойи корие, ки қувваи кории ҷаҳонро ташкил медиҳанд, сетоаш аз об сахт ё миёна вобастагӣ дорад. Тибқи гузориши СММ, ин ба он маънost, ки камбуди об ва мушкилоти дастрасӣ ба манобеи об ва беҳдошт, метавонад рушди иқтисодӣ ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ дар даҳсолаҳои ояндаро коҳиш диҳад. Дар гузориши ҷаҳонии об дар соли 2016, ки "Захираҳои об ва ҷойҳои корӣ" ном дорад, қайд гардидааст, ки нисфи коргарони ҷаҳон - 1,5 миллиард нафар - дар ҳашт соҳаи саноат вобаста ба об ва захираҳои табиӣ кору фаъолият мекунанд [2]. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки захираҳои об дар ташкил намудани ҷойҳои корӣ нақши калидӣ дошта, дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза саҳмгузор мебошад. Дар иртибот бо ин масъала, Ирина Бокова директори генералии ЮНЕСКО чунин иброз намудаанд, ки «…захираҳои об ва ҷойҳои корӣ дар сатҳҳои гуногун, новобаста аз он, ки дар кадом самт (иқтисодӣ, иҷтимоӣ ё экологӣ) баррасӣ мешаванд, бо ҳам зич алоқаманданд».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» барои солҳои 2023-2037 аз санаи 30 сентябри соли 2022, №482 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда шудааст, ки се самти имконияти ташаккули иқтисоди «сабз», яъне самти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро дар бар мегирад.

Мақсади асосии амалӣ намудани Стратегияи мазкур «…таъмини рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва расидан ба ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон – баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад».

Тибқи банди 19 Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 «…иқтисоди «сабз» раванди рушди устувор мебошад ва ҳадафи

асосии он таъмини рушди иқтисодӣ, собути иҷтимоӣ ва мувозинати экологӣ дар раванди дарозмуддат буда, истифодаи самараноки захираҳои табииро таъмин менамояд. Ҳамзамон иқтисоди «сабз» фаъолияти иқтисодиест, ки бо истеҳсол, тақсимот ва истеъмоли молҳо ва хизматрасониҳо алоқаманд буда, некуаҳволии мардум ва нигоҳдории сармояи табииро барои дарвраи дарозмуҳлат таъмин менамояд».

Рушди устувори иқтисодёт ва амалишавии иқтисоди «сабз» дар минтақаи Осиёи Марказӣ, дар баробари истифодаи дигар сарчашмаҳо аз истифодаи захираҳои обӣ вобастагии калон дорад. Осиёи Марказӣ минтақае мебошад, ки дорои манбаъҳои бузурги захираи табиӣ, аз он ҷумла захираҳои обӣ аст. Сарчашмаи асосии захираҳои обии минатқа ба кишварҳои кӯҳӣ рост меоянд. Масалан дар ҳавзаи баҳри Арал панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ҷойгир аст, ки ҳудуди онҳо 1550 ҳазор метри мураббаъ буда, майдони обиашон бошад 7,95 миллион гектарро ташкил медиҳад. Дар ин минтақа ҳаҷми захираҳои обӣ дар сол ба ҳисоби миёна 118-120 км$^3$-ро ташкил медиҳад, ки аз ҳисоби обҳои Амударё, Сирдарё ва захираҳои обҳои зеризаминӣ иборат мебошанд (14,7 км3). Ҳаҷми обанборҳо 60 км$^3$-ро дар бар мегиранд [4]. 55,4%-и оби ба баҳри Арал ҷоришаванда аз Тоҷикистон, 25,% Қирғизистон, 7,6% Ӯзбакистон, 3,9% Қазоқистон, 2,4% Туркманистон, 5,4% боқимонда ба Афғонистон ва як қисми Хитой ва Покистон рост меояд [7]. Новобаста аз он, ки ҳиссаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба кишварҳои минтақа зиёд аст, аммо 17-20%-и захираҳои об дар ҳудуди кишвар истифода бурда мешаваду халос.

Захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури муҳим дар таъмини шуғлнокии аҳолӣ, махсусан шуғли сабз нақши муассиро доро мебошад. Зеро таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар ба захираҳои об зич алоқаманд аст. Тибқи маълумотҳои сомонаи расмии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, айни замон, «…захираҳои об дар кишвар манбаи асосии истеҳсоли энергия ба шумор рафта, 95%-и барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути неругоҳҳои барқӣ-обӣ истеҳсол карда мешаванд. Захираҳои обӣ дар соҳаҳои обёришаванда ва истеҳсолӣ тақрибан 80%-и маҳсулоти кишоварзӣ, таъминоти оби нӯшокӣ ва санитария, саноат ва моҳипарварӣ, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои босифат нақши муҳим дорад, истифода мешавад». Соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 96%-и неруи барқ аз манбаҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз неруи об истеҳсол гардида, яке аз кишварҳои пешбарандаи принсипҳои иқтисоди «сабз» дар энергетика этироф ва аз рӯйи фоизи итсеҳсоли энергияи «сабз» шашум кишвари пешсафи саёра мебошад [11]. Дар сурате, ки неругоҳи барқӣ-обии "Роғун" бо пуррагӣ фаъолият намояд, он гоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳон ба қатори се кишвари аввали тавлидкунандаи "энергияи сабз" шомил мегардад.

Асоси энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро гидроэнергетика ташкил медиҳад, ки ҳамчун омили муҳимми рушди устувори кишвар арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин, метавон қайд намуд, ки соҳаи гидроэнергетика барои ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз», ҳамзамон барои ноил шудан ба ҳадафи истиқлолияти энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мусоид фароҳам хоҳад овард.

Да робита бо ин мехоҳем, қайд намоем, ки истифодаи самараноки захираҳои об барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дошта, ҳамчун омили муҳим дар рушди иқтисоди сабз, саҳмгузор мебошад. Дар шароити имрӯза бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои рушди устувор, моро зарур аст, ки фарҳанги истифодаи самаранок ва идоракунии оқилонаи захираҳои обиро дар шакли муосир омӯзем. Шакли мудириятеро бояд коркард ва пешниҳод намуд, ки барои таъмин намудани эҳтиёҷоти асосии инсон, аз қабили беҳдошт, истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ, истеҳсоли энергия, нигоҳдорӣ ва ҳифзи ҳолати экосистемаҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷорӣ намудани механизми нав дар ҷодаи ҳамкориҳо оид ба рушди устувор дар соҳаи обро дар бар гирад. Аз ин лиҳоз, зарур мешуморем, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор, аҳолии ҷаҳон бояд фаҳмиши амиқи нақши калидии обро донад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз он, ки дорои захираҳои фаровони обӣ мебошад, ҳангоми таъмини заминҳои обӣ ба мушкилиҳо дучор аст. Сабаби ин ҷойгиршавии нобаробари ҷараёни дарёҳо дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар буда

метавонад. Тибқи таҳлили мутахассисон “... 51.4%-и аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла 86,9%-и аҳолии шаҳрҳо, 61,5%-и аҳолии ноҳияҳо ва 43,4%-и аҳолии деҳот ба оби ошомиданӣ ва шароити беҳтари санитарӣ дастрасӣ доранд. 49,6%-и аҳолӣ бошад ё ба оби ошомиданӣ дастрасӣ надоранд ё ин ки оби аз нигоҳи санитарию гигиенӣ хатарнок истифода мебаранд”. Дар баъзе манотиқи деҳот шабакаҳои обтаъминкунӣ ва корезии марказонидашуда вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, захираҳои обро на танҳо самаранок, балки сарфакорона истифода бурдан ва аз ифлосшавӣ ҳифз намудан лозим меояд. Зеро ифлосшавии объектҳои об (дарёҳо, кулҳо, обанборҳо, баҳрҳо, обҳои зеризаминӣ ва ғайра) ҷомеаи имрӯзаро ба ташвиш овардааст. Масалан, истифодаи оқилона ва самараноки экосистемаҳои табиии марбут ба об дар Осиёи Марказӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳо ва ҳадафи асосии рушди устувори ҳар як кишвари алоҳидаи ин минтақа ба ҳисоб меравад. Дар робита бо ин, механизми иқтисодии истифодаи оқилонаи об бояд коркард карда шавад, ки ба манфиати ҳамаи кишварҳои минтақа бошад. Аз ин лиҳоз, кишварҳои минтақаро зарур аст, ки вобаста ба ҳолати ҷойдошта комиссияи махсус оид ба коркард ва татбиқи механизми ягонаро ҷиҳати танзими истифодаи обҳои фаромарзӣ таҳия намоянд, ки дар баргирандаи манфиатҳои кишварҳои минтақа бошад.

Мо бояд истифодаи афзалиятҳои низоми идоракунии ҳамгироии захираҳои обиро ба роҳ монем. Низоми идоракунии ҳамгироии захираҳои об, самаранокии худро нишон дода метавонад. Мақсади асосии идоракунии давлатии захираҳои об ноил шудан ва нигоҳ доштани вазъи аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари истифодаи экосистемаи обӣ мебошад. Дараҷаи аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари истифодаи обро ҳамчун истифодаи устувори об муайян кардан мумкин аст, ки дорои ҳадафҳои зерин мебошад:

- риояи мувозинати талаботи рушди иқтисодӣ ва таъмини такрористеҳсоли захираҳои об;

– риояи мувозинати амалисозии ҳуқуқҳои наслҳои имрӯза ва оянда оид ба истифодаи камхарҷ ва аз ҷиҳати экологӣ бехавфи захираҳои об [9,с.53].

Ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои мазкур дар шароити муосир бо назардошти имкониятҳои маҳдуди иқтисодии давлат ва ҳам субъектҳои истифодабарандагони об ҳангоми муайян кардани самтҳои асосии рушди самараноки хоҷагии об бояд аз принсипи эргономикаи қарорҳои қабулшуда, яъне кам кардани хароҷот дар истифодаи об ва интихоби қарорҳои аз ҷиҳати экологӣ самаранок, ки дар як вақт самараи мусбати иқтисодӣ меоварад, истифода карда шавад. Дар доираи иҷрои вазифаҳои марбут ба ҳифзи захираҳои об масъалаҳои аҳаммияти иҷтимоӣ ва экологӣ бояд зери назорати ҷиддӣ қарор дода шаванд.

Муҳимтарин омили иқтисодии ба сатҳи истифодаи об таъсирркунанда, ин баҳогузории арзиши захираҳои обӣ мебошад, ки асоси механизми иқтисодии танзими истифодаи обиро ташкил медиҳад. Ҳадаф аз ҷорӣ намудани механизми иқтисодӣ, таъмин намудани имтиёзҳои иқтисодӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи барқароркунӣ, истифодаи оқилона ва ҳифзи сохторҳои обӣ мебошад [8,с.49]. Ба унсурҳои асосии механизми иқтисодӣ дохил мешаванд: идоракунӣ; банақшагирии чорабиниҳо оид ба идоракунии об ва таҳияи барномаҳои мақсадноки барқарорсозӣ, истифодаи оқилонаи об ва ҳифзи обанборҳо; маблағгузории чорабиниҳои идоракунии об ва ҳифзи сохторҳои обӣ; муқаррар намудани меъёрҳо барои пардохт ва андозаи пардохтҳо барои истифодаи обанборҳо; суғуртаи хавфи об; мониторинги обанборҳои рӯизаминӣ ва инчунин, мониторинги иншооти обӣ; таҳияи дурнамои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар асоси дурнамои рушди соҳаи об; баҳисобгирӣ ва банақшагирӣ; дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, инноватсионӣ ва ғайра, ки ба истифодаи ҳамаҷониба ва ҳифзи захираҳои обӣ нигаронида шудааст; бо тартиби муқарраршуда ҷуброни зараре, ки ба объектҳои обӣ расонида шудааст, аудит; ташхис; кадастрҳо ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки оқилона истифода бурдани захираҳои об ҳангоми мукаммалгардонии механизмҳои истифодаи захираҳои табиӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва ба эътидол ё коҳиш додани истифодаи захираҳои обӣ (навъҳои механизмҳои ҳавасмандкунанда) вобастагии калон дорад. Ҳалли пурраи проблемаҳои соҳаи

истифодабарии об, ҳифз ва барқарорсозии захираҳои об ҳоло имконнопазир аст, вале роҳҳои ҳалли он бояд мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад. Сабаби асосии ҳамаи ин камбудиҳо мавҷуд набудани консепсияи аз ҷиҳати илмӣ асоснок бо назардошти омилҳои экологӣ мебошад. Дар робита бо ин, чуноне, ки дар боло қайд намудем, зарурати таъсиси механизми ягонаи идоракунии истифодаи об бояд мавриди коркард қарор дода шавад.

Механизмҳои истифодаи об дар шакли софи худ вуҷуд надоранд, аз ин рӯ, ҳамоҳангии онҳо ногузир ва тавсияшавандаанд [8,с.47]. Дар ин маврид бисёр лаҳзаҳо аз технологияҳо, соҳаҳо ва фаъолиятҳои мушаххас вобастагӣ доранд. Дар ояндаи наздик, аз нуқтаи назари рушди босуботи иқтисодиёт зарур мешуморем, ки механизмҳои ҳавасмандкунандаи истифодабарии об бояд ҷорӣ карда шавад. Зеро дар шароити иқтисоди бозор нақши механизми иқтисодӣ дар ҳалли масъалаҳои истифода ва ҳифзи захираҳои об дар асоси тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ба таври назаррас намоён мебошанд. Инчунин, истифодаи оқилонаи механизми иқтисодӣ нисбат ба истифодаи усулҳои маъмурӣ метавонад натиҷаҳои самаранок дошта бошад. Тавассути ҷорӣ намудани механизмҳои идоракунии иқтисодӣ, фаъолияти истифодабарандагони об ба танзим даровarda мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои мақсаднок дар соҳаи истифодаи об тартиб дода шудаанд, ки айни замон амал мекунанд. Иҷрои барномаҳои бо маҷмуи тадбирҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва танзимӣ таъмин карда мешавад. Тадбирҳои иқтисодӣ аз ташкили механизми иқтисодӣ иборатанд, ки гардиши захираҳои молиявиро барои татбиқи барномаҳо таъмин мекунанд. Таъминоти молиявии фаъолияти барнома дар асоси худмаблағгузорӣ, маблағгузории давлат ва қарздиҳӣ сурат мегирад. Мақсади асосии татбиқи барномаҳо беҳтар намудани вазъи саломатии мардум ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоию экологӣ тавассути таъмини аҳолӣ бо оби кофии нӯшокии сифати меъёрӣ бо риояи талаботи ҳифз ва истифодаи оқилонаи манбаҳои оби нӯшокӣ мебошад.

Ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти барномаҳо оид ба истифодаи оқилонаи об, таҳия намудани Консепсияи ягонаи давлатӣ дар соҳаи ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, инчунин, механизми маблағгузории онҳо чи аз ҳисоби фондҳои махсус ташкилшуда ва чи аз ҳисоби буҷетҳои дараҷаҳои гуногун лозим мебошад. Принсипи муҳимми такмили идоракунии давлатии захираҳои об дар марҳилаи муосир, бояд принсипи ғайримутамарказии таъсири бевоситаи идоракунӣ ба сатҳи минтақавӣ гузарондани онҳо ва ҳамчун воҳиди асосии ҳудуди идораи давлатии захираҳои об ҳисобида шавад.

Лозим ба қайд аст, ки имрӯз вазъи тағйирёбии иқлим ба экосистемаҳои табиӣ таъсири манфии худро бо суръати баланд расонида истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин ҳолат эмин буда наметавонад. Ҳолати таъсири ҷиддие, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ба вуҷуд меоянд, яъне тағйирёбии ҳарорат, обшавии пиряххо, боришот ва баландшавии обҳои сатҳи баҳрҳо оқибатҳое хоҳанд дошт, ки на танҳо экосистемаҳои обиро тағйир медиҳанд, балки ба сатҳи дастрасӣ доштани инсоният ба таъмини об низ таъсири худро мерасонанд.

Дар робита бо масъалаи тағйирёбии иқлим аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланд ва созмонҳои бонуфуз суханронӣ карда шудааст. Метавон гуфт, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз аввалин шахсиятҳое мебошад, ки дар арсаи байналмилалӣ масъалаи захираҳои об ва тағйирёбии иқлимро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ёдовар бояд шуд, ки бо ибтикори Тоҷикистон Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 8 қатъномаи марбут ба обро қабул намудааст. "...Қатъномаҳо дар бораи эълон кардани соли 2003 ҳамчун "Соли байналмилалии оби тоза", солҳои 2005-2015 ҳамчун "Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", соли 2013 ҳамчун "Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об" аз ҷумлаи чунин иқдомот мебошанд".

Инчунин, ибтикорот дар бораи эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» бори аввал аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар ҷараёни Форуми ҳафтуми ҷаҳонии об, ки моҳи апрели соли 2015 дар Ҷумҳурии Корея доир гардида буд, эълон гардид. Дар ҷаласаи навбатии Маҷмаи Умумии СММ якдилона қатънома оид ба эълони солҳои 2018-2028 ҳамчун "Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» аз 21 декабри соли 2016 таҳти рақами 71/463 қабул гардид. Басо рамзист, ки Даҳсолаи мазкур дар Рӯзи ҷаҳонии об - 22 марти соли 2018 оғоз гардида, ҳамчунин, дар Рӯзи ҷаҳонии об - 22 марти соли 2028 ба анҷом хоҳад расид. Қатъномаи мазкур бо иттифоқи оро ва бо ҳаммуаллифии 193 кишвари узви СММ ҷонибдорӣ гардидааст.

Мақсади асосии ин Даҳсола, пеш аз ҳама, таъмини дастрасии умумӣ ба оби ошомидании тоза ва бо арзиши дастрас, нигоҳдошт ва ҳифзи ҳолатҳои санитарию беҳдоштӣ барои аҳолӣ, истифодабарии оқилонаи захираҳои об аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Мудирияти умумии об барои таъмин намудани эҳтиёҷоти асосии дарозмуддати инсон, аз қабили беҳдошт, истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ, истеҳсоли энергия, нигоҳдорӣ ва ҳифзи ҳолати экосистемаҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷорӣ намудани механизми нав дар ҷодаи ҳамкориҳо оид ба рушди устувор дар соҳаи обро дар бар мегирад. Яъне, суръати тоза бахшидан ба фаъолият дар соҳаи об ва ноил гаштан ба Ҳадафҳои рушди устувор дар назар дошта шудааст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Павилиони об дар Конфронси бистуҳафтуми Тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим, санаи 7 ноябри соли 2022 суханронӣ намуда, қайд намуданд, ки "...захираҳои об ва тағйирёбии иқлим ба ҳам робитаи ногусастанӣ доранд. Мо инро дар Тоҷикистон, ки зиёда аз 60%-и захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар қаламрави он ташаккул меёбад, баръало мушоҳида менамоем. Бар асари гармшавии иқлим, суръати обшавии пиряххои мо сол ба сол баланд шуда истодааст. То имрӯз аз 13 ҳазор пиряхи Тоҷикистон як ҳазораш пурра аз байн рафтааст. "...селу обхезиҳо, хушксолиҳо ва дигар офатҳои табиии марбут ба об ҳамасола дар кишвар хисороти зиёди иқтисодию иҷтимоиро ба бор оварда, дар аксари мавридҳо боиси талафоти ҷонӣ мегарданд". Вазъияти имрӯзаи тағйирёбии иқлимро ба инобат гирифта, роҳбари кишвари Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки "... соли 2025-ум Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон гардида, санаи Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо муайян карда шавад". Дар ҳақиқат ин масъала доғи рӯз буда, бояд ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд. Амалишавии ташаббусҳои глобалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои об яке аз самтҳои асосии рушди иқтисоди «сабз» ба ҳисоб рафта, барои беҳдошти вазъи обҳои тозаи нӯшокӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ созгор мебошад.

Вобаста ба муҳиммияти рӯзмарра доштани ин масъала Ҳаёт Одинаев, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор дар сомонаи расмии мақомоти мазкур санаи 11 сентябри соли 2020 дар мақолаи худ, чунин қайд намудааст "...тағйирёбии иқлим, ки ба камшавии 30%-и майдони пиряхҳо оварда расонидааст, зарурати нигоҳдорӣ ва беҳдошти пиряхҳои ҷараёнофари Помир ва Тяншанро ба мушкилоти аз ҳама бештар шиддатноки экологии минтақа ва умуман ҷаҳон табдил додааст. Тибқи пешгӯиҳои Хадамоти гидрометеологии Тоҷикистон, масоҳати яхбаста дар миқёси Помир то соли 2050 ба андозаи 20% кам мегардад. Инчунин, «… раванди обшавии пиряхҳо ҷиҳати таъмини рушди устувор ва ноил гардидан ба амнияти энергетикӣ ва озуқаворechии минтақавӣ хатарҳои иловагӣ бунёд менамояд. Раванди обшавии шиддатноки пиряхҳо метавонад ба афзоиши обхезиҳои кӯтоҳмуддат ва ба пастшавии сатҳи бо об таъмин будани умуман кишварҳои Осиёи Марказӣ оварда расонад. Дар робита ба ин, муҳиммияти ҳифзи мавзеъҳои баландкӯҳ бо он муайян мегардад, ки маҳз дар баландкӯҳҳо метавонанд селҳо, лағзишҳо ва обхезиҳои фоҷиавӣ ба миён оянд. Вазифаи муҳимтарин дар ин ҷода, пеш аз ҳама, аз ифлосшавӣ ҳифз кардани пиряхҳо ва мувофиқан, ҷараёнҳои пиряхӣ ба ҳисоб меравад».

Дар воқеъ, ин гуфтаҳо дуруст ва саривақтӣ буда метавонанд. Вобаста ба ин, аз ҷониби кишварҳои минтақа ҷиҳати беҳдошти ҳолатҳои экосистемаҳои табиӣ, махсусан экосистемаҳои кӯҳии обӣ, бояд механизме ба роҳ монда шавад, ки манфиатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии минтақаро фаро гирад. Аксарияти таҳлилгарон ба он

ақидаанд, ки солҳои оянда мушкилоти истифодаи об дар байни давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аҳаммияти ҷиддӣ пайдо намуда, ҳатто эҳтимолияти сар задани низоъ низ ҷой дорад.

Дар маҷмуъ метавон қайд намуд, ки агар аз ҷониби истифодабарандагони Об муҳиммияти он бо таври возеҳу равшан дарк карда шавад, дар ин ҳолат як қадами устувор дар роҳи расидан ба иқтисодӣ “сабз” мебошад. Баррасӣ ва ҳалли мушкилоти мазкур дар расидан ба Ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об самараи бузург дода метавонад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки усулҳои муосир ва намудҳои истифодабарии захираҳои об бо дарназардошти риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии об риоя карда шаванд.

Инчунин, бо боварии комил гуфта метавонем, ки дар ҳолати татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор, Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, ҳадафҳои стратегии миллии пешбинишудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон, яъне таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар таъмин гардида, шароити мусоид барои зиндагии шоистаи аҳолӣ муҳайё хоҳад гашт.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Қодирзода Ф.А.**

**АДБИЁТ**


1 Бобылев С.Н. Зеленая экономика и модернизация / С.Н. Бобылев, В.М. Захаров // Эколого-экономические основы устойчивого развития. Бюллетень «На пути к устойчивому развитию России». - 2012. -№60. -90 с.
2 Вода и экономическое развитие. [Электронный ресурс]. URL: cawater-info.net.
3 Водные ресурсы бассейна Аральского моря. 06.06.2009. [Электронный ресурс]. URL: http://ec-ifas.org/index.php/ru/2010-05-17.
4 Норов Х.Г. Состояние и уровень эффективности использования водных ресурсов в сельском хозяйстве / Х.Г. Норов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2017. – №2/2. – С.49-52.
5 Норов Х.Г. Экономическая эффективность управления использованием оросительной воды в сельском хозяйстве / Х.Г. Норов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2022. – №7. – С.133-139.
6 Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. - Душанбе, 26.12.2019.
7 Рахимов Ш.Х., Хамраев Ш.Р. Водные ресурсы в бассейне Арала // Экология и статистика. Сб. статей. [Электронный ресурс]. URL: www.ireco.ru.
8 Саидов С.С. Бассейновый подход в управлении трансграничными водными ресурсами / С.С. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2015. -№2/3(165). -С.44-48.
9 Саидов С.С. Водные ресурсы - важный фактор устойчивого развития / С.С. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2023. -№4. -С.42-58.
10 Самиев Ш.Ф. Устойчивое развитие АПК как условие обеспечения продовольственной безопасности страны / Ш.Ф. Самиев, Ф.Б. Махмадизода, З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №2/10. – С. 126-130.
11 Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037.
12 Фасеҳзода И.С., Солеҳзода А.А. Ҷаҳонишавии озуқаворӣ ва «Иқтисодиёти сабз» дар рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Конференсияи илмӣ- амалии байналмилалӣ дар мавзӯи Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ. Душанбе - 2018, С.22-27.
13 Хофизов Х.А. Анализ современного состояния и тенденции использования природно-ресурсного потенциала региона / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2020. - № 5. - С.122-130.


**ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ИҚТИСОДИ САБЗ**


Дар мақолаи мазкур мушкилоти захираҳои об ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодиёти сабз баррасӣ шуда, дар ин замина низоми истифодаи самаранок, ҳифз ва идоракунии экосистемаҳои об ҳамчун сиёсати экологӣ ва иқтисодии минтақа, таҳлил карда шудаанд. Дар мақола барои равшан кардани проблемаҳои муҳимтарини минтақавии захираҳои об қайд карда мешавад, ки рушди устувори низоми иҷтимоию иқтисодӣ ба ноил шудан ҷиҳати ҳамоҳанг дар муносибатҳои инсон, ҷамъият ва табиат, иқтисодиёт ва экология асос ёфтааст. Яке аз муҳимтарин ҷузъҳои некуаҳволии иҷтимоию иқтисодии минтақа истифодаи самараноки захираҳои об мебошад. Дар матлаб омадааст, ки Осиёи Марказӣ як

минтақаи дорои захираҳои бузурги табиӣ, аз ҷумла об аст. Сарчашмаҳои асосии захираҳои оби минтақа дар кишварҳои кӯҳистонӣ ҷойгиранд. Дар матлаб ҳамчунин гуфта мешавад, ки захираҳои оби Тоҷикистон дар таъмини шуғли "сабз" нақши муҳим доранд. Мусаллам аст, ки ноил шудан ба параметрҳои рушди устувори иқтисоди кишвар, ба захираҳои об зич алоқаманд аст. Ба андешаи мо, дар шароити муосир барои амалӣ намудани Ҳадафҳои рушди устувор, фарҳанги истифодаи самаранок ва идоракунии оқилонаи захираҳои обро бо назардошти миқёс ва технологияи истеҳсолу истеъмол омӯхтан лозим аст. Шакли идоракунӣ таҳия ва пешниҳод карда шавад, ки он дар таъмини эҳтиёҷоти асосии инсон, аз қабили санитария, истеҳсоли озуқаворӣ, истеҳсоли энергия, нигоҳдорӣ ва ҳифзи вазъи экосистемаҳои миллӣ ва минтақавӣ, инчунин, ҷорӣ намудани системаи нави механизми ҳамкорӣ оид ба рушди устувор дар бахши об мусоидат намояд. Дар ин росто, аҳаммияти дарки амиқ ва огоҳии ҷомеа аз нақши калидии об дар ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор меафзояд.

**Калидвожаҳо:** об, захираҳо, иқтисоди "сабз", экосистема, рушди устувор, консепсия, идоракунӣ, истифодаи самаранок, омил, тағйирёбии иқлим, иқтисод, шуғли "сабз", некуаҳволии иҷтимоию иқтисодии минтақа, ҳуқуқи байналмилалии об, пиряхҳо, оби нушокӣ.

## ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается проблемы водных ресурсов как важного фактора развития зеленой экономики и на этой основе анализированы системы эффективного использования, охраны и управления водными экосистемами в качестве эколого-экономической политики региона. Для уточнения важнейших региональных проблем водных ресурсов в статье отмечается, что устойчивое развитие социально-экономических систем опирается на достижение гармонии в отношениях между человеком, обществом и природой, между экономикой и экологией. Одной из важнейших составляющих социально-экономического благополучия региона является эффективное использование водных ресурсов. В статье констатируется, что Центральная Азия - регион с большими природными ресурсами, в том числе водными. Основные источники водных ресурсов региона расположены в горных странах. Также в статье отметчается, что водные ресурсы Таджикистана играют важную роль в обеспечении «зеленой» занятости. Очевидно, что достижение параметров устойчивого развития экономики страны тесно связано с водными ресурсами. По нашему мнению, в современных условиях для реализации Целей устойчивого развития необходимо изучить культуру эффективного использования и рационального управления водными ресурсами с учетом масштаба и технологии производства и потребления. Следует разработать и представить форму управления, которая будет включать в себя обеспечение основных потребностей человека, таких как санитария, производство продуктов питания, производство энергии, поддержание и сохранение состояния национальных и региональных экосистем, а также внедрение нового механизма сотрудничества по устойчивому развитию в водном секторе. В связи с этим растет важность глубокого понимания и осознания населением ключевой роли воды для достижения Целей устойчивого развития.

**Ключевые слова:** вода, ресурсы, «зеленая» экономика, экосистема, устойчивое развитие, концепции, управление, эффективное использование, фактор, изменение климата, экономика, «зеленая» занятость, социально-экономическое благополучие региона, международного водное право, ледники, питьевая вода.

## EFFICIENT USE OF WATER RESOURCES AS AN IMPORTANT FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF A GREEN ECONOMY

The article considers the problems of water resources as an important factor in the development of a green economy and, on this basis, analyzes the systems for the effective use, protection and management of water ecosystems as an environmental and economic policy of the region. To clarify the most important regional problems of water resources, the article notes that the sustainable development of socio-economic systems is based on achieving harmony in relations between man, society and nature, between the economy and ecology. One of the most important components of the socio-economic well-being of the region is the efficient use of water resources. The article states that Central Asia is a region with large natural resources, including water. The main sources of water resources in the region are located in mountainous countries. The article also notes that the water resources of Tajikistan play an important role in providing "green" employment. It is obvious that achieving the parameters of sustainable development of the country's economy is closely related to water resources. In our opinion, in modern conditions, in order to implement the Sustainable Development Goals, it is necessary to study the culture of efficient use and rational management of water resources, taking into account the scale and technology of production and consumption. A form of governance should be developed and presented, which will include the provision of basic human needs, such as sanitation, food production, energy production, maintenance and conservation of the state of national and regional ecosystems, as well as the introduction of a new mechanism for cooperation on sustainable development in the water sector. In this regard, the importance of deep understanding and public awareness of the key role of water in achieving the Sustainable Development Goals is growing.

**Keywords**: water, resources, "green" economy, ecosystem, sustainable development, concepts, management, efficient use, factor, climate change, economy, "green" employment, socio-economic well-being of the region, international water law, glaciers, drinking water.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Саидов Саймахмуд Саидахмадович*** **-** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсент. **Суроға**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2. Телефон: **(+992) 918-43-20-53**. E-mail: **ssaid.85@mail.ru**
***Маҷидзода Давлатбахт Маҷид*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти миллӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987-17-06-55**

**Сведения об авторах:** ***Саидов Саймахмуд Сайдахмадович*** – Таджикский государственный университет коммерции, кандидат экономических наук, и.о. доцента. **Адрес**: 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти, 1/2. Телефон: **(+992) 918-43-20-53.** E-mail: **ssaid.85@mail.ru**
***Маджидзода Давлатбахт Маджид*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **987-17-06-55**

**Information about authors:** ***Saidov Saymakhmud Saydakhmadovich*** - Tajik State University of Commerce, Candidate of Economic Sciences, Acting, Associate Professor. **Address**: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Dehoti ½. Phone: **918-43-20-53**. E-mail: **ssaid.85@mail.ru**
***Maidzoda Davlatbakht Majid*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of National Economics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **987-17-06-55**

ТДУ: 26.1/5

# САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР РАВАНДИ ҶОРИКУНИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТИИ РАҚАМӢ

*Маъмуров А.М.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқи моҳияти маъмурикунонии андоз дар раванди татбиқи васеи дастовардҳои пешрафти илму техника дар соҳаи молия ва рақамикунии босуръати иқтисодиёт таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуда истодааст, ки ин зарурати омӯзиши алоҳидаи тағйироти сифати муносибатҳои субъектҳои андозиро дар шароити муосири иқтисодию сиёсӣ бо назардошти хусусиятҳои тафаккури андози миллӣ тақозо мекунад.

Ҷанбаҳои маъмурикунонии рақамии андоз тамоюли муосири иқтисоди ҷаҳонӣ буда, ба ин масъала дар корҳои олимони ватанию хориҷа аз ҷониби Э.Л. Гулкова, М.В. Карп, Д.А. Мирпочоев, Э.Г. Лиманская, М.М. Салимова, В.Е. Леонтьев, Б.Б. Раҳматов, А.В. Вихров, М.Т. Макурова, Х.Р. Улугходжаева ва дигарон асосҳои назариявию методии маъмурикунонии рақамии андоз дар иқтисодиёти минтақа амиқ таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Вале таҳқиқи моҳияти иқтисодии маъмурикунонии рақамии андози минтақа дар таҳқиқоти олимони ватанӣ чандон зиёд ба мадди назар намерасад. Баъзе омилҳои таъсиррасон ба сатҳу сифати иқтисодиёти рақамӣ бештар дар асарҳои олимони соҳа А.М. Солехзода, М.В. Мишустин, И.Р. Иброҳимов, И.Т. Батаев ва дигарон баррасӣ ва тавсияҳо шудаанд.

Мақсади таҳқиқот ин афзалиятҳо дар раванди ҷорикунии технологияи иттилоотии рақамӣ, инчунин, муайян ва ҳалли мушкилоти фаъолияти он мебошад. Бе ташкили низоми муосири иқтисоди рақамӣ, ки ба принсипҳои бозор мутобиқ карда шудааст, ҳалли мушкилоти ба фаъолияти самараноки иқтисоди бозорӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ғайриимкон аст, таҷрибаи хориҷӣ дар муносибатҳои андоз инро исбот менамояд.

Бори аввал истифодаи истилоҳи «иқтисодиёти рақамӣ», ки маънои истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва телекоммуникатсиониро дошт, соли 1995 аз ҷониби олими амрикоӣ Николас Негропонте пешниҳод карда шудааст [13].

Консепсияи рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ба «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [8] асос ёфта, назари ягонаи истифодаи технологияҳои муосири рақамиро барои ноил шудан ба ҳадафи олии рушди дарозмуддати Тоҷикистон, яъне баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар ифода мекунад.

Такия ба Консепсияи иқтисоди рақамӣ, доир ба тавсеаи сатҳи маърифати андозӣ дар ҷумҳурӣ чунин принсипҳои маъмурикунонии андозро пешниҳод менамоем:

- принсипи мубодилаи иттилоот миёни мақомоти андоз ва дигар сохторҳои давлатӣ, ҳангоми амалӣ гардонидани маъмурикунонии андоз бояд таъсири байниҳамдигарӣ ва табодули иттилоот миёни мақомоти андоз ва дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ бо мақсади муносибгардонии маъмурикунонии андоз таъмин карда шавад;
- принсипи рақамӣ дар доираи низоми андозбандӣ ба мақсади дастгоҳи маъмурикунонии андоз бояд низоми ягонаи электронии рақамӣ амал намояд, ки ин имкон медиҳад, иттилоот оид ба андозсупорандагон ҷамъоварӣ, мубодила, маҳфуз ва таҳлил карда шавад. Инчунин, ин принсип имкон медиҳад, ҳуқуқвайронкуниҳои андоз ошкор карда шуда, мониторинги фаврӣ ва назорат гузаронида шавад [2,с.122];
- принсипи мувофиқати таъсиррасонии субъектҳои муносибатҳои андоз, ҳангоми пешбурди маъмурикунонии андоз. Андозсупорандагон дар ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонунгузорӣ бояд ҳуқуқи интихоби тарз ва низоми таъсири байниҳамдигариро бо мақомоти андоз дошта бошад.

Дар маҷмуъ, технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ омили муҳиме мебошанд, ки муҳити ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсир мерасонанд.

Рушди босуръати раванди тиҷоратӣ дар интернет, инчунин, таъсиси марказҳои бузурги иттилоотию молиявӣ ва шабакаҳои ҷаҳонии алоқаи мобилӣ омилҳои асосии марҳалаи нави рушди иқтисодӣ ва ташаккули иқтисоди рақамии байналмилалӣ мебошанд [1,с.280]. Дар айни замон, татбиқи низоми идоракунии андоз ва рушди фаъоли раванди рақамкунонӣ дар Тоҷикистон мушоҳида мешавад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми идоракунии андоз назарияи онро ба таври назаррас тағйир медиҳад. Раванди рақамикунонии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки барои рушди маъмурикунонии андоз имкониятҳои нав фароҳам оварад, аммо дар баробари ин, боиси эҷоди мушкилоти нав дар соҳаи танзим ва назорати андоз мегардад. Инчунин, олимони ин соҳа қайд намудаанд: «зарурати тавсеаи манбаи андоз дар шароити муосири мураккаби ташаккули буҷетҳо таваҷҷуҳи зиёдро ба масъалаҳои фаъолияти самараноки низоми андоз тақозо менамояд, ки аз бисёр ҷиҳат бо шароити ташкилию ҳуқуқии идоракунии андозбандӣ ва сифати маъмурикунонии андоз муайян карда мешавад» [12,с.92].

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар қонуни ассосӣ оид ба соҳаи андозу андозбандӣ чунин омадааст «воситаҳои электронии пардохт – восита ва усулҳое, ки мақсад аз онҳо интиқоли маблағ дар доираи шаклҳои истифодашавандаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҳомилҳои электронии иттилоот, аз ҷумла кортҳои пардохтии бонкӣ ва таҷҳизоти дигари техникӣ бо ва (ё) бе кушодани суратҳисоби бонкӣ ба андозсупорандагон буда, барои таҳия, тасдиқ ва додани фармоиши пардохтӣ имкон медиҳанд» [5,с.26]. Ҳоло зарур мешуморем, ки барои расидан ба ҳадафи таҳқиқ вазъи кунунии ҷорисозии технологияҳои иттилоотию рақамиро дар низоми муносибатҳои андозӣ баррасӣ намоем.

Бо мақсади амалигардонии «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои солҳои 2018-2020», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2018, таҳти №519 тасдиқ гардидааст, Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва таҷҳизоти муосир, доду гирифт ва коркарди маълумотро ба роҳ монда, кӯшиш дорад, ки сатҳ ва сифати хизматрасониро ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон давра ба давра беҳтар намоянд.

Зикр кардан зарур аст, ки аз 1.05.2018 бо ҷалби ташкилотҳои қарзӣ шакли нави хизматрасонӣ барои шаҳрвандон ва андозсупорандагон ҷорӣ карда шуд, ки бо истифода аз он андозсупорандагон имконият пайдо намуданд бе ташриф овардан ба нуқтаҳои хизматрасонии «Амонатбонк» маблағи андозҳои маҳаллӣ ва боҷи давлатиро бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ («Visa» ва «Корти миллӣ») пардохт намоянд.

Баробари гуфтаҳои болозикр дар назди Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз», Корхонаи фаръии «Маркази сертификатсияи калидҳои кушод» ташкил шудааст, ки максади он ба андозсупорандагон додани имзои электронӣ мебошад. Андозсупорандгон танҳо бо истифодаи имзои электронӣ, ба сомонаи кумитаи андоз ворид гардида, метавонанд маълумоти лозимаро доир ба ҳисоббароркуниҳои субъектҳои хоҷагидор бо буҷети давлатӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ дастрас намоянд, имзои электронии андозсупоранда чунин маънидод шудааст, яъне воситаи махсуси криптографии таъмини ҳаққоният, пуррагӣ ва муаллифии ҳуҷҷатҳои электронӣ мебошад [5,с.21].

Бояд зикр намуд, ки аз 1.01.2018 модули нави хизматрасонии «Утоқи шахсӣ барои шахсони воқеӣ» мавриди истифода қарор дода шуд, ки он имконият медиҳад дар баробари шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, кулли шахсони воқеии андозсупоранда низ, минбаъд бе ҳозир шудан ба мақомоти минтақавии андози маҳалли зист, мақомоти аз қайд ва ё ҳисоботи андозро бо таври электронӣ пешниҳод намоянд.

Тибқи махзани маълумотҳои Кумитаи андоз то санаи 31 декабри соли 2021, дар миқёси ҷумҳурӣ аз 39,7 ҳазор шахсони ҳуқуқӣ, ҳамагӣ 31,0 ҳазор адад, ё худ 78,0%-и онҳо эъломияҳои андозро ба мақомоти андоз пешниҳод намудаанд. Пешниҳоди эъломияҳои андоз аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ дар вилояти Хатлон -85,2%, дар вилояти

Суғд -82,4%, дар шаҳри Душанбе -84,3,0%, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ 87,5,0% ва дар дастгоҳи марказии Нозироти андозсупорандагони калон 100,0%-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1. Тамоюли тағйирёбии шумораи шахсони ҳуқуқии эъломияи андозро бо тариқи электронӣ пешниҳодкунанда дар минтақаҳо (бо фоиз)**
**Table 1. The trend of changes in the number of legal entities submitting tax returns electronically in the regions (in percentage)**

| Минтақа /сол | ВМКБ | | Хатлон | | Суғд | | Душанбе | | ШНТҶ | | НАК | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Соҳибкори инфиродӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Соҳибкори инфиродӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Соҳибкори инфиродӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Соҳибкори инфиродӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Соҳибкори инфиродӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
| 2016 | | | 76,2 | 84,1 | 84,1 | 59,0 | 77,6 | 77,5 | 88,4 | 87,3 | 81,2 | 79,5 |
| 2017 | - | - | 76,0 | 76,5 | 77,0 | 80,0 | 76,5 | 74,0 | **80** | 83,0 | 97,0 | 77,9 |
| 2018 | - | - | 77,3 | 78,3 | 80,0 | 83,0 | 76,9 | 75,0 | **81,6** | 83,0 | 98,7 | 81.5 |
| 2019 | - | - | 78,1 | 79,2 | 81.2 | 84,1 | 77,1 | 76,8 | 82,4 | 84,2 | 100 | 82,6 |
| 2020 | - | - | 79,3 | 80,2 | 82,8 | 85,5 | 79,3 | 80,1 | 83,6 | 85,4 | 100 | 84,1 |
| 2021 | - | - | 84,3 | 85,2 | 87,5 | 88,4 | 82,8 | 84,3 | 86,6 | 87,5 | 100 | 87,4 |

Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2016-2021.

Пешниҳоди эъломияҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятдошта (бо назардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ) дар миқёси ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ 117,7 ҳазор ё худ 77,3%-ро ташкил додааст, аз он ҷумла, дар вилояти Хатлон 84,3,0%, вилояти Суғд 87,5,0%, шаҳри Душанбе 82,8% ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ 86,6%. Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои паст доир ба пешниҳоди эъломияҳои андоз аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ дар вилояти Хатлон, дар ноҳияҳои Шурообод, Темурмалик, Н.Хусрав, дар вилояти Суғд, дар ноҳияи Ашт ба назар расида, аз 23% то 59%-ро ташкил медиҳад.

Дигар ҷанбаи татбиқ намудани чораҳои рақамикунонии соҳаи андозбандӣ, ин ташаккули манбаи итилооти рақамӣ мебошад. Масъалаи самаранокии маъмурикунонии андоз ва сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди иттилоот, почтаи электронӣ, рақами содакардашудаи телефонии «151», ба роҳ монда шудааст. Инчунин, андозсупорандагон метавонад ҳамарӯза 24 соат бо Call – center дар тамос бошанд, ва ба мухлати аз 5 дақиқа то 1 рӯзи корӣ ба саволҳои худ ҷавоб гиранд.

**Ҷадвали 2. Хизматрасониҳо ба мурочиати андозсупорандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 2. Services to the appeal of taxpayers in the Republic of Tajikistan**

| № | Номгӯи хизматрасониҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Мурочиат ба бахши иттилоотии Кумитаи андоз | 7800 | 12260 | 12790 | 33430 | 34700 | 35100 | 35765 |
| 2. | Муоширати тариқи «ЧАТ» | - | - | - | 2035 | 895 | 921 | 967 |
| 3. | Мурочиат тавассути почтаи электронии «info@andoz.tj» | 391 | 448 | 682 | 721 | 757 | 781 | 801 |

Ҳисоби муаллиф дар асоси махзани иттилоотии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2015-2021.

Дар давраи таҳлилшуда, шумораи дархостҳои воридшуда ҳамасола афзоиш меёбанд, ки зиёда аз 50% дархостҳо тариқи онлайн амалкунанда ва дар тули панҷ сол шумораи дархостҳо тадриҷан афзудааст. Дар соли 2021 ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз, дар маҷмуъ, 35765 мурочиат оид ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва андозбандӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба соли 2020-ум 665 адад зиёд мебошад.

Дар баробари ин, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҷиҳати тақвият додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дар заминаи таҷрибаи муосир ба роҳ мондани машваратдиҳӣ бо

шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар асоси Фармоиши расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2017, таҳти рақами №507 «Тартиби пешниҳоди машварат дар низоми вақти мустақим бо истифодаи усули «ЧАТ» дар Кумитаи андоз» тасдиқ гардидааст. Аз шумораи умумии муроҷиатҳо дар соли 2020 19101 адад ба шахсони воқеӣ, 1472 адад ба шахсони ҳуқуқӣ ва 912 адад ба шахсоне, ки тавассути усули «ЧАТ» муошират намудаанд, рост меояд.

Тавре аз додаҳои ҷадвали 2 мушоҳида мегардад, аз шумораи умумии муроҷиатҳои телефонӣ ба шаҳри Душанбе 2019 адад, вилояти Суғд 3472 адад, вилояти Хатлон 5011 адад, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 205 адад ва ШНТҶ, дар маҷмуъ, 3690 адад муроҷиат рост меояд. Илова бар ин, дар соли 2021 ба гурӯҳи иттилоотии Раёсати андоз дар ВМКБ тавассути рақами «20262» ҳамагӣ 519 адад, Раёсати андоз дар вилояти Суғд бо рақами «909» 388 адад ва Раёсати андоз дар вилояти Хатлон тавассути рақами содакардашудаи «154» 190 адад ҳамагӣ муроҷиат ворид шудааст, ки 1097 муроҷиати телефониро ташкил медиҳад. Инчунин, дар ин давра 757 адад муроҷиат тавассути почтаи электронии «info@andoz.tj» ва 5833 адад муроҷиат ҷиҳати гирифтани маълумот оид ба РМА бо рақами содакардашудаи «152» ворид гардидааст, ки ба ҳамаи онҳо ҷавобҳои қаноатбахш пешниҳод шудааст.

Дар мактубҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ аксар саволҳои машваратӣ вобаста ба истифодаи шаклҳои нави ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатӣ истифодашаванда, талаботи нав оид ба бақайдгирии онҳо, дар феҳристи ягонаи давлатӣ, ба назар мерасиданд. Зарур мешуморем, ки ҳамасола барои муайян намудан ва ҳалли масъалаҳои пешниҳоди нодуруст додани РМА, додани ҳамон як рақами мушаххаси андозсупоранда ба андозсупорандагони гуногун ё додани зиёда аз як рақами мушаххаси андозсупоранда ба ҳамон як андозсупоранда, инчунин, муайян кардани тартиби додани шаҳодатномаи нави бақайдгирии шахси воқеӣ вобаста ба тағйир додани насаб ё ҷойи истиқомат сабт карда шудаанд. Асосан, андозсупоранда дар муроҷиатҳои худ ба мақомоти андоз дар бораи қонуншиканиҳои гуногуне, ки шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми гузаронидани фаъолияти молиявию иқтисодӣ содир мекунанд, хусусан дар бораи напардохтани андози даромад аз иҷораи амвол шикоят кардаанд.

Зикр менамоем, ки қисми зиёди шикоятҳои аз андозсупорандагон воридшуда дар бораи мушкилоти пешниҳоди ҳисоботи андоз, алалхусус мураккабии шаклҳои пур кардан ва рад кардани мақомоти андоз аз қабули эъломия дар шакли коғазӣ аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда шудаанд. Дар бораи далелҳои рафтори нодуруст ё муносибати расмии кормандони мақомоти минтақавии андоз ба андозсупорандагон, дар бораи сифати пасти ташкили қабули шахсӣ ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, аз ҷумла, саривақт пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо, рад кардани тавзеҳот дар бораи мавҷудияти навбат дар як қатор санҷишҳои назоратӣ аз ҷониби мақомоти андоз, инчунин, имконнопазирии муроҷиат тавассути телефон ба кормандон маълумот дода шудааст.

Маълумотҳои дигари оморию таҳлилӣ чунинанд, дар соли 2021 мундариҷаи бештари муроҷиатҳо ба татбиқи модули нави барномаи компютерии «Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо» [9], «Утоқи шахсии андозсупоранда» 10391 адад, оид ба тартиби электронии таҳияи эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз 3812 адад, тартиби истифодабарии «Анбори электронӣ» ва таҳияи ҳисобнома-фактураҳо 3473 адад, пешниҳоди тавозун 1722 адад, хоҷагиҳои деҳқонӣ 1362 адад, тартиби ҳисоб ва пардохт кардани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул 1069 адад, тартиб додани санади муқоисавӣ 998 адад, оид ба тартиби ҳисоб ва пардохти маблағи патент ва бақияи қарзи он 872 адад, тартиби ҳисоб ва пардохт намудани низоми содакардашудаи андозбандӣ 767 адад рост меоянд, ки дар маҷмуъ, 26541 ададро ташкил медиҳад.

Тавре аз додаҳои ҷадвали 3 мушоҳида мегардад, мавқеи аввалро шахсони алоҳида ишғол мекунанд, ки зиёда аз нисфи ташрифи расмиро ташкил медиҳанд. Боиси дарк аст, ки дар оянда нақшаи 18% афзоиш додани трафики вебсайтҳо, тавассути тарғиби

вебсайти Кумитаи андоз дар воситаи ахбори омма ва ҷойгиркунии таблиғоти иҷтимоӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба нақша гирифта шудааст.

**Ҷадвали 3. Муроҷиати расмӣ ба сомона ва почтаи электронии Кумитаи андоз дар соли 2020**

**Table 3. Official address to the website and email of the Tax Committee in 2020**

| Нишондиҳандаҳо | Дидани мубодила, бо % |
|---|---|
| Шахсони воқеӣ | 57 |
| Соҳибкорони инфиродӣ | 9 |
| Шахсони ҳуқуқӣ ва намояндагони ваколатдори ашхосон | 13 |
| Дигар ашхосон | 13 |

Таҳияи муаллиф мутобиқи вебсайти расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлили муроҷиатҳои андозсупорандагон шаҳодат медиҳад, ки сарфи назар аз талаботи қонунгузорӣ, ҳоло ҳам иддае аз кормандони мақомоти минтақаивии андоз дар муносибат бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар баъзе ҳолатҳо талаботи муқарраршуда ва одоби хизматиро дуруст риоя намекунанд.

Таъкид кардан зарур аст, ки кормандони минтақавии андоз ҳангоми муошират бо андозсупорандагон талаботи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва дигар талаботи муқарраршудаи соҳаи андозро бояд риоя намоянд.

**Ҷадвали 4. Миқдори шикоятҳои воридгардида тавассути рақами телефонии «151» ва почтаи электронии Кумитаи андоз**

**Table 4. The number of complaints received through the telephone number "151" and the e-mail of the Tax Committee**

| Минтақаҳо/солҳо | ВМКБ | Хатлон | Суғд | Душанбе | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | - | 22 | 15 | 29 | 21 | 87 |
| 2016 | - | 35 | 20 | 39 | 24 | 118 |
| 2017 | - | 48 | 39 | 49 | 31 | 167 |
| 2018 | 1 | 42 | 39 | 44 | 28 | 154 |
| 2019 | 4 | 79 | 71 | 89 | 67 | 310 |
| 2020 | 6 | 83 | 79 | 92 | 71 | 368 |

Таҳияи муаллиф мутобиқи ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2015-2020

Тавре мушоҳида мегардад, дар соли 2020 тавассути рақами телефонии «151» ва рақами телефонии боварии Раиси Кумитаи андоз 368 адад шикоят ворид шудааст, лекин, мутаассифона нисбат ба соли 2019 11,4% шикоятҳо, яъне 58 адад бештар гардидааст. Аз шумораи умумии шикоятҳо 298 адад шикоят оид ба саривақт иҷро накардани уҳдадориҳои ҳатмии мансабӣ ва дағалона рафтор намудани нозирони минтақавии андоз, 70 адад шикоят дар бораи бе қайд фаъолият намудани соҳибкорӣ дар мақомоти андоз ва аз тарафи соҳибкорон ҳангоми муомилоти пулӣ истифода нашудани МНХ ба ҳисоб меравад.

Қисми зиёди шикоятҳои дар ҳудуди минтақаҳо воридшаванда, шикоятҳое мебошанд, ки оид ба қарорҳо дар натиҷаи санҷишҳои андози камералӣ ва амалиётӣ қабул карда шудаанд. Шикоятҳо доир ба андозҳою пардохтҳо, аксар вақт бо ҳисобкунии нодурусти андоз, аз ҷониби андозсупорандагон нагирифтани огоҳиномаҳо оид ба пардохти андоз, маблағҳои қарзи андоз аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз пешбинишуда, инчунин, саривақт иҷро накардани ҳисоббаробаркуниҳо бо дархости андозсупорандагон алоқаманд мебошанд.

Аз ҷумла, пурра ҷорӣ намудани барномаҳои компютерии «**Системаи иттилоотии андоз**» тафсири нави «Баҳисобгирии андозҳои маҳаллӣ аз шахсони воқеӣ» ва «Идоракунии мониторинги қарзи андозҳо» имкон медиҳад, ки объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманди андозҳои маҳаллӣ пурра ба қайд гирифта шуда, минъбад андозбандӣ карда шаванд. Инчунин, рафти қабули қарорҳо оид ба маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо ва ҳолати иҷрои онҳо зери назорати пайвастаи

Кумитаи андоз қарор гирад. Дар баробари ин, ҳаҷми маблағи бақияи қарзи андозҳо тадриҷан кам карда шаванд [4,с.23].

Иттилоот барои таҳлили шумораи шикоятҳои қонеъшудаи андозсупорандагон дар Ҷумҳурии Тоҷкистон тамоюл мавҷуд нест, аммо бо назардошти арзиши ин додаҳо барои солҳои 2013-2019 дар баъзе минтақаҳо чунин мушоҳида мегардад, ки он аслан бетағйир мондааст. Маълумот дар бораи таносуби шикоятҳои қонеъшуда ва шумораи умумии мурожиатҳои баррасишуда оид ба амалӣ ва беамалии кормандони мақомоти андоз дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 5 инъикос шудааст.

**Ҷадвали 5. Миқдори шикоятҳои қонеъшуда ва баррасишудаи андозсупорандагон оид ба амалӣ ва беамалии кормандони мақомоти андоз дар солҳои 2015-2020 (бо %)**

**Table 5. The number of satisfied and considered complaints of taxpayers regarding the actions and inactions of tax authorities in 2015-2020 (in %)**

| Минтақа /сол | ВМКБ | | Хатлон | | Суғд | | Душанбе | | ШНТҶ | | Ҳамагӣ дар ҷумхурӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | қонеъшуда | баррасӣ | қонеъшуда | баррасӣ | қонеъшуда | баррасӣ | қонеъшуда | баррасӣ | қонеъшуда | баррасӣ | қонеъ | баррасӣ |
| 2015 | 34 | 17 | 49 | 17 | 45 | 16 | 46 | 32 | 41 | 26 | 43 | 21,6 |
| 2016 | 36 | 12 | 51 | 22 | 41 | 32 | 53 | 34 | 44 | 33 | 45 | 26.6 |
| 2017 | 49 | 22 | 52 | 18 | 55 | 26 | 49 | 28 | 49 | 37 | 50,8 | 29,8 |
| 2018 | 33 | 21 | 45 | 19 | 51 | 29 | 61 | 39 | 52 | 41 | 48,4 | 29,8 |
| 2019 | 31 | 19 | 44 | 23 | 47 | 23 | 51 | 35 | 48 | 29 | 44,3 | 25,8 |
| 2020 | 34 | 21 | 45 | 31 | 50 | 35 | 56 | 34 | 44 | 38 | 40,5 | 31,1 |

Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2015-2020.

Тамоюли индикатор аз рӯи минтақа фарқ мекунад. Дар аксарияти минтақаҳои таҳқиқшуда афзоиши ин нишондиҳанда ба назар мерасад. Фаъолияти кормандони баъзе мақомоти андоз хеле назаррас мебошанд, масалан, дар вилояти Суғд дар тули 12 моҳи соли 2020, нисбат ба соли 2019, шумораи шикоятҳои қонеъкардашудаи андозсупорандагон 3 банди фоиз коҳиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2021, дар маҷмуъ, тавассути самтҳои гуногун (телефонӣ, хаттӣ, электронӣ ва ғайра) ба мақомотҳои андози мамлакат тақрибан 289 шикоятҳо оид ба амалӣ ва беамалии кормандони андоз қабул карданд. Ба манфиати андозсупорандагон 41% шикоятҳо ҳал шуда, 23%-и баҳсҳо дар бораи маблағи андозсупорандагон қонеъ карда мешаванд.

Барои дар сатҳи дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, вайрон намудани талаботи «Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [11] ва «Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» [10] дар асоси 183 шикоят ва ба 113 корманди мақомоти андоз соли 2021 муҷозоти интизомӣ татбиқ гардидааст. Тибқи гузоришҳои раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ дар мувофиқа бо Кумитаи андоз, нисбати 70 шикоят ҷиҳати ислоҳ намудани камбудиҳо, бо кормандони мақомоти андоз корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, талаботи мурожиаткунандагон қонеъ гардонида шудаанд.

Сабабҳои асосии қонеъ гардонидани шикоятҳои андозсупорандагон ин нодуруст татбиқ шудани меъёрҳои қонунгузории андоз аз ҷониби мақомоти андоз, татбиқи вазъи сабуккунандаи масъулияти андозсупоранда, набудани заминаи далелҳои мувофиқ ва дигар сабабҳои қаноатмандӣ мебошад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз, пешбурди корҳои фаҳмондадиҳиву тавзеҳотӣ миёни андозсупорандагон тавассути гузаронидани семинар-машварат, вохӯриҳо ва бо истифода аз воситаҳои ахбори омма барномаҳои телевизионӣ мебошад, ки ба ин самти фаъолият роҳбарияти Кумитаи андоз пайваста диққати махсус зоҳир менамояд. Маҳз ба мақсади саривақт ба маълумоти

андозсупорандагон расонидани навгониҳои соҳа дар соли 2020 тибқи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андоз дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон зиёда аз 3833 семинар – машварат ва вохӯриҳо баргузор карда шуд, ки нисбати соли 2019 ба 433 адад, ё худ 13% зиёд мебошад [7].

**Ҷадвали 6. Самтҳои афзалиятноки хизматрасонии фаъолияти мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 6. Priority areas of service of tax authorities of the Republic of Tajikistan**

| № | Номгӯи хизматрасониҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1. | Шумораи семинару машваратҳо, адад | 1900 | 2081 | 2202 | 2330 | 2983 | 3400 | 3833 |
| 2. | Корҳои фаҳмондадиҳӣ бо воситаҳои ахбори омма, (адад) | 381 | 420 | 460 | 602 | 1383 | 775 | 834 |
| | *Инчунин :* | | | | | | | |
| а) | тавассути телевизионҳо, адад | 171 | 189 | 195 | 205 | 834 | 369 | 561 |
| б) | тавассути радиоҳо, адад | 76 | 84 | 91 | 149 | 202 | 216 | 321 |
| в) | тавассути маҷаллаҳо, адад | 133 | 147 | 174 | 248 | 347 | 190 | 267 |

Таҳияи муаллиф тибқи маводи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2014-2020.

Ҳамин тариқ, таҳлили мисолу далелҳо тасдиқ мекунад, ки андозсупорандагон, аз як тараф, бо мушкилоти мураккабии иҷрои уҳдадориҳои андоз, қонунгузории «бесифат»-и андоз ва нофаҳмии муқаррароти он дучор меоянд (мураккабии дарёфт ва дарки иттилоот, тафсирҳои духӯраи (шабеҳи) қонун; пайгирии саривақтии иттилоот бинобар тағйироту иловаҳои доимо воридшуда), аз тарафи дигар, муносибати беадолатонаи кормандони мақомоти андоз дар иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда, аз ҷумла бо андозсупорандагон ба истиснои назорати андоз бо роҳҳои дигар муносибат кардани онҳо монеъ мегардад.

Муносибатҳое, ки миёни мақомоти андоз ва андозсупорандагон, ташкил шудаанд аз рӯи мавқеи мобайнии равишҳои ҳокимият ва қонун, ба талаботи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити рақамикунонии иқтисод ҷавобгӯ нестанд.

Сарфи назар аз рушди бомуваффақият ва фаъолонаи иқтисоди рақамӣ ва афзалиятҳои он дар низоми маъмурикунонии андоз, дар самти ташкили маъмурикунонии муосири андозсупории рақамӣ ҳанӯз ҳам мушкилоти муайян мавҷуданд [6,с.234] (расми 1).

**Расми 1. Мушкилоти раванди рақамисозии маъмурикунонии андоз**

**Figure 1. Problems of the digitization process of tax administration**

**Мушкилоти рақамикунонии маъмурикунонии андоз**

Мушкилоти монеаи рақамикунонӣ ё хориҷкунии рақамии баъзе андозсупорандагон:
набудани имконият ё хоҳиши андозсупорандагон барои ҳамкории фосилавӣ бо мақомоти андоз

Мушкилоти амнияти ҳифзи маълумоти махфӣ:
қобилияти дастрасӣ ба маълумоти махфӣ тавассути ҳуҷумҳои хакерӣ бо назардошти кушода будани алоқаи электронӣ

Мушкилоти арзиш ва мураккабии раванди гузариш ба модели рақамии маъмурикунии андоз:
раванди гузариш метавонад якчанд сол тул кашад ва дар муддати кӯтоҳ хароҷоти рақамикунонии ҳам андозсупорандагон ва ҳам мақомоти андоз зиёд мешаванд

Мушкилоти зарурати интиқоли маълумот аз низомҳои иттилоотии пешина ба низомҳои нави хизматрасонӣ:
дар раванди интиқол, имконияти аз даст додани як қисми маълумот ё таҳрифи иттилоот истисно карда намешавад

Мушкилоти пешниҳодшудаи раванди рақамикунонии маъмурикунонии андоз на танҳо хусусияти технологӣ, балки инсонӣ низ доранд. Албатта, на ҳар як андозсупоранда бинобар маҳдудият ва хусусиятҳои молиявӣ ё шахсии худ, инчунин, дониш ва малакаи нокифо дар истифодаи технологияҳои компютерӣ имкон дорад аз технологияҳои иттилоотӣ истифода барад. Бо назардошти ин ҳолатҳо, барои чунин дараҷаҳои андозсупорандагон ҳамкории анъанавии худро бо мақомоти андоз нигоҳ медоранд.

Раванди маъмурикунонии рақамии андоз, ин вусъатдиҳӣ ва навсозии низомҳои иттилоотӣ мебошад, бинобар ин ҳангоми гузаштан аз низомҳои иттилоотии пешина ба низомҳои нав, мушкилоти интиқоли иттилоот ба миён меояд, ки метавонад боиси аз байн рафтан ё иваз шудани қисме аз маълумоти мавҷуда гардад. Инчунин, илова бар ин омил, зарурати пайвасткунии низомҳои гуногуни иттилоотии сохтор ва мақомотҳо, масалан, мақомоти гумрук, фондҳои нафақа ва ғайра низ бояд ба назар гирифта шавад [3,с.23].

Ҳамин тариқ, ҳалли ин мушкилот имкон медиҳад, ки низомҳои маъмурикунонии андоз ба сатҳи нави рушд гузарад ва мақомоти андоз эътибори мусбат ва боварии андозсупорандагонро ба даст оранд.

Бо мақсади такмил додани маъмурикунонии андоз дар заминаи рақамикунонӣ, маҷмуи чорабиниҳоеро муайян кардан мумкин аст, ки ба рушди иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунанд (расми 2).

**Расми 2. Тадбирҳо оид ба рушди иқтисодиёти рақамӣ**
**Figure 2. Measures for the development of the digital economy**




Ҳамаи ин чорабиниҳо аллакай дар сифати маъмурикунонии андоз натиҷаҳои мусбат дода истодаанд. Аз ҷумла, татбиқи хизматрасониҳои нави интернетӣ ва хизматрасонии интерактивӣ сатҳи қаноатмандии андозсупорандагонро аз сифати хизматрасониҳои давлатии пешниҳоднамудаи мақомоти андоз баланд мебардорад. Васеъ намудани доираи хизматрасониҳои электронӣ, ҳамкории байниидоравии электронии мақомоти андоз тавассути коҳиш додани хавфҳо, фароҳам овардани ташкили ягонаи иттилоотӣ ва ошкор сохтани нақшаҳои коррупсионӣ оид ба сифати маъмурикунонии андоз, таъсири судманд мерасонад.

Кулли ин иқдомҳои болозикр бешубҳа барои болоравии сатҳи самаранокии маъмурикунонии андоз дар минтақа таъсир расонида, тарзи ташкили он сифатан тағйир ёфтааст. Аммо ба вуҷуди ин, дар минтақаҳои ҷумҳурӣ баъзе мушкилотҳо ҷой дорад, ки ба ташкили маъмурикунонии рақамии андоз дар минтақа таъсир мерасонанд, ба ин омилҳо дохил мешаванд:

– сатҳи пасти саводнокии андозии андозсупорандагон. Зеро баъзе аз андозсупорандагон дониши лозимӣ дар самти технологияи иттилоотӣ надоранд, иҷрои уҳдадориҳои ихтиёрии худро ба шахсони дигар мегузоранд. Чунин вазъият бештар дар аҳолии деҳот, ки ҳамчун истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ мебошанд, мушоҳида мегардад;

– мавҷуд набудани инфрасохтори коммуникатсионӣ. Баҳогузории экспертии мо нишон медиҳад, ки дар минтақаҳо суръати таъмини аҳолӣ бо компютер ва дигар таҷҳизоти коммуникатсионӣ нокофия мебошад. Дар натиҷа, қисми зиёди андозсупорандагон дастрасӣ аз хизматрасониҳо маҳдудият доранд ва боз бо низоми анъанавӣ фаъолияти худро дар самти андозбандию андозпардозӣ ба роҳ мемонанд;

– арзиши хароҷот ва гаронии андоз хусусан интернет. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар манотиқи кишвар арзиши интернет нисбат ба мамлакатҳои ҳамсоя хеле (3-4 маротиба) гарон аст. Ба вуҷуди ин интернет - алоқа дар баъзе маҳаллҳо хеле бо сифати паст қарор дошта, имконияти андозсупорандаро дар самти истифодабарии хизматҳои электронии мақомоти андоз маҳдуд месозад.

Боиси зикр аст, ки мо ба нишондиҳандаҳои дигари самаранокии рушди маъмурикунонии андоз вобаста ба истифодаи технологияҳои нав ниёз дорем (ва ба интенсивӣ таҳия карда истодаем). Гарчанде ки ин нишондиҳанда ва ҳисобҳо метавонанд ба соҳаҳои гуногуни истифодаи технология робита дошта бошанд, аммо мутаасифона натиҷаҳо танҳо бо истифодаи баҳисобгирии мутамарказ ба даст оварда мешавад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДДҲБСТ - Дадоматов Д.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Алимов А.А. Налоговая реформа и налоговое бремя в условиях переходной экономики Таджикистана / А.А. Алимов, А.М. Маъмуров // Научное обозрение. Серия 1: Экономика и право. - 2011. -№6. -С.278-284.
2. Бабкин Ф.В. Электронная коммерция и новые организационные формы компаний / Ф.В. Бабкин // Менеджмент в России и за рубежом. - 2000. -№1. -С.121-130.
3. Маъмуров, А.М. Дурнамо ва самтҳои такмили низоми маъмурикунонии андоз бо мақсади таъмини амнияти андозии минтақа / А.М. Маъмуров // Ахбори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2021. -№1-2(86). –С.178-185.
4. Каъбатулло М. Истифодабарӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти андоз / М. Каъбатулло // Паёми андоз. -Душанбе, 2014. –С.12-14.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844. -Душанбе: Шарқи озод, 2022. - 395 с.
6. Майбуров И.А. Налоги в цифровой экономике. Теория и методология: монография: «Экономика» и «Финансы и кредит» / И.А. Майбурова, Ю.Б. Иванова. –М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2019. -279 с.
7. Маълумоти ҳисоботии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021.
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 1.12.2016 №636. - Душанбе -2016 -99 с. [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/uploads/strateg2030.pdf (санаи муроҷиат: 02.11.2022 с.).
9. Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Дар бораи татбиқ ва тартиби истифодаи нархҳои бозорӣ барои мақсадҳои андозбандӣ тавассути барномаҳои компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо» аз 15.08.2019, - №388.
10. Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз - 22.06.2017. -№270. [Манбаи электронӣ]. URL: www.andoz.tj (санаи муроҷиат: 22.07.2022 с.).
11. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11.08.2017, №916. [Манбаи электронӣ]. URL: www. president. (санаи муроҷиат: 05.10.2022 с.).
12. Ҷумъабоев, Х.Қ. Ҷамъоварии андоз ҳамчун нишондиҳандаи назоратии андоз дар сатҳи минтақа / Х.Қ. Ҷумъабоев, А.М. Маъмуров // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. -№4(28). –С.91-101.
13. Negroponte, N.f. (1995). Being digital. knopf.(Paperback edition, 1996, Vintage books. [Манбаи электронӣ]. URL: isbn 0-679-76290-6) (санаи ворид: 23.08.2022 с.).


## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР РАВАНДИ ҶОРИКУНИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТИИ РАҚАМӢ

Мақола ба таҳқиқи назариявии самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз дар раванди ҷорикунии технологияи иттилоотии рақамӣ равона шудааст. Дар мақолаи илмӣ ақидаҳои гуногуни олимони соҳа мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҷанбаҳои назариявии рушди маъмурикунонии андоз дар раванди ҷорикунии технологияи иттилоотии рақамӣ муайян карда шуд. Дар мақола, аз ҷониби

муаллиф вазъи раванди ҷорикунии технологияи иттилоотии рақамӣ дар минтақа, аз ҷумла, ҳолати самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми идоракунии андоз ва назарияи онро ба таври назаррас тағйир дода, имкон медиҳад, ки барои рушди маъмурикунонии андоз афзалиятҳои нав ба нав фароҳам оварад. Дар заминаи таҳқиқ нишондиҳандаҳои арзёбии технологияи иттилоотии рақамӣ низомбандӣ гардида, нишондиҳандаҳои сифатии фаъолияти мақомоти андоз ошкор карда шудаанд. Хулоса карда шуд, ки шароити муосири иҷтимоӣ ва иқтисодии рушди кишвар ба такмили технологияи иттилоотии рақамии нав ниёз дорад ва, пеш аз ҳама, низоми маъмурикунонии андозро дар самти баланд бардоштани саводнокии андозии андозсупорандагон оид ба технологияи иттилоотӣ тақозо менамояд.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти рақамии рақамикунонии муносибатҳои андозӣ, технологияи иттилоотӣ, маъмурикунонии андоз, мақомоти андоз, назорати андоз, шикоят, муроҷиат, хизматрасонии андозӣ.

## ПРИОРИТЕТЫ РАЗВИТИЯ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ВНЕДРЕНИЯ ЦИФРОВЫХ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

Статья направлена на теоретическое исследование приоритетных направлений развития налогового администрирования в процессе внедрения цифровых информационных технологий. В научной статье изучены различные мнения ученых отрасли, а также определены теоретические аспекты развития налогового администрирования в процессе внедрения цифровых информационных технологий. В статье автор существенно изменил статус внедрения цифровых информационных технологий в регионе, в том числе приоритетные направления развития налогового администрирования, использование информационно-коммуникационных технологий в системе налогового администрирования и его теории, которые позволяют разработать приоритеты налогового администрирования. В контексте исследования выявлены показатели оценки цифровых информационных технологий, показатели качества деятельности налоговых органов. Сделан вывод о том, что современные социально-экономические условия развития страны требуют совершенствования новых цифровых информационных технологий и, в первую очередь, системы налогового администрирования с целью повышения налоговой грамотности налогоплательщиков в отношении информационных технологий.

**Ключевые слова:** цифровая налоговая экономика, информационные технологии, регион, налоговое администрирование, налоговые органы, налоговые отношения, налоговый контроль, жалобы, обращения, налоговые услуги.

## PRIORITIES FOR THE DEVELOPMENT OF TAX ADMINISTRATION IN THE PROCESS OF INTRODUCING DIGITAL INFORMATION TECHNOLOGIES

The article is aimed at a theoretical study of priority areas for the development of tax administration in the process of introducing digital information technologies. The scientific article examines the various opinions of industry scientists, as well as defines the theoretical aspects of the development of tax administration in the process of introducing digital information technologies. In the article, the author significantly changed the status of the introduction of digital information technologies in the region, including priority areas for the development of tax administration, the use of information and communication technologies in the tax administration system and its theory, which allows developing tax administration priorities, creating a new one. In the context of the study, indicators for evaluating digital information technologies, indicators of the quality of the activities of tax authorities were identified. It is concluded that the current socio-economic conditions of the country's development require the improvement of new digital information technologies and, first of all, the tax administration system in order to increase the tax literacy of taxpayers in relation to information technologies.

**Keywords:** digital tax economy, information technology, region, tax administration, tax authorities, tax relations, tax control, claims, appeals, tax services.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маъмуров Анварҷон Маҳмудҷонович*** - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микрорайони 17, бинои 1. Телефон: **(+992) 117-71-17-17**. E-mail: **a.mamurov1974@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Мамуров Анваржон Махмуджонович*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, г. Худжанд, кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. Телефон: **(+992) 117-71-17-17**. E-mail: **a.mamurov1974@mail.ru**

**Information about the author:** ***Mamurov Anvarjon Mahmudjonovich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Taxes and Taxation. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, building 1. Phone: **(+992) 117-71-17-17**. E-mail: **a.mamurov1974@mail.ru**

ТДУ: 332.143

# ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ НИЗОМИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Халифазода С., Абдураҳмонов М.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба маъмурикунонии давлатӣ, махсусан дар қисмати маъмурикунонии андозҳо, дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқии ба танзимдароварандаи он, инчунин, дуруст роҳандозӣ намудани татбиқи амалии маъмурикунонӣ бисёр муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар гардидани меъёрҳои дақиқ ва мукаммали қонунгузорӣ, ки муносибатҳои мақомоти андоз ва андозсупорандагонро танзим менамоянд шарт ва заминаи асосии таъмини самаранокии маъмурикунонии андоз мебошад. Қонунгузории андоз ва маъмурикунонии андозҳо сода, шаффоф ва осонии пардохти андозҳоро бояд дар он сатҳе таъмин карда тавонанд, ки бо роҳи канораҷӯӣ аз ҳисоб ва пардохти андозҳо андозсупорандагон манфиатҷӯӣ набошанд ва барои онҳо чунин кирдорҳо номуносиб ва ғайри қобили қабул бошад. Саркашӣ аз пардохти андозҳо ва ғайриқонунӣ машғул гардидан ба фаъолияти соҳибкориро ҳамчун хиёнат ба ватан ва бемасъулиятӣ дар иҷрои қарзи шаҳрвандии худ дар назди ҷомеа эҳсос намоянд.

Вобаста ба маъмурикунонӣ, дар ташаккули афкор, қавонин ва расмиёти пешгирии қонунвайронкуниҳо, махсусан дар мавриди ҷамъоварии молиёт ба хазина, аҷдодони мо дастовардҳое доштанд, ки аз замони худ ҳазорсолаҳо пеш гузашта, ҳатто барои кишварҳои имрӯзаи ғарбӣ намунаи ибрату пайгирӣ гардидаанд.

Ҳанӯз дуюним ҳазор сол қабл Дориюши Бузург (солҳои ҳукмрониаш 522-486 то мелод) ғояҳои барои замони худ фавқулодда пешқадамеро дар мавриди дуруст ба роҳ мондани назорат ва маъмурикунонии боҷу хироҷҳо ва пешгирии сӯистифода аз мансаб дар хизмати давлатӣ, бахусус дар соҳаи андоз, баён намудааст. Аз ҷумла, дақиқ набудани доираи ваколат ва чаҳорчӯбаи салоҳиятҳои шахсони мансабдор, ҳамзамон, имконпазирии тамоси бемаҳдуди онҳоро бо мардум ҳамчун замина барои худсарию худкомагӣ ва сӯиистеъмол аз мансаб ҳисобида, шоҳ Дориюш дар насиҳатнома ба валиаҳди худ дастур медиҳад: «Ҳаргиз уммоли девонро ба мардум мусаллат накун. Барои он, ки уммоли девон бо мардум мусаллат нашаванд, барои молиёт қонуне вазъ кардам, ки тамоси онҳоро бо мардум хеле кам кардааст ва агар ин қонунро ҳифз кунӣ, уммоли ҳукумат бо мардум зиёд тамос нахоҳанд дошт» [2,с.25].

Мавриди зикр аст, ки ҳаддалимкон коҳиш додани имконпазирии тамоси маъмурини давлатӣ бо аҳолӣ ҳамчун воситаи муҳимми пешгирии қонунвайронкуниҳо айни ҳол дар асноду барномаҳои миллию байналмилалӣ қайд гардида, бо ин мақсад аз хизматрасониҳои электронӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла маъмурикунонии андоз истифода бурда мешавад [9,с.273-281].

Маъмурикунонии андоз доимо ба такмил ниёз дошта, барои расидан ба сатҳи муносиби маъмурикунонӣ, ки талаботи андозсупорандагон ва давлатро қонеъ карда тавонад, бояд робитаи мустақим бо андозсупорандагон ва дахолати беасосу барзиёд ба фаъолияти онҳо маҳдуд, аз ҷониби дигар мақомоти андоз имконият дошта бошад, ки аз ваколатҳои худ барои анҷом додани назорати риояи қонунгузории андоз истифода карда тавонад [3,с.65-73].

Яъне, дар шароити муосир танзими давлатии муносибатҳои андозӣ ва ҷорӣ намудани низоми муосири маъмурикунонии андозҳо зарур ва муҳим арзёбӣ гардида, оқилона таҳрезӣ намудани он имконият медиҳад, ки самаранокии фаъолияти субъектҳои дар раванди маъмурикунонии андозҳо иштироккунанда, таъмин гардад.

Дар сатҳи қонунгузорӣ ва иҷрои уҳдадории пардохти андозро тавассути баланд бардоштани сифати амалияи институтсионалии байни андозсупорандагон ва мақомоти танзимкунанда, пеш аз ҳама, мақомоти андоз, бо роҳи баланд бардоштани масъулияти

кормандони мақомоти андоз дар иҷрои уҳдадориҳои мансабиашон ва сатҳи дониши андозӣ ва фарҳанги андозсупории шаҳрвандон–андозсупорандагон барои риояи қонунгузории андоз, дар баробари ин фароҳам овардани фазои муносиб барои фаъолияти субъектҳои дар ҷараёни маъмурикунонии андозҳо иштирокунанда, ба даст овардан мумкин аст.

Муҳимтарин ҷузъи дигаргунсозиҳо дар самти маъмурикунонии андоз бояд аз он иборат бошад, ки андозсупорандагонро барои иҷрои уҳдадориҳои андозиашон ҳавасманд намуда, нисбати андозсупорандагоне, ки аз ҳисоб ва пардохти андозҳо ба буҷет канораҷӯӣ менамоянд, маъмурикунониро (бо роҳи гузоштани маҳдудиятҳо дар хизматрасониҳо, татбиқи шаклҳои гуногуни ҷавобагириҳо ва ғайра) пурзӯр намояд.

Ҳанӯз дар даврони худ иқтисодчии машҳури англис Ҷон Кейнс қайд карда буд, ки «...дар ҳолати муваффақ гаштан ба шуғли пурра ва пурмаҳсули аҳолӣ чораҳои ҳавасмандкунии иқтисодӣ оид ба ҷалби бештари сармояҳои хусусӣ, низоми молиякунонии давлатӣ, azнавтақсимкунии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ, тавассути такмили низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он таъмин карда мешавад...» [5]. Ё ин, ки Толкачев О.А. қайд кардааст, ки “.... маъмурикунонии такмилёфтаи андоз, ин хубтар ба роҳ мондани татбиқи амалии сиёсати андоз мебошад. Барои он, ки сиёсати молиявии давлат самаранок амал намояд, бояд системаи маъмурикунонии андоз чунон ба роҳ монда шавад, ки низоми амалии он воридоти андозҳоро ба буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда тавонад” [7,с.330-333]. Баҳсу мунозираҳо дар бораи зарурати танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз гуногунранг мебошад. Ба андешаи О.В. Гордеев: «...унсурҳои асосии таркибии танзими давлатии низоми маъмурикунонӣ: низоми андоз ва андозбандӣ, банақшагирӣ ва ояндабинӣ, афзалияти иқтидори андози кишвар, назорату санҷишҳои андозӣ, ҳуқуқи низоми андозбандӣ ва иҷроиши қонунгузории он ба ҳисоб меравад...» [4,с.32].

Танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз қисми ҷудонашавандаи раванди идоракунии муносибатҳои андозӣ буда, барои татбиқи амалии консепсияи сиёсати андозӣ равона карда шудааст. Вай аз «...таҳияи муфассал ва дарёфти роҳҳои иҷрои нақшаҳои андозӣ, ҷорӣ намудани низоми муосири маъмурикунонии он ва ташаккули низоми мавҷудаи андозбандӣ бо мақсадҳои танзими низоми нарх, вазифаҳои фискалӣ - назоратии андоз нигаронида шуда, дар он нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ гирд оварда шудааст».

Солеҳзода А.М. қайд намудааст, ки мақсади асосии танзими давлатии маъмурикунонии андоз, беҳтар намудани муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳо дар доираи муносибатҳои андозӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва баланд бардоштани обрӯйи давлат дар арсаи байналхалқӣ дар ҳамин самт мебошад. “Таърихи имрӯзаи танзими андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди система ва усулҳои идоракунии андоз, ба азнавсозӣ ва такмили ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ - сохтории фаъолияти субъектҳои дар ҷараёни маъмурикунонии андозҳо иштирокунанда нигаронида шудааст” [6,с.5-6].

Дар ҳақиқат, аз нуқтаи назари мо низ низоми андозбандӣ ҳамчун унсури муҳимми идоракунӣ, бештар вазифаҳои фискалӣ - хазинавӣ ва назоратию санҷиширо дар сиёсати андозӣ иҷро менамояд. Дар баробари ин, танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз - ин маҷмуи чораҳо ва меъёрҳои муайяни қонунгузорӣ, иҷроия ва назорату санҷишие мебошад, ки бо мақсади таъмини самаранокии рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, инчунин, фаъолияти самараноки мақомоти андоз ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон равона карда мешавад. Он ҳамчун ҷузъи муҳимтарини сиёсати молиявии давлат ба ҳисоб рафта, бо мақсади ҳавасмандгардонӣ ва ташкили фазои рақобатпазирии соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармояҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва бартараф намудани нобаробариҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ истифода бурда мешавад.

Шарти муҳимми самаранокии маъмурикунонии андоз, дар қонунгузорӣ муқаррар намудани меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои мақомоти андоз ва андозсупорандагон мебошад. “Аз нуқтаи назари андозсупорандагон қонунгузории андоз бояд осон, фаҳмо ва ҳисобу пардохти андозҳоро сода гардонида, ба канораҷӯи аз

ҳисоб ва пардохти андозҳо ва рӯй овардан ба фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ мусоидат нанамояд. Аз ҷониби дигар хароҷотҳои давлатро барои маъмурикунонии андоз, аз ҷумла нигоҳдории мақомоти андоз ва амалӣ намудани ҳамаи унсурҳои маъмурикунонии андозҳо, то ҳадди ниҳоӣ кам намояд” [7,с.330-333].

Мақсад аз маъмурикунонии андозҳо ноил шудан ба ҳадафи баландтарини воридоти андозҳо ба буҷет, бо хароҷотҳои камтарини амалӣ намудани маъмурикунонӣ бо шарти таъмини ҳамоҳангии вазифаҳои батанзимдарорӣ ва назоратии андоз мебошад.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ масъалаи такмили низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимми танзими давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Танзими давлатии ҳар як муносибатҳои иқтисодӣ истифодаи фишангҳои муайянеро талаб менамояд. Аз ҷумла, низоми маъмурикунонии андоз дар раванди амалисозии сиёсати андозӣ бо ёрии фишангҳои гуногун танзим карда мешавад.

Дар раванди амалӣ намудани маъмурикунонии андоз ду масъалаи асосиро бояд аз ҳам ҷудо намуд:

- маблағҳои андозӣ ба сифати захираҳои асосии молиявии давлатӣ баромад карда, эҳтиёҷоти давлатро барои иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаашбуда таъмин менамояд;

- нодуруст амалкарди низоми андоз ба нодуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии он, хатар ва омилҳои таҳдидкуниро барои давлат ва фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ эҷод менамоянд.

Ба нишондиҳандаҳои асосии таҷассумкунандаи сатҳи танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз, аз ҷумла, барзиёд иҷро намудани нақшаи ҷамъоварии андозҳо, ошкор, бартараф ва дар оянда пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андоз, самаранокии назорату санҷишҳои андозӣ, кам намудани бақияпулиҳои андоз, натиҷабахшии чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва самаранокии идоракунии фаъолияти кормандони мақомоти андоз дохил мешаванд.

Бар замми ин, сиёсати андозӣ бояд мувозинати байни манфиатҳои давлат ва андозсупорандагонро таъмин намояд. Дар ин маврид, вазифаи фискалии давлат нақши танзимкунанда ва ҳавасмандкуниро ба зимма дошта, он бояд тибқи таъинот ва мақсадҳои муайян истифода бурда шавад.

Зарурат ба қайд аст, ки ҳоло ҳам сатҳи ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет қаноатмандкунанда набуда, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондани назорати андозӣ махсусан дар қисмати баҳисобгирии пурраи объектҳои андозӣ алоқаманд мебошад. Айни замон, камбудиҳо дар ин самт назаррас буда, сари вақт наандешидани чораҳо боиси касри буҷети давлатӣ ва иҷро нагардидани баъзе аз уҳдадориҳои давлат дар назди аҳолӣ шуда метавонад. Дар баробари ин, омили дигаре, ки то андозае ба самаранокии танзими давлатии маъмурикунонии андоз таъсири манфӣ мерасонад, нодуруст баҳогузорӣ намудани иқтидорҳои андозӣ, набудани омори мукаммал ва асоснок оид ба таъсиси корхонаҳои нав ва фаъолият доштан ё надоштани онҳо, асоснокии ҳисоботҳо оид ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин, вобаста ба шаҳру ноҳияҳо нодуруст баҳогузорӣ кардани иқтидори андозӣ, дар интиҳо боиси нодуруст тақсим шудани ҳадди гаронии андоз дар шаҳру ноҳияҳои алоҳида ва дар баробари ин зиёд шудани гаронии андозҳо ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар ҳамин минтақаҳо фаъолияткунанда, дар маҷмуъ, ба монеа ба рушди соҳаҳои иқтисодиёт мегардад.

Аз нигоҳи бехатарии молиявӣ, сиёсати андозӣ ва низоми маъмурикунонии андоз ба ҳалли се вазифаи асосӣ, таъмини давлат бо захираҳои пулӣ, танзими иқтисодиёт ва ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст [7,с.330-333]. Камбудиҳо дар низоми маъмурикунонии андоз боиси ба амал омадани хатарҳои молиявӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ гардида, бояд сари вақт бартараф карда шаванд. Ин камбудиҳо дар навбати худ, аз ҷумла аз чунин омилҳо вобастагии калон доранд:

- маҳдуд намудани дахолати беасоси кормандони мақомоти андоз ба фаъолияти андозсупорандагон;

- ноустувории низоми андозбандӣ ва номукаммалии сатҳи маъмурикунонии он;

- тафриқанокии зиёди меъёрҳои андоз аз рӯйи як намуди андоз барои соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ;

- бе анҷом додани амалиётҳои андозбандишаванда, бо мақсади канораҷӯӣ аз ҳисоб ва пардохти андозҳо таҳия намудани ҳисобнома – фактураҳои ААИ (амалиётҳои моҳияти иқтисодӣ надошта);

- зиёд муқаррар гардидани имтиёзҳои андозӣ, аз ҷумла хусусияти инфиродӣ дошта;

- афзоиши фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ (иқтисоди пинҳонӣ) ва канораҷӯӣ аз ҳисобу пардохти андозҳо, дар натиҷа ба миён омадани рақобати носолим байни субъектҳои соҳибкорӣ ва дар ҳолатҳои алоҳида қатъ шудани фаъолияти соҳибкорони бомасъулият;

-дар сатҳи зарурӣ ҷорӣ нагардидани назорати электронии фаъолияти андозсупоранда бинобар маҳдуд будан ва дастрасӣ надоштани субъектҳои дар ҷараёни маъмурикунонии андоз иштироккунанда ба технологияҳои муосир, шабакаи интернет ва ғайра.

Дар доираи Барномаи маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011–2019 (БРМА) имконият фароҳам омад, ки бо мақсади назорати дурусти андозӣ ва қабули саривақтии ҳисоботҳои андозӣ дар шакли электронӣ, низоми иттилоотии баҳисобгирӣ ва назорати андоз, ташкили махзани ягонаи иттилоотӣ дар мақомоти андоз ба роҳ монда шуда, давра ба давра такмил дода шавад [8].

Барои мукаммал намудани барномаҳои иттилоотии Кумитаи андоз, ки айни замон, тавассути онҳо маъмурикунонии андозҳои алоҳида амалӣ шуда истодааст, Кумитаи андоз тайи солҳои охир кӯшишҳои зиёд намуда, мунтазам навовариҳоро роҳандозӣ менамояд.

Дар самти беҳтар намудани маъмурикунонии андозҳо ва сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ҷорӣ намудани технологияи муосири иттилоотӣ ва дар ин замина таҳия ва мавриди амал қарор додани барномаҳои компютерӣ, такмили дониши касбии кормандон, таъмини арзёбии самараноки фаъолияти мақомоти андоз, беҳтар намудани ҳамкориҳои мақомоти андоз бо дигар мақомоти дахлдор ва андозсупорандагон як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд.

Гарчанде дар самти маъмурикунонии андозҳои алоҳида ба комёбиҳо ноил гардида бошем ҳам, аммо чораҳои андешида ҳоло ҳам ба такмил зарурат дошта, камбудиҳо зиёданд ва дар давраҳои минбаъда, маъмурикунонии андозҳо бояд тамоми самтҳои фаъолияти мақомоти андозро фаро гирад.

Айни замон, ҷиҳати сода ва дастрас намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон, таъмини рушди мунтазами маъмурикунонии андоз, ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ ва беҳсозии минбаъдаи муносибатҳои андозӣ дар байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз, дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020–2025 қабул гардид [8].

Дар банди 10 БМА қайд гардидааст, ки “Айни ҳол самаранокии маъмурикунонии андоз дар минтақаҳои ҷумҳурӣ асосан аз рӯйи сатҳи ҷамъоварии андозҳо арзёбӣ мешавад ва сари вақт ба буҷет пардохт шудани андозҳо барои муайян намудани натиҷаи самаранокии системаи идоракунии андоз нишондиҳандаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҳолати мазкур аслан ба он вобаста аст, ки маъмурикунонии андоз на ба принсипи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, балки ба танзими маъмурии муносибатҳои андозӣ асос ёфтааст” [10].

Тибқи барномаи мазкур самтҳои асосии рушди маъмурикунонии андоз то соли 2025 аз инҳо иборат мебошанд:

- бо роҳи рушди маъмурикунонии андоз, фароҳам овардани муҳити рақобати солим ва коҳиш додани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ;

- рушди системаи автоматикунонидашудаи маъмурикунонии андоз, ба роҳ мондани ҳамкории фосилавӣ бо андозсупорандагон ва мақомоти давлатӣ кам кардани истифодаи ҳуҷҷатҳои коғазӣ;

- баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон;

- беҳтар намудани сифати фаъолияти мақомоти андоз.

Аз нуқтаи назари мо, барои расидан ба натиҷаҳои назаррас ҳалли масъалаҳои зерин дар доираи БРМА бамаврид аст:

- дуруст ба роҳ мондани банақшагирӣ ва пешгӯии андозҳо бо назардошти иқтидори андозии минтақаҳо;

- дар самти маъмурикунонии андозҳо вобаста ба анҷом додани назоратҳои андозӣ мавқеи асосиро системаи арзёбии хавфҳо мебозад. Гарчанде меъёрҳои баҳодиҳии эҳтимолии хавфҳои андоз муқаррар гардида бошанд ҳам, аммо ҳамоҳангии онҳо дар доираи системаҳои иттилоотии мақомоти андоз дуруст ба роҳ монда нашуда, қисман маълумотҳо ҳоло ҳам тариқи электронӣ коркард карда намешаванд, ки сади роҳи самаранокии корҳои назоратӣ ва монеа дар сари вақт ислоҳ намудани қонунвайронкуниҳои андоз гардида истодааст. Зарур аст, ки вобаста ба сатҳи хавф ва гурӯҳҳои андозсупорандагон принсипҳои асосии назорат муайян карда шаванд;

- такмил додани системаи арзёбии хавфҳо ва пешгирӣ кардани ҳолатҳои саркашӣ аз пардохти андозҳо бо роҳи огоҳ намудани андозсупорандагон.

- ҳавасманд намудани соҳибкорон барои истифодаи ДНХ ва тариқи ғайринақдӣ ба роҳ мондани ҳисобаробаркуниҳо барои хариди мол, кор ва хизматрасониҳо;

- бо мақсади сода ва камхарҷ намудани пардохти андозҳо, инчунин, сарфаи вақти андозсупоранда воридоти тамоми андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба суратҳисоби ягона анҷом дода шуда, дар доираи қонунгузории буҷет аз ҷониби мақомоти молия тақсими ин маблағҳо ба роҳ монда шавад;

- дар қонунгузории андоз пешбинӣ кардани муқаррарот оид ба ҳавасмандгардонии андозсупорандагон барои иҷрои дуруст ва саривақтии уҳдадориҳои андозӣ.

Ҳамин тавр, аз нигоҳи мо, камбудиҳои асосӣ дар самти маъмурикунонии андозҳо аз инҳо иборат мебошанд, аз ҷумла:

-таъмин нагардидани иҷрои талаботи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пурра дар шакли электронӣ роҳандозӣ нагардидани ҳамгироии итилоотӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, аз ҷумла хизматрасониҳои мақомоти андоз [10];

- дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани ҳамкориҳои байниидоравии мақомоти давлатии дар ҷараёни маъмурикунонии андоз иштироккунанда, фароҳам наовардан ва ташкил накардани базаи модии техникии мақомотҳои дахлдор ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамгироии электронии маълумотҳо бо мақомоти андоз;

- ҷой доштани камбудиҳо дар хизматрасониҳои электронӣ ба андозсупорандагон, роҳ додан ба кашолакориҳо ва беасос гузоштани монеаҳо дар ин самт;

- таҳияи низоми мукаммал ва асосноки арзёбии танзими меъёрҳои андозҳо ва таъсири онҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ;

- ҷорӣ нагардидани баҳисобгирии пурраи имтиёзҳои истифодашудаи андозӣ ва баҳодиҳии самаранокии онҳо, бекор накардани имтиёзҳои бесамар бо ҷамъбасти солҳои ҳисоботӣ;

- зиёд будани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ, яъне фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ бе қайд дар мақомоти андоз;

- танзими амалисозии хароҷотҳои давлатӣ барои идоракунии мақомоти андоз ва бо хароҷотҳои нисбатан паст ҷамъоварии маблағҳои андозӣ;

- нокифоя будани дониши андозӣ ва ҳуқуқии андозсупорандагон, андешидани чораҳо ҷиҳати ислоҳи он;

- маҳдуд будани имкониятҳои истифода аз технологияҳои муосир барои интиқол ва мубодилаи иттилоот;

- бо андозбандӣ фаро гирифтани тамоми объектҳо ва манбаъҳои андозбандӣ, давра ба давра ба роҳ мондани назорати электронии андозӣ ва маҳдуд намудани санҷишҳои андоз, фароҳам овардани шароит барои худислоҳкунии қонунвайронкуниҳои андози эҳтимолии ҷойдошта.

Хулоса, танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати давлатии низоми андозбандӣ, бояд дар сатҳе таъмин карда шавад, ки натиҷаи он тайи даҳсолаҳои охир самаранокии фаъолияти мақомоти андоз ва воридшавии бештари маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетро таъмин намояд.

Дар амалисозии ин раванд, андешидани чораҳои зерин аз манфиат холӣ нест:

- маъмурикунонии андоз бо истифода аз технологияҳои муосир роҳандозӣ карда шавад;

- маъмурикунонии андоз бояд дурустӣ ва бо пуррагӣ баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқамандро фаро гирифта, бо дарназардошти муқаррароти қонунгузории андоз бояд фаъолияти андозсупоранда ва корманди мақомоти андозро мустақиман назорат намояд;

- беҳтар намудан ва зиёд кардани шумораи хизматрасониҳои электронӣ бо андозсупорандагон ва ба роҳ мондани ҳамкории фосилавӣ бо онҳо;

- дар дастурамалҳои мансабӣ, дуруст ва аниқ муқаррар кардани вазифа ва уҳдадориҳои ҳар як корманди мақомоти андоз, вобаста ба мансаби ишғолнамудааш ва дар доираи онҳо ба роҳ мондани фаъолияти онҳо, бо мақсади пешгирии ҳолатҳои такрорёбии амалҳои онҳо ҳангоми иштирок дар ҷараёни маъмурикунонии андоз ва анҷом додани назоратҳои андоз;

- аз байн бурдани тартиби вобастакунии нозирони алоҳида ба гурӯҳи андозсупорандагон;

- анҷом додани назоратҳои андозӣ бо истифода аз технологияҳо ва барномаҳои муосир, ки робитаи мустақими кормандони мақомоти андоз бо андозсупорандагонро маҳдуд намуда, назорати андозро беҳтар ва самараноктар мегардонад;

- бо роҳи такмили қонунгузорӣ ва беҳтар намудани маъмурикунонӣ пешгирии фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ, баланд бардоштани сатҳи ҷавобгарӣ барои фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ ва коҳиш додани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ;

- ба андозсупорандагон фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳояшон дар муносибатҳои андозӣ ва баланд бардоштани интизоми андозсупории онҳо;

- назорат ва мониторинги амалиётҳои байни андозсупорандагон ва мақомоти давлатӣ, бахусус мақомоти андоз ва дигар муассисаҳои дахлдори давлатӣ, ки дар муносибатҳои андозӣ бевосита иштирок менамоянд, дар доираи «ҳукумати электронӣ» тавассути низоми ҳамгироии иттилоотии андоз оид ба баҳисобгирӣ, назорат ва мониторинги амалиёти мақомоти давлатӣ ва андозсупорандагон ба таври автоматӣ дар реҷаи мустақим (онлайн) амалӣ карда шавад;

- дар доираи ҳукумати электронӣ табодули маълумот байни мақомоти андоз ва дигар мақомотҳои давлатӣ ба таври лозимӣ ва зарурӣ ба роҳ монда шуда, натиҷаи корҳои назоратии мақомоти андоз бо мақсади дар оянда пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андоз бояд дастрасии шаҳрвандон - андозсупорандагон бошад.

Тадқиқоти гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои асосии зерин барорем:

- низоми маъмурикунонии андоз дар минтақаҳои кишвар, дар заминае ба роҳ монда шавад, ки шароитҳои хубтарро барои фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва субъектҳои хоҷагидорӣ ва ба воридшавии ҳаҷми бештари маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ мусоидат намояд;

- ҳангоми роҳандозӣ намудан ва такмили низоми маъмурикунонии андоз хусусиятҳои минтақаҳои кишвар ва рушди иқтисодӣ-иҷтимоии онҳо, принсипҳо ва вазифаҳои асосии назорати андозӣ, бахусус, назоратҳои камералӣ ва санҷишҳои сайёри андозӣ, соҳаҳои фаъолият ба назар гирифта шаванд;

- ҳангоми танзими давлатии ташаккул ва рушди низоми маъмурикунонии андоз, нишондиҳандаҳои самараноки фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва назорати андозӣ ба инобат гирифта шавад;

- номутобиқатӣ ва номутаносибӣ дар шумораи андозсупорандагон нисбат ба кормандони мақомоти андоз ба афзоиши хароҷоти иловагии низоми маъмурикунонии андоз ва раванди воридоти маблағҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет таъсири манфӣ мерасонанд.

Дуруст муайян намудани самти маъмурикунонии андоз, ҷорӣ кардани расмиёти содакардашудаи маъмурикунонӣ ва фароҳам овардани имконияти иҷрои уҳдадориҳои андозӣ дар шакли электронӣ, алоқаи мустақим бо корманди мақомоти андоз аз байн рафта, дар натиҷа вақт ва мутаносибан хароҷоти андозсупорандагон барои иҷрои уҳдадориҳои андозӣ сарфа карда шуда, назорати андоз беҳтар мегардад. Дар баробари ин, имконият фароҳам меояд, ки иқтисоди пинҳонӣ маҳдуд карда шуда, ташаббуси субъектҳои соҳибкорӣ барои дар доираи қонунгузорӣ ба роҳ мондани фаъолият зиёд гардад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Собирзода Н.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019 тасдиқ шудааст.
2. Васиятномаи шоҳ Дориюш // Неруи сухан. - 25 сентябри соли 2003, №34.
3. Воронов А.М. Государственное администрирование в области налогов и сборов: правовой аспект / А.М. Воронов // Финансы: теория и практика. –М., 2013. -73 с.
4. Гордеева О.В. Эффективное налоговое регулирование социально-экономического развития регионов: автореферат на соискание кандидата экономических наук / О.В. Гордеева. –Самара, 2009. -32 с.
5. Кейнс Д.М. Общая теория занятости, процента и денег. [Электронный ресурс]. URL: http://for-ex.at.ua/load/l-l-0-2. (дата обращения: 5.10.2022).
6. Солехзода А.М. «Триггерный» подход к администрированию налогов в Республике Таджикистан». Монография / Солехзода А.М. -Ставрополь: Логос, 2020. -6 с.
7. Толкачев О.А. Налоговое администрирование как современный этап налоговой реформы / О.А. Толкачев // Молодой ученый. - 2014. -№17(76). -333 с.
8. Халифазода М.Н. Ташаккули сиёсати миллии зидди коррупсионӣ дар даврони истиқлолият / Халифазода М.Н. // Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ. –Душанбе, 2021. -281 с.
9. Хочуев В.А. Налоговое администрирование как особый инструмент обеспечения экономической безопасности России / В.А. Хочуев // Научные ведомости. – 2009. -№1(56).


## ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ НИЗОМИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур танзими давлатии низоми маъмурикунононии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароти муосир баррасӣ гардидааст. Имрӯз барои мукаммал намудани барномаҳои иттилоотии Кумитаи андоз, ки айни замон тавассути онҳо маъмурикунонии андозҳои алоҳида амалӣ шуда истодааст, Кумитаи андоз тайи солҳои охир кӯшишҳои зиёд намуда, мунтазам навовариҳоро роҳандозӣ менамояд. Дар самти беҳтар намудани маъмурикунонии андозҳо ва сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ҷорӣ намудани технологияи муосири иттилоотӣ ва дар ин замина таҳия ва мавриди амал қарор додани барномаҳои компютерӣ, такмили дониши касбии кормандон, таъмини арзёбии самараноки фаъолияти мақомоти андоз, беҳтар намудани ҳамкориҳои мақомоти андоз бо дигар мақомоти дахлдор ва андозсупорандагон як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд. Гарчанде дар самти маъмурикунонии андозҳои алоҳида ба комёбиҳо ноил гардида бошем ҳам, аммо чораҳои андешида ҳоло ҳам ба такмил зарурат дошта, камбудиҳо зиёданд ва дар давраҳои минбаъда, маъмурикунонии андозҳо бояд тамоми самтҳои фаъолияти мақомоти андозро фаро гирад. Хулоса танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати давлатии низоми андозбандӣ, бояд дар сатҳе таъмин карда шавад, ки натиҷаи он тайи даҳсолаҳои охир самаранокии фаъолияти мақомоти андоз ва воридшавии бештари маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетро таъмин намояд.



**Калидвожаҳо:** танзими давлатии андоз, санҷишҳои сайёри андозӣ, фаъолияти андозсупоранда, технологияи муосири иттилоотӣ, сиёсати фискалӣ, пардохтҳои ҳатмӣ, уҳдадориҳои андозӣ.


## ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В статье рассматривается государственное регулирование налогового администрирования в Республике Таджикистан в данном периоде. Сегодня в целях совершенствования информационных программ Налогового комитета, посредством которых в настоящее время осуществляется администрирование отдельных налогов, Налоговый комитет за последние годы приложил много усилий и регулярно внедряет новшества. В целях совершенствования администрирования налогов и уровня обслуживания налогоплательщиков внедрение современных информационных технологий и разработка и внедрение в связи с этим компьютерных программ, повышение профессиональных знаний работников, обеспечение эффективной оценки деятельности налоговых органов, совершенствование взаимодействия между налоговыми органами и другими соответствующими органами, и налогоплательщиками, выполнен ряд работ. Хотя мы добились успехов в администрировании отдельных налогов, принимаемые меры еще нуждаются в совершенствовании, есть много недостатков, и в последующие периоды налоговое администрирование должно охватить все сферы деятельности органов власти по сбору налогов. Таким образом, государственное регулирование системы налогового администрирования, как

важной части государственной политики налоговой системы, должно быть на уровне, обеспечивающем эффективность деятельности налоговых органов и поступление налоговых средств и других обязательных платежей в бюджет за последние десятилетия.

**Ключевые слова:** государственное налоговое регулирование, выездные налоговые проверки, деятельность налогоплательщика, современные информационные технологии, фискальная политика, обязательные платежи, налоговые обязательства.

**STATE REGULATION OF TAX ADMINISTRATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article discusses the state regulation of tax administration in the Republic of Tajikistan in this period. Today, in order to improve the information programs of the Tax Committee, through which the administration of individual taxes is currently carried out, the Tax Committee has made many efforts in recent years and regularly introduces innovations. In order to improve the administration of taxes and the level of service for taxpayers, the introduction of modern information technologies and the development and implementation of computer programs in connection with this, increasing the professional knowledge of employees, ensuring an effective assessment of the activities of tax authorities, improving interaction between tax authorities and other relevant authorities, and taxpayers, a number of works. Although we have made progress in the administration of individual taxes, the measures taken still need to be improved, there are many shortcomings, and in subsequent periods, tax administration should cover all areas of tax coverage authorities. Thus, state regulation of the tax administration system, as an important part of the state policy of the tax system, should be ensured at a level that ensures the efficiency of the tax authorities and the flow of tax funds and other mandatory payments to the budget over the past decades.

**Keywords:** state tax regulation, on-site tax audits, taxpayer activities, modern information technologies, fiscal policy, mandatory payments, tax liabilities.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Халифазода Саидаҳтам* –** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, аспирант. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 985-03-03-27.** E-mail: **saidahtam_76@mail.ru**
***Абдураҳмонов Маҳмадсаид Муҳаммадҷонович* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-65-75-15.** E-mail: **mahmadsaid@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Халифазода Саидахтам* –** Таджикский государственный финансово-экономический университет, аспирант. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 985-03-03-27.** E-mail: **saidahtam_76@mail.ru**
***Абдурахмонов Махмадсаид Мухаммаджонович* –** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры информационные системы в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 918-65-75-15**. E-mail: **mahmadsaid@mail.ru**

**Information about authors:** ***Khalifazoda Saidakhtam*** - Tajik State University of Finance and Economics, postgraduate student. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **(+992) 985-03-03-27.** E-mail: **saidahtam_76@mail.ru**
***Abdurakhmonov Makhmadsaid Mukhammadzhonovich* -** Tajik National University, applicant for the Department of Information Systems in Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone**:** **(+992) 918-65-75-15.** E-mail: **mahmadsaid@mail.ru**

ТДУ: 338.431(575.3)

# ТАМОЮЛИ СТРАТЕГИИ РУШДИ КОМЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ВА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИВУ ОЗУҚАВОРИИ ТОҶИКИСТОН


***Мирсаидов А.Б., Раҳимова Қ.О.***

**Институти иқтисод ва демографияи академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**


Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030“ механизми заифи дастгирии давлатии молиявии корхонаҳои КАС, монеаҳо барои муттаҳидсозии қитъаҳои замин, ки барои сармоягузорӣ дар бунёди корхонаҳои азими кишоварзӣ мушкилӣ эҷод мекунанд ва заминаи ақибмонии моддию техникии КАС дар сурати маҳдуд будани дастрасии корхонаҳои он ба иттилоот доир ба бозорҳои фурӯши маҳсулоти аграрӣ, дарозмуҳлат ва гарон будани амалиётҳои тиҷорати беруна, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ таҳдид менамоянд» [9,с.77-78] ҳамчун мушкилоти мушаххас, ки дар комплекси агросаноатӣ аҳаммият ва миқёсии худро нигоҳ медорад, қайд карда шудааст. Дар доираи ин Стратегия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 25 июни соли 2020, таҳти рақами №386) «Барномаи бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» тасдиқ шудааст, ки он барои ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ – таъмини амнияти озуқавории кишвар дар асоси омӯзиш, арзёбӣ ва ҳалли мушкилоти таъмини меъёрҳои амнияти озуқаворӣ дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ, дар пояи таъмини рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва комплеси агросаноатӣ равона шудааст [2].

Бинобар ин, дар марҳалаи нави рушди мамлакат, барои таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва минтақаҳои он зарурати гузариш ба сатҳи баланди индустриализатсия соҳаҳои аграрӣ дар асоси баланд бардоштани муҳити сармоягузорӣ, ки таҷдиди техникиву технологии истеҳсолоти аграриро мусоидат менамояд, инчунин, такмили механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии комплекси агросаноатии мамлакат ва минтақаҳои он ба миён меояд [7,с.34-41]. Воқеан ҳам таъмини рушди пурсамари комплекси агросаноатии ватанӣ вазифаи дорои аҳаммияти стратегӣ мебошад. Зеро аз рушди устувори ин комплекс дурнамои таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва минтақаҳои он вобастагӣ дорад. Ин дар замони муосир хеле муҳим мебошад, зеро суботи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар шароити ғайри устувории рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, бухронҳои пайдарпаи он ва болоравии нархи маҳсулоти озуқа, ки иқтисоди кишварамон аз таҳдидҳои он берун намебошад, аз баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии КАС ва амнияти озуқавории мамлакат вобастагӣ дорад.

**Расми 1. Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар мамлакат (млрд.сомонӣ)**
**Figure 1. Dynamics of production of agricultural products in the country (billion somoni)**




Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. -С.287

Комплекси агросаноатӣ маҷмуаи мураккаби иҷтимоиву иқтисодӣ буда, аз сохторҳои гуногуни унсурҳое иборат аст, ки зерсистемаҳои онро ташкил медиҳанд. Дар ин система соҳаҳои кишоварзӣ ҳамчун ҷузъи марказии комплекси агросаноатӣ ҷойгоҳи муҳим дошта, асоси таъмини амнияти озуқавориро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи татбиқи «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, №383 тасдиқ карда буд, ҳадафи таъмини «рушди истеҳсолоти кишоварзии сермаҳсул ва даромаднок дар асоси истифода ва идоракунии босуботи захираҳои табиӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ»-ро [3,с.3] дошт, субъектҳои хоҷагидори иқтисодиёти кишоварзӣ ҳам бо дастгирии давлат ва бештар дар асоси мутобиқ гардонидани фаъолияти худ ба муносибатҳову механизмҳои бозорӣ нисбатан ба рушди устувор ноил гаштанд.

Чи тавре, ки аз расми 1 аён аст, дар давраи солҳои 2015-2021 ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ аз 27,4 то 39,8 млрд. сомонӣ ва ё 45,2% афзудааст. Маҳсулоти растанипарварӣ бошад, дар ин давра 44,2% ва маҳсулоти чорводорӣ 48,6% афзудааст. Соли 2021 ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ 72,1%-ро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар давраи таҳлилӣ қариб, ки бетағйир мондааст.

Аммо, тамоюли рушде, ки дар истеҳсолоти кишоварзӣ мушоҳида мешавад, сифати устувор надорад. Ин навъи рушдро метавон ҳамчун рушди инертсионӣ тавсиф намуд. Чи тавре, аз расми 2 индекси истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (дар тамоми категорияҳои хоҷагӣ, ба ҳисоби фоиз нисбати соли гузашта) аён аст, ноустувории рушди он мушоҳида мешавад. Масалан пастравии сатҳи рушд дар солҳои 2015, 2018 ва 2021 мушоҳида мешавад. Ин ҳолати аз сифати рушди инертсионии корхонаҳои кишоварзӣ, тарзи анаъанавии истеҳсолоти кишоварзӣ ва вобастагии зичи он аз шароити иқлим, обу ҳаво шаҳодат медиҳад. Сифати инертсионии равандҳои иқтисодёти кишоварзӣ аз хосияти низоми мураккаби иқтисодии ин соҳа ва сатҳи баланди институсионалии истеҳсолгарони маҳсулоти кишовар бар меояд. Дар натиҷа равандҳои тағйирот тадриҷан суръат гирифта, иштирокчиёни муносибатҳои истеҳсоливу иқтисодии соҳаҳои кишоварзӣ бештар дар асоси вазъи кунунӣ амал мекунанд. Аксаран дар доираи стратегияи зиндамондан қарор доранд, стратегия ва ҳадафҳои дарозмуддат хеле маҳдуд аст. Бинобар ин, зарурати гузариши онҳо ба зинаи рушди инноватсиониву индустриалӣ вобаста ба афзудани таҳдидҳо ба амнияти озуқаврии мамлакат талаботи замони муосир мебошад, ки дар поён истода мегузарем.

**Расми 2. Индекси истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (дар тамоми категорияҳои хоҷагӣ, ба ҳисоби фоиз нисбати соли гузашта)**

**Figure 2. Index of production of agricultural products (in all farm categories, as a percentage compared to last year)**



Дар сохтори комплекси агросаноатӣ ҷойгоҳи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус корхонаҳои саноати хӯроквории он дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат хеле муҳим мебошад. Масалан, пайваста бо рушди маҳсулоти чорводории иқтисодиёти кишоварзӣ истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ низ меафзояд. Чи тавре, ки маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, дар давраи солҳои 2015-2021 истеҳсоли гӯшт (бо вазни чорвои кушта) аз 108,9 то 163,8 ҳазор тонна ва ё 50,55 зиёд шудааст. Истеҳсоли шир бошад, дар ҳамин давраи таҳлилӣ аз 888,9 то 1042,6 ҳазор тонна ва ё 17,35 афзудааст. Пайваста бо афзоиши истеҳсоли гӯшт дар корхонаҳои кишоварзӣ истеҳсоли маҳсулоти гӯшти якҷоя бо каллапочаи навъи якуми саноатӣ низ дар давраи солҳои 2015-2021 аз 40,7 то 67,6 ҳазор тонна ва ё 66,1% зиёд шудааст. Истеҳсоли ҳасибҳо аз 4,1 то 5,9 ҳазор тонн, яъне 43,9% афзудааст. Истеҳсоли равғани чорво бо сабаби сатҳи талаботи пасти бозорӣ ба он таназзул ёфтааст – 25,3% поён рафтааст. Аз истеҳсоли шир дар корхонаҳои кишоварзӣ маҳсулоти гуногуни корхонаҳои саноати хӯрокворӣ истеҳсол шуда, тамоюли болоравӣ гирифтаанд. Масалан, маҳсулоти шири холиси саноатӣ ба ҳисоби шир дар ин давраи таҳлилӣ аз 14,5 то 16,4, яъне 13,1% афзудааст. Истеҳсолу фурӯши яхмос дар ин давра 63,4% ва панири равғанин (якҷоя бо бринза) бошад, беш аз 25,4% афзудааст.

**Ҷадвали 1. Динамикаи истеҳсолоти маҳсулоти чорводорӣ ва хӯрокворӣ, ки аз коркарди маҳсулоти чорводорӣ тавлид мешавад**

**Table 1. Dynamics of production of livestock products and food produced from the processing of livestock products**

| **Нишондиҳандаҳо** | ***2015*** | ***2016*** | ***2017*** | ***2018*** | ***2019*** | ***2020*** | ***2021*** | ***С.2021 нисбат ба с.2015*** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Истеҳсоли маҳсулоти асосии чорводорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ*** | | | | | | | | |
| Гӯшт (бо вазни чорвои кушта), ҳаз. т | 108,8 | 116,7 | 124,4 | 131,0 | 136,3 | 150,1 | 163,8 | 150,5 |
| Шир, ҳаз. тонна | 888,9 | 918,0 | 950,0 | 983,0 | 1000,6 | 1020,9 | 1042,6 | 117,3 |
| **Истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, ки аз коркарди маҳсулоти чорводорӣ тавлид мешавад** | | | | | | | | |
| Гӯшт, якҷоя бо каллапочаи навъи 1, ҳазор, тонна | 40,7 | 45,5 | 47,2 | 58,9 | 65,0 | 69,5 | 67,6 | 166,1 |
| Ҳасиб, ҳазор тонна | 4,1 | 4,9 | 4,9 | 4,6 | 5,0 | 7,1 | 5,9 | 143,9 |
| Равғани чорво, ҳазор тонна | 0,138 | 0,205 | 0,212 | 0,154 | 0,175 | 0,106 | 0,103 | -25,3 |
| Маҳсулоти шири холис ба ҳисоби шир, ҳазор тонна | 14,5 | 14,1 | 14,4 | 14,6 | 15,2 | 15,4 | 16,4 | 113,1 |
| Яхмос, ҳазор тонна | 1,45 | 1,51 | 1,58 | 1,55 | 1,74 | 1,64 | 2,37 | 163,4 |
| Панири равғанин (якҷоя бо бринза), ҳазор тонна | 0,181 | 0,191 | 0,224 | 0,256 | 0,224 | 0,226 | 0,227 | 125,4 |

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. -С 293; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. –С.48

Пайваста бо афзудани истеҳсоли сабзавот, меваҷоту ангур ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, маҳсулоти саноати хӯрокворӣ низ афзудааст: масалан консерваҳо аз сабзавот (12 маротиба), консерва аз помидор (41,9%), консерваи мевагин (3 маротиба), шароби ангур (93,6%) ва ғ. [7,с.48-50]. Ҳамин тариқ, рушди истеҳсолоти кишоварзӣ заминаи мутмаини рушди саноати хӯрокворӣ ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат мебошад.

Новобаста аз он, ки рушди маҳсулоти агросаноатӣ дар мамлакат таъмин гашта истодааст, лекин дар истеҳсоли бархе маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба сатҳи худтаъминкунӣ нарасидааст. Аз маълумоти ҷадвали 2 аён аст, соли 2020 истеҳсоли гандум ҳамагӣ 62%-и талаботи дохилиро қонеъ гардонидасту халос. Истеҳсоли равғани

растанӣ дар мамлакат кифоя намебошад, аз ин лиҳоз, соли 2020 сатҳи худтаъминкунии он 15,9%-ро ташкил додааст. Аммо тамоюлоти сатҳи худтаъминкунӣ бо ин навъи маҳсулоти озуқа афзуда истодааст, соли 2020 нисбат ба соли 2015 8,6 банди фоиз афзудааст, ки доир ба андешидани тадбирҳо дар ин ҷода эҳсос мешавад. Дар мамлакат айни замон бо истеҳсоли худии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 90%-и талаботи дохилӣ қонеъ мегардад. Дар истеҳсоли ин навъи маҳсулоти озуқа тамоюли мусбат мушоҳида мешавад, зеро соли 2020 бузургии худтаъминкунӣ нисбат ба соли 2015 28,7 банди фоиз афзудааст.

**Ҷадвали 2. Сатҳи худтаъминкунӣ бо маҳсулоти асосии озуқа**

**Table 2. Level of self-sufficiency with basic food products**

| **Маҳсулот** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гандум | 58,6 | 60,3 | 58,9 | 61,3 | 53,1 | 62,0 |
| Картошка | 85,7 | 100,5 | 96,4 | 80,6 | 91,7 | 101,8 |
| Полезӣ | 96,2 | 98,6 | 102,1 | 94,4 | 100,8 | 102,6 |
| Мева | 64,1 | 67,9 | 95,2 | 113,8 | 118,4 | 103,4 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 61,3 | 64,8 | 67,2 | 73,8 | 75,2 | 90 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 77,9 | 79,5 | 82,4 | 80,8 | 83,8 | 95,3 |
| Равғани растанӣ | 7,3 | 8,0 | 7,4 | 8,4 | 10,5 | 15,9 |

Манбаъ: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. -С.17-20.

Тамоюлот дар истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ низ мушоҳида мешавад. Дар истеҳсоли картошка, маҳсулоти полезӣ ва меваҷот қимати худтаъминкунӣ аз 100% баланд аст, яъне дар ин самт кишоварзҳои мамлакат ба сатҳи худтаъминкунӣ ноил гаштанд. Аммо масъалаи сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти озуқаворӣи кишвар ва содироти он ба бозори беруна то андозае қаноатбахш намебошад. Аз ин лиҳоз, дар ҷумҳурӣ барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии мамлакат бо маҳсулоти озуқаворӣ тамоюли воридот ҳанӯз зиёд аст.

Дар умум, вазъияти кунунии комплекси агросаноатии мамлакат ва минтақаҳои онро метавон, пеш аз ҳама, бо сатҳи заифии самаранокии механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунӣ, ки он дар сатҳи кофӣ танзими такрористеҳсоли васеъ ва мутобиқ намудани бахши аграрии иқтисодиётро ба муносибатҳои бозории рушдёбанда мусоидат наменамояд, тавсиф намуд. Хусусиятҳои фаъолият комплекси агросаноатии ватаниро сифати нисбатан пасти ҷолибияти сармоягузорӣ муайян менамояд, ки онро хавфҳои баланди истеҳсоливу молиявӣ ва сатҳи нокифояи таъминоти молиявӣ истеҳсолкунандагони ватанӣ боис гаштааст.

Ба қадри кофӣ самаранок набудани механизми таъмини дастгирии буҷавии ба корхонаҳои аграрӣ, баланд будани фоизи қарз, истифодаи техникаҳои куҳнашуда имконият намедиҳад, ки корхонаҳои кишоварзӣ маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол намояд ва аз худ паҳн намудани инноватсияро мусоидат намояд. Дар замони муосир талабот ба сатҳи касбии идоракунанда, менеҷер, ки қобилияти фавран омода будан ба шароити номуайяни бозорро дорад, афзуда истодааст [1,с.1072-1084]. Ба ин муносибат зарурати фаъол гардонидани коркарди таъминоти илмиву методии чорабиниҳо вобаста ба такмили механизми ташкилию иқтисодии таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити ҷаҳишҳои молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба миён меояд. Зарурати дар муддати кӯтоҳ таъмин намудани ҷаҳиши навро дар истеҳсолу коркарди ашёи хоми ватанӣ ва озуқаворӣ, ки тамоюлҳои манфиро бартараф намуда, шароити мусоидро барои татбиқи фаъолонаи сиёсати воридот ивазкунанда фароҳам меорад, аҳаммияти махсусро дар рушди устувори КАС муайян менамояд [10,с.44-52].

Механизми ташкилию иқтисодии таъмини амнияти озуқаворӣ системаи мураккабест, ки аз зернизомҳои хеле бисёру дорои тартиботи гуногун иборат аст ва бинобар ин, аз ташкили идоракунии самараноки он ҳолати бозори озуқаворӣ ва амнияти он вобаста мебошад. Озуқа шарти асосии ҳаёти инсон аст ва барои ҳар як сокини мамлакат ниёзи рӯзмарра аст, сатҳу сифат ва бехатарии экологии ғизо саломатии миллат ва давомнокии умри инсонро муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, таъмини

амнияти озуқаворӣ бояд ҳамчун системаи бисёрсатҳа бо ҳадафҳову вазифаҳои гуногун бояд баррасӣ шавад (расми 3).

**Расми 3. Схемаи алоқаҳои мутақобилаи комплекси агросаноатии миллӣ ва минтақа [6]**
**Figure 3. Scheme of mutual relations of the national and regional agro-industrial complex**




Масъалаи таъмини озуқаворӣ ва амнияти он сифати умумиҷаҳонӣ, умумимиллӣ ва минтақавӣ дорад. Барои таъмини амнияти озуқавории миллӣ бояд дар мавриди такмили низоми идоракуни КАС алоқамандии ин сатҳҳо ба назар гирифта шавад. Вазифаҳои асосии рушди комплекси агросаноатӣ дар миқёси ҷаҳон ва миллӣ дар шароити ҷаҳишҳои иқтисоди берунӣ инҳоянд: афзоиши истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ; таъмини дастрасии физикӣ ва иқтисодии озуқа дар сифат ва ассортименти зарурӣ; навсозии техникӣ ва технологии истеҳсолот; баҳисобгирии урфу одат ва анъанаҳои миллӣ-этникӣ; ноил шудан ба меъёрҳои муайянкардаи доктринаи миллии амнияти озуқаворӣ; ташкили мониторинг ва мунтазам танзим намудани вазъияти таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ. Дар айни замон, маҳсулоти озуқа бояд ба меъёрҳои (стандартҳои) мавҷудаи экологӣ ва санитарӣ, ки ба талаботи инсон бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ҷавобгӯ бошад.

Илова ба меъёри муайяни ноилгардии амнияти озуқаворӣ, ки онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» (29 декабри соли 2010, №671) муайян кардааст, бояд арзёбӣ намуда, афзалиятҳои рушди комплекси агросаноатӣ дар самти таъмини рақобатпазирӣ ва рушди устувори иқтисодии он муайян карда шавад. Масалан тибқи ин қонун «истеҳсоли солонаи озуқаи асосии давлат на камтар аз 80%-и талаботи солонаи аҳолиро ба намудҳои озуқа ташкил диҳад» [4]. Бинобар ин, дар мониторинги доимӣ бояд ҷузъҳои зерини комплекси агросаноатӣ шомил гардад:

- иқтидори захиравӣ (аз ҷумла замин, кадрҳо, моддию техникӣ, захираҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ, иқтидори истеҳсолӣ);
- вазъи молиявию иқтисодии соҳаҳо ва корхонаҳои КАС;
- сатҳи рушд ва устувории истеҳсолоти кишоварзӣ;
- таҳдидҳо ва хавфу хатарҳои амнияти озуқаворӣ;
- ҳаҷми воридот, аз он ҷумла қиёси он бо истеҳсолоту талаботи худӣ ба озуқа ва ғ.

Ҳоло муаммоҳои кам кардани вобастагии мамлакат ба озуқавории воридотӣ, талабот ба мувофиқасозии амнияти озуқаворӣ ба санадҳои қонунии милливу байналмилалӣ, инчунин, СУС мубрамият пайдо намудааст.

Дурнамои асосии рушди устувори комплекси агросаноатии ватанӣ бо кам кардани хавфҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ зич алоқаманданд. Пешгӯӣ кардан ва пешгирӣ кардани оқибатҳои манфии онҳо дар асоси ташаккул додани системаи самарабахши идоракунӣ суръат мегирад. Натиҷаҳои рушди комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ дарояндаи

наздик, қодир аст, ки тамоюлҳои манфии рушди бозори озуқаворӣи агросаноатиро боз дорад ва ҷараёнҳои рушди иқтисодии зерсоҳаҳои асосӣ, азнавсозии технологии истеҳсолот ва оптимизатсияи сохтори соҳавӣ фаъол гардад. Самтҳои номбаршуда бо ҳам алоқаманд ва мутақобила мебошанд, ки доир ба сифати мураккаби муаммоҳои комплекси агросаноатӣ шаҳодат медиҳад. Дар доираи татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва чорабиниҳое, ки дар доираи барномаҳои ҳукуматӣ сурат гирифтанд, имкон доданд, ки зернизои озуқаворӣи комплеси агросаноатӣ қисман муътадил гардида, бозори озуқаворӣи босифат тадриҷан ташаккул ёбад. Аммо, чи тавре дар боло қайд намудем, талаботи самарабахши аҳолӣ ба маҳсулоти ватанӣ ҳалношуда ҳоло боқӣ мондааст.

Роҳҳои рушди соҳаҳои аграрӣ бисёранд, ки дар зери таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ ташаккул меёбанд. Аммо, чуноне ки дар боло қайд намуда будем, омилҳои асосӣ сифати инертсионӣ доранд, сифати инноватсионӣ бошад, баъзан мушоҳида мешавад. Раванде, ки суръати иқтисодиётро суст мекунад, афзоиши сифати он паст мешавад, тараққиёт рукуд мешавад ва равандҳои таваррум мушоҳида мешавад, тағйирёбии инертсионӣ унвон дорад. Ҳолати инертсионии низоми иҷтимоиву иқтисодии манотиқи деҳот ва КАС одатан дар сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат, шиддатнокии бозори меҳнати аграрӣ, номутаносибии сохторӣ дар рушди иқтисодиёт, тамоюлҳои манфии системаи таъмини амнияти озуқаворӣ тавсиф меёбанд. Рушди сифати иқтисодиёти комплекси агросаноатии муосир бо инноватсия алоқаманд мебошад. Рушди инноватсионӣ инкишофи фаъолияти самараноки низоми иқтисодии КАС, баланд шудани самараи функсионалии он, боло рафтани сатҳу сифати ҳаётии аҳолии минтақаи деҳот, такрористеҳсоли васеъ, қонеъ гардондани талаботи рӯзафзуни аҳолиро ба маҳсулоти озуқа дар назар дорад. Роҳҳои мавҷудаи рушди иқтисодиёти комплеси агросаноатӣ метавонад дар шаклҳои гуногун, ки сифати рахнакунанда, муътадил, устувор ва ғ. дошта бошад, сурат гирад. Ба андешаи мо, рушди КАС-и мамлакатро метавон ҳамчун рушди муътадил тавсиф кард. Мавҷуд набудани динамикаи прогрессивии мустақил мушоҳид намешавад, яъне механизмҳо танзими фаъолияти иқтисодиёти комплеси агросаноатӣ ба таври оперативӣ барои бартарӣ пайдо намудан нисбат ба рақибони иқтидорманд майл надорад. Фақат дар бисёри корхонаҳои КАС майли мутобиқ шудан ба шароити доимо тағйирёбандаи шароити берунӣ ва дохилии бозори агросаноатӣ мушоҳида мешавад. Бинобар ин, маҷмуи муносибатҳои иқтисодии КАС-и мамлакат ба ислоҳот ниёз дорад, то ин, ки фавран ба ҷаҳишҳо ва иқтисоди ҷаҳонӣ мутобиқ гардад. Вазъияти ҷаҳони муосир, аз нав дида баромадани афзалиятҳои асосии рушди комплекси агросаноатӣ, иқтисоди аграрӣ ва дар ин росто таҳияву татбиқи Барномаи давлатии рушди соҳаҳои комплекси агросаноатиро барои солҳои минбаъда вобаста ба консепсия гузариш ба зинаи индустриаливу аграрии иқтисодиёти мамлакат талаб мекунад.

Ҳамин тавр, дар барномаҳои давлатӣ дастгирии соҳаҳои КАС, бахусус ба соҳаи заминавии он - кишоварзӣ бояд масъалаи зиёд кардани ҳаҷму қоидаҳои дотатсия, қарзҳои сармоявии бо ҷуброни фоизи аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ва ғ. инъикос ёбанд. Дар айни замон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмил додани барномаи давлатии рушди КАС тадбирҳо андешида истодааст. Дар доираи татбиқи бандҳои Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист барои солҳои 2012-2020 доир ба такмили заминаҳои институсионалии рушди соҳаи аграрии мамлакат чандин пешниҳодоти асоснок, ки таъмини рушди истеҳсолоти аграриро мусоидат намудааст, ба Ҳукумати мамлакат ва мақомоти қонунбарор ирсол шуда буд [13]. Дар доираи ин кор, таҳлили самараи тадбирҳои дастгирӣ ва хароҷот буҷети давлатиро ба соҳа гузаронидааст.

Шомилгардии мамлакат ба муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти аграриро дар асоси баланд бардоштани заминаҳои техникиву технологии он тақозо менамояд. Аҳаммияти рушди самараноки комплекси агросаноатиро дар иқтисодиёти мамлакат нақши гиреҳии он дар таъмини амнияти озуқаворӣ, ки муаммои ҳам ҷаҳонӣ ва ҳам миллӣ аст, муайян менамояд. Бинобар ин,

ҷузъи таркибии стратегияи рушди комплекси агросаноатиро бояд раванди инноватсионии он ташкил диҳад, ки он бо тавассути рушди муҳити инноватсионӣ, ки татбиқи фаъоли инноватсияҳоро дар ҳамаи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ мусоидат менамояд, амалӣ карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки истеҳсолоти маҳсулоти рақобатпазир ва сифатнок ташаккул ёфта, таъмини амнияти озуқаворӣ сурат гирад.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва татбиқи самтҳои рушди истеҳсолоти аграрӣ дар заминаи инноватсия зарурати такмили асосҳои консептуалии стратегияи рушди комплекси агросаноатӣ дар шароити ҷолишҳои бозори ҷаҳонии озуқа ва тағйир ёфтани тамоюлот дар муносибатҳои иқтисоди беруна ба миён меояд. Вазъияти қунунии иқтисодӣ талаб мекунад, ки дар муҳлати кутоҳтарин афзоиши маҳсулоти кишоварзиро таъмин намуда, ба меъёри ҳадди ақали таъмини амнияти озуқаворӣ ва параметрҳои рақобатпазирии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ноил гашт. Дар ин ҷода нақши комплекси агросаноатии минтақаҳои мамлакат хеле муҳим мебошад.

Ба андешаи мо, такмили системаи идоракунӣ дар КАС-и минтақаҳои мамлакат бо мақсади баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ бояд ҳалли вазифаҳои зеринро мусоидат намояд:

- таъмини рушди кооператсияи истеҳсолӣ дар доираи занҷирҳои технологии комплекси агросаноатӣ ва дар соҳаи фурӯши маҳсулоти тайёр;
- барқарор намудани муносибатҳои таъсиси шарикии дарозмуддат миёни корхонаҳои истеҳсолгарони маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои коркарди саноатии он, инчунин, ташкилотҳои молиявию қарзӣ тавассути рушди қарздиҳии молӣ ва лизинги молиявӣ;
- беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, тамаркуз намудани захираҳои сармоявӣ дар самтҳои афзалиятноки КАС;
- ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам дар соҳаи кишоварзӣ, азнавсозии технологии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва дигар корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ;
- таъмини рушди инфрасохтори бозор дар комплекси агросаноатӣ;
- такмил додани ташкили хариди давлатии маҳсулоти озуқаворӣ дар фондҳои мамлакат ва минтақаҳо.

Инчунин, ҳангоми тартиб додани стратегияи рушди комплекси агросаноатӣ бо мақсади таъмини амнияти иқтисодии он бояд ба диверсификатсияи фаъолият, иқтисодиву хоҷагидорӣ оқилгардонии (оптимизацияи) сохтори истеҳсолоти аграрӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шавад. Диверсификатсия ва оптимизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ муайян намудани сохтор ва андозаи соҳаҳо, ҷойгиркунии онҳо дар қаламрав ва ё ҳудуди корхонаҳои кишоварзии алоҳида, минтақа, мамлакатро дар назар дорад. Дар баробари ин, ҳар як соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ таносубҳои муайян ва муносибату алоқаҳои низомиро дар дохили он ки маҷмуи соҳаҳоро дар қаламрави минтақаҳои ҷуғрофию табиии мамлакат инъикос менамояд, касб менамояд. Дар баробари ин, коркарду татбиқи тадбирҳо дар самти такмил додани сохтори истеҳсолот гузаронидани таҳлили иловагиро тамоми воҳидҳои иерархиро бо истифода аз муносибати интегралӣ ва системавӣ тақозо менамояд: масалан, дар ноҳия ҳар як корхона; дар вилоят – ҳамаи минтақаҳо ва ноҳияҳо. Бинобар ин, бояд иерархияи аниқро барпо намуда, ҳамаи сатҳҳои сохтории истеҳсолгарони маҳсулоти кишоварзиро дар минтақа, дар умум ба низом дароварда шавад.

Дар мавриди ташаккул додани сохтори оптималии истеҳсолоти аграрӣ бояд таъсири омилҳои зеринро ба назар гирифт: табиӣ, экологӣ, демографӣ, технологӣ, инфраструктурӣ. Масалан, дар шароити якранг (мавҷудияти техника, коргарони ихтисоснок, захираҳои молиявии зарурӣ ва ғ.) ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва маҳсулнокии чорво дар ҳамон ноҳияҳо, ки хоку иқлимашон хеле мусоид аст, иқтидори биологиии растаниву чорворо боло менамояд. Ин ҳолат водор менамояд, ки ба махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шавад. Сохтори оптималии истеҳсолоти аграрӣ мавҷудияти бозорҳои кафолатнокро низ дар назар

дорад. Бинобар ин, мавҷуд будани корхонаҳои саноатии коркард имкон медиҳад, маҳсулоти зуд вайроншавандаро сари вақт аз нав кор карда бароянд.

Лаҳзаи ҳалкунанда барои диверсификатсия ва ба вуҷуд овардани сохтори оптималии истеҳсолоти кишоварзӣ, интихоби параметрҳои сохтор бояд дар асоси меъёрҳои асоснок сурат гирад, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин муттаҳид кардан мумкин аст. Якум, меъёрҳои иқтисодӣ:

- бардошти нафъи мутақобила (соҳаҳо бояд ба фаъолияти самараноки ҳамдигар мусоидат кунанд);

- пурра кардани якдигар - як қатор соҳаҳо метавонанд иқтидори худро бо қиматҳои муайяни миқдорӣ ва сифати унсурҳои сохтори дохилии худ ё дигар соҳаҳо пурратар нишон диҳанд;

- талаботи бозор ба маҳсулоти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ.

Дуюм, меъёрҳои экологӣ - устувории экологии соҳаҳоеро, ки бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд, муайян мекунанд:

- майл ба нигоҳдории тавозуни гумус дар хок;
- истифодаи оптималии партовҳои истеҳсоли зироатҳо;
- мутобиқати экологии соҳаҳо;
- сарбории оптималии экологӣ;
- имконияти истеҳсоли маҳсулоти «тоза», гирифтани шир ва гӯшти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ғ.

Сеюм меъёрҳои таъмини амнияти озуқаворӣ:

- кифоя будани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои қонеъ гардонидани аҳолӣ бо озуқаворлии ҳаётан муҳим;
- навъҳои гуногуни маҳсулот аз рӯйи намуд, сифат, ки асоси хӯроки мутаносиби аҳолӣ аз ҷиҳати элементҳои асосии он мебошад.

Чорум меъёрҳои таъмини амнияти иқтисодии комплекси агросаноатӣ:

- таъмини устувории молиявӣ ва қобилияти пардохтпазирии корхонаҳои КАС;
- таъмини рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда;
- дараҷаи дастгирии давлатии пӯшонидани хароҷоти истеҳсолот;
- даромаднокӣ аз рӯйи соҳаҳо, ба истисноn ба назар гирифтани дараҷаи дастгирии давлатӣ;
- зиёд будани суръати афзоиши музди меҳнат, нисбат ба суръати афзоиши ҳосилнокии меҳнат;
- кам кардани сатҳи фарсудашавии техникаҳои кишоварзӣ;
- баланд бардоштани маҳсулнокии чорводорӣ ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ бо мақсади худтаъминкунӣ аз рӯйи намудҳои маҳсулот.

Ҳамин тариқ, ба вуҷуд овардани сохтори оптималии истеҳсолоти агросаноатӣ, бояд ба бартараф намудани номутаносибии сохторӣ ва дар ҳамин асос зиёд кардани самараи истеҳсолоти аграрӣ нигаронида шавад. Ба иҷро расонидани ин тадбирҳо ва ба вуҷуд овардани сохтори оптималии истеҳсолоти аграрӣ ва диверсификатсияи он рушди кооператсия ва алоқаҳои интегратсиониро талаб менамояд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Комилов С.Ҷ.**

**АДАБИЁТ**


1. Артемова Е.И. Совершенствование механизмов государственного регулирования агропромышленного комплекса Краснодарского края в современных условиях / Е.И. Артемова, Е.В. Плотникова // Политематический сетевой электронный научный журнал Кубанского государственного аграрного университета. – 2016. -№117. -С.1072-1084.
2. Барномаи бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» (аз 25 июни соли 2020, таҳти рақами №386). [Манбаи электронӣ]. URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=23461 (санаи муроҷиат 5.01. 2023).
3. Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020. -С.3.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» (29 декабри соли 2010, №671) // АМОҶТ, с.2010, №12, м.830; с.2014, №11, мод.667.
5. Махмадиев Ф.Б. Роль регионального мясного кластера как фактора самообеспечения продовольственной безопасности страны / Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2017. -№4(60). -С.132-137.

6. Мельников Б.А. Агропромышленный комплекс и его роль в обеспечении национальной продовольственной безопасности // Научный журнал КубГАУ. – 2017. -№128(04). [Электронный ресурс]. URL: http://ej.kubagro.ru/2017/04/pdf/96.pdf
7. Мирсаидов А.Б. Индустриальная трансформация и современные тенденции развития производительных сил в аграрном секторе экономики Таджикистана / А.Б. Мирсаидов, Ш.Ш. Мирзоахмадов // Экономика Таджикистан. - 2021. -№2. –С.34-41.
8. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. - С.48-50.
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -С.77-78.
10. Тагоев Б.Д. Современные проблемы продовольственной безопасности и их последствия для Республики Таджикистан / Б.Д. Тагоев, М.Х. Исайнова // Вестник ТГУПБП». – 2022. –№2(91). –С.44-52.
11. Фасеҳзода И.С. Нақши идоракунии давлатӣ дар таъмини маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ / Фасеҳзода И.С., Х.А. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҷаъмиятӣ. -Душанбе, 2020. -№1. -С.95-99.
12. Фасехзода И.С. Модернизация системы продовольственного обеспечения региона и ее кластеризация / Фасехзода И.С., А.А. Солиев // Вестник Таджикского национального университета. Серии социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2012. -№2/2. -С.3-9.
13. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.moa.tj/tj/sectoral-programs

## ТАМОЮЛИ СТРАТЕГИИ РУШДИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ВА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИВУ ОЗУҚАВОРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола тамоюлоти стратегии рушди комлекси агросаноатӣ ва таъмини амнияти иқтисодиву озуқавории мамлакат мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зарурати гузариш ба сатҳи баланди индустриализатсия соҳаҳои аграрӣ дар асоси баланд бардоштани муҳити сармоягузорӣ, ки таҷдиди техникиву технологии истеҳсолоти аграриро мусоидат менамояд, инчунин, такмили механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии комплекси агросаноатии мамлакат ва минтақаҳои он, ки сатҳи амнияти иқтисодиву озуқавории мамлакатро баланд мебардорад, асоснок карда шудааст. Таъкид карда шудааст, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва татбиқи самтҳои рушди истеҳсолоти аграрӣ дар заминаи инноватсия зарурати такмили асосҳои консептуалии стратегияи рушди комплекси агросаноатӣ дар шароити ҷолишҳои бозори ҷаҳонии озуқа ва тағйир ёфтани тамоюлот дар муносибатҳои иқтисоди беруна ба миён омадааст. Вобатста ба ин роҳҳои такмили механизми ташкиливу иқтисодии идоракунии КАС ва амнияти иқтисодиву озуқаворӣ пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** амнияти иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ, иқтисодиёти аграрӣ, комплеси агросаноатӣ, рушди стратегӣ, инноватсия, индустриализатсия, сармоягузорӣ, кооператсия, интегратсия, маҳсулоти озуқаворӣ, саонати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ.

## СТРАТЕГИЧЕСКИЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ АПК И ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ И ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассматриваются стратегические направления развития агропромышленного комплекса и обеспечение экономической и продовольственной безопасности страны. Обоснована необходимость перехода к высокому уровню индустриализации аграрных отраслей на основе улучшения инвестиционной среды, способствующей техническому и технологическому обновлению аграрного производства, а также совершенствованию организационно-экономических механизмов управления агропромышленным комплексом, способствующим повышению уровня экономической и продовольственной безопасности страны. Подчеркнуто, что для достижения целей обеспечения продовольственной безопасности страны и реализации направлений развития сферы аграрного производства на инновационной основе необходимо совершенствование концептуальных основ стратегии развития агропромышленного комплекса в условиях происходящих изменений на мировом рынке продовольствия и внешнеэкономических связей. В связи с этим предлагаются пути совершенствования организационно-экономического механизма управления КАС, экономической и продовольственной безопасности.

**Ключевые слова**: экономическая безопасность, продовольственная безопасность, аграрная экономика, агропромышленный комплекс, стратегическое развитие, инновации, индустриализация, инвестиции, кооперация, интеграция, продукты питания, перерабатывающая промышленность, сельхозпродукция.

## STRATEGIC DIRECTIONS OF AIC DEVELOPMENT AND ENSURING ECONOMIC AND FOOD SECURITY OF TAJIKISTAN

The article discusses the strategic directions for the development of the agro-industrial complex and ensuring the economic and food security of the country. The necessity of transition to a high level of industrialization of agricultural sectors based on the improvement of the investment environment, which contributes to the technical and technological renewal of agricultural production, as well as the improvement of organizational and economic mechanisms for managing the agro-industrial complex, which contributes to an increase in the level of economic and food security of the country, is substantiated. It is emphasized that in order to achieve the goals of ensuring the country's food security and implementing the directions for developing the sphere of agricultural production on an innovative basis, it is necessary to improve the conceptual foundations of the strategy for the development of the agro-industrial complex in

the context of ongoing changes in the world food market and foreign economic relations. In this regard, ways are proposed to improve the organizational and economic mechanism for managing the CAS, economic and food security.

**Keywords:** economic security, food security, agrarian economy, agro-industrial complex, strategic development, innovation, industrialization, investment, cooperation, integration, food products, processing industry of agricultural products.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Мирсаидов Аврор Бобоевич*** – Институти иқтисод ва демографияи академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини директор. **Суроға**: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44. Телефон: **(+992) 904-44-60-12.** E-mail: **chirad-58@mail.ru**
***Раҳимова Қурбонбӣ Одинаевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ассисенти кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **988-92-54-38**

**Сведения об авторах:** ***Мирсаидов Аврор Бобоевич*** – Институт экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана, доктор экономических наук, профессор, заместитель директора. **Адрес**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С.Айни, 44. Телефон: **(+992) 904-44-60-12.** E-mail: **chirad-58@mail.ru**
***Рахимова Курбонби Одинаевна*** **-** Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, ассисент кафедры экономической теории. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16

**Information about authors:** ***Mirsaidov Avror Boboevich*** **-** Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Economics, Professor, Deputy Director. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Aini street, 44. Phone**: (+992) 904-44-60-12.** E-mail**: chirad-58@mail.ru**
***Rakhimova Kurbonbi Odinaevna*** **-** Kulyab State University. Abuabdulakha Rudaki, Assistant of the Department of Economic Theory. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16

ТДУ: 33.2.34(575.3)

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ КОРКАРДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ғафуров С.Х.***
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Соҳаи саноат махсусан саноати коркард яке аз фишангҳои асосии таъминкунандаи рушди устувори иқтисодиёти миллӣ буда, бартарафкунандаи муаммоҳои макроиқтисодӣ аз қабили бекорӣ, сатҳи пасти истеҳсолот ва гардиши молу маҳсулот мебошад.

Ба ақидаи олимон Раҳимов М.А. ва Сафоев А.К. «саноатикунонии босуръати кишвар, мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодии давлатро бартараф сохта, заминаи хуби рушди устуворро таъмин менамояд» [12,с.11].

Яке аз роҳҳои инкишоф додани корхонаҳои саноати коркард, ин баландбардории рақобатпазирии молу маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад, ки «рақобатпазирӣ – ин қобилияти объект ё предмети муайянест, ки дар шароити бозор аз рақибон бартарӣ дорад» [15,с.10].

Ё ин ки «рақобатпазирӣ – ин хароҷоти ками истеҳсолӣ ва сифати баланди маҳсулот барои қонеъ гардонидани талаботи бозор, мебошад» [7,с.190].

Дар Паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 қайд намуданд, ки «соҳибкорони мамлакат, дар навбати худ, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав саҳми назаррас гузошта истодаанд ва бовар дорам, ки чунин иқдомоти созанда аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст вусъати боз ҳам бештар пайдо мекунанд. Тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам оварданд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40% расонида шавад [9].

Мавриди зикр аст, ки «муносибатҳои рақобатпазир дар шароити бозор на танҳо дар сатҳи истеҳсолот è ин ки соҳаҳо, балки дар доираи савдои хурд ба амал меоянд» [2,с.16].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи саноат афзалият дода шуда, онро ҳамчун ҳадафи стратегӣ қабул намудаанд. Бо мақсади вусъат додани ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ Тоҷикистон сенарияи рушдашро аз кишвари аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ табдил дода, дар ин замина як қатор нақша чорабиниҳое таҳия намуд, ки минбаъд инкишофи ин соҳаро дар бар мегирад.

Бояд қайд намоем, ки «саноати кишвар омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ буда, ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (минбаъд – ММД) ҳарсола ба тадриҷ зиёд гардида истодааст. Қайд намудан бамаврид аст, ки ҳаҷми номиналии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 10,4 млрд сомонии соли 2014 то ба 27,6 млрд сомонӣ дар соли 2019 расонида шуда, 2,6 баробар афзудааст. Дар маҷмуъ ҳиссаи саноат дар ММД соли 2019 ба 17,4% баробар гардид, ки нисбат ба соли 2014 5,3% зиёд шуд» [1].

В.В. Жукова инкишофи соҳаи саноатро барои минтақаҳо «омили асосии таъмини устуворнокӣ арзёбӣ намуда, ба сифати объекти идоракунӣ раванди саноатикунонии минтақаро дохил намудааст [5,с.15]. Дар баробари ин, ҳама талошҳо ҳоло ҳам соҳаи саноати кишвар ба таври дилхоҳ рушд накарда истодааст, ки сабабҳои онро мо дар шакли таҳлили нишондиҳандаҳо оморӣ манзур менамоем.

Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ дар соли 2016 шумораи корхонаҳои саноатӣ 2043 ададро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 2396 адад расидааст, ки 17,2% тамоюли зиёдшавии корхонаҳои саноатиро нишон медиҳад. Агар миқдори зиёдшавии корхонаҳоро ба ҳисоби миёна назар афканем, он гоҳ хулоса баровардан

мумкин аст, ки фоизи афзоши корхонаҳо 33%-ро ташкил медиҳад. Агар ба таҳлили солҳои 2017 дар муқоиса ба соли 2016 назар афканем, мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар соли 2017 ҳамагӣ 1999 корхонаи саноатӣ дар ҳудуди кишвар амал менамуд, ки нисбат ба соли 2016 44 адад кам аст ва ин нишондиҳанда бо фоиз 2,2%-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2021**

**Table 1. Dynamics of the main indicators of industrial enterprises of the Republic of Tajikistan in 2016-2021**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| Шумораи корхонаҳо, воҳид | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 |
| Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафар | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 |
| Ҳаҷми маҳсулот бо нархҳо, млн сомонӣ | 19453 | 23597 | 26098 | 29543 | 32143 | 38829 |

**Сарчашма.** Ҳисоби муаллиф дар асоси [8].

Албатта сабабҳои асосии камшавии корхонаҳои саноатӣ дар соли 2017 ин муфлисшавии як қатор коргоҳҳову фабрикаҳои саноатӣ мебошад.

Яке аз сабабҳои асосии ба таври дилхоҳ ноил нагардидан ба ҳадафҳои устувори саноатикунонӣ ин «истифодаи усулҳои кӯҳнаи идоракунӣ имкон надоданд, ки заминаи татбиқи ҳадафҳои баланд бардоштани рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ тавассути сиёсати саноатӣ фароҳам оварда шавад» [10,с.123].

Агар ба таҳлилҳо назар афканем, пешгӯйӣ намудан мумкин аст, ки дар панҷ соли минбаъда, яъне дар соли 2026 ҳамагӣ 422 адад корхонаи нави саноатӣ дар ҳудуди кишвар таъсис дода мешавад, ки нисбат ба соли 2021, теъдоди умумии корхонаҳо 2397 ададро ташкил медиҳад, ин нишондиҳанда дар соли 2026 ба 2819 адад ё худ 17,6% нисбат ба соли 2021 зиёд мегардад.

Ба ақидаи А.А. Чернышев «раванди саноатикунонии босуръатро ба воситаи зиёд намудани истеҳсолот таъмин намудан мумкин аст» [16,с.123].

Албатта гарчанде, ки нишондиҳандаҳои таъсисёбии корхонаҳо на он қадар паст аст, аммо фарогирии кормандон дар ин корхонаҳо аз соли 2018 сар карда то соли 2021 коҳиш ёфтааст.

Яке аз сабабҳои самаранок нагардидани натиҷаи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, «истифодаи технологияҳои кӯҳна дар раванди истеҳсолот арзёбӣ мегардад» [11,с.231].

Агар тибқи ин нишондиҳандаҳо таҳлили пешгӯйикуниро ба роҳ монем, дар соли 2026 ҳамагӣ метавонад 40 ҳазор ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби таъсиси корхонаҳои саноатӣ ташкил карда шавад.

Давлат барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат «ташкили минтақаҳои озоди иқтисодиро ба роҳ монда, василаи сармоягузориҳои хориҷиро ҷиҳати ташаккули истеҳсолот замина мегузорад» [13,с.20].

Тибқи таҳлилҳо дар соли 2026 назар ба соли 2021 5,8% афзоиши ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст.

Агар ба таҳлили ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот бо нархҳо назар афканем, пай бурдан мумкин аст, ки ҳамасола афзоиши он зина ба зина таъмин гардидааст.

Яке аз омилҳои асосие, ки заминаи муфиди инкишофи соҳаи саноатро таъмин менамояд, ин «пеш аз ҳама, бояд ба сифати захираҳои инсонӣ, минбаъд ба шароитҳои пешбурди тиҷорат ва фаъолияти соҳибкорӣ, ошкорбаёнӣ, омодагӣ ва ғайра эътибор дода шавад» [3,с.188].

Бо мақсади муайян намудани сатҳи инкишофи соҳаи саноат, метавон шумоари корхонаҳои саноатӣ аз рӯйи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноатро мавриди таҳлил қарор дод, ки дар ҷадвали 2 муфассал нишон медиҳем.

**Ҷадвали 2. Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯйи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноат дар давоми солҳои 2016-2021**

**Table 2. The number of industrial enterprises according to the main types of economic activity of industries during the years 2016-2021**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | % |
| Саноати истихроҷи маъдан | 232 | 229 | 249 | 250 | 264 | 291 | 25,4 |
| Саноати коркард | 1772 | 1732 | 1806 | 1746 | 1846 | 1927 | 8,7 |
| Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об | 39 | 38 | 106 | 168 | 173 | 179 | 358 |
| **Ҳамагӣ саноат** | **2043** | **1999** | **2161** | **2164** | **2283** | **2397** | **17,3** |

**Сарчашма.** Ҳисоби муаллиф дар асоси [8].

Чуноне, ки аз ҷадвали 2 бар меояд, дар соли 2016 11,3%-и саноати кишварро саноати истихроҷи маъдан, 86,7-и дигарро саноати коркард ва 1,9%-ро истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об ташкил додааст. Дар соли 2021 нисбат ба соли 2016 саноати истихроҷи маъдан 12,1%, фарқият 0,8%, саноати коркард 80,3, фарқият -6,4%, истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об 7,4, фарқият 5,5% мебошад. Аз ин ҷо бар меояд, ки гарчанде теъдоди корхонаҳои саноатии коркард сол ба сол зиёд гардида бошад ҳам, аммо ҳиссаи саноати коркард дар саноати кишвар сол ба сол кам гардидааст. Ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об сол ба сол дар саноати кишвар зиёд гардидааст.

Масалан, саноати истихроҷи маъдан дар соли 2021 нисбат ба соли 2016 25,4%, саноати коркард 8,7%, истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об 17,3% зиёд гардидааст. Ин нишондиҳандаҳо гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки саноати истихроҷи маъдан ва истеҳсолу тақсимоти неруи барқ, газ ва об рӯ ба беҳбудӣ ниҳодаанд ва нисбат ба саноати коркард суръати афзоишашон хубтар ба назар мерасад.

Яке аз ҳадафҳои асосии дилхоҳ корхона новобаста аз шакли фаъолият ва моликиятдорӣ, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот мебошад. Зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсолот аз он шаҳодат медиҳад, ки мол ё маҳсулоти истеҳсолшуда дар бозор истеъмолкунандаи худро дорад ва рақобатпазир аст. Аз ин рӯ, мо дар ҷадвали 3 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноати кишварро дар давоми солҳои 2016 ва 2021 мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Бо назардошти рӯ ба инкишоф будани соҳаи саноати миллӣ, имрӯзҳо дар саросари кишвар таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ бо маром идома дошта, дар ин замина як қатор мушкилотҳои ҷойдошта роҳи ҳалли худро ёфта истодаанд.

**Ҷадвали 3. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2016-2021 (бо млн сомонӣ)**

**Table 3. The volume of industrial products by the main types of economic activity of the industries of the Republic of Tajikistan during the years 2016-2021 (in millions of somoni)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021 /2016 бо ҳаҷми маҳсулоти %** |
| Саноати истихроҷи маъдан | 3004 | 4524 | 4686 | 4853 | 4309 | 8409 | 179,9 |
| Саноати коркард | 9368 | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 | 22313 | 138,1 |
| Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об | 2718 | 3729 | 5688 | 6808 | 7527 | 8107 | 198,2 |
| **Ҳамагӣ саноат** | **15090** | **20029** | **23894** | **27613** | **30890** | **38829** | **157,3** |

**Сарчашма.** Ҳисоби муаллиф дар асоси [8].

Аз ҷадвали 3 бар меояд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаи саноат дар соли 2021 нисбат ба соли 2016 ҳамагӣ 157,3% зиёд гардидааст. Агар ба соҳаҳои дигари саноат назар афканем, пай бурдан мумкин аст, ки тамоюли инкишоф дар кадом сатҳ қарор дорад. Дар соли 2021 нисбат ба

соли 2016 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати истихроҷи маъдан 179,9% зиёд гардидааст. Агар ба тамоюли инкишофи сол ба соли саноати истихроҷи маъдан назар афканем, танҳо дар соли 2020 рӯ ба поёнравӣ намудааст, аммо дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 қариб як баробар ин нишондиҳанда боло рафтааст. Албатта сабаби паст гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии коркард дар соли 2020 ин паҳншавии бемории сироятии ковид-19 арзёбӣ мегардад. Дар ин давра, яъне, дар соли 2021 нисбат ба соли 2016 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард 138,1% ва ҳаҷми истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об 198,2% зиёд гардидааст.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳиссаи саноати коркард нисбат ба дигар соҳаҳои саноат баландтар буда, суръати афзоишаш ҳам сол ба сол зиёд гардида истодааст.

Барои муайян намудани ҳиссаи соҳаҳои саноат дар сохтори умумии соҳаи саноати кишвар мо тасмим гирифтем, ки дар ҷадвали 4 муфассал нишондиҳандаҳои омориро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Сохтори саноати кишвар аз нуқтаи назари иқтисодӣ устуворнок арзёбӣ гардида, механизми ташкили он низ ба таври мушаххас роҳ монда шудааст. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, барои инкишоф ёфтани соҳаи саноат ташаккул ва истифодаи самараноки воситаҳои инноватсионӣ зарур маҳсуб меёбад.

**Ҷадвали 4. Сохтори соҳаҳои саноат (бо фоиз)**
**Table 4. Structure of industries (in percentage)**

| **Номгӯйи соҳаҳо** | **Солҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| Саноати истихроҷи маъдан. Аз он ҷумла: | 19,9 | 22,6 | 19,6 | 17,6 | 13,9 | 21,6 |
| Истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 1,5 | 1,5 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,2 |
| Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 18,4 | 21,1 | 18,2 | 16,2 | 12,5 | 20,4 |
| Саноати коркард. Аз он ҷумла: | 62,1 | 58,6 | 56,6 | 57,8 | 61,7 | 57,5 |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз он ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 24,4 | 21,4 | 20,5 | 19,6 | 22,9 | 19,6 |
| Истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ | 10,1 | 11,8 | 10,4 | 9,5 | 9,3 | 10,5 |
| Истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 |
| Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 0,7 | 0,6 | 0,6 | 0,5 | 0,5 | 0,3 |
| Истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр | 0,8 | 0,7 | 1,0 | 0,9 | 0,6 | 0,6 |
| Истеҳсоли маҳсулоти нафт | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,3 | 0,3 |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 0,6 | 0,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,7 |
| Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 0,6 | 0,8 | 0,8 | 1,0 | 1,0 | 1,0 |
| Истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 11,0 | 10,4 | 9,6 | 9,4 | 8,8 | 7,4 |
| Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёрифилизӣ | 12,3 | 10,9 | 11,3 | 14,0 | 16,1 | 15,4 |
| Мошинсозӣ | 0,8 | 0,7 | 0,9 | 1,1 | 0,9 | 1,0 |
| Ҳаргуна соҳаҳои саноат | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,4 | 0,4 | 0,4 |
| Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об | 18,0 | 18,8 | 23,8 | 24,6 | 24,4 | 20,9 |
| **Ҳамагӣ соҳаи саноат** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** |

**Сарчашма.** Ҳисоби муаллиф дар асоси [8].

Тибқи нишондиҳандаҳои оморие, ки дар ҷадвали 4 бар меояд, сохтори соҳаи саноати кишвар асосан аз се зерсоҳаҳо саноати истихроҷи маъдан, саноати коркард ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об иборат мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саноати истихроҷи маъдан дар соли 2016 19,9%-и саноати кишварро ташкил дода, дар соли 2021 ин нишондиҳанда 21,6%-ро ташкил додааст, ки 1,7% афзоиши ин соҳаро нишон медиҳад.

Нишондиҳандаҳо дар давоми солҳои 2016-2021 нобаробар буда, нишондиҳандаи аз ҳама пасттарин дар соли 2020 13,9% буда, нишондиҳандаи аз ҳама балндтарин дар ин соҳа, дар соли 2017 22,6% мебошад.

Яке аз воситаҳои дигари инкишоф додани соҳаи саноат, ин ҷалби бахши хусусӣ дар ин раванд арзёбӣ карда мешавад. Барои кишвари мо иштироки бахши хусусӣ дар инкишофи соҳаи саноат афзалиятнок мебошад, зеро маҳз сармоягузориҳо аз ҷониби бахшҳои хусусӣ имконияти рушди саноатро, махсусан корхонаҳои саноатиро ба миён меорад. Бояд қайд намоем, ки дар ин замина воридоти технологияҳои инноватсионӣ барои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ пайдо гардида, минбаъд ҳамчун асоси инкишофи корхонаҳои саноатӣ мегардад.

Барои баҳодиҳии ҳиссаи бахши хусусӣ дар соҳаи саноат, мо нишондиҳандаҳои омориро дар ҷадвали 5 мавриди таҳлил қарор медиҳем ва дар ин замина як қатор тавсияҳоро роҷеъ ба инкишофи минбаъдаи ин раванд пешниҳод менамоем. Таҳлили нишондиҳандаҳои омории мо солҳои 2016-2021-ро дар бар мегирад.

**Ҷадвали 5. Истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳо аз рӯйи шаклҳои моликият давоми солҳои 2016-2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо нархҳои солҳои дахлдор)**
**Table 5. Production of products of enterprises by forms of ownership during 2016-2021 in the Republic of Tajikistan (at prices of the respective years)**

| **Номгӯйи ҷонибҳо** | **Солҳо** | | | | | | **Нисб/2016 %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | |
| Бахши давлатӣ | 1572 | 1852 | 2079 | 2347 | 3473 | 3477 | **121,1** |
| Бахши ғайридавлатӣ | 13519 | 18177 | 21816 | 25266 | 27417 | 35352 | 161,4 |
| **Ҳамагӣ саноат** | **15090** | **20029** | **23894** | **27613** | **30890** | **38829** | **157,3** |

**Сарчашма.** Ҳисоби муаллиф дар асоси [8]

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои омории ҷадвали 6, мушоҳида намулан мумкин аст, ки ҳиссаи бахши ғайридавлатӣ дар истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳо, нисбат ба бахши давлатӣ, қариб 90% зиёд мебошад. Масалан дар соли 2016 ҳиссаи маҳсулоти корхонаҳои давлатӣ, дар сохтори саноати кишвар 10,4% ва ҳиссаи корхонаҳои ғайридавлатӣ дар сохтори саноати кишвар 86,6%-ро ташкил додааст. Ин нишондиҳандаҳо дар соли 2021 ба корхонаҳои давлатӣ 8,9% ва ғайридавлатӣ бошад, 91,1% рост меояд.

Бо мақсади муайян намудани теъдоди коргарони соҳаи саноати кишвар вобаста ба соҳаҳои саноат зарур шуморидем, ки дар ҷадвали 6 шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноати кишварро мавриди таҳлил қарор диҳем.

**Ҷадвали 6. Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2016-2021 (ҳаз наф)**
**Table 6. The average annual number of industrial and production workers in the industries of the Republic of Tajikistan during 2016-2021 (per year)**

| Номгӯйи соҳаҳо | **Солҳо** | | | | | | **Нисбат ба соли 2016 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | |
| Саноати истихроҷи маъдан | 9,7 | 9,6 | 10,2 | 11,1 | 12,6 | 13,6 | 40,2 |
| Саноати коркард | 57,6 | 60,9 | 56,5 | 59,2 | 59,3 | 58,9 | 2,2 |
| Истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ | 13,7 | 16,4 | 18,9 | 13,9 | 12,4 | 12,8 | -0,9 |
| Ҳамагӣ саноат | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 5,4 |

**Сарчашма.** Ҳисоби муаллиф дар асоси [14].

Дар соли 2016 теъдоди умумии кормандони соҳаи саноти кишвар 80,9 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки аз инҳо 9,7 ҳазор нафар ё худ 11,9% дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан, 57,6 ҳазор нафар ё худ 71,1% саноати коркард, 13,7 ҳазор нафар ё худ 16,9% дар соҳаи истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ ташкил додаанд Дар соли 2021 бошад ҳамагӣ дар соҳаи саноат 85,3 ҳазор нафар кормандон фаъолият

намудаанд, ки аз инҳо 13.6 ҳазор нафар ё худ 15.9%-ашон ба соҳаи саноати истихроҷи маъдан, 58,9 ҳазор нафар ё худ 69,0% саноати коркард ва 12,8 ҳазор нафар ё худ 15,0% соҳаи истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ рост меояд. Аз таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳиссаи зиёди ба кор фарогирифташудагон дар соҳаи саноати коркард мебошад. Дар соли 2016 57,6 ҳазор нафар аҳолии қобили меҳнати кишвар дар соҳаи саноати коркард ба кор фаро гирифта шудаанд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 58,9 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2016 2,2% зиёд мебошад.Саноати коркард дар навбати худ ба яке аз зерсоҳаҳои калидии саноати ҷумҳурӣ дохил гардида, ҳиссаи зиёдеро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки гарчанде, ки шумораи корхонаҳои соҳаи саноати коркард сол ба сол зиёд гардидааст, аммо теъдоди ба кор ҷалбшудагон дар ин соҳа на он қадар қонеъкунанла мебошад. Аз як тараф истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди истеҳсолот боис гардидааст, ки баъзе ҷойҳои корӣ ихтисор гарданд ва албатта ин раванд қариб, ки дар дилхоҳ корхонаҳо мавҷуд аст.

Ба ақидаи олимон А.А. Корниенко ва А.А. Кутин «ташаккули низомҳои минтақавии инноватсионӣ дар соҳаи саноат инкишофи иқтисодиёти мамлактро таъмин менамояд» [6,с.68].

Саноати коркард барои кишвари мо яке аз унсурҳои муҳимми инкишофдиҳандаи бахши воқеии иқтисоди миллӣ гардида, тақозои истифодаи технологияҳои инноватсиониро дар раванди истеҳсоли ин ё он маҳсулот ба миён овардааст. Корхонаҳои саноатии кокард аксарияташон ба бахшҳои хусусӣ тааллуқ дошта, маҳсулотҳои истеҳсолкардаашон дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ истеъмолкунанади худро дорад.

Бояд қайд намоем, ки «рушди таҳқиқоти сохтории муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ омили асосии баландабрдории самаранокии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ мебошад» [4,с.53].

Барои инкишоф додани саноати коркард, пеш аз ҳама, ғояҳои илман асоснокшудае лозиманд, ки дар асоси онҳо бизнес-нақшаҳо, лоиҳаҳо ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ таҳия карда мешаванд, зарур арзёбӣ мегардад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДБССТ - Ҷабборов Ф.А.**


**АДАБИЁТ**

1. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Бо Қарори ҲҶТ аз 27.05.2020, №293.
2. Барфиев К.Х. Методика определения конкурентоспособности предприятий АПК Хатлонской области Таджикистана / К.Х. Барфиев, Пиризода Дж.С. // Конкуретоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. – 2017. -№2. -ч.3. -С.16-18.
3. Белякова Е.В. Управленческие технологии инновационного развития региона: теория и методология: Монография / Е.В. Белякова. -М.: Изд-во МАИ: «Доброе слово», 2009. -188 с.
4. Бодрунов С.Д. Инновационное развитие промышленности как основа технологического лидерства и национальной безопасности России / С.Д. Бодрунов // Научные доклады Института нового индустриального развития (ИНИР) им. С.Ю. Витте. -СПб.: ИНИР, 2015. -С.54-57.
5. Жукова В.В. Анализ факторов, влияющих на устойчивое развитие региона / В.В. Жукова // Вестник ТИУиЭ. -Таганрог, 2011. -№1. -С.15-18.
6. Корниенко А.А. Современные проблемы и концепция повышения конкурентособности продукции отечественного станкостроения / А.А. Корниенко, А.А. Кутин // Вестник МГТУ Станкин. - 2009. -№2. -С.68-72.
7. Мирсаидов А.Б. Государственные услуги: экономическое содержание, типология / А.Б. Мирсаидов // Таджикистан и современный мир. – 2016. -№3. -С.189-197.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022 // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -. 257.
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш. Душанбе, 23.12.2022. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/29823. (санаи муроҷиат 28.12.2022).
10. Портер М.Е. Международная конкуренция. Конкурентные преимущества стран / М.Е. Портер. –М., 1993. -772 с.; Портер М.Е. Международная конкуренция [Текст] / М.Е. Портер. -М.: Междунар. отношения, 1993. -896 с.

11. Родионова И.А. Мировая промышленность: структурные сдвиги и тенденции развития (вторая половина XX – начало XXI вв.): монография / И.А. Родионова. -М.: ГОУ ВПО МГУЛ. 2009. -231 с.
12. Раҳимов М.А. Раванди саноатикунонии босуръат дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // М.А. Раҳимов, А.К. Сафоев // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Тамоюлҳои муосири байналмилалишавӣ ва масъалаҳои таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ” (27-уми майи соли 2023). -Душанбе: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 2023. – С.11-15.
13. Стратегический анализ социально-экономического развития регионов: принципы, основные направления, проблемы / Под ред. В.А. Гневко, В.Е. Рохчина. -СПб.: ИРЭ РАН, ИУЭ, 2014. -288 с.
14. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанб, -2022. -С20.
15. Умаров Х.У. Агробизнес и эффективность землепользования в регионах Таджикистана / Х.У. Умаров, Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –2019. -№3-2. -С.10-14.
16. Чернышев А.А. Роль государственных инвестиций в динамичном развитии экономики / А.А. Чернышев // Право и управление. XXI век. – 2014. -№2. -С.124-125.

## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ КОРКАРДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар шароити муосир инкишофи соҳаи саноат барои мамлакатҳои рӯ ба инкишоф омили асосии расидан ба ҳадафҳои устувори иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, аксар кишварҳои ҷаҳон асоси инкишофи иқтисодиёташонро аз рушди истеҳсолоти саноатӣ вобаста медонанд. Истеҳсолоти саноатӣ ҳамон вақт самаранок ва натиҷаи дилхоҳро ба бор меорад, ки дар он технологияҳои муосири инноватсионӣ истифода гардад. Технологияҳои инноватсионӣ дар раванди истеҳсолот иштирок намуда, якчанд афзалиятҳоро барои тавлиди молу маҳсулоти саноатӣ ба миён меорад. Бинобар ин, аксар маврид моликони корхонаҳои саноатӣ ҳадафҳои стратегии рушди корхонаҳоро дар асоси истифодаи васеи технологияҳои инноватсионӣ тарҳрезӣ менамоянд. Дар мақолаи мазкур вазъи муосири идоракунии давлатии рушди корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мониторинги вазъи кунунии идоракунии давлатии рушди инноватсионии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, як қатор мушкилотҳои ҷойдошта дар ин самт ошкор карда шудааст. Бо мақсади баҳо додани вазъи воқеии идоракунии давлатии рушди инноватсионии корхонаҳои саноати коркарди кишвар аз нишондиҳандаҳои оморӣ истифода бурда шуда, таҳлили муқоисавӣ гузаронида шудааст. Ҷиҳати рафъи муаммоҳои ҷойдошта дар ин самт дар интиҳои мақолаи илмии мазкур як қатрр тавсияву пешниҳодот аз ҷониби муаллиф манзур гардидааст.

**Калидвожаҳо.** саноат, идоракунии давлатӣ, технологияҳои инноватсионӣ, истеҳсолоти саноатӣ, инкишоф, иқтисодиёти миллӣ, мониторинг, тамоюл, дурнамо.

## АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ИННОВАЦИОННЫМ РАЗВИТИЕМ ПРЕДПРИЯТИЙ ПЕРЕРАБАТЫВАЮЩЕЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В современных условиях развитие промышленности развивающихся стран рассматривается как главный фактор достижения устойчивых целей национальной экономики. Поэтому большинство стран мира считают основой своего экономического развития зависимость от развития промышленного производства. Промышленное производство эффективно и дает желаемый результат при использовании современных инновационных технологий. Инновационные технологии участвуют в производственном процессе и приносят ряд преимуществ в производстве промышленных товаров. Поэтому в большинстве случаев собственники промышленных предприятий проектируют стратегические цели развития предприятий на основе широкого использования инновационных технологий. В данной статье рассмотрено современное состояние государственного управления развитием предприятий перерабатывающей промышленности Республики Таджикистан. Проведен мониторинг современного состояния государственного управления инновационным развитием предприятий перерабатывающей промышленности Республики Таджикистан, выявлен ряд существующих проблем в этом направлении. Для оценки реального состояния государственного управления инновационным развитием предприятий перерабатывающей промышленности страны использовались статистические показатели и проводился сравнительный анализ. В целях решения существующих проблем в этом направлении в конце данной научной статьи автором сделан ряд рекомендаций и предложений.

Ҳадафҳо ва вазифаҳои асосие, ки дар доираи консепсияи тахриби сифрии замин татбиқ мешаванд, таҳияи маҷмуи чораҳоеро тақозо мекунанд, ки ба рафъи талафоти мавҷуда дар ҳосилнокии замин, ҳифз ва беҳтар намудани сармояи табиии рӯизаминӣ, васеъ намудани масоҳати заминҳои кишоварзии экологӣ ва ба баланд бардоштани сифати хизматрасонии экосистемавӣ нигаронида шудаанд. Дар баробари ин, ҳангоми тартиб додани тадбирҳо ба имконияти татбиқи онҳо дар ояндаи дарозмуддат ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум диққат дода мешавад. Истифодаи инноватсияҳо дар кишоварзӣ ва иттилоотикунонии замининстифодабарӣ низ дар ин замин аз аҳаммияти хос бархурдор мебошад [1].

Сабабҳои асосии суст паҳн шудани консепсияи тахриби сифрии замин, набудани заминаи ҳуқуқии заминистифодабарӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, нодида гирифтани равишҳои ҳамгироишуда барои татбиқи пурраи принсипҳои истифодаи экологии замин ва рушди устувори кишоварзӣ мебошад. Камбуди захираҳои молиявӣ барои татбиқи тамоми маҷмуи чорабиниҳои зарурӣ, инчунин, набудани дигар захираҳои вобаста ба фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи концепсияи тахриби сифрии замин аз сабаҳои дигари суст паҳн шудани консепсияи мазкур таъриф мешавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ – Зиёев Б.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Асомуддини Р.К. Истифодаи инноватсияҳо дар кишоварзӣ ва иттилоотикунонии замининстифодабарӣ / Асомуддини Р.К. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№2. -С.201-207.
2. Вазиров А.К. Теоретические подходы к пониманию экологического развития сельского хозяйства региона / А.К. Вазиров, Ф.А. Вазиров, Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№2. -С.153-158.
3. Джоналоев М.С. Теоретические аспекты формирования устойчивого землепользования в регионе и механизм его регулирования / М.С. Джоналоев // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2022. -№2(78). -С.106-113.
4. Зиёев Б.С. Институциональные аспекты управления земельными ресурсами (теория, методология) / Б.С. Зиёев, С.М. Хусайнов, Манучехри Н.Р. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. -№9. –С.97-104.
5. Зиёев Б.С. Основные принципы и методы регулирования землепользования в условиях аридного региона / Б.С. Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2019. -№5. -С.36-45.
6. Косовцова Т.И. Землепользование в Германии и его региональные особенности / Т.И. Косовцова // Известия Русского географического общества. -СПб, 2020. -Т.152. -№5. -С.39-47.
7. Макуха В.Ю. Административная ответственность как средство воздействия на нарушителей правил землепользования / В.Ю. Макуха // Инновации. Наука. Образование. - 2021. -№34. -С.1822-1826.

8. Рощина Ю.В. Сущность аграрного природопользования и экономики его устойчивого развития / Ю.В. Рощина // В книге: Экономика аграрного природопользования: теория и практика. -Симферополь, 2015. -С.10-32.
9. Allen C, Metternicht G., Verburgb P., Akhtar-Schuster M., da Cunha M.I., Santivañez M.S. Delivering an enabling environment and multiple benefits for land degradation neutrality: Stakeholder perceptions and progress. Environmental Science & Policy. – 2020. -Volume 114. -P.109-118.
10. Tretiak A., Melnychuk A. Features of methodological principles of formation land use of defense//Землеустрій, кадастр і моніторинг земель. - 2020. -№1(26). -С.86-95.
11. United Nations General Assembly, 2015. Transforming Our World: the 2030 Agenda for Sustainable Development, Outcome Document of the United Nations Summit for the Adoption of the post-2015 Agenda. RES/A/70/L.1. United Nations, -New York.
12. Yifter T., Razoumny Yu., Lobanov V. Deep transfer learning of satellite imagery for land use and land cover classification//Informatics and Automation. - 2022. -Т. 21. -№5. -С.963-982.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ КОНСЕПСИЯИ СИФРТАХРИБИ ИСТИФОДАИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии консепсияи сифртахриби истифодаи заминҳои кишоварзӣ баррасӣ шудаанд. Ин консепсия, консепсияи нисбатан нав ва дар шароити Тоҷикистон то ҳол пурра омӯхта нашуда мебошад, ки зарурати муаррифӣ ва шинохти он аз масоили муҳим дар илми кишоварзии кишвар ба ҳисоб меравад. Иҷлосияи дувоздаҳуми Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бо биёбоншавӣ (UNCCD) дар моҳи октябри соли 2015 дар Анқараи Туркия баргузор гардид, ки дар кори он Консепсияи сифртахриби замин (LDN) дастгирӣ карда шуд. Татбиқи ин консепсия ба ҳама кишварҳои аъзои СММ тавсия карда мешавад. Дар Тоҷикистон ин консепсия то ҳол пурра омӯхта нашудааст ва татдқиқотҳои густарда ва ҳадафмандро дар ин самт тақозо мекунад. Дар мақолаи мазкур муаллифн кӯшиш намудааст, ки асосҳои назариявии ин консепсия, заминаҳои пайдоиши он, мушкилот ва муаммоҳои татбиқи онро барассӣ намояд. Зикр гардидааст, ки ҳадафи LDN ҳифзи ҳосилнокии захираҳои замин, нигоҳи экосистема ва қонеъ кардани ниёзҳои наслҳои ҳозира ва оянда мебошад. LDN бо таваҷҷуҳ ба ҷорӣ намудани кишоварзии экологӣ аз нигоҳи ҳифзи заминҳои корам, мусоидат ба рушди устувори кишоварзӣ, кафолати амнияти озуқаворӣ ва устувории нархи ҷаҳонии озуқа аҳаммияти бузурги стратегӣ дорад. Консепсияи LDN кӯшиш мекунад, ки байни таназзули пешбинишудаи захираҳои нави замин ва кӯшишҳои оянда мувозинат ба даст орад.

**Калидвожаҳо:** замин, сифртахриби замин, экология, СММ, консепсия, амнияти ғизоӣ, рушди устувор, кишоварзӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ КОНЦЕПЦИИ НУЛЕВОЙ ДЕГРАДАЦИИ ЗЕМЕЛЬ КАК ОСНОВА УСТОЙЧИВОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ЗЕМЕЛЬ

В данной статье рассматриваются теоретические основы концепции нулевой деградации земель как основы устойчивого использования земельных ресурсов. Данная концепция является относительно новой концепцией и еще не до конца изучена в условиях Таджикистана. Двенадцатая сессия Конференции Организации Объединенных Наций по борьбе с опустыниванием состоялась в Анкаре (Турция), в октябре 2015 г., на которой была поддержана концепция нулевой деградации земель (LDN). Реализация этой концепции рекомендуется всем государствам-членам ООН. В Таджикистане это понятие еще не до конца изучено и требует обширных и целенаправленных исследований в этом направлении. В данной статье автор попытались рассмотреть теоретические основы этой концепции, предпосылки ее возникновения, связанные с ней проблемы и сложности. Упоминается, что целью LDN является защита продуктивности земельных ресурсов, сохранение экосистемы и удовлетворение потребностей нынешнего и будущих поколений. LDN имеет большое стратегическое значение, сосредоточив внимание на внедрении экологического сельского хозяйства, с точки зрения защиты пахотных земель, содействия устойчивому развитию сельского хозяйства, обеспечения продовольственной безопасности и стабилизации мировых цен на продукты питания. Концепция LDN пытается найти баланс между ожидаемым истощением новых земельных ресурсов и будущими усилиями.

**Ключевые слова:** земля, нулевая деградация земель, экология, ООН, концепция, продовольственная безопасность, устойчивое развитие, сельское хозяйство.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE CONCEPT OF ZERO LAND DEGRADATION AS A BASIS FOR SUSTAINABLE USE OF AGRICULTURAL LAND

This article discusses the theoretical foundations of the concept of zero land degradation as the basis for the sustainable use of land resources. This concept is a relatively new concept and has not yet been fully explored in the context of Tajikistan. The twelfth session of the United Nations Conference to Combat Desertification was held in Ankara (Turkey), in October 2015, which supported the concept of land degradation zero (LDN). The implementation of this concept is recommended to all UN Member States. In Tajikistan, this concept is not yet fully understood and requires extensive and targeted research in this direction. In this article, the authors tried to consider the theoretical foundations of this concept, the prerequisites for its occurrence, the problems and difficulties associated with it. It is mentioned that the goal of LDN is to protect the productivity of land resources, preserve the ecosystem and meet the needs of present and future generations. LDN is of great strategic importance, focusing on the implementation of

ecological agriculture in terms of protecting arable land, promoting sustainable agricultural development, ensuring food security and stabilizing world food prices. The concept of LDN attempts to strike a balance between the expected depletion of new land resources and future efforts.

**Keywords:** land, zero land degradation, ecology, UN, concept, food security, sustainable development, agriculture.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳусайнов Сафарали Мирзомуродович*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 987309495**. E-mail: **mfahim@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хусайнов Сафарали Мирзомуродович*** - Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, ассистент кафедры бухгалтерского учета, анализа и аудита. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **(+992) 987309495**. E-mail: **mfahim@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khusainov Safarali Mirzomurodovich*** - Avicenna Tajik State Pedagogical University Sadriddina Aini, Assistant of the Department of Accounting, Analysis and Audit. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 121. Phone: **(+992) 987309495.** E-mail: **mfahim@mail.ru**

ТДУ: 336.71(575.3)

# РОҲҲОИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Олимов У.М.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявии кишвар дар шароити буҳрон ва маҳдуд будани захираҳои молиявӣ, беҳтар намудани фаъолияти низоми бонкии кишвар ба шумор меравад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти пурсамари ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва танзими самаранокии онҳо аз ҷониби давлат шарти муҳимми рушди дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии мардум, дар маҷмуъ, арзёбӣ мегардад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ мушкилоти иҷтимоию иқтисодии кишвар асосан тавассути сиёсати пулию қарзӣ, буҷетӣ ва қарзӣ ҳал мешавад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани самаранокии низоми бонкии кишвар барои илми иқтисодӣ ва фаъолияти иқтисодии кишвар яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Низоми бонкӣ аз замони таъсисёбии худ то имрӯз роҳи дурро тай намуда, дар марҳилаҳои гуногуни рушд, дар фаъолияти иқтисодӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Натиҷаҳои ба даст овардаи низоми банкӣ барои ҳалли проблемаҳои иқтисодию иҷтимоии хар як мамлакати ҷаҳон заминаи мустаҳками молиявӣ гузоштанд. Аз тарафи дигар, дар шароити пайдоиши таҳдидҳои муосир, аз қабили паҳншавии Ковид-19, вазифаи асосии низоми бонкӣ дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани фаъолияти бонкҳо мебошад.

Шарти муҳимми рушди низоми бонкӣ, ин таъмини рақобатпазирӣ ва пешгирии муфлисшавии бонкҳои тиҷоратӣ дар чунин шароит мебошад. Маҳз сатҳи пасти рақобатпазирии низоми бонкӣ боиси таназзули бахшҳои дигари муҳимми иқтисодиёт мегардад [4,с.36]. Аз ин лиҳоз, нигоҳ доштани рушди устувори низоми бонкӣ аз нигоҳи таъмини амнияти молиявии ҳар як кишвар дар шароити буҳрони молиявӣ самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат ба шумор меравад.

Беҳтар намудани роҳи рушди соҳаи бонкӣ омӯзиш ва таҳияи омилҳоеро тақозо менамояд, ки рушди бемайлони институтҳои молиявиро шарти зарурии таъмини рушди иқтисодии кишвар муайян мекунанд. Бояд гуфт, ки омили муайянкунандаи рушди низоми бонкӣ, пеш аз ҳама, устувории низоми бонкӣ, сармояи калон, сатҳи баланди сармоягузорӣ, ҳимояи манфиатҳои амонатгузорон ва монанди инҳо ба шумор мераванд.

Инчунин, устувории рушди бахши бонкӣ аз имкони сари вақт расонидани хизматрасонии босифат ба тамоми субъектҳои соҳибкорӣ, аз соҳибкории хурду миёна сар карда то ба тамоми иштирокчиён фаъолияти хоҷагидории кишвар вобаста аст. Аз тарафи дигар, дар шароити буҳрон кору фаъолияти самаранок ва сари вақт ба субъектҳои соҳибкорӣ додани қарзҳои босифат кори хеле мушкил аст.

Қобили зикр аст, ки дар шароити буҳрон ва номуайянии рушди фаъолияти иқтисодӣ хатарҳои асосӣ сатҳи баланди таваккал, паст шудани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, вобастагӣ аз вазъи молиявии ҷаҳонӣ, коҳиши дороиҳо ва даромадҳои ҳам аҳолӣ ва ҳам муассисаҳои молиявӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, дар чунин шароит низоми бонкӣ бояд тибқи барномаи таҳияшудаи рушди иқтисоди миллӣ, бахусус СМР-2030, ки дар он бахши бонкӣ ҳамчун неруи пешбарандаи рушди дигар соҳаҳои муҳимми иқтисодиёт арзёбӣ мешавад, амалӣ гардад.

Аз нуқтаи назари предмети таҳқиқот, махсусан бояд қайд намуд, ки рушди бахши бонкӣ бештар ба ташаккули бозори муосири молиявӣ вобастагӣ дорад.

Аз ин рӯ, зарурати таъмини рушди минбаъдаи бозори молиявӣ ва воситаҳои ба миён меояд, зеро дар марҳилаи мазкури фаъолияти он амалиёти қарзии бонкҳо бартарӣ дорад ва корхонаҳо тавассути дигар воситаҳои (ғайриқарзӣ) аз бозори молиявӣ бинобар сабаби диверсификатсияи маҳдуд қарз намегиранд.

Низоми бонкӣ бо амалиёти қарзӣ, ки баъзеи онҳо характери квазибучетӣ доранд, пурбор карда шудааст. Бонкҳои асосӣ вазифаҳои азнавтақсимкуниро иҷро намуда, захираҳои мақсаднокро ба субъектҳои иқтисодиёт равона мекунанд [6,с.36].

Бинобар ин, рушди низоми бонкии кишвар, рушди бахшҳои дигари бозори молиявиро тақозо мекунад. Дигар муассисаҳои молиявӣ низ бояд фаъолияти молиявии худро диверсификатсия намуда, баъзе амалиёти бонкиро анҷом диҳанд. Чунин иқдом барои онҳо заминаи устувори молиявӣ гузошта, мавқеъашонро дар бозори молиявӣ мустаҳкам мегардонад. Аз ин рӯ, сиёсати иқтисодию молиявӣ бояд ба васеъ намудани доираи амалиёт ва хизматрасонии бонкӣ нигаронида шавад.

Албатта, ин таъсиси марказҳои нави хизматрасонии молиявӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди миллӣ ва хориҷӣ, инчунин, таҳияи чунин механизмеро тақозо мекунад, ки ба рушди фаъолияти бонкӣ мусоидат кунад. Ҳамин тариқ, рушди сегментҳои дигари молиявии кишвар, барои рушди низоми бонкии кишвар заминаи устувори молиявӣ фароҳам оварда, охирин дар навбати худ рақобатпазирии хизматрасониҳои бонкиро дар бозори молиявӣ таъмин менамояд.

Бояд қайд кард, ки муваффақияти фаъолияти бонкҳо бо таъсири мутақобилаи ду омили ба ҳам алоқаманд таъмин карда мешавад. Инҳо даромаднокии баланд ва пардохтпазирӣ мебошанд. Пардохтпазирӣ маънои имконияти сари вақт пурра иҷро намудани уҳдадориҳои худро дар назди амонатгузорон ифода мекунад. Аз даст додани пардохтпазирии бонк дар ниҳоят ба муфлисшавии он оварда мерасонад [11,с.190].

Таъмини рушди устувори молиявӣ ва пардохтпазирӣ яке аз масъалаҳои асосии низоми бонкии кишвар мебошад. Мавҷудияти чунин унсурҳо аз рушди устувори молиявии бахши бонкӣ шаҳодат медиҳад. Аз ин лиҳоз, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявии кишвар, таъмини пардохтпазирӣ ва қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои молиявию қарзӣ дар шароити бозор ба ҳисоб меравад. Бонк дар ҳамон сурат бозоргир ҳисобида мешавад, ки агар вай пули нақд ва дигар дороиҳоро сари вақт баргардонида тавонад ва инчунин, қобилияти баргардонидани қарзҳо ва уҳдадориҳои молиявиро дошта бошад.

Инчунин, вобаста ба таъмини устуворнокии фаъолияти бонкӣ қайд кардан зарур аст, ки яке аз омилҳои муҳимтарини рушди бонкҳо мавҷудияти мутахассисони баландихтисос мебошад. Сатҳи баланди касбии кормандони бонк ва дигар кормандон ба фаъолияти бонк бевосита таъсири мусбат мерасонад [2,с.6].

Дар робита ба ин, бояд дуруст дарк кард, ки яке аз сабабҳои муфлисшавии ду бонки низомсоз аз ҷиҳати системавӣ муҳим дар кишвар, ба гуфтаи коршиносон, мудирияти нодурусти бонкҳо арзёбӣ гаштааст. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандони муассисаҳои молиявӣ, бахусус бонкҳои тиҷоратӣ самти муҳимми сиёсати ташкилотҳои молиявӣ бояд эътироф гардад.

Баланд бардоштани рушди устувори низоми бонкӣ, ба андешаи мо, аз ташаккули сармоя, беҳтар намудани хизматрасонии бонкӣ, навсозии таъминоти иттилоотӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, таъмини рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои ягонаи муосир ва технологияи муосир вобастагӣ дорад.

Баланд бардоштани устувории низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон фаъолияти муҳимми тамоми ниҳодҳои давлатии молиявии кишвар мебошад. Самаранокии низоми бонкӣ, пеш аз ҳама, назорати сифат ва танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро тақозо мекунад.

Имрӯз, бисёр бонкҳо кӯшиш мекунанд, ки ба Базел III гузаранд. Дар ҳамин ҳол, бисёре аз онҳо то ҳол аз стандартҳои Базел II нагузаштаанд, аммо кори худро тибқи низоми байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба роҳ мондаанд. Танҳо баъзе аз бонкҳое, ки коғазҳои қиматноки онҳо айни замон дар биржаҳо муомилот карда мешаванд, метавонанд ба талаботи Базел III ҷавобгӯ бошанд [8,с.76].

Бояд қайд кард, ки пеш аз ҷорӣ намудани муқаррароти асосии Базел III муассисаҳои молиявӣ бояд масъалаҳои такмили сохтори бонкҳо, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, баланд бардоштани сатҳи қарздиҳии бонкӣ, ҳосилнокии кори бонкҳо ва ғайраро ҳал кунанд. Дар шароити буҳрон ва ноустувории молиявӣ гузариш

ба ин меъёрҳо барои бонкҳои миллӣ мушкил арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, дар чунин шароит идоракунии самараноки бахши бонкӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири баланд ва инчунин, рушди ҳаматарафаи бозори молиявӣ муҳим мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар низоми танзим ва назорати бонкҳои тиҷоратӣ бояд вазъи кунунии бахши молиявии кишвар ва бозорҳои ҷаҳониро арзёбӣ карда, аз усулҳои назорате, ки Созишномаи Базел пешниҳод кардааст, истифода барад.

Аз маълумоти дар поён овардашуда тахмин кардан мумкин аст, ки то чи андоза муассисаҳои молиявии кишвар ба Созишномаи Базел мувофиқат мекунанд:

- Сармояи сатҳи якум дар ҳаҷми 6% аз рӯи Базел ва 12% аз рӯи Бонки миллии Тоҷикистон (2019) ва зиёда аз 12% барои бонкҳои иштирокчии низоми суғуртаи пасандозҳо муқаррар шудааст.

-Мувофиқи сармояи Базел-III сармояи сатҳи I, ки метавонад аз саҳмияҳои одӣ ва фоидаи тақсимнашуда иборат бошад ва Бонки миллии Тоҷикистон низ ҳамин талаботро дорад.

- Талаботи Базел - III оид ба ташаккули сармояи захиравӣ барои пӯшонидани пардохтпазирии кӯтоҳмуддат (30 рӯз) муқаррар шуааст. Инчунин, ин талабот дар талаботи Бонки миллии Тоҷикистон бо номи «Ликвиднокии ҷорӣ», яъне К3-1 оварда шудааст.

Гузариш ба стандартҳои муосири танзими бонкӣ дар якҷоягӣ бо таъсири мусбат раванди коҳиши шумораи бонкҳоро дар Тоҷикистон таҳти таъсири омилҳои бозорӣ (созишномаҳои ҳамроҳшавии бонкҳо) ва маъмурӣ (бозхонди иҷозатнома) пурзӯр мекунад. Гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ самаранокии низоми бонкиро афзоиш дода, ба ташкилотҳои қарзии он имкон медиҳад, ки иштирокчиёни комилҳуқуқи амалиёти бонкии байналмилалӣ гарданд ва эътимоди сармоягузорони хориҷиро мустаҳкам намоянд, ки ин шарти муҳим дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва молиявӣ мебошад [10,с.37].

Бо васеъ гаштани муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва рушди ҷаҳонишавӣ дар саросари ҷаҳон, бонкҳо низ мисли дигар ниҳодҳои иқтисодӣ ҳамдигарро пурра ва ба ҳам печида шуданд. Аз ин рӯ, агар бонкҳо иштибоҳ ва таваккал кунанд, пас оқибатҳои манфӣ ба кишварҳои дигар низ мерасад. Дар асоси ин, гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ ба низоми бонкӣ имкон медиҳад, ки дар давраи дарозмуддат самаранокии рушдро афзоиш диҳад.

Такмили заминаи қонунгузорӣ, ҳимояи манфиатҳои саҳомон, беҳбуди фаъолияти ассотсиатсияҳои бонкӣ, ташкили бонкҳои хурд, баланд бардоштани шаффофияти сармояи бонкҳо ва мутобиқгардонии низоми бонкии кишвар ба меъёрҳои байналмилалӣ аз роҳҳои имконпазири беҳбуди вазъи бонкӣ маҳсуб мешавад.

Дар робита ба ин, қайд кардан муҳим аст, ки дар иқтисоди миллӣ, бозори молиявии кишвар танҳо ба шарофати низоми бонкӣ рушд мекунад, дар ҳоле ки унсурҳои дигари он ҳанӯз рушди комилро дарёфт накардаанд. Ин маънои онро дорад, ки имрӯз дар баробари низоми бонкӣ, ҳамзамон, рушди дигар ҷузъҳои бозори молиявӣ, аз қабили коғазҳои қиматнок, суғурта, бозорҳои асъор ва пул муҳим мебошад.

Аз руи ин мавқеъ, барои рушди бозори молия дар Тоҷикистон, аз як тараф сиёсати сахтгиронаи мақомоти давлатӣ зарур агар бошад, аз ҷониби дигар, имкон медиҳад, ки татбиқи фаъолияти хеш дар асоси принсипҳо ва қонунҳои бозор амалӣ гарданд [3,с.76].

Дар шароити рушди сегментҳои дигари бозори молиявӣ мо имкон дорем, ки хизматрасонии бонкиро дар асоси ташаккули онҳо ба яке аз қувваҳои пешбарандаи фаъолияти иқтисодии кишвар табдил диҳем. Барои баҳодиҳии низоми молиявии кишвар дар иқтисодиёт ва фаъолияти иқтисодӣ нишондиҳандаҳои гуногун мавҷуданд, ки дар асоси онҳо воқеияти рушди бахши бонкӣ муайян карда мешавад.

Ба инҳо маблағи қарзи дохилӣ, пули нақд, уҳдадориҳои системаи бонк, нақши банкҳои тиҷоратӣ дар тараққиёти хоҷагии халқ, қарз додани сектори хусусӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки имрӯз бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми маблағгузории субъектҳои соҳибкорӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Тавре аз ҷадвал дида мешавад, дар соли 2018 аз ҳамаи шаклҳои қарз 76,7% ба бонкҳои тиҷоратӣ рост омадаанд, ки ин

аз нақши назарраси ин ташкилотҳо дар низоми муносибатҳои молиявию қарзии кишвар шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, барои рушди босуръати низоми молиявӣ бояд ба бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин механизмҳои рушди бозори молиявӣ диққати махсус дода шавад.

Қобили зикр аст, ки дар баробари бонкҳои тиҷоратӣ дигар ниҳодҳои молиявии кишвар дар самти таъмини рушди устувори молиявӣ бояд ташаккул ва инкишоф дода шаванд. Бинобар ин, як қисми муомилоти молиявӣ бояд дар дигар муассисаҳои молиявӣ анҷом дода шавад, зеро ин талаби иқтисоди бозорӣ ва ташаккули шаклҳои гуногуни моликият мебошад.

Аз тарафи дигар, чунин иқдом ба рушди ин ниҳодҳо мусоидат намуда, барои рақобатпазирии бозори молиявии кишвар заминаи устувор мегузорад. Аз ин рӯ, сиёсати молиявии кишварҳои пешрафта ба диверсификатсияи амалиёти молиявӣ тавассути ташкилотҳои ғайрибонкӣ нигаронида шудааст.

Барои ноил шудан ба ин мақсад, аз қабили таъсиси дигар ташкилотҳои ғайрибонкӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои амалиёти гуногуни бонкӣ ва ғайрибонкӣ, васеъ намудани механизми танзими бонкӣ ва ғайра корҳои зиёдеро анҷом додан лозим меояд. Дар ин шароит дигар муассисахои ғайрибонкӣ ташкил карда мешаванд, ки бори гарони ташкилотҳои молиявии тиҷоратиро ба дигар муассисаҳо тақсим карда, мувозинати муомилоти молиявиро дар кишвар таъмин мекунанд.

Аз нуқтаи назари мавзуи тадқиқот бояд қайд намуд, ки рушди устувори низоми бонкӣ низ бештар ба дуруст ба роҳ мондани сиёсати пулию қарзӣ вобаста аст. Дар байни масъалаҳои муҳимтарини танзими пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоро бояд қайд кард:

-самаранокии пасти бисёр воситаҳои пулии БМТ (расмиятнокии асбоби меъёри фоизии тахфиф, долони баланди фоизи байни меъёрҳои қарзҳо ва пасандозҳои овернайт, сохтори нокифояи самараноки амалиёт оид ба танзими пардохтпазирии бонкҳо; сатҳи хеле баланди агрегати пули М0 дар сохтори ҳаҷми пул (дар Тоҷикистон дар соли 2018 80,4%);

-долларизатсияи назарраси иқтисодиёт, ки фишори иловагӣ ба қурби асъорро ба вуҷуд оварда, ҳоло омили асосии таваррум дар Ҷумхурии Тоҷикистон мебошад; сатҳи пасти эътимоди аҳолӣ ва соҳибкорон дар маҷмуъ, ба низоми бонкӣ ва бахусус ба асъори миллӣ [1,с.65].

Барои рафъи мушкилоти мавҷуда, чунон ки борҳо қайд кардем, бояд сиёсати оқилонаи молиявии кишвар ва танзими давлатӣ дар шакли ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодии кишвар гузаронида шавад. Меъёрҳои фоизии баланд, долларизатсияи иқтисодиёт, самаранокии пасти воситаҳои пулӣ, танзими ғайрисамараноки пардохтпазирии бонкҳо, қурби ноустувори асъор ва таваррум ҳамеша дар роҳи рушди минбаъдаи низоми бонкӣ ва умуман иқтисодиёт монеа эҷод мекунанд.

Вобаста ба ин, бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати иқтисодӣ таҳия гардидаанд, ки тибқи онҳо дар оянда афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла дар соҳаи бонкдорӣ таъмин карда шавад.

Мутобиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 аз афзалиятҳои асосии бахши бонкии кишвар, коҳиш додани осебпазирии бахши молиявӣ (бонкӣ) ва таъмини фаъолияти устувори он, инчунин, беҳтар намудани дастрасӣ ба маблағҳои молиявӣ иборат мебошад.

Барои ноил шудан ба афзалиятҳои асосӣ вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– таҳкими иқтидори танзими БМТ;

- таҳкими суботи молиявӣ ва таҳкими иқтидори назоратии БМТ, аз ҷумла рушди малакаҳои кормандон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, идоракунии хавфҳо ва моделсозӣ;

- таҳкими низоми мониторинги хавфи асъорӣ, хавфи пасандозҳои калон, сифати қарзҳо аз рӯи бахшҳо, инчунин, хавфҳои бозорӣ;

– таъмини гузариш ба низоми шинокунандаи қурби асъор ва паст кардани сатҳи долларизатсия;

- баланд бардоштани устувории ташкилотҳои молиявӣ ва фароҳам овардани шароит барои ташаккули низоми сезинаи қарздиҳӣ;

- таъмини фаъолияти биржаи фондӣ ва бозори такрории коғазҳои қиматнок ва диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузории берунии бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ [9,с.60].

**Ҷадвали 1. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии низоми бонкӣ**
**Table 1. Ways to increase the efficiency of the banking system**

| **Роҳҳои такмили бахши бонкӣ дар ҶТ** |
|---|
| Такмили муҳити ҳуқуқӣ, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодиёт, бахусус соҳибкорӣ, ҳифзи моликияти хусусӣ ва рушди рақобат дар бозори молиявӣ, баланд бардоштани устувории институтҳои молиявӣ нигаронида шудааст |
| Ташаккул ва рушди инфрасохтори замонавӣ бо истифода аз технологияҳои навтарини бонкӣ, рушди муносибатҳои байналмилалӣ бо марказҳои молиявии байналмилалӣ ва рушди муносибатҳо бо корпоратсияҳои байналмилалӣ, ташаккули қарздиҳии сезинагӣ ва монанди инҳо |
| Баланд бардоштани сифати менеҷмент ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, такмили танзим ва назорати бонкӣ, таъмини худтаъминии молиявӣ, таъмини устувории бахши бонкии кишвар, таъмини гузариш ба низоми шинокунандаи қурби асъор ва паст кардани сатҳи долларизатсия |
| Фароҳам овардани шароит барои рушди рақобат дар бозори молиявӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои молиявию қарзӣ, баланд бардоштани сифат ва сатҳи хизматрасонии молиявӣ, васеъ намудани имкониятҳои истеъмоли хизматрасониҳои бонкӣ, диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузории беруна барои бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ |
| Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири илмталаб ва иттилоотӣ дар бахши бонкӣ, васеъ намудани номгӯи воситаҳои қарздиҳии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи танзим ва назорати асъор |
| Таъсиси марказҳои нави хизматрасонии молиявӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди миллӣ ва хориҷӣ, таъмини пардохтпазирии бонкҳо, навсозии таъминоти иттилоотӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ, таҳкими суботи молиявӣ ва таҳкими иқтидори назоратии БМТ |
| Истифодаи воситаҳои арзёбии хавфҳо ва усулҳои назорати пешниҳоднамудаи Созишномаи Базел, гузаштан ба стандартҳои муосири танзими бонкӣ, таҳкими эътимоди сармоягузорони хориҷӣ, таъсиси дигар ташкилотҳои ғайрибонкӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои амалиёти гуногуни бонкӣ ва ғайрибонкӣ, тавсеаи механизми танзими фаъолияти бонкӣ |
| Ҳифзи манфиатҳои саҳмдорон, такмили фаъолияти ассотсиатсияҳои бонкӣ, ташкили бонкҳои хурд, баланд бардоштани шаффофияти сармояи бонкӣ ва мутобиқ гардонидани низоми бонкии кишвар ба меъёрҳои байналмилалӣ, пешбурди сиёсати оқилонаи молиявии кишвар ва танзими давлатӣ дар шакли ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ |

Сарчашма. Таҳияи муаллиф дар асоси гузаронидани тадқиқоти илмиву назариявӣ

Татбиқи чунин ҳадафҳо барои низоми бонкии кишвар имкон медиҳад, ки дарояндаи наздик фаъолияти бонк рушд карда, ба дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ такони ҷиддӣ бахшад.

Ҳамин тариқ, бе татбиқи ҳадафҳои мухталифи рушди хизматрасонии бонкӣ, такмили низоми молиявии кишвар имконнопазир мегардад. Баланд бардоштани саводнокии молиявӣ, капитализатсияи бонкҳо, баланд бардоштани сифати маблағҳои худӣ, диверсификатсияи маҳсулоти бонкӣ, баланд бардоштани даромаднокӣ, васеъ намудани ҳаҷми захираҳои дарозмуддат, васеъ намудани бозтамвил ва кам кардани арзиши хизматрасониҳои бонкӣ омилҳои муҳимми рушди низоми бонкӣ ба ҳисоб меравaнд.

Илова бар ин, модернизатсияи низоми бонкӣ бидуни ҷорӣ намудани технологияҳои илмталаб, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои электронӣ ва муосир, иттилоотикунонии бахши бонкӣ дар шароити рушди пешрафти технологӣ ғайриимкон ба назар мерасад. Татбиқи самтҳои афзалиятноки дар боло зикршуда, ба афзоиши сармояи бонкҳо, густариши сифати хизматрасонӣ, баланд бардоштани нуфузи муассисаҳои молиявӣ, таъмини пардохтпазирӣ ва қобилияти пардохтпазирии бонкҳо,

баланд бардоштани эътимод ба бонкҳо ва беҳсозии сохтори низоми бонкии кишвар мусоидат мекунад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДМИТ – Содиқов М.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Азизбаев Р.А. Роль инструментов денежно-кредитного регулирования в обеспечении экономического роста (на материалах Республики Таджикистан): дисс... к.э.н. 08.00.10 / Р.А. Азизбаев. –Душанбе, 2020. -С.165.
2. Гуляева Л.П. Современные подходы к определению экономической сущности банка / Л.П. Гуляева // Теории микро- макроэкономики. Сборник науч. работ профессорско-преподавательского состава и аспирантов; под ред. Мальчина Ю.М., Николенко Ю.В. –Киев, 2008. -№28. -С.11.
3. Курбанова Ф.А. Формирование и развитие финансового рынка в Республике Таджикистан: состояние и перспективы: дисс.. к.э.н. 08.00.10 / Ф.А. Курбанова. –Душанбе, 2020. -С.129.
4. Лаврушина О.И. Деньги, кредит, банки / О.И. Лаврушина. -М.: КноРус, 2008. -357 с.
5. Мавлонкулов П.К., Джураев Б.М. Современное состояние банковской системы Таджикистана в условиях неопределенности мировой экономики. [Электронный ресурс]. URL: https://elibrary.ru/download/elibrary_21339921_27617623.pdf. (дата обращения 11.08.2020).
6. Мирзозода С.А. Совершенствование денежно-кредитной политики Таджикистана в современных условиях развития национальной экономики: дисс... к.э.н. 08.00.10 / С.А. Мирзозода. –Душанбе, 2020. -136 с.
7. Моргоев Б.С. Исследование рынка банковских услуг в Российской Федерации / Б.С. Моргоев // Финансы и кредит. – 2008. -№1. -С.16-22.
8. Мурадова С.Ш. Банковское дело: учебное пособие / С.Ш. Мурадова, Е.В. Алексеева. -Ростов н/Д: Феникс, 2009. -248 с.
9. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016-2020 годы. -С.60.
10. Сафаров Қ.С. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссер. н.и.и. 08.00.10 / Қ.С. Сафаров. –Душанбе, 2021. -121 с.
11. Струк Т.Г Ликвидность банковской системы Республики Беларусь и пути ее повышения / Т.Г. Струк., П.И. Ткачев // В сборнике: Банковский бизнес и финансовая экономика: глобальные тренды и перспективы развития // Материалы IV Международной научно-практической конференции молодых ученых, магистрантов и аспирантов. - 2019. -С.189-194.
12. Суслов В.И. Анализ материально-финансовой сбалансированности экономики России / В.И. Суслов // Регион: экономика и социология. - 1995. -№2. -2554 с.
13. Таджикистан: инвестиционные проекты. Министерство экономики и внешнеэкономические связи Республики Таджикистан. -Душанбе, 1999.
14. Фаминский И. Открытая экономика и внешнеэкономическая безопасность / И. Фаминский // Вопросы экономики. - 1994. -№12. -С.65-78.
15. Финансы. Денежное обращение. Кредит: Учебник для Вузов /Л.А. Драбозина, Л.П. Окунева [и др.]. -М.: Финансы, ЮНИТИ, 1997.


## РОҲҲОИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола масъалаҳои роҳҳои такмил ва рушди бахши бонкӣ ҳамчун як соҳаи муҳимми фаъолияти хоҷагидории кишвар мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қайд мегардад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ мушкилоти иҷтимоию иқтисодии кишвар асосан тавассути сиёсати пулию қарзӣ, буҷетӣ ва қарзӣ ҳал мешавад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани самаранокии низоми бонкии кишвар барои илми иқтисодӣ ва фаъолияти иқтисодии кишвар яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Диққати махсус ба масъалаҳои муайян кардани роҳҳои афзалиятноки самти молиявии кишвар ва дар замина он таъмини устувори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Беҳтар намудани роҳи рушди соҳаи бонкӣ омӯзиш ва таҳияи омилҳоеро тақозо менамояд, ки рушди бемайлони институтҳои молиявиро шарти зарурии таъмини рушди иқтисодии кишвар муайян мекунанд. Инчунин, дар мақола ошкор гардидааст, ки такмили заминаи қонунгузорӣ, ҳимояи манфиатҳои саҳомон, беҳбуди фаъолияти ассотсиатсияҳои бонкӣ, ташкили бонкҳои хурд, баланд бардоштани шаффофияти сармояи бонкҳо ва мутобиқгардонии низоми бонкии кишвар ба меъёрҳои байналмилалӣ аз роҳҳои имконпазири беҳбудии вазъи бонкӣ маҳсуб меёбад.



**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, муносибатҳои молиявӣ, ташкилотҳои қарзӣ, такмилдиҳии фаъолияти бонкӣ, нишондиҳандаҳои бонкӣ, бозори молиявӣ.


## ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В статье анализируются вопросы совершенствования и развития банковского сектора как важной отрасли экономической деятельности страны. Отмечено, что в условиях рыночной экономики социально-экономические проблемы страны в основном решаются посредством денежно-кредитной, бюджетно-кредитной политики. Поэтому повышение эффективности банковской системы страны считается одним из важных направлений экономической политики для экономической науки и практической деятельности страны. Особое внимание уделено вопросам определения приоритетных направлений финансового направления страны в контексте обеспечения устойчивости банковской системы Республики Таджикистан. Совершенствование развития банковского сектора требует изучения и разработки факторов, определяющих устойчивое развитие

финансовых институтов как необходимое условие обеспечения экономического развития страны. В статье также выявлено, что совершенствование законодательной базы, защита интересов акционеров, совершенствование деятельности банковских ассоциаций, организация малых банков, повышение прозрачности капитала банков и адаптация банковской системы страны к международным стандартам являются одними из приоритетных задач и возможными путями улучшения банковской системы.

**Ключевые слова:** банковская система, финансовые отношения, кредитные организации, совершенствование банковской деятельности, банковские показатели, финансовый рынок.

**WAYS TO IMPROVE THE BANKING SYSTEM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article analyzes the issues of improvement and development of the banking sector as an important branch of the country's economic activity. It is noted that in a market economy, the socio-economic problems of the country are mainly solved through monetary, budgetary and credit policy. Therefore, increasing the efficiency of the country's banking system is considered one of the important areas of economic policy for economic science and the country's practical activities. Particular attention is paid to the issues of determining the priority areas of the country's financial direction and, in its context, ensuring the stability of the banking system of the Republic of Tajikistan. Improving the development of the banking sector requires the study and development of factors that determine the sustainable development of financial institutions as a necessary condition for ensuring the economic development of the country. The article also revealed that improving the legislative framework, protecting the interests of shareholders, improving the activities of banking associations, organizing small banks, increasing the transparency of banks' capital and adapting the country's banking system to international standards are among the priorities and possible ways to improve the banking system.

**Keywords:** banking system, financial relations, credit organizations, improvement of banking activities, banking indicators, financial market.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, аспиранти кафедраи молия. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова, 64/14. E-mail: **olimovumedjon@mail.ru**. Телефон: **(+992) 985-63-73-05**

**Сведения об авторе:** ***Олимов Умедджон Махмадшоевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, аспирант кафедры финансов. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **olimovumedjon@mail.ru.** Телефон: **(+992) 985-63-73-05**

**Information about the author:** ***Olimov Umedjon Makhmadshoevich*** – Tajik State Financial and Economic University, postgraduate student of the Department of Finance. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. E-mail: **olimovumedjon@mail.ru**. Phone: **(+992) 985-63-73-05**

**ТДУ: 331.16.8**

# НАҚШИ ТАШАККУЛ ВА АНДӮХТИ ДОНИШ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНА

***Курбонов Ҷ.Н., Абдуллоева Ш.Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити шиддат гирифтани рақобати бозорӣ ва рушди иқтисодиёти инноватсионӣ талабот ба дониш пурзур мегардад. Айни замон таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳанд, ки рақобатпазирии дилхоҳ корхона ва рушди фаъолияти инноватсионӣ аз низоми дуруст амалкунандаи рушди дониш вобастагӣ дорад. Тағйиротҳои назарнамо ва диққат ҷалбкунанда дар сохтори иқтисодию иҷтимоӣ бавуҷудомада, идоракунии донишро ҳамчун амали асарбахш ва муҳимтарин имконияти рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳо исбот намуд. Ин вазъият бо далелҳои зерин мубрам арзёбӣ мегардад:

- дониш ҳамчун захираи асосии рушду инкишофи иқтисодиёт қарор гирифт;
- дар такя ба дониш соҳаҳо ба сектори алоҳидаи пешқадами сохтори иқтисодӣ табдил меёбанд;
- дониш дар сохтори арзиши молу хизматрасонӣ вазниниро бештар ишғол мекунад ва ба монанди инҳо.

Раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти дар дониш асосёфта нишон медиҳад, ки муҳимтарин омили таъмини рақобат, ин рушди фаъолияти инноватсионӣ дар асоси истифодаи оқилонаи захираҳои дониш буда метавонад. Лозим ба ёдоварист, ки аз пайдоиши ақидаҳои ҷолиби илмӣ то фурӯш ё бо пул иваз намудани онҳо ҳамаи унсурҳо бо ҳам алоқамандии зич доранд.

Дар мавриди вобастагии байни дониш ва инноватсия В.В. Ефимов чунин қайд мекунад, ки “...яке аз муҳимтарин натоиҷи дониши нав, ин инноватсия шуморида мешавад” [8]. Яъне, тибқи андешаҳои ӯ қабл аз рушди фаъолияти инноватсионӣ, ташаккул ва рушди донишҳои асосноккардашудаи нави илмӣ муҳиманд. Аз рӯи ақидаҳои И. Шумпетер, инноватсия – ҷараён «креативной деструкции» (вайроншавии эҷодӣ). Инноватсия метавонад бозорҳои навро кушояд ва барои кушодашавии корхонаҳои нав, ҷойҳои кории нав замина гузорад ва дар чунин шароит он ширкатҳоеро, ки тавоноии рақобатро надоранд барҳам медиҳанд ва ҷойҳои кории мавҷударо пурра аз байн бурда ба ивазаш шароит ва ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меоранд. Аз ҷониби дигар, инноватсия захираҳои нави донишро, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ истифода мешаванд, тавлид мекунад. Аз ҷониби дигар, инноватсия хурдашавии маънавию рухии сармояи зеҳниро ба вуҷуд меорад.

Дар давлатҳои хориҷ ва шароити Тоҷикистони муосир муаллифон таваҷҷуҳи ниҳоят зиёдро ҷиҳати омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни инноватсия, фаъолияти инноватсионӣ ва сиёсати инноватсионӣ равона кардаанд. Муҳимияти ин таҳқиқотҳо ва омӯзиши мушкилотҳои бо инноватсия робитадошта дар шароити фавран рушдёбии илм ва технология дигар баҳс ва далелҷӯӣ намешавад.

Мафҳуми инноватсия ба фарҳанги илмию омӯзишӣ дар аввалҳои асри 20 ворид шуда, дар марҳилаҳои аввал воридшавии унсурҳои як фарҳанг ба фарҳанги дирарро (урфу одат, тарзи ҳаёт аз ҷумла истеҳсолот) ифода мекард. Дар шароити имрӯза, зери мафҳуми мазкур фаҳмишҳои дигар илова гаштааст. Ҳамчун категорияи иқтисодӣ мафҳуми «инноватси»-ро нахустин маротиба Й. Шумпетер мавриди омӯзиш ва тақиқ қарор додааст. Й. Шумпетер таҳти мафҳуми инноватсия тағйиротҳоро бо мақсади ҷоринамоӣ ва истифодабарии намудҳои нави бозори истеъмолӣ, воситаҳои истеҳсолии нав, шаклҳои нави ташкилот ва бозори молҳо ифода намудааст. Ба ақидаи ӯ инноватсия сарчашмаи асосии фоида ба ҳисоб меравад, ки бе восита дар хусуси рушд баҳс сурат намегирад [11].

Дар айни замон қоидаи ягонаи ифодакунандаи мафҳум ва моҳияти инноватсия вуҷуд надорад. Баъзан муҳақиқон ва тадқиқотбарандагон инноватсияро ба таври васеъ шарҳ додаанд, яъне зери мафҳуми инноватсия тамоми тағйиротҳо ва дар табиат

ҷоринамоии навигариҳоро зери назар гирифтаанд. Ин гуна фаҳмиш ва шарҳи васеи инноватсия имконияти аниқ ва дар як чорчӯба маҳдуд сохтани субъектҳои хоҷагидорро, ки фаъолияти инноватсиониро роҷеъ ба бунёди молҳои наву рақобатпазир ё технологияе, ки ҳуқуқи дасгирии давлатиро арзандаанд, ба вуҷуд намеорад.

Нақши калидиро дар низоми истеҳсол ва бавуҷудории инноватсияро соҳаи техникию технологӣ ишғол намудааст. Тавсифи инноватсияи технологӣ дар асоси стандартҳои байналхалқӣ амалӣ мегарданд. Дар ин стандарт ду шакли инноватсияи технологӣ ҷудо карда шудааст:

– инноватсияи сермаҳсул, дар навбати худ ду қисми таркибӣ дорад: таҳкурсии инноватсияи маҳсулнок ва беҳтаргардонии инноватсияи маҳсулнок;

– инноватсияҳои дар ҷараён.

Дар баробари ин, бисёри олимон ақидаеро ҷонибдорӣ мекунанд, ки инноватсия, ин мафҳуми на танҳо техникию технологӣ бар ҳисобе чанд иқтисодию иҷтимоӣ шинохта мешавад, балқи солҳои охир зери мафҳуми инноватсия тамоми ҷараёнҳои нави ҳаёти иҷтимоӣ ва раванди хоҷагидории субъектҳо дар назар дошта мешавад. Мисол рушди низоми фурӯш тавассути «мол тариқи қарз», «фурӯш тавассути интернет» ва ба монанди инҳо. Муҳимаш, ки рушди инноватсияи техникию технологӣ рушди инноватсияҳои иҷтимоию иқтисодиро ҳавасманд гардонида тавонад ва дар баробари ин, набояд часпоишро аз байн барад, ки ба рушди истеҳсолот ва неруҳои он асари бад гузорад.

П. Друкер [2] қайд мекунад, ки фаъолияти инноватсионӣ на танҳо афзалияти мақсаднокӣ ва арзиши иқтисодӣ дорад, балки арзиши иҷтимоӣ дорад, ки инноватсияи иҷтимоӣ, ин такмилёбии идроку дониш ва тарзи ҳаёт дониста мешавад. Воридсозии инноватсия ба таври умумӣ бо дигар маъно рушд ва тартиби ягонаи иқтисодӣ сатҳи номуайяниҳо ва таваккалро мураккаб месозад, ки ин ҷанбаи дигари моҳияти инноватсия ба ҳисоб меравад.

Бо мавқеъгирии ин фаъолияти инноватсионии самараноки технологию ташкилӣ алоқаманд бо одоб ва фарҳанги соҳибкорӣ дониста мешаванд.

Механизми бозорӣ ҷараёни рушди босуръати тамоми захираҳои ҷамъиятӣ, молия, моддӣ ва зеҳнӣ ҳавасманд мегардонад. Бисёри муҳақиқон ақидаҳои худро дар хусуси инноватсия пешниҳод намудаанд, аммо дар баробари ин, онҳо кӯшиш намудаанд, ки аз ягон ҷиҳат хулосаи худро фарқкунанда нишон диҳанд. Дар маҷмуъ як умумият дар хулосаҳои илмии онҳо во хурда мешавад, ки тамоми муаллифон инноватсияро ҳамчун натиҷаи фаъолияти илмию эҷодӣ қайд намудаанд. Инноватсия ҳамчун объект, дар истеҳсолот ҷоринамоии натоиҷи корҳои илмию тадқиқотӣ ва пажуҳишӣ мебошад.

Инноватсия ба ибораи дигар, ҳамчун маҳсулоти эҷодии меҳнат, ки шакли ҷанбастии он моли тайёр ва диқатҷалбкунандаро мемонад, фаҳмида мешавад. «Раванд на аз ивазнамоии назарияи нодуруст ба дуруст иборат мебошад, балки аз иваз намудани назарияи нодуруст ба нодуруст таркиб ёфтааст».

Хислат ва натиҷаи инноватсияро вобаста ба секторҳои алоҳидаи иқтисодиёт фарқ мекунанд. Тафовут дар роҳу усулҳо, ки сектори хусусӣ инноватсияҳои хусусиро амалӣ менамояд ба натиҷа ва тамсилаи раванди инноватсионӣ бе таъсир намемонад. К. Павитт [6] чор гурӯҳи ширкат ва секторҳои инноватсиониро ҷудо намудааст:

1. сектори миёнаравони бартаридошта (пушока, молҳои маишӣ ва ба монади инҳо). Дар ин шакли таснифоти инноватсия ширкат консепсияи инноватсионии худро дар асоси таваккал ва имкониятҳои худ коркард ва амалӣ мегардонад. Ҳолатҳои дигаре вуҷуд дорад, ки консепсияи инноватсионии рақиби худро истифода мекунад.

2. сектори миқёсию интенсивӣ (саноати хуроквoрӣ, саноати сементистеҳсолкунӣ ва ғ.). Дар ин сектор фаъолияти инноватсионӣ неруҳои худро бо мавқеъгирии равандҳои нисбатан самараноки эҷодӣ пурзур мекунад.

3. миёнаравони махсусгардонидашуда (касбӣ) (инжиниринг, таъминоти барномавӣ, олот ё асбоб ва ғ.), инноватсияи маҳсулнок амалӣ карда мешавад, ки бештар ба ҳамкории истеъмолкунандагон равона гардидаанд.

4. Истеҳсолоти илмталаб (саноати кимёӣ, биологӣ, электронӣ ва ғ.), ки молҳои нав бавуҷуд оварда мешаванд ва ҳамкории зич бо донишгоҳҳо ва иниститутҳои таҳқиқотӣ ба роҳ монда мешавад.

Вақтҳои тулонӣ истеҳсоли дониш ҳамчун раванди инноватсионӣ қисбӣ таркибии намуди чоруми ин таснифот ба ҳисоб меравад. Инчунин, чунин нуқтаи назар вуҷуд дорад, ки натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ қадами якуми раванди инноватсия, кашфиёти техникӣ қадами дуюм ва азхуднамоии инноватсия ҳамчун маҳсулоти нав ё ҷараён қадами сеюм ба ҳисоб меравад.

Аммо имрӯзҳо майдони калони корҳои статистикӣ ва эмперикӣ вуҷуд дорад, ки исбот менамоянд то гурӯҳи чорум, бисёртар ихтисор мешавад. Олимон дар раванди таҳқиқотҳои худ дар соҳаи интихобшуда маҷмуи ғояҳои исботшударо роҷеъ ба алоқамандии илм ва истеҳсолот, тавассути равандҳои инноватсионӣ пешниҳод намудаанд. Аз натиҷагирии ин хулосаҳои илмӣ бар меояд, ки дастовардҳои илмӣ бо ташаббуси илм ё ташкилотҳои илмию тадкикиқотӣ бисёр кам ба инноватсия табдил дода мешаванд.

Таҷриба исбот намудааст, ки пайдоиши инноватсия натиҷаи раванди объективӣ ба ҳисоб меравад, ки дар асоси талаботи ҷамъият ва иқтисодиёт (эҳтиёҷоти калони истеъмолӣ, зарурати ташаккулдиҳии низоми сиёсӣ ё ҳарбӣ) муайян карда мешавад. Хусусан талабот ва эҳтиёҷоти бозор, нисбати навоварӣ омили муҳимми муайянкунандаи прогреси технологии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад на пешниҳод аз ҷониби илм. Яъне, ихтирооти техникӣ метавонад бетаъсир ва карахт монад то замоне, ки зарурати иқтисодии истифодаи он ба вуҷуд наояд.

Таҳқиқотбарандагони зиёде дар соҳаи иннноватсия ба чунин хулоса омадаанд, ки барои таҳлили қонуниятҳои навовариҳо, истифодабарии тамсилаи унсурҳои эҳтимолӣ мувофиқи мақсад аст. Ҳамин тариқ тамсилаи эҳтимолии фаъолияти инноватсиониро пешниҳод намудан мумкин аст, ки дар чунин принсипҳо асос ёфтааст:

–Сарчашмаи кашфиётҳои техникиро бояд дар раванди алоқамндиҳои мураккаби байни омилҳои дар як вақт амалкунанда, ҷустуҷӯ намуд.

–Инноватсия ҳамчун тарзи ҳали мушкилот аз дараҷаи муҳимият ва суръати ҳали мушкилот вобаста аст.

–Комёбӣ ва ҳали мушкилотҳои техникӣ аз андӯхти малакаи мувофиқ вобаста аст. Дар навбати худ ҳали мушкилотҳои вуҷуддошта малакаи муқаддамро ғани мегардонад он дар тағйиротҳои нав арзишгузорӣ мешавад.

Чуноне, ки дар боло қайд шуд, раванди инноватсионӣ, ин раванди мубадалгардии илм ва донишҳои муҳандисӣ ба маҳсулоти инноватсионӣ, ки аз ҷониби истеъмолкунандагон пазирой мегарданд, фаҳмида мешавад. Занҷираи инноватсия аз коркарди идея то амалигардонии маҳсулот дар назар дошта мешавад, ки дар алгоритм (расми 1) ишора шудааст.

**Расми 1. Занҷираи инноватсионӣ (нақшаи бевосита)**
**Figure 1. Innovation chain (direct plan)**



Марҳилаи 1 – генератсияи идея. Пайдоиши идея – таҳти эҷодии бо мушкили банақшагирифташаванда, ояндабинишаванда, ки асоси табдилёбӣ ба андӯхти дониш мегардад, алоқамандии зич бо равандҳои андешаҳои бунёдкорона бо тахминҳои интуитивӣ алоқаманд шинохта мешавад. Аз ин лиҳоз, дар ин марҳила нақши калидиро донишҳои интуитивӣ, рефлексӣ ва рамзикардашуда (кодифицированных) мебозад.

Марҳилаи 2,3 ва 4-ум бо гузаронидани тадқиқот, балоиҳагирӣ ва коркарди намунаи таҷрибавӣ алоқаманд дониста мешавад. Дар ин марҳилаҳо гар чанде, ки қарорҳои эҷоди истифода шаванд ҳам, бештар ба донишҳои рамзикардашуда (кодифицированных) мавқеъ гирифта мешавад.

Марҳилаи 5,6 ва 7-ум асосан чорабиниҳои ташкилиро дар бар мегиранд. Ҳар гуна маҳсулотҳои инноватсионӣ, ки баҳои хуб ё бади бозорро яъне, истеъмолкунандагонро соҳиб мешаванд. Маълум аст, ки хоҳиш ва талаботҳои истеъмолкунандагон (ҳамчун алоқаи баръакс) аҳаммияти ҳалкунандаро барои беҳтаргардонии сифати мол дорад. Алоқаи баръакс метавонат маълумотҳои зеринро дар худ дошта бошад.

– оид ба омодасозии истеҳсоли маҳсулот, муайян намудани илмҳои коркарднашуда, талаботи иловагӣ ба коркарди инноватсионии конструктивӣ;

– дар рафти раванди истеҳсолот, илатҳои технологӣ, пешниҳоди истеҳсолкунандагон роҷеъ ба беҳтаргардонии равандҳои инноватсионӣ;

– оид ба самаранокии фурӯш, муносибати истеъмолкунандагон нисбати маҳсулот;

– нисбати муайяннамоии раванди истифодаи мақсадноки нуқсонҳо ва хоҳишҳои истеъмолкунандагон ва ғ.

Тамсилаи хаттии раванди инноватсионӣ бо алоқаи баръакс дар расми 2 пешниҳод карда шудааст.

**Расми 2. Тамсилаи хаттии раванди инноватсионӣ ва унсурҳои бо он алоқаманд**
**Figure 2. Linear representation of the innovation process and elements related to it**




Алоқамандии байни сатҳи анбуҳи асосии инноватсия ва мутобиқшавии он ба ҳали масъалаҳои умумии алоқаманд бо баландбардории рақобатпазирии ширкат, шаклбандӣ ва интихоби сарчашмаҳои идея, мураҷиати якчандкарата ба илм ва таҳлили бозор шароити зарурира барои кооператсия дар чорчӯбаи раванди инноватсионӣ мегузорад. Дар ин радиф на танҳо дар дохили ташкилот балки дар муҳити беруна ба монанди субъектҳои зерин: муассисаҳои илмӣ, донишгоҳҳо, дигар ширкатҳо ва ғ.

Ин заминагузориҳо ба пайдоиши модели нисбатан нави истеҳсоли дониш ва раванди инноватсионӣ оварда мерасонад. Яке аз ин гуна тамсилаҳо дар расми 3 пешниҳод шудааст.

Донишро метавон аз сарчашмаҳои гуногун ба монанди сарчашмаҳои дохилӣ ва сарчашмаҳои берунӣ дастра намуд:

**Расми 3. Тамсилаи бунёдкунандаи интиқолдиҳанда ва ҳамгироии дониш**
**Figure 3. Constructive representation of knowledge transfer and integration**




1. Сарчашмаи берунии донишҳо:маводҳои нашрӣ (китоб, маҷалла, маводҳои конференсия, ҳисоботҳои донишгоҳҳои дигар дар хусуси хизматрасониҳои нави таълимӣ иттило медиҳанд); машваратҳои соҳавӣ; ҳуҷҷатҳои зарурӣ оид ба донишҳои алоқаманди соҳавӣ; базаи маълумотҳои тиҷорат дар соҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои замонавии донишгоҳӣ ва низоми хулосабарориҳои экспертҳои соҳавӣ оид ба дониш; конференсияҳои соҳавию байнисоҳавии илмию амалӣ; курсҳо, семинарҳо ва сипозиумҳо; истифодаи потенсиали зеҳнии донишгоҳҳои дигар;гирифтани иттилоот аз оҷонсиҳо ва миёнаравони соҳаи хадамоти таҳсилотӣ (дар хусуси ихтисос ва сифатҳои олии хизматрасонӣ); гирифтани маҷмуи маълумотҳои зарурӣ аз истифодабарандагони хадамоти донишгоҳӣ (шикоятҳо, тавсия ва пешниҳодҳо, талаботу тақозо ва ғ.); кадҳои нави машваратӣ ва менеҷерони соҳавӣ; тадқиқотҳои илмии соҳавӣ; омӯзиш ва истифодаи таҷрибаҳои интиқолёфта; Воситаҳои ахбори омма (маводҳои нашрӣ, радио, телевизион); интернет ва ғ.

Истифодаи бо мақсад мувофики сарчашмаҳои берунии дониш зарурати идоракунии донишро ба вуҷуд оварда, дар рушди минбаъдаи инноватсия нақш мебозанд. Истифодаи имкониятҳои менеҷменти муосир дар нигоҳдорӣ, танзим, тақсим ва рушди донишҳои аз муҳити беруна воридшаванда дар як навбат захираи вақт, молия ва омили инсониро танзим менамояд.

2. Сарчамаҳои дохилии дониш бошанд дар худ намуди унсурҳо ва мавқеъгириҳои зеринро дорад: мутахассиони донишгоҳ; таъминкунандагон ва дархосткунандагони дониш дар дохили донишгоҳ; баҳогузории фаъолияти донишгоҳ дар вақти муайян ва хулосаҳои он; экспертҳо (муҳаққиқони) корпоративӣ; модел ва банизомдарории ҷараёнҳо; сиёсат, таҷриба ва усулҳои дохилии мудирият; тадрисҳои дохилӣ ва маорифи ягонаи донишгоҳ; чорабиниҳо мукаммалгардонии ташаббускориҳо роҷеъ ба инкишоф;сохтори ташкилӣ ва шаклҳои кори дохили донишгоҳ; таҷрибаи амалӣ ва таҳлили кор дар мавриди ҷоринамоии лоиҳаҳои нав коркардшуда; пешниҳод ва тавсияи кормандон ва ғ.

Дар асоси ин фикрҳо хулоса намудан мумкин аст, ки калиди муваффақияти самти таъмини рақобатпазирӣ дар дилхоҳ сохтори хоҷагидорӣ, ин дарки алоқамандии дониш бо инноватсия ва баръакс ба ҳисоб меравад.

Воситаи муҳимми таъмини алоқа байни дониш ва инноватсия барои истифодабарии идоракунии дониш дар сатҳу сифати нисбатан одӣ ва аҳаммиятнок барои кормандони ширкат ҳисобида мешавад. Дар чунин шароит фаҳмиши он, ки ширкат дар кадом шароит ва ба кадом самт ҳаракат мекунад осон мегардад. Робитаи роҳбарият байни кормандон дарки вазъияти самти тараққиётро дар тамоми ҷанбаҳои фаъолият осон мегардонад, гар чанде, ки ба ҳама маълум аст, ки ҳадафи асосӣ ба беҳтаргардонии вазъи ширкат равона шудааст. Дар чунин шароит роҳбаронро дигар маҷбур намесозад, ки барои офаридани ягон навовариҳо бояд аз қоидаҳои амалкунандаи анъанавӣ даст кашанд. Агар ба моҳияти масъала назар афканем, навоварие, ки дар асоси дониш ба вуҷуд оварда мешавад, дар алоқаманди бо такмилдиҳӣ ва беҳтарсозии қоидаҳои кухна ба амал бароварда мешавад, ки ин аллакай заминаи ошно дорад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДМИТ – Нусратзода Маҳмади Нусрат**

**АДАБИЁТ**

1. Ефимов В.В. Управление знаниями: учебное пособие / В.В. Ефимов. -Ульяновск: УлГТУ, 2005. -23 с.

2. Каримов М.И. Ресурс здоровья как важнейший компонент человеческого капитала / М.И. Каримов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе: Сино, 2012. -№2/3(86). -С150-153.
3. Кодиров Ш.Ш. Экономические вопросы обеспечения доступа к образованию путем организации транспортировки учащихся в Республике Таджикистан / Ш.Ш. Кодиров // Экономика и менеджмент инновационных технологий. - 2017. -№6.
4. Комилов С.Дж. Производственная мощность предприятий строительной промышленности Республики Таджикистан / С.Дж. Комилов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Научный журнал. – 2021. -№1(35). -С.47-53.
5. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г. Утв. Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 г. М 636. -Душанбе, 2016. -С.38.
6. Павитт, Томас. Рисуем портреты знаменитостей по точкам / Томас Павитт. –М.: Высшая школа, 2017. -213 с.
7. Программа инновационного развития. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 апреля. 2011 года, №227.
8. Рахмонов Дж.Р. Управление инновационными процессами на промышленных предприятиях в условиях переходной экономики: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Дж.Р. Рахмонов [Место защиты: Моск. гос. ун-т им. М.В. Ломоносова]. -Душанбе, 2016. -165 с.
9. Управление знаниями: учебное пособие / В.В. Ефимов. -Ульяновск: УлГТУ, 2005. -23 с.
10. Файзуллоев, М.К. Формирование и развитие национальной инновационной системы Республики Таджикистан (методологические подходы и механизм управления): дис. ... д-ра экон. наук / М.К. Файзуллоев. -М., 2012.
11. Шумпетер Й. Теория экономического развития. Капитализм, социализм и демократия / Й. Шумпетер. -М: ЭКСМО, 2008.
12. Freeman C. Technology Policy and Economic Performance: Lessons from Japan. -London: Pinter, 1987.
13. Hellmann T. The Interaction Between Product Market and Financing Strategy: the Role of Venture Capital / T. Hellmann, Manju Puri // Review of Financial Studies. - 2000.
14. Kortum S. Assessing the Contribution of Venture Capital to Innovation / S. Kortum, J. Lerner // RAND Journal of Economics. – 2000. –No.4.
15. Lerner J. The Architecture of Innovation / J. Lerner. -Boston: Harvard Business School Press, 2012.

## НАҚШИ ТАШАККУЛ ВА АНДӮХТИ ДОНИШ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНА

Дар мақолаи мазкур вобаста ба истифодаи сарчашмаҳои зиёди иттилооти ватанию хориҷӣ асосҳои илмию методии мафҳуми «дониш» ва «инноватсия» омӯхта шудааст. Муаллифон дар мақолаи худ кӯшиш намудаанд, ки алоқамандии рушди инноватсия ва донишро асоснок намоянд. Бо мақсади таъмини рушди фаъолияти инноватсионӣ роҳу усулҳои такмил ва ташаккули захираҳои дониш омӯхта шудааст. Вобаста ба ин сарчашмаҳои зиёди андӯхти дониш тавсия гардидааст. Дар баробари ин, муаллифон тасдиқ менамоянд, ки истифодаи самараноки захираҳои дониш дар шароити корхона метавонад боиси рушди сифат, рақобатпазирӣ ва комилан нав шудани раванди фаъолият гардад. Дар ин замина муаллифон бар он назаранд, ки асоси рушди фаъолияти инноватсионӣ ва рушди фаъолияти корхонаро дониш муайян намуда, сифат ва самаранокии дониш бошад, аз омилҳои зиёд вобаста мебошад. Ба монанди: ҳамгироии дониш бо истеҳсолот, дониш бо сифат, дониш бо инноватсия, дониш бо озмоишҳои таҷрибавӣ ва ғайра. Тибқи фарзияи худ муаллифон чунин мешуморанд, ки истифодаи оқилонаи имкониятҳо ҷиҳати рушди дониш, шумораи корҳои илмию таҳқиқотиро зиёд намуда, боиси рушди фаъолияти инноватсионӣ мегардад. Фаъолияти инноватсионӣ бе восита аз таъмини рушди сармояи инсонӣ вобаста аст. Барои ҳамин, алоқаманд гардонидани натиҷаи дониш бо истеҳсолот ва озмоишҳои илмӣ шарти зарурарӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** инноватсия, ҳамгироӣ, дониш, сифат, рушд.

## РОЛЬ ФОРМИРОВАНИЯ И НАКОПЛЕНИЯ ЗНАНИЙ В РАЗВИТИИ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЯ

В данной статье исследованы научно-методические аспекты понятия «знание» и «инновация» на основе использования многих отечественных и зарубежных научных источников информации. В своей статье автор попытался обосновать связь между развитием инноваций и знаниями. В целях обеспечения развития инновационной деятельности изучены пути и методы совершенствования и формирования ресурсов знаний. В связи с этим рекомендуются многие источники знаний. Автор утверждает, что эффективное использование ресурсов знаний в условиях предприятия может привести к развитию качества, конкурентоспособности и полному обновлению процесса социально-экономической деятельности. В этом контексте автор придерживается мнения, что основу развития инновационной деятельности и развития предпринимательской деятельности определяют знания, а качество и эффективность знаний зависят от многих факторов, таких как: интеграция знаний с производством, знаний с качеством, знаний с инновациями, знаний с экспериментальными испытаниями и т.д. Согласно своей гипотезе, автор считает, что рациональное использование возможностей развития знаний увеличивает количество научно-исследовательских работ и становится залогом развития

инновационной деятельности. Инновационная деятельность не посредственно зависит от обеспечения развития человеческого капитала. Поэтому соединение результатов знания с производством и научными экспериментами является необходимым условием.

**Ключевые слова:** инновация, интеграция, знание, качество, развития.

## THE ROLE OF FORMATION AND ACCUMULATION OF KNOWLEDGE IN THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE ACTIVITIES OF AN ENTERPRISE

This article explores the scientific and methodological aspects of the concept of "knowledge" and "innovation" based on the use of many domestic and foreign scientific sources of information. In his article, the author tried to substantiate the relationship between the development of innovations and knowledge. In order to ensure the development of innovative activity, the ways and methods of improving and forming knowledge resources have been studied. In this regard, many sources of knowledge are recommended. The author argues that the efficient use of knowledge resources in an enterprise can lead to the development of quality, competitiveness and a complete renewal of the process of socio-economic activity. In this context, the author is of the opinion that the basis for the development of innovation and entrepreneurial activity is determined by knowledge, and the quality and effectiveness of knowledge depend on many factors. Such as: integration of knowledge with production, knowledge with quality, knowledge with innovation, knowledge with experimental tests, etc. According to his hypothesis, the author believes that the rational use of knowledge development opportunities increases the number of research works and becomes the key to the development of innovation. Innovative activity directly depends on ensuring the development of human capital. Therefore, the connection of the results of knowledge with production and scientific experiments is a necessary condition.

**Keywords:** innovation, integration, knowledge, quality, development.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Курбонов Ҷаҳонгир Наврузович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти ph.D-и кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **988-25-30-40; 919-25-30-40**

***Абдуллоева Шаҳодат Бахриевна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои итқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторах:** ***Курбанов Джахонгир Наврузович*** - Таджикский национальный университет, докторант ph.D кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988-25-30-40; 919-25-30-40**

***Абдуллоева Шаходат Бахриевна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about authors:** ***Kurbanov Jahongir Navruzovich*** **-** Tajik National University, doctoral student ph.D of the Department of Management and Marketing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **988-25-30-40; 919-25-30-40**

***Abdulloeva Shakhodat Bakhrievna*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

ТДУ: 620.9(575.3)

# БАҲИСОБГИРИИ ҲАҶМИ ВОРИДОТУ СОДИРОТИ НЕРУИ БАРҚ

*Ашуров К.Р., Миров Ф.Т*
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Соли 2009 баъди аз системаи ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ аз ҷониби Ӯзбекистон ҷудо намудани хатҳои интиқоли барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, бо сабаби мавҷуд набудани роҳҳои дигари алтернативии интиқоли неруи барқ, иқтидори содиротиву воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд гардид [7; 5].

Аз ин лиҳоз, яке аз ҳадафҳои Барнома аз ҳисоби сармоягузории дохилӣ ва беруна дар баробари таъмиру барқарорсозӣ ва ба истифода додани иқтидорҳои нав, ба роҳ мондани сохтмони зеристгоҳҳои баландшиддат ва хатҳои интиқоли барқи 500кВ ва 220кВ мебошад, ки дар ин замина имконияти таъмини боэътимоди неруи барқ дар дохили кишвар ва содироти он ба хориҷи кишвар фароҳам меояд.

Ба содирот баровардани неруи барқ имконият медиҳад, ки яке аз талаботҳои “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015” таъмин гардида, бо ривоҷ додани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии аҳолӣ, дараҷаи сатҳи камбизоатӣ то ҳадди ниҳоӣ паст карда шавад.

Соҳаи электроэнергетикаи ҷумҳурӣ ҷиҳати иҷро намудани корҳои насбу васл, тармими воситаю таҷҳизотҳои неругоҳи барқӣ, системаи назоратию худидоракунандаи истеҳсолот ва танзими фаъолияти боэътимоди шабакаҳои барқӣ ба мутахассисони касбӣ эҳтиёҷ дорад.

**Ҷадвали 1. Дурнамои воридоту содироти неруи барқ дар системаи энергетикӣ барои солҳои 2014-2018**

**Table 1. Prospects of import and export of electricity in the energy system for 2014-2018**

| | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| 4 | Истеҳсоли солонаи неруи барқ | млн.кВт.с. | 17158 | 18812 | 18895 | 24495 | 24495 |
| 5 | Эҳтиёҷот ба воридоти мавсимӣ | млн. Вт.с. | 3742 | 2088 | 2005 | - | - |
| 6 | Воридот аслӣ | млн. кВт.с. | 326 | - | - | - | - |
| 7 | Имконияти содиротӣ | млн. кВт.с. | 5258 | 6912 | 6995 | 7400 | 7400 |

**Баҳисобгирии талаботи соҳаи электроэнергетика ба мутахассисони соҳавӣ ва чорабиниҳо дар ин самт барои солҳои 2014-2018**

Бинобар ин, барои тайёр кардани муҳандис, барқкор ва челонгар дар бахшҳои зерин чораҳои зарурӣ андешида мешавад:

-неругоҳҳои барқӣ;

- таъмини барқ;

-автоматикунонӣ ва ҳифзи релеи дастгоҳҳои барқӣ;

-манбаъҳои барқароршаванда ва ғайрианъанавии энергия;

-сохтмони иншоотҳои гидротехникӣ;

-иқтисод ва ташкили истеҳсолот дар соҳаи энергетика;

-системаи автоматикунонидаи коркарди иттилоот;

-шабакаҳои алоқа ва системаи комуникатсия.

Аз ин лиҳоз, дар ҷараёни амалисозии Барнома тайёр кардани мутахассисони соҳавӣ яке аз вазифаи асосӣ муайян карда шудааст.

Қайд кардан лозим аст, ки дар ҷумҳурӣ корхонаҳои истеҳсоли воситаю таҷҳизотҳои асосии неругоҳи барқӣ ва системаи худидоракунандаи истеҳсолот вуҷуд надорад. Бинобар ин, дар давоми солҳои 2012-2018 дар асоси озмун ва бастани шартномаи сетарафа, ҷавонони лаёқатманд барои таҳсил ба хориҷи кишвар равона карда мешаванд. Маблағҳо барои хароҷоти таҳсил, ҷои зист, роҳкиро ва кумакхарҷии таҳсилро, соле як маротиба ширкатҳои энергетикӣ пардохт менамуданд. Татбиқи чорабинии номбурда барои фароҳам овардани заминаи устувори тахассусӣ, ба роҳ

мондани сиёсати самаранок дар бахши ташкилӣ, идоракунӣ, ба нақшагирӣ, инноватсионии соҳа, дар сатҳи зарурӣ иҷро намудани корҳои сохтмонӣ, таъмиру барқарорсозӣ ва таҷдиду навсозии иншоотҳои электроэнергетикӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба тайёр намудани кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина аҳаммияти бештар додан ба тайёр кардани мутахассисони маҳаллӣ дар давоми солҳои 2014-2018, таъсиси гурӯҳ ва кафедраҳои тахассуси нави энергетикӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, аз он ҷумла Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, Донишкадаи энергетикии шаҳри Бохтар (собиқ Қурғонтеппа), Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд ба роҳ монда шуд [8; 10].

Бо дарназардошти эҳтиёҷоти соҳаи электроэнергетика дар давоми солҳои 2014-2018 тайёр кардани мутахассисон тибқи ҷадвали 2 ҷараён мегирад.

**Ҷадвали 2. Нақши ШСХК “Барқи Тоҷик” дар системаи энергеикии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 2. The role of JSC "Barqi Tajik" in the energy system of the Republic of Tajikistan**

| № р/т | Номгӯи ихтисосҳо | Нишондодҳои дурнамо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Соли 2014 | | Соли 2015 | | Соли 2016 | | Соли 2017 | | Соли 2018 | |
| | | Тахассус ва шумора | | Тахассус ва шумора | | Тахассус ва Шумора | | Тахассус ва шумора | | Тахассус ва шумора | |
| | | Маълумоти олӣ (муҳандис) | Маълумоти касбӣ-техникӣ (барккор, челонгар) | Маълумоти олӣ (муҳандис) | Маълумоти касбӣ-техникӣ (барккор, челонгар) | Маълумоти олӣ (муҳандис) | Маълумоти касбӣ-техникӣ (барккор, челонгар) | Маъумоти олӣ (муҳандис) | Маълумоти касбӣ-техникӣ (барккор, челонгар) | Маълумоти олӣ (муҳандис) | Маълумоти касбӣ-техникӣ (брккор, челонгар) |
| 1 | Неругоҳҳои баркӣ | 18 | 36 | 24 | 46 | 30 | 56 | 36 | 66 | 42 | 76 |
| 2 | Таъмини барқ | 34 | 68 | 40 | 78 | 46 | 88 | 52 | 98 | 58 | 108 |
| 3 | Автоматикунонӣ ва ҳифзи релеи дасгоҳҳои баркӣ | 10 | - | 16 | - | 22 | - | 28 | - | 34 | - |
| 4 | Манбаъҳои барқароршаванда ва ғайрианъанавии энергия | 6 | 16 | 10 | 20 | 14 | 26 | 20 | 32 | 24 | 38 |
| 5 | Сохтмони иншоотҳои гидротехникӣ | 6 | 10 | 10 | 20 | 16 | 28 | 22 | 34 | 30 | 50 |
| 6 | Иқтисод ва ташкили истеҳсолот дар соҳаи энергетика. | 4 | - | 10 | - | 12 | - | 14 | - | 16 | - |
| 7 | Системаи автоматику-нонидаи коркарди иттилоот | 6 | - | 10 | - | 16 | - | 22 | - | 28 | - |
| 8 | Шабакаҳои алоқа ва системаи комуникатсия | 6 | 14 | 10 | 20 | 16 | 24 | 20 | 34 | 24 | 40 |
| | **Ҳамагӣ:** | **90** | **144** | **130** | **184** | **172** | **222** | **214** | **264** | **256** | **312** |

**Асосҳои идоракунӣ ва нақши роҳбар дар фаъолияти ШСХК «Барқи Тоҷик».** Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» дорандаи пакети аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он додашудаи саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳомие мебошад, ки дар соҳаи энергияи барқ фаъолият доранд, ҳамчунин, ҳуқуқи соҳибӣ намудан, истифода бурдан ва идора кардани амволи корхонаҳо ва муассисаҳоеро ба амал мебарорад, ки мутобиқи моддаи 232 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он дода шудааст.

Муассиси Ширкат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, Ширкат шахсӣ-ҳуқуқӣ ба шумор меравад ва ҳуқуқи дахлдорро аз лаҳзаи тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаштанаш соҳиб мешавад.

Оинномаи Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «31» октябри соли 2008 №537 тасдиқ шудааст.

Тибқи Оиннома фаъолияти молиявӣ ва истеҳсолии Ширкат дар асоси мустақилияти хоҷагидорӣ ба роҳ монда шуда, дорои ҳуқуқҳои граждание мебошад, ки ба мақсадҳои фаъолияти дар Оиннома пешбинишуда мутобиқанд ва барои бурдани ин намуди фаъолият масъулият дорад. Ширкат бо тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ филиалҳо, намояндагиҳо ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ таъсис менамояд.

Ширкат дорои филиалҳо ва намояндагиҳои зерин мебошад:

- филиали Норак - НБО Норак;
- филиали Бойғозӣ - НБО Бойғозӣ;
- филиали Варзоб - силсилаи НБО Варзоб;
- филиали Вахш - силсилаи НБО Вахш;
- филиали Душанбе - Шабакаҳои барқи марказӣ;
- филиали Қайроққум - Шабакаҳои барқии Суғд;
- филиали Хуҷанд - Шабакаҳои барқии Хуҷанд;
- филиали Рашт - Шабакаҳои барқии Рашт;
- филиали Кӯҳистони Бадахшон - Шабакаҳои барқии Кӯҳистони Бадахшон;
- филиали Бохтар (Қурғонтеппа) - Шабакаҳои барқии ш. Бохтар (Қурғонтеппа);
- филиали ШСХК «Барқи Тоҷик» дар шаҳри Норак - Шабакаҳои барқии шаҳри Норак;
- филиали Чкалов - Шабакаҳои барқии шаҳри Чкалов;
- филиали Қайроққум - НБО Қайроққум.

Филиалҳо ва намояндагиҳои Ширкат, мақоми шахсӣ-ҳуқуқиро надоранд ва дар асоси Низомномаи тасдиқнамудаи Ширкат, мувофиқи муқаррароти муайяннамудаи ҳамин Оиннома амал мекунанд. Ширкат тавозуни (баланси) мустақил, суратҳисобҳои бонкӣ, аз ҷумла асъорӣ, муҳри нишондор, штамп, варақаи фирмавӣ ва нишонаи фирмавии худро дорад [5].

Мақсади асосии Ширкат таъмини соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва заруратҳои коммуналию маишии аҳолӣ бо энергияи барқ, гармӣ, баланд бардоштани самаранокӣ ва сатҳи технологии истеҳсолот мебошад. Ширкат фаъолияти худро дар саноат, тиҷорат, молия, фаъолияти иқтисоди берунӣ ва ғайраҳо, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, ба амал мебарорад. Барои ба мақсади худ ноил шудан Ширкат истеҳсол, интиқол, таҳвил, тақсимот, азнавтабдилдиҳӣ ва фурӯши энергияи барқ ва гармиро ба амал мебарорад. Ширкат ба мақомоти марбутаи давлатӣ дар бобати коркард ва такмили самтҳои зерин пешниҳодҳо менамояд:

- оид ба қоидаҳо, стандартҳо, меъёрҳо барои таъминоти бехатарии истеҳсолот, интиқол, таҳвил, тақсимот ва фурӯши энергияи барқ ва гармӣ, захираҳо ва маҳсулоти энергетикӣ;
- оид ба сиёсати нарх, тарофа, сиёсати инвеститсионӣ, иҷтимоӣ ва илмию техникӣ дар энергетика;
- оид ба тартиби иҷозатномадиҳӣ барои амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи энергетика.

Ширкат дар асоси ҷорӣ кардани технологияи пешқадам барои афзудани самаранокии фаъолият чораҳо андешида, ҷараёни динамикаи эҳтиёҷот ва дархост ба энергияи барқ ва гармиро меомӯзад.

Мақомоти идоракунии Ширкат дар маҷлиси аввалини саҳмиядорон ташкил шуда, Мақоми олии идоракунии Ширкат Маҷлиси умумии саҳмиядорон ба шумор меравад. То лаҳзаи ба савдо рафтани саҳмияҳои Ширкат, салоҳияти иҷрои Мақоми олии идоракунӣ ба зиммаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Салоҳияти истисноии Мақоми олии идоракунӣ иборатанд аз:

- муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти Ширкат, тасдиқи ҳисоботи солонаи ҳисобот ва тавозуни (баланси) муҳосибавӣ;
- тағйир додани Оинномаи Ширкат, аз ҷумла тағйири ҳаҷми сармояи оинномавӣ;
- интихоби аъзои Комиссияи тафтишотӣ (ревизорон)-и Ширкат ва пеш аз муҳлат қатъ кардани фаъолияти онҳо;
- тасдиқи ҳисобот ва хулосаҳои Комиссияи тафтишотӣ;
- ҳалли масъалаҳо оид ба аз тарафи Ширкат харидани саҳмияҳои баровардаи худаш;
- қабули қарор дар бораи таҷдиди сохтор ва барҳамдиҳии Ширкат, таъини комиссияи барҳамдиҳӣ ва тасдиқи баланси барҳамдиҳӣ;
- интихоби Раиси Ширкат ва пеш аз муҳлат қатъ кардани фаъолияти ӯ;
- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Оиннома пешбинӣ шудаанд.

Барои роҳбарии умумӣ аз болои фаъолияти Ширкат, ба истиснои масъалаҳое, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ва оинномаи Ширкат ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Мақоми иҷроияи Ширкат мансуб мебошанд, Шурои нозирон таъсис дода шудааст.

Ба салоҳияти Шурои нозирон чунин масъалаҳо дохил мешаванд:

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти ширкат;
- тасдиқ намудани нақшаҳои солонаи молиявӣ ва тиҷоратӣ, ҳисоботҳо оид ба иҷрои онҳо, инчунин, тасдиқи харҷномаҳои (сметаҳои) ҳарсола.

Ҳайати Шурои нозирон аз 11 (ёздаҳ) аъзо иборат мебошад. Интихобу бозхонд ва фаъолияти аъзои Шурои нозирон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» сурат мегирад. Масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шурои нозирони Ширкат мансуб мебошанд, наметавонанд барои ҳал ба Мақоми иҷроияи Ширкат супурда шаванд.

Мақоми иҷроияи Ширкат Раиси Ширкат ба ҳисоб меравад ва ба ваколатҳои Раиси Ширкат амалҳои зерин дохил мешавад:

- дар амал татбиқ намудани сиёсати ягонаи истеҳсолӣ ва иқтисодии Ширкат;
- баррасии ҳисоботи солона ва аз рӯи ҳамин масъала ба Мақоми олии идоракунӣ ирсол намудани пешниҳодҳои дахлдор;
- таҳияи пешниҳодҳо оид ба ҳуҷҷатҳои меъёрии энергияи барқ ва гармӣ;
- пешниҳоди дархост оид ба гузаронидани аудит;
- таъмини иҷрои қарорҳои Мақоми олии идоракунӣ ва талаботи ҳамин Оиннома.

Раиси Ширкат дар фаъолияти худ чунин корҳоро анҷом медиҳад:

- аз номи Ширкат амал мекунад, манфиатҳои онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он муаррифӣ мекунад;
- мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз номи Ширкат аҳдҳо ба имзо мерасонад;
- дар муассисаҳои бонкӣ суратҳисоб ва дигар ҳисобномаҳо мекушояд;
- роҳбарони корхонаҳои давлатӣ, ташкилот ва муассисаҳои ба ҳайати Ширкат дохилшаванда, инчунин, роҳбарони филиалҳо ва намояндагиҳо, муовинони онҳо ва сармуҳосибҳоро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад;
- доираи ваколатҳои муовинонашро муайян менамояд;
- шароити пардохти музди меҳнати шахсони мансабдори Ширкат ва филиалҳои онро тасдиқ менамояд;

- оид ба мукофотонӣ ва ҷазои интизомии кормандон мутобиқи қонунгузорӣ чораҳо меандешад;

- қоидаҳои расмиёт ва тартиботи дохилии ҳуҷҷатҳои Ширкатро муайян намуда, сохтори ташкилии Ширкатро тасдиқ менамояд;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки ба салоҳияти истисноии Мақоми олии идоракунӣ дохил намешаванд, вале онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои пешбининамудаи Мақоми олии идоракунӣ ва ҳамин Оиннома муайян намудаанд.

Назорати фаъолияти молиявию иқтисодии Ширкатро Комиссияи тафтишотӣ, ки аз ҳисоби саҳмиядорон ташкил мешавад ва онро Мақоми олии идоракунӣ таъин менамояд ба зимма дорад. Тафтишот бо супориши Мақоми олии идоракунӣ, бо ташаббуси худи комиссияи тафтишотӣ ё аз рӯи талаби саҳмиядороне, ки дар маҷмуъ бештар аз 10%-и саҳмияҳоро доро мебошанд, сурат мегирад. Аъзои Комиссияи тафтишотӣ ҳуқуқ дорад аз шахсони мансабдори Ширкат пешниҳод кардани тамоми ҳуҷҷатҳои заруриро талаб намояд. Комиссияи тафтишотӣ натиҷаи санҷишро ба Мақоми олии идоракунӣ пешниҳод мекунад. Аъзои Комиссияи тафтишотӣ дар ҳолати ба миён омадани таҳдиди ҷиддӣ ба манфиатҳои Ширкат ҳуқуқ дорад даъвати Маҷлиси ғайринавбатии саҳмиядоронро талаб намояд. Ширкат аз ҳисоби худ барои тафтишу тасдиқи ҳисоботи молиявии солона (аудити берунӣ) муассисаи махсусгардонидашударо киро мекунад. Қарори гузаронидани аудитро Мақоми олии идоракунӣ қабул менамояд [6; 11].

Айни замон роҳбари корхонаи энергетикӣ фаъолияти кулли барқдиспетчерию шабакаҳои интиқол ва фурӯши барқро назорат ва танзим менамояд ва баъд аз пурра ба анҷом расидани нақшаи инфиродии таҷдиди сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» ба ҳар як корхона (истеҳсол, интиқол, фурӯш) роҳбари алоҳида таъин карда мешавад. Роҳбари корхонаи энергетикӣ кормандонро дар асоси озмун ба кор қабул менамояд. Ӯ уҳдадор аст, ки ба вазифаҳои пурмаҳсули соҳа мутахассисони таҷрибадорро интихоб намояд. Чунки, дар соҳаи истеҳсоли энергияи барқ нишондиҳандаҳои муҳимми истеҳсолӣ, аз қабили банақшагирии истеҳсолӣ (нақшаи иқтисодию молиявии солона, ки ҷараёни истеҳсолӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, молиявӣ, сатҳи талафот ва натиҷаҳои ҷамъбастии онҳоро пешбинӣ менамояд), нақши муҳимро мебозад. Нақшаи иқтисодии корхонаи истеҳсоли энергияи барқ, талафоти технологӣ, тақсимоти маблағҳо барои таъмир, хариди таҷҳизотҳо, музди меҳнати кормандон, фурӯши энергияи барқ аз рӯи тарифҳои миёна, фоида ва зарари пешакии корхонаҳоро бояд дар бар гирад.

Роҳбари корхонаи энергетикӣ сатҳи дониши кормандонро бо омӯзонидан дар курсҳои омӯзишӣ, даъвати мутахассисони баландихтисос ва ғайраҳо такмил медиҳад. Ӯ бо харидорон ва истифодабарандагони энергияи барқ дар дохил ва хориҷи кишвар ҷиҳати интихоби муътамади истеъмолгарон гуфтушунид намуда, шартномаҳои таҳвили энергияи барқро дар ҳаҷмҳои мувофиқашуда ба имзо мерасонад. Ҳавасмандии кормандонро таъмин менамояд. Дар ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳаи техникӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ вазъи иқтисодию молиявии корхонаро танзим менамояд.

**Марҳилаҳои фаъолияти пурсамар ва рушди дарозмуддати устувори Ширкати энергетикии «Барқи Тоҷик».** Марҳилаҳои фаъолияти пурсамар ва рушди дарозмуддати устувори Ширкати энергетикии «Барқи Тоҷик» дар ҷадвалҳои зер оварда мешавад.

Ҳолати ҳалкунандаи марҳилаи мазкур бояд таҳия ва татбиқ намудани чорабиниҳо оид ба таъмини бехатарии энергетикии мамлакат дар марҳилаи кӯтоҳмуддат бошад.

Дар асоси нақшаи мазкур, инчунин, бояд дар муҳлатҳои барномавӣ корҳои асосӣ оид ба анҷом расонидани чорабиниҳои шуруъ намуда аз рӯи солимгардонӣ, барқарорсозӣ, азнавсозӣ ва сохтмони иншоотҳои энергетикӣ иҷро карда шаванд.

## I. Накшаи рушди иқтидорҳои барқистеҳсолкунанда барои давраи солҳои 2012-2018

| № | Номгӯй | Иқтидор, МВт | истеҳсол, млрд.кВт.час | Соли исти фодадиҳӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | НБО Сангтӯда - 2 | 220 | 0,97 | 2012 |
| 2. | Навбати I-уми НБО Роғун | 1200 | 5,6 | 2018 |
| 4. | МБГ - 2 | 400 | 1,45 | 2016 |
| | *Ҳамагӣ:* | *1820* | *8,02* | |
| | Истеҳсол дар давраи тирамоху зимистон | | 3,53 | 2015 |
| | Истеҳсол дар давраи тобистон | | 4,49 | 2015 |

4

Камчинии неруи барк аз рӯи накшаи пешбинишуда дар давраи тирамоҳу зимистон асосан тақрибан 1,2÷1,5 млрд.кВт.соатро ташкил медиҳад, ки лозим аст, он бо паст намудани истифодаи ғайри самараноки неруи барқ пӯшонида шавад. Неруи изофгии барқи дар фасли тобистон истеҳсолшуда ба Ҷумҳурии Афғонистон бо хатти дузанҷираи ХИБ-220 кВ «Сангтӯда - Пули Хумрӣ» (соли баистифодадиҳӣ 2011) ва минбаъд бо хатти ояндадори ХИБ-500 кВ ба Покистон аз рӯи Барномаи CASA-1000 интиқол дода мешавад.

ШСХК «Барқи Тоҷик» Нақшаи таҷдиду азнавсозии марҳилавии НБО Норакро таҳия намуд. Барнома ба худ барқарорсозии таҷҳизотҳои асосӣ, ёрирасон ва сохтмони **КРУЭ 500 ва 220 кВ** дар ивази **ОРУ-500 и 220 кВ.**-ро дар бар мегирад:

- Арзиши барномаи «Сохтмони КРУЭ-220 кВ НБО «Норак» 39,2 млн. доллари ИМА; қарзи Бонки Германиягии «KFW» - 28,2 млн. доллари ИМА, гранти Ҳукумати Германия - 11,0 млн. доллари ИМА, анҷоми лоиҳа – декабри соли 2012.
- Сохтмони КРУЭ-500 кВ аз ҷониби Бонки Осиёгии Рушд маблағгузорӣ мегардад, арзиши лоиҳа 66,9 млн. доллари ИМА - гранти БОР (54,7 млн. доллари ИМА) ва сармоягузориҳои худӣ (12,2 млн. доллари ИМА), анҷоми лоиҳа соли 2014.

Барои таҷдиди пурраи НБО «Норак» тақрибан 340-380 млн. доллари ИМА лозим аст.

НБО Қайроққум, солҳои 1956-1957 ба истифода дода шудааст. Иқтидори умумии муқарраршудаи истеҳсолӣ 126 МВт – шаш гидроагрегат бо иқтидори ҳар як 21 МВт.

Дар соли 2005 аз ҷониби Ҳукумати ИМА барои омода намудани асосноккунии техникию иқтисодӣ (АТИ)-и НБО Қайроққум ҷиҳати таҷдид ва азнавсозӣ грант ҷудо карда шуд. АТИ аз ҷониби Ширкати амрикоии «Евразия Линк» (с. 2006) гузаронида шуд. Соли 2011 аз ҷониби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд барои ба анҷом расонидани АТИ ва экспертизаи он маблағи 0,8 млн. евро ҷудо гардид.

Дар доираи лоиҳаи байнимининтақавии «2303 ТОҶ, Лоти №2 азнавсозии гидроагрегати №4-и НБО (анҷоми лоиҳа соли 2012) гузаронида шуд, маблағи лоиҳа 13,95 млн. доллари ИМА пешбинӣ гардидааст (қарзи БОР). Лоти №4 ивази трансформатори Т-3 бо иқтидори 125000/110/10,5 кВ ба трансформатори ТДЦ - 250000/220/110/10,5 кВ-ро пешбинӣ намудааст. Арзиши Лоиҳа 2,66 млн. доллар ИМА (2,33 млн. доллари ИМА – қарзи БОР; 0,53 млн. доллари ИМА – самоягузории «Барқи Тоҷик».

НБО Варзоб-1, иқтидори муқарраршуда 7,2 МВт, соли 1936 ба истифода дода шудааст. Барои баланд бардоштани иқтидор ва устувории неругоҳ таҷдиду

барқарорсозии пурраи таҷҳизотҳои асосӣ ва ёрирасон зарур аст, инчунин, иншооти асосӣ, канали алоҳида сохта шуда, сипарҳо ва дарвозаҳои он.

ШСХК «Барқи Тоҷик» бо ширкатҳои ҳиндустонии «Гидроэлектрикӣ» ва «Бхарат Хеви Электриклз Лимитед» созишномаи сеҷонибаро барои малисозии лоиҳаи «Таҷдиди НБО Варзоб - 1» ба имзо расонид. Маблағгузории Лоиҳа аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон (Грант – 17 млн. доллари ИМА) пешбинӣ гардид, анҷоми Лоиҳа – семоҳаи дуюми соли 2012 буд.

НБО Варзоб-2 бо иқтидори муқарраршудаи 14,4 МВт, соли 1949 ба истифода дода шудааст. Ба таҷдид ва ивази пурраи таҷҳизоти асосӣ ва ёрирасон ниёз дошт. АТИ-и таҷдиди НБО Варзоб-2 аз ҷониби Ширкати амрикоии «Евразия Линк» омода гардид. АТИ таҷдиди дарғот, наҳри алоҳидасохташуда, таҷдиди таҷҳизоти асосӣ ва ёрирасони НБО-1 ва НБО-2, ОРУ НБО-1 ва НБО-2 ва зеристгоҳи «Карамов»-ро дар бар гирифт.

НБО Варзоб-3 бо иқтидори муқарраршудаи 3,5 МВт, соли 1952 ба истифода дода шудааст, ки ҳамзамон ба таҷдиду иваз намудани пурраи таҷҳизоти асосӣ ва ёрирасон ниёз дорад [6; 14]

Дар Нақшаи стратегии мазкур диққати асосӣ ба баромадани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозори неруи барқи беруна дода шудааст. Бо дарназардошти яклухткунии сохтори истеъмоли неруи барқ ва ба кор андохтани иқтидорҳои нав потенсиали содиротии мамлакат то охири давра бояд дар сатҳи 7,5-8 млрд. кВт.с. дар давраи тобистон ва 2-2,5 млрд. кВт.с. дар давраи зимистон таъмин карда мешуд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДТТ ба номи М.С. Осимӣ – Муртазоев Н.А.**

### АДАБИЁТ


1. Анализ хозяйственной деятельности в промышленности: Учебник / Под ред. В.И.Стражева. -Мн.: Высшая школа, 1998.
2. Балабанов И.Т. Основы финансового менеджмента. Как управлять капиталом? / И.Т. Балабанов. -М.: Финансы и статистика, 1995. -384 с.
3. Ван Хорн Дж.К. Основы управления финансами / Дж.К. Ван Хорн. -М.: Финансы и статистика, 1996. -799 с.
4. Зайцев Н.А. Экономика промышленного предприятия / Н.А. Зайцев. -М.: ИНФРА-М., 1998. -284 с.
5. Концепция развития отраслей топливно-энергетического комплекса Республики Таджикистан на период 2003-2015 гг. Утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 03.08.2002 №318.
6. Копытов Ю.В. Экономия электроэнергии в промышленности: Справочник / Ю.В. Копытов, Б.А. Чуланов. -М.: Энергоатомиздат, 1982.
7. Нажмуддинов Ш.З. Состояние вопросов энергетической зависимости РТ / Ш.З. Нажмуддинов // Экономики Таджикистана: Стратегия развития. – 2007. -№4. -С.128.
8. Никитенко А.Ф. Перспективы развития электроэнергетики Таджикистана / А.Ф. Никитенко // Народнохозяйственное значение Нурекской ГЭС. -Душанбе: Ирфон, 1964. -С.73.
9. Павлова Л.Н. Финансы предприятий / Л.Н. Павлова. -М.: Финансы, ЮНИТИ, 1998. -639 с.
10. «Программа по эффективному использованию гидроэнергетических ресурсов энергосбережения на 2016-2018 годы» в РТ Утверждена Постановлением ПРТ от 2 ноября 2017 года, №551.
11. Табунщиков Ю.А. Выученные и невыученные уроки энергосбережения / Ю.А. Табунщиков // Энергосбережение. – 2009.
12. Таджикистан в цифрах 2014 год (Агентство по статистике при Президенте РТ).
13. Фокин В.М. Основы энергосбережения в вопросах теплообмена / В.М. Фокин, Г.П. Бойков, Ю.В. Видин. -М.: Машиностроение-1, 2005. -192 с.
14. Фокин В.М. Энергосбережение в производственных и отопительных котельных. -М.: Машиностроение-1, 2004. -180 с.
15. Фортов Е.В. Энергосбережение – перспективный вид бизнеса / В.Е. Фортов // Энергополис. – 2009. -№1–2.


## БАҲИСОБГИРИИ ҲАҶМИ ВОРИДОТУ СОДИРОТИ НЕРУИ БАРҚ

Соли 2009 баъди аз системаи ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ аз ҷониби Ӯзбекистон ҷудо намудани хатҳои интиқоли барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, бо сабаби мавҷуд набудани роҳҳои дигари алтернативии интиқоли неруи барқ иқтидори содиротиву воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд гардид. Аз ин лиҳоз, яке аз ҳадафҳои Барнома аз ҳисоби сармоягузории дохилӣ ва беруна дар баробари таъмиру барқарорсозӣ ва ба истифода додани иқтидорҳои нав, ба роҳ мондани сохтмони зеристгоҳҳои баландшиддат ва хатҳои интиқоли барқи 500кВ ва 220кВ мебошад, ки дар ин замина имконияти таъмини боэътимоди неруи барқ дар дохили кишвар ва содироти он ба хориҷи кишвар фароҳам меояд. Ба содирот баровардани неруи барқ имконият медиҳад, ки яке аз талаботҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2018 таъмин гардида, бо ривоҷ додани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва беҳтар гардидонидани вазъи иҷтимоии аҳолӣ, дараҷаи сатҳи камбизоатӣ то ҳадди ниҳоӣ паст карда шавад. Қайд кардан лозим аст, ки дар ҷумҳурӣ корхонаҳои истеҳсоли воситаю

таҷҳизотҳои асосии неругоҳи барқӣ ва системаи худидоракунандаи истеҳсолот вуҷуд надорад. Бинобар ин, дар давоми солҳои 2014-2018 дар асоси озмун ва бастани шартномаи сетарафа, ҷавонон барои таҳсил ба хориҷи кишвар равона карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** энергетикӣ, интиқоли барқ, алтернативӣ, иқтидор, воридот, маҳдуд, ҳадафҳо, сармоягузорӣ, дохилӣ ва беруна, барқарорсозӣ, иқтидорҳои нав, имконият, иҷтимоӣ, худидоракунанда, озмун, шартнома, хориҷӣ.

## РАСЧЕТ ОБЪЕМА ИМПОРТА И ЭКСПОРТА ЭЛЕКТРОЭНЕРГИИ

В 2009 году после выделения Узбекистаном линий электропередачи Республике Таджикистан от единой энергосистемы Центральной Азии, а также в связи с отсутствием других альтернативных путей передачи электроэнергии экспортно-импортный потенциал Республики Таджикистана был ограничен. С этой точки зрения, одной из целей Программы является начало строительства высоковольтных подстанций и линий электропередачи 500 и 220 кВ за счет внутренних и внешних инвестиций с ремонтно-восстановительными работами и вводом новых мощностей внутри страны и их вывозом за границу. Экспорт электроэнергии дает возможность выполнить одно из требований Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2018 года, а за счет развития экономических показателей и улучшения социального положения населения уровень бедности сократить до предела. Следует отметить, что в республике отсутствуют предприятия по производству основных инструментов и оборудования электростанций и хозрасчетной системы производства, поэтому в течение 2014-2018 гг., на основе конкурса и заключения трехстороннего договора, молодых людей отправляют учиться за границу.

**Ключевые слова:** энергия, передача электроэнергии, альтернатива, мощность, импорт, ограничение, цели, инвестиции, внутренние и внешние, восстановление, новая мощность, возможность, социальная, самоуправляемая, конкуренция, контракт, зарубежный.

## CALCULATION OF THE VOLUME OF IMPORT AND EXPORT OF ELECTRICITY

In 2009, after the allocation of power transmission lines of the Republic of Tajikistan by Uzbekistan from the unified energy system of Central Asia, as well as due to the lack of other alternative ways of transmitting electricity, the export-import potential of the Republic of Tajikistan was limited. From this point of view, one of the goals of the Program is the start of construction of high-voltage substations and power transmission lines of 500 and 220 kV at the expense of internal and external investments with repair and restoration and commissioning of new capacities. within the country and its export abroad. The export of electricity makes it possible to fulfill one of the requirements of the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2018, and due to the development of economic indicators and the improvement of the social situation of the population, the poverty level has been reduced to the limit. It should be noted that there are no enterprises in the republic for the production of basic tools and equipment of a power plant and a self-supporting production system, therefore, during 2014-2018, on the basis of a competition and the conclusion of a tripartite agreement, young people are sent to study abroad.

**Keywords:** energy, electricity transmission, alternative, power, import, limitation, goals, investment, internal and external, recovery, new power, opportunity, social, self-managed, competition, contract, overseas.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ашуров Камолидин Розикович*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар истеҳсолот. **Суроға:** 735042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10. E-mail: **kamoljddjn.ashurov**. 70. Телефон: **+992 919165741**

***Миров Фирдавс Туйчиевич*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар истеҳсолот. **Суроға**: 735042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10. Телефон **+992934142111**

**Сведения об авторах** ***Ашуров Камолидин Розикович*** **-** Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления на производстве. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых, 10. E-mail: **kamoljddjn.ashurov.70**. Телефон: **+992 919165741**

***Миров Фирдавс Туйчиевич*** **-** Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, старщий преподаватель кафедры экономики и управления на производстве. **Адрес**: 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых, 10. Телефон: **+992934142111**

**Information about authors** ***Ashurov Kamolidin Rozikovich*** - Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics and Production Management. **Address**: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academicians Radjabov Street 10. E-mail: **kamoljddjn.ashurov.70.** Phone: **+992 919165741**

***Mirov Firdavs Tuychievich*** - Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Senior Lecturer, Department of Economics and Production Management. **Address**: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academicians Radjabov Street 10. Phone: **+992934142111**

ТДУ: 338.43(575.3)

# ХУСУСИЯТҲО ВА МУШКИЛОТИ РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ғафорзода Ҷонона Ғафор*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти бозаргонӣ, хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми бисёрзинагии таҳсилот - маҳсулоти асосии истеъмолкунанда мебошад, ки тавассути маблағҳои худӣ ва воситаҳои пулии сарпарастон ба даст оварда мешаванд, ки барои ташаккул, нигоҳдорӣ ва вусъатдиҳии донишҳо ба мақсади мусоидат ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат аҳамияти муҳим дорад.

Илова бар ин, хизматрасониҳои таълимӣ барои расидан ба рушди устувори иқтисодӣ нақши қалидӣ дорад, зеро пояи асосии расидан ба иқтисодиёти сабз маҳз аз соҳаи маориф ва илм вобаста аст, ки тавассути омодасозии мутахассисони соҳибкасб бо салоҳияти касбӣ-техникӣ ва идоракунӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити имрӯза мафҳуми «хизматрасонии таълимӣ» ҳамчун раванди маҷмуи таҳвили дониш, маҳорати таҳсил, малакаи омӯзиши дониш, хусусияти касбӣ, бо мақсади қонеъсозии талаботи фардӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ, бо назардошти таъмини амнияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ баҳри расидан ба вазифаҳо ва ҳадафҳои стратегии рушди мамлакат қабул гардидааст. Вобаста ба ин, дар марҳилаи рушди бемайлони технологияи иттилоотӣ ва ташаккули ҳукумати электронӣ на танҳо моделҳои нави таҳсилот, инчунин, технологияи муосири шуғл ва бокортаъминкунӣ, ки аз рӯи мазмуни худ мутобиқатро ба мақсад ва вазифаҳои рушди иқтисоди миллӣ талаб менамояд, лозим دониста мешавад.

Мушоҳида ва таҳлилҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки новобаста аз рушди мусбии ҳаҷми хизматрасониҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сохтори бозори хизматрасониҳои таълимӣ, номутаносибӣ байни талабот ва таклифот мушоҳида мешавад, ки зарурати такмилдиҳии онро тақозо менамояд.

Дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ – коллеҷҳо бо тартиб ва муқаррароти намунавӣ зуҳуроти нав мебошанд. Ташкили коллеҷҳо ҳамчун муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз раванди таъсири тамоюлҳои инкишофи низомҳои ҷаҳонии таҳсилот вобаста аст. Ва чунин шакли таъсиси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ татбиққунандаи зинаи аввалини муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда (ба монанди коллеҷҳои сохтории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ), дар фазои ҷаҳонии таълим афзалиятҳои хосси худро доранд.

Бояд қайд кард, ки коллеҷ дар давлатҳои ғарб муассисаи таълимии баъди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, барномаҳои таҳсилоти олии касбиро амалӣ менамояд ва ҳамчун муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳисобида мешаванд. Коллеҷҳое, ки муҳлати таҳсилашон чор сол мебошанд, барномаҳои зинаи бакалавриро татбиқ карда, хатмкунандагони он дараҷаи таҳсилоти бакалаврро касб менамоянд [10,с.187-192].

Коллеҷ дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил, аз ҷумла дар Тоҷикистон - муассисаи таҳсилоти академӣ не, балки муассисаи таҳсилоти касбӣ буда, барномаҳои таълимии омодасозии кадрҳои коргарии зинаи миёнаи касбии дорои дараҷаи ихтисоси (касбӣ) коргарии сатҳи баландро омода менамояд. Муқоиса намудани коллеҷ бо техникум фарқияти онҳо аз ҳам нишон медиҳад, ки дар муқаррароти типпӣ шабеҳ буда, бинобар ин, талаботи давлатӣ ба намуди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, бо нишондиҳандаҳои аккредитатсияи давлатӣ ва бо ифодаҳои меъёрии онҳо, масалан, бо миқдори барномаҳои аттестатсияшудаи сатҳи баланди омодасозии мутахассисони касбӣ, ҳайати сифатии кадрҳои омӯзгорон (маълумоти олӣ, дараҷаҳои ихтисос, дараҷа ё унвони илмӣ), комютеркунонии раванди таълим ва ба ҳаҷми фаъолияти таълимию методии ҳайати омӯзгорон муайян карда шудаанд [10,с.189].

Ҳамзамон, таҳлили мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки муассисаҳои касбии миёнаро дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун зинаи таҳсилот нисбат ба

муассисаҳои таҳсилоти олӣ пасттар ба назар мегиранд, ки ин дар асл, комилан нодуруст аст. Фарқияти байни таҳсилоти миёнаи касбӣ дар он аст, ки он асосан донишҳои касбиро пешниҳод менамояд, дар ҳоле ки таҳсилот дар донишгоҳ ба омодасозии илмӣ ва назариявӣ равона карда шудааст. Вазифаи асосии коллеҷ - ин тайёр намудани мутахассисони комилҳуқуқ ва саводнок – таҷрибанок, ки дар бозори муосири меҳнат чун "техникҳои олӣ" бо малакаҳои коргарӣ ва дар донишгоҳҳо – кадрҳои илмӣ бештар талабот доранд. Дар ин самт, коллеҷ муассисаи таълимии бештар дастрас, оммавӣ ва дар амал мувофиқ мебошад.

Аксарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ имконияти гирифтани тахассусҳои мушаххасро дар қатори ихтисоси асосӣ медиҳанд, ки хатмкунандагонро соҳибтахассус мекунанд ва инчунин, серталабот мегардонанд. Бояд қайд кард, ки омӯзиши иловагӣ комилан озод аст.

Афзалияти дигари коллеҷ дар қабулшавии нисбатан осон мебошад - озмун ва талабот дар муқоиса ба донишгоҳ хеле пасттар аст ва ҷойҳои буҷетӣ нисбатан зиёдтаранд. Ва ниҳоят, дар давраи кӯтоҳи таълим дар коллеҷ, таълимгиранда метавонад дарк намояд, ки чӣ гуна ихтисос дуруст интихоб шудааст ва дар бораи интихоб кардани донишгоҳ дар оянда ба таври қатъӣ қарор қабул менамояд. Ба ибораи дигар, коллеҷ – барои аз мактаб ба донишгоҳ гузаштан як пули “муносиб” мебошад. Аз як тараф, он донишҷӯёнро барои талаботҳои ҷиддии дар донишгоҳ мавҷудбуда омода менамояд, аз тарафи дигар, ба ҳар як хонанда таваҷҷуҳи фардии «мактабӣ» дода мешавад. Бинобар ин, солҳои охир маълум аст, ки хатмкунандагони ин муассисаҳо метавонанд таҳсилоти худро дар барномаҳои таҳсилоти олӣ бештар идома диҳанд. Ҳамзамон, дар таҷрибаи давлатҳои Аврупо ва ИМА, таҳсилоти дар коллеҷ гирифташуда, ҳамчун таҳсилот дар донишгоҳ ҳисобида мешавад.

Масалан, коллеҷҳои Канада ду категорияи донишҷӯёнро- хатмкунандагони мактаб ва хатмкунандагони муассисаҳои олиро (коллеҷҳои дигар ва ҳатто донишгоҳҳо) қабул менамоянд. Дар ин робита, барномаҳои коллеҷ бо гуногунрангии худ фарқ мекунанд: барномаҳои касбӣ (Diplomaprograms), ки 2-3 сол давом доранд; барномаҳои баъдидипломӣ (барномаҳои таҳсилоти дуюми олӣ); барномаҳои сертификатсиякунонӣ (чун қоида, одатан омодагӣ); барномаҳои касбӣ бо имконияти ба муассисаи таълимии баъдидипломӣ гузаштан (UniversityTransferprogram); дараҷаи бакалавр, таҳсилоти 2 сола (AppliedBachelorDegree) ва ҳатто бакалавр (BachelorDegree), ки чун 4 сола ба монанди ҳамаи донишгоҳҳо [11].

Хусусияти дигари фарқияти ташкили коллеҷҳо аз муассисаҳои олии таълимӣ дар он аст, ки он маркази корҳои илмӣ-тадқиқотӣ нест ва ба хатмкунандагони он дараҷаи Магистрӣ дода намешавад. Аммо, хусусияти хоси омодасозии мутахассисони ҷавон дар коллеҷҳо дар он аст, ки онҳо аз рӯзи аввал омодаанд бо мутахассисони касбӣ баробар кор кунанд. Масалан, ин дар ҳолест, ки аз норасогии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, донишҷӯён дар асоси маълумотномаи таҳсил дар коллеҷ ба фаъолияти меҳнатӣ сафарбар карда мешаванд. Ба мушоҳидаи мо, он бо сабабҳои аз ҳад зиёд омӯзиши назария ва норасоии таҷриба, дар таҳсилоти олии муосир вобастагӣ дорад.

Афзалияти дигари коллеҷ дар шумораи нисбатан ками гурӯҳҳо нисбат ба донишгоҳҳо мебошад, ки имкон медиҳад ҳамкории байни донишҷӯ ва омӯзгор беҳтар карда шавад.

Дар коллеҷҳо мӯҳлати таҳсил (3-4 сол) нисбат ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ (2-3 сол) зиёдтар буда, барномаҳои таълимӣ низ дар онҳо аз низоми таҳсилоти миёна берун мешаванд ва омӯзиши васеъу ҳаматарафаро пешниҳод мекунанд.

Мутобиқи Низомномаи стандарти байналмилалии таълимии ЮНЕСКО таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун таҳсилоти амалию таҷрибавӣ қабул дониста мешавад. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар беш аз 280 ихтисос мутахассисонро омода менамоянд, инчунин, афзоиши сатҳи таълиму тарбия ва фарҳангии шаҳрвандонро таъмин мекунанд.

Ба андешаи мо, агар дар муассисаҳои олии таълимӣ асосан мутахассисон ҳамчун идоракунанда ва назоратчиён омода карда шаванд, дар муассисаҳои миёнаи касбӣ

бошад, аслан касбҳои коргариро меомӯзонанд ва онҳо чун кадрҳои сатҳи миёна ба фаъолияти меҳнатӣ шуруъ ба кор менамоянд. Илова бар ин, баъд аз хатми коллеҷ, ҳар як хатмкунанда соҳиби ихтисоси коргарӣ мегардад.

Инчунин, таҳсилот дар коллеҷ бояд дарккунанда ва ба услуби касбӣ нигаронида шуда бошад, ки дар тули солҳои таълим дар мактаб ташакул меёбад, на дар асоси принсипҳои боқимонда анҷом дода мешаванд.

Айни ҳол, хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани маълумоти зиёд ва барои навъҳои нави фаъолияти таълимӣ пурра тайёр нестанд. Ба муассисаҳои олии таълимӣ дохил шуда, онҳо аксаран бо мушкилотҳои зиёд ва ҳатто монеаҳои психологӣ дучор мешаванд, ки чунин ҳолатҳо ба паст шудани сатҳи самаранокии таҳсилоти гирифташаванда оварда мерасонад.

Илова бар ин, дигар сабаби ба коллеҷ дохил шудан хоҳиши гирифтани маълумоти махсуси миёна мебошад. Масалан, барои ихтисоси омӯзгори муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, ҳамшираи шафқат, омӯзгори кӯдакистон, роҳбаладии вагонҳои мусофирбар, омӯзгори мусиқӣ, техники зинаи аввал ва миёна, омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ, дузандагиву пазандагӣ, аслан таҳсилоти олӣ талаб карда намешавад. Бинобар ин, дар шароити имрӯзаи иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз омилҳои муҳимми интихоб ва таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, махсусан барои духтарон хоҳиши гирифтани маълумоти махсуси миёна мебошад.

Гуфтаҳои болозикр аз он шаҳодат медиҳад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ шумораи донишҷӯдухтарон нисбат ба донишҷӯписарон тайи солҳои охир хело зиёд буда, дар баъзе коллеҷҳо ҳиссаи шумораи духтарон нисбат ба писарон то ба 87% баробар гардидааст (масалан, дар коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар шаҳри Душанбе, коллеҷҳои тиббӣ ва ғ.).

Дигар хусусияти хосси интихоби муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар нархгузорӣ, яъне муайян намудани ҳаҷми маблағи таҳсил мебошад. Вобаста ба ин, таҳлили манбаъҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки коллеҷҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон одатан нисбат ба муассисаҳои олии таълимӣ маблағи қобили қабулро барои таҳсил пешниҳод мекунанд. Агар дар соли таҳсили 2016-2017 барои омодасозии мутахассисони хурд дар коллеҷҳо ба ҳисоби миёна тақрибан 10 400,00 сомонӣ (2600 х 4 сол) маблағ сарф гардад, дар донишгоҳи олӣ ин нишондод ба 28 000 сомонӣ (7000 х 4 сол) баробар аст. Бо қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон арзиши таҳсил дар тамоми давраи таҳсил дар коллеҷҳо - 1316 доллари ИМА ва дар донишгоҳҳо 3038 доллари амрикоӣ муайян гардида буд [6].

Дар соли таҳсили 2020-2021 арзиши таҳсили солона ба ҳисоби миёна дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 4840 сомонӣ (4840 х 4 = 19360) ва дар макотиби олии кишвар 17000 ҳазор (17000 х 4 = 68000) сомониро ташкил намуд [12]. Ин дар ҳолест, ки арзиши баландтарини таҳсил аз тарафи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ барои ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон 78000 сомонӣ дар як сол муқаррар шудааст.

Вобаста ба ин, натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки новобаста аз афзоиши арзиши таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ ва инчунин, афзоиши буҷети муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат на ҳама вақт базаи моддии муассисаҳои таълимӣ беҳтар мегардад.

Ҳамин тариқ, раванди омодасозии кадрҳо барои хизматрасониҳои муассисаҳои миёнаи касбӣ нишон медиҳад, ки донишҷӯён метавонанд ҳатто қисмати бештари таҳсилотро бо маблағҳое, ки дар давоми коромӯзӣ ба даст овардаанд, пардохт намоянд.

Ба ақидаи мо, дар шароити муосири рушди муносибатҳои бозорӣ - коллеҷ имконияти хуб ва интихоби дуруст барои донишҷӯёне, ки мехоҳанд алоҳида барои таҳсилот маблағ ба даст оранд, мебошад. Аз ин ҷост, ки ташаккули низоми бозорӣ барои фароҳам овардани шароити зарурӣ ба рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ мусоидат менамояд.

Бо вуҷуди ин, ҳамзамон, дар кишварҳои ғарб, талабот барои гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ афзоиш меёбад. Барномаҳои мазкурро донишҷӯёне интихоб менамоянд,

ки аллакай дорои маълумоти олӣ ҳастанд ва онҳо мехоҳанд, ки дар соҳаи худ донишҳои амалиро аз худ намоянд ва ё мехоҳанд соҳиби ихтисоси дигаре гарданд.

Барномаҳои баъдидипломии таҳсилоти олӣ айни замон, бахши афзоишёбандаи хизматрасониҳои таълимӣ бо назардошти маъруфияти зиёд доштанашон ба ҳисоб меравaнд. Ва шумораи онҳо бо талабот дар бозори меҳнат меафзояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол бо пайдо гардидани ҷойҳои нави корӣ, бозори меҳнати муосир наметавонад ҳама вақт хатмкунандагонро бо ҷойҳои корӣ таъмин намояд, ин дар ҳолест, ки бисёре аз бахшҳои бозори шуғл ба мутахассисони сатҳи миёна эҳтиёҷ доранд. Ҳиссаи ками ихтисосҳо оид ба техника ва технологияҳои нав аз иқтисодиёти қафомондаи технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад.

Масъалаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки бозори миллии меҳнат дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт пурра ва ҳаматарафа омӯхта намешавад, раванди асоснокгардонии илм ва истеҳсолот ба инобат гирифта намешавад, гузаронидани мониторинг ҷиҳати бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани хатмкунандагон қариб, ки вуҷуд надорад ва робитаи мунтазам бо корфармоён эҳсос намегардад. Илова бар ин, дар ин самт бояд нақши муҳимро ҳавасмандии ҳукуматҳои маҳаллӣ дар беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии ноҳияҳои худ бозанд. Аз ҷониби давлат ва соҳибкорони алоҳида механизмҳои ҳавасмандгардонӣ барои дастгирии мутахассисони ҷавон дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар дида намешавад.

Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати аграрӣ-саноатӣ фаъолият менамояд ва қисмати бештари аҳолии минтақаҳои Тоҷикистон аз ҳисоби кишоварзӣ ва чорводорӣ зиндагӣ мекунанд. Илова бар ин, Тоҷикистон дорои имкониятҳои зиёди захираҳои экологӣ ва табиӣ мебошад.

Таҳлили муқоисавии сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи омодасозии кадрҳо барои таъмини бозори меҳнат дар ҳар як ноҳияи алоҳида то ҳанӯз ҳал нашудааст ва ҳамчун падидаи ноаён аз назари роҳбарони шаҳру ноҳияҳо фарсаххо дур мондааст. Шарикии ҳукумати маҳаллӣ дар омодасозии мутахассисони миёнаи касбӣ дида намешавад ва ин масъулият танҳо бори гарони бетафовути зерсохторҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст.

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои охир, шумораи донишҷӯён афзоиш ёфтааст ва вусъатёбии хизматрасониҳои низоми ТМК асосан аз ҳисоби кушодашавии муассисаҳои таълимии шахсии шартномавӣ ва масъалаи демографӣ, аз ҷумла хоҳишмандии бештари духтарон ба касбомӯзӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар ин маврид, таъминоти нокифояи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо омӯзгорони пуртаҷрибаву лаёқатманд, бо ҷойи нишаст ва лабораторияҳои дахлдор ташвишовар аст. Асосан заминаи лабораторияҳои мавҷуда кӯҳна шуда, онҳо бо таҷҳизот ва асбобҳои замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида нашудаанд. Ба ибораи дигар, донишҷӯён имконияти дар таҷҳизотҳои нави замонавӣ кор карданро надоранд, ки ин омил ба набудани талабот ба хатмкунандагони муассисаҳои миёнаи касбӣ оварда мерасонад.

Илова бар ин, мушкилоти асосии зеринро оид ба низоми хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд кардан зарур аст:

- муассисаҳои ТМК (коллеҷҳо) дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нобаробар ташкил карда шудаанд, онҳо асосан дар шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ фаъолият мекунанд. Имкониятҳои молиявии донишҷӯён ба инобат гирифта нашудаанд;
- соҳибтахассус гардонии донишҷӯён суст ба роҳ монда шудааст;
- ҷалби нокифояи шарикон дар ташаккули фармоиши давлатӣ барои омодасозии кормандони техникӣ ва хизматрасонӣ эҳсос мегардад;
- интихоби ихтисосҳо нодуруст ба роҳ монда шудааст. Зеро ихтисос навъи мушаххаси кор (фаъолият) дар доираи ин ё он касб аст ва шахс метавонад дар доираи як касб чанд ихтисосро интихоб намояд. Ин омил аз табиат ва қобилияти фардии ҳар як шахс вобаста аст;

• мутобиқат намудани нақшаҳои таълимии ихтисосҳо бо нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) бо мақсади ташкили идомаи таҳсили донишҷӯён баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (МТМК);

• норасоии аудиторияҳо ва ҷои нишаст дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

• вобаста ба масъалаҳои демографӣ ҷорӣ намудани ихтисосҳо дар МТМК ва муайян намудани нақшаҳои қабул;

• норасогии китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, маводҳои таълимӣ аз фанҳои тахассусӣ;

• оияндабинии бозори меҳнат ба касбу ихтисосҳои мухталиф аз тарафи довталабон ба инобат гирифта намешавад;

• норасоии устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ;

• мавҷуд набудани механизмҳо барои ҷалби маблағҳо аз сохторҳои хусусии соҳибкорӣ, дарёфти грантҳо барои омодасозии кадрҳо дар низоми ТМК;

• мавҷуд набудани механизмҳои идоракунӣ барои назорати мустақими раванди таълим ва сифати таҳсилот аз ҷониби мақомоти давлатӣ.

Бо назардошти ин, дар низоми хизматрасониҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зарур аст:

- таҳкими иқтидори кадрҳо (роҳбарикунанда ва муҳандисӣ-педагогӣ) ва ташкили низоми баланд бардоштани дараҷаи тахассусии касбӣ ва педагогӣ бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ;

- таҳкими заминаи моддию техникии ТМК, истифодабарии захираҳои буҷетии берунӣ ва дохилӣ (устохонаҳои омӯзишӣ, сехҳо ва ғ.) барои ташкили таҷрибаи истеҳсолӣ;

- таъмини пайдарпай ва ҳамбастагии таълим дар ҳамаи сатҳҳои таҳсилот, ташкили таҳсилоти муттасил;

- таҳия ва тасдиқи меъёрҳои нави таълимӣ, таъмини раванди таълимию барномавӣ бо иштироки корфармоён;

- васеъ истифодабарии технологияи нави таълимӣ, аз ҷумла технологияи «таҳсилоти кушод», усулҳои лоиҳавӣ ва дигар усулҳои ҳавасманднамоии фаъоли раванди маърифатӣ, ташаккулдиҳандаи маҳорати худомӯзӣ, афзоиши нақши кори мустақилонаи донишҷӯ ва ғайра;

- баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ;

- ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ оид ба таъсиси маркетинг, идоракунӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи таълим;

- рушди шаклҳои гуногуни таълим (рӯзона, шабона, ғоибона, экстернат ва дистансионӣ);

- тақвият додани робитаи кураторон бо волидайн дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда;

- ҷорӣ намудани усули дугонаи таълим.

Бо мақсади беҳтар гардонидани талабот ба бозори меҳнат ва таъмини зудҳаракатии амудии донишҷӯёни сатҳи таҳсилоти миёнаи касбӣ, якҷоякунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (МТМК) бо дигар намудҳои муассисаҳои таълимӣ дар шароити муосири раванди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст. Ҳамин тариқ, раванди ҳамгирои ТМК бо муассисаҳои олии таълимӣ, дохил намудани онҳо ба ҳайати зерсохторҳои донишгоҳӣ идома хоҳад ёфт. Ин имконият медиҳад, ки таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҷиҳати ҳудудӣ бештар дастрасӣ дошта бошад.

Ба ақидаи мо, барои ташаккули механизми самараноки боҳамалоқамандии байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва корхонаву ташкилотҳо истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои илмӣ, мутахассисони соҳибкасб ва усулҳои боҳамалоқамандӣ зарурати ҳамаҷониба доранд. Бо ин мақсад дурнамои самтҳои ҳамгироии ТМК бо ташкилотҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (ТИК) ва дар ин замина ташкили муассисаҳои таълимиро, ки омодасозии кадрҳои сатҳи миёнаро амалӣ мекунанд, ба мақсад мувофиқ меҳисобем.

Дар асоси таҳқиқотҳои болозикр, бартариятҳои таҳсил дар коллеҷро хулосабандӣ кардан мумкин аст:

1. Коллеҷҳо шумораи теъдоди зиёди барномаҳоро, ҳам дар муҳлати давомнок ва ҳам таркибан пешниҳод менамоянд;

2. Барои хатмкунандагони мактабҳо, коллеҷ барои таҳсили бомуваффақият ва ҳамгироӣ ба ҷомеаи нав осонтар дастрас аст;

3. Коллеҷ самти омодагии амалиро ба таври назаррас пешниҳод мекунад, донишгоҳ бошад - назариявӣ;

4. Коллеҷҳо хатмкунандагони донишгоҳро аз нав таълим медиҳанд, барои ноил гаштан ба малакаву маҳорати амалии дар кор зарурӣ кумак мерасонанд;

5. Барномаҳои коллеҷ ба таври назаррас бошиддат таълим дода мешаванд, иштироки мунтазами донишҷӯёнро дар дарсҳо талаб менамоянд;

6. Коллеҷ имконияти кам намудани давраи таҳсил дар донишгоҳро ба миён меорад;

7. Мавҷудият ва ё набудани барномаҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва барномаҳои баъдаздипломӣ (аспирантура) тафовути байни коллеҷ ва донишгоҳро ба миён меорад.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои зерини хизматрасониҳои ТМК-ро метавон ҷудо намуд:

- ✓ шароити нисбатан осон барои қабул ва талабот ба фанҳои умумӣ нисбат ба донишгоҳҳо камтар аст;
- ✓ истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, бояд дорои дониш, қобилият, малака, меъёрҳои рафтори ҷамъиятӣ бошанд;
- ✓ дар муддати кӯтоҳтарини таҳсил, имконияти гирифтани якчанд ихтисосҳо;
- ✓ имконият барои муайян намудани дурустии интихоби ихтисос пеш аз дохил шудан ба муассисаҳои олии таълимӣ;
- ✓ хизматрасониҳои ТМК, ҳамзамон, дар истеҳсолот истифода бурда мешаванд, онҳо ба истеъмолкунанда пурра бидуни миёнаравон пешниҳод карда мешаванд;
- ✓ сифати хизматрасониҳои таълимӣ ба таври назаррас ба рушди ҷомеа таъсир мерасонад.

Нақши муҳимро дар ҳамоҳангсозии сохторҳои таълимӣ, ҳамкориҳои гуногунҷанбаву судманду ҳамаҷонибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дигар субъектҳое, ки дар раванди таълим иштирок менамоянд (яъне ҳама намуди шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии ба соҳаи таҳсилоти касбӣ алоқаманд: донишҷӯён, волидони онҳо, омӯзгорон ва воҳидҳои сохтории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебозанд. Илова бар ин, муассисаҳои иловагии таълимӣ ба монандӣ: китобхонаҳо, муассисаҳои илмӣ ва сохторҳои худидоракунии маҳаллӣ низ метавонанд дар раванди таълим саҳмгузор бошанд.

Дар робита ба ин, масъалаи ташаккули фазои ягонаи таълимӣ ба миён меояд, ки бо назардошти шароити муосир дар асоси хусусиятҳои минтақавӣ баррасӣ карда мешавад. Бо назардошти ин, аз рӯи таҳқиқоти мо ошкор гардид, ки аксарияти ҷавонон ва калонсолон хоҳиши таҳсилро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии минтақаҳои худ, дар асоси анъанаҳои муосири касбии маҳаллӣ доранд.

Яъне, шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон мехоҳанд таҳсилоти касбиро дар ҷойи доимии зисти худ бо назардошти таъмин намудани ҷойи кор дар оянда, гиранд. Ҳамзамон, таъсиси фазои ягонаи таълимӣ – ин вазифаи умумидавлатӣ мебошад, ки он якҷоякунии кӯшишҳои муассисаҳои таълимӣ, идораҳои гуногун, маъмуриятҳои минтақавӣ, соҳаҳои хизматрасонӣ, корхонаҳо, бонкҳо ва ғ. пешбинӣ менамояд. Дар шароити кунунӣ байни донишҷӯён ва муаллимони ТМК ва донишгоҳҳо фарқияти калон вуҷуд дорад. Барои фаъолияти самараноки ТМК бояд чунуин фарқият аз байн бурда шавад.

Қайд кардан ба мавридир аст, ки таъсис додани коллеҷҳои касбии гуногунсоҳа зарур аст, ки омодасозии касбиро тибқи барномаҳои ҳам 2-3 солаи ТМК ва ҳам модулҳои касбии 6-12 моҳа амалӣ менамоянд. Баланд бардоштани нуфузи ихтисосҳои коргарӣ - вазифаи асосии давлат ва бахши хусусӣ мебошад.

Бинобар ин, қадами минбаъда дар таъмини таҳсилоти мутассил, ин риояи принсипҳои минтақакунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҳисоб меравад. Принсипҳои минтақакунонӣ фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро бо назардошти хусусият ва талаботи иҷтимоию иқтисодии минтақа, бозори меҳнатӣ дар маҳал ба кадрҳои соҳибтахассус ва дараҷадошта таъмин менамояд. Бо назардошти принсипҳои минтақакунонӣ, ихтисоснокӣ мазмуни таҳсилот дар муассисаҳои миёнаи касбӣ бояд муайян карда шавад. Минтақакунонӣ дар рушди низоми ТМК, ҳамчун яке аз ҷузъҳои ташкили сохторҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ нақши калидӣ дошта, гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи самараноки ҳолати кунунии пешниҳоди хизматрасониҳои низоми ТМК дар заминаи минтақаҳои кишвар зарурат дорад.

Илова бар ин, айни замон рақобати қавиро дар таъмини хизматрасониҳои низоми ТМК донишгоҳҳо ташкил мекунанд, ки он бо сабабҳои батаъхирмонии хизмати ҷавонон ба қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ алоқаманд аст. Тайи солҳои охир ҷой доштани хавф аз хизмати ҳарбӣ, ба баландшавии талабот ба маълумоти олӣ мусоидат менамуд.

Аммо, бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” сатҳи фарогирии довталабон ба мактабҳои олӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ якбора кам гардида, боиси коҳиш ёфтани самаранокии таълим ва зиёд гардидани муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон дар кишвар гардид.

Аз нигоҳи мо, омили муҳимтарини сифати омодасозии мутахассисон ва самаранокии муассисаҳои таълимӣ, ҳайати сифатии кадрҳои омӯзгорӣ - таҳсилоти олӣ доштани омӯзгорон, дараҷаҳои ихтисос, дараҷа ва унвонҳои илмии онҳо, ҳиссаи омӯзгорони кормандони асосӣ ва мунтазам гузаштани такмили ихтисос мебошад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҳалли масъалаҳои ташаккули зеҳнию фарҳангӣ ва касбии инсон нигаронида шуда, мақсади тайёр кардани коргарон ё хизматчиён ва мутахассисони зинаи миёнаро дар ҳамаи самтҳои асосии фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ мутобиқи талаботи ҷамъият ва давлат, инчунин, қонеъ гардондани эҳтиёҷоти шахсӣ бо гирифтани таълимоти ҳаматарафаи касбиро ифода мекунад.

Дар маҷмуъ, хусусиятҳои дар боло тавсифгардида имконият медиҳанд, ки рушди муносиби хизматрасониҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ташаккул ёбанд ва рушди бозори хизматрасониҳои таълимӣ, афзоиши нақши он дар ҷомеа тавассути беҳтарсозии сифати сармояи инсонӣ аз динамикаи ҳамгироии бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнат, инчунин, мукаммалгардонии механизми боҳамалоқамандии ин бозорҳо вобаста мебошад.

Дар доираи иҷроиши масъалаҳои болозикр, асосҳои илмӣ-назариявӣ ва методии фаъолияти маркетингии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медиҳем.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Аҳмадов Р.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Амонов Х.О. О развитии среднего специального и высшего педагогического образования в Таджикистане в предвоенные годы (1917-1941гг.) / Х.О. Амонов // Уч. зап. Кулябского гос. пединститута. -Куляб, 1958. - Вып. 4.
2. Аникеев А.А. Современная структура образования в Германии / А.А. Аникеев, Е.А. Артуров // Alma mater. - 2012. -№3. -С.67-68.
3. Ашуров Г. Методологические основы и сравнительный анализ подготовки специалистов в современных условиях Республики Таджикистан / Г.Д. Ашуров, Дж.Г. Караева // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2016. -№2/10. -С.131-134.
4. Ашуров Г.Д. Перспективы развития системы среднего профессионального образования в современных условиях Республики Таджикистан / Г.Д. Ашуров, Дж.Г. Караева // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. –Душанбе, 2016. -№2/10. -С.243-250.
5. Гафорзода, Дж.Г. Роль и состояние системы среднего профессионального образования в национальной экономике / Гафорзода Дж.Г., Н.Н. Шукурова // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2019. -№7. -С.134-139.
6. Дар асоси қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳолати 17.01.2017с пешниҳод гардидааст. Сарчашмаи маълумот сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: [Манбаи электронӣ]. URL: www nbt.tj.

7. Караева Дж.Г. Подготовка преподавателей средних профессиональных учреждений в Республике Таджикистан / Дж.Г. Караева // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2017. -№1. -С.167-174.
8. Музаффаров Б.С. Методические основы расчёта стоимости перехода на двенадцатилетнюю систему образования: опыт Республики Таджикистан / Б.С. Музаффаров, Ф.Б. Махмадиев // Российский экономический интернет-журнал. – 2020. -№3. –С.22.
9. Ҳисоботи оморӣ оид ба рафти бақайдгирии довталабон ба имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ – 2021. Сомонаи расмии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ntc.tj. (санаи маълумотгирӣ: 18.11.2021.
10. Раимдодов У.С. Механизми омодасозии кадрҳои коргарии баландихтисос дар шароити иқтисодиёти тағйирёбанда (тибқи маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон): дис.ном.. илм.. иқт.: 08.00.05 / У.С. Раимдодов. -Душанбе, 2015. -154 с.
11. Раҳмонов Ш.М. Асосҳои методии технологияи аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ // Номаи Донишгоҳ. – 2021. -№1(66). -С.187-192. [Манбаи электронӣ]. URL: https://cyberleninka.ru. (санаи муроҷиат: 12.11.2021).
12. Сарчашмаи маълумот: сомонаи интернетии. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.newcanadian.ru/education/kolledzhi-kanady.html.

## ХУСУСИЯТҲО ВА МУШКИЛОТИ РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳо ва мушкилоти рушди хизматрасониҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти бозаргонӣ, хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми бисёрзинагии таҳсилот - маҳсулоти асосии истеъмолкунанда мебошад, ки тавассути маблағҳои худӣ ва воситаҳои пулии сарпарастон ба даст оварда мешаванд, ки барои ташаккул, нигоҳдорӣ ва вусъатдиҳии донишҳо ба мақсади мусоидат ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат аҳамияти муҳим дорад. Мафҳуми «хизматрасонии таълимӣ» ҳамчун раванди маҷмуии таҳвили дониш, маҳорати таҳсил, малакаи омӯзиши дониш, хусусияти касбӣ, бо мақсади қонеъсозии талаботи фардӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ, бо назардошти таъмини амнияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ баҳри расидан ба вазифаҳо ва ҳадафҳои стратегии рушди мамлакат қабул гардидааст. Вобаста ба ин, дар марҳилаи рушди бемайлони технологияи иттилоотӣ ва ташаккули ҳукумати электронӣ, на танҳо моделҳои нави таҳсилот, инчунин, технологияи муосири шуғл ва бокортаъминкунӣ, ки аз рӯи мазмуни худ мутобиқатро ба мақсад ва вазифаҳои рушди иқтисоди миллӣ талаб менамояд, лозим дониста мешавад.

**Калидвожахо:** хизматрасонӣ, муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои пулӣ, дониш, ихтисос, хусусияти касбӣ, ҳукумати электронӣ, мутахассисон, стратегия, иқтисодиёти бозоргонӣ, ҳукумат, рушди иҷтимоӣ.

## ХАРАКТЕРИСТИКА И ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ОБСЛУЖИВАНИЯ УЧРЕЖДЕНИЙ СРЕДНЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается характеристика и проблемы развития обслуживания учреждений среднего профессионального образования в Республике Таджикистан. В современных условиях развития рыночной экономики образовательные услуги в многоуровневой системе образования являются основными потребительскими продуктами, получаемыми за счет собственных средств и средств спонсоров, имеющих важное значение для формирования, сохранения и расширения знания для того, чтобы внести свой вклад в социально-экономическое развитие страны. Понятие «образовательная услуга» принимается как комплексный процесс передачи знания, образовательных умений, навыков усвоения знаний, профессиональных характеристик, с целью удовлетворения индивидуальных, групповых и общественных потребностей с учетом обеспечения социальной и экономической безопасности достижения задач и стратегических целей развития страны. В связи с этим на этапе непрерывного развития информационных технологий и формирования электронного правительства появляются не только новые модели образования, но и современные технологии трудоустройства и занятости, которые по своему содержанию требуют адаптации к поставленным целям и задачам развития народного хозяйства и считаются необходимыми.

**Ключевые слова:** услуги, образовательные учреждения, денежные средства, знания, специальность, особенности профессии, электронное правительство, специалисты, стратегия, рыночная экономика, государство, социальное развитие.

## CHARACTERISTICS AND PROBLEMS OF DEVELOPMENT OF SERVICE INSTITUTIONS OF SECONDARY PROFESSIONAL EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses the characteristics and problems of development of services for institutions of secondary vocational education in the Republic of Tajikistan. In modern conditions of the development of a market economy, educational services in a multi-level education system are the main consumer products obtained at the expense of their own funds and sponsors, which are important for the formation, preservation and expansion of knowledge in order to contribute to the socio-economic development of the country. The concept of "educational service" is accepted as a complex process of transferring knowledge, educational skills, skills of mastering knowledge, professional characteristics, in order to meet individual, group and public needs, taking into account ensuring social and economic security of achieving the tasks and strategic goals of the country's development. In this regard, at the stage of continuous

development of information technologies and the formation of e-government, not only new models of education appear, but also modern technologies for employment and employment, which in their content require adaptation to the goals and objectives set. development of the national economy are considered necessary.

**Keywords:** services, educational institutions, funds, knowledge, specialty, profession features, e-government, specialists, strategy, market economy, state, social development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғафорзода Ҷонона Ғафор*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идора. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон**: 931-01-86-86**

**Сведения об авторе:** ***Гафорзода Джонона Гафор*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **931-01-86-86**

**Information about the author:** ***Gaforzoda Dzhonona Gafor*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics and Management. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Phone: **931-01-86-86**

ТДУ: 338.45

# ТАКМИЛИ СОХТОРИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ДОИРАИ ДИВЕРСИФИКАТСИЯИ АМУДӢ (УСУЛИ КЛАСТЕРӢ)

*Дӯстзода М.Ҳ.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар айни замон, дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030, яке аз самтҳои асосии дигаргунсозиҳои институтсионалии бахши аграрии иқтисоди ҷумҳурӣ ба диверсификатсиякунонии истеҳсолоти кишоварзӣ, мусоидат ба низоми самарабахши муносибати бисёршакла, рушди муносибатҳои интегратсионӣ дар комплекси агросаноатӣ, ташаккули зеркомплексҳои хӯрокворӣ ва кластерҳои ҳудудӣ равона шудааст. Воқеан ҳам самаранокии тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёти кишоварзии вилояти Хатлон тавассути истифодаи оқилонаи иқтидори захиравӣ, таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот, ки дар асоси диверсификатсияи амудӣ тавассути татбиқи муносибати кластерӣ дар ташкили истеҳсолоти КАС судманд мебошад, ба даст овардан мумкин аст. Чи тавре қайд намудем, диверсификатсияи ҳамҷинса иқтидори самараҳо ва ё синергияро аз мубодилоту тағйироти сохторӣ дар назар дорад. Ин намуди диверсификатсияи фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ метавонад дар якчанд типи диверсификатсияи амудӣ, масалан диверсификатсияи амудии болораванда ва ё «аз боло», ки дар он корхонаи кишоварзӣ сохторҳои нави индустриалии худро эҷод кунад ва занҷири арзишии худро ба самти «боло» - аз истеҳсоли ашёи хом то истеҳсоли маҳсулоти тайёр васеъ намояд. Самараи иқтисодии ҳамкорӣ ва шаклҳои ҳамгироӣ дар доираи зинаҳо ва ё агломератсияи ҳалқаҳои бо ҳам алоқаманд ва соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла дар комплекси агросаноатӣ маълум аст ва аз тарафи илми иқтисодӣ исбот карда шудааст. Ҳатто дар китоби «Принсипҳои илмҳои иқтисодӣ»-и [7,с.167] яке аз асосгузорони мактаби неоклассикии иқтисодиёт Алфред Маршалл самаранокии ҳамгироӣ ва консентратсияи соҳаҳои махсусро дар минтақаҳои алоҳида исбот кардааст. Муҳтавои китоб нишон медиҳад, ки дар натиҷаи ин шаклҳои ташкилӣ муъҷизаҳо ва самараҳои омилҳои асосии истеҳсолот зоҳир мешаванд. Масалан, дастрасӣ ба қувваи кории баландихтисос, афзоиши соҳаҳои дастгирикунанда ва ёрирасон, инчунин, тахассуси ширкатҳои гуногун дар марҳалаҳо ва бахшҳои гуногуни раванди истеҳсолот таъмин карда мешаванд.

Дар айни замон, дар иқтисодиёти кишоварзӣ, дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва дар маҷмуъ минтақаҳои он, истифодаи шаклҳои квазитегрегатсионии ташкилӣ, ки ба механизмҳои бозорӣ ва ҳамкориҳо асос ёфтаанд, беш аз пеш меафзояд. Зеро вазифаи гузариши ҷумҳурӣ аз намуди иқтисодиёти аграрӣ-саноатӣ ба зинаи индустриалӣ-аграрӣ, барқарорсозии иқтидори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун асоси таъмини амнияти озуқаворӣ таҳияи усулҳои навро ба ҳамгироӣ дар субъектҳои хоҷагидори ин бахш, ки ба рафъи парокандагии сохторӣ ва ташкили ҳамкориҳои устувори интегратсионии байни субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат мекунанд, тақозо менамояд. Аз ин рӯ, пайваста ба таҳлили сохторӣ таҳияи консепсияи самарабахши ҳамгироии субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Дар ин самт заминаи объективӣ мавҷуд аст. Дар ин робита изҳороти асосгузори назарияи ташкилот А. Богдановро иқтибос овардан ба маврид аст, ки дар мавриди диверсификатсияи фаъолияти корхонаҳо се марҳалаи ҳамгироиро муайян кардааст:

***марҳалаи аввал*** – бо номуайянӣ хос аст, система дар ин марҳалаи ташаккул, ҳамгироӣ қарор дорад, вобаста ба тамоюли тағйироти сохторӣ мушоҳида мегирдад, аммо дар ин ҷо ҳамгироӣ мустақиман ифода намешавад;

***марҳалаи дуюм*** – тафриқаи системавӣ, яъне поляризатсияи унсурҳои система, дигаргуншавии ҳиссаҳои он, афзоиши гуногунияти онҳо рух медиҳад;

***марҳалаи сеюм*** – муттаҳидсозии система, ташаккули комили системаро дар назар дорад [5].

Дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ, минтақаҳои он марҳалаи аввал маълум ва намоён мебошад, танҳо зуҳури ҳавасмандӣ ва эҷодкорӣ зарур аст ва дар ин ҷо давлат ҳамчун ниҳоди пешбарандаи муносибатҳои иқтисодӣ нақши ҳалкунанда дорад. Ва баъдан, дар оянда марҳалаҳои дигар инкишоф меёбанд. Дар таърихи иқтисод ивазшавии табиии ҳамгироӣ ва парокандагӣ дар ҳар як марҳалаи нави рушди иқтисодӣ ба мушоҳида мерасад. Ин чунин маъно дорад, ки дар шароити гузариши ҷумҳурӣ ба марҳалаи нави рушд ва дар марҳалаи бозори рушдёбанда, давраи ҳамгироии иқтисодии сифатан нав дар иқтисодиёти аграрии ҷумҳурӣ оғоз меёбад.

Шакли муосири бештар маъмули ташаккули квазинтератсинии кластер, аниқтараш дар соҳаи татқиқоти мо, агрокластер мебошад. Агрокластер дар худ иттиҳодияҳои корхонаҳои кишоварзӣ, таъминкунандагони захираҳои истеҳсолӣ, хадамоти махсуси хизматрасонҳои техникиву технологӣ ва истеҳсоливу иҷтимоӣ, муассисаҳои таҳсилотиву илмӣ ва ғ. таҷассум менамояд, ки бо муносибатҳои наздикии ҳудудӣ ва вобастагии функсионалӣ дар соҳаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ пайваст карда мешаванд. Мақсад аз ташкили кластерҳо баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзӣ бо як намуди истеҳсолот дар бозорҳои маҳсулот дар асоси мувофиқати манфиатҳои иқтисодӣ мебошад. Кластери аграрӣ механизми муносибатҳоро ба вуҷуд меорад, ки дар он ҳамаи иштирокчиён нисбат ба хароҷот фоидаи бештар ба даст меоранд ва нисбат ба пеш азякҷояшавӣ фоидаи бештар (фоидаи синергетикӣ) мегиранд.

Бинобар ин, бояд ба хосиятҳои системавии кластерҳои аграрӣ, пеш аз ҳама, ба таъсири синергетикии он диққат дод. Дар ин робита, кластерҳои аграриро ҳамчун маҷмуи ҳамкориҳои такроршавандаи мубодила, интиқол, рақобатпазир ва муттаҳидшаванда ҳисобидан мумкин аст, ки ба ташаккули системаи устувори кишоварзӣ мусоидат мекунанд. Сифатҳои системавии кластерҳо дар соҳаи комплекси агросаноатӣ дар синергияи он пайдо мешаванд ва аз ин рӯ, нақш ва аҳамияти хароҷоти трансаксионӣ дар рушди иқтидори иқтисодии агентҳо ё иштирокчиёни сохторҳои кластери аграрӣ меафзоянд. Мазмун ва бартариҳои ташкили кластерӣ, ки субъектҳои иқтисодиро дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва соҳаҳои дигари иқтисодиёт муттаҳид мекунанд, дар вазифаҳои он зоҳир мешаванд. Бояд қайд кард, ки муносибати квазиинтегратсионӣ ё кластерии иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун система на танҳо дар сатҳи иқтисодиёти корхона (микро), балки дар сатҳи минтақавӣ таъсири синергетикиро ба вуҷуд меорад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Шаклҳои зуҳуроти таъсири синергетикӣ дар кластерҳои аграрӣ [6,с.146-153]**
**Table 1. Forms of manifestations of synergistic effects in agrarian clusters**

| № | Таъсирҳо, функсияҳо | Дар сатҳи хоҷагӣ | Дар сатҳи минтақавӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Ташкилӣ | Дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ ва иқтисодии байни субъектҳои хоҷагии комплекси агросаноатӣ тартибот барқарор мекунад, ҳаракати сармоя, дороиҳо, захираҳои сатҳи гуногунро метезонад | Барқарор ва рушди устувори иртибот ва муносибатҳои дорои хусусияти дарозмуддати байни субъектҳои хоҷагии қишлоқ, комплекси агросаноатии минтақа |
| 2 | Ҳавасманд гардонӣ | Кам кардани арзиши маҳсулоти ниҳоии сохторҳои ба таври уфуқӣ муттаҳидшуда – кластер, бинобар ин, имконияти паст кардани нархи бозории он; Фаъолсозии равандҳои инноватсионӣ. Ба даст овардани синергияи мусбат ва афзалиятҳои рақобат | Такмили сохтори соҳавии истеҳсолоти кишоварзӣ; соҳавӣ ва минтақавии сохтори истеҳсолот, инчунин, такрори хароҷот |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3 | Сарчашма | Андӯхти захираҳо ва суръат бахшидани ҳаракат ва такрористеҳсолии сармояи иштирокчиёни кластери кишоварзӣ - сохторҳои муттаҳидшудаи уфуқӣ. Таъсиси муҳити зист ва тавсеаи қобилияти сафарбаркунии захираҳои молиявӣ ба ҷалби сармоя мусоидат мекунад. | Андӯхти захираҳои иқтисодии сохторҳои иқтисодиёти аграрӣ, ки дар кластери аграрӣ муттаҳид шудаанд дар самтҳои ояндадори рушди иқтисодиёти минтақа |
| 4 | Мувофиқшавӣ | Ҳамоҳангсозии ҳамкории иштирокчиёни кластери аграрӣ, тартиб ва пайдарпайии ҳаракати маҳсулот дар марҳалаҳои гуногуни такрористеҳсол ва занҷири арзишҳо мавҷуд аст, ки робитаи байни истеҳсолот ва истеъмол устувортар мешавад ва давомнокии раванди такрористеҳсолкунӣ таъмин карда мешавад | Ягонагии системавӣ ва якпорчагии бахшҳои гуногуни комплекси агросаноатӣ дар шароити минтақа таъмин карда мешаванд; Мусоидат ба рушди муносибатҳои байнисоҳавии аз ҷиҳати стратегӣ мутақобилан судманд ба назар мерасад |
| 5 | Воситаи ҳалли зиддиятҳо | Сохтори муттаҳидшудаи кластерӣ дар маҷмуи агросаноатӣ васл ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои иқтисодиро дар доираи иштирокчиёни инфиродӣ ташкил менамояд. | Ҳамчун воситаи пайвастани манфиатҳои гуногуни субъектҳои хоҷагидорӣ, ки дар самти барқарор намудани робитаҳои иқтисодӣ бо шарикон дар доираи ҳамкориҳои байниминтақавӣ фаъолият мекунанд, амал мекунад |

Манбаъ: Муаллиф дар асоси асари Мирсаидов А.Б. ва Набиева З.Т. Хароҷоти муомилот дар бахши кишоварзии иқтисодиёт ва механизмҳои идоракунии он. –Душанбе: Ирфон, 2020. –С.166 тартиб додааст.

Таъсири синергетикии сохторҳои муттаҳидшудаи кластери аграрӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ зоҳир мешавад. Он ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти миллӣ тавассути интиқоли сармоя байни соҳаҳо ва минтақаҳо дар системаи ҳамкориҳои муттаҳидшавии байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти саноатӣ, ки дар заминаи ашёи хоми кишоварзӣ истеҳсол карда мешаванд, мусоидат мекунад. Он ташаккул ва рушди *«нуқтаҳои рушд»*-ро фароҳам меорад, ба барқарор ва рушди муносибатҳои дарозмуддат бо ташкилотҳои молиявии иқтисодиёти минтақа мусоидат мекунад. Воридшавии захираҳои сармоягузориро аз дигар соҳаҳо ба соҳаҳои иқтисодиёти кишоварзӣ фаъол менамояд. Умуман, функсияҳои дар боло овардашуда барои ифшои захираҳо, афзоиши иқтидори иқтисодии субъектҳои хоҷагӣ дар асоси андозаи оқилонаи хароҷоти муомилот имконият фароҳам меоранд.

Кластер ба рушди *«сохторсоз»*-и иқтисодиёти аграрӣ, ки ба ҷустуҷӯйи беҳтарин ҷойгоҳи истеҳсолот, муносиб гардонидани сохтор ва андозаи истеҳсолот, инчунин, қонеъ намудани афзалиятҳои истеъмолкунандаи аҳолӣ асос ёфтааст, мусоидат мекунад.

Методологияи баланд бардоштани самаранокии тағйироти сохторӣ дар кластери аграрӣ як чанд марҳаларо дар бар мегирад:

***Марҳалаи аввал*** - арзёбии ҳамаҷонибаи имкониятҳои ташаккули кластери кишоварзӣ мебошад.

***Марҳалаи дуюм*** - беҳтар намудани ҷойгиркунии субъектҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ дар сохтори соҳавӣ ва ҳудудии кластери кишоварзӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳо аст.

***Марҳалаи сеюм*** - муайян кардани захираҳо барои баланд бардоштани самаранокии тағйироти сохторӣ дар кластери аграрӣ мебошад.

***Марҳалаи чорум*** - системаи ҳамкорӣ дар кластери кишоварзӣ мебошад, ки ташаккули сохтори оқилонаи хароҷот ва нархи маҳсулотро таъмин менамояд.

Асосноккунии заминаҳои ташаккули он ба равишҳои методологӣ, ки бо масъалаҳои иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ машғул мебошанд, асос ёфтааст [9,с.120-129].

**Расми 1. Амсилаи муносибатҳо доир ба арзёбии имконияти ташаккули кластери аграрӣ**
**Figure 1. Model of relations regarding the assessment of the possibility of forming an agrarian cluster**




***Дар самти таҳлили омилҳои тағйирёбии*** суръати афзоиш (коҳиш)-и маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ, суръати тағйирёбии маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар натиҷаи тағйирёбии сохтори аграрӣ арзёбӣ мегардад. Бо ин мақсад инҳо анҷом дода мешаванд: интихоби омилҳо (нишондиҳандаҳои тағйироти сохторӣ дар фаъолияти молиявию хоҷагии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ), ки ба маҷмуи маҳсулот таъсир мерасонанд; баҳодиҳии омилҳо бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ ва оморӣ ва тафтиши бисёрқабата; сохтани амсилаи регрессия; баҳодиҳии таъсири ҳар як омил ба нишондиҳандаи самаранок.

***Дар самти арзёбии дараҷаи баробарии сохтори*** маконии намудҳои асосии маҳсулот ва дараҷаи баробарии сохтори маконии намудҳои асосии маҳсулот бо коэффитсиенти маҳаллисозии истеҳсолот дар минтақа муайян карда мешавад. Мавҷудияти консентратсияи истеҳсолот дар қаламрави минтақа арзиши коэффитсиенти аз 1 боло шаҳодат медиҳад. *«Коэффитсиенти андоза»* ҳиссаи минтақаро дар истеҳсолоти умумии кишоварзии миллӣ нишон медиҳад. Арзиши назарраси коэффитсиент бояд ба 10%-и истеҳсолкунандагони калонтарини соҳаи кишвар дохил карда шавад.

***Дар самти махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ*** сатҳи махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун як раванди мураккаб ва гуногунҷанба ва ҷойгиркунии оқилонаи истеҳсолот дар минтақаҳои табиию иқтисодӣ, махсусгардонии соҳаҳои алоҳида ва зербахшҳо, махсусгардонии корхонаҳои кишоварзӣ ва воҳидҳои истеҳсолии онҳо арзёбӣ мегардад. Нишондиҳандаи инъикоси махсусгардонӣ, сохтори маҳсулоти молӣ мебошад: ҳиссаи даромад аз фурӯши намудҳои $i$ маҳсулот нисбат ба даромади умумии фурӯши маҳсулот, сомонӣ.

***Ва ниҳоят ҳамаи самтҳо дар*** тамаркузи ҷуғрофӣ ва «массаи критикӣ» инъикос мёбанд. Тамаркузи ҷуғрофии истеҳсолот боиси зуҳуроти таъсири мусбат дар кластер мегардад, аммо неруи он бо зиёд шудани масофаи байни иштирокчиён коҳиш мёбад. Аз ин рӯ, аъзои кластер бояд дар давоми як соати сафар аз якдигар буриш дошта бошанд. Таҷрибаи кишварҳои Аврупо нишон медиҳад, ки «массаи критикӣ» барои эҷоди кластер ҳадди ақал 30-50 созмон-иштирокчӣ мебошад. Сатҳи баланди пайвасти дохилӣ тавассути амалиётҳои мунтазами хариду фурӯш байни аъзои кластер, мубодилаи иттилоот, иштирок дар чорабиниҳои муштарак ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Дар зинаи якуми марҳалаи аввал омилҳои тағйирёбии истеҳсоли умумии кишоварзӣ ҳамчун нишондиҳандаи асосии самарабахши ташаккули сохтори кишоварзӣ таҳлил карда мешаванд. Ба омилҳо нишондиҳандаҳои тағйирёбии сохторӣ дар сохтори аграрӣ, ки боиси тағйирёбии маҳсулоти умумӣ мегарданд, дохил мешаванд:

1. Индекси тағйироти сохтории ҳиссаи истеҳсоли ғалладона, картошкапарварӣ, сабзавоткорӣ, зироати полезӣ дар сохтори маҷмуи маҳсулот;
2. Индекси тағйироти сохтории (ИТС) маҳсулоти умумии корхонаҳои кишоварзӣ, хонаводаҳо, хонаводаҳои деҳқонон (фермерҳо);

3. ИТС-и шумораи категорияҳои дахлдори хоҷагиҳо;
4. НТС-и майдонҳои кишти категорияҳои дахлдори хоҷагиҳо.

Тавре ки таҳлил нишон дод, афзоиши истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кластери аграрии минтақаро, пеш аз ҳама, афзоиши истеҳсоли пахта, сабзавот, ғалладона, зироатҳои полезӣ дар натиҷаи фаъолияти пурсамари хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ташкил медиҳад.

Давраи дуюми марҳалаи аввал арзёбии дараҷаи яксони (равномерности) сохтори макони намудҳои асосии маҳсулот ва «коэффитсиенти андоза»-ро дар бар мегирад. Дар ин ҷо коэффитсиенти маҳалгардӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$LQ = \frac{Emp_{ig}}{Emp_g} \cdot \frac{Emp_i}{Emp},$$

ки дар ин ҷо, *Empig* – истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи *i* дар минтақаи *g*, ҳазор сомонӣ; *Empg* – маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи *g*, *сентр*; *Empi* – истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи *i*, *сентр*; *Emp* – маҷмуи маҳсулоти кишоварзии кишвар мебошанд.

Мавҷудияти тамаркузи истеҳсолот дар қаламрави минтақа барои чунин намудҳои маҳсулот, ба монанди пахта, картошка, сабзавот, зироатҳои полезӣ аз коэффитсиенти маҳдудсозӣ дар давоми солҳои 2016-2020 шаҳодат медиҳад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Динамикаи коэффитсиентҳои маҳалгардии истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон**
**Table 2. Dynamics of local production coefficients of the main types of agricultural products in Khatlon region**

| Маҳсулот | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ғалла | 14,6 | 13,7 | 10,8 | 12,1 | 6,3 |
| Пахта | 13,4 | 12,7 | 9,4 | 10 | 13,2 |
| Картошка | 0,6 | 0,5 | 0,2 | 0,2 | 0,5 |
| Сабзавот | 5,3 | 6,8 | 8,4 | 10,6 | 1,3 |
| Полезиҳо | 4,3 | 5,8 | 6,4 | 6,6 | 2,3 |

Муаллиф дар асоси омори вилояти Хатлон, соли 2019 ҳисоб кардааст.

Муайян кардани арзиши миёнаи солонаи нишондиҳанда барои солҳои 2016-2020, арзишҳои назарраси коэффитсиенти маҳалгардӣ ва аҳаммияти нақши онро барои иқтисодиёти вилояти Хатлон дар чунин соҳаҳо, аз қабили ғалладонагӣ *(LQ = 11.7)*, пахтакорӣ *(LQ = 11.7)*, сабзавоткорӣ *(LQ = 6.5),* полезиҳо *(LQ = 5, 08)* нишон медиҳад.

**Ҷадвали 3. Ҳиссаи вилояти Хатлон дар истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ (растанипарварӣ) дар Тоҷикистон**
**Table 3. The share of Khatlon region in the production of the main agricultural products (plant breeding) in Tajikistan**

| Навъи маҳсулот | 2016 | 2020 |
|---|---|---|
| Ғалла | 62 | 61,5 |
| Пахта | 70,0 | 66,9 |
| Картошка | 26,6 | 22,4 |
| Сабзавот | 54,6 | 57,6 |
| Полезӣ | 77,5 | 79,7 |

Муаллиф дар асоси Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021, саҳ. 164-168 ҳисоб кардааст.

Ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки меъёри «коэффитсиенти андоза», яъне ҳиссаи минтақа дар истеҳсолоти умумимиллии маҳсулоти кишоварзӣ барои маҳсулоти ғалладонагӣ, пахтакорӣ, сабзавот ва полезӣ риоя мешавад. Зеро вазни хосси истеҳсоли ин маҳсулот бештар аз 50% аз ҳаҷми умумии дар ҷумҳурӣ истеҳсолшударо ташкил медиҳад.

Давраи сеюми марҳалаи аввал муайян кардани махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзиро дар бар мегирад. Нишондиҳандаи инъикоси тахассуси сохтори маҳсулоти тиҷоратӣ чунин мебошад:

$Ks = Bi / B$

ки дар ин ҷо $Bi$ – даромад аз фурӯши навъи $i$-и маҳсулот, ҳазор сомонӣ; $B$ – даромади умумии фурӯши маҳсулот, ҳазор сомонӣ мебошад.

Арзёбӣ ба ҳисоби миёна барои солҳои 2016-2020 нишон дод, ки ҳиссаи калонро дар сохтори маҳсулоти бозорёбии минтақа, даромадҳо аз фурӯши маҳсулоти растанипарварӣ – 71,9% ишғол кардаанд. Хоҷагиҳои минтақа ҳамчун корхонаи серсоҳа тавсиф мешаванд ва коэффитсиенти тахассусӣ ба 0,4 баробар аз сатҳи миёнаи он шаҳодат медиҳад. Тағйирот дар сохтори маҳсулоти молӣ ночиз аст (коэффитсиенти фарқияти сохторӣ – 0,19), ки ин устувории намуди фаъолияти корхонаҳоро нишон медиҳад. Бояд қайд кард, ки ҳамеша дар давраи таҳлилшуда ҳиссаи бештарро дар сохтори маҳсулоти молӣ даромадҳо аз ҳисоби фурӯши сабзавот, полезӣ ва пахта ишғол мекарданд.

Тахассусшавии ҳудудии истеҳсолот аз ҷойгиршавии ҷуғрофии истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста мебошад. Бо мақсади хулосабарорӣ аз натиҷаҳои ҷойгиршавии соҳаҳо, бо дарназардошти дараҷаи тафриқа дар рушди бахши аграрии иқтисодиёти вилояти Хатлон мо, таҳлили оморӣ гузаронидем. Таҳқиқ аз рӯи 11 нишондиҳандае, ки самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро дар се ноҳияи вилоят инъикос менамояд, сурат гирифтааст (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. Соҳаҳои рушди аксаран интенсивӣ дар соли 2020**
**Table 4. Areas of intensive development in 2020**

| № | Нишондиҳанда | Дӯстӣ | Қубодиён | Панҷ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Маҳсулотро бо нархҳои муқоисавӣ барои як хоҷагии фермерӣ истеҳсол карданд, ҳазор сомонӣ | 331,8 | 495,2 | 324,8 |
| 2. | Ҳиссаи заминҳои корам дар соҳаи заминҳои кишоварзӣ% | 66,4 | 72 | 75,1 |
| 3. | Истифодаи заминҳои корам % | 93,7 | 94,7 | 91,9 |
| 4. | Иқтидори маблағгузорӣ, ҳазор сомонӣ / 100 гектар | 120,5 | 213,8 | 219,1 |
| 5. | Ба як хоҷагӣ коргарон рост меоянд, одамон. | 44 | 43,6 | 30,8 |
| 6. | Таъмини ноҳия бо захираҳои меҳнатӣ, одамон / 1 гектар | 5 | 2,5 | 2,6 |
| 7. | Индекси афзоиши маҷмуи маҳсулот % | 115,6 | 113,9 | 111,4 |
| 8. | Маҷмуи маҳсулоти бо нархҳои муқоисавӣ барои як корманд, ҳазор сомонӣ. | 143,3 | 131,9 | 141,3 |
| 9. | Ҳиссаи даромад аз фурӯши маҳсулот дар маҷмуи маҳсулоти умумӣ % | 72,3 | 71,2 | 67,1 |
| 10 | Фоида (зарар) аз фурӯши маҳсулот ба ҳисоби як хоҷагӣ, ҳазор сомонӣ. | 34,2 | 33,5 | 33,7 |
| 11 | Сатҳи даромаднокии фаъолияти асосӣ,% | 26,2 | 25,4 | 23,9 |

Муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботи солонаи ташкилотҳои кишоварзӣ ва Раёсати комплекси агросаноатии ноҳияҳои вилояти Хатлон дар соли 2020 ҳисоб кардааст.

Арзишҳои баланди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба ду ноҳия – Дӯстӣ ва Қубодиён, ки дар қисми ҷанубии минтақаи Вахши вилоят ҷойгир шудаанд, хос мебошанд. Иқтидори назарраси истеҳсолӣ дар ин минтақаҳо мутамарказ карда шудааст ва қисми зиёди зироатҳои минтақа истеҳсол карда мешавад. Ин ноҳияҳоро метавон ҳудудҳои ниҳоят серҳаракати рушди бахши аграрии иқтисодиёт номид.

Ин ноҳияҳо, яъне қаламрави рушди интенсивии истеҳсолот асосан дар истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои ғалладонагӣ, пахтакорӣ, сабзаноткорӣ ва полезӣ қайд карда мешаванд. Барои ба онҳо додани мақоми истеҳсоли баланди интенсивӣ, ташкили кластери кишоварзӣ бо истеҳсолоти кафолатнок, дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони мол, ташкили корхонаҳои технологии коркарди олӣ барои такмил додани рушди соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ «такон» хоҳанд дод.

Давраи чоруми марҳалаи дуюм арзёбии тамаркузи ҷуғрофӣ ва «массаи критикӣ»-ро дар бар мегирад. Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои калонтарини Тоҷикистон аст, ки масофаи калон дорад. Ин тулонӣ будан нишон медиҳад, ки маҳдудияти ҳаракати аъзои кластер зиёда аз як соат аст ва зарурати муайян кардани гурӯҳҳои кластерро аз рӯйи қисматҳои минтақа собит мекунад. Ин равиш ташаккули «массаи критикӣ»-и ширкаткунандагонро таъмин мекунад.

Мо дараҷаи тафриқаи рушди иқтисодии соҳаҳои ноҳияҳои минтақаро дар ду минтақаи аграрӣ – минтақаҳои Вахш ва Кӯлоб муқаррар кардем. Аз ҷиҳати тамаркузи ҷуғрофӣ ва «массаи критикӣ» дар кластери аграрии минтақа, бахшҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

*а)* ***пахтакорӣ,*** *сабзавоткорӣ ва зироатҳои полезӣ дар минтақаи Вахши вилоят;*

*б)* ***галладонагӣ,*** *картошкапарварӣ дар минтақаи Кӯлоби вилоят.*

Давраи панҷуми марҳалаи аввал таҳияи амсилаи кластери кишоварзиро дар бар мегирад. Кластери аграрӣ дар минтақаи Хатлон корхонаҳои кишоварзӣ, хонаводаҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (хоҷагӣ) ба ҳисоб меравaнд. Корхонаҳои пешбари кластери аграрӣ метавонанд як ширкати кишоварзӣ, корхонаи зотпарварӣ, корхонаҳои ордбарорӣ, корхонаи коркарди пахта, корхонаи равғанбарорӣ бошанд, ки маҳсулоти онҳо бештар маъруф ва дар байни истеъмолкунандагон талабот дорад. Аҳаммияти нақши хонаводаҳо дар бахши аграрии минтақа дар ҳаҷми назарраси истеҳсоли картошка, сабзавот ва ғалладонагӣ ба назар мерасад:

а) истеҳсолкунандагон ва таъминкунандагони воситаҳои асосӣ, истеҳсолкунандагон ва таъминкунандагони воситаҳои гардиш ва ғайра;

б) корхонаҳо ва муассисаҳои хизматрасон: хизматҳои давлатӣ оид ба пешниҳоди субсидия, ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва ғайра;

в) муассисаҳо ва ташкилотҳои илмӣ, донишгоҳҳо, коллеҷҳо;

г) мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ғайра.

Зарурати ташаккули кластери аграрӣ дар минтақа таваҷҷуҳи байниҳамдигарии иштирокчиён ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир мебошад, ки тақозои самарабахшии он дар бозори дохилӣ пешбинӣ шудааст. Сатҳи рақобатпазирии истеҳсолот тавассути рушди инноватсионӣ ва сармоягузории кишоварзӣ бо ҷалби муассисаҳои илмӣ, дастгирии молиявии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ба даст оварда мешавад.

Марҳалаи дуюм такмил додани ҷойгиркунии корхонаҳои кишоварзӣ дар сохтори соҳавӣ ва ҳудудии кластери аграрӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои рушд (майдони заминҳои кишоварзӣ, сатҳи даромаднокӣ (зиёноварӣ)-и истеҳсолоти корхонаҳои кишоварзӣ) мебошад. Азбаски дар соҳаҳои картошкапарварӣ таркиби сатҳи самаранокӣ якхела нест ва аксар хоҷагиҳои деҳқонӣ зараровар мебошанд, кам кардани шумораи корхонаҳои кишоварзӣ ва аз нав дида баромадани онҳо дар минтақаҳои дахлдор масалан, манотиқи наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ зарур аст. Коҳиш додани хоҷагиҳои зарарноки инфиродӣ на бо роҳи барҳамдиҳии онҳо (ин метавонад таъсири манфии иҷтимоӣ ба бор орад), балки тавассути муттаҳид кардани онҳо дар заминаи хоҷагии бомуваффақият рушдёбанда ё комплекси агросаноатӣ, яъне васеъ кардани онҳо мувофиқи мақсад аст. Ин ҳамгироӣ ё васеъ кардани истеҳсолот метавонад тавассути инноватсия ва сарфаи миқёси истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути тамаркуз мусоидат кунад. Самараи миқёсро дар асоси гурӯҳбандии таҳлилии вобастагии сатҳи даромаднокӣ (зиёноварӣ)-и истеҳсолоти кишоварзӣ аз майдони заминҳои кишоварзӣ муайян кардан мумкин аст.

Ҳангоми омӯзиши хоҷагиҳои минтақа муайян карда шуд, ки сатҳи баландтарини даромаднокӣ барои хоҷагиҳои масоҳати 50-60 гектар 24,1%, 28,2% – аз 30-40 гектар, 17,3% – зиёда аз 60 гектар хос аст. Сатҳи зараровapӣ дар соли 2020 дар корхонаҳои кишоварзӣ, ки масоҳати заминашон зиёда аз 60 гектарро ташкил медиҳад, ба қайд гирифта шудааст. Ин самаранокии хоҷагиҳои хурдро тасдиқ мекунад, ки ба натиҷаҳои рушди иқтисодии кишоварзии минтақа таъсири мусбат мерасонанд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки хоҷагиҳои хурд наметавонанд навовариҳоро дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҷорӣ кунанд. Аз ин рӯ, аз ҳисобби васеъ намудани истеҳсолот, зарур аст, ки ба тамаркузи захираҳо ва истифодаи самаранокии онҳоро бо дастгирии меъёри

давлатӣ, ки ҳадди ақал такрористеҳсолкунии одӣ, ҳамчун ҳадди аксар – такрористеҳсоли васеъ таъмин карда шавад, мусоидат намуд. Мувофиқи ҷойгиршавии оқилонаи корхонаҳои кишоварзӣ ва махсусгардонии истеҳсолот, имконпазир аст, ки зеркластерҳои *«Сабзавоти Хатлон»*, *«Пахтаи Хатлон»* ташкил карда шаванд, аз ҷиҳати иқтидори захиравӣ калонтарин ташкилоти зеркластериро метавонад *«Ғаллаи Хатлон»* ташкил диҳад.

Ҳамин тавр, барои баланд бардоштани натиҷанокӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзии минтақа, ба сохтори соҳавӣ ва ҳудудӣ ба сохтори аз рӯйи нишондиҳандаҳои рушд ҳисобгардида ҳарчи бештар наздик кардан мувофиқи мақсад аст.

Марҳалаи сеюм муайян намудани захираҳоро барои баланд бардоштани самаранокии тағйироти сохторӣ дар кластери аграрӣ (алахусус дар зеркластери «Пахтаи Хатлон»), ҳамчун соҳаи дар оянда муайянкунандаи ихтисоси корхонаҳои кишоварзии минтақа пешбинӣ мекунад.

Марҳалаи чорум системаи ҳамкорӣ дар кластери аграрӣ, ки ташаккули сохтори оқилонаи хароҷот ва нархи маҳсулотро таъмин мекунад. Дар кластери кишоварзӣ системаи муносибатҳоеро бояд эҷод кард, ки барои рушди истеҳсолот, афзоиши истеъмоли маҳсулот тавассути такмил додани сохтори истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани сифати он равона шудааст.

Бо истифода аз мисоли муносибати *«корхонаҳои кишоварзӣ – корхонаҳои коркард – савдо»*, мо қайд мекунем, ки онҳо бояд бо маҷмуи тадбирҳо, аз ҷумла иқтисодӣ (танзими нархҳо, маблағгузорӣ аз буҷа ва ғайра) танзим карда шаванд. Вазъият дар бозори пахтаи хоми минтақа хеле душвор аст. Нархи маҳсулот дар занҷири таҳқиқшаванда бидуни эҷоди муҳити ҳавасмандкунонии рушди истеҳсоли ин маҳсулот мустақилона аз якдигар сохта мешавад. Корхонаҳои коркард – корхонаҳои пахтатозакунӣ, монополистҳо, дар асоси манфиатҳои худ, нархи маҳсулотро аз арзиши корхонаҳои кишоварзӣ пасттар муайян мекунанд.

Таносуби фоизи хароҷот барои маҳсулот дар занҷири муносибатҳои байни корхонаҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард сифати ғайриэквивалентӣ дорад, таносуби иштирокчиён адолатона нест, сатҳи одилонаи нархҳоро таъмин карда наметавонад ё таъмин намекунад.

Ба фикри мо, натиҷаи ниҳоӣ барои маҳсулот бояд мувофиқи хароҷоти соҳаҳо ташаккул ёбад, ки сохтори онҳо барои маҳсулоти кишоварзӣ дар занҷираи ташаккули арзиши илова 80%-ро ташкил медиҳад. Дар натиҷа, пас аз ҳисоббаробаркунӣ барои маҳсулоте, ки хароҷотро бармегардонанд ва корхонаҳои кишоварзӣ фоидаи муайян мегиранд, корхонаҳои коркард метавонанд маҳсулотро бо нархи ҳисобшудаи фурӯши меъёр ё баландтар фурӯшанд.

Чунин муносибат ба ташаккули хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот метавонад корхонаҳои кишоварзиро ба баланд бардоштани сатҳи истеҳсолот ё афзоиши истеҳсоли маҳсулот ва дар натиҷа ба даст овардани фоидаи бештар ҳавасманд намояд; корхонаҳои коркардро низ барои истифодаи захираҳои нуҳуфтаи иқтидорҳои истеҳсолиро бо дарназардошти талаботи пардохтпазири бозорӣ ва гирифтани фоидаи иловагӣ ҳавасманд намояд. Бояд қайд кард, ки дар шароити иқтисодиёти вилоят, коэффитсиенти истифодаи иқтидорҳои корхонаҳои саноатии коркард аз 35% то 65%-ро ташкил медиҳад. Сатҳи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ аз 35% то 50% бо дараҷаи баланди фарсудашавии пойгоҳи моддии корхонаҳои коркард, аз 50 то 80% бо нарасидани ашёи хом бо сабаби кам шудани истеҳсоли он ва шумораи нокифояи истеъмолкунандагон аз сабаби баланд будани нархи чакана тавсиф карда мешавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Абдуллоев А.Х.**

**АДАБИЁТ**


1. Алиев О.М. Комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: моҳият, ҳолати муосир ва тамоюл / О.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. №3. –С.91-100.
2. Ашуров И.С. Структурная реформа и реформирование системы управления АПК / И.С. Ашуров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия: экономика. - 2008. -№1-2. -С.56-62.

3. Барфиев К.Х. Методика определения конкурентоспособности предприятий АПК Хатлонской области Таджикистана / К.Х. Барфиев, Пиризода Дж.С. // Конкуретоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. – 2017. -№2. -ч.3. -С.16-18.
4. Бахтиёри И.М. Дурнамои рушди стратегии комплекси озуқавории ҷумҳурӣ дар низоми комплекси агросаноатӣ / Бахтиёри И.М., Ҷ.Ҳ. Тағоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. -№5. –С.61-70.
5. Богданов, А.А. Тектология (Всеобщая организационная наука). В 2-х кн. / А.А. Богданов; Редкол (отв. ред.) и др.. Л.И. Абалкин // Отд.-ние экономики АН СССР. Ин-т экономики АН СССР. –М.: Экономика, 1989. -Кн. 1. -304 с. -Кн. 2. -351 с.
6. Голубева, А.И. Обоснование и предпосылки создания отраслевых кластеров в АПК (на примере Ярославской области) / А.И. Голубева, В.И. Дорохова, А.Н. Дугин // Вестник Алтайского государственного аграрного университета. - 2013. -№2(100). -С.146-153.
7. Маршалл, А. Принципы экономической науки. Т.2 / А. Маршалл. –М: УНИВЕРС, 1993. –С.167.
8. Махмадиев Ф.Б. Теоретический подход к формированию и развитию агропромышленных кластеров / Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова, Ш.Ф. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/8. – С. 66-71.
9. Мирсаидов А.Б. Кластер как институт развития пространственной экономики / А.Б. Мирсаидов // Экономика Таджикистана. - 2016. -№1. -С.120-129.
10. Мирсаидов А.Б. Хароҷоти муомилот дар бахши кишоварзии иқтисодиёт ва механизмҳои идоракунии он / А.Б. Мирсаидов, З.Т. Набиева. –Душанбе: Ирфон, 2020. –С.166.
11. Музаффаров Б.С. Некоторые методологические подходы к организации агрокластеров / Б.С. Музаффаров, М. Курбонов, Ф.Б. Махмадиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. – № 2/3(111). – С. 53-57.
12. Турсунов Р.Р. Влияние естественного прироста населения на качество трудовых ресурсов в аграрном секторе Республики Таджикистан / Р.Р. Турсунов // Наука, новые технологии и инновации Кыргызстана. – 2017. -№12.
13. Хофизов Х.А. Оценка инвестиционного обеспечения эффективного использования природно-ресурсного потенциала: эколого-экономические аспекты / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. -№3. -С.23-32.

## ТАКМИЛИ СОХТОРИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ДОИРАИ ДИВЕРСИФИКАТСИЯИ АМУДӢ (УСУЛИ КЛАСТЕРӢ)

Дар мақолаи мазкур такмили сохтори иқтисодиёти кишоварзӣ дар доираи диверсификатсияи амудӣ (усули кластерӣ) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар мақола Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳамчун самти асосӣ эътироф шудааст, ки тағйироти марҳилавии институтсионалии бахши кишоварзии иқтисодиётро бо диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ таъмин менамояд. Воқеан ҳам самаранокии тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёти кишоварзии вилояти Хатлон тавассути истифодаи оқилонаи иқтидори захиравӣ, таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот, ки дар асоси диверсификатсияи амудӣ тавассути татбиқи муносибати кластерӣ дар ташкили истеҳсолоти КАС судманд мебошад, ба даст овардан мумкин аст. Тавре таҳлил нишон дод, афзоиши истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кластери аграрии минтақаро, пеш аз ҳама, афзоиши истеҳсоли пахта, сабзавоти ғалладона, зироатҳои полезӣ дар натиҷаи фаъолияти пурсамари хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ташкил медиҳад. Муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти иқтисодӣ ва муқоисаи ақидаҳои гуогуни олимони соҳа таъкид менамояд, ки диверсификатсиякунонӣ ва рушди иқтисодиёти аграрӣ бояд ба ҷустуҷӯйи минтақаҳои мусоиди истеҳсолот, муносиб гардонидании сохтор ва ҳаҷми истеҳсолот, инчунин, қонеъ намудани афзалиятҳои истеъмолкунандаи аҳолӣ асос ёбад.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти аграрӣ, стратегияи миллии рушд, дигаргунсозии институтсионалӣ, диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, сохторсозӣ, ҷойгоҳи истеҳсолӣ, муносибгардонии сохтор, афзалиятҳои истеҳсолӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СТРУКТУРЫ АГРАРНОЙ ЭКОНОМИКИ В РАМКАХ ВЕРТИКАЛЬНОЙ ДИВЕРСИФИКАЦИИ (КЛАСТЕРНЫЙ МЕТОД)

В данной статье рассматривается совершенствование структуры аграрной экономики в рамках вертикальной диверсификации (кластерный метод). В данной статье Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года признана основным направлением, которое обеспечивает поэтапное институциональное изменение аграрного сектора экономики с диверсификацией аграрного производства в республике. Фактически эффективность структурных преобразований в аграрной экономике Хатлонской области может быть достигнута за счет рационального использования ресурсного потенциала, обеспечения социально-экономического развития сел, что выгодно на основе вертикальной диверсификации за счет реализации кластерного подхода в организации производства АПК. Как показал анализ, увеличение производства валовой продукции аграрного кластера области – это, прежде всего, увеличение производства хлопка, зерновых, зернобобовых культур в результате производственной деятельности фермерских хозяйств. Автор на основе анализа экономической литературы и сравнения различных взглядов ученых отрасли подчеркивает, что диверсификация и развитие системообразующей аграрной экономики должны основываться

на поиске благоприятных зон производства, оптимизации структуры и объема производства, также на удовлетворении потребительских приоритетов населения.

**Ключевые слова:** аграрная экономика, национальная стратегия развития, институциональное изменение, диверсификация аграрного производства, системообразующая производственная зона, оптимизация структуры, потребительские приоритеты.

**IMPROVING THE STRUCTURE OF THE AGRICULTURAL ECONOMY IN THE FRAMEWORK OF VERTICAL DIVERSIFICATION (CLUSTER METHOD)**

This article discusses the improvement of the structure of the agricultural economy in the framework of vertical diversification (cluster method). In this article, the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 is recognized as the main direction, which provides a phased institutional change in the agricultural sector of the economy with the diversification of agricultural production in the republic. In fact, the effectiveness of structural transformations in the agrarian economy of the Khatlon region can be achieved through the rational use of resource potential, ensuring the socio-economic development of villages, which is beneficial on the basis of vertical diversification through the implementation of a cluster approach in the organization of agricultural production. As the analysis showed, the increase in the production of gross output of the agrarian cluster of the region is, first of all, an increase in the production of cotton, cereals, legumes as a result of the production activities of farms. The author, based on an analysis of economic literature and a comparison of various views of industry scientists, emphasizes that the diversification and development of a backbone agrarian economy should be based on the search for favorable production zones, optimization of the structure and volume of production, and also on meeting the consumer priorities of the population.

**Keywords:** agrarian economy, national development strategy, institutional change, diversification of agricultural production, backbone production zone, structure optimization, consumer priorities.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Дӯстзода Мустафо Ҳафиз* -** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 888-84-50-50**. E-mail: **musi.tj@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Дустзода Мустафо Хафиз*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры теории экономики. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **(+992) 888-84-50-50.** E-mail: **musi.tj@mail.ru**

**Information about the author:** ***Dustzoda Mustafo Hafiz* -** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Theory of Economics. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. Phone**: (+992) 888-84-50-50.** E-mail**: musi.tj@mail.ru**

УДК: 331(101)

# МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ТАТҚИҚОТҲОИ ОЛИМОНИ ХОРИҶИЮ ВАТАНӢ

*Мухитдинова Ш.С.*

**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд**

Шуғл ҳамчун категорияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ муносибатҳои истеҳсолӣ ва хадамотро, ки байни одамон оид ба иштироки онҳо дар ҳамкории дақиқи меҳнатӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ сурат мегирад, инъикос намуда, тибқи қонунгузориҳои амалкунанда ба низом дароварда мешавад. Чунончи дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, шуғл ин ҳама гуна фаъолияти шаҳрвандони қобили меҳнат мебошад, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набуда, ба қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятиашон алоқаманд буда, ба онҳо даромад (музд) меоварад [14].

Калимаи «шуғл» ҳамроҳ шудан ба ҷараёни меҳнат, банд будан бо корро дар назар дорад. Ба маънои дигар, шуғл ҳамчун як гурӯҳи мураккаб ва бисёрсоҳавӣ амал мекунад, ки дар сифатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ ва ғайра шарҳ дода мешавад. Ба маънои иқтисодӣ шуғл маҷмуи муносибатҳои байни одамон оид ба иштироки онҳо дар истеҳсолот буда, тарзи иштироки аҳолии қобили меҳнатро дар ҳаракати истеҳсоли сарватҳои моддию ғайримоддӣ ифода мекунад [17].

Дар омӯзиши масъалаи шуғл аз ҷониби иқтисоддонҳо ва назариячиёни барҷаста ба монанди А. Смит, Д. Рикардо, (назарияи классикӣ); К. Маркс (назарияи марксистӣ); Ҷ.М. Кейнс (назарияи Кейнсӣ); Ҷ.Р. Хикс, П. Самуэлсон (синтези неоклассикӣ); М. Фридман, Э. Фелпс (назарияи монетаристӣ); Т. Веблен, В. Митчелл, Р. Коммонс, Ҷ. Гэлбрейт, В. Ростоу (назарияи институтсионалӣ), Г. Стиглер, А. Бабошкин, А.З. Дадашев, А.Г. Коровкин, С. Погадаева ва дигарон дар замони худ саҳми бузург гузоштанд, нуқтаи назари онҳо оид ба имкониятҳои ҳалли зиддиятҳо ва самти консептуалӣ дар соҳаи шуғл ва бозори меҳнат инъикос гардидааст. Масъалаи шуғли аҳолӣ дар татқиқотҳои олимони ватанӣ Л.Х. Саидмуродов, Т.Д. Усмонова, Д.С. Амонова, Т.Р. Ризоқулов, С.Ҷ. Комилов, Д.Б. Қодиров, К.Х. Абдурахмонов, М.Дж. Азимов, С.Б. Ашуров, Р.М. Бобоҷонов, А. Ҷабборов ва дигарон ба таври васеъ баррасӣ гардидааст.

Дар ташаккули консепсияи идоракунии шуғли аҳолӣ А. Смит ва Д. Рикардо, ки асосҳои консепсияи арзиши меҳнатро таҳия кардаанд, саҳми хеле назаррас гузошта, меҳнати кормандонро ягона манбаи арзиши молҳои истеҳсолшуда меҳисобиданд. Консепсияи анъанавии шуғли аҳолӣ ба постулат «бозор ҷараёнҳои шуғли аҳолиро ба таври муассир пайваст мекунад» асос ёфтааст. Соли 1776 А.Смит дар асари худ «Тадқиқот дар бораи табиат ва сабабҳои сарвати халқҳо» гуфта буд, ки майлу хоҳиши одамонро уфуқҳои шахсии онҳо муайян мекунад. Ақидаи асосии А. Смит аз он иборат аст, ки дар шароити бозор ва рақобати озод манфиати шахсӣ, «дасти ноаён» мувозинат ва беайбӣ дар ҷомеа, расидан ба манфиати фард ва умумро кафолат медиҳад. Мувофиқи ақидаи раднашавандаи Адам Смит бо кор таъмин будани коркун, инчунин, музди меҳнати вай ба маълумотнокии шахс, қобилият, ухдабароӣ ва вазифаҳои дар назди касб гузошташуда, вобаста мебошад. Дар назарияи А.Смит, қувваҳои бозорӣ ба амалҳои камхарҷ ҳам харидорон ва ҳам фурӯшандагон манфиатдор мешаванд. Танзимкунандагони асосии иқтисод рақобати озод ва бозор мебошанд. Дар робита ба шуғл ин маънои онро дорад, ки талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат мутавозин буда, шуғли пурра таъмин карда мешавад [18].

Минбаъд, мувофиқи ақидаи Д. Рикардо талабот ба меҳнат ба ҳосилнокии он ва арзиши бозории маҳсулоти ниҳоӣ вобаста аст. Корфармо бо истифода аз пардохти музди меҳнат қонуни камшавии даромадро ба назар мегирад. Ҳар қадар бештар соатҳои меҳнат илова карда шавад ва ҳаққи меҳнате, ки вай барои ҳар як соати кори иловагӣ мегирад аз ҳаҷми умумии маҳсулоте, ки дар як соат истеҳсол карда мешавад,

ҳамон кадар кам мешавад. Корфармо наметавонад ба коргар аз ин арзиш, ки талаботро ба меҳнат муайян мекунад, зиёдтар пардохт намояд.

Намояндагони мактаби неоклассикӣ дар омӯзиши мушкилоти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ саҳми бебаҳо гузоштаанд. Ин самт бо чунин олимон назариячиёни ҳамонвақта ба монанди А. Маршалл (1842-1924), Ҷ.Б. Кларк (1847-1937) ва А.С. Пигу (1877-1957) алоқаманд аст. Назарияи неоклассикӣ ба мо имкон медиҳад, ки масъалаи шуғл ва бекориро дар бозори меҳнат тавассути қонуни нархгузорӣ, талабот ва пешниҳод баррасӣ кунем. Неоклассикҳо танзими маҳдуди давлатии бозори меҳнатро инкор намекарданд ва чунин мешумориданд, ки давлат барои фаъолияти иқтисодӣ тамоми шароитҳоро фароҳам меорад. Аммо, ба фикри мо, набудани танзими давлатӣ дар соҳаи бо кор таъмин намудани аҳолӣ яке аз монеаҳои паҳншавии бекорӣ мебошад. Дар навбати худ, неоклассикҳо рақобатро механизми бозорӣ мешуморанд, ки метавонад мувозинати байни талабот ва пешниҳодро дар бозори меҳнат таъмин намуда, ба ин васила рушди устувори иқтисодиро дастгирӣ намояд.

А. Маршалл, асосгузори равияи неоклассикӣ дар назарияи талабот ва пешниҳод аз таҳлили фоиданокӣ ва арзиши маҳсулот истифода бурда, ба хулосае омад, ки дараҷаи шуғл дар бозори меҳнат бевосита ба ҳосилнокии ҳадди меҳнат вобастагӣ дорад [8]. Ҳамин тариқ, ӯ арзиши бозории маҳсулот, ки пешниҳодро дар бозори меҳнат ташкил медиҳад, шарҳ дод. Яъне ҳар қадар музди ҳақиқии коргарон (корманд ба он розӣ бошад) муътадил бошад, сатҳи шуғл дар бозори меҳнат ҳамон қадар зиёд мешавад. А. Маршалл яке аз аввалинҳо шуда, таъсири револютсияи саноатӣ-техникиро ба тағйироти омилҳои бозори меҳнат ва шароити меҳнати коргарон қайд намуд. Масалан, дар айни замон ҷойҳои кори дурдаст зиёд шуда истодааст, ки ин танҳо ба шарофати рушди интернет ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имконпазир мегардад. Мо низ ақидаи А. Маршалро ҳаматарафа ҷонибдорӣ менамоем.

Намояндаи дигари асосии тамоюли неоклассикӣ А.С. Пигу назарияи некуаҳволии А. Маршаллро тағйир дода, дар он ҷанбаҳои иҷтимоӣ – беҳтар намудани шароити зиндагии одамон, аз ҷумла, ҷузъҳои иқтисодӣ ва психологӣ бартаридоштаро дуруст шумоpидааст. Ҳамзамон ӯ ба хулосае омад, ки бо ёрии механизми худтанзимкунии бозории музди меҳнат, талаботро дар бозори меҳнат нигоҳ доштан мумкин аст. А. Пигу мавҷудияти бекориро, пеш аз ҳама, бо номукаммалии бозори меҳнат (бекории фриксионалиро таъкид мекунад); дуюм, номутобиқати байни сохтори талабот ва пешниҳод (бекории сохторӣ); сеюм, дар рафтори худи коргарон (бекории ихтиёрӣ) шарҳ медиҳад. Ҳоло мушоҳида мешавад, ки бархе аз бекороне, ки дар қайди мақомоти шуғли аҳолӣ қарор доранд ва кумакпулии бекорӣ мегиранд, ҷои кор намегиранд, аз мавқеи иҷтимоии худ қаноатманданд. Ба ақидаи А.Пигу, ҳамчун механизми зиёд кардани шуғл дар шароити бухрони иқтисодӣ, афзоиши даромади реалӣ зарур аст, ки ин боиси афзоиши талаботи умумӣ, маҳсулотбарорӣ ва шуғл мегардад. Инчунин ӯ мегӯяд, ки тавлиди маҳсулот даромади дилхоҳро барои хариди маҳсулот дар бозор кафолат медиҳад. Агар дар як бахш фарқият байни талабот ва пешниҳод вуҷуд дошта бошад, пас дар бахши дигар ҳаракати арзишҳо имкон медиҳад, ки мувозинатро барқарор созад.

Ҳамин тариқ, дар фаҳмиши неоклассикӣ бозори меҳнат дар асоси мувозинати шартӣ бо шуғли пурра тавсиф мешавад ва танзимгари асосии бозор нарх, дар ин ҳолат музди меҳнат мебошад [1].

Ҷ.Кейнс консепсияи ғайримувозинатии шуғли аҳолӣ, масъалаҳо ва тамоюлҳои танзими давлатии иқтисодиётро ба расмият дароварда, чунин мешуморид, ки нозукии асосии сиёсати давлат дар соҳаи шуғли аҳолӣ аз таъмини бомуваффақияти самарабахш иборат аст. Ба ақидаи ӯ, барои таъмини арзиши баланди шуғл, «Кумаки давлат ба талабот ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии истеъмоли худӣ ва ҳаҷми сармоягузории хусусӣ муҳим аст» [3].

Илова бар ин, Ҷ.М. Кейнс тадбирҳои зиёд кардани маблағгузорӣ ба шуғлро тавсия кард: паст кардани меъёри фоизи қарз, барои зиёд кардани қарз барои истеҳсолот; иҷтимоикунонии сармоягузориҳо; афзоиши майл ба истеъмол.

Ҷ.Б. Кларк, намояндаи дигари барҷастаи равияи неоклассикӣ, ки асосгузори мактаби маржинализм буд, дар ташаккули консепсияи неоклассикӣ саҳми арзанда гузоштааст. Ба ақидаи Ҷ.Б. Кларк аз ҳисоби афзудани коэффитсиенти капитал ҳосилнокии ниҳоии меҳнат метавонад баландтар бошад. Яъне, нархи омилҳои истеҳсолот аз рӯи арзиши маҳсулоти ниҳоӣ муайян карда мешавад, сатҳи одилонаи музди меҳнат бо нархи маҳсулоти ниҳоии истеҳсолкарда мувофиқат мекунад [11].

Ҳамин тариқ, аз назарияи неоклассикон дар соҳаи шуғли аҳолӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки музди меҳнат ҳам аз арзиши меҳнат ва ҳам аз самаранокии меҳнат вобаста аст. Дар асоси хароҷоти ниҳоии меҳнат, маҳсули меҳнат ва ҳосилнокӣ имкон медиҳад, ки сатҳи шуғли оқилона (зарурӣ) ва самаранок ҳисоб карда шавад, ки мутобиқати сифатии байни коргарон ва ҷойҳои корро дар назар дорад.

Муҳаққиқони рус мафҳуми шуғли аҳолиро аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ кардаанд. Масалан, А. Бабошкин, А.З. Дадашев, А.Г. Коровкин ақидаҳои гуногун доштанд. Фикру мулоҳизаҳои онҳо ба ақидаи И. Гришин наздик буд, ки шуғлро ҳамчун «самти оптималии коргарон дар соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ ва ҳамзамон, дараҷаи иштироки қувваи корӣ дар истеҳсолот» маънидод мекунанд [8].

И. Сальникова, А.И. Рофе, Б.Г. Збышко ва В.В. Ишин шуғлро дар робита бо қонунҳои гуногуни иқтисодӣ тавсиф мекунанд. С.В. Рязанцев оид ба мавқеъ ва аҳаммияти шуғл дар ҷомеа ҳарф мезанад [8]. Н. Вишневская, И.Е. Заславский, Л. Кудринская, Л. Нестеров шуғлро ҳамчун ҷараёни фаъолияти меҳнатии категорияҳои гуногуни коргарон шарҳ медиҳанд. В. Белкин, Р.И. Капелюшников шуғлро ҳамчун робитаҳои иҷтимоии байни одамон вобаста ба шомил кардани корманд ба кооператсия дар соҳаи муқарраршудаи корӣ тавсиф мекунад [10]. А.Е. Котляр мафҳумҳои «истифодаи қувваи корӣ» ва «фаъолияти омили шахсии истеҳсолот»-ро муайян мекунад. Аммо, мо ақидаи ӯро ҳамроҳ намекунем, чунки ҷорӣ кардани қувваи корӣ лаҳзаи истифодабарии он аст, вале истифодаи қувваи корӣ меҳнат аст. Меҳнат ва шуғл синоним нестанд [13]. Ба гуфтаи В.Ф. Анурин, меҳнат дар зоҳир ҳамчун шуғл ва шуғл ҳамчун меҳнат ба назар мерасад, аммо ин намуди зоҳир аст, мазмун нишон медиҳад, ки мо ду категорияи гуногун дорем [3]. Тафсири ин мафҳумро аз ҷониби муҳаққиқон ҷамъбаст намуда, қайд мекунем, ки мафҳуми «шуғли аҳолӣ» бо чунин категорияҳо, аз қабили «меҳнат», «захираҳои меҳнатӣ», «қувваи корӣ» робитаи ногусастанӣ дорад.

Шуғли аҳолӣ категорияест, ки тавассути фаъолияти одамон амалӣ мешавад. Ба гуфтаи А.Е. Котляр, шуғл натиҷаи тақсимоти коргарон аз рӯи намудҳои кор буда, бо истифодаи захираҳои меҳнатӣ алоқаманд аст, зеро онҳо як марҳилаи бевоситаи истеҳсолотро ҷамъбаст мекунанд, вале муносибатҳои сатҳи дигарро ифода мекунанд. Ба гуфтаи Л.В. Прищепа, мо шуғлро ҳамчун фаъолияти аҳолӣ шарҳ медиҳем, ки бо қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва коллективӣ, ки хилофи қонун нест ва ба онҳо даромад, яъне даромади меҳнатӣ меорад, алоқаманд аст [15].

Олими ватанӣ Қодиров Д.Б. ақидаҳои консептуалии шуғл дар бозори меҳнатро таҳқиқ намуда, исбот намудааст, ки яке аз консепсияҳои дурусти илмии бозори меҳнат, ин дар равишҳои классикӣ, неоклассикӣ, институтсионалӣ ва марксистӣ дида мешавад. Ҳамзамон, қайд намудааст, ки «раванди ташаккули бозори меҳнат фарқияти байни арза ва тақозо ва қувваи корӣ муайян гардида, инчунин, онҳоро аз рӯйи сохтори шуғли аҳолӣ, аз рӯйи соҳаҳо, минтақаҳо, хусусиятҳои синну сол, сатҳи музди меҳнат, сифати иҷрои қувваи корӣ ва сатҳи бекорӣ аз якдигар ҷудо менамояд» [8]. Ақидаҳои Қодиров Д.Б.-ро ҷонибдорӣ намуда, бояд қайд кард, ки дар ҳақиқат унсурҳои бозори меҳнат дар шароити иқтисоди бозорӣ бе сифати иҷрои корӣ, ки он аз қобилияти зеҳнӣ, донишу малака ва дигар хусусиятҳои шахсии коргар сарчашма мегирад, арзи вуҷуд карда наметавонад. Зеро сифати кори анҷомдодаи коргар на танҳо аз иқтидори меҳнатии ӯ шаҳодат медиҳад, балки дар дилхоҳ тағйиротҳои институтсионалии бозори меҳнат рақобатпазир буда метавонад.

Профессор Д.С. Амонова гузаронидани ислоҳоти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро бо роҳи танзими бозори меҳнат ва ҳалл кардани мушкилоти шуғли аҳолиро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуда, таъкид менамояд, ки сатҳи шуғли аҳолӣ бо сатҳи камбизоатии аҳолӣ робитаи мустақим дорад. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар

бозори меҳнат бояд ба таъмини шуғли аҳолӣ тавассути таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мусоидат ба азнавтақсимкунии қувваи корӣ аз рӯи соҳаҳо, минтақаҳо ва намудҳои шуғл ба манфиати дигаргуниҳои сохторӣ ва афзоиши самаранокии меҳнат, нигоҳ доштани тахассуси иқтидори меҳнатӣ, баланд бардоштани касбият ва рақобатпазирии қувваи корӣ равона карда шавад. Инчунин, Д.С. Амонова таъкид мекунад, ки бояд нақши ҳавасмандкунии меҳнатро тариқи ҷорӣ намудани музди меҳнати самаранок боз ҳам мустакам намуд, ки он на танҳо эҳтиёҷоти фаврии шахсро қонеъ карда тавонад, балки қувваи кориро низ барқарор намояд [2,с.27].

Профессор Ашуров С.Б. дар таткиқоти илмии худ қайд намудаст, ки назарияи муосири иқтисодӣ имкон медиҳад, ки дар ҳолати мавҷудияти шароити муайяни иқтисодӣ, аз қабили рақобати комил, фазои тиҷорати озод ва шароити иқтисодии аз онҳо ба даст омада, шуғли пурра таъмин гардад ва инчунин, сатҳи табиии бекорӣ нигоҳ дошта шавад. Инчунин ӯ самтҳои афзалиятноки танзими давлатии бозори меҳнатро дар минтақаҳои дорои зиёди захираҳои меҳнатӣ асоснок кардааст. Тибқи тавсияҳои профессор Ашуров С.Б. оид ба шуғли аҳолӣ, давлат бояд, пеш аз ҳама, бо истифода аз захираҳои дохилии худ минтақаҳои дорои зиёди захираҳои меҳнатиро бо мустақилияти васеътари андоз ва буҷет таъмин намояд, самти системаи маориф ва мутобиқсозии захираҳои меҳнатиро ба талаботи ҷузъҳои дохилӣ ва берунии бозори меҳнат таъмин намояд [4,с.25].

Профессор Комилов С.Ҷ. дар доираи таҳқиқотии иқтисодиёт ва татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар бозори меҳнат чунин тавсиф додааст: «бозори меҳнат ҳамчун низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ байни субъектҳо дар муҳити махсуси институтсионалӣ рушд ёфта, инчунин, ҳамкорӣ менамояд» [12].

Тағйирёбии форматсияҳои иқтисодӣ бо инқилоби саноатӣ, рушди интернет ва пешрафти илмию техникӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), технологияҳои рақамӣ, роботизатсияи истеҳсолот ба иқтисодиёт ҳамроҳ мешавад. Инқилоб дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва информатсиониву коммуникатсионӣ ба шартҳои техникӣ ва технологии навсозии истеҳсолот табдил ёфт, ки дар натиҷа меҳнати ҷисмонӣ ба робототехника, автоматикунонидашуда ва компютерӣ иваз карда мешавад. Чунки онҳо дар асоси муносибатҳои иҷтимоии субъектҳо ба вуҷуд меоянд, ки дар натиҷа талабот ва манфиатҳои онҳо қонеъ гардонда мешавад. Чунин дигаргуниҳо, дар навбати аввал, боиси ба таври оммавӣ озод кардани коргароне, ки дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ кор мекунанд, ҳамзамон боиси инкишофи соҳаи хизматрасонӣ гардид, ки новобаста аз макони зисташон кадрҳои баландихтисосро бо кор таъмин карда метавонанд.

Дар шароити кунунии гузариши кишвар ба иқтисодиёти рақамӣ, тағйиротҳо дар сохтори иқтисодиёт: ихтисоркунии ҳиссаи машғулин дар хоҷагии қишлоқ, раванди истеҳсолот ва зиёдшавии ҳиссаи машғулин дар соҳаи хизматрасонӣ ба вуқуъ меоянд. Дар бозори меҳнат зиёдшавии намояндагони меҳнати илмӣ ва зеҳнӣ ҳамчунин пайдошавии ихтисосҳои нав (SEO-мутахассис, SMM-менеҷер ва ғ.) мушоҳида мешаванд.

Технологияҳои нави кадрӣ, ки ба талаботи замони муосир мувофиқат мекунанд, аз қабили аутсорсинг, аутстаффинг, смартстаффинг, ки ба азнавтақсимоти самараноки коргарон дар байни корфармоён ва рушди шаклҳои нави шуғл мусоидат мекунанд, пайдо мешаванд. Ҳамаи ин боиси пайдо шудани муносибатҳои нав ба шуғли коргарон ва ба вуҷуд омадани шаклҳои нави шуғли меҳнат (шуғли муваққатӣ, нопурра, бақайдгирии муносибатҳои меҳнатӣ аз рӯйи шартҳои шартномаи муҳлатнок ё шартномаҳои ҳуқуқии граждани ва ғайра) мегардад. Инчунин интернети ҷаҳонӣ барои рушди шуғли фосилавӣ (дурдаст) ва фрилансинг шароит фароҳам овард. Дар бозори муосири меҳнат табдили шаклҳои шуғл, аз байн рафтани шаклҳои анъанавии шуғли стандартӣ дар бозори рақобати меҳнат ба назар мерасад.

Дар адабиёти илмӣ баррасӣ намудани муаммоҳои шуғл аз нуқтаи назари иқтисодӣ бартарӣ дорад. Вале бояд қайд кард, ки мисли масъалаҳои иқтисодӣ, масъалаи бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ ҳамчун нишондиҳандаи асосии соҳаи шуғл ба масъалаҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст.

Мо чунин мешуморем, ки шуғл на танҳо мафҳуми иқтисодӣ, балки мафҳуми иҷтимоӣ ҳам мебошад, зеро вай бо эҳтиёҷоти инсонӣ, дараҷа ва сифати инкишофи қобилиятҳо ва шароити зиндагонии ӯ алоқаманд аст. Шуғлро метавон аз ҷониби муносибатҳои меҳнатии ба вуҷуд омада дар сатҳи микро байни соҳибкор ва корманд, дар сатҳи макро - ҳамчун муносибатҳои узви ҷамъият, шаҳрванд ва давлат, ки бояд ба ӯ сатҳи қобили зиндагӣ ва таъмини иҷтимоиро кафолат диҳад, баррасӣ кард.

Дар фарҷом хулосаи худро оид ба моҳияти шуғл ҷамъбаст намуда, баён менамоем, ки шуғли аҳолӣ падидаи бисёрҷанба аст, зеро он дорои хусусияти иқтисодӣ буда, барои некуаҳволии тамоми аҳолӣ масъул аст. Мазмуни иҷтимоии демографӣ дорад, зеро барои такрористеҳсолкунӣ шароити зарурӣ фароҳам меоварад. Характери ҷамъиятӣ дорад, ки бо қонеъ гардондани талаботи шахс дар соҳаи меҳнат алоқаманд аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДИСДДТТ - Қосимова М.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Амонова Д.С. Реформирование социально-трудовых отношений в условиях перехода к рыночной экономике (на примере Республики Таджикистан): автореф. дис. … д-ра экон. наук: 08.00.05/ Д.С. Амонова. -М., 2008. - 24 с.
2. Анурин В.Ф. Профессиональная стратификация и закон перемены труда / В.Ф. Анурин // Социологические исследования. - 2006. -№7. -С.75 (15).
3. Ашуров С.Б. Формирование и регулирование рынка труда в трудоизбыточном регионе (теория, методология и практика): автореф. дис.… д-ра экон. наук: 08.00.05/ С.Б. Ашуров. -Душанбе, 2012. -20 с.
4. Бабаджанов Р.М. Политика занятости как составная часть Программы социально-экономического развития в условиях перехода к рыночным отношениям / Р.М. Бабаджанов // НИИ труда и соцзащиты населения Минтруд соцзащиты Республики Таджикистан. – 2012. -№4(15).
5. Блауг М. Маршаллианская экономическая теория / М. Блауг // Economic Theory in Retrospect. -М.: Дело, 1994. -С.306-394. XVII, 627 с.
6. Гоибназаров С.М. Государственное регулирование кадровых процессов в условиях повышенной миграции / С.М. Гоибназаров, Ф.Б. Махмадиев, С.Ф. Хошимов // Peasant. – 2014. – № 3. – С. 91-93.
7. Гришин И. Стимулирование и динамизация занятости: рецепт flexicurity / И. Гришин // МЭ и МО. - 2012. -№4. -С.40–51.
8. Кадыров Д.Б. Доходы населения как фактор роста благосостояния / Д.Б. Кадыров. -Воронеж: ВГУ, 2004.
9. Капелюшников Р. Спрос и предложение высококвалифицированной рабочей силы в России: кто бежал быстрее? / Р. Капелюшников // Вопросы экономики. 2012. -№2-3.
10. Кларк Дж.Б. Распределение богатства / Дж.Б. Кларк. -СПб, 2011. -368 с.
11. Комилов С.Дж. Институциональные основы социально-трудовых отношений / С.Дж. Комилов // Труд и социальное развитие. – 2013. -№3(18). -С.24.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи соли 2003. №44
13. Котляр А.Э. Теоретические проблемы занятости остаются актуальными / А.Э. Котляр // Человек и труд. -М., 1996. -№5. -С.9.
14. Прищепа Л.В. Управление трудовыми ресурсами. Монография / Л.В. Прищепа. -Краснодар, 2001. -151 с.
15. Рязанцев С.В. Демографическое развитие стран СНГ: современные тенденции, прогнозные оценки и последствия / С.В. Рязанцев, Н. Хорие // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. -Худжанд, 2013. -С.7.
16. Саидмурадов Л.Х. Консультанты ПРООН. Таджикистан-занятость в контексте человеческого развития / Л.Х. Саидмурадов, Р.М. Бабаджанов. -Душанбе: Азия плюс, 2016.
17. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. Книга первая / А. Смит. - 1997. -С.56.
18. A. Robinson, Pigou Arthur Cecil, International Encyclopedia of the Social Sciences, vol. 12, ed. D.L. Sills. -Macmillan Free Press, 1968.


## МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ТАТҚИҚОТҲОИ ОЛИМОНИ ХОРИҶИЮ ВАТАНӢ


Дар мақолаи мазкур омӯзиши ақидаҳои олимони хориҷию ватанӣ оиди шуғли аҳолӣ баррасӣ гардидааст. Назарияҳои равияҳои классикӣ, неоклассикӣ, кейсианӣ, инчунин, ақидаҳои муҳаққиқони хориҷию ватанӣ ба пуррагӣ дар мақола инъикос гардидааст. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки дар татқиқотҳои мактаби классикӣ самаранокии шуғли аҳолӣ аз манфиати шахсӣ иборат буда, мувозинат дар бозори меҳнат дар асоси талаботу пешниҳод ба вуҷуд меояд. Намояндагони мактаби неоклассикӣ муаммоҳои шуғли аҳолиро дар номукаммалии бозори меҳнат дида, танзимгари асосии онро музди меҳнат мешуморанд. Асосгузори мактаби кейсианӣ Ҷ.М. Кейнс самаранокии бозори меҳнатро дар дастгирии давлатӣ дида, таъкид менамояд, ки ба иқтисодиёти бозоргонӣ мувозинат хос нест, ки шуғли пурраро таъмин намояд. Ба ақидаи олимони ватанӣ хусусияти шахсии коргар, сифати иҷрои кор, рақобатпазирии қувваи корӣ ва амсоли онҳо мувозинати бозори меҳнатро ифода менамоянд. Бархе аз олимон нақши давлатро дар танзими бозори меҳнат ҷонибдорӣ менамоянд. Инчунин, рушди илмию

техникӣ, технологияҳои рақамӣ, рушди интернет ва дастрасии он ба ҳамаи қишри аҳолӣ сабаби озод кардани қисми коргарон гардида ва боиси ба вуҷуд омадани шакли нави шуғл ба мисли кори фосилавӣ, фрилансинг мегардад. Чунин намуди шуғл кадрҳои баландихтисосро, новобаста аз ҷои зисташон, бо ҷои корӣ таъмин менамояд. Шуғли аҳолӣ падидаи бисёрҷанба аст, зеро он дорои хусусияти иқтисодӣ буда, барои некуаҳволии тамоми аҳолӣ масъул аст.

**Калидвожаҳо:** бозори меҳнат, шуғл, меҳнат, қувваи корӣ, музди меҳнат, талабот ва пешниҳод, рақобатпазирӣ, мувозинат, самаранокӣ.

## ВОПРОСЫ ИЗУЧЕНИЯ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ В ИССЛЕДОВАНИЯХ ИНОСТРАННЫХ И ОТЕЧЕСТВЕННЫХ УЧЕНЫХ

В данной статье рассматривается изучение взглядов иностранных и отечественных ученых на занятость населения. В статье отражены теории классических, неоклассических, кейсианских направлений, а также идеи зарубежных и отечественных исследователей. Анализ показал, что в исследованиях классической школы эффективность занятости населения складывается из личной выгоды, а баланс на рынке труда строится на основе спроса и предложения. Представители неоклассической школы рассматривают проблемы занятости населения в несовершенстве рынка труда и считают его основным регулятором заработной платы. Основатель кейсианской школы М. Кейнс, видя эффективность рынка труда в государственной поддержке, подчеркивает, что рыночной экономике не присуще равновесие, обеспечивающее полную занятость. По мнению отечественных ученых, личный характер работника, качество выполнения работы, конкурентоспособность рабочей силы и т.п. представляют собой баланс рынка труда. Некоторые ученые поддерживают роль государства в регулировании рынка труда. Кроме того, развитие научно-технического прогресса, цифровых технологий, интернета и его доступность для всех слоев населения привели к освобождению части работников и одновременно к созданию новой формы занятости, такой как дистанционная работа, фриланс. Такой вид занятости обеспечивает высококвалифицированные кадры рабочим местом, независимо от места их проживания. Занятость населения-многогранное явление, поскольку оно носит экономический характер и отвечает за благополучие всего населения.

**Ключевые слова:** рынок труда, занятость, труд, рабочая сила, заработная плата, спрос и предложение, конкурентоспособность, равновесие, эффективность.

## ISSUES OF STUDYING THE EMPLOYMENT OF THE POPULATION IN THE RESEARCH OF FOREIGN AND DOMESTIC SCIENTISTS

This article examines the study of the views of foreign and domestic scientists on the employment of the population. The article reflects the theories of classical, neoclassical, Keynesian trends, as well as the ideas of foreign and domestic researchers. The analysis showed that in classical school studies, the efficiency of employment of the population consists of personal gain, and the balance in the labor market is based on supply and demand. Representatives of the neoclassical school consider the problems of employment in the imperfection of the labor market and consider it the main regulator of wages. The founder of Keynesian school, M. Keynes, seeing the effectiveness of the labor market in state support, emphasizes that the market economy does not have an equilibrium that ensures full employment. According to Russian scientists, the personal character of the employee, the quality of work, the competitiveness of the workforce, etc. represent the balance of the labor market. This type of employment provides highly qualified personnel with a workplace, regardless of their place of residence. Employment of the population is a multifaceted phenomenon, since it is of an economic nature and is responsible for the well-being of the whole population.

**Keywords:** labor market, employment, labor, labor force, wages, supply and demand, competitiveness, equilibrium, efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна*** **-** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони И. Сомонӣ, 169. E-mail: **shoira_77@rambler.ru**

**Сведения об авторе:** ***Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде, кандидат экономических наук, заведующий кафедрой мировой экономики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект И. Сомони, 169. E-mail: **shoira_77@rambler.ru**

**Information about the author:** ***Mukhitdinova Shoirakhon Saidyusufovna*** - Institute of Economy and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of World Economy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somon avenue, 169. E-mail: **shoira_77@rambler.ru**

УДК: 341.36 (575.3)

# ГЕНДЕРНОЕ РАВЕНСТВО: ПРОБЛЕМЫ ПОНИМАНИЯ И РЕГЛАМЕНТАЦИИ В ПРАВЕ

*Рахмон Озода Эмомали*
**Таджикский национальный университет**

Идеи о равенстве полов, о единых возможностях во всех сферах жизни интересовали ученых и просветителей всех стран на протяжении достаточно длительного периода.

Веками распространенным было утверждение о том, что половые особенности субъекта были значимы лишь в целях продолжения рода и семейной организации. С течением времени представления трансформировались. Пришло осознание того, что женщины, наравне с мужчинами обладая социокультурными и биосоциальными особенностями, находятся на различных позициях в системе общественных взаимодействий: мужчины первичны, они находятся в общественных отношениях без всякого ограничения по половому признаку, а женщины вторичны и деятельность их ограничена бытовыми обязанностями. Это в итоге породило социально-философскую данность в виде «социальное неравенство полов».

Не вдаваясь глубоко в историю и философию этого вопроса, отметим, что по оценкам международных институтов на сегодня в Республике Таджикистан многие из барьеров на пути гендерного равенства возникают из-за более глубоких структурных форм неравенства, разного доступа к активам, ресурсам, занятости и социальной защите и контролю над ними; и способности женщин влиять на принятие решений [1].

С 1995 года Правительством Республики Таджикистан было предпринято немало усилий по разработке и принятию законодательной базы в сфере гендерного равенства и продвижения прав женщин. За данный период прошло много времени и многие общественные отношения в обществе трансформировались, приобрели иное значение. Кроме того, Республика Таджикистан, занимая важное геополитическое месторасположение, не может оставаться не затронутой мировыми миграционными процессами и процессами, связанными с безопасностью, борьбой с терроризмом и экстремизмом. Данные процессы отложили свой непосредственный след и на положении женщин. В связи с этим Таджикистану были даны различные рекомендации договорных и уставных органов ООН в сфере усовершенствования законодательства по защите прав женщин, криминализации гендерного насилия и другое [2]. На этот аспект проблемы обращено внимание и в литературе по данной тематике [3,с.19-26].

Несмотря на то, что на современном этапе развития человеческий потенциал является основной движущей силой экономического роста, женщины, согласно документам ООН, остаются в нише «недоиспользованных» человеческих ресурсов. В этой связи исследование проблем «недоиспользования» женщин в сфере занятости, выявление причин и социальных последствий этого процесса для Таджикистана представляет интерес, как с научной, так и с практической точек зрения [4,с.4].

По оценкам международных институтов, политическое участие женщин в Таджикистане остаётся низким, поскольку лишь 19% парламентариев в обеих палатах составляют женщины. В 2014 году общее число женщин в центральных и местных государственных органах составило 4,393 (23,5%). Показатель для женщин на руководящих должностях является ещё ниже, только 528 женщин, или 17%, в центральных органах и закрепленных за ними структурах. Отмечается улучшение в политическом участии женщин на местном уровне, где председателями 40% джамоатов были женщины. В последнем туре местных выборов в 427 джамоатах было избрано 10 337 местных депутатов. Из общего числа депутатов было 1 572 женщины, или 15,2% общего числа заместителей [5].

Для женщин нет никаких квот политических партий, но для их участия в политической жизни есть тренинги по лидерству. Стереотипы в отношении женщины как хозяйки дома и

матери семейства противоречит образу женщин политических лидеров, которые, как правило, рассматриваются как роли мужчин. Гражданское общество через НПО, общественные и другие женские организации предлагает женщинам «мост» для участия в национальных реформах и занятости, а также возможность заниматься общественными вопросами [6].

Актуальность данных проблем бесспорна. Поэтому возникла научная необходимость более пристального обращения к правовому аспекту равенства женщин. Различным аспектам равенства женщин в литературе за последние десятилетия было посвящено много работ, в том числе на диссертационном уровне [7].

Представленная сноска – лишь неполный перечень работ по разным аспектам, опубликованный представителями различных наук, который свидетельствует о масштабах и обороте так называемой гендерной теории. Не впадая в крайность и не заменяя традиционную (классическую) теорию правового положения женщин, отметим, что у нас до сих пор отсутствует понятие гендерной экспертизы законодательства. Имеется экспертиза антикоррупционная, однако гендерной экспертизы нет. Между тем, гендерная экспертиза выявит противоречия, скажем, в семейном и гражданском кодексах Республики Таджикистан. Во многих странах имеется гендерная экспертиза законодательства, она дает положительные результаты. Гендерная экспертиза как концепция появляется в середине 1990-х годов и представляет собой неотъемлемый элемент законотворческой деятельности государства. В ее фокусе находится понятие гендерного равенства, базового условия для успешного развития общества. Однако равенство не равно идентичности. Так, гендерное равенство на уровне международного права означает, что все люди могу делать выбор без ограничений. Различия признаются, оцениваются и рассматриваются равно [8].

В этой связи главным становится вопрос о том, что возможно ли сегодня вести речь о правовом статусе женщин или необходимо исследовать лишь равноправие по гендерному признаку. Как соотнести концепцию правового статуса женщин с гендерной теорией?

Мы согласны с тем, что необходимо сперва на доктринальном, затем и на законодательном уровнях разобраться с единой и внятной конструкцией правового статуса женщин. Это означает необходимость определения места правовой общности, которая рассчитана именно на обособление правового статуса женщины в отечественной юридической науке. Суть состоит в том, что без этого будет невозможно определиться с правовой природой правового статуса женщины, сложно будет выработать правовой инструментарий для целенаправленной работы по совершенствованию правого статуса, и вообще, положения женщин в таджикском обществе имеет свои особенности, ментальные и иные аспекты. При этом необходимо особо отметить, что любые наработки иных правовых систем в этой сфере, какими бы действенными на практике они ни были, могут быть абсолютно бездейственными в условиях правовой и ментальной реальности нашей страны. Иногда они могут быть даже вредны. Поэтому убеждены, что каждая страна вырабатывает собственные механизмы и пути совершенствования правового положения женщин, их статуса в обществе.

В научной литературе последних лет стало принятым четко разграничивать указанные аспекты, связывая их с понятием пола и гендера («пол» описывает биологические различия, определяемые генетическими особенностями строения клеток, анатомо-физиологическими характеристиками и детородными функциями; «гендер» указывает на социальный статус и социально-психологические характеристики, которые связаны с полом и сексуальностью, но возникают из бесконечной совокупности отношений между людьми[9,с.29].

Эта проблема многоаспектна. На наш взгляд, является межотраслевой правовой проблемой. Можно привести примеры, когда гендерная проблема имеет место в различных отраслях права. Также стоит отметить, что в некоторых странах, сначала в Европе, а затем и в России этот вопрос получил своеобразный религиозно-культурный контекст. Так, в российской действительности уже сейчас имеют место идеи традиционного женского предназначения, отрицания права женщины распоряжаться своим телом, превращения ее, в случае прерывания беременности, в «убийцу» и т.д. В итоге подобные идеи вылились в иск,

поданный в Верховный Суд России группой мусульманок об отмене инструкции МВД РФ, запрещавшей гражданам фотографироваться на паспорт в головных уборах, к числу которых на практике относили и платки хиджаб для женщин. Многие российские правозащитные организации, такие как «Мемориал» (Москва), «Сутяжник» (Екатеринбург), «Сююмбике» (Казань, Татарстан), «Независимая комиссия по правам человека» (Чебоксары, Чувашия) и другие, поддержали требование женщин. 15 мая Кассационная палата Верховного Суда РФ отменила решение гражданской коллегии Верховного Суда от 5 марта и таким образом признала право мусульманок фотографироваться на паспорт в платках. Пункт 14 инструкции МВД от 15 сентября 1997 года «О порядке выдачи, замены, учета паспорта гражданина РФ» признан не действующим и не подлежащим применению с момента оглашения решения [10].

Также в качестве примера противоречия можно привести и другой случай из практики. В ставшем медийном процессе «К. Маркин против России», заявитель обжаловал отказ ему, как военнослужащему, в предоставлении отпуска по уходу за ребенком [11].

Согласно российскому законодательству, отцы и матери из числа гражданских лиц имеют права на трехлетний отпуск по уходу за несовершеннолетним ребенком и на ежемесячное пособие в течение части этого периода. Это право прямо распространено на женский персонал Вооруженных сил, однако в отношении мужского персонала такое указание отсутствует. Заявитель, разведенный военнослужащий, обратился за предоставлением трехлетнего отпуска по уходу за тремя детьми от этого брака, но ему было в этом отказано со ссылкой на отсутствие основы для такого требования в национальном законодательстве.

Конституционный Суд РФ определил, что лишение военнослужащих права на отпуск по уходу за ребенком основано на особом правовом статусе военного и необходимости избежать невозможности исполнения обязанностей многочисленным военным персоналом. Право женщин-военнослужащих на использование отпуска по уходу за ребенком предоставлено в порядке исключения, в связи с весьма ограниченным участием женщин в осуществлении военной службы и особой связанной с материнством социальной ролью женщины в обществе.

Тогда заявитель обратился в ЕСПЧ. В итоге, 16 голосами против одного Судьи Большой Палаты подтвердили, что в отношении Константина Маркина имела место дискриминация в пользовании правом на уважение его частной и семейной жизни по признаку пола, то есть нарушение статьи 14 Конвенции о защите прав человека и основных свобод, взятой в совокупности со статьей 8 Конвенции. Заявителю присуждена компенсация морального вреда (3 000 евро) и издержек (3 150 евро) [12].

Наша позиция по этим вопросам состоит в том, что нет необходимости впадать в крайности правового интерпретирования. Не нужно заострять внимание на таких вопросах, как гендерная экспертиза законодательства. К этому еще наше общество и правовая система не готовы. Необходимы юридико-технические способы и механизмы, улучшающие права женщин, которые учитывают национальные и ментальные стороны исследуемого вопроса.

**Рецензент: д.ю.н., профессор Назаров А.К.**

**ЛИТЕРАТУРА**

1. https://www.adb.org/ru/documents/tajikistan-country-gender-assessment-2016 Дата обращения: 14.04ю2023
2. https://sustainabledevelopment.un.org/content/documents/13205Tajikistan_review_Beijing20.pdf Дата обращения: 14.04.2023
3. См.: Гарибова Ф.М. Гендерное равноправие в Таджикистане // Женщина в российском обществе. – 2022. – Специальный выпуск. – С. 19-26.
4. См.: Кравченко Л.А. Гендерное неравенство в сфере занятости (на примере Приморского края). Автореф.... дисс. канд. филос. наук.– Владивосток, 2008. – С. 4.
5. Всемирный банк, 2021 год. «Таджикистан. Страновая гендерная оценка», Всемирный банк, Вашингтон, штат Колумбия. – С. 42. https://documents1.worldbank.org/curated/en/921321638250371738/pdf/Tajikistan-Country-Gender-Assessment.pdf (Дата обращения: 26.05.2023).
6. Азиатский банк развития. Страновая гендерная оценка по Таджикистану.- С.15. // https://www.adb.org/sites/default/files/institutional-document/212096/tajikistan-cga-ru.pdf (Дата обращения: 26.05.2023).

7. Megan Louise Pearce. Gendering the Compliance Agenda: Feminism, Human Rights and Violence Against Women. A thesis submitted in conformity with the requirements for the degree of Master of Laws. – Faculty of Law University of Toronto. – 2014. -84 p.; Sundkvist Emma. Human Rights as Law, Language, and Space-Making: Women's Rights Movement in Post-Revolutionary Egypt. Doctoral dissertation for the degree of Doctor of Philosophy (PhD) at the Joint Faculties of Humanities and Theology, at Lund University to be publicly defended on 13 May at 13.15 in LUX C121, Department of History, Helgonavägen 3, 223 50. -Lund. -125 p.; Bayisenge Jeannette. Changing Gender Relations? Women's Experiences of Land Rights in the Case of the Land Tenure Reform Program in Rwanda. Doctoral thesis. - University of Gothenburg. Faculty of Social Sciences. -Gothenburg, 2015.; Kerbina Joseph Moyo. Women's Access to Land in Tanzania: The Case of the Makete District. Doctoral Thesis in Real Estate Planning and Land Law. -Stockholm, 2017. -204 p.; Katō Masae. Women's rights? [Texte imprimé]: social movements, abortion and eugenics in Modern Japan. Ph. D. dissertatie: Universiteit Leiden: 2005. -339 p.; Карпачева Н.И. Политические права женщин: проблемы теории и современная практика. автореф. дис. ... канд. юрид.наук. –М., 1991. -20 с.; Латыпова Д.Ф. Правовое положение женщин (историко-методологический аспект). автореф. дис. ... канд. юрид.наук. -Казань, 2004. –23 с.; Зикриеева М.Ф. Историография проблемы женщин Таджикистана. дис. ... д-ра. ист. наук. -Душанбе, 2002. –351 с.; Чеботарева А.С. Международная защита прав женщин: дис. ... канд. юрид. наук. –М., 1994. –215 с.; Мухаббатова Г.Х. Вклад женщин в проведение культурных преобразований в Республике Таджикистан: 1924-1941 гг. дис. ... канд. ист. наук. -Душанбе, 2004. -144 с.; Мирзоева В.М. История развития женского движения в Таджикистане за годы независимости. дис. ... канд. ист. наук. -Душанбе, 2004. -158 с.
8. https://www.sova-center.ru/religion/news/harassment/intervention/2003/03/d152/ (Дата обращения: 12.06.2023).
9. https://hudoc.echr.coe.int/app/conversion/pdf/?library=ECHR&id=001-(Дата обращения: 12.06.2023).
10. https://europeancourt.ru/tag/markin-protiv-rossii/#principal-facts. (Дата обращения: 12.06.2023).

## БАРОБАРҲУҚУҚИИ ГЕНДЕРӢ: МАСОИЛИ ДАРК ВА БАНИЗОМДАРОРӢ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚ

Мақолаи мазкур ба таҳлили мақоми ҳуқуқии занон бахшида шудааст. Дар мақола масоили дарк ва банизомдарорӣ дар ҳуқуқи баробарии гендерӣ ва чӣ гуна масоили баробарии гендерӣ ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо ширкати занон таъсир мерасонанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар интиҳо муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки масъалаҳои баробарҳуқуқии ҷинсҳо - масоили мураккаби байнисоҳавии ҳуқуқ ба шумор меравад. Дар мақолаи мазкур муаллиф ба характери равонии мақоми ҳуқуқии занон махсус ишорат намуда, оиди зарурияти ҳалли ин ҷанбаҳои масоили мазкур огоҳ мекунад.

**Калидвожаҳо:** мақоми ҳуқуқии занон, робитаҳои байнисоҳавӣ; баробарии ҷинсҳо; банизомдарории ҳуқуқӣ; муносибатҳои ҳуқуқӣ.

## ГЕНДЕРНОЕ РАВЕНСТВО: ПРОБЛЕМЫ ПОНИМАНИЯ И РЕГЛАМЕНТАЦИИ В ПРАВЕ

Настоящая статья посвящена анализу правового статуса женщин. В статье исследованы проблемы понимания и регламентации в праве гендерного равенства. Как проблемы гендерного равенства влияют на регулирование общественных отношений с участием женщин. В итоге автор приходит к выводу, что вопросы равноправия полов-сложная межотраслевая проблема права. В данной статье автор особо указывает на ментальный характер правового статуса женщин и предупреждает о необходимости решения этих аспектов проблемы.

**Ключевые слова:** правовой статус женщин; межотраслевые связи; равенство полов; правовая регламентация; правовые отношения.

## GENDER EQUALITY: PROBLEMS OF UNDERSTANDING AND REGULATION IN LAW

This scientific article is devoted to the analysis of the legal status of women. The article examines the problems of understanding and regulation in the law of gender equality. How gender equality issues affect the regulation of public relations with the participation of women. As a result, the author comes to the conclusion that the issues of gender equality are a complex intersectoral problem of law. In this article, the author specifically points out the mental nature of the legal status of women and warns about the need for these aspects of the problem.

**Keywords:** legal status of women; intersectoral relations; gender equality; legal regulation; legal relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳмон Озода Эмомалӣ*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Рахмон Озода Эмомали*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры теории и истории государства и права, юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author**: ***Rahmon Ozoda Emomali*** - Tajik National University, doctoral student of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law. **Address**: 734025, the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК 12.00.02

# РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В УКРЕПЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ – РАЗВИТИЕ ТОЧНЫХ НАУК ДЛЯ ПРОГРЕССА И БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

*Эльназаров Д.Х., Хакимов М.К.*
**Российско-Таджикский (славянский) университет**

В каждую эпоху в развитии государства и передовой науки каждого общества огромную роль играют его сыновья и герои народа. Столь выдающийся деятель вышел на политическую арену, когда таджикский народ был в замешательстве, а страна была на грани уничтожения. Первым посланием с судьбоносной сессии XVI Верховного Совета Таджикистана, которая состоялась 19 ноября 1992 года во Дворце Арбоб древнего города Худжанда, было воссоединение нации и освобождение Таджикистана от гражданской войны. Если мы посмотрим в зеркало истории нашего древнего государства и народа [10], то во всей записанной истории можно отметить миролюбивую и просвещенную, созидательную и новаторскую политику таджиков, в то же время такое содержание может быть в статье 11 действующей Конституции Республики Таджикистан «Таджикистан проводит миролюбивую политику» и уважает суверенитет и независимость других стран мира и определяет внешние отношения на основе международных стандартов» [3]. Важно, что Конституция Республики Таджикистан обязывает органы государственной власти, в первую очередь Президента и Правительство, принимать необходимые и достаточные меры для защиты независимости Республики Таджикистан, целостности государства, защиты страны и государственной безопасности. В части 2 статьи 64 действующей Конституции Республики Таджикистан четко указано, что «Президент является гарантом Конституции и законов, прав и свобод человека и гражданина, государственной независимости, единства и территориальной целостности...[3]».

Причем в институциональном аспекте все субъекты представляют собой структурную часть механизма государства, каждый из которых в пределах своих возможностей реализует контрольно-надзорные функции по поддержанию режима конституционной безопасности.

Среди субъектов безусловное лидерство принадлежит Президенту Республики Таджикистан, обладающему особым конституционным статусом, широкими дискреционными полномочиями, правовым иммунитетом и конституционными гарантиями деятельности. В соответствии с конституционным законодательством он принимает все необходимые меры по защите суверенитета государства, его независимости и территориальной целостности. Как верховный арбитр и гарант политического мира, он «обеспечивает согласованное функционирование и взаимодействие всех ветвей власти и их ответственность перед народом.

Конституция Республики Таджикистан предусматривает, что один из важных аспектов полномочий Президента Республики Таджикистан заключается в том, что он «объявляет военное положение при реальной угрозе безопасности государства и вносит Указ об этом на утверждении совместного заседания Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон (в редакции референдума от 22.06.2003г). Кроме того, в Конституционном законе Республики Таджикистан «Об основателе мира и Национального единства – лидера нации» от 14 ноября 2016 года говорится, что одной из его компетенции является то, что он может «обращаться к народу Таджикистана, государственным органам и должностным лицам по важным вопросам государственного строя, безопасности страны, внутренней и внешней политики, принятие во внимание которых является обязательным для государственных органов и государственных должностных лиц» (ч.1 п.2. ст.3).

Современный опыт отечественного конституционализма свидетельствует, что не менее важная роль в механизме конституционной безопасности принадлежит высшему представительному органу государственной власти – Маджлиси Оли Республики Таджикистан (парламенту), который, в зависимости от формы правления, обладает

достаточно широкими контрольными возможностями. Важное значение в сфере обеспечения безопасности Таджикистана имеет исполнительная власт. В механизме защиты конституционного строя задействованы также Конституционный Суд Республики Таджикистан, суды и органы прокуратуры, выполняющие правозащитные функции в государстве. Активная деятельность названных органов призвана снизить правовые угрозы, защитить национальные интересы нашей страны, а также права и свободы личности.

Законодательно обозначены и объекты конституционной безопасности. Так, Конституция Республики Таджикистан в качестве основополагающих приоритетов называет обеспечение прав и свобод других граждан, общественного порядка, защиты основ конституционного строя, безопасности государства, обороны страны, общественной морали, здоровья населения и территориальной целостности республики.

Есть и другое мнение, что нация без своих героев несчастна. Благодаря уникальной инициативе великого Лидера нация Таджикистана признала своих героев во времена независимости. Такие условия возникли в стране для повышения самосознания в обществе. Когда нация достигает самосознания, это означает, что люди признают эту нацию. Таджикистан признан цивилизованным и независимым государством в рамках ООН, СНГ, ШОС, СААД и других международных организаций, что является высшим свидетельством нашей национальной государственности.

В частности, поддержка международным сообществом инициатив лидера нации, особенно четырехкратное принятие соответствующих резолюций ООН по водным вопросам, чистой воде, ее эффективному использованию и доступу человека к источникам питьевой воды, является в первую очередь предметом гордости жителей страны, а с точки зрения охраны - ледники являются основным источником воды во многих регионах Земли. При этом 14 декабря 2022 года Генеральная Ассамблея ООН единогласно одобрила нашу пятую инициативу в водной сфере, приняв специальную резолюцию, согласно которой, прежде всего, 2025 год был объявлен Международным годом Защиты ледников. Во-вторых, с начала 2025 года ежегодно 21 марта будет отмечаться Всемирный день ледника. Также в соответствии с этой резолюцией Организация Объединенных Наций при координации Генерального секретаря этой организации учреждает специальный целевой фонд, то есть международный специальный целевой фонд для защиты ледников. В-четвертых, в 2025 году в Душанбе пройдет международная конференция высокого уровня по охране ледников, что является предметом гордости для жителей нашей страны.

Генерация «зеленой» энергетики и переход к «зеленой» экономике, решение тем самым глобальных экологических проблем, которые были обозначены на высоких международных форумах, открыли перед отечественными учеными новые направления научных исследований. Следующая задача перед нами, учеными, - принять направления научных исследований в качестве приоритетных направлений и внести свой вклад в реализацию этих глобальных инициатив нашего великого лидера, то есть достижений «зеленой» энергетики, гидроэнергетики, солнечной и ветровой биоэнергетики современной науки. Потому что Таджикистан расположен в регионе с 300 календарными солнечными днями, и 93 процента территории страны составляют горы.

Интерес к науке возник именно по инициативе нашего уважаемого Главы государства и развитие технического мышления и точных наук стало приоритетным направлением в деятельности нашего национального государства. Основоположник национального мира и единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своем содержательном выступлении на встрече с учеными страны 18 марта 2020 года отметил, что «в эпоху независимости, образование является одним из основных направлений нашей государственности, а развитие науки и образования, изучение новой техники и технологий, укрепление интеллектуальных сил и формирование языка науки стоят на первом месте. В этом процессе мы периодически повышали место и ответственность ученых, педагогов и творческой интеллигенции в обществе. Также мы разработали и реализовали ряд научных программ и проектов, учитывая интересы национального государства, и создали благоприятную основу для прогресса науки и образования» [8].

Выступление лидера нации на встрече с учеными страны рассматривается как практическое начало двадцатилетнего изучения и развития точных, математических и естественных наук, мобилизация собственных сил и возможностей для будущего подрастающего поколения. По сути, сегодня учёные в нашей стране изо дня в день ощущают поддержку, помощь и постоянную заботу со стороны Лидера нации и правительства Таджикистан, и именно эта поддержка регулярно развивает материально-техническую базу научных учреждений, из профессиональных наблюдений видно, что обращение молодежи к науке приумножает научные достижения. Как мы уже упоминали выше, это была историческая встреча в отечественной науке, которая открыла новый путь развития науки. При этом основными пунктами выступления великого лидера нации является программа перспектив развития отечественной науки, а именно: открытие новых направлений отечественной науки не только на ближайшие двадцать лет, но и на несколько больше десятилетий.

Именно с глубоким и точным пониманием этого вопроса и с целью включения в таджикское общество точных наук для продвижения технического развития и научного мировоззрения, Лидер нашей нации объявил ближайшие двадцать лет - 2020-2040 годами изучения и развития естествознания [2], именно и математики, поскольку именно естественные, точные математические науки считаются важнейшими столпами мировоззрения и наиболее эффективным средством воспитания самоориентированной личности. Эти инициативы служат ориентирами для удовлетворения исторических потребностей, возникших в начале третьего тысячелетия нашей эры. Поэтому они были приняты научными людьми страны как основная программа дальнейшего развития и совершенствования современного общества, серьезный шаг на пути к развитию отечественной науки, формированию развития точных наук и научного мировоззрения общества и росту знаний народа страны. Наука строит человека. Само собой разумеется, что наука - это такое направление человеческой деятельности, задачей которой является обработка и систематизация объективных знаний о действительности и особый способ приобретения знаний. Науку создает единая, стройная и развивающаяся система знаний об окружающем мире и закономерностях его развития. В то же время наука является великим достижением человеческой культуры, следовательно, наука является частью культуры, представляющей собой совокупность объективных знаний о бытии. Иными словами, в нынешних условиях ведущими и успешными являются те нации, которые сделали ставку на науку и в достаточной мере исключили из своего общества суеверные представления и мнения.

К счастью, Глава нашей страны с момента своего назначения на эту ответственную должность всегда подчеркивал, что единственный путь к достижению счастья – это наука. Президент Таджикистана Эмомали Рахмон 2-го февраля подписал распоряжения о проведении трех конкурсов - "Тоҷикистон-Ватани азизи ман" ("Таджикистан - дорогая Родина моя"), "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ("Книга - светоч знаний") и "Илм - фурӯғи маърифат" ("Наука - светоч просвещения") в 2023 году. [4]. В честь 115-летия Героя Таджикистана, академика Бободжона Гафурова [11] и с целью воздать должное гордой истории таджикского народа, глубокого и всестороннего изучения заслуг наших предков на протяжении всей истории, укрепления чувства самосознания и национального самосознания, возрождения исторической памяти, проведен республиканский конкурс «Таджикон», а также объявлен в 2023 году республиканский конкурс ««Таджики» - зеркало истории нации» с 1 февраля 2023 года. Само собой разумеется, что такая поддержка нашего уважаемого главы республики являются не только важнейшим элементом культуры и высшей формой человеческого познания, но и главным показателем национальной культуры и залогом неуклонного развития государства.

Таким образом, внимание к развитию точных наук для продвижения технического развития - системы научно-исследовательской деятельности общества является составной частью процесса познания природы, общества и мышления, имеющего методы познания объективной действительности. Непосредственной целью точных наук является

классификация, объяснение и предсказание процессов и явлений, составляющих предмет ее изучения, на основе открытых закономерностей. Его функциями служат характеристики, то есть детерминанты науки, такие как: классификационная функция науки - выявление основных свойств и отношений действительности, сортировочная функция науки - классификация свойств и классифицирующих отношений по классам и временам года, объяснительная функция науки - систематическое изложение сущности предмета изучения, причин его возникновения и развития, практическая задача науки - возможность применения полученных знаний в производстве, общественном управлении и т. д.. Задача перспективы, в то же время предвидение науки - предсказание новых открытий в рамках существующих теорий и рекомендаций на будущее, задачей мировоззрения науки является интеграция полученных знаний в ландшафт существующего мира.

Современная наука делится на разные области знаний или частные науки, которые отличаются друг от друга предметом исследования. По предмету и методу обучения различают науку о природе - естествознание и науку об обществе - общественную науку. Отдельную группу составляют технические и технологические науки. Наука имеет особенность, что современные науки 20-го века и начала 21-го века, которые, по сравнению с наукой прошлых веков, также называют «возрождением великой науки», берут свое начало от математической науки. То есть происходит рост и прогресс научной информации, в 20 веке и начале 21 века научная информация мира увеличивается в два раза каждое десятилетие. Расширение мира современной науки в настоящее время охватывает большую область знаний, включающую более десяти тысяч дисциплин, они тесно связаны между собой и влияют на развитие друг друга. Современная наука дает нам полную картину происхождения и развития Метагалактики, зарождения жизни в мире загадок и основных этапов ее развития, происхождения и развития человека. Наука сегодня изучает практически все стороны материальной и духовной жизни общества. В сознании современных ученых существует четкое представление о больших возможностях дальнейшего развития науки, серьезных изменениях в нашем восприятии мира и его трансформации. Особый интерес в этом процессе вызывает наука о живом мире, человеке и обществе. По мнению многих известных ученых, достижения в этих науках и их широкое использование в реальной жизни во многом определяют характеристики XXI века. Они прогнозируют, что лидерами науки станут точные и естественные науки.

**В заключении можно заметить, что,** для защиты государства не нужна большая военная сила. Великая сила в том, если любящий единство народ любит свою страну и постоянно стремится ее защитить. Нынешний процесс глобализации доказывает, что большие страны разделены противостоянием, а малые страны формируются единством. В этом процессе патриотизм, любовь к Вождю, единство, мир и взаимопонимание становятся нашей национальной идеей, и нет выше достижения и оружия. Единство и самосознание всегда играли ключевую роль в формировании нации. Оружие, власть и капитал не имеют ценности, когда в обществе нет места самосознанию, единству и взаимопониманию. Сегодня мы гордимся миром и спокойствием, укреплением государственности нашего народа. Самая большая и признанная гордость – это национальная гордость, которая должна быть у каждого гражданина нашей страны сегодня. Каждый народ думает, что он лучше другого народа, что является первым шагом на пути патриотизма. Таджикский народ никогда не высмеивался, и никогда не будет, что народ в той или иной части мира находится в эпицентре внутреннего конфликта. В нашей стране продолжается государственное становление и укрепление устоев национального государства в свете политики Лидера нации. Сегодня и изначально обеспечение энергетической независимости, обеспечение продовольственной безопасности и преодоление коммуникационного тупика являются стратегическими задачами обеспечения внутренней и внешней безопасности, которая является образом нашего национального государства, с гордостью народ Таджикистана целенаправленно идет вперед.

**Рецензент: к.ю.н., доцент ТНУ - Саъдизода Дж.**

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Выступления, речи и труды Основателя мира и национального единства-Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. -Душанбе: Ирфон, 76 с.
4. Распоряжение Президента Республики Таджикистан от 02.02.2023г. Подробнее. [Электронный ресурс]. URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/power/20230202/na-provedenie-treh-konkursov-v-tadzhikistane-videlyat-svishe-11-millionov-somoni
5. Рахмонов Э. Таджикистан на пути демократии и цивилизованного общества / Э. Рахмонов. -Душанбе: Ирфон, 1996.-312с.
6. Рахмонов Э. Таджики в зеркале истории. От арийцев до Саманидов / Э. Рахмонов.-Книга 1.-Лондон, 1999.-240 с.
7. Рахмонов Э. Тысяча лет в одну жизнь. Сборник выступлений, речей, интервью и статей / Э. Рахмонов. -Душанбе: Ирфон, 2003.-520 с.
8. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми вохӯри бо олимони кишвар. – Душанбе, 18 марти соли 2020. – [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj/.
9. Шарипов Р.М. Аз Паём то паём / Р.М. Шарипов, Қ.А. Тураев, С.М. Зоиров. – Душанбе: Матбааи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – 724 с.
10. Эмомалӣ, Р. Тоҷикон дар оинаи таърих / Р. Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 132 с.
11. Эмомалӣ, Р. Чеҳраҳои мондагор / Р. Эмомалӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 с.
12. Эмомали Рахмон. Независимость Таджикистана и возрождение нации. / Рахмон Эмомали. Том 6.-Душанбе: Ирфон, 2007.- 568 с.; Т.7.-2009.-547 с.; Т.8.-2010.-560 с.; Т.9.-2013.-632 с.; Т.10.-2016.-568 с.
13. Эмомали Рахмон. О времени и о себе / Рахмон Эмомали. -Душанбе, 2015.-232 с.
14. Эмомали Рахмон. Таджикская государственность: от Саманидов до рубежа XXI века / Рахмон Эмомали. -Душанбе: Ирфон, 2009.-460 с.

## НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ – РУШДИ ИЛМҲОИ ДАҚИҚ БАҲРИ ПЕШРАФТ ВА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур оид ба нақши Пешвои миллат дар таҳкими давлатдорӣ ва таъмини амнияти миллӣ маълумот дода шудааст. Дастуру ҳидоятҳои саврварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро омӯхта, дар ин мақола собит кардан мумкин аст, ки баҳри пешрафти ҳаёти осоиштаи мардуми Тоҷикистон рушди илмҳои дақиқ бояд масъалаи аввалиндараҷа бошад. Муаллифон қайд мекунанд, ки ваҳдату худшиносӣ ҳамеша дар ташаккули миллат нақши калидӣ доштааст. Аслиҳа, қудрат ва сармоя арзише надорад, вақте дар ҷомеа барои худшиносӣ, ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ ҷойгоҳ мавҷуд набошад. Имрӯз мо аз сулҳу оромӣ, таҳкими давлатдории халқамон ифтихор дорем. Бузургтарин ва эътирофтарин ифтихор - ифтихори миллӣ аст, ки имрӯз бояд ҳар як шаҳрванди кишварамон дошта бошад. Ҳар як миллат худро беҳтар аз миллати дигар медонад, ки ин қадами аввалин дар роҳи ватандӯстист. Дар кишвари мо ташаккул ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ дар партави сиёсати Пешвои миллат идома дорад. Имрӯз ва дар ибтидо таъмини истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ вазифаҳои стратегии таъмини амнияти дохилию хориҷӣ мебошанд.

**Калидвожаҳо:** давлат, амният, Пешвои миллат, Президент, миллат, илм, илми дақиқ, стратегия, консепсия, математика, информатика, технология, иқтисод, экология, мушкилоти глобалӣ, инсон, оби тоза, пиряхҳо, табиат.

## РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В УКРЕПЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ – РАЗВИТИЕ ТОЧНЫХ НАУК ДЛЯ ПРОГРЕССА И БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье представлена важность роли Лидера нации в укреплении национальной государственности. Изучая наставления и руководства нашего уважаемого лидера Эмомали Рахмона, можно показать в этой статье, что для продвижения мирной жизни таджикского народа развитие точных наук должно стоять на первом месте. Авторы отмечают, что единство и самосознание всегда играли ключевую роль в формировании нации. Оружие, власть и капитал не имеют ценности, когда в обществе нет места самосознанию, единству и взаимопониманию. Сегодня мы гордимся миром и спокойствием, укреплением государственности нашего народа. Самая большая и признанная гордость – это национальная гордость, которая должна быть у каждого гражданина нашей страны сегодня. Каждый народ думает, что он лучше другого народа, что является первым шагом на пути патриотизма. В нашей стране продолжается государственное становление и укрепление устоев национального государства в свете политики Лидера нации. Сегодня и изначально обеспечение энергетической независимости, обеспечение продовольственной безопасности и преодоление коммуникационного тупика являются стратегическими задачами обеспечения внутренней и внешней безопасности, которая является образом нашего национального государства, с гордостью народ Таджикистана целенаправленно идет вперед.

**Ключевые слова:** конституция, государство, безопасность, Лидер нации, президент, нация, наука, точная наука, стратегия; концепция; математика, информатика, технология, экономика, экология, глобальная проблема, человек, чистая вода, ледники, природа.

**THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN STRENGTHENING NATIONAL STATEHOOD - THE DEVELOPMENT OF EXACT SCIENCES FOR THE PROGRESS AND SECURITY OF TAJIKISTAN**

This article presents the importance of the role of the leader of the nation in strengthening national statehood. By studying the instructions and guidance of our esteemed leader Emomali Rahmon, we can prove in this article that in order to promote the peaceful life of the Tajik people, the development of the exact sciences should come first. The authors note that unity and self-consciousness have always played a key role in the formation of a nation. Weapons, power and capital have no value when there is no place in society for self-consciousness, unity and mutual understanding. Today we are proud of the peace and tranquility, the strengthening of the statehood of our people. The biggest and most recognized pride is national pride, which every citizen of our country should have today. Each nation thinks that it is better than another nation, which is the first step on the path of patriotism. In our country, the state formation and strengthening of the foundations of the national state continues in the light of the policy of the leader of the nation. Today and initially, ensuring energy independence, ensuring food security and overcoming the communication deadlock are strategic tasks for ensuring internal and external security, which is the image of our national state. That is, with the pride of this people, Tajikistan purposefully moves forward..

**Keywords:** constitution, state, security, leader of the nation, president, nation, science, exact science, strategy; concept; mathematics, computer science, technology, economics, ecology, global problem, man, clean water, glaciers, nature.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Элназаров Давлатшо Хоҷаевич*** **-** Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30. Телефон: **918-61-19-15.** E-mail: **sabkar@list.ru**
***Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович*** **-** Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30. Телефон: **917-75-35-50.** E-mail: **mirzovali@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Эльназаров Давлатшо Ходжаевич*** **-** Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор юридических наук, доцент, заведующий кафедрой государственно-правовых дисциплин юридического факультета. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мирзо Турсунзаде, 30. Телефон: **918-61-19-15**. E-mail: **sabkar@list.ru**
***Хакимов Мирзовали Кодирович*** **-** Российско-Таджикский (славянский) университет, соискатель кафедры государственно-правовых дисциплин юридического факультета. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мирзо Турсунзаде, 30. Телефон: **917-75-35-50.** E-mail: **mirzovali@mail.ru**

**Information about authors:** ***Elnazarov Davlatsho Khodzhaevich*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, Doctor of Law, Associate Professor, Head of the Department of State and Legal Disciplines of the Faculty of Law. **Address**: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mirzo Tursunzade street, 30. Phone: **918-61-19-15.** E-mail: **sabkar@list.ru**
***Khakimov Mirzovali Kodirovich*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, applicant for the Department of State and Legal Disciplines of the Faculty of Law. **Address**: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mirzo Tursunzade street, 30. Phone: **917-75-35-50**. E-mail: **mirzovali@mail.ru**

ТДУ: 347.61 (575.3)

# УСУЛИ ТАҲЛИЛИ ГЕНДЕРӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ЗАНОН

*Раҳмон Озода Эмомалӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баробарии гендерӣ (аз англ. «gender» – ҷинс, аз лот. «genus» – ҷинс) [28] яке аз масъалаҳои мубрами илм ва амалия буда, дар маркази таваҷҷуҳи созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, давлатҳои ҷаҳон, муҳаққиқон, олимон, воситаҳои ахбори омма қарор дорад. 28-уми ноябри соли 2018 дар Тоҷикистон маъракаи ҷаҳонии «16 рӯзи фаъолият муқобили зӯроварии гендерӣ» оғоз гардид. Ин маърака ҳар сол дар ҳамаи давлатҳо бо мақсади муқовимат бо зӯроварӣ нисбат ба занону духтарон гузаронида мешавад. Маъракаи мазкур 25-уми ноябр оғоз гардида, то 10-уми декабри соли 2018 – Рӯзи ҳуқуқҳои инсон идома намуд. 25-уми ноябр дар тамоми ҷаҳон ҳамчун «Рӯзи байналмилалии мубориза барои барҳам додани зӯроварӣ нисбати занон» ҷашн гирифта мешавад.

Тибқи маълумоти Маркази иттилооти СММ, сеяки занон ва духтарони хурдсолавриди зӯроварии ҷисмонии мардон қарор мегиранд, 780 млн. занону духтарон то синни 18-солагӣ ба никоҳ дохил мешаванд, занону духтарон 71 фоизи савдои одамонро ташкил медиҳанд, зӯроварӣ нисбат ба занону духтарон яке аз сабабҳои марг ё маъюбии онҳо мебошад. Тибқи иттилои Идораи СММ оид ба маводи нашъадор ва ҷинояткорӣ, соли 2017 87 ҳазор нафар занону духтарон дар миқёси ҷаҳон кушта шуданд, 50 ҳазори онҳо аз дасти шавҳарон ё аъзои дигари оила ба қатл расонида шуданд [18].

Ҳамаи ин мисолҳо ба он далолат мекунад, ки таъмини баробарҳуқуқии мардону занон, имкониятҳои баробари иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, интихоби озоди касбу кор аз тарафи занону духтарон, кафолатҳои ҳуқуқҳои махсуси занон масъалаи мубрами сиёсати давлатҳои ҷаҳон дар соҳаи ҳуқуқҳои занон, ҳадаф ва самти афзалиятноки фаъолияти созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ маҳсуб мешавад. Ҳамаи ин масъалаҳои ҳаётан муҳим бо вазъи ҳуқуқии занон, аз ҷумла паҳлуи гендерии он робитаи зич доранд.

Паҳлуҳои гуногуни гендер, аз ҷумла мафҳуми гендер, баробарии гендерӣ, сиёсати давлатии гендерӣ, экспертизаи гендерии қонунгузорӣ, таносуби ҷинс ва гендер ва ғ. дар маркази таваҷҷуҳи олимони зиёд қарор дорад [3; 6; 9; 10; 11; 12; 22; 26; 31].

Тавре муҳаққиқон қайд мекунанд, солҳои охир усули муштараки байниилмии гендерӣ ва «назарияи гендерӣ», ки ба шарҳи гуногуни мафҳумҳои «ҷинс» ва «гендер» такя доранд, бештар истифода мешавад. Усули гендерӣ барои таҳқиқи муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ истифода мешавад. Аз усули мазкур дар илмҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, иқтисодӣ ва дигар истифода мебаранд. Усули номбурда дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ зимни таҳқиқоти вазъи ҳуқуқии мардону занон, таърихи ташаккулу инкишофи ҳуқуқҳои занон солҳои охир васеъ истифода мешавад.

Назарияи гендерӣ паҳлуҳои гуногун дорад. Ба ақидаи муҳаққиқон, гендер сифатҳои шахсии равонӣ, фарҳангӣ, иҷтимоии мардон ва занонро муайян мекунад [3,с.9,10]. Барои ҳамин, усули гендериро зимни таҳқиқи муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ истифода намудан мумкин аст.

Дар заминаи истифодаи васеи усули гендерӣ мафҳуми «муносибатҳои гендерӣ» дар илм истифода мешавад. Муносибатҳои гендерӣ паҳлуҳои гуногун дорад, чунки дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа инкишоф меёбад. Асосан, сатҳи ҷамъиятӣ, оилавӣ ва шахсии муносибатҳои гендерӣ ҷудо карда мешаванд. Илова бар ин, муносибатҳои гендерӣ ҷанбаҳои равонӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ғ. дорад.

Ба андешаи муҳаққиқон, субъектони муносибатҳои гендерӣ аз як тараф мардону занон ё гурӯҳҳои гендерӣ, аз тарафи дигар давлат маҳсуб мешавад. Давлат муносибатҳои гендериро тавассути қонунгузорӣ ва дар партави сиёсати давлатӣ, ки

заминаи онро тасаввуроти гендерӣ ва идеологияи гендерӣ (анъанавӣ ва эгалитарӣ) ташкил медиҳад, танзим мекунад [14,с.21].

Гендер усули методологии таҳқиқоти илмӣ буда, дар робита бо мафҳумҳо ва проблемаҳои гуногуни илмӣ, аз қабили таърихи муносибатҳои гендерӣ, инкишофи назарияҳои гендерӣ, ҷанбаҳои фалсафии баробарии гендерӣ, таҳқиқоти гендерии фарҳанг, фарҳанги гендерӣ, таснифоти гендерии ҷомеа, навъҳои гендерии фарҳанг, ҷомеагардии гендерӣ, таҳсилоти гендерӣ, нобаробарии гендерии падидаҳои иқтисодӣ, таҳлили гендерии фаъолияти иқтисодӣ, таҳқиқи гендерии бозори меҳнат, таҳлили гендерии таъминоти иҷтимоӣ, паҳлуҳои равонии муносибатҳои гендерӣ ва дигар истифода мешавад. Усули гендерӣ дар таҳқиқоти ҳуқуқӣ, аз ҷумла зимни тақиқоти ҳуқуқҳои занон, баробарии гендерӣ, баробарҳуқуқии гендерӣ, таҳлили гендерии қонунгузорӣ ва дигар мавриди истифода қарор дода мешавад.

Тавре маълум мешавад, усули таҳлили гендерӣ дар ҳамаи соҳаҳои таҳқиқоти илмӣ истифода мешавад. Тақиқоти гендерӣ аз ҷумлаи усули методологии илмӣ пазируфта мешавад. Аз ин хотир, усули номбурда зимни таҳқиқи илмии вазъи ҳуқуқии занон низ бояд истифода гардад.

Таҳқиқоти гендерӣ бо таҳлили вазъи занон, баррасии масъалаҳои гуногуни занон, аз ҷумла ҳуқуқҳои занон, табъизи занон, фаъолияти меҳнатии занон ва ғайра алоқамандӣ дорад. Чунин таҳқиқоти илмӣ дар кишварҳои гуногун анҷом дода мешавад. Чунончи, дар ИМА таҳқиқоти гендерӣ дар робита бо вазъи занон солҳои 1960-1970-ум вусъат ёфта, таҳлили илмии масъалаи занон дар донишгоҳҳои амрикоӣ ба роҳ монда шуд, Ассотсиатсияи миллии таҳқиқоти занон таъсис дода шуд. Солҳои 1980-ум пажуҳишгоҳҳо ва марказҳои таҳқиқотӣ ба фаъолият шуруъ кард, аз ибтидои солҳои 1990-ум инҷониб масъалаҳои байналмилалии вазъи занон дар иртибот бо ҷаҳонишавӣ таҳқиқ карда мешавад [32].

Аммо дар ҳаёти имрӯза дар ИМА ва Аврупои Ғарбӣ таҳқиқоти гендерӣ аз таҳқиқоти масъалаи занон ҷудо карда мешавад, чунки зимни таҳлилҳои гендерӣ дар баробари масъалаи занон, инчунин як қатор масъалаҳои нав, аз қабили ҳаракати феминистӣ, вазъи мардон, намояндагони ақаллиятҳои ҷинсӣ, ташаккули ҷинси «сеюм» ва ғайра омӯхта мешаванд.

Усули таҳқиқоти гендерӣ бо тавсифи мафҳумҳои «ҷинс» ва «гендер» асос меёбад. Ба андешаи муҳаққиқон, «ҷинс» мафҳуми анотомӣ-биологӣ буда, мансубияти ҷинсии шахсро муайян мекунад. Гендер бошад, мафҳуми иҷтимоӣ-фарҳангӣ буда, нақш, амали гуногуни мардон ва занон, сифатҳои равонии онҳоро ба инобат мегирад. Илова бар ин, мафҳуми «гендер» тафовути ҷинсии мардон ва занонро инкор накарда, айни замон сифатҳои иҷтимоии онҳоро, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд, ба инобат мегирад. Мафҳуми зикршуда нобаробарии ҳуқуқии мардон ва занонро дар иртибот бо имтиёзҳои ҳуқуқии занон, сифатҳои масуси физиологии онҳо, кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои занонро ба меҳнат, ба таҳсил, ба фаъолияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра инъикос мекунад [22; 25; 26; 29].

Дар Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба пешгирӣ ва мубориза бо зӯроварӣ нисбати занон ва зӯроварӣ дар оила, мафҳуми «гендер» ба маънои зайл истифода мешавад: «Нақши аз лиҳози иҷтимоӣ муайянгардида, рафтор, фаъолият ва тавсифоте, ки ҷомеаи муайян онҳоро ба мардон ва занон мансуб медонад» [16].

Тавре мушоҳида мегардад, гендер ба маънои падидаи на биологии воқеӣ, балки иҷтимоӣ шарҳ дода мешавад. Он нақш, рафтор ва фаъолияти гуногуни мардон ва занонро ба инобат мегирад. Чунин мафҳум дар навъҳои гуногуни ҷомеа бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти мардон ва занон истифода мешавад. Ҳар ҷомеа мафҳуми ба худ хоси гендерро муайян намуда, аз он истифода мекунад. Ба ибораи дигар, гендер ҳамчун падидаи таърихан ташаккулёфта, натиҷаи дарки ақлонии одамон оид ба нақш ва фаъолияти мардону занон баромад мекунад.

Дар ҳуҷҷатҳои "Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ" мафҳумҳои «гендер» ва «ҷинс» бо назардошти хусусиятҳои иҷтмоӣ ва биологӣ аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Аз ҷумла «ҷинс» сифатҳои биологӣ ё тавлидии мардон ва занон, «гендер» бошад, сифатҳои иҷтимоӣ ё дар ҷомеа соҳибгаштаи онҳоро ифода мекунад. Одамон

мард ва зан таваллуд шуда, дар ҷараёни ҳаёти ҷамъиятӣ сифатҳои ба худ хос пайдо мекунанд, ки фардияти гендерии мардон ва занон, нақши гуногуни гендерии онҳоро дар ҷомеа муайян мекунад [4].

Тавре мушоҳида мешавад, Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ низ мафҳумҳои «гендер» ва «ҷинс»-ро дар робита бо моҳияти биологӣ ва иҷтимоияшон фарқ мекунад. Агар ҷинс падидаи биологӣ буда, зимни таваллуди инсон муайян карда шавад, пас, мардон ва занон дар ҳаёти ҳамарӯзаи ҷамъиятӣ, дар оила, мактаб, муассисаҳои дигари таълимӣ, дар коллективҳои гуногун сифатҳои ба худ хоси гендериро пайдо мекунанд. Ин сифатҳои гендерӣ на дар лаҳзаи таваллуд, балки зимни ҳаёту фаъолияти минбаъда дар ҷомеа ташаккул ёфта, амалӣ карда мешаванд. Мардон ва занон дар робита бо ин сифатҳои ба худ хоси гендерӣ дар ҷомеа нақши гуногуни гендериро амалӣ мекунанд, фаъолияти муайянро анҷом медиҳанд.

Одатан, мансубияти ҷинсии инсон дар заминаи ду ҷинси маъмулӣ – мард ва зан муайян карда мешавад. Айни замон мансубияти ҷинсии мардон ва занон таърихан ташаккул ёфта, бар замми ин, хусусиятҳои фарҳанг ва тамаддунҳои гуногунро инъикос мекунад. Чунончи, ба андешаи як қатор антропологҳо, дар фарҳанги ғарбӣ, аз замони атиқа то асри XVII танҳо ҷинси мард эътироф карда мешуд ва танҳо дар асри XVIII ҷинси зан дар баробари ҷинси мард пазируфта шуд [2,с.29].

Чунин ҳолат боиси он мегардад, ки дар тули асрҳо ба баробарии мардон ва занон низ таваҷҷуҳ зоҳир карда намешавад. Тавре О.А. Воронина қайд мекунад, то асри XVIII, то оғози ҳаракати ҷамъиятӣ барои ҳимояи ҳуқуқи занон, масъалаи баробарии мардон ва занон баррасӣ нашуда буд [8,с.7].

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми гендер ба ҳайси падидаи назариявӣ таҳқиқ карда мешавад. Агар ҷинс падидаи воқеии табиӣ бошад, пас, гендер мафҳумест, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ ё дар раванди ҳаракатҳои занон, аз он ҷумла ҳаракати феминистӣ пешкаш ва истифода мешавад. Ҷонибдорони ин нуқтаи назар ба хулоса меоянд, ки гендер падидаи на воқеӣ, балки мафҳуми назариявӣ ё намунаи муносибатҳои байни мардону занон мебошад. Дар натиҷа мафҳумҳои «ҷинси биологӣ» ва «ҷинси иҷтимоӣ» ё гендер аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Чунин ақидаро Р.К. Овчаренко пешкаш мекунад. Ба андешаи ӯ, гендер ин «намунаи муносибатҳои иҷтимоии байни мардон ва занон мебошад, ки дар робита бо ҷомеагардӣ, муносибати тарафайни шахсӣ тавассути омили ҷинсӣ ва тафовути гендерӣ пайдо мешавад» [21,с.10].

Дар «Қонуни намунавӣ дар бораи кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои баробар ва имкониятҳои баробар барои мардон ва занон», ки дар ҷаласаи 26-уми Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 18-уми ноябри соли 2005 қабул шудааст, мафуми «гендер» чунин шарҳ дода мешавад: «Ҷанбаи иҷтимоии муносибатҳои байни мардон ва занон, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, аз он ҷумла сиёсат, иқтисодиёт, ҳуқуқ, идеология ва фарҳанг, таҳсилот ва илм зоҳир мешавад» [19].

Як қатор муҳаққиқони хориҷӣ робитаи байни ҷинс ва гендерро ба ҳайси категорияҳои ба ҳам наздик қайд мекунанд. Ба андешаи онҳо, категорияҳои зикршуда бо ҳамдигар зиддият надошта, ҳамдигарро истисно намекунанд, зеро тавсифи биологии гендер, ки то замони муосир бо мафҳуми танҳо «ҷинс» анҷом дода мешуд, акнун таносуби байни моҳияти биологӣ ва муҳити иҷтимоиро ба инобат мегирад [17].

Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ, гендер маҷмуи меъёрҳои иҷтимоӣ ва фарҳангие мебшад, ки бо назардошти мансубияти ҷинсии одамон риоя карда мешавад. Дар натиҷа чунин хулоса пешниҳод мешавад, ки «на ҷинс, балки меъёрҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ хусусиятҳои равонӣ, навъи амал, намуди фаъолият, касби занон ва мардонро муайян мекунад» [20,с.46].

Чунин мафҳум дар Фарҳанги истилоҳоти гендерӣ низ истифода мешавад. Дар он гендер ба маънои зайл шарҳ дода мешавад: «Маҷмуи меъёрҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки онҳоро ҷомеа ба зиммаи одамон бо назардошти мансубияти ҷинсии онҳо мегузорад» [7,с.20-24].

Дар ин замина аксарияти муҳаққиқон гендерро ба ҳайси падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ шарҳ медиҳанд. Чунончи, Ю.А. Тишкина менависад, ки «сифатҳои равонӣ, намунаи рафтор, намудҳои амал, фаъолияти касбии занон ва мардон на бо ҷинси

биологӣ, балки дар робита бо меъёрҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар ҷомеа пазируфта мешаванд, муайян карда мешавад» [27,с.59].

Бо назардошти моҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии гендер дар адабиёти илмӣ масъалаи ташаккулу инкишофи гендерии шахс дар робита бо мансубияти ҷинсии онҳо таҳқиқ карда мешавад. Ташаккули гендер ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷузъи раванди ҷомеагардии шахс маҳсуб мешавад. Тавре маълум аст, раванди мазкур дар заминаи маҷмуи меъёрҳо, қоидаҳо, арзишҳои иҷтимоӣ, аз қабили ахлоқ, дин, одату анъанаҳо, фаъолияти меҳнатӣ, ҷамъиятӣ, касбӣ, таҳсил ва ғайра сурат мегирад. Ҷомеагардии гендерӣ бо дарназардошти мансубияти ҷинсии шахс, сифатҳои шахсии фарққунандаи мардон ва занон, гуногунии табиати биологиву физиологии онҳо сурат мегирад. Чунончи, тарбияи духтарон аз синни кӯдакӣ дар оила, мактаб, муҳити иҷтимоӣ дар Тоҷикистон бо назардошти анъанаҳои миллӣ, меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ, эстетикӣ, динӣ ва ғайра ба вуқуъ мепайвандад. Аз ҷумла омода намудани духтарон ба ҳаёти минбаъдаи оилавӣ, таваллуду тарбияи фарзанд, пешбурди ҳаёти оилавӣ, тайёр намудани таом, муносибати хуб бо шавҳар, дӯзандагӣ ва ғайра қисми ҷудонашавандаи ҷомеагардии гендерии онҳо маҳсуб мешавад. Аз ин хотир, ҷомеагардии гендерии духтарон ва писарон аз синни кӯдакӣ хусусиятҳои вазъи иҷтимоии онҳоро ба инобат мегирад.

Дар адабиёти илмӣ ба масъалаи зикршуда таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Аз ҷумла, принсипҳои зерини ҷомеагардии гендерӣ пешниҳод мешаванд: ба инобат гирифтани тафовути мардон ва занон; таваҷҷуҳ ба вазифаҳои мардон ва занон дар ҳаёти оилавӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ бо назардошти баробар намудани нақши иҷтимоии онҳо; ҳавасманд намудани фаъолият ва машғулиятҳо дар робита бо мансубияти ҷинсӣ; интихоби намуди фаъолият бо назардошти мансубияти ҷинсӣ; ба инобат гирифтани нақши мардон ва занон дар ҳаёти оилавӣ дар робита бо анъанаҳои фарҳангӣ; ба инобат гирифтани тафовути фаъолияти меҳнатӣ, ҷамъиятӣ, касбӣ, молиявии мардон ва занон [13; 23; 30].

Дар баробари ҷомеагардии гендерии анъанавӣ, ки ба истифодаи васеи анъанаҳо, меъёрҳои маъмулии ахлоқӣ, эстетикӣ ва дигар асос меёбад, дар адабиёти илмӣ ҷомеагардии гендерии ғайрианъанавӣ низ таҳқиқ карда мешавад. Самти мазкури таҳқиқоти илмӣ бо назардошти инкишофи ҳаёти ҷомеа, дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, машғул шудани занон бо намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ, иштироки васеи онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, дар идоракунии давлатӣ ва ғайра рушд мекунад. Тавре маълум аст, имрӯз занон дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигар вазифаҳои давлатӣ ва маъмуриро ишғол мекунанд, фаъолона ба соҳибкорӣ ва намудҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ машғул мешаванд, дар ҳаёти сиёсӣ ширкат меварзанд, фаъолияти меҳнатӣ, ҷамъиятӣ, касбӣ, хизматӣ ва дигарро ба роҳ мемонанд, дар мусобиқаҳои варзишӣ ҷойҳои намоёнро соҳиб мешаванд.

Дар иртибот бо ин раванди нави ҳаёти ҷомеа масъалаи ҷомеагардии гендерии ғайианъанавӣ васеъ таҳқиқ карда мешавад [1; 5; 15; 24]. Ҷомеагардии гендерии ғайрианъанавӣ бо истифода аз меъёрҳои нави иҷтмоӣ, талаботи ҳаёти ҷомеа, ниёзи духтарону занон, сиёсати давлати Тоҷикистон оид ба ҷалби бештари духтарону занон ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ба роҳ монда мешавад.

Айни замон меъёрҳои нави иҷтимоӣ, ки имрӯз дар робита бо муносибатҳои нави ҷамъиятӣ истифода мешаванд, набояд хилофи анъанаҳои миллӣ бошанд. Намудҳои нави фаъолияти меҳнатӣ, касбӣ, иқтисодӣ, ки ҳоло мушоҳида мешаванд, боиси тағйири шуури ҷамъиятии аъзои ҷомеа, на танҳо духтарну занон, балки писарону мардон шуда метавонанд. Чунончи, фаъолияти озоди иқтисодӣ, аз як тараф, барои рушди иқтисодиёти кишвар аҳаммияти калон дошта, айни замон раванди мазкур боиси ташаккули талабот ва ниёзи нав, аз қабили ҳарисӣ, исрофкорӣ, молпарастӣ, кӯшиши ба даст овардани даромади муфт ва дигар шуда метавонад. Чунин тамоюли манфӣ ба шуур ва ҳолати равонии духтарону писарон таъсир мерасонад. Илова бар ин, ворид шудани фарҳанги бегона, меъёрҳо, қоидаҳо, таассуроти нав ба шуури духтарон ва писарон таъсири манфӣ расонида, ҷомеагардии гендерии онҳоро дар натиҷаи сарфи назар намудани анъанаҳои миллӣ халалдор мегардонад. Барои ҳамин, раванди

ҷомеагардии гендерӣ дар Тоҷикистон бояд дар мувофиқа бо анъанаҳои миллӣ сурат гирад.

Бо назардошти андешаҳои зикршуда принсипҳои зерини ҷомеагардии гендериро пешкаш намудан мувофиқи мақсад аст:

- баробарии гендерӣ;
- аз байн бурдани тафовути нақши иҷтимоии мардону занон;
- интихоби озоди касбу кор аз ҷониби духтарону занон;
- таъмини имкониятҳои баробар барои мардон ва занон;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти ҷамъиятӣ, меҳнатӣ, касбии духтарону занон;
- ҷалби духтарону занон ба ҳаёти сиёсӣ, хизмати давлатӣ;
- кафолатҳои ҳуқуқҳои занон;
- амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои занон, ки иштироки онҳоро дар муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар эъмори давлати ҳуқуқбунёди демократӣ, дар рушди иқтисоди бозаргонӣ, дар эҷоди фарҳангӣ, илмӣ, техникӣ таъмин мекунанд;
- мутобиқ намудани меъёрҳои нави иҷтимоӣ ба анъанаҳои миллӣ;
- ҳимояи фарҳанги миллӣ, анъанаҳои миллӣ дар соҳаи оиладорӣ, тарбия ва таълими фарзанд;
- муқовимат ба воридшавии фарҳанги бегона ва меъёрҳои нав, ки боиси халалдор гаштани ҷомеагардии гендерии духтарон ва занони маҳаллӣ шуда метавонанд.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ - Азиззода У.А.**

**АДАБИЁТИ**


1. Белинская Е.П. Социальная психология личности / Е.П. Белинская, О.А. Тихомандрицкая: Учебное пособие для вузов. -М.: Аспект Пресс, 2001. -357 с.
2. Бутовская М.Л. Антропология пола. Фрязино: Век, 2. – 2013. – 256 с.
3. Введение в гендерные исследования / Под общ. ред. И.В. Костиковой. – М., 2005. – 255 с.
4. Включение гендерной проблематики в деятельность ВОЗ. Гендерная политика ВОЗ. Всемирная организация здравоохранения, 2002. -С.5. [Электронный ресурс]: URL: http: // who.int /gender/ documents/ rupolisy.pdf (дата обращения 18.11.2018).
5. Волынская Л.Б. Нерешенные психологические задачи детства в определении ценностно-смысловой структуры личности в дальнейшем / Л.Б. Волынская // Мир психологии. - 2004. -№1. -С.114-121.
6. Воронина О.А. Политика гендерного равенства в современной России: проблемы и противоречия // Женщина в российском обществе. – 2013. - № 3. – С. 11-17.
7. Воронина О.А. Тендер / О.А. Воронина // Словарь гендерных терминов / Под ред. А.А. Денисовой. – М.: Информация - XXI век, 2002. – 256 с.
8. Воронина О.А. Феминизм и гендерное равенство. – М.: Эдиториал УРСС, 2003. – 320 с.
9. Гахраманова Г.Н. Определение понятия «гендер»; социальный и биологический пол человека // Вектор науки ТГУ. Серия: педагогика и психология. – 2015. - № 1 (20) – С. 23-29.
10. Гендерная экспертиза российского законодательства / Отв. ред. Л.Н. Завадская. – М.: БЕК, 2001. – 272 с.
11. Какителашвили М.М. О дискриминации по гендерному принципу // Законы России: опыт, анализ, практика. – 2016. – № 6. – С. 43-51.
12. Климашевская О.В., Крутов А.В. Гендерная политика государства: генезис понятия // Женщина в российском обществе. – 2010. – № 4. – С. 22-31.
13. Клецина И. С. Тендерный подход в анализе социализации в период дошкольного детства / И. С. Клецина // Психолог в детском саду. - 2012. -№1. -С.12-24.
14. Клецина И.С. Психология гендерных отношений: автореф. дис…канд. психолог. наук. / специальность 19.00.05 – социальная психология / Ирина Сергеевна Клецина. – СПб., 2004. – 40 с.
15. Климина Л. Теоретические основы реализации тендерного подхода в современном дошкольном образовательном учреждении / Л. Климина // Дошкольное воспитание. — 2012. — № 5. — С. 91-97.
16. Конвенция Совета Европы по предотвращению и борьбе с насилием в отношении женщин и насилием в семье (Стамбул, 11 мая 2011 г.). [Электронный ресурс]: URL: https://rm.coe.int/168046253f (дата обращения 27.04.2023).
17. Лорбер Дж., Фаррел С. Принципы гендерного конструирования // Хрестоматия феминистских текстов. Переводы / Под ред. Е. Здравомысловой, А. Темкиной. – СПб: «Дмитрий Буланин», 2000. – С. 187-188.
18. Маркази иттилоотии СММ: [Манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://nm.tj/society/52525-gensek-oon-ravnopravie-zhenschin-dannost-a-nasilie-nad-nimi-pozornoekleymo.html (санаи муроҷиат 11 декабри соли 2018).
19. Модельный закон «О государственных гарантиях равных прав и равных возможностей для мужчин и женщин». Принят на 26 пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ

Постановлением № 26-11 от 18 ноября 2005 года: [Электронный ресурс]: URL: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30161739#pos=10;-56 (дата обращения 17.07.2023)
20. Ҳуқуқи занон / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Холиқов А.Ғ., Диноршоев А.М. -Душанбе, 2010. -284 с.
21. Овчаренко Р.К. Гендерные отношения на государственной службе: проблемы регуляции: автореф. дис… канд. социологических наук / специальность 22.00.08 – социология управления / Роман Константинович Овчаренко. – Ростов-на-Дону, 2003. – 25 с.
22. Поленина С.В., Скурко Е.В. Право, гендер и культура в условиях глобализации. - М.: Формула права, 2009. – 192 с.
23. Семенова Л.Э. Воспитание современных девочек и мальчиков с позиций тендерного подхода / Л. Э. Семенова, В. Э. Семенова // Тендерная психология. Практикум / Под ред. И. С. Клециной. - 2-е изд. -СПб.: Питер, 2009. -С. 211-234.
24. Семенова Л.Э. Тендерный подход как одно из условий модернизации современного дошкольного образования, определяемой Федеральными государственными требованиями / Л.Э. Семенова, В.Э. Семенова // Дошкольная педагогика. - 2011. -№ 7. -С. 8-11.
25. Тендерная история: Pro et contra. Межвузовский сборник дискуссионных материалов и программ – СПб.: Нестор, 2000. – 233 с.
26. Тендерные исследования. Региональная антология исследований из восьми стран СНГ. – М., 2006. – 114 с.
27. Тишкина Ю.А. Гендерная социализация дошкольников в условиях введения ФГОС ДО // Нижегородское образование. – 2015. – № 3. – С. 59-63.
28. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / Тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. – Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ. – Душанбе, 2008. – 950 с.
29. Шинкаренко К.И. Правовое положение женщин в Индии: традиционализм и современность: дис. … канд. юрид. наук / Специальность 12.00.01 / Кирилл Игоревич Шинкаренко. -М., 2010. – 192 с.
30. Штылева Л.В. Фактор пола в образовании: гендерный подход и анализ / Л.В. Штылсва. -М.: ПЕР СЭ, 2008. – 316 с.
31. Юкина И.И. Двуликий Янус гендерной политики в России // Женщина в российском обществе. – 2013. -№13. – С. 33-39.
32. Ярская-Смирнова Е. Возникновение и развитие гендерных исследований в США и Западной Европе // Введение в гендерные исследования. Ч. 1: Учебное пособие / Под ред. И.А. Жеребкиной. –Харьков: ХЦГИ, 2001; СПб.: Алетейя, 2001. –С. 17-49.

## УСУЛИ ТАҲЛИЛИ ГЕНДЕРӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ЗАНОН

Дар мақола таъмини баробарҳуқуқии мардону занон, имкониятҳои баробари иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, дар интихоби озоди касбу кор аз тарафи занону духтарон, кафолатҳои ҳуқуқҳои махсуси занон ҳамчун масъалаи мубрами сиёсати давлатҳои ҷаҳон дар соҳаи ҳуқуқҳои занон, ҳадаф ва самти афзалиятноки фаъолияти созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки бо вазъи ҳуқуқии занон, аз ҷумла паҳлуи гендерии он робитаи зич доранд, таҳқиқ мешавад. Ба паҳлуҳои гуногуни гендер, аз ҷумла мафҳуми гендер, баробарии гендерӣ, сиёсати давлатии гендерӣ, экспертизаи гендерии қонунгузорӣ, таносуби ҷинс ва гендер таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Собит мегардад, ки солҳои охир усули муштараки байниилмии гендерӣ ва «назарияи гендерӣ», ки ба шарҳи гуногуни мафҳумҳои «ҷинс» ва «гендер» такя доранд, бештар истифода мешавад. Усули гендерӣ барои таҳқиқи муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ истифода мешавад. Аз усули мазкур дар илмҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, равншиносӣ, иқтисодӣ ва дигар истифода мебаранд.

**Калидвожаҳо:** гендер, усули таҳлили гендерӣ, методология, вазъи ҳуқуқии занон, муносибатҳои гендерӣ, ҷомеагардии гендерӣ.

## ГЕНДЕРНЫЙ ПОДХОД КАК МЕТОДОЛОГИЧЕСКАЯ ОСНОВА ИССЛЕДОВАНИЯ ПРАВОВОГО СТАТУСА ЖЕНЩИН

В статье исследуется обеспечение равноправия мужчин и женщин, их равные возможности по участию в общественной и государственной жизни, в свободном выборе специальности и труда со стороны женщин и девушек, гарантии специальных прав женщин как актуальной проблемы политики государств мира в сфере прав женщин, цели и приоритетного направления деятельности международных организаций, связанные с правовым статусом женщин, в частности, их гендерными аспектами. Обращается внимание на различные аспекты проблемы гендера, в частности, понятие гендера, гендерное равенство, государственная гендерная политика, гендерная экспертиза законодательства, соотношение пола и гендера. Обоснован вывод о том, что в последние годы широко применяется междисциплинарный гендерный подход и «гендерная теория», основанные на различном толковании понятий «пол» и «гендер». Гендерный подход используется при исследовании социальных, экономических, политических, культурных отношений, в философии, политологии, социологии, психологии, экономических и иных науках.

**Ключевые слова**: гендер, гендерный подход, методология, правовой статус женщин, гендерные отношения, гендерная социализация.

**GENDER APPROACH AS METHDOLOGICAL BASE OF THE STUDY OF THE LEGAL STATUS OF THE WOMANS**

In article is researched ensuring the equality mans and womans, their even chances on participation in public and state life, in free choice of the professions and labour on the part of womans and girl, warranties of the special rights of the womans as actual problem politicians state of the world in sphere of the rights of the womans, purposes and priority direction to activity international organization, connected with legal status of the womans, in particular, their gtender aspect. Addresses attention on different aspects of the problem gtender, in particular, notion gtender, gtender equality, state gtender policy, gtender expert operation legislation, correlation flap and gtender. The Motivated conclusion about that that at the last years is broadly used mixed scientific gtender approach and "gtender theory", founded on different interpretation notion "floor" and "gtender". Gender approach is used at study social, economic, political, cultural relations. The Specified approach is used in political science, sociologies, psychologies, economic and other science.

**Keywords**: gtender, gtender approach, methodology, legal status of the womans, gtender relations, gtender socialization.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳмон Озода Эмомалӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Рахмон Озода Эмомали*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры теории и истории государства и права, юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author**: ***Rahmon Ozoda Emomali*** - Tajik National University, doctoral student of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law. **Address**: 734025, the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

ТДУ: 341.3(575.3)

# ҶОЙГОҲИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ОСОРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

*Азиззода У.А., Калонов Ф.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Инсоният дар ҳама давру замон аз омӯзиши дастовардҳои беҳтарини гузаштагони худ баҳраманд гардида, воқеияти имрӯзаи худро месозад ва дар заминаи таҷрибаи рӯзгори хеш бароиояндагон роҳи суфташудаи зиндагиро мекушояд. Барои расидан ба ин дастовардҳо дар таърих, аз он ҷумла таърихи халқи тоҷик, фарзандони содиқи миллат таълифоту роҳкушоиҳои илмии бешуморе кардаанд, ки барои фарзандони ин халқи қадимбунёд ва кулли башарият асрҳост хизмат карда истодаанд. Мубрамияти махсусро омӯзиши таърихи таълимоти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар ин давраи басо сангини ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо, ки таҳдидҳои ҳарҷонибаро ба ҳаёти маданӣ, ахлоқу дин, сиёсату ҳуқуқ ва дигар арзишҳои миллӣ доро мебошад, касб менамояд. Аз ҷониби дигар, моҳияти меросияти таърихии тамаддун ва фарҳанги миллӣ ҳамчун қонунияти воқеии инкишофи ҷамъияти инсонӣ дар истифода ва татбиқи дастовардҳои бузурги илмию маънавии гузаштагон дар шароити кунунии рушди ҷомеа инъикос меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки дастовардҳои бузурги илмию фарҳангии наслҳои гузаштаи халқи тоҷик кайҳо ҳамчун дастовардҳои илми ҷаҳонӣ пазируфта шуда, дар ғанигардонии фарҳанги ҷомеаи инсонӣ хизмат намуда истодаанд. Эҷодиёти мутафаккирони Шарқ, аз он ҷумла афкори мутафаккирони тоҷик, ба монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Ҳофиз, Ҷомӣ, Кошифӣ, Хисрав, Алии Ҳамадонӣ ва дигарон ифодагари ғояҳои асосии инсонӣ, ба монанди адолат, инсондӯстӣ, озодандешӣ, ватандӯстӣ ва дигар арзишҳои тарбиявию илмӣ буда, аз ҷониби наслҳои имрӯза барои пешрафт ва сохтмони ҷомеаи солиму меҳанпараст васеъ истифода мегарданд. Дар ин миён афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии мутафаккири бузурги асримиёнагии форсу тоҷик Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавқеи хосро ишғол менамояд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зодаи Ҳамадон бошад ҳам, ӯ нозпарвардаи Покистон ва баъдан азизи Тоҷикистон гардидааст. Ӯ дар таърихи илму фарҳанги мардумони эронитабор ҳамчун симои намоёни ҳикмату ирфон шуҳрат касб кардааст. Мутафаккир ба забонҳои форсӣ ва арабӣ осор таълиф намуда, масъалаҳои мухталифи таърихи афкори ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва тасаввуфии ниёгон, низоми давлат, ҳуқуқҳои аҳли ҷомеа, табақаҳои гуногун, аз қабили моҳияту вуҷуд, ҳастӣ, ваҳдату касрат, ватандӯстию меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ ва шинохти ҳақ, руҳу нафс, ақл, маърифати олами руҳонӣ ва ҷисмонӣ, инсон ва таҳзиби ахлоқи ӯ ва ғайра мавриди таҳлил ва баҳсу мунозира қарор гирифтааст [4].

Чи гунае ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Халқи тоҷик ба тамаддуни башарӣ нобиғаҳоеро додааст, ки осори гаронбаҳои ҳар яки онҳо шуҳрати оламшумул пайдо карда, дар ташаккули тафаккури инсоният саҳми басо арзишманд гузоштаанд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ дар ҳамин радиф қарор дошта, дар олами адабу ирфон ҷойгоҳи махсус ва мақоми баланде дорад. Ин чеҳраи барҷаста яке аз шахсиятҳои бузург маҳсуб ёфта, на танҳо дар кишвари мо, балки дар Эрон, Покистон, Ҳиндустон ва Афғонистон ҳамчун мутафаккир ва намояндаи барҷастаи тасаввуф шинохта шуда, бо тахаллусҳои Амири Кабир, Алии Сонӣ, Шоҳи Ҳамадон ва Ҳазрати Амирҷон маъруф гардидааст ва шахсияту осораш то ба ҳол гиромӣ дониста мешавад» [23,с.11-15].

Осори пурғановати мутафаккир бо забонҳои гуногун тарҷума гардида, дар китобхонаҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Афғонистон, Покистон, Эрон, Ҳиндустон, Чин, Туркия, Россия, Шветсия, Нидерланд ва кишварҳои дигари олам ниггаҳдорӣ мегарданд, ки ҳамчун сарчашмаи таҳқиқоти илмҳои фалсафа, диншиносӣ,

сиёсатшиносӣ, таърих, ҳуқуқ, педагогика ва психология, фарҳангшиносӣ ва илмҳои дигар хизмат намуда истодаанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чунин пешбинӣ карда буд «…баъд аз фавти ман толибон пайдо мешаванд, ки аз осору расоили ман фоида гиранд ва қадри ман шиносанд» [18,с.7-8]. Дарвоқеъ, ҳикматдӯстоне дар Хуросону Мовароуннаҳр, Ҳинду Покистон ва дигар ҳудудҳои олам зуҳур карданд, ки зиндагинома, осору таълифот ва панду андарзҳои ӯро ҷамъ оварда, китобу рисолаҳои зиёдеро ба табъ расониданд, ки имрӯз на танҳо дастраси таҳқиқгарон, балки оммаи васеи мардум гаштаанд [21].

Чунончи, зиндагиномаи мутафаккирро Ҳофизи Карбалоӣ дар асари бузурги таърихии худ бо номи «Равзат-ул-ҷинон» таҳқиқ намуда, қайд кардааст, ки «Мир Саид Алӣ ибни Саид Шаҳобиддин Ҳасани Ҳамадонӣ мулаққаб ба «Амири кабир», «Алии Сонӣ» мутахаллис ба «Алӣ», маъруф ба Шоҳи Ҳамадон ва машҳур ба Мир Сайид Алӣ мебошад. Дар бораи муддати умри мутафаккир 72 сол ва таърихи вафоти ӯро соли 786 ҳиҷрӣ навиштаанд” [6,с.271-273]. Вай дар соли 713/714 мутобиқ ба 1314 милодӣ дар шаҳри Ҳамадони Эрон зода шудааст. Муҳаммад Риёз бошад, дар муқаддимаи «Мактубот» таваллуди ӯро 12 раҷаби соли 714 ҳ. мутобиқ ба 12 октябри соли 1314 милодӣ ёд кардааст. Ӯ менависад, ки таваллуди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар замони қудрати Муҳаммад 703-716 ҳ. мутобиқ ба 1303-1315 милодӣ, ҳаштумин подшоҳ аз зумраи султонҳои муғули илхонӣ ва ҳамзамон бо ҳукумати Ҷалолиддини Оқ-қуш Афрам собиқ ҳокими Сарипулӣ дар шаҳри Ҳамадон рух додааст [15,с.33].

Дар баробари ин, дар Покистону Ҳинд ӯро бо лақаби ифтихории «Шоҳ», дар Кӯлоб «Ҳазрати Амирҷон» ва Муҳаммад Алии Табрезӣ ӯро мулаққаб ба «Сиёҳпӯш» ёдовар шудааст [20,с.398; 5,с.589-594]. Сиёҳпӯш лақаб гирифтани Алии Ҳамадонӣ аз он аст, ки вай гӯё мувофиқи эътиқодаш ба марги нафсаш азо гирифта, аммомаи сиёҳ мебастааст. Шогирди вафодораш Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, ки баъдан ҷонишин ва домоди Алии Ҳамадонӣ шуда буд, ба рамзи ихлосу эътиқод ба сар аммомаи сиёҳ мебастааст [18]. Падари вай Амир Сайид Шаҳобиддин Ҳасан ибни Сайид Муҳаммад Ҳамадонӣ аз бузургони шаҳри Ҳамадон буд.

Дар бораи шарҳи ҳол ва осори Алии Ҳамадонӣ дар Тоҷикистон, Эрон, Покистон, Ҳиндустон ва дигар минтақаҳои олам китобу мақолаҳои зиёде навишта шудаанд. Вале шарҳи ҳоли мутафаккир аз ҷониби муҳаққиқи покистонӣ Равшани Оробегим, ки дар асоси давраҳои ташаккули шахсият ва фаъолияту эҷодиёти ӯ пешниҳод шудааст, ҷолиби диққат мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқ, «давраи аввал, ки миёни солҳои 714 то 723 ҳиҷриро фарогир аст (мутобиқ ба 1314-1323 милодӣ), замони таълиму тарбияти мутафаккир буда, бист соли ибтидоии зиндагии ӯро дар бар мегирад. Пас аз ҳифзи Қуръон ба аз худ кардани илмҳои дигари замонаш мепардозад.

Давраи дувуми зиндагии Алӣ Ҳамадонӣ солҳои 733 ҳиҷрӣ то 753 ҳиҷриро дар бар мегирад, ки давраи саёҳату ҷаҳонгардии мутафаккир ба шумор меравад. Ӯ ба ҳидояти муршиди худ дар соли 734 ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1334 милодӣ мусофирати суннатии аҳли тасаввуфро оғоз намуда, се маротиба ба кишварҳои мухталиф, аз қабили Ҳиҷоз, Рум, Шом (Сурия), Ироқ, Эрон, Балх, Мовароуннаҳр, минтақаҳои Ҳинду Покистон, Туркистон, Чин ва Сейлон сафар кардааст” [6,с.260].

Қобил ба тазаккур аст, ки воқеан ҳам Алии Ҳамадонӣ ба хотири иҷрои рисолати таърихии худ ба мисли дигар мутафаккирони гузашта бештари умри худро дар мусофират сипарӣ кардааст. Ӯ гоҳ ихтиёран ва гоҳе ҳам аз сабаби ноороми ва авзои Ҳамадон ба кишварҳои гуногун сафар карда, бо шахсиятҳои илму фарҳанг, дину мазҳаб ва расму оини гуногун ҳамсуҳбат шуда, аз онҳо донишу малакаи зиёд гирифтааст. Аз файзу баракати ин сафарҳо донишу ақидаҳои вай ба маротиб афзуда, такомул меёфт. Чунончи, дар ин хусус худи мутафаккир дар «Авроди фатҳия» навиштааст: «Се бор аз Машриқ ба Мағриб сафар кардам, басе аҷиб даҳру деҳ дидам ва ҳар боре ба вилояте расидам расму одати аҳли он мавқеъ тариқи дигар буданд. 1400 авлиёи комилро дарёфтам ва аз ҳар яке дониш аз бар гирифтам. Ва аз он баракот бисёр ва баҳраи бешумор баргирифтам. Ва натоиҷи ин сафарҳо бо одамони мухталиф суҳбат ва

муколимаҳо карда, усули идораи салтанат ва давлатдории кишварҳои гуногуни оламро хулоса кардам» [8,с.240].

Давраи сеюми зиндагиномаи Алӣ Ҳамадонӣ баробар ба солҳои 753 ҳиҷрӣ то 786 ҳиҷрӣ (мутобиқ ба солҳои 1353-1384 милодӣ) буда, ба таври куллӣ давраи таҳқиқ, таблиғ ва талқин ба шумор меравад. Вай барои ҷаҳонгардии худ ва таблиғу тарвиҷи суфия минтақаҳои гуногуни оламро интихоб намуда, ҳар ҷоеро, ки муносиб ва лозим медонист, марказҳои маънавӣ таъсис медод ва дар он ҷо илова ба таълиму тадрис муридону шогирдоне барои таблиғи андешаҳои худ тарбия мекард.

Мутафаккир бо вуҷуди сайру сафарҳо аз худ мероси бою ғанӣ боқӣ мондааст. Муҳаққиқон осори ӯро дар ҳудуди 200 асар нисбат медиҳанд. Асосан таълифоти ӯ аз рисолаҳои ҳаҷман хурд иборат буда, ба забони форсӣ навишта шудаанд. Лекин ба забони арабӣ низ чанд асар таълиф кардааст. Аз он ҷумла «Шарҳи асмои ҳусно», «Асрор-ун-нуқта», «Ал-муваддат фил-қурбо ва аҳл-ил-ибо», «Равзат-ул-фирдавс», «Сифат-ул-фуқаро» ва ғайра. Хосатан дар асарҳои зикршуда бисёр ақидаҳои ҳуқуқию давлатии вай инъикос ёфтаанд. Рисолаҳои мутафаккир тафсирӣ ва ирфонӣ буда, дар онҳо моҳияти таълимоти тасаввуфии мутафаккир баён шудаанд. «Асрор-ун-нуқта», «Рисолаи қуддусия», «Рисолаи вуҷудия», «Рисолаи ҳамадония», «Рисолаи ақлия», «Авроди фатҳия», «Истилоҳоти суфия», «Даҳ қоидаи суфия», «Ҳалли мушкил», «Рисолаи нафсия», «Одоб-ул-машоҳид», «Рисолаи маномия», «Рисолаи мушайнаи амирия», «Рисолаи саволот», «Чиҳил мақоми суфия», «Рисолаи дарвешия», «Рисолаи футувватия», «Машориб-ул-азвоқ», «Рисолаи зикрия», «Ас-сабъин фи фазоили Амирул муъминин» ва дигарон. Дар ин осор масъалаҳои назарию амалии тасаввуф, аз қабили ваҳдати вуҷуд, таназзул ва зинаҳои он, қавси нузул ва қавси сууд, ишқу муҳаббат, муриду муршид, холиқу махлуқ, инсон ва қувваҳои он, такмили худӣ, маърифати ҳақ ва усули воситаҳои он, одоби машоих, қоида ва мақомҳои суфия, футувват ва ғайра мавриди таҳқиқу таъкид қарор гирифтаанд [18,с.11].

Чунин масъалагузориҳо бесабаб набуд, зеро Алии Ҳамадонӣ яке аз симоҳои намоёни тасаввуф, силсилаи қубравия ба шумор рафта, вай масъалаи ҳастиро аз нуқтаи назари таълимоти ваҳдати вуҷуд ҳал кардааст, ки моҳияти ҷаҳонбинии ӯро дар бар мегирад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар таълифи осору таълимоти хеш андешаву ғояҳои зиёдеро дар масоили ҳастишиносӣ, маърифати оламу одам, зуҳур ва ҳуқуқу афзалиятҳои инсон, ташаккули низоми ҷомеаи инсонӣ, адолати иҷтимоӣ ва низоми одилонаи идораи давлатӣ ва дигар масъалаҳои мубрами замон дар доираи андешаҳои назарӣ ва амалии хеш пешкаш сохтааст.

Дар афкори сиёсию ҳуқуқии асримиёнагии форсу тоҷик Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавқеи хоссаро ишғол намуда, эҷодиёти пурғановати ӯ паҳлуҳои мухталифи низоми давлатию ҳуқуқиро фарогир мебошад. Махсусан, мутафаккир ба мавзуи тарзи амалӣ намудани низоми идоракунии давлат, ягонагии ҳокимияти динию дунявӣ, мавқеи бевоситаи сарвар дар сиёсат, саҳми соҳибмақомон дар амалисозии ҳокимият, танзими дурусти муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути меъёрҳои мухталифи динию ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибатҳои никоҳу оила, мерос, муносибатҳои молумулкӣ, ҳифзи шаъну шарафи инсон ва дигар муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ андешаҳои ҷолибу пурарзиш пешниҳод намудааст.

Мутафаккир дар доираи андешаҳои инсонпарваронаи хеш соҳибони давлат, қудратмандону мансабдорон, хосатан фақеҳони фасодкорро ба риояи ҳуқуқҳои раият ва ҳифзу нигаҳдории амнияти давлат даъват намудааст. Механизми ҳуқуқмуайянкунии ӯ асосан тавассути уҳдадор сохтани мардум ва кулли ҷомеа дар доираи рафтору амалҳои мушаххасу муайян амалӣ мегардад. Зеро дар натиҷаи амалӣ сохтани муносибат ва масъулияти муайян, қонунҳои давлат, ҳамзамон ҳуқуқи аъзоёни дигари ҷомеа низ риоя ва ҳифз карда мешаванд [13; 12].

Чандин нишондодҳое, ки асоси суботи ҷомеа, дурустии танзими муносибати ҷамъиятӣ, адолатнокии идораи давлат ва дигар муносибати инсониро дар ҷомеаи ҳамонвақта танзим менамуданд, дар осори мутафаккир ниҳону ошкоро тасвир гардидаанд. Ин арзишҳо ибодату ихлос, сабру таваккал, адабу ҳиммат, ҷидду ҷаҳд дар

кори хайр, саховат ва эҳсон, суботу оромӣ дар муносибати ҳамзистии ҷомеа, адолату авф ва шафқату марҳамат дар ҳалли баҳс ва содир намудани ҳукм, тавозуъ ва эҳтироми давлат ва ҳокимон, амонат, диёнат, вафо ва аҳд дар муомилот, таҳаммулпазирӣ дар содирот ва иҷроиши қарор, дурандешӣ ва мушоварат дар ҳалли баҳс ва масъала, шуҷоат ва ғайрат дар меҳанпарастӣ, оқилӣ дар сиёсат ва фаъолияти маъмурӣ, риояи ҳуқуқ ва манфиати раият, тарбияи шахс дар роҳи ҳақ ва расидан ба ҳақиқатро дар бар мегиранд.

Мутафаккир дар кори маъмурӣ ва сиёсат бо эҳтиром ва эҳтиёти хосса муносибат карда, барои маъмурин доштани як қатор сифатҳоро ҳатмӣ мешуморад. Дар ҳикоёт ва қисматҳои асарҳои худ ба масъалаи фақру нодорӣ ва муносибати ноадолатона бо раият, ҷабру зулми бешумор нисбат ба мазлумон, баъзе кирдорҳои бадахлоқонаи ҳокимон, роҳҳои барҳам додани нобаробарии иҷтимоӣ дар миёни аҳолӣ рӯ овардааст.

Гуногунтабъиву мухталифии қобилияти истеъдоди раият ва гуногунии мизоҷи онҳо зарурати падид омадани шоҳ ва олоти идоракунии вай – давлатро ба амал меорад, ки он, дар навбати худ, дорои тарафҳои мутақобил аст [19,с.16-18].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ масъалаҳои таърихӣ, сиёсӣ, ҳуқуқию ахлоқӣ, панду насиҳат, накукорӣ ва аз ҳама муҳим ва барои ҷомеаи имрӯзаи мо масъалаи зарурӣ, ватанпарварию хештаншиносӣ, инсондӯстию адолатпешагӣ ва дигар хислатҳои неки инсониро дар асарҳои худ таблиғ намудааст.

Аз таълимоти ӯ доир ба ҳуқуқҳои раият ва бист ҳуқуқи онҳо нисбат ба роҳбари давлат маълум мешавад, ки вай ҷонибдори адолати иҷтимоӣ ва судӣ мебошад. Мутафаккир бо баёни ин бист «ҳақ» тамоми андешаҳои худро дар бораи адолати иҷтимоӣ ба адолатнокии подшоҳ, объективии ҳокимияти судӣ ва муносибати беғаразонаи фаъолияти ҳокимияти иҷроия нисбати раияти худ бурда мерасонад [22,с.7-10].

Таҳқиқи осори мутафаккир нишон медиҳад, ки дар андеша ва ақидаҳои ӯ идеали волои инсонӣ, зебогии ахлоқии инсон, ростқавлию адолатпешагӣ, худдорӣ ва поктинатии инсон тарғиб гардида, ҳама амалҳое, ки ба инкишофи муътадили ҷомеа халал ворид мекарданд, маҳкум карда мешуданд. Кӯшишҳои доимии мутафаккир дар самти тарғиби илму фарҳанг самараи зиёди манфиатовари руҳиву амалии хусусияти тарбиявидоштаро ба нафъи мардуми ҳамон замон ва мардумони баъдии ин сарзамин боқӣ гузошт, чун онҳо ифодагари кӯшишҳои инсон баҳри расидан ба поктинатӣ, адолат ва ҳақиқат мебошанд [1,с.163].

Мутафаккир дар давраи басо барои мардуми тоҷик мураккабу мушкили кашмакашиҳои бодиянишинони муғулу турк зиндагиву эҷод намуда, доимо тавассути қоидаҳои сиёсии худ ҳокимони давр ва усули идориву роҳбарии онҳоро зери тозиёнаи танқид қарор додааст. Ҳамзамон, кӯшиш намудааст барои ҳалли мушкилоти сиёсии замон андешаҳои солими илман асоснокро пешкаш намуда бошад. Ӯ, ки яке аз шахсони маъруфи замон буду аз сиёсати давлатдорони давр норизо буд, борҳо тавассути эътирозҳои худ ба ҳокимон оид ба фаъолияти бадахлоқона ва беадолатонаи онҳо иродаи худро иброз намуда буд.

Алии Ҳамадонӣ қайд мекунад, ки амалҳои зишт ба воситаи ҳуқуқ ва меъёрҳои амалкунандаи замон манъ карда шудаанд ва содир кардани он ғайриқонунӣ дониста мешаванд. Ӯ боадолатии иҷтимоӣ медонад, ки раият ба «суханчин»-и хабаркаш, ки дар замони мо низ хеле пеш рафтааст, фош кардани «айби» мардум машғул шаванд. Ин коре аст, ки ба он «фосиқон», «соҳибғаразон», «туҳматгарон», «ҳасудон», ки шахсони фитнаҷӯй ва надоматгар буда, аз меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳои давлатӣ даст кашидаанд ва ҷамъиятро ба гурӯҳҳои бо ҳам муқобил ҷудо меандозанд, то фоидаеро ба даст биёранд. Чунин амалҳо дар рафтор ва гуфтори баъзе аз мухолифони давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон низ солҳои охир барало мушоҳида мешаванд.

Ақидаи шоҳи одил ва раиятпарвар дар боби панҷуми асари машҳури мутафаккир «Захират-ул-мулук», ки «Дар аҳкоми вилоят ва салтанат ва иморат ва ҳуқуқи раоё ва шароити ҳукумат ва хатари уҳдаи он ва вуҷуби адл ва эҳсон» номгузорӣ шудааст, хело муфассал таҳлил гардидааст [14,с.7].

Ба ақидаи мутафаккир миёни Худову олам ваҳдати ҷавҳарӣ вуҷуд дорад. Алии Ҳамадонӣ зери таъсири ҷараёни навафлотуния таъкид мекунад, ки ин олами моддӣ аксу сояи Худо буда, ҳама чиз мутобиқи хости Ӯ ва ба манфиату зарари муқаррароти Ӯ содир мегардад. Аз ин рӯ, «ҳама аз Ӯст» ва ин ҳукм бар он қазоват мекунад, ки дар ин сурат низ «ҳама Ӯст», зеро агар ҷомеа ва инсоният ғайри Ӯ (Худо) ҳастие дигар вуҷуд надошта бошад ва ҳастии имкон аз ӯ содир шавад, пас хоҳ нохоҳ ҳамаи мавҷудот танҳо Ӯст [18,с.13]. Яъне, агар амале бар хилофи муқаррароти динӣ ва зикргардидаи Худованд содир гардад, пас он амал кирдори мухолиф бар Худо дониста мешавад ва содиркунандагони он мухолифини Худо дониста мешаванд.

Дигар зуҳуроти ин замон суфизм буд, ки аслан дар ҳамин давраи таърих ба авҷи олии худ расида буд. Аслан дар аввал он ҳамчун ҷараёни эътирозӣ зуҳур намуда буд. Сабаби эътирози ин ҷараёни фалсафӣ, пеш аз ҳама, норизоги аз низоми давлатию сиёсӣ буд. Сабаби асосии васеъ доман паҳн намудани суфизм дар асри XIV ин беҳудудӣ ва бенизомӣ ва зиёдаравию ҷабру зулми ҳокимон, аз он ҷумла қатли ом намудани одамон, ғорати мардум аз ҷониби муғулҳо, муноқиша ва хунрезиҳои байнихудии ҳокимон, нобоварии мардум ба ояндаи дурахшони зиндагӣ ва м.и. гардида буд [7,с.26-27], ки дар афкори сиёсию ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ возеҳу равшан инъикос ёфтааст.

Дар ақидаҳои фалсафию сиёсӣ ва ахлоқию ҳуқуқии намояндагони ин ҷараён, ба монанди Саноӣ, Фаридаддуни Аттор, Ҷалолиддини Румӣ ва дигарон мавқеи марказиро ахлоқи ҷамъиятӣ, танқиди бераҳмӣ, дуруғгӯйӣ ва риёкорӣ, зиштӣ, зиёнкорӣ ва дигар амалҳои ношоям ва бадахлоқонаи ҳокимон ишғол намудааст.

Ақидаҳои сиёсию ҳуқуқии мутафаккирони зикршуда ба сатҳи фарҳанг ва тарбияи мардуми Шарқ, аз он ҷумла Тоҷикистон таъсири калон расонидааст. Аз як ҷониб, агар ин фазо ба шахсияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таъсири заминавӣ расонида бошад, аз ҷониби дигар, ба инкишофи ақидаҳои тарбиявию ҷаҳонбинии шахсиятҳои дигари олами илму ирфони замонҳои баъдӣ поягузорӣ намудааст.

Дар баробари масъалаҳои мубрами иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат, ӯ ба масъалаҳои зиёди ҳуқуқӣ низ рӯ овардааст. Дар осори мутафаккир масъалаҳои тарбиявӣ, махсусан тарбияи ҳуқуқӣ дар оила, мавқеи хосса доранд. Ҳамзамон, ӯ ҳангоми баррасии масъалаи мазкур ба талабот ва хусусиятҳои миллӣ, одату анъанаҳои мардумӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва динӣ аҳаммияти махсус зоҳир намудааст.

Алии Ҳамадонӣ ақидаҳои сиёсию ҳуқуқии ҷолиберо пешниҳод намудааст, ки барои даврони зиндагии ӯ ва замонҳои баъдӣ бо махсусиятҳои худ фарқ мекарданд. Махсусан, тарбияи ахлоқӣ, ки заминаи асосии пешгирӣ намудани амалҳои бад, ба монанди кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ мебошанд, аз ҷониби мутафаккир тарғиб гардидаанд. Ӯ бархилофи ақидаҳои расмии замон баромад намуда, дар тарбияи зебоипарастии насли ҷавон, ба ҷойи зебогии табиат, адабиёт ва санъат, ба зебогии руҳу ахлоқ диққати хосса зоҳир намудааст. Дар ин миён дастгирии фақирону бенавоён, дармондагону беморон, содир намудани амали дигари хайрро аз ҳама гуна ибодати бадкорон боло медонист [1,с.164].

Фалсафаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ моҳиятан ба пайрави фалсафаи исломии ақлона – калом мебошад, ки аз Ваҳйи Илоҳӣ ё «Каломи Худованд» манбаъ мегирад. Калом илм дар бораи сифатҳои Худованд, моҳияти паёмбарӣ, оғоз ва интиҳои ҳастӣ тибқи муқарраротӣ Ислом мебошад. Калом ба маънои васеъ ибрози ақидаҳоро оид ба масоили динию фалсафӣ дар назар дорад. Ҳадаф аз таҳлили ин масъалаҳо шарҳу возеҳи нуқтаҳои Ислом зимни бурҳони ақлӣ, аз байн бурдани шубҳа дар хусуси ҳақ будани онҳо, баёнияи посухи боэътимод ба саволҳои мухталифи динию фалсафӣ мебошад.

Калом дар даврони хуллафои рошидин пайдо шуда, барои ба мардуми ғайриараб ва ғайриисломии соҳибтамаддун шарҳу тафсир намудани дини ислом ва ғояҳои асосии он, барои шарҳи масъалаҳои дар Қуръону Суннат пурра тавзеҳнашуда бо истифода аз усусулҳои ақлона мутобиқ ба аҳкоми муқаддаси ислом ба миён меояд [17,с.145].

Дар паҳншавии дини ислом ва исбот намудани аҳкоми динӣ ва фиқҳии ислом нақши асосӣ бозидааст. Он дар инкишофи ҷаҳонбинии ақлона асос гузошта, мусулмононро аз карахтӣ, ақибмонӣ, тақлиди холис аз аҳкоми динӣ берун меорад.

Калом дар мураттабсозии диниву фалсафӣ, равобити байни илмҳои гуногуни исломӣ, аз он ҷумла фиқҳи исломӣ нақши муҳим мебозад.

Бо ташаккули низоми идоракунӣ ва ташаккули масъалаи ҳокимиятхоҳӣ масъалаҳои мубрами динию ҳуқуқӣ низ рӯйи кор меоянд, ки фарогири тавзеоти гуногунмазмун оид ба масъалаҳои софи ҳуқуқӣ, албатта, дар доираи муқаррароти ҳуқуқи ислом, мегарданд. Онҳо фарогири мавзуъҳои озодии иродаи инсон, эътирофи гуноҳ ва татбиқи ҷазо мутобиқи қонун, ҳимояи уммати мусулмонон аз душманон, аз зулму асорат, тақсими даромадҳои ҷангӣ байни мусулмонон, таъмини амнияти сафари ҳаҷ ва дигар масъалаҳои динию ҳуқуқӣ буданд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба масъалаи инсон ва мавқеи ӯ дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ба ақидаи мутафаккир, зебогии рӯҳ асоси эътиқоди устуворро дар тафаккури инсон ташкил менамояд, ки маҳз он метавонад шахсро ба ростқавлӣ, накукорӣ, ҳақиқатпешагӣ, инсондӯстӣ, масъулият, адолатпешагӣ ва дигар хислатҳои неки инсонӣ раҳнамун созад, ки дар навбати худ, онҳо ғояҳои асосии ҳуқуқиро ташкил менамоянд [18,с.7-9]. Мавҷудияти ин арзишҳо метавонад боиси баланд гардидани шуури ҷамъиятии шахс, аз ҷумла, шуури ҳуқуқӣ гардад, ки асос барои пешгирии ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва кирдорҳои зишт дар ҷомеа мегарданд.

«Дар таълимоти мутафаккири соҳибфазл мақоми инсон басо арзишманду баланд ба ҳисоб меравад ва баробарии мардум, сарфи назар аз мақому мансаб, талқин гардида, нобаробариҳои иҷтимоӣ маҳкум карда мешаванд. Ин худ як навъ ҳимоя аз манфиатҳои инсонӣ аст» [23,с.11-12].

Воқеан, дар тамоми асарҳои мутафаккир манфиатҳои инсон ба назар гирифта шудаанд. Онҳо аз нуқтаи назари инсондӯстӣ, баробарҳуқуқӣ, адолатнокӣ таҳлилу таҳқиқ гаштаанд. Вай зери мафҳуми манфиатҳои инсон он арзишҳоеро дар назар дорад, ки ҷомеаи исломӣ ва умуман инсон бояд ҳамеша ба он кӯшиш намояд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки ӯ манфиатҳои инсонро ба якчанд навъҳо тақсим намудааст: ба манфиатҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра [2,с.336-344].

Дар таълимоти худ Алии Ҳамадонӣ ба вуҷуд дар раванди пайдоиши олам, мавқеъ ва ҳолати инсон, вазъи иҷтимоии ӯ, ҳамчун ҳастии ягона ва арзиши олӣ будани вай аҳаммияти ҷиддӣ дода шудааст.

Ӯ масъалаи инсон ва ҷойгоҳу мақом ва ҳуқуқҳои онро таҳлил сохта, қайд менамояд, ки «… инсон аз моҳияти Худо содир шуда, охирин «қавси нузул»-и доираи комили вуҷуд мебошад. Новобаста аз он ки инсон моҳияти илоҳӣ дорад, лекин байни онҳо тафовути махсус мавҷуд аст» [10,с.50-53].

Худо воҳиди ғайризид, вале инсон воҳиди таззод аст, зеро ҳастии якум якҷинса, вале ҳастии дуюм зидди он мебошад. Моддиёт ва рух ҳамчун ду мабдаи тазод дар вуҷуди инсон ҳамеша дар набард қарор доранд. Қобил ба зикр аст, ки ин қувваҳои бо ҳам зид вобаста ба таълимотҳои гуногун бо тарзҳои гуногун таъбир мешаванд. Масалан, аз нуқтаи назари ахлоқ ҳуқуқи онҳоро асоси хайру шарр меҳисобиданд, аммо суфиён онҳоро мабдаъҳои илоҳӣ ва ҳайвонӣ мешумурданд [10,с.53]. Яъне, инсон аз руҳ ва нафс иборат мебошад. Инсон дорои се навъи нафс - наботӣ, ҳайвонӣ ва нотиқа буда, таносуби нафсу руҳ муносибати мутафаккир ба чунин масъалаҳои муҳим пайдоиши ҳаёт, таҳаввули камоли ҷисм, мавқеву моҳияти инсон, ҷойгоҳи вай дар ҷомеа, муносибати инсон бо ҷомеа, ахлоқ ва ҳуқуқи инсон, сиёсат ва ғайра. Дар ин самт таълимоти Алии Ҳамадонӣ бо андешаҳои мутафаккироне чун Абунасри Форобӣ [17,с.150-158], Абуалии Сино [17,с.159-169], Насируддини Тӯсӣ [17,с.169-176] ва ғайра умумияти хос дорад.

Дар таълифоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ҳамбастагӣ бо масъалаҳои гуногуни ҷамоаи исломӣ, ҳамзамон проблемаҳои сиёсат, роҳбарии одилонаи ҷамоаи мусулмонон ва идораи давлат, пайдоиш ва сохти иттиҳодҳои ҷамъиятӣ, адолат дар таъин ва иҷроиши муҷозот, мавқеи инсон дар ҷомеа, мавқеи ахлоқ, ҳуқуқ ва одату анъанаҳои мардумӣ дар тарбияи инсон ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, пешниҳоди роҳи ҳақ ва расидан ба ҳаёти хушбахтона таҳқиқ гардидааст. Масъалаҳои мазкур дар асарҳои олим «Захират-ул-мулук», «Минҳоҷ-ул-орифин», «Одоб-ул-машоих», «Даҳ қоида», «Авроди фатҳия» ва дигар асарҳояш таҳлил мешаванд.

Алии Ҳамадонӣ инсонро аз рӯйи чанд нишонҳо – ақл, дониш, нутқ, дасти пок, муҳаббат аз ҳайвон фарқ кардааст. Мутафаккир ҳамчунин бар он ақида аст, ки инсонҳо на танҳо аз ҳайвон, балки аз ҳамдигар ҳам тафовут доранд ва байни онҳо аз ҳар ҷиҳат нобаробарӣ мавҷуд аст [9,с.214]. Такмили ҳамаҷонибаи инсон ва ба дараҷаи инсони комил расидани онро талқин кардааст. Дар ин асос ӯ ғояҳои инсондӯстӣ ва башардӯстиро талқину тараннум намудааст, ки асоси осоишу субот ва ҳаёти осоиштаи ҷомеа ва ҳар як фард мебошад. Ва ин раванд дар ҳалли тамоми масъалаҳо, хосатан масъалаҳои ҳуқуқӣ ҷойгоҳи марказиро ишғол менамояд.

Доир ба инсон ва ахлоқи вай мутафаккир таъкид мекунад, ки фазилат, хайру некӣ, покдоманӣ аз ҷумлаи амалҳоеанд, ки танҳо тавассути он шахс ба саодатмандию муваффақият мерасад. Кирдори бад ва худдорӣ аз амалҳои хайр инсоро дучори нокомӣ мегардонад. Инсон бояд ҳастиашро аз олоишҳои моддӣ пок гардонад ва ба ин васила худро такмил диҳад. Дар ин мақом одам ба дараҷаи инсони комил мерасад ва тамоми инсониятро бо як назар менигарад [10,с.52].

Дар ҷойи дигар мутафаккир қайд мекунад, ки инсон бояд барои расидан ба мақсади ниҳоӣ, яъне шинохти худ ва Худо аввал худро шиносад, зеро заррае аз ҳастии Ҳақ дар дили ӯ ҷойгузин аст. Маҳз аз ин рӯ, ба андешаи ӯ, худшиносӣ ба худошиносӣ мебарад. Вале ин ҷараён хеле мушкилу давомдор аст ва шарту қоидаҳои зиёд дорад. Ин ҷиҳати масъала дар рисолаҳои «Ҳалли мушкил», «Даҳ қоидаи суфия», «Чиҳил мақоми суфия» ва «Ихтиёроти амирия» баён гардидааст [11]. Маҳз тавассути ахлоқи ҳамида, риояи тартиботи шаръии дар ҷомеа ҳукмфармо, ба роҳ мондани амалу кирдори худ дар асоси аҳкоми динӣ ва фиқҳ метавонад ба саодати рӯзгор ва охират насиб гардад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Шарофзода Р.Ш.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдурахимов К.С. Жизнь и творчество Мир Сайида Али Хамадони / К.С. Абдурахимов // Наука и школа. - 2014.– №1. – С. 163-166.
2. Аламхон Кӯчаров. Шинохти нафс аз нигоҳи Амири Кабир / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Замони ӯ ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ / Аламхон Кучаров. Мураттибон А.Раҷабов, М.Каримзода. - Душанбе, 2015. – С. 336-344.
3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Аврофи фатҳия // Осори мунтахаб. -Ҷ. 2. Душанбе, 1995. – С. 204.
4. Асоев Х. Алии Ҳамадон ва мавқеи ӯ дар фарҳанги Шарқ / Х. Асоев. -Душанбе: Ирфон. -140 с.
5. Гулаҳмадов Ш. Мири сияҳпӯш ва ҷомеаи муслимин // Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: замони ӯ ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ / Ш.Гулаҳмадов, С. Бобоев. Мураттибон А. Раҷабов, М. Каримзода. -Душанбе, 2015. – С. 589-594.
6. Карбалоӣ Ҳофиз. Равзат-ул-ҷинон. -Теҳрон, 1349. - Ҷ II. -С.271-273.
7. Каримова М.М. Историческая ценность идей Мир Сайида Али Њамадони о семейном воспитании и их осуществление в условиях современного таджикского общества: дисс. … канд. пед. наук. 13.00.01. – общая педагогика; история педагогики и образования (педагогические науки) / М.М. Каримова. -Курган-Тюбе, 2016. -171 с.
8. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Аврофи фатҳия // Осори мунтахаб. -Душанбе, 1995. -715 с. -Ҷ. 2. -С.66-74.
9. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. -Табрез, 1358. –С. 214.
10. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи вуҷудия // Осори мунтахаб. -Ҷ. 2. -Душанбе, 1995. – С. 50-53.
11. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб. Ҷилди 2. Душанбе: Ирфон, 1995. -238 с.
12. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: замони ӯ ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ / Мураттибон А. Раҷабов, М. Каримзода. -Душанбе, 2015. -757 с.
13. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: феҳристи осор ва адабиёт доир ба ӯ / Мураттибон Ш. Комилзода, С. Иброҳимова/ Муҳар. Қ. Буриев. Душанбе: Аржанг, 2015. – 128 с.
14. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук (таҳиягарон Асоев Ҳ., Турдиев Қ.). -Душанбе: Ирфон, 2008 – 372 с.
15. Муҳаммад Риёз. Муқаддимаи “Матбуот” //Маҷаллаи “Адабиёт”. – № 21. – 1372. – С. 33.
16. Парвизи Азкоӣ. Мураввиҷи ислом дар Эрони сағир. -Ҳамадон, 1991. - С-13-15.
17. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. -Душанбе: Эр-граф, 2011. – 460 с.
18. Султонзода М. Ҳикмати ирфонии Алии Ҳамадонӣ // Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб (иборат аз чаҳор чилд). -Душанбе: Ирфон, 1995. -Ҷилди 2. – С. 7-8.
19. Султонов М. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Аҳмади Дониш роҷеъ ба усули салтанат / М. Султонов. - Душанбе: Армуғон, 1995. -№4. -С.16-18.
20. Табрезӣ Муҳаммад Алӣ. Райҳонат-ул-адаб. -Теҳрон, 1326. ш. ҳ – С. 398.
21. Ҳотам Асозода. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: таълифоти илмӣ, ирфонӣ ва адабӣ. -Душанбе: Ирфон, 2015. – 320 с.

22. Шамолов А.А. Баъзе масоили ҳикмати амалии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / А.А. Шамолов // Фарҳанг. - 1995. -№1-3. -С.7-10.
23. Эмомалӣ Раҳмон. Муттафакир, шоир ва орифи бузург / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Замони ӯ ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ. Мураттибон А. Раҷабов, М. Каримзода. -Душанбе, 2015. -757 с. – С. 11-15.

## ҶОЙГОҲИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ОСОРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Дар доираи мақолаи мазкур муаллиф кӯшидааст ҷойгоҳи таълимоти мутафаккир Мир Сайид Алии Ҳамадониро дар афкори сиёсӣ-ҳуқуқии густурдаи Шарқ мавриди баррасӣ қарор дода бошанд. Осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ саршор аз масъалаҳои дорои хусусияти ҳуқуқию давлатӣ ва ахлоқӣ буда, дар шакли ягонаи се илм: ҳуқуқ, сиёсат ва ахлоқ баён гаштаанд. Таълимоти ӯ паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоиро фаро гирифта, хосси танзими ҳуқуқии соҳаҳо ва институтҳои гуногуни ҳуқуқии ҷомеа мебошанд. Таълимоти давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар асоси ин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ, динӣ ва адабӣ бунёд ёфтааст. Ҳамчунин, дар самти таҳқиқи ҳуқуқҳои раият ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқ барои ӯ доктринаи ҳуқуқи мусулмонӣ (иҷмоъ, иҷтиҳод, фатво, қиёс), санадҳои ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ, асарҳои олимону мутафаккирони давр ва ғайра хизмат мекарданд. Ӯ меъёрҳои ҳуқуқиеро, ки дар сарчашмаҳои номбурда инъикос ёфтаанд, инчунин ақидаҳои асосгузорони мактабҳои ҳуқуқӣ ва асарҳои дигар фақеҳони исломро дар бораи меъёрҳои ҳуқуқ таҳлил намуда, дар ин асос қоидаҳои рафтори нисбатан мукаммали одамонро коркард карда, муносибатҳои ҳуқуқии онҳоро асоснок намудааст. Муаллифони мақола самтҳои таълимоти мутафаккир, нуқтаҳои назари ӯро оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, давлатӣ, ахлоқӣ, одату анъана баррасӣ намуда, мафҳум ва моҳияти раият, вазъи ҳуқуқии табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ, ҳолати ҳуқуқӣ, доираи ҳуқуқу озодиҳои одамони табақаҳои гуногуни ҷамъиятро аз нигоҳи мутафаккир ва умуман низоми ҳуқуқи исломӣ, қонунгузории замон ва меъёрҳои дигари иҷтимоии давр таҳқиқ намудааст.

**Калидвожаҳо:** таълимот, мактаби ҳуқуқӣ, вазъи ҳуқуқӣ, раият, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи исломӣ, фақеҳон, қонунгузорӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ, сиёсат, ахлоқ, ҳуқуқ, одат, адолат, озодӣ, инсондӯстӣ, баробарии иҷтимоӣ, ҷавобгарӣ, чораи ҳуқуқӣ.

## МЕСТО ПРАВОВОЙ КУЛТУРЫ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДОНИ

В рамках данной статьи автором рассматриваются место и особенности учений Мир Сайида Алии Хамадони в обширных политико-правовых учениях Востока. Автор пытается раскрыть основные направления учений мыслителя, его точки зрения о проблемах права, государства, этики, обычаях и традициях, а также понятия и особенности подданных в мусульманском обществе, их правовой статус и место в обществе в целом. Также исследуются права и обязанности лиц принадлежащих разным слоям общества и их месторасположения согласно учениям мыслителя и в системе исламского права, законах и в других социальных нормах. Творческая деятельность Мир Сайида Али Хамадони отличается оригинальностью и ценностью ряда государственно-правовых идей, сохранивших свою научно-практическую значимость и по сей день. Развитие общества мыслитель связывал с образованностью и уровнем правовой сознании, культурой общения, гуманностью, стремлением к миру и единству, патриотизму, добрым манерам и т.п. И эти его идеи предопределяли закономерности и правила, по которым должны были осуществляться обучение и воспитание современников, что могло обеспечить развитие общества и ее членов. Именно эти его прогрессивные идеи легли в основу дальнейшего развития государственной и правовой мысли, способствовали в последующие века развитию идей воспитания и обучения, которые и сегодня созвучны многим политическим, правовым, нравственным и воспитательными положениям современности. Авторы старались в наследия мыслителя исследовать его точки зрения о государстве, политики, праве, нравственности, обычаях, традициях, религии и всей общественной жизни, особенно, права и обязанности людей в зависимости от их социального положения, место поданных в обществе, особенности регулировании общественных отношений правовыми и другими социальными нормами в данном периоде.

**Ключевые слова:** учение, правовые школы, правовой статус, подданные, источники права, исламское право, факехи, муджтахиды, законодательство, социальные нормы, политика, нравственность, право, обычаи, справедливость, свобода, гуманизм, социальное равенство, ответственность, правовые меры.

## PLACE OF THE LEGAL NARRATIVE IN THE WORKS OF MIR SAYYID ALI HAMADONI

In this article, the author examines the place and features of Mir Sayid Ali Hamadoni’s teaching in the vast political and legal doctrine of the East. The author, tries to reveal the main directions of the thinker’s teachings, his views on the problems of law, state, ethics, customs and traditions, as well as the concepts and characteristics of subjects in Muslim society, their legal status and place in society as a whole. The rights and duties of persons belonging to different strata of society and their location according to the thinker’s teachings and in the system of Islamic law, laws, and other social norms are also explored. The creative activity of Mir Sayid Ali Hamadoni is distinguished by the originality and value of a number of state-legal ideas, which have preserved their scientific and practical significance to this day. The thinker associated the development of society with education and the level of legal consciousness, culture of communication, humanity, the desire for peace and unity, patriotism, good manners, etc. It was these ideas that predetermined the regularities and rules by which the education and upbringing of contemporaries was to be carried out, which could ensure the development of society and its members. These progressive ideas formed the basis for the further development of state and legal thought, contributed to the development of ideas of education and training in

subsequent centuries, which even today are consonant with many political, legal, moral and educational provisions of our time. The authors tried in the work of the thinker to explore his views on the state, politics, law, morality, customs, traditions, religion and all social life, especially the rights and duties of people depending on their social status, the place of the people in society, especially the regulation of social relations by legal and other social norms at this stage.

**Keywords:** teaching, legal schools, legal status, subjects, principles, sources of law, Islamic law, faqihs, mujtahids, legislation, social norms, politics, morality, law, customs, justice, freedoms, humanism, social equality, responsibility, legal measures.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Азиззода Убайдулло Абдулло*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 907-81-12-85.** E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**
***Калонов Фатҳиддин Мирзошарифович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 907750331.** E-mail**: kalonovfathiddin@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Азиззода Убайдулло Абдулло*** **-** Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор, заведущий кафедрой теории и истории государства и права. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-81-12-85.** E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**
***Калонов Фатхиддин Махмадшарифович*** **-** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907750331.** E-mail: **kalonovfathiddin@gmail.com**

**Information about authors:** ***Azizzoda Ubaydullo Abdullo*** **-** Tajik National University, Doctor of Law, Professor, Head of the Department of Theory and History of State and Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907-81-12-85.** E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**
***Kalonov Fathiddin Mahmadsharifovich*** **-** Tajik National University, applicant for the Department of Human Rights and Comparative Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907750331.** E-mail: **kalonovfathiddin@gmail.com**

**ТДУ: 34.4.01**

# ФУНКСИЯҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

*Шодизода Н.М.*
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияҳоеро дар бар мегирад, ки моҳият ва таъиноти иҷтимоии онро ифода ва баён месозанд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавассути он мақсаде, ки ин ниҳоди ҳуқуқӣ дорад, муайян ва идора карда мешаванд. Агар зери мафҳуми мақсад оядаву ҳозира, эҳсоси қаноатмандиву ризоят аз натиҷаҳои дахлдор дар назар гирифта шавад, зери мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд он самтҳои асосие мадди назар гирифта шаванд, ки тавассути онҳо мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд. Ҳамчунин, тавассути ин мақсадҳо, таъиноти ҷавобгарии ҳуқуқӣ зоҳир мегардад [24,с.96-124]. Мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ унсури пешбарандаи ташаккули назарияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Ба андешаи У.А. Азиззода, мувофиқи мақсад будан ба маънои мутобиқ будани чораҳои таъсиррасонӣ бо мақсади ҷавобгарии ҳуқуқие мебошад, ки нисбат ба шахси ҳуқуқвайронкунанда ба кор бурда мешаванд [3,с.29].

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсиргузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикос меёбанд. Бояд гуфт, ки мавзуи мавриди назар дар адабиёти ҳуқуқии дахлдор тавассути олимони ҷудогона ба таври мухталиф баррасиву арзёбӣ мегардад. Ва ин, дар навбати худ боиси ба миён омадани дарку фаҳмишҳои мухталиф нисбат ба ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар заминаи таҳлили масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар аз ҳар чизи дигар таваҷҷуҳи моро функсияи ба истилоҳ ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз дидгоҳи эътироф ва ё рад намудани он ба худ ҷалб месозад. Дидгоҳ ва нуқтаи назари олимонро дар мавриди эътироф намудан ва ё (эътироф накардани) функсияи ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд. Ба гурӯҳи аввал дидгоҳи он идда аз муҳаққиқонеро метавон дохил намуд, ки ба таври қатъӣ, бидуни ҳеҷ гуна шарту шароит функсияи мазкури ҷавобгарии ҳуқуқиро эътироф менамоянд. Барои мисол, Д.А. Липинский мутмаин аст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои нақшу функсияи танзимӣ, пешгирӣ, сазодиҳӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ ва тарбиявӣ мебошад [18,с.146]. Ба андешаи Д.А. Липинский, ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияи ҳуқуқбарқароркунӣ ва сазодиҳӣ мебошад [19,с.15]. Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба функсияи сазодиҳӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ, огоҳсозӣ, тарбиявӣ, муҳофизатӣ ва танзимӣ ҷудо мешаванд [26,689-690]. Н.Л. Соломеник бар ин назар аст, ки нақши ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии манфӣ бо роҳи пешбинӣ гардидани меъёрҳои ҳуқуқии уҳдадории шахси ҳуқуқвайронкунанда доир ба барқарорсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муқаррар гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳои мақомоти дахлдор оид ба маҷбурсозии шахси ҳуқуқвайронкунанда барои барқарор намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва маҷбурсозии воқеии шахси ҳуқуқвайронкунанда бо мақсади барқарорсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ ва татбиқ мегардад [25,с.7]. И.А. Кузмин бо дар назар гирифтани хусусияти таъсиргузорӣ ва равишҳои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба сифати функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба функсияҳои сазодиҳӣ, пешгирӣ, тарбиявӣ, ҷубронсозӣ ва ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишора мекунад. Дар робита ба мавриди охир, муҳаққиқ иброз менамояд, ки он дорои хусусияти регенератсионӣ мебошад: агар содир шудани кирдори зиддиқонунӣ боиси ворид гардидани зарар ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии давлат, ҷомеа, шахс гардад, дар чунин ҳолат комилан мантиқист, ки ҳуқуқҳои поймолшуда бояд тавассути шахси ҳуқуқвайронкунанда барқарор гарданд [15,с.90–92]. Таҳлили минбаъдаи таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки тавассути муаллиф пешниҳод шудааст, ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки нақши ҳуқуқбарқароркунӣ на барои ҳамаи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, балки барои баъзе аз намудҳои он, аз ҷумла ҷавобгарии ҳуқуқии конститутсионӣ (бекор кардани қарор дар

бораи қабул кардан ба шаҳрвандӣ), ҷавобгарии моддӣ (уҳдадории корфармо барои ҷуброни зарари расонидашуда ба молу мулки корманд), ҷавобгарии маданӣ (ҷуброни зарари расонидашудаи моддӣ), ҷавобгарии ҳуқуқи байналмилалӣ (реститутсия, яъне ҷуброни зарари расонидашудаи моддӣ дар шакли молу мулк: воситаҳои пулӣ, маҳсулот, иҷрои корҳо, расонидани хизмат) хос аст [15,с.108-151]. Хусусияти ҷубронсозӣ доштани ҷавобгарӣ дар он хулоса мешавад, ки имкони коҳиш додани ҷаримаи аз дараҷаи воқеии зарари расонидашуда хеле боло вуҷуд дорад [14,с.67-68]. Ба андешаи У.А. Азиззода ва Ф.А. Бобохонов, яке аз масъалаҳои баҳсталаб ин истилоҳи ҳуқуқӣ (ҷуброн, товон) вобаста ба масъалаи ҷавобгарӣ мебошад. Дар забони тоҷикӣ мафҳуми "компенсатсия" ҳамчун ҷуброн, подош, товон тарҷума шудааст [4,с.223]. Ниҳоди ҷуброни зарари маънавӣ бошад, амалӣ гардонидани функсияҳои ахлоқию иҷтимоӣ – дахлнопазирии шахсият, яъне функсияи ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор меравад [9,с.218с].

В.Л. Кулапов ва А.В. Малко зимни баррасӣ намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавассути конструксияи "уҳдадории ҳуқуқвайронкунанда барои таҳаммул кардани маҳрумиятҳо...", дар навбати аввал ба се намуди функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишора мекунанд: сазодиҳӣ, ки, ба назари мо, аз ҷиҳати мазмун яксон донистани он бо нақши пешгирии ҷавобгарӣ беасос аст; тарбиявӣ ва аз нав нақши ҳуқуқбарқароркунӣ (барқарор намудани ҳуқуқи поймолшуда, ҷуброни зарари расонидашуда) пешгирӣ ва ғайра [16,с.326]. Функсияи пешгирӣ дар ҳама намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба назар мерасад, вале дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбатан самаранок мебошад [11,с.250]. Чунин ба назар мерасад, ки мавқеи олимони мазкур доир ба ин ки "ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои хусусияти ҷаримавӣ мебошад бо он чи ки худи онҳо баён медоранд, дар мухолифат қарор дорад, зеро он бо муқаррар гардидани уҳдадории иловагӣ барои шахсони ҳуқуқвайронкунанда, ки бо зарурати таҳаммул намудани оқибатҳои манфии шахсӣ (маҳрум намудан аз озодӣ, мукофотҳо, унвонҳои фахрӣ, ҳуҷҷати ронандагӣ ва ғайра), хусусияти моддӣ (ҷарима, мусодираи молу мулк ва ғайра) ё ташкилотчигӣ (озод намудан аз вазифа, бастани корхона ва ғайра) алоқаманд мебошад ва ҳамаи инҳо дар санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ инъикос шудаанд [16,с.326]. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияи махсусе мебошад, ки он функсияи ҷаримавӣ ном дорад. Ба андешаи муаллиф, махсус будани чунин функсия дар он ифода мегардад, ки мисли баъзе функсияҳои дигар на дар ҳама намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд мебошад. Дар қонунгузории амалкунандаи кишвар чунин функсия бештар дар намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷавобгарии маъмурӣ ба назар мерасад" [13,с.213].

Дар ин робита мавқеи ишғолнамудаи В.И. Шепелева диққатҷалбкунанда ба назар мерасад. Муаллифи мазкур ҷавобгарии ҳуқуқиро натиҷаи амали содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ ва нисбат ба шахси ҳуқуқвайронкунанда вогузор кардани маҳрумиятҳои дорои хусусияти шахсӣ, молумулкӣ ва ташкилотчигӣ арзёбӣ мекунад. Ин муаллиф куллан ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишора намекунад, вале онҳоро метавон аз мазмуни ҷавобгарии мадании пешниҳоднамудаи муаллиф ошкор намуд: "санксияҳои чунин намуди ҷавобгарӣ аз ҷуброни зарари расонидашудаи молумулкӣ тавассути шахси ҳуқуқвайронкунанда ва барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда иборат мебошанд. Ҳамчунин, имкони рӯёнидани зарар ба сурати ҷаримаи аҳдшиканӣ аз шахси аҳдшикан, ки уҳдадориҳои худро риоят намекунад, дар шакли пеня ва ё ҷарима пешбинӣ шудааст" [33,с.464-466]. Пеня гуфта, маблағи пулии бо қонун ё шартнома муқаррар кардашударо меноманд, ки қарздор уҳдадор аст ба кредитор дар ифодаи фоизи нисбати уҳдадории иҷро накардааш бояд супорад. Ҷарима гуфта, маблағи қатъии пулии бо қонун ё шартнома муқарраркардашударо меноманд, ки онро қарздор уҳдадор аст дар ҳаҷми пешакӣ муайянгардида ба кредитор супорад [29,с.180]. Аз нигоҳи мо, дар ҳолати мазкур, сухан ҳадди ақал дар бораи ду функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ – функсияҳои ҳуқуқбарқароркунӣ ва сазодиҳӣ меравад. Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ У.А. Азиззода, [5,с.414]. У.А. Абдурашидов, [2,с.190]. З.Х. Зокирзода, [12,с.176]. Т.Ш. Шарипов [30,с.223] ва дигарон бошад, мафҳумҳои "сазо" ва "сазодиҳӣ" мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, вақте ки сухан дар бораи ҷазо ва сазо меравад, бояд маънои инҳо дуруст дарк карда шавад, зеро таҳлили семантикии (маъноии) калима аз он иборат аст, ки ҷазо ва сазо ба ҳамдигар монананд. Бинобар

ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ бояд ҷазо ва сазо муқобили ҳамдигар монда нашаванд: яке ҳамчун ҷазо ё чораи маҷбуркунӣ ва дигаре ҳамчун мақсади ҷазо [12,с.105]. Ҳам ҷазо ва ҳам сазо аломатҳои асосии чораи давлатиро доранд, ки дар маҷбуркунӣ ифода меёбанд [12,с.105].

Тавре ки ба назар мерасад, барои ба таври интиқодӣ арзёбӣ намудани назару дидгоҳҳои матраҳнамудаи С.Г. Дробязко ва В.С. Козлова асосҳои лозим мавҷуд аст. Мувофиқи арзёбии муҳаққиқони мазкур, ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҳрумиятҳои мушаххасе пешбинӣ менамояд, ки шахс барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ онҳоро бояд таҳмил намояд, яъне ӯ сазои ҷазоро мебинад. Аз сӯйи дигар, муҳаққиқони мавриди назар ҷавобгарии ҳуқуқиро бо иҷрои ихтиёрии уҳдадориҳои алоқаманд бо барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда (ҷуброни зарари расонидашуда ва ғайра) баробар медонанд [8,с.420-421]. Дар айни замон бояд қайд намуд, ки на ҳамаи ҳуқуқвайронкуниҳо, балки фақат ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ҷазоро дар пай доранд.

Бояд хотирнишон сохт, ки бо ҳам омехта кардани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва чораҳои ҳуқуқиро метавон дар корҳои анҷомдодаи дигар муаллифон низ ба таври ошкоро мушоҳида намуд. Аз ҷумла, гурӯҳе аз муаллифон исрор мекунанд, ки ба кор бурда шудани маҷбурсозии давлатӣ, яъне чораҳои ҷазодиҳӣ (истифодаи чораҳои ҷазои ҷиноятӣ (барои мисол, маҳрум сохтан аз озодӣ), ҷаримаи маъмурӣ, танбеҳи интизомӣ) ё дорои хусусияти ҳуқуқбарқароркунӣ (маҷбуран рӯёнидани зарари расонидашуда, вогузории уҳдадории барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшудаи шахсони дигар) яке аз аломатҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад [7,с.181].

Р.В. Енгибарян ва Ю.К. Краснов пайгирона амал накарда, дар қатори функсияи сазодиҳӣ, функсияҳои профилактикӣ, тарбиявӣ ва эҳтиётиро ҷудо месозанд ва ҳамзамон қайд менамоянд, ки ҳадафи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барқарор намудани муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар натиҷаи содир шудани кирдори зиддиқонунӣ вайрон мегарданд...” [10,с.507]. Ҳарчанд онҳо қаблан таъкид намуда буданд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои шахси ҳуқуқвайронкунанда оқибатҳои манфиро дар пай хоҳад дошт: маҳдуд кардани ҳуқуқҳои вай, вогузории уҳдадориҳои иловагӣ” [10,с.506]. Ба таври баробар ин ҳамчунин ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки он тавассути И.В. Тимошенко пешниҳод мегардад, дахл дорад. И.В. Тимошенко мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро “ҳамчун истифодаи чораҳои маҷбурсозии давлатӣ нисбат ба шахси ҳуқуқвайронкунанда барои барқароркунии тартиботи ҳуқуқии вайроншуда ва (ё) ҷазои шахсе, ки ҳуқуқвайронкуниро содир менамояд, муайян месозад” [27,с.584]. Р.М. Романов ошкор баён медорад, ки нақши ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои риоянашуда ва ҷуброни зарари дар натиҷаи рафтори ғайриқонунӣ расонидашудаи маънавию моддӣ назаррас аст” [23,с.399]. М.И. Абдуллоев ва С.А. Комаров бо дарки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба сифати муносибатҳои ҳуқуқӣ миёни давлат дар шахси мақомот ва субъектҳои муайяни ҳуқуқ, ки дар назди давлат ва ҷомеа барои иҷрои дурусту дақиқи меъёрҳои ҳуқуқ ва талаботу муқаррароти дахлдори онҳо масъул мебошанд, чунин иброз менамоянд, ки ҷавобгарии шахси ҳуқуқвайронкунанда аз иҷрои ду навъ уҳдадорӣ иборат мебошад: а) то ҷойи имкон барқарор кардани он ҳолати ҳаёти ҷамъиятӣ, ки қабл аз содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ вуҷуд дошт (барои мисол, иҷро кардани уҳдадорие, ки иҷро карда нашудааст, баргардонидани чизе, ки ба таври ғайриқонунӣ ба даст оварда шудааст, бо дигар роҳ бартараф намудани зарари расонидашуда, ки боиси содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ мегардад); б) ба сазои кирдори худ расидан барои ҳуқуқвайронкунии содирнамуда (барои мисол, пардохт намудани ҷарима, муддати таъиншудаи маҳрум сохтан аз озодиро адо намудан ва ғайра). Олимон бар ин боваранд, ки ин ду гурӯҳ аз ҷиноятҳо мазмуну муҳтавои тамоми намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд [1,с.446-455].

Метавон гуфт, ки дар муқаррарот ва ҳолатҳои ишорашуда ба таври ғайримустақим сухан дар бораи функсияҳои ҳуқуқбарқароркунӣ ва сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, барои мисол, одамкушӣ меравад. Ба ғайр аз ин, бояд зикр намуд, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро набояд бо муносибатҳои ҳуқуқӣ ва на бо уҳдадории махсуси ҳуқуқӣ айният дод. Зеро дар ҳолатҳое, ки ҳуқуқвайронкунӣ аз сӯйи давлат ба мушоҳида

нарасад ва ё шахси ҳуқуқвайронкунанда ҷустуҷӯ нагардад, шахси ҳуқуқвайронкунанда бо ҳеҷ гуна маҳрумият рӯ ба рӯ намегардад ва ҳеҷ чизро аз сар намегузаронад. Баръакс, ӯ, дар чунин ҳолат, метавонад аз манфиатҳои ҳуқуқвайронкунии содиршуда истифода барад. Аз ин рӯ, эҳтимол ҷавобгарии ҳуқуқӣ на худи уҳдадорӣ, балки раванди татбиқи он дар муносибатҳои ҳуқуқии ҳимоявӣ ба ҳисоб меравад [22,с.417]. Дар маҷмуъ зимни мувофиқ будан бо ҳолати баённамудаи В.Н. Протасов ва Н.В. Протасова, мушкил аст мавқеъ ва нуқтаи назари онҳоро дар бораи мушаххас ва ҷудо сохтани ду функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ – функсияи сазодиҳӣ ва функсияи ҳуқуқбарқарорсозӣ, махсусан дар заминаи мисолҳои овардашудаи мавриди назар доир ба таъини чунин чораи ҳимоятӣ, аз ҷумла барқарорсозии ҳолати ҳуқуқии муқаррарии қаблӣ бо роҳи маҷбур сохтани субъект ба иҷрои функсияҳои аз пеш ба уҳдаи ӯ гузошташудаи иҷронагардидаи уҳдадории ҳуқуқӣ эътироф намуд [22,с.415-417].

Илова бар ин, бархе аз олимон зимни ҷудо сохтани ду намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаротар аз ин мераванд. Ҳар як аз ин ду намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба назари онҳо бо хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ ва мазмуни санксияҳое, ки барои содир намудани он муайян мегарданд, яъне сазодиҳӣ (ҷаримавӣ) ва ҳуқуқбарқароркунӣ мувофиқат мекунанд [17,с.136-169; 20,с.828-829; 21,с.544-545]. Гурӯҳи дуюм дидгоҳҳои илмии он олимонеро дар бар мегирад, ки зимни эътироф намудани функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, шарту қайдҳои аз назари мо ҷиддии дорои хусусияти принсипиалиро матраҳ месозанд.

Барои мисол, М.П. Трофимова ироа менамояд, ки натиҷаи таъсири функсияи мавриди назарро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд: ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ. Барқарорсозии тартиботи ҳуқуқӣ, қонуният, муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои субъективӣ, уҳдадориҳои ҳуқуқии рафтори қонуниро муаллиф ба гурӯҳи аввал дохил менамояд. Ба гурӯҳи дуюм муаллиф барқарорсозии муносибатҳои ҷамъиятии тавассути ҳуқуқ ба танзим даровардашуда; оромии руҳии ҷамъият, адолати иҷтимоӣ, қонеъсозии талаботи ҷамъият ва барқарорсозии муайянкунандаҳои арзишии шахси ҳуқуқвайронкунандаро нисбат медиҳад [28,с.6]. Ҳарчанд баъдан таъкид мешавад, ки тамоми намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияи ҳуқуқбарқароркунӣ мебошанд, аммо муҳаққиқ ҳамзамон ба ин нукта таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, ки “набояд имконоти ҷавобгарии ҳуқуқиро мутлақ шуморид, зеро “он муносибатҳои ҷамъиятие барқароршаванда мебошанд, ки дар онҳо унсурҳои қобили барқароркунӣ зарар дидаанд”. Ба андешаи М.П. Трофимова, “дар баъзе ҳолатҳо ҷуброни зарари расонидашуда аз хусуси барқарорсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ дарак намедиҳад, агар масалан, предмети муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таври баргаштнопазир талаф ёфта бошад ва ё ба таври ҷинояткорона субъект аз байн бурда шуда бошад” [28,с.21]. Дар аксари мавридҳо, тарафдорони функсияи ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нуқтаи назари худ дар хусуси эътироф намудани функсияи ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқиро бо ин шарт асоснок менамоянд, ки он бештар хосси ҷавобгарии маданӣ мебошад. Барои намуна, Н.М. Чистяков зимни маънидод намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун таҳаммул намудани маҳрумиятҳои мухталифи алоқаманд ба иҷрои чораи маҷбуркунии давлатӣ тавассути шахси ҳуқуқвайронкунанда, ба назари мо, ба таври ғайримантиқӣ амал менамояд, ки функсияҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва тарбияву ислоҳи одамон муайян месозад. Баъдан, сазо барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ, пешгирии махсус ва умумӣ, тарбия ва ҳуқуқбарқарорсозӣ бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ва ҷуброни зарари расонидашударо ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат медиҳад [6,с.553; 31,с.222-223]. Дар робита ба функсияи охири ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мисли муҳаққиқони дигар донишманди мазкур ба муҳтавои ҷавобгарии маданӣ рӯ меоварад ва зимни ин пешниҳод менамояд, ки он “дар худ чораҳои вобаста ба ҷуброни зарари расонидашуда дар натиҷаи риоя нагардидани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шаҳрвандиро дар бар мегирад. Ин метавонад ҷарима, товони зарар, пардохти ҷарима, баргардонидани ашё, ҷуброни зарари маънавӣ, рад кардани маълумоти бадномкунанда, барқароркунии номи нек, узрхоҳӣ ва ғайра бошад” [32,с.226].

Зимни таҳлилу баррасии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хулосаҳои зерин бароварда шуд:

1. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсиргузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикосу ифода меёбанд.

2. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавассути он мақсаде, ин ниҳоди ҳуқуқӣ дорад муайян ва идора карда мешаванд. Агар зери мафҳуми мақсад ояндаву ҳозира, эҳсоси қаноатмандиву ризоят аз натиҷаҳои дахлдор дар назар гирифта шавад, зери мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд он самтҳои асосие мадди назар гирифта шаванд, ки тавассути онҳо мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд.

3. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияҳои сазодиҳӣ, пешгирӣ ва тарбиявӣ мебошад. Иштибоҳи асосии методологии тарафдорони мавҷудияти барқарорсозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки онҳо дар аксари мавридҳо чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва чораҳои ҳуқуқиро яксон дониста, онҳоро бо ҳам айният медиҳанд. Ба назари мо, функсияи ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ хосси чораҳои ҳимоятӣ маҳсуб меёбад.

**Муқарриз: н.и.х., дотсенти ДМТ - Муминзода Н.И.**

## АДАБИЁТ


1. Абдулаев, М.И. Проблемы теории государства и права / М.И. Абдулаев, С.А. Комаров. – СПб, 2003.
2. Абдурашидов, А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.А. Абдурашидов. – Душанбе, 2011. – 190 с.
3. Азиззода, У.А. Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ / У.А. Азиззода, Н.М. Шодизода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – №1(37). – С. 22-34.
4. Азиззода, У.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ / Азиззода У.А., Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№2. - С.223.
5. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. …д-ра юрид. наук: 12.00.01 / У.А. Азизов. -Душанбе, 2015. -413 с.
6. Баранов, В.М. Юридическая ответственность / В.М. Баранов. – М., 2007. – С. 553.
7. Волков, А.М. Основы права / А.М. Волков, Е.А. Волков. – М., 2013. – С. 181.
8. Дробязко, С.Г. Общая теория права. Пособие / С.Г. Дробязко, В.С. Козлов. – Минск, 2005. – С. 420–421.
9. Дурнаикин, Д.Г. Теоретико-правовые основы защиты личных неимущественных прав российских граждан: дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.03 / Д.Г. Дурнаикин – М., 2008. – 218 с.
10. Енгибарян, Р.В. Теория государства и права / Р.В. Енгибарян, Р.В. Краснов. – М., 2010. – С. 507.
11. Зокирзода, З.Х. Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ / З.Х. Зокирзода, И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 250-255.
12. Зокирзода, З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / З.Х. Зокирзода – Душанбе, 2020. – 176. с.
13. Зокирзода, З.Х. Шаклҳои амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ / З.Х. Зокирзода, И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №3. – С. 213-219.
14. Зокирзода, З.Х. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум. Воситаи таълимӣ: нашри аввал / З.Х. Зокирзода. – Душанбе, 2022. – 152 с.
15. Кузьмин, И.А. Юридическая ответственность и ее реализация / И.А. Кузьмин. – Иркутск, 2013. – С. 90-92.
16. Кулапов, В.Л. Теория государства и права / В.Л. Кулапов, А.В. Малько.– М., 2009. – С. 326.
17. Лейст, О.Э. Санкции и ответственность по советскому праву / О.Э. Лейст. – М., 1981. – С. 136-169.
18. Липинский, Д.А. Функции права и функции юридической ответственности / Д.А. Липинский // Правоведение. – 2004. – №3. – С. 146.
19. Липинский, Д.А. О разграничении мер защиты и мер юридической ответственности / Д.А. Липинский, А.Г. Бессолицын // Современное право. – 2013. – №4. – С. 15.
20. Марченко, М.Н. Правонарушение и юридическая ответственность / М.Н. Марченко. – М., 2009. – С. 828-829.
21. Пиголкин, А.С. Юридическая ответственность / А.С. Пиголкин – М., 2008. – С. 544-545.
22. Пьянов, Н.А. Консультации по теории государства и права / Н.А. Пьянов.– Иркутск, 2010. – С. 417.
23. Романов, Р.М. Юридическая ответственность / Р.М. Романов. – М., 2007. – С. 399.
24. Самощенко, И.С. Ответственность по советскому законодательству / И.С. Самощенко, М.Х. Фарукшин. – М., 1971. – С. 96-124.
25. Соломенник, Н.Л. Восстановительная функция юридической ответственности / Н.Л. Соломенник. – Казань, 2007. – С. 7.
26. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Сино, 2018. – 784 с.

27. Тимошенко, И.В. Юридическая ответственность / И.В. Тимошенко. – М., 2003. – С. 584.
28. Трофимова, М.П. Функции юридической ответственности / М.П. Трофимова. – Саратов, 2000. – С. 6.
29. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода– Душанбе: Ашуриён, 2022. – 256 с.
30. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум, такмилёфта / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқзода, З.Х. Зокирзода, М.Н. Зиёбоева. – Душанбе, 2020. – 223 с.
31. Чистяков, Н.М. Теория государства и права / Н.М. Чистяков. – М., 2008. – С. 222-223.
32. Чистяков, Н.М. Теория государства и права / Н.М. Чистяков. – М., 2008. – С. 226.
33. Шепелев, В.И. Правовое поведение и юридическая ответственность // Теория государства и права / В.Я. Любашиц, М.Б. Смоленский, В.И. Шепелев: учеб / В.И. Шепелев. – Ростов на-дану, 2006. – С. 464-466.

## ФУНКСИЯҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

Дар мақолаи мазкур дар бораи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ сухан меравад. Ба андешаи муаллиф функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсиргузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии афродро ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикосу ифода меёбанд. Ҷанбаҳои умуминазариявӣ ва соҳавии вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ин пажуҳиш мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Муаллиф бар ин назар аст, ки иштибоҳи асосии методологии тарафдорони мавҷудияти барқарорсозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки онҳо дар аксари мавридҳо чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва чораҳои ҳуқуқиро яксон дониста, онҳоро бо ҳам айният медиҳанд. Нишон дода шудааст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияҳои сазодиҳӣ, пешгирӣ ва тарбиявӣ мебошад. Ва дар зимн, муаллиф функсияи ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқиро,ки хосси чораҳои ҳимоятӣ аст, таъйид ва тасдиқ намекунад. Муаллиф бар он назар аст, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавассути он мақсаде, ин ниҳоди ҳуқуқӣ дорад, муайян ва идора карда мешаванд. Агар зери мафҳуми мақсад ояндаву ҳозира, эҳсоси қаноатмандиву ризоят аз натиҷаҳои дахлдор дар назар гирифта шавад, зери мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд он самтҳои асосие мадди назар гирифта шаванд, ки тавассути онҳо мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд. Ба ақидаи муаллиф, дар муқаррарот ва ҳолатҳои ишорашуда ба таври ғайримустақим сухан дар бораи функсияҳои ҳуқуқбарқароркунӣ ва сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, барои мисол, одамкушӣ меравад. Ба ғайр аз ин, бояд зикр намуд, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро набояд бо муносибатҳои ҳуқуқӣ ва на бо ӯҳдадории махсуси ҳуқуқӣ айният дод. Зеро дар ҳолатҳое, ки ҳуқуқвайронкунӣ аз сӯйи давлат ба мушоҳида нарасад ва ё шахси ҳуқуқвайронкунанда ҷустуҷӯ нагардад, шахси ҳуқуқвайронкунанда бо ҳеҷ гуна маҳрумият рӯ ба рӯ намегардад ва ҳеҷ чизро аз сар намегузаронад. Баръакс, ӯ, дар чунин ҳолат, метавонад аз манфиатҳои ҳуқуқвайронкунии содиршуда истифода барад.

**Калидвожаҳо:** ҷавобгарии ҳуқуқӣ, чораҳои муҳофизатӣ, ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, сазо, функсияҳои сазодиҳӣ, пешгирӣ, тарбиявӣ, ҷубронсозӣ, адолат.

## ФУНКЦИИ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ

В данной статье рассматриваются функции юридической ответственности.По мнению автора, функции юридической ответственности являются основными сферами влияния юридической ответственности на процесс общественных отношений, поведение, знания и правовую культуру личности, и через эти категории отражаются сущность, цель и задачи юридической ответственности. В данном исследовании рассматриваются общетеоретические и отраслевые аспекты, связанные с проблемой юридической ответственности. Автор считает, что основная методологическая ошибка сторонников восстановления функций юридической ответственности состоит в том, что они в большинстве случаев считают меры юридической ответственности и правовые меры одними и теми же и трактуют их совместно. Показано, что юридическая ответственность имеет карательную, профилактическую и воспитательную функции. А между тем автор не подтверждает восстановительную функцию юридической ответственности, характерную для охранительных мер. Автор придерживается мнения, что функции юридической ответственности определяются и управляются назначением данного правового института. Если под понятием будущих и настоящих целей принимается во внимание чувство удовлетворенности соответствующими результатами, то под понятием юридической ответственности следует понимать основные направления, посредством которых достигаются цели юридической ответственности. По мнению автора, указанные положения и случаи косвенно относятся к функциям обеспечения правопорядка и наказания за юридическую ответственность, например, за убийство. Кроме того, следует отметить, что юридическая ответственность не должна определяться правоотношениями или специальными правовыми обязательствами. Потому что в тех случаях, когда нарушение не замечается государством или лицо, нарушившее закон, не разыскивается, лицо, нарушившее закон, не несет никаких лишений и не испытывает ничего. Наоборот, оно в таком случае может воспользоваться преимуществами совершенного правонарушения.

**Ключевые слова:** юридическая ответственность, меры защиты, гражданско-правовая ответственность, правонарушение, наказание, функции наказания, профилактика, воспитание, компенсация, справедливость.

## FUNCTIONS OF LEGAL RESPONSIBILITY

This article deals with the functions of legal responsibility. According to the author, the functions of legal responsibility are the main spheres of influence of legal responsibility on the process of social relations, behavior,

knowledge and legal culture of the individual, and through these categories the essence, purpose and tasks of legal responsibility are reflected. This study examines general theoretical and industry aspects related to the problem of legal liability. The author believes that the main methodological mistake of the supporters of the restoration of the functions of legal responsibility is that in most cases they consider the measures of legal responsibility and legal measures to be the same and interpret them jointly. It is shown that legal responsibility has punitive, preventive and educational functions. Meanwhile, the author does not confirm the restorative function of legal liability, which is characteristic of protective measures. The author is of the opinion that the functions of legal responsibility are determined and controlled by the purpose of this legal institution. If under the concept of future and present goals the feeling of satisfaction and satisfaction with the corresponding results is taken into account, then under the concept of legal responsibility one should consider the main directions through which the goals of legal responsibility are achieved. According to the author, these provisions and cases are indirectly related to the functions of law enforcement and punishment for legal liability, for example, for murder. In addition, it should be noted that legal liability should not be determined by legal relationships or special legal obligations. Because in those cases where the violation is not noticed by the state or the person who violated the law is not wanted, the person who violated the law does not bear any hardships and does not experience anything. On the contrary, he can then take advantage of the offense committed.

**Keywords:** legal liability, protection measures, civil liability, offense, punishment, punishment functions, prevention, education, compensation, justice.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин,63. Телефон: **(+992) 988-47-96-47**

**Сведения об авторе:** ***Шодизода Наджибулло Махмадризо*** – Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, ассистент кафедры права и методики преподавания. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддина 63. Телефон: **(+992) 988-47-96-47**

**Information about the author:** ***Shodizoda Najibullo Mahmadrizo*** – Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht region, Assistant of the Department of Law and Teaching Methods. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63, Phone: **(+992) 988-47-96-47**

ТДУ: 342.34.1

# АФЗАЛИЯТҲО ВА АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶТ

*Миралиев И.Қ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба афзалиятҳои муайян асос меёбад. Н.И. Матузов афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқиро чун «вазифаҳои аввалиндараҷа, проблемаҳо, масъалаҳое, ки бояд ҳозир ва дар оянданаи наздик фавран ҳал карда шаванд», муайян мекунад [7,с.87].

Масалан, С.С. Алексеев чунин афзалиятҳои асосии ҳуқуқ ва сиёсати ҳуқуқиро муайян мекунад: афзалияти ҳуқуқҳои фитрии инсон; ҳуқуқи хусусии боарзиш; волоияти адолат [1,с.72].

Афзалиятҳои умумии сиёсати ҳуқуқӣ ва самтҳои мушаххаси (соҳавии) он низ таъкид шудаанд. Дар баробари ин, дар низоми афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи инсон махсусан таъкид шудааст. Масалан, ба андешаи Н.И. Матузов, афзалиятҳои умумии сиёсати ҳуқуқии Русия аз инҳо иборатанд: ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он, амиқсозии ислоҳоти конститутсионӣ, фароҳам овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ барои ислоҳоти ҷорӣ, мубориза бар муқобили ҷиноятқорӣ, коркард намудани чораҳои самарабахши зиддикоррупсионӣ, ба тартиб даровардани ҳокимият, пурзӯр намудани ҳимоя ва кафолатҳои ҳуқуқи инсон, бартараф намудани нигилизми ҳуқуқӣ ва ғайра [6,с.13]. Дар баробари ин афзалиятҳои умумии сиёсати ҳуқуқӣ, инчунин самтҳои мушаххас «дар доираи илмҳои ҳуқуқшиносии соҳавӣ» мавҷуданд, ки арзиши назариявӣ ва амалӣ доранд [6,с.13].

О.Ю. Рибаков таснифоти муфассали афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои шахс анҷом медиҳад. Чунин афзалиятҳоро ҷудо менамояд:

1) афзалиятҳои стратегияи рушди сиёсати ҳуқуқии мазкур, ки дорои хусусияти умумиинсонӣ мебошанд: а) эътироф, муқаррар, таъмин намудани кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои табиии шахс; б) муносибатҳои баробар ва шарикона байни шахс ва давлат, дар баробари ухдадориҳои шахс, масъулияти ӯ; в) имконияти муайян кардани ҳаҷм, мазмуни ҳуқуқ ва озодиҳои шахс аз ҷониби давлат дар асоси иродаи халқ ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимият; г) маҳдуднамоии ҳуқуқии соҳаи муносибатҳои шахсӣ ва байнишахсӣ, ки аз ҳолати воқеии давлатӣ-ҳуқуқӣ ҷудо карда шудаанд;

2) афзалиятҳое, ки хусусияти таърихӣ доранд: а) бартараф намудани вайроншавии фазои ҳуқуқии Россия; б) рафъи нобаробарӣ дар сатҳи зиндагии одамони дорои даромадҳои гуногун; в) рафъи шароитҳои гуногуни ибтидоӣ дар фаъолияти меҳнатӣ, аз худ кардани ихтисос, машғул шудан ба соҳибкорӣ; г) фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ ва андоз барои рафъи муносибатҳои пинҳонӣ дар соҳаи иқтисодиёт, ҳуқуқтатбиқнамоӣ («адолати пинҳонӣ»);

3) афзалиятҳое, ки ба шахс имкон медиҳанд, ки ҳуқуқҳои худро самараноктар ҳимоя кунанд ва ба такмили он нигаронидашуда: а) ташаккули сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсии насли нав; б) ташаккул ва инкишофи сифатҳои ҳуқуқии шахс ҳамчун шарти иҷтимоикунонии ӯ; в) ташаккули рафтори ҳуқуқӣ ҳамчун шакли ҳамкории субъектҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқӣ; г) рафъи нигилизми ҳуқуқӣ, дигаргуншавии шуури ҳуқуқӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқии шахс [9,с.84-89].

Ҳангоми муайян кардани самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз муқарраротӣ асосии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан зарур аст. Он ҳамчун асоси барномавии стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои дарозмуддат мутобиқи Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола хизмат мекунад. Ғайр аз ин, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ барои консепсияҳои давлатӣ, стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои рушди ҷорӣ ва таҳияшуда хизмат мекунад. Дар он аз ҷумла афзалиятҳои зерини миллӣ муайян карда шудаанд: 1) ислоҳоти идоракунии давлатӣ, ки ба ташаккули низоми миллии рушди

кишвар нигаронида шудааст, ки хусусиятҳои асосии он шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва мубориза бо коррупсия мебошанд; 2) рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузориҳо дар асоси тавсеаи озодиҳои иқтисодӣ, таҳкими ҳуқуқи моликият ва қонуният, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ; 3) рушди неруи инсонӣ, ки асосан ба зиёд намудани ҳаҷм ва сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ба табақаи камбизоат ва ноил шудан ба Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола, васеъ намудани иштироки аҳолӣ дар раванди рушд ва таҳкими шарикии иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтаанд. Дар Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 тасдиқ карда шудааст, самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон таъкид шудаанд:

- ҷалби ҷавонон ба фаъолияти иҷтимоӣ ва иттилоотонии он;
- рушди ташаббуси эҷодии ҷавонон;
- ҷалб намудани ҷавонон дар вазъияти душвор ба ҳаёти ҷамъиятӣ.

Барои татбиқи ин самтҳои афзалиятнок қабули ҳуҷҷатҳои зерин пешбинӣ шудааст:

- Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон»;
- Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон»;
- Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Тоҷикистон.

Яке аз вазифаҳои Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маориф дар соҳаи ҳуқуқи инсон, бахусус тарбияи ҳисси эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Механизми татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон шаклҳои муайяни татбиқи амалии онро дар бар мегирад. Шаклҳои амалигардонии сиёсати ҳуқуқиро самтҳои асосии он мефаҳманд. Ҳамин тавр, Н.В. Исаков қайд менамояд, ки «сиёсати ҳуқуқӣ аз самтҳои зерин иборат аст, ки дар як вақт ҳамчун шаклҳои татбиқи он хизмат карда метавонанд: 1) ҳуқуқэҷодкунӣ; 2) ҳуқуқтадбиққунӣ; 3) шарҳдиҳӣ; 4) доктриналӣ; 5) таълими ҳуқуқӣ ва ғайра» [3,с.145]. Дар баробари ин, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтадбиққуниро шаклҳои универсалии татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ меноманд.

Ба гуфтаи А.П. Коробова, сиёсати ҳуқуқӣ дар се шакл амалӣ карда мешавад: қонунэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ [5,с.123].

О.Ю. Рибаков дар шакли ба амал баровардани сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс «амалӣ гардондани онро дар асоси принсипи умумии инсондустӣ ва мувофиқи намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ, мақсаду воситаҳои он мефаҳмад [9,с.54]. Муаллиф шаклҳои зерини татбиқи сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон муайян кардааст:

1) ҳуқуқмуҳофизавӣ;
2) ҳуқуқэҷодкунӣ;
3) ҳуқуқтатбиққунӣ;
4) назорат ва контрол;
5) таъмини ҳуқуқии фаъолияти давлат ва мақомоти он;
6) ташкили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
7) омода намудани ҳуқуқшиносони соҳибихтисос дар муассисаҳои таълимӣ;
8) ташкили фаъолияти илмӣ;
9) доктриналӣ;
10) таълими ҳуқуқӣ.

Асосиашон инҳо мебошанд: ҳуқуқмуҳофизавӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтадбиққунӣ, шаклҳои назорат ва контрол [9,с.54-55].

И.Г. Сердюкова шаклҳои зерини амалисозии сиёсати байналмилалии ҳуқуқиро дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон муайян мекунад: ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, сиёсати тафсири ҳуқуқ, сиёсати таълими ҳуқуқ [10,с.75-138].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи сиёсати байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон низ фаъолона иштирок мекунад. Ин сиёсат дар самтҳои гуногун – тасвиби шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, мутобиқ гардонидани қонунгузории амалкунанда ба меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, мусоидат ба

татбиқи ин стандартҳо дар ҷумҳурӣ, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва ғ. амалӣ карда мешавад.

Бо мақсади мусоидат ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссия оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон таъсис дода шудааст. Низомнома дар бораи Комиссияи мазкур бо Қарори Ҳукумат аз 4 марти соли 2002 тасдиқ шудааст. Мутобиқи Низомномаи мазкур Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мақоми доимии машваратии байниидоравӣ мебошад, ки барои ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо барои иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон таъсис дода шудааст. Вазифаи асосии Комиссия мусоидат ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад [4,с.142-147].

Комиссияи мазкур вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти манфиатдор оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

- таъмини омода намудани гузоришҳои миллӣ оид ба татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои пешниҳод ба мақоми дахлдори СММ;

- мусоидат ба мутобиқат кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии онҳо мебошад;

- тибқи тартиби муқарраргардида дар тасдиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ё ҳамроҳ шудани ҷумҳурӣ ба чунин шартномаҳо кумак мерасонад;

- омӯзиш ва арзёбии ҳолати қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати мутобиқати он ба меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон;

- арзёбии самаранокии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

- баррасии пешниҳодҳои мақомоти манфиатдор ва омода намудани хулосаҳои машваратӣ оид ба ташаккули мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи инсон;

- мусоидат дар паҳн намудани донишҳо оид ба ҳуқуқи инсон;

- гузаронидани тадқиқот, омода намудани пешниҳодҳо дар соҳаи татбиқ ва такмили минбаъдаи меъёрҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон;

- амалисозии ҳамкорӣ ва таъсиррасонӣ ба мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дигар муассисаҳои ғайридавлатии ҷумҳурӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон:

- назорат аз болои иҷрои қарорҳои қабулкардаи Комиссия.

Мутобиқи банди 5 Низомномаи мазкур Комиссия ҳуқуқ дорад:

- бо тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳо ва шаклҳои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон пешниҳод манзур намояд;

- ба мақомоти дахлдор оид ба таъмини риояи ҳуқуқи инсон супориш медиҳад;

- барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои поймолшудаи инсон;

- дар маҷлисҳои худ шахсони мансабдори мақомоти манфиатдорро оид ба ҳолати риояи ҳуқуқи инсон дар ташкилотҳои тобеи худ мешунавад;

- гурӯҳҳои корӣ, комиссияҳои экспертиро барои ташхис ва омода намудани лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон, инчунин татбиқи бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқи инсон таъсис диҳад;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида барои кор бо ҳайати Комиссия кормандони мақомотҳои манфиатдор ҷалб карда шавад;

- аз мақомоти манфиатдор оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Комиссия тааллуқ доранд, мавод гирад.

Қарорҳои комиссия барои ҳамаи мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳатмӣ мебошанд. Ба ҳайати комиссия намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ дохиланд. Дар кори

Комиссия намояндагони дигар мақомоти иҷроия, қонунгузор ва судӣ, прокуратура, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи инсон фаъолият менамоянд, бо овози машваратӣ иштирок карда метавонанд.

Яке аз шаклҳои асосии татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Шакли ҳуқуқэҷодкунии амалигардонии сиёсати ҳуқуқӣ «дар қабул, тағйирот ва бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектҳои ваколатдор, дар ташаккули маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии дар дохили кишвар мувофиқашуда, ки асоси танзими сиёсати ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, таҷассум меёбад» [8, с. 26].

Бо мақсади муайян намудани дурнамои рушди қонунгузории Тоҷикистон Консепсияи рушди пешгӯии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011 тасдиқ карда шуд. Таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахсро Консепсия самти асосии такмили қонунгузории ҷумҳурӣ муайян кардааст. Самтҳои афзалиятноки Консепсия дар баробари дигар афзалиятҳо инҳоянд: ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ, бахусус озодии сухан ва ибрози андеша; баланд бардоштани дараҷа ва сифати қонунҳо ва татбиқи самарабахши онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс.

Тибқи Консепсияи зикршуда, яке аз самтҳои асосии такмили қонунгузории Тоҷикистон дар дарозмуддат амалӣ намудани фаъолияти қонунгузорӣ бо дарназардошти манфиатҳои шаҳрвандон мебошад. Самти навбатии стратегияи рушди қонунгузорӣ мутобиқ гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ҷумҳурӣ эътироф кардааст, дар амал татбиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба инобат гирифтани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар назар дорад.

Дар Консепсия инчунин мақсадҳои мушаххаси раванди эҷоди меъёрҳо муайян карда шудаанд. Яке аз онҳо тавассути танзими ҳуқуқӣ муайян кардани сатҳи дахолати давлат ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, маданият ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад (банди 9). Дар Консепсия инчунин вазифаҳои мушаххаси такмили қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаҳои сохти конститутсионӣ, шаҳрвандӣ, соҳибкорӣ, аграрӣ ва дигар соҳаҳои қонунгузорӣ муайян карда шудаанд. Ин вазифаҳо дар соҳа ва институтҳои қонунгузорӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон низ дахл доранд. Масалан, дар соҳаи сохти конститутсионӣ, мутобиқ будани қонунгузорӣ (қонунҳои амалкунанда ва қабулшуда) ба ҳуқуқу озодиҳои инсон (банди 8) вазифа гузошта шудааст.

Бо мақсади татбиқи Консепсияи рушди пешгӯии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатӣ оид ба татбиқи Консепсияи мазкур дар соҳаҳои сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа, амният, қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ, таъмини муносибатҳои байналмилалӣ, дар соҳаи кишоварзӣ, дар соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, молия, андоз, гумрук, бонкӣ, меҳнат, таъминоти иҷтимоӣ ва маориф қабул шудаанд. Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи рушди пешгӯии қонунгузорӣ дар соҳаи сохти давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, аз ҷумла, мақомоти дахлдори қонунгузории ҷумҳурӣ оид ба мониторинги иловагии як қатор қонунҳои дахлдори ҳуқуқу озодиҳои шахс («Дар бораи шаҳрвандӣ», «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ», «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Дар бораи муҳоҷират»).

Афзалиятҳо, мақсадҳо, вазифаҳо, самтҳои сиёсати қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ инъикос ёфтаанд. Ҳамин тариқ, дар Паёми Президенти кишвар аз 16 апрели соли 2005 ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс самти афзалиятноки тамоми сиёсати қонунсозӣ эътироф гардидааст. Дар Паёми навбатии Сарвари давлат дар соли 2010 ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои татбиқи неруи зеҳнии инсон, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ҳамчун ҳадафҳои стратегии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи қонунгузорӣ муайян шудаанд.

Бо назардошти аҳаммияти бунёдии Паёмҳои Сарвари давлат ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ солҳои охир дар адабиёт ба омӯзиши моҳияти ҳуқуқии онҳо, бахусус

мазмуни меъёрии онҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Ба гуфтаи Г. Гришенко, «Паёмҳои президентӣ ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки мавқеи сарвари давлатро оид ба самтҳои асосии сиёсати давлатӣ, рушди сохти конститутсионии Русия ва муносибатҳо бо кишварҳои хориҷӣ дар бар гирифта, дар фаъолияти қонунгузории кишвар ҳамчун дастурамал хизмат мекунанд» [2,с.37].

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ - Саъдизода Ҷ.**

**АДАБИЁТ**


1. Алексеев С.С. Основы правовой политики в России / С.С. Алексеев. – М., 1995. – С. 72.
2. Грищенко Г.А. Институт посланий Президента Российской Федерации в механизме легитимации государственной власти / Г.А. Грищенко // Российский юридический журнал. – 2011. – № 6. – С. 37.
3. Исаков Н.В. Правовая политика современной России: проблемы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук / Н.В. Исаков. – Ростов-на-Дону, 2004. – С. 145.
4. Искандаров Ш.Ф. Становление и развитие специализированных государственных правозащитных институтов по правам человека в Таджикистане: дис. …канд. юрид. наук / Ш.Ф. Искандаров. – Душанбе, 2018. – 142-147.
5. Коробова А.П. Правовая политика: понятие, формы реализации, приоритеты в России: дис. … канд. юрид. наук / А.П. Коробова. – Самара, 2000. – С. 123.
6. Матузов Н.И. Понятие и основные приоритеты российской правовой политики / Н.И. Матузов // Правоведение. – 1998. – № 4. – С. 13.
7. Матузов Н.И. Правовая политика: сущность, концепция и реальность // Российская правовая политика: Курс лекций / Н.И. Матузов. Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. – С. 87.
8. Проект концепции правовой политики в Российской Федерации до 2000 г. Под ред. А.В.Малько. – С. 26.
9. Рыбаков О.Ю. Российская правовая политика в сфере защиты прав и свобод личности: вопросы теории: дис. … д-ра юрид. наук / О.Ю. Рыбаков. – Саратов, 2005. – С. 84-89.
10. Сердюкова И.Г. Международно-правовая политика современной России в сфере осуществления прав и законных интересов человека: общетеоретический аспект: дис. … канд. юрид. наук / И.Г. Сердюкова. – Краснодар, 2008. – С. 75-138.


**АФЗАЛИЯТҲО ВА АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶТ**


Муаллиф дар мақола кӯшиш намудааст, ки афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва амалисозии онро мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Муаллиф афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқиро чун «вазифаҳои аввалиндараҷа, мушкилиҳо, масъалаҳое, ки бояд ҳозир ва дарояндаи наздик фавран ҳал карда шаванд», муайян мекунад. Дар мақола дар баробари афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ, самтҳои мушаххаси он низ баррасӣ шудаанд. Дар баробари ин, дар низоми афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи инсон махсусан таъкид шудааст. Дар мақола ҳамзамон заминаҳои афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла Фармонҳои Президенти ҶТ, Қарорҳои Ҳукумати ҶТ, консепсия ва стратегияҳои давлатӣ мавриди таҳлил, баррасӣ ва истифода қарор гирифтаанд. Муаллиф муътақид аст, ки ба сифати афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ инҳоро шомил намудан ба мақсад мувофиқ мебошад: ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он, амиқсозииислоҳоти конститутсионӣ, фароҳам овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ барои ислоҳоти ҷорӣ, мубориза бар муқобили ҷинояткорӣ, коркард намудани чораҳои самарабахши зиддикоррупсионӣ, ба тартиб даровардани ҳокимият, пурзӯр намудани ҳимоя ва кафолатҳои ҳуқуқи инсон, бартараф намудани нигилизми ҳуқуқӣ ва ғайра.



**Калидвожаҳо:** инсон, ҳуқуқ, афзалият, амалисозӣ, мақсад, алоқамандии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқи инсон, давлати ҳуқуқбунёд, волоияти қонун, қонуни ҳуқуқӣ, вазифа.


**ПРЕИМУЩЕСТВА И РЕАЛИЗАЦИЯ ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ В ОБЛАСТИ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В РТ**


В статье предпринята попытка исследовать приоритеты правовой политики в сфере прав человека и ее реализации. Приоритеты правовой политики автор определяет как «первостепенные задачи, проблемы, вопросы, которые необходимо решить немедленно и в ближайшем будущем». Наряду с приоритетами правовой политики в статье рассматриваются и ее конкретные направления. При этом в системе приоритетов правовой политики особое внимание уделяется правам человека. В статье также рассматриваются и основы правовой политики, в том числе Указы Президента РТ, Постановления Правительства РТ, государственные концепции и стратегии. Автор убежден, что целесообразным будет в качестве приоритетов правовой политики выделить следующее: формирование правового государства, гражданского общества, совершенствование законодательства и практики его реализации, углубление конституционных реформ, создание надежной правовой основы проводимых реформ, борьба с преступностью, разработка эффективных мер противодействия коррупции, упорядочение государственного управления, усиление защиты и гарантий прав человека, устранение правового нигилизма и др.



**Ключевые слова:** человек, право, приоритет, реализация, цель, соотношение правового государства и прав человека, права человека, правовое государство, верховенство закона, правовой закон, обязанность.

**BENEFITS AND IMPLEMENTATION OF LEGAL POLICY IN THE FIELD OF HUMAN RIGHTS IN RT**

The article attempts to explore the priorities of legal policy in the field of human rights and its implementation. The author defines the priorities of legal policy as "primary tasks, problems, issues that need to be resolved immediately now and in the near future". Along with the priorities of legal policy, the article also discusses its specific directions. At the same time, in the system of legal policy priorities, special attention is paid to human rights. At the same time, the article analyzes, considers and uses the foundations of legal policy priorities, including Decrees of the President of the Republic of Tajikistan, Decrees of the Government of the Republic of Tajikistan, state concepts and strategies. The author considers it expedient to single out the following as the priorities of legal policy: the formation of a rule of law state, civil society, improvement of legislation and the practice of its implementation, deepening of constitutional reforms, creation of a reliable legal basis for ongoing reforms, combating crime, developing effective measures to combat corruption, streamlining public administration, strengthening the protection and guarantees of human rights, the elimination of legal nihilism, etc.

**Keywords**: person, law, priority, implementation, goal, correlation of the rule of law and human rights, human rights, rule of law, rule of law, legal law, duty.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Миралиев Исфандиёр Қарахонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Суроға**: 7340245, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Миралиев Исфандиёр Карахонович*** - Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Miraliev Isfandiyor Karahonovich*** - Tajik National University, Candidate of Law, Associate Professor of the Department of Human Rights and Comparative Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

ТДУ: 124.64

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИМТИЁЗҲО АЗ СУПОРИДАНИ АНДОЗИ ЗАМИН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Буриева Д.Т.***
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мавриди ташкил намудани низоми андоз ҳар як давлат ба принсипҳои андозбандӣ такя мекунад. Яке аз принсипҳои муҳимтарин ва асосии ташкил намудани низоми андози ҳар як давлат принсипи имтиёзи андозбандӣ арзёбӣ карда мешавад.

Принсипи имтиёзи андозбандӣ чунин маъно дорад, ки қонунгузории андоз бояд меъёрҳои ҳуқуқии мустаҳкамкунандаи имтиёзҳои андозро, яъне сабукгардонандаи бори уҳдадориҳои андозиро барои шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) дошта бошанд. Масалан, дар моддаҳои алоҳидаи КА ҶТ, ки андозҳои мушаххасро инъикос мекунанд, барои андозсупорандагон имтиёзҳои гуногун муқаррар карда шудаанд: ҳадди ақали маоши андозбандинашаванда; аз андоз озод намудани шахсони алоҳида ё категорияҳои андозсупорандагон; аз манбаи андоз хориҷ кардани унсурҳои муайяни объекти андоз ва дигар имтиёзҳо.

Мақсади асосии имтиёзҳои андозбандӣ ҳавасманд кардани андозсупоранда барои иҷрои ягон кор ё амал бо роҳи кам кардани ҳаҷми уҳдадории андозии ӯ ва сода кардани расмиёти пардохти андозҳо ба ҳисоб меравад. Имтиёзҳои андоз заминаи асосии рушди соҳибкории ҳар як давлат арзёбӣ карда мешавад.

Додани имтиёз яке аз усулҳои баамалбарории сиёсати андозбандӣ буда, истифодабарии имтиёзҳои андоз ба ҳайси яке аз ҳуқуқҳои андозсупоранда муайян гардидааст. Имтиёзҳои андоз афзалиятҳое, ки мутобиқи КА ҶТ ё шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, ки дорои муқаррароти вобаста ба андозбандӣ мебошанд, ба гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон нисбат ба дигар андозсупорандагон фароҳам оварда шудаанд, аз ҷумла бе ягон таъсири манфӣ ба андозсупорандаи имтиёздор додани имконияти напардохтан, ё дар ҳаҷми камтар, ё дар муҳлати нисбатан дертар супоридани андоз, эътироф карда мешаванд [14,с.98-103].

Агар мо аз нигоҳи таърихӣ назар кунем, ҳанӯз, дар замони ҳукмронии Шайбониён дар Осиёи Миёна соҳибони қитъаҳои замин баъзе имтиёзҳо доштанд, метавонистанд рента - андози замини ба инъом гирифтаашонро мустақилона ихтиёрдорӣ намоянд. Деҳқонони милкдор дар муқоиса бо истеҳсолкунандагони дигар имтиёзҳо доштанд, чунки ҳаҷми рента – андозе, ки онҳо ба давлат ва феодалон месупориданд аз андози месупоридаи деҳқонони дигар камтар буд.

Вазъи заминдор - деҳқони ҷамоавӣ (обшинаӣ) аз ҷиҳати иқтисодӣ аз вазъи деҳқони иҷоракор фарқ намекард. Вале деҳқони заминдори ҷамоавӣ имтиёзи ба назар намоёне дошт, замин ба таври доимӣ - «бемуҳлат» дар ихтиёраш буд, аз ҳуқуқи «иҷораи абадӣ» баҳраманд буд [15,с.74-75].

Дар давраи Шуравӣ андоз яке аз воситаҳои таъмини иқтисодиёти фармонфармоии нақшавӣ буд. Андоз аҳаммияти қазоӣ надошт, зеро он на барои ҷамъ кардани даромади давлатӣ, балки, пеш аз ҳама, барои амалӣ гардонидани сиёсати молиявии тақсимоти даромади аҳолӣ ва муносибгардонии истеҳсолу истеъмол кор фармуда мешуд.

Мувофиқи декрети Комитети марказии инқилоби ҶХШБ аз 11 октябри соли 1920 пардохти андоз бо ин тартиб муқаррар гардида буд: 50% бо пул, 50% бо нархи таъиннамудаи давлат ба гузашт кардан (тахфиф) то 30%. Барои пеш аз муҳлат супоридани зироат имтиёзҳо вуҷуд доштанд.

Бо мақсади ҳавасманд гардонидани деҳқонон ба кишти зироати техникӣ заминҳои зироатҳои равғандиҳанда, заминҳои пахта, заминҳои истеҳсолӣ – таҷрибавӣ аз андоз пурра озод буданд. Ба ғайр аз ин, хоҷагиҳое, ки ба обёрӣ, хушк кардани заминҳо аз обҳои серизаминӣ, ба киштзор табдил додани заминҳои регзор машғул буданд, 10% камтар андоз медоданд. Бо мақсади зиёд намудани имтиёзоти хоҷагиҳои нодор (камбизоат) захираи сабукӣ додан дар ҳаҷми 5% аз маблағи умумии андоз дар миқёси ҷумҳурӣ, вилоят ва губерния ҷорӣ гардида буд [15,с.116].

Дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои мухталифи имтиёзҳои андозбандӣ ҷой доранд. Имтиёзҳо дар бахши андоз гуфта ин ба категорияи алоҳидаи андозсупорандагон додани бартарияти бо қонунгузории андоз пешбинишударо меноманд, ки дар пурра озод намудан аз андоз ва ё пардохти он дар ҳаҷми кам, ё ин ки дар муҳлати дертар ифода меёбад. Аз имтиёз истифода бурдан ва ё истифода накардани он танҳо ба иродаи андозсупоранда вобаста мебошад [12,с.54].

Ба андешаи Н.В. Вичерова, имтиёзҳо хусусияти суроғавӣ дошта, танҳо мақомоти қонунгузор ё намояндагӣ ҳуқуқ доранд доираи шахсонеро, ки имтиёзҳои андоз доранд, муайян намоянд [5,с.63].

Ба андешаи Л.К. Астапов, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ бояд ҳамеша асоснок ва самаранок бошанд [2,с.30].

Ба андешаи А.А. Ялбулганов, имтиёзҳои андоз воситаи самараноке мебошанд, ки тавассути онҳо андози замин вазифаи танзими худро иҷро мекунад [16,с.88].

Мутобиқи қисми 7 моддаи 32 КА ҶТ, андозсупорандагон ҳуқуқ доранд имтиёзҳои андозиро аз лаҳзаи пайдошавии асосҳои ҳуқуқии дахлдор дар давоми тамоми давраи амали онҳо истифода намоянд ё аз истифодаи имтиёзҳои андозӣ даст кашанд, ба истиснои фурӯши (содироти) моле (кор ва хизматрасоние), ки аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд. Агар андозсупоранда аз истифодаи имтиёзи андозӣ даст кашад, уҳдадор мебошад дар ин бора ба мақомоти андоз дар аввали сол (то 20 январ) дар шакли хаттӣ хабар расонад ва онро то анҷоми сол риоя намояд.

Андозсупорандагоне, ки ба имтиёзҳои андозӣ ҳуқуқ доранд, бояд ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии қитъаи замине, ки объекти андозбандӣ эътироф шудаанд, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи чунин ҳуқуқро пешниҳод намоянд.

Яъне, андозсупоранда метавонад аз имтиёз истифода барад, аз имтиёз пурра даст кашад ва ё истифодабарии имтиёзро дар як давра ё якчанд давраи ҳисоботӣ боздорад. Аммо дар ҳолати гузоштани мақсади истифода аз имтиёз андозсупоранда уҳдадор мегардад, ки ҳуқуқи худро барои гирифтани имтиёз дар бахши андоз асоснок намояд ва онро исбот кунад. Ҳангоми муқаррар кардани имтиёзҳо дар бахши андоз субъекти андозситон (мақомоти андоз), пеш аз ҳама, бояд ба муқарарроти зайл таваҷҷуҳ намояд: риояи принсипи адолат ҳангоми тақсими маблағҳои молиявӣ; беҳтар намудан ва устувор гардонидани ҳолати молиявии категорияҳои алоҳидаи шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо; банизомоварии намудҳои алоҳидаи фаъолияти истеҳсолӣ; ташкили муҳити хуби сармоягузорӣ дар давлат ва ё ҳудуди алоҳидаи он.

Дар адабиёти илмӣ намудҳои имтиёзҳо дар бахши андоз вобаста ба асосҳои гуногун тасниф мешаванд.

1. Вобаста аз тағйир ёфтани усулҳои андоз ва хусусиятҳои он:

– ихтисор намудан;
– кам кардан;
– паст кардани меъёри андоз;
– тағйир додани муҳлати супоридани андоз;
– реструктуризатсияи қарзи андоз, ҷарима ва фоизҳо;
– озодкунӣ аз пардохти андоз [14,с.105].

Ихтисор намудан - як намуди имтиёз дар бахши андоз аст, ки ба андозсупоранда ҳуқуқ медиҳад, ки аз манбаи андозбандӣ объектҳои алоҳидаи андозбандӣ ва ё қисми онро барорад.

Кам кардан - додани ҳуқуқ ба андозсупоранда оид ба кам намудани манбаи андозситонӣ аз маблағе, ки пардохт нашуда аст.

Паст кардани меъёри андоз - имконияти аз ҷониби андозсупоранда пардохт намудани андоз аз рӯйи меъёри камтар нисбат ба қоидаи умумии муқарраршуда.

Тағйир додани муҳлати супоридани андоз - имтиёзест, ки тибқи он, ба андозсупоранда имконият дода мешавад, ки андозро дар муҳлати дертар супорад.

Вале мутобиқи қисми 2 моддаи 32 КА ҶТ ба таъхир гузоштани (ба муҳлатҳо тақсим кардани) пардохти андоз имтиёзи андозӣ намебошад.

Реструктуризатсияи қарзи андоз, ҷарима ва фоизҳо - ба андозсупоранда додани имконият оид ба батаъхиргузории иҷрои уҳдадорӣ барои пардохти камомад, фоиз ва ҷарима ҳангоми вайрон намудани қонунгузории андоз аст.

Озодкунӣ аз пардохти андоз - пурра ва ё қисман даст кашидани субъекти андозситонанда аз талаби андозбандӣ нисбати категорияи алоҳидаи андозсупорандагон дар мӯҳлати муайян ва ё бемуҳлат аст.

Ҳамаи имтиёзҳои андоз як мақсад доранд, яъне ҳавасманд кардани андозсупоранда ба иҷрои ягон кору амал (беамалӣ), бо роҳи ихтисор намудани ҳаҷми уҳдадориҳои андозии ӯ. Дар мавриди ҳисоб кардани андози даромад аз шахсони воқеӣ, аз имтиёзҳои андоз озод намудани даромадҳои андозсупорандагон татбиқ карда мешавад.

2. Вобаста ба муносибат ба манбаи анозбандӣ чунин намудҳои имтиёз ҷой доранд:

– қарзи андоз;

– манбаи миқдори камтарини андозбандинашаванда;

– аз ҷамъоварӣ гирифтани унсурҳои муайяни объекти андоз;

– маблағи нигоҳдошташуда аз даромади андоз (пардохти андоз барои муҳлати ҳисоботӣ).

Мисол. Шахси воқеӣ М.Ҳ. дар замини наздиҳавлигии худ дар масоҳати 200м$^2$ гармхонаи мавсимӣ ва дар масоҳати 100м$^2$ гармхонаи доимӣ 5 дорад. Дар ин сурат масоҳати 200м$^2$ объектҳои ғайриманқул барои гармхонаи мавсими истифодашавандаи шахси воқеӣ аз пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул озод буда, аз масоҳати 100м$^2$, ки барои гармхонаи доимӣ истифода мегардад, 50%-и он (50м$^2$) бо андоз аз объектҳои ғайриманқул андозбандӣ карда мешавад.

3. Вобаста ба муҳлати додани имтиёз:

– ба муҳлати муайян;

– бемуҳлат [14,с.193-195].

Мисол, имтиёзи дар муҳлати муайян додашаванда, тибқи банди 6 қисми 2 моддаи 189 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844, даромади корхонаҳои навтаъсис аз таҳвили молҳои истеҳсолшуда, агар муассисони онҳо дар муҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ҳаҷмҳои дар поён зикргардидаи сармоягузориҳоро ба муҳлатҳои зерин ворид намоянд, андозбандӣ карда намешаванд:

а) 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кунад;

б) 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА-ро ташкил кунад;

в) 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ИМА-ро ташкил кунад;

г) 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошад.

Мисол, имтиёзи бемуҳлат, муқаррароти банди 1 қисми 2 моддаи 189 КА ҶТ аст, ки тибқи онҳо аз андозбандӣ аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ инҳо озоданд:

– муассисаҳо, иттиҳодияҳои динӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратии хайриявӣ, байниҳукуматӣ ва байнидавлатӣ (байналмилалӣ), ба истиснои даромадҳое, ки онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ мегиранд. Чунин муассисаҳо ва ташкилотҳо уҳдадоранд ҳисобдории алоҳидаи фаъолияти асосии худ (фаъолияти аз андози даромад озодшуда) ва фаъолияти соҳибкориро пеш баранд.

Н.А. Богуславская имтиёзҳои андозиро вобаста аз субъектҳо ба намудҳои зерин ҷудо менамояд:

– имтиёзҳои андозие, ки танҳо ба шахсони ҳуқуқӣ дода шудаанд (масалан, мамнуъгоҳҳо, боғҳои миллии дендрологӣ, боғҳои ботаникӣ ва ғ.);

– имтиёзҳои андозие, ки танҳо ба шахсони воқеӣ дода шудаанд. (масалан, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюбони гурӯҳҳи I ва II ва ғайра);

– имтиёзҳои андози дорои хусусияти омехта (масалан, шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ).

Инчунин, имтиёзҳои андозиро метавон аз рӯйи мӯҳлати пешниҳод ба имтиёзҳои андозии мӯҳлатнок ва бемӯҳлат ҷудо кард [4,с.194].

Ба андешаи Т.С. Исломов, «масъалаи асосии сиёсати андозбандӣ, бояд таъмини инкишоф ва ҳавасмандгардонии иқтисодӣ бошад» [7,с.123].

Вале масоили дар мадди аввал гузоштани ҳавасмандгардонии иқтисодӣ тақозо мекунад, ки ҳама ва як хел имконияти дастрасии онро бояд дошта бошанд. Ин ҳолат ба модели муносибатҳои «шахси инфиродӣ - давлат» бояд чунин тағйиротҳои ҷиддиро ворид намояд:

– дар муносибатҳои молиюпулӣ давлат ҳатман бояд ба шахси ҳуқуқии оммавӣ баробар карда шавад, ки чунин асоси иқтисодиёти мардумӣ, воситаи муҳимми татбиқшавии доктринаи «озодии савдо» ва «савдои одилона» буда, заминаҳои коррпусияро хароб мегардонад;

– имтиёзҳо, ёрии давлатӣ ва дастгирии иттилоотӣ танҳо ба он субъектони хоҷагӣ дода шавад, ки натиҷаҳои хуби фаъолият дошта ва дар рақобати озод ҳуқуқ ба гирифтани бартариятҳоро пайдо кардаанд.

Мақсади бо имтиёз супоридани андоз андозбандӣ накардани баъзе объектҳои андозбандишавандаро дар назар дорад. Дар муқоиса бо дигар андозсупорандагон чунин андозсупорандагони имтиёздор афзалиятҳо доранд, ки ба тағйир ёфтани рафтори онҳо бо мақсадҳои муайяннамудаи давлат оварда мерасонанд.

Ба андешаи Ш.К. Ғаюров, «имтиёзҳои андоз ин унсури андозбандӣ буда, инчунин дар як вақт муҳимтарин воситаи сиёсати давлат мебошад. Даст кашидан аз имтиёзҳо маънои бартарии самти фискалии андозбандиро дорад, имкон намедиҳад, ки андозҳо ҳамчун воситаи нодир, универсалии таъсир ба равандҳои гуногун на танҳо иқтисодӣ, балки дигар равандҳои ҷамъиятӣ истифода шаванд» [13,с.175].

С.К. Ризоева имтиёзҳои андозро ба унсурҳои ғайриҳатмии (иловагии) андоз дохил менамояд. Набудани унсурҳои иловагии андоз ба сохтори ҳуқуқии андоз таъсир нарасонида, аммо бе онҳо ситонидани пардохтҳои ҳатмӣ душвор гардонида мешавад. Ба андешаи ӯ «имтиёзҳо аз андоз - пешниҳоди имконият аз ҷониби қонунгузории андоз барои гурӯҳи мушаххаси андозсупорандагон оид ба напардохтани андоз, кам кардани меъёри андоз ва ё дар мӯҳлати дертар пардохти андоз мебошад» [14,с.38].

Ба андешаи Ф.Р. Абдуллоев ва З.И. Холхуҷаев, «имтиёзҳои андоз афзалиятҳое мебошанд, ки мутобиқи КА ҶТ ё шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, ки дорои муқаррароти вобаста ба андозбандӣ мебошанд, ба гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон нисбат ба дигар андозсупорандагон фароҳам оварда шудаанд, аз ҷумла бе ягон таъсири манфӣ ба андозсупорандаи имтиёздор додани имконияти напардохтан, ё дар ҳаҷми камтар, ё дар мӯҳлати нисбатан дертар супоридани андоз, эътироф карда мешаванд» [1,с.252].

Барои истифодаи имтиёз аз андоз, андозсупорандаи манфиатдор уҳдадор аст, ки чунин расмиёти ҳуқуқиро риоя намояд. Шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла воҳидҳои махсуси таъсиснамудаи онҳо (филиалҳо, намояндагиҳо, муассисаҳои доимӣ ва ғайра) ва шаҳрвандон (минбаъд – андозсупорандагон) бояд ба мақомоти андози мутаносибан дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, маҳалли ҷойгиршавии воҳидҳои махсуси он, маҳалли зисти шахси воқеӣ, инчунин маҳалли ҷойгиршавии амволи ғайриманқул ва воситаҳои нақлиёти андозбандишавандаи ба онҳо тааллуқдошта, тибқи тартиби муқаррарнамудаи КА ҶТ ариза пешниҳод намоянд.

Ҳангоми пешниҳоди ариза, шахси ҳуқуқӣ ҳамзамон бо ариза нусхаи мувофиқи тартиби муқаррargardida тасдиқшудаи шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки мувофиқи қонунгузории ҶТ таъсис шудани шахси ҳуқуқиро тасдиқ мекунанд, пешниҳод менамояд.

Ҳангоми пешниҳоди ариза, шахси воқеӣ ҳамзамон бо ариза, шиносномаи шаҳрванди ҶТ-ро, ки шахсияти андозсупорандаро тасдиқ мекунад, пешниҳод менамояд. Ариза бояд дорои чунин маълумот бошад:

1) насаб, ном, номи падар;

2) санаи таваллуд;

3) ҷинс;

4) суроғаи маҳалли зист;

5) маълумоти шиносснома (рақам, серия, рӯзи супоридан, кӣ супоридааст);

6) шаҳрвандӣ.

Мақоми андоз уҳдадор аст дар муҳлати 10 рӯзи тақвимӣ баъди пешниҳоди тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ, аризаро омӯзад ва дар ҳамин муҳлат ба андозсупоранда ҷавоб гардонад. Баъд аз омӯзиши ариза, мақомоти онро омӯхта қарор дар бораи додани имитиёз аз андоз ва ё рад кардани онро мебарорад [14,с.199-200].

Н.В. Миляков принсипҳои зерини имтиёзҳои андозиро ҷудо менамояд:

а) имтиёзҳои андозро наметавон дар вобастагӣ аз шакли моликият, шаҳрвандии шахси воқеӣ, маҳалли пайдоиши сармоя гузошт (бо ин баробарии шаклҳои мавҷудаи моликият ва ҳуқуқҳои сармоягузорони ватанию хориҷӣ таъмин карда шавад);

б) имтиёзҳо наметавонанд хусусияти инфиодӣ дошта бошанд;

в) андозсупоранда ҳуқуқ дорад аз истифодаи имтиёзҳо даст кашад ва ё истифодаи онро ба як ё якчанд давраи андоз боздорад, агар тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;

г) мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ҳуқуқ дорад имтиёзҳо ва асосҳои истифодаи онҳоро аз ҷониби андозсупоранда ҳангоми мавриди амал қарор додани андозҳои маҳаллӣ пешбинӣ кунад;

ғ) имтиёзҳо метавонанд танҳо ва истисноан бо санадҳои қонунгузории андоз пешниҳод карда шаванд.

Муқаррар намудани имтиёзҳои андоз дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз ба давлат имкон медиҳад, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои гуногуни на танҳо дорои хусусияти иқтисодӣ, балки иҷтимоиро низ ҳал кунад [6,с.37].

Қонунгузорӣ ба ин ё он категорияҳои андозсупорандагон имтиёзҳо пешниҳод намуда, ҳадафҳои зеринро пайгирӣ менамояд:

– татбиқи барномаҳои (лоиҳаҳо) афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ;
– ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт;
– баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ;
– дастгирӣ барои шуғли мустақили аҳолии қобили меҳнат ва ғ. [13,с.175].

Тибқи моддаи 32 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 [8] имтиёзҳои андозӣ бартарияти пешбининамудаи қонунгузории андоз эътироф карда мешаванд, ки ба гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон дар муқоиса бо андозсупорандагони дигар, аз ҷумла вобаста ба пардохт накардани андоз ё пардохт кардани онҳо, бо андозаи камтар пешниҳод карда мешаванд.

Мисол. Муассисаи таълимии таҳсилоти миёна аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ гардида, дорои объекти ғайриманқул бо масоҳати 5658м$^2$ мебошад, ки аз он 5526м$^2$ бевосита барои иҷро намудани вазифаҳои оинномавӣ (таълимӣ) истифода гардида, боқимонда 132м$^2$ дар асоси шартнома аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ ва муассисаи таълимӣ ба соҳибкори инфиродӣ барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ба иҷора дода шуда, иҷорапулии 132м$^2$ дар ҳаҷми пурра ба буҷети давлатӣ гузаронда мешавад. Дар ин ҳолат муассисаи таълимӣ аз ҳисоб ва пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул озод мебошад.

Имтиёзҳои иловагии андозӣ дар соҳаҳои афзалиятнок мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар бандҳои 7) ва 8) қисми 10 моддаи 1 КА ҶТ номбаршуда дар шакли ба андозаи то 50% коҳиш додани меъёри андози дар КА ҶТ муқарраршуда ва ба муҳлати на бештар аз 5 сол дода мешаванд.

Номгӯйи соҳаҳои афзалиятноке, ки ба онҳо имтиёзҳои андозӣ мутобиқи КА ҶТ ва имтиёзҳои иловагӣ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дода мешаванд, аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда мешавад. Ба истиснои соҳаҳои афзалиятноки нав муайяншуда, хориҷкунӣ ва ё азнавтасдиқкунии номгӯйи соҳаҳои афзалиятноки дорои имтиёз дар асоси таҳлили самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда барои рушди иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ сурат мегирад.

Имтиёзҳои андозӣ метавонанд бо шарти равона кардани маблағҳои аз андозбандӣ озодшуда барои мақсадҳои муайян пешниҳод карда шаванд. Дар ҳолати

ғайримақсаднок истифода кардани чунин маблағҳо, онҳо бо ҳисобу зам кардани фоиз (пеня) ба фоидаи буҷет бо тартиби муқарраршуда ситонида мешаванд.

Ҳаҷми маблағҳоеро, ки дар натиҷаи пешниҳод кардани имтиёзҳои андозӣ озод шудаанду дар давоми муҳлати амали ин имтиёзҳо истифода нашудаанд, дар давоми соли баъд аз анҷомёбии муҳлати амали имтиёзҳои пешниҳодшуда ба мақсадҳое равона кардан мумкин аст, ки ҳангоми пешниҳодкунии имтиёзҳо муайян шуда буданд. Дар баробари ин маблағҳои дар муҳлати зикршуда истифоданашуда бояд ба буҷет гузаронида шаванд.

Тибқи қисми 10 моддаи 32 КА ҶТ, дар ҳолати офатҳои табиӣ (заминларза, обхезӣ) ва ҳолатҳои фавқулода (эпидемия ва пандемия) Ҳукумати ҶТ метавонад ба ҳамаи андозсупорандагон ё гурӯҳи андозсупорандагон таътили андозӣ пешниҳод намояд.

Тартиби пешниҳод ва арзёбии самаранокию мақсаднокии имтиёзҳои андозӣ бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти давлатии дахлдори дигар аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда мешавад.

Ба андешаи Н.А. Богуславская, муқаррар намудани имтиёзҳои андоз ҳамчун унсури иловагӣ (факултативӣ) зуҳуроти вазифаи танзимнамоии андози замин мебошад. Чун қоидаи умумӣ муқаррар намудани андози замин аз имкониятҳои инфиродии андозсупоранда вобаста нест.

Бо вуҷуди ин, категорияҳои муайяни андозсупорандагон мавҷуданд, ки бояд бо пешниҳоди имтиёзҳои андоз дастгирӣ карда шаванд. Ҳамин тариқ, давлат ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир расонида, ба категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон дастгирии иҷтимоӣ расонида, инчунин рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиро ҳавасманд менамояд [4,с.194].

Олимон инчунин, имтиёзҳои андозиро барои андози замин ба имтиёзҳои андозии субъектӣ ва объектӣ тасниф менамоянд: Имтиёзҳои андозбандии субъективӣ ба ғайришартӣ (масалан, маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2 ва ғ.) ва шартӣ тақсим карда шуданд, ки танҳо дар шароити муайян татбиқ мешуданд [3,с.139].

Н.А. Богуславская имтиёзҳои андози заминро вобаста ба таъсири ҳалкунандаи объект ё субъект ба муқаррар намудани имтиёзҳои андоз ба намудҳои зерин ҷудо менамояд:

– имтиёзҳои андоз, ки мутобиқи онҳо субъектҳои алоҳида аз пардохти андоз озод карда мешаванд (масалан, мамнуъгоҳҳо, боғҳои миллӣ, дендрологӣ ва ботаникӣ);

– имтиёзҳои андоз, ки мутобиқи онҳо объектҳои алоҳидаи андоз, ки аз пардохти андоз озод карда мешаванд (заминҳое, ки таҳти хатти мушоҳида дар тули сарҳади давлатӣ қарор дошта, заминҳои истифодаи умумии маҳалҳои аҳолинишин ва ғ.);

– имтиёзҳои андоз, ки субъектҳои алоҳидаро нисбат ба объектҳои муайян аз пардохти андоз озод мекунанд (масалан, ташкилотҳои илмӣ аз пардохти андоз барои қитъаҳои замини бевосита барои мақсадҳои илмӣ истифодашаванда озод карда мешаванд) [4,с.197].

Тибқи моддаи 353 КА ҶТ аз пардохти андози замин ҳудудҳо ва заминҳои зерин озод мебошанд:

– ҳудуди мамнуъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дендрологӣ, ботаникӣ, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ, ки номгӯй ва масоҳати ҳудудҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муқаррар гардидаанд;

– заминҳои муассисаҳои давлатӣ, ки барои амалисозии фаъолияти оинномавии (низомномавии) чунин муассисаҳо истифода мегарданд, ба истисноии заминҳои чунин муассисаҳо, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ дода (истифода) шудаанд;

– заминҳое, ки мутобиқи қарори Ҳукумати ҶТ вайроншуда эътироф шудаанд, инчунин заминҳое, ки тибқи хулосаи расмии мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар марҳилаи азхудкунии кишоварзӣ қарор доранд, ба муҳлати 5 сол баъд аз гирифтани (оғози азхудкунии) чунин заминҳо;

– заминҳое, ки таҳти хатти мушоҳида дар тули сарҳади давлатӣ қарор дошта, бо мақсадҳои дигар истифода намешаванд;

– заминҳои истифодаи умумии маҳалҳои аҳолинишин ва хоҷагии коммуналӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ, қабристонҳо, агар дар чунин заминҳо фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода нашавад;

– заминҳои захираи озоди давлатӣ, инчунин заминҳое, ки дар зери пиряххо, ярчҳо, дарёҳо ва кӯлҳо воқеъ мебошанд, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

– заминҳое, ки дар онҳо таҷҳизоти манбаъҳои барқароршавандаи барқ насб гардидаанд (бо қувваи номиналии 0,1 МВт ва зиёда аз он), ба мухлати 5 сол аз санаи ба кор андохтани он;

– заминҳои тахти роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва роҳи оҳан, инчунин заминҳои тахти объектҳои давлатии интиқоли барқ, обтаъминкунӣ ва иншооти обии давлатӣ қарордошта, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

– заминҳое, ки барои таъмини мудофиа ва амнияти ҶТ мутобиқи ҷойгиркунии онҳо ва масоҳати муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ дода шудаанд, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

– як қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва қитъаи замине, ки барои сохтмони манзил ба шахсони дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 347 КА ҶТ зикршуда ҷудо гардидаанд;

– қитъаҳои замини наздиҳавлигие, ки ба муҳоҷирони ихтиёрӣ ва экологӣ барои зисти доимӣ аз як ноҳияи ҶТ дар дигар ноҳияҳои муайяннамудаи Ҳукумати ҶТ ҷудо карда шудаанд, ба мухлати 3 сол баъд аз ҷудо намудани чунин заминҳо;

– қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба муаллимони дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва духтурони дар муассисаҳои тиббии деҳот коркунанда ҷудо карда шудаанд, дар давраи кори онҳо дар чунин муассисаҳо;

– масоҳати заминҳое, ки бо мақсадҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин озмоиши навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, дарахтҳои ороишӣ ва мевадиҳанда ба ташкилотҳои илмӣ, хоҷагиҳои таҷрибавӣ ва илмию озмоишӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таълимии самтҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал, ки номгӯй ва истифодабарандагони онҳоро Ҳукумати ҶТ муайян менамояд, ҷудо гардидаанд, агар чунин масоҳатҳо бо мақсади соҳибкорӣ истифода нагарданд;

– қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил барои ҳамаи гурӯҳи маъюбон (ба истисноi маъюбони гурӯҳҳои I ва II) дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси замин ҷудо шудаанд, агар дар чунин оилаҳо шахси ғайри қобили меҳнат бошад ва шахси маъюб эътироф шуда, бе ҷойи кор бошад;

– замини чарогоҳҳо, алафзорҳо, бешаҳо ва заминҳои дигар, ки барои бунёди боғҳо ва токзорҳо истифода карда мешаванд, ба мухлати 5 сол аз соли оғози бунёди боғҳо ва токзорҳо, агар чунин заминҳо қаблан барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода нашуда бошанд.

Мисол. Кооперативи тиҷоратии «А» дар низоми умумии андозбандӣ фаъолият намуда, дорои 20 гектар қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ мебошад. Тибқи ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин аз 20 гектар замини мазкур 10 гектар қитъаи замини он ҳамчун тутзор нишон дода шудааст ва он амалан ҳамчун тутзор истифода мегардад. Бинобар ин, Кооперативи тиҷоратии «А» аз пардохти андози замин барои 10 гектар қитъаи замини тутзор озод мешавад.

Тибқи сархати 1 қисми 1 моддаи 353 КА ҶТ ҳудуди мамнуъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дендрологӣ, ботаникӣ, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ аз пардохти андоз аз қитъаи замин озод мебошанд.

Бо мақсади возеҳтар фаҳмидани қитъаҳои замине, ки тибқи моддаи 353 КАҶТ аз пардохти андоз аз қитъаи замин озод гардидаанд, шарҳи ҳар яке аз онҳоро мувофиқи мақсад мешуморем. Мутобиқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» аз 15 декабри соли 2011 таҳти №241 [11], мамнӯъгоҳи табиӣ - ҳудуди замин ё муҳити об, ки аз фаъолияти хоҷагидорӣ пурра гирифта шуда, барои нигоҳдорӣ ва омӯзиши комплексҳои табиии хос ва нодир, генофонди набототу ҳайвонот, гузаронидани мониторинги ҷараёни равандҳо ва ҳодисаҳои табиӣ пешбинӣ гардидааст.

Мувофиқи сархати 12 моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» аз 15 декабри соли 2011, №241 паркҳои дендрологӣ ва боғҳои ботаникӣ - муассисаҳое, ки вазифаи онҳо ташкили коллексияи дарахту буттаҳо бо мақсади ҳифзи гуногунии биологӣ ва ғанӣ гардонидани олами наботот, интродуксия ва мутобиқсозии намудҳои нави растанӣ, инчунин бо мақсадҳои илмӣ, таълимӣ ва фарҳангию маърифатӣ мебошад.

Тибқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» аз 4 апрели соли 2019, таҳти №1593 [10], сарватҳои таърихию фарҳангӣ - ашёи моддии дорои арзиши миллӣ, таърихӣ, бостоншиносӣ, бадеӣ, илмию маърифатӣ, маънавию ахлоқӣ ва фарҳангӣ, ки сарватҳои умумимиллӣ ва умумибашарӣ ба ҳисоб меравасанд.

Вале, агар мо ба муқаррароти моддаи 353 КА ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» назар намоем, дар онҳо мафҳумҳои гуногун, яъне «сарватҳои таърихию фарҳангӣ» ва «ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ» татбиқ гардидаанд, бо ин мақсад пешниҳод карда мешавад, ки дар Қонуни болозикр мафҳуми «ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ» ифода карда шавад.

Дар асоси моддаи 91 Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, таҳти №326 [9], ба заминҳои таъиноти таърихию фарҳангӣ заминҳои мамнуъгоҳҳои таърихию фарҳангӣ, боғҳои ёдгорӣ, мақбараҳо ва ёдгориҳои бостонӣ дохил мешаванд.

Тибқи боби 12 КЗ ҶТ, ба заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот дохил мешаванд. Ба заминҳои маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳо инҳо дохил мешаванд:

– заминҳои минтақаҳои истиқоматии шаҳрҳо;
– заминҳои истифодаи умумӣ;
– заминҳои истифодаи кишоварзӣ;
– заминҳои зери боғҳо ва ҷангалу буттазорҳо;
– заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, қубурҳои магистралӣ ва заминҳои таъиноти дигар;
– заминҳои зери об ва обанборҳо;
– заминҳои захираи шаҳрҳо.

Ба заминҳои маҳалли аҳолинишини деҳот ҳамаи заминҳое тааллуқ доранд, ки дар дохили сарҳадҳои муқарраршудаи ин маҳалли аҳолинишини деҳот воқеъ мебошанд. Заминҳои маҳалли аҳолинишини деҳот дар ихтиёри мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ мебошанд. Заминҳои маҳалли аҳолинишини деҳот мувофиқи лоиҳаҳои сохтмон ва нақшаи хоҷагидорӣ барои заминҳои наздиҳавлигӣ, сохтмони биноҳои истиқоматӣ, маданию маишӣ, иншооти истеҳсолӣ ва дигар мақсадҳо истифода бурда мешаванд.

Тибқи моддаи 72 КЗ ҶТ, қитъаҳои замин барои боғдорию полизкории коллективӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз заминҳое, ки қаблан дар истеҳсолоти кишоварзӣ истифода намешуданд, дода мешавад. Ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қитъаҳои замин барои боғдорию полизкории коллективӣ аз рӯйи ҳисоби то 0,06 гектар ба ҳар як аъзои коллектив дода мешавад.

Мувофиқи моддаи 93 КЗ ҶТ, ҳамаи заминҳое, ки ба истифода дода нашудаанд, заминҳои захираи давлатӣ буда, захира барои истеҳсолоти кишоварзӣ, саноат, нақлиёт ва дигар эҳтиёҷоти хоҷагии халқ ба шумор меравасанд. Ба ин намуди заминҳо инчунин заминҳое, ки ҳуқуқи истифодаи онҳо мувофиқи моддаи 37 ҳамин Кодекс қатъ гардидааст ва фонди махсуси ташкилшудаи замин дохил мешаванд.

Ба заминҳои фонди давлатии об заминҳои обанборҳо, пиряхҳо, тармаҳо, ботлоқу иншооти гидротехникӣ ва дигар иншооти хоҷагии об, инчунин заминҳое, ки барои соҳили обанборҳо, каналҳо ва заҳбурҳои асосӣ ва байнихоҷагӣ ҷудо шудаанд, мансубанд.

Мутобиқи моддаи 84 КА ҶТ ба заминҳои хатти барқ заминҳое мансубанд, ки ба корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои истифодабарандаи ин хатҳо мувофиқи меъёр ва лоиҳаҳои техникӣ барои сохтани пояҳои хатти ҳавоии интиқоли барқ, сохтани иморату иншоот ва дигар дастгоҳҳо дода шудаанд.

Заминҳо барои эҳтиёҷоти мудофиа заминҳое ба ҳисоб мераванд, ки барои ҷойгир кунондан ва фаъолияти доимии қисмҳо ва муассисаҳои ҳарбӣ, мактабҳои таълимии ҳарбӣ, ташкилоту корхонаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ, қӯшунҳои сарҳадӣ ва дохилӣ дода шудаанд.

Қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба шаҳрвандон аз ҷониби ҷамоати деҳот, шаҳрак ва шаҳрҳо мутобиқи қарори раисони шаҳрҳо, ноҳияҳо, вилоятҳо ва Ҳукумати ҶТ аз рӯйи ваколаташон, ки Кодекси мазкур муқаррар намудааст, ҷудо карда мешаванд.

Қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба андозаи то 0,12 гектар аз заминҳои обӣ ва ба андозаи то 0,25 гектар аз заминҳои обёринашаванда, дар ноҳияҳои навкорам ва кӯҳӣ ба андозаи то 0,15 гектар аз заминҳои обӣ ва ба андозаи то 0,40 гектар аз заминҳои обёринашаванда, ки масоҳати сохтмонҳо ва ҳавлӣ ба хамин ҳисоб дохил мешаванд, дода мешавад.

Қитъаҳои замин барои боғдорию полизкории коллективӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз заминҳое, ки қаблан дар истеҳсолоти кишоварзӣ истифода намешуданд, дода мешавад. Ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қитъаҳои замин барои боғдорию полизкории коллективӣ аз рӯйи ҳисоби то 0,06 гектар ба ҳар як аъзои коллектив дода мешавад.

Ҳамзамон, КА ҶТ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ низоми содакардашудаи андозбандиро пешбинӣ намудааст

Тибқи моддаи 385 КА ҶТ аз пардохти андози ягонаи кишоварзӣ қитъаҳои замини зерин озод карда мешаванд:

– қитъаҳои замини ҳудуди мамнуъгоҳҳо, боғҳои ботаникӣ, миллӣ ва дендрологӣ, ки номгӯйи ташкилотҳо ва масоҳати ҳудуди онҳоро Ҳукумати ҶТ муқаррар менамояд, агар қитъаҳои заминҳои ҷудогардида барои анҷоми фаъолияти соҳибкорӣ истифода карда нашаванд;

– қитъаҳои замине, ки мутобиқи қарори Ҳукумати ҶТ вайроншуда эътироф шудаанд, инчунин заминҳое, ки тибқи хулосаи расмии мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар зинаи азхудкунии кишоварзӣ қарор доранд, ба муҳлати 5 сол баъд аз оғози азхудкунӣ;

– заминҳое, ки таҳти хатти мушоҳидаи сарҳади давлатӣ қарор доранд, агар чунин заминҳо барои анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ истифода карда нашаванд;

– заминҳои захираи давлатӣ, агар чунин заминҳо барои анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ истифода карда нашаванд;

– заминҳои чарогоҳҳо, алафзорҳо, бешазорҳо ва заминҳои дигаре, ки барои бунёди боғҳо ва токзорҳо ҷудо карда мешаванд, агар чунин заминҳо қаблан барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода нашуда бошанд - ба муҳлати 5 сол аз санаи ҷудо гардидани қитъаи замин (Нигаред ба нақшаи 1).

Андозсупоранда уҳдадор аст, ки дар давоми 45 рӯзи тақвимӣ пас аз бунёди боғҳо ва токзорҳо ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавӣ доир ба масоҳати воқеии боғҳо ва токзорҳои бунёдшуда расман маълумот пешниҳод намояд.

Дар ҳолати дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод нагардидани маълумоти зикргардида чунин заминҳо ҳамчун заминҳои бо дарахтони бисёрсола бандбуда андозбандӣ карда мешаванд.

Инчунин, мутобиқи моддаи 393 КА ҶТ субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз супоридани андозҳои зерин озод карда мешаванд: андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ; андоз аз арзиши иловашуда; андоз аз объектҳои ғайриманқул; андози замин.

Ҳамин тавр, имтиёзи андоз бо роҳи сабук кардани бори андоз аз ҷиҳати молиявию иқтисодӣ фаъолияти соҳибкории андозсупорандагонро ҳавасманд мегардонад.

Мақсади асосии имтиёзҳои андозбандӣ ҳавасманд кардани андозсупоранда барои иҷрои ягон кор ё амал бо роҳи кам кардани ҳаҷми уҳдадории андозии ӯ ва сода кардани расмиёти пардохти андозҳо ба ҳисоб меравад. Имтиёзҳои андоз ҳамчун заминаи асосии рушди соҳибкории ҳар як давлат арзёбӣ карда мешаванд.

## 5. Имтиёзҳо

| | | Масоҳат (га) | Меъёр | Маблағи аз пардохт озод |
|---|---|---|---|---|
| 023 | Заминҳои аз андозбандӣ озод, ҳамагӣ (моддаи 385 Кодекси андоз) | А | Б | В |
| 024 | Аз он ҷумла: ҳудуди мамнуъгоҳҳо, боғҳои миллӣ, ботаникӣ ва дендрологӣ | | | |
| 025 | Қитъаҳои замини вайроншуда ва заминҳое, ки дар зинаи азхудкунии кишоварзӣ қарор доранд, ба муҳлати 5 сол баъд аз оғози азхудкунӣ | | | |
| 026 | Заминҳое, ки таҳти хатти мушоҳидаи сарҳади давлатӣ қарор доранд, агар чунин заминҳо барои анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ истифода карда нашаванд | | | |
| 027 | Заминҳои захираи озоди давлатӣ, агар чунин заминҳо барои анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ истифода карда нашаванд | | | |
| 028 | Заминҳои чарогоҳҳо, алафзорҳо, бешазорҳо ва заминҳои дигаре, ки барои бунёди боғҳо ва токзорҳо ҷудо карда мешаванд, агар чунин заминҳо қаблан барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода нашуда бошанд ба муҳлати 5 сол | | | |
| 029 | Дигар заминҳои аз пардохти андози ягона озод | | | |

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ - Соҳибзода М.М.**

### АДАБИЁТ


1. Абдуллоев Ф.Р. Ҳуқуқи молиявӣ: маҷмуаи таълимӣ-методӣ / Ф.Р. Абдуллоев, З.И. Холхуҷаев. – Душанбе: Озар, 2014. – 384 с.
2. Астапов К.Л. О реформе налоговой политики / К.Л. Астапов // Финансы. – 2000. – №10. – С. 29-31.
3. Белошапко Ю.Н. Российское налоговое право: учебное пособие / Ю.Н. Белошапко. -Владивосток: Издательство Дальневосточного университета. – 2004. – 216 с.
4. Богуславская Н.А. Правовое регулирование местных налогов в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук / Н.А. Богуславская. – Хабаровск, 2006. – 254 с.
5. Вычерова Н.В. Исполнение обязанности по уплате имущественных налогов в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук / Н.В. Вычерова. – Москва, 2016. – 228 с.
6. Грачева Е.Ю. Налоговое право: учебник / Е.Ю. Грачева, М.Ф. Ивлива, Э.Д. Соколова. -М.: Юристь, 2005. - 223 с.
7. Исломов Т.С. История становления и развития национальной налоговой системы Таджикистана / Т.С. Исломов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2005. – №3. – С.121-125.
8. Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 10.03.2023).
9. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – №23. – Мод. 351; 1997. – №23-24. – Мод. 333. 1999. – №5. – Мод. 59; 2001. – №4. – Мод.176; 2004. – №2. – Мод. 55. – №3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – №1. – қ. 2. – Мод. 22. – №6. – Мод. 463; 2011. – №3. – Мод. 171; 2012. – №4. – Мод. 269; №8. – Мод. 828; 2006. – №199; 2008. – №357; 2008. – №405; 2011. – №704; 2012. – №819; 2012. – №891; 2016. – №1363; 2021. – №1823. – №1824. – №1825; 2022. – №1902.
10. Қонуни ҶТ “Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ” аз 4 апрели соли 2019, №1593 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2023).
11. Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” аз 15 декабри соли 2011, №241 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2023).
12. Налоги и налоговое право: учебное пособие. Под ред. А.В. Брызгалина. – М., 1997. – 600 с.
13. Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ: нашри сеюм // Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: Полиграф-групп, 2022. – 536 с.
14. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ // Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Шонасридинов Н.Ш. – Душанбе: ЭР-граф, 2012, – 352 с.
15. Таърих ва назарияи андозситонӣ: китоби дарсӣ (ҳайати муаллифон). – Душанбе: Ирфон, 2019. – 232 с.
16. Ялбулганов А.А. Правовое регулирование земельного налога в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук / А.А. Ялбулганов. – М., 1998. – 297 с.


### ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИМТИЁЗҲОАЗ СУПОРИДАНИ АНДОЗИ ЗАМИН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф танзими ҳуқуқии имтиёзҳо аз супоридани андози заминро мавриди баррасӣ қарор додааст. Имтиёзи андоз бо роҳи сабук кардани бори андоз аз ҷиҳати молиявию иқтисодӣ

фаъолияти соҳибкории андозсупорандагонро ҳавасманд мегардонад. Мақсади асосии имтиёзҳои андозбандӣ ҳавасманд кардани андозсупоранда барои иҷрои ягон кор ё амал бо роҳи кам кардани ҳаҷми уҳдадории андозии ӯ ва сода кардани расмиёти пардохти андозҳо ба ҳисоб меравад. Имтиёзҳои андоз заминаи асосии рушди соҳибкории ҳар як давлат арзёбӣ карда мешавад. Додани имтиёз яке аз усулҳои баамалбарории сиёсати андозбандӣ буда, истифодабарии имтиёзҳои андоз ба ҳайси яке аз ҳуқуқҳои андозсупоранда муайян гардидааст. Имтиёзҳои андоз афзалиятҳое, ки мутобиқи КА ҶТ ё шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, ки дорои муқаррароти вобаста ба андозбандӣ мебошанд, ба гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон нисбат ба дигар андозсупорандагон фароҳам оварда шудаанд, аз ҷумла бе ягон таъсири манфӣ ба андозсупорандаи имтиёздор додани имконияти напардохтан, ё дар ҳаҷми камтар, ё дар муҳлати нисбатан дертар супоридани андоз эътироф карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** андозсупоранда. сиёсати андозбандӣ, принсипҳои андозбандӣ, унсури андоз, манбаи андоз, меъёри андоз, паст кардани меъёри андоз, кам намудани манбаи андоз, ихтисор намудани манбаи андоз, имтиёз, имтиёзи андозӣ, қитъаи замин, озодкунӣ аз андози замин.

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЯ ЛЬГОТ ПО УПЛАТЕ ЗЕМЕЛЬНОГО НАЛОГА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье автор рассматривает правовое регулирование льгот по уплате земельного налога. Налоговая льгота стимулирует деловую активность налогоплательщиков за счет снижения налоговой нагрузки, с финансово-экономической точки зрения. Основной целью налоговых льгот является побуждение налогоплательщика к выполнению какой-либо работы или действия путем уменьшения размера его налогового обязательства и упрощения порядка уплаты налогов. Налоговые льготы считаются основой развития предпринимательства в любой стране. Предоставление льгот является одним из способов реализации налоговой политики, а использование налоговых льгот определяется как одно из прав налогоплательщика. Налоговые льготы - преимущества, предоставляемые определенным группам налогоплательщиков по отношению к другим налогоплательщикам в соответствии с Налоговым кодексом Республики Таджикистан или международными договорами, признанными Республикой Таджикистан, которые содержат положения, связанные с налогообложением, в том числе возможность уплаты без какого-либо негативного воздействия на льготного налогоплательщика, либо в меньшем размере, либо в относительно позднем периоде уплаты налога.

**Ключевые слова:** налогоплательщик, налоговая политика, принципы налогообложения, налоговый элемент, база налога, ставка налога, снижение налоговой ставки, уменьшение базы налога, сокращение налоговой базы, льгота, налоговая льгота, земельный участок, освобождение от земельного налога.

## LEGAL REGULATION OF LAND TAX BENEFITS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the author examines the legal regulation of benefits for the payment of land tax. The tax benefit stimulates the business activity of taxpayers by reducing the tax burden from a financial and economic point of view. The main purpose of tax incentives is to encourage the taxpayer to perform some work or action by reducing the amount of his tax liability and simplifying the procedure for paying taxes. Tax incentives are considered the basis for the development of entrepreneurship in any country. Tax incentives are the benefits provided to certain groups of taxpayers in relation to other taxpayers in accordance with the Tax Code of the Republic of Tajikistan or international treaties recognized by the Republic of Tajikistan that contain provisions related to taxation, including the possibility of payment without any negative impact on the preferential taxpayer, either in a smaller amount, or in a relatively late tax period.

**Keywords:** taxpayer, tax policy, principles of taxation, tax element, tax base, tax rate, reduction of the tax rate, reduction of the tax base, reduction of the tax base, benefit, tax relief, land plot, exemption from land tax.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Буриева Дилафруз Толибовна*** – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон**: (+992) 93-411-11-61.** E-mail: **burieva.dilafruz1111@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Буриева Дилафруз Толибовна*** – Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель кафедры административного права и государственной службы факультета государственного управления. **Адрес**: 734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица академика А. Адхамова, 33. Телефон: **(+992) 93-411-11-61**. E-mail: **burieva.dilafruz1111@gmail.com**

**Information about the author:** ***Burieva Dilafruz Tolibovna*** – Academy of public administration under President of the Republic of Tajikistan, applicant for the department of administrative law and public service of the faculty of public administration. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Academician A. Adhamov 33 street. Phone: **(+992) 93-411-11-61**. E-mail: **burieva.dilafruz1111@gmail.com**

ТДУ: 297.15:34

# ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ИДЕОЛОГИЯИ ЭКСТРЕМИСТИИ ДИНӢ-СИЁСӢ

*Салихов Р.С.*
**Академияи ВКД ҶТ**

Идеологияи муосир маҷмуи ғояҳо ва вазифаҳои хусусияти сиёсидоштаро барои ҳамгироии қувваҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати эътироф намудани андешаҳои мушаххаси идеологӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои муайянро фаро мегирад. Идеология ба табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ (давлат, синфҳо, гурӯҳҳо) мансуб буда метавонад. Аз ин лиҳоз, дар адабиёт «идеологияи ҷамъиятӣ» ва «идеологияи давлатӣ» аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар зери мафҳуми мафкураи ҷамъиятӣ низоми ақидаҳо ва ғояҳое фаҳмида мешавад, ки бевосита ё бавосита хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ин ё он ҷомеа, манфиатҳо ва ҳадафҳои таркибии онро, ки барои нигоҳдорӣ ё тағйир додани ҳаёти ҷамъиятии мавҷуда нигаронида шудаанд, инъикос менамояд. Зери мафҳуми идеологияи давлатӣ маҷмуи тадбирҳои мақсадноке фаҳмида мешавад, ки ниҳодҳои давлатӣ барои ташаккули шуури ҷамъиятӣ амалӣ менамоянд.

Идеология бо низомҳои сиёсӣ алоқаи ногусастанӣ дошта, вобаста ба тағйир ёфтани сохтори сиёсию ҳуқуқӣ, инкишофи истеҳсолоти моддию маънавӣ шакли худро дигар мекунад. Муҳаққиқ С.С. Ятимов дуруст қайд мекунад, ки «идеология аз ҷиҳати генезис динамикӣ, ташаккулёбанда, мутобиқшаванда, ҷаззоб, қабл аз ҳама, пешгузаранда ва дар баробари ин, назар ба дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, аз ҳама ихтилофомез, моҷароангез ва муддаии пешгардӣ мебошад» [23,с.12].

Дар тадқиқоти илмии муосир ҷузъҳои сохтории идеология ба сатҳи назариявӣ-консептуалӣ, барномавӣ-нақшавӣ ва амалӣ ҷудо карда мешаванд. Таснифоти дигари системаи идеология шаклҳои зерини онро дар бар мегирад: идеологӣ, меъёрӣ, расмӣ, оммавӣ. Хусусиятҳои идеология дар шароити сиёсии муосир дар он ифода ёфтаанд, ки аҳаммияти махсуси шаклҳои меъёрию идеологии он рӯз аз рӯз коҳиш ёфта, баръакс, намудҳои оммавии он рӯ ба афзоиш ниҳодаанд. Мисоли оммавӣ шудани яке аз намудҳои идеология афзоиши эҳсосоти ифротгароӣ дар ҷомеа мебошад, ки бо роҳи тағйир додани миқёси васеи анъанаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ таҳдиду хатарҳои навро ба бор овардааст.

Вобаста ба ин, А. Соловёв комилан дуруст қайд мекунад, ки «дар шароити бартарияти воқеии «арзишҳои таҳрифшудаи динӣ» қисми зиёди аҳолӣ аз истифодаи усулҳои ташаккули рамзҳои асотирӣ комилан қаноатманд мебошанд, ки аз набудан ва ё сатҳи пасти муқовимат ба чунин «арзишҳо» дарак медиҳад» [18,с.11]. Дар ин замина метавон ба хулосае омад, ки як қисми ҷомеа ногузир ба дарки содашудаи воқеияти сиёсӣ майл дорад, ки дар доираи он арзёбиҳои мутафовит зоҳир мешаванд, аз қабили «худӣ – бегона», «хуб – бад», «одилона – беадолатона» ва ғайра. Зеро ҷаҳолат ва нодонӣ чунин ваъдаҳоро дар тафаккури онҳо ба идеал табдил медиҳад. Дар натиҷа ҷорӣ кардани тарзу усулҳои тундгароӣ ба вуҷуд овардани доираи идеалии раванди сиёсӣ мегардад. Афзоиши таъсири омилҳои идеологӣ дар ҳаёти сиёсӣ тавассути баҳодиҳии гуногуни вазъ метавонад ба гурӯҳҳои иҷтимоии ба ҳам комилан муқобил таъаллуқ дошта бошад. Ҳамин тавр, мафкурасозӣ роҳи махсуси ташаккули шуури ҷамъиятӣ буда, дар равандҳои сиёсӣ ба назар мерасад. Ба ибораи дигар, ин таҳмил кардани ҷаҳонбинии интихобшуда ба дигарон аст.

Дар заминаи ин пажуҳиш ба саволҳои зерин посух додан лозим аст: «Идеология (мафкура)-и ифротгароии динӣ-сиёсӣ чист?»; «Ифротгароӣ тавассути кадом шаклҳои он сурат мегирад?».

Экстремизм (ифротгароӣ) аз калимаи лотинии «exstremus» сарчашма гирифта, маънои «пайравии ақидаву чораҳои шадид, қатъӣ (ниҳоӣ) (асосан дар сиёсат)-ро фарогир аст» [12,с.32]. Аммо танҳо сиёсат намуди холиси зуҳурёбии ифротгароӣ нест, зеро зоҳиршавии ифротгароӣ аз рӯйи ангезаҳои миллатгароӣ ва диниву мазҳабӣ низ хеле маъмуланд ва мафҳумҳои нажодпарастӣ, маҳалгароии ифротгароӣ дар доираи

қонунгузории амалкунанда ва ифротгароии забонӣ ва ҷинсӣ дар доираи меъёрҳои байналмилалӣ ҳамчун фаҳмиш ва истилоҳи илмӣ ҷойгузин шудаанд.

Бинобар дар тули таърих омезиш ёфтани ифротгароӣ бо сиёсат, дин, миллатпарастӣ ва нажодпарастӣ, дар алоҳидагӣ баррасӣ кардани онҳо имконнопазир аст. Зеро таснифоти ифротгароӣ аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, миллӣ, нажодӣ ва динӣ-мазҳабӣ шартӣ мебошад ва онҳо ҳеҷ гоҳ дар асл дар намуди «тоза» зоҳир намешаванд [2,с.14-21]. Ифротгароии дорои хусусияти миллатпарастӣ қариб ҳамеша унсурҳои экстремизми сиёсӣ ва ё диниву мазҳабиро доро мебошад [20,с.157].

Ба андешаи бархе аз муҳаққиқон, ифротгароӣ на танҳо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ арзи вуҷуд менамояд, балки ҳамчун як навъи мубориза сиёсӣ барои амалисозии назорати иҷтимоӣ ва идоракунии ҷомеа зоҳир мешавад [7,с.22]. Маҳз дар ҳамин замина Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо (ПАСЕ) дар соли 2005 мафҳуми мазкурро дар таҳрири зайл муайян карда буд: «Ифротгароӣ як шакли фаъолияти сиёсист, ки бевосита ё бавосита принсипҳои демократияи парлумониро рад мекунад».

Муҳаққиқони ватанӣ Ҳ.С. Сафарзода, П.А. Насуриён ва дигарон дар таҳқиқоти худ ба хулосае меоянд, ки экстремизми муосир мазмуни маҷмуавӣ дошта, фарогири ангезаҳои сиёсӣ, динӣ, миллатгароӣ, нажодпарастӣ ва маҳалгароии экстремизм мебошад. Инчунин, онҳо комилан дуруст иброз менамоянд, ки ҷанбаҳои сиёсии экстремизм аз мафҳуми «радикализм» (тундгароӣ) маншаъ гирифтааст [16,с.109-110].

Аз ин лиҳоз, муаллифони мазкур ангезаҳои динии экстремизмро ба зуҳуроти «бунёдгароӣ» (фундаментализм) марбут дониста, изҳор менамоянд, ки ин истилоҳ «дар аввал таҷассумгари ҷунбишҳои модернистӣ дар равияи протестантизми дини насронӣ буд». Зеро протестантҳо ба мисли «салафиҳои» имрӯза, зарурати фаҳмиши таҳтуллафзии Китоби муқаддасро талқин мекарданд, вале азбаски дар марҳилаҳои гуногуни таҳаввулоти ҷамъиятӣ ва бархӯрди манфиатҳо шуури инсонӣ матнҳои муқаддасро гуногун қабул мекунад, ба вуҷуд омадани ихтилофи назарҳои эътиқодӣ ногузир буд [6,с.49].

Манзур аз овардани таносуби мухтасари мафҳумҳои «фундаментализм», «радикализм», «миллатгароӣ», ин фаъолияти шахс ва ё гурӯҳи одамоне мебошад, ки миллати худро аз дигарон боло гузошта, обрӯ ва эътибори дигар қавму халқҳоро паст зада, барои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо ва ё нест кардани онҳо кӯшиш намуда, чунин намуди миллатгароӣ метавонад ба сатҳи давлатӣ баромада, тобиши нажодпарастӣ ва ё фашизмро гирад [17,с.243].

Ба андешаи мо, новобаста ба он, ки «фундаментализм» – ро олимони ватанӣ ва хориҷӣ ҳамчун ҷараёни сиёсии динӣ-мазҳабӣ ба давраи протестантизм марбут медонанд, решаҳои ин падида ба умқи таърих мерасад.

Яке аз проблемаҳои замони муосир дар муқовимат ба идеологияи динӣ-сиёсӣ дар он аст, ки ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ динро бо ақидаҳои ҷараёни «салафия» бевосита омехта сохта, дар коҳишёбии ҳувияти миллии тоҷикон кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода истодаанд. Пеш аз ҳама, онҳо дар байни ҷавонон ташвиқу тарғиб менамоянд, ки гузаштагони мову шумо «оташпараст» ва «кофир» ҳастанд, ба ёд овардани онҳо «бидъат» ва «ширк» мебошад. Ному насаби тоҷикӣ (Рустам, Сухроб, Фаридун, Ҷамшед ва ғ.) ва суннатҳои миллӣ (Сада, Наврӯз, Меҳргон, Тиргон ва ғ.)-ро мухолифи арзишҳои динӣ дониста, ғаразмандона маънидод менамоянд. Инчунин, шоирону мутафаккирони миллати форсу тоҷик, аз қабили Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Хайём, Румӣ, Аттор ва дигаронро, ки таъриху тамаддуни созандаи миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ кардаанд, «бидъаткор» меноманд. Аз ҷумла, ҳаракати террористии «Толибон» дар Афғонистон дорухона ва табобатгоҳҳои ба номи Синову Форобиро бо таври зӯрӣ тағйири ном карда, онҳоро дар назди мардум «мулҳид» хондаанд.

Муҳаққиқи ватанӣ А.И. Муминов дуруст меафзояд, ки «чунин дарки кӯр-кӯрона дар шинохти арзишҳои умуминсонӣ дар ҷомеаи муосир аз фанатизми (таассуботи) динӣ шаҳодат медиҳад, ки шаклҳои зуҳурёбии онҳо хеле гуногунанд. Дар бештари вақт, таассуботи динӣ дар ботини шахс тасаввуроти худмуайянкунии руҳиро ба вуҷуд оварда, виҷдони муъминро заиф месозад, имони онро таҳриф мекунад, инсонро аз муҳаббат нисбат ба дигарон маҳрум месозад, озодии онро бо таҳдидҳо буғӣ мекунад,

зиддиятро ба вуҷуд меорад, дар байни диндорон бадбиниро барангехта, онҳоро ба мунокишаҳои хунин мувоҷеҳ месозад. Аммо имони ҳақиқӣ ҳама шакли зӯровариро ба таври қатъӣ рад мекунад ва тафаккури динӣ, вақте ки аз муҳаббат илҳом мегирад, ба як фазилат табдил меёбад» [7,с.22].

Бинобар сабаби он ки идеологияи экстремистии динӣ бо сиёсат омезиш ёфтааст, ба таври умумӣ назар андӯхтан ба таърихи ин падида яке аз ҳадафҳои асосии ин таҳқиқот мебошад.

Ба андешаи С.И. Политов, аввалин террористон аъзои сектаи муташаккили «Шилот Сикарӣ» буданд, ки дар солҳои шастуми милодӣ дар Фаластин амал мекарданд. Тактикаи сикариён чунин буд, ки онҳо рӯзона дар вақти ҷашну идҳо ба Байтулмуқаддас ҳамла мекарданд, вақте ки шаҳр пур аз одам буд. Аслиҳаи истифодашудаи онҳо ба истилоҳ «сика», яъне ханҷар ё шамшери кӯтоҳ буд. Онҳо медонистанд, ки дар байни издиҳом шахси қотилро шинохтан ва дастгир кардан душвор аст.

Сикариҳо, ки худ яҳудӣ буданд, ҳам бар зидди румиён ва ҳам ашрофони яҳудӣ, ки бо онҳо ҳамкорӣ мекарданд, мубориза мебурданд [13,с.19; 39,с.5].

Дар ҳамин раванд, гуфтан ҷоиз аст, ки ҷавҳари дини ислом асосан тавҳид ва тарбияи инсони комил аст, аммо пас аз даргузашти Пайғамбари он, дини ислом ба чандин мазҳаб, равия, фирқа ва гурӯҳ ҷудо гардид. Бо мурури замон ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии динӣ исломро ба манфиатҳои худкомагии хеш (панарабизм, пантуркизм, паштунизм ва ғ.) истифода бурданд. Сиёсӣ кардани дин дар масоили давлатдорӣ дар ҳамаи давру замон боиси хушунат, бадбинӣ ва зулму ситами ҳамагон гардид.

Масалан, Ибни Балхӣ дар «Форснома» навиштааст, ки Абдуллоҳ ибни Умар ном омили араб «савганд хӯрд, ки чандон бикушад аз мардуми Истахр (Эрон), ки хун биравад. Ба Истахр омад ва ба ҷанг биистод … ва хуни ҳамагон мубоҳ гардонид ва чандон, ки мекуштанд хун намерафт, оби гарм бар хун рехтанд, пас бирафт. Чиҳил ҳазор кушта буд берун аз маҷҳулон». Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» гуфтааст, ки Қутайба дар Хоразм ҳар касро, ки хатти хоразмӣ медонист ва аз улуми ахбор ва авзои эшон огоҳ буд, кушт ва китобҳои эшонро бисӯхт» [15,с.13].

Пас аз паҳншавии васеи дини ислом таассуботи динӣ дар асоси равияҳои гуногуни мазҳаби суннӣ ва шиа аз қабили ботинӣ (ботиния – ҷараёни мазҳаби шиа, ки мувофиқи ақоиди аҳли он шариат дар баробари маънии зоҳирӣ маънии ботинӣ низ дорад), қарматӣ [11,с.152-183], рофизӣ ва ғ. то ҳадде расид, ки ба сари мардуми форсу тоҷик ба ҷуз зулму ситам, харобиву ифротгароӣ, аз даст додани давлату давлатдорӣ чизе боқӣ нагузошт.

Фирдавсии бузург дар яке аз суҳбатҳояш бо Муҳаммад ибни Исмоили Аскофӣ дар Бағдодро ба ёд оварда мегӯяд, ки Аскофӣ аз сиёсати шоҳ – Нуҳи Сомонӣ изҳори нигаронӣ менамояд, ки «Маҳмуд писари Сабуктегинро дар синни 25-солагиаш дар Хуросон ба ҷойи Симҷурӣ сипоҳсолор таъин карда, ба ӯ лақаби Сайфуддавла ва ба Сабуктегин лақаби Носириддин в-ад-давла додааст, зеро онҳо дар оянда метавонанд боиси заволи давлати Сомониён гарданд» ва ҳамин тавр ҳам шуд [19,с.87].

Дар айёми давлатдории Султон Маҳмуди Ғазнавӣ шоири зиндаёд Фирдавсӣ аз рафтору кирдори мутаассибони динӣ, ки бархе аз мусалмонҳоро ба «ботинӣ-қарматӣ» ва «рофизӣ» ҳукм карда, онҳоро дар байни мардум бо бераҳмии хосса ба қатл мерасондаанд, хеле мутаассир мегардад. Аз ҷумла, ҳангоми дар Бағдод буданаш яке аз ҳамсафаронаш Абдуллоҳ шоҳиди он мешавад, ки асирони ба «қарматӣ» ҳукм гардида, дар майдон дар байни мардум аз ҷониби ҷаллодон аввал як даст, сипас пой ва боз дасту пойи дигар бурида, каллаи асир бо табар аз тан ҷудо карда мешавад ва мардуми мутаассиб «Аллоҳ акбар» гуфта фарёд мезадаанд [19,с.93].

Имрӯз чунин бераҳмиву беадолатӣ дар Ироқ, Сурия ва Афғонистон пас аз ҳазор сол боз ба ҳукми анъана даромада, ҷаҳонро ба ваҳшат овардааст. Зери ниқоби дин, таърих чӣ қадар бераҳмиву беадолатиро паси сар карда, боз ҷомеа рӯ ба рӯйи хатарҳои ҷаҳолат ва нодонии инсонҳо гардидааст. Имрӯз низ бенизомии эътиқодӣ боиси таассуф ва нигаронӣ мебошад.

Инчунин, таассуботи динӣ-мазҳабӣ байни суннӣ ва шиа дар давраҳои ҳукмронии Алпарслони турк – шоҳи сулолаи Салҷуқиён (1037-1193) то ҳадде расида буд, ки Ваҳҷадӣ ном шиамазҳаби ироқии дар дарбори Алпарслон ба ҳайси муовини Адрам яке аз амирони ӯ кор мекард ба ботинӣ (қарматӣ) гунаҳгор карда шуда, ба қатл расонда мешавад.

Алпарслон ба Адрам мегӯяд: «Ту бадмазҳабеву кофиреро ба хидмат овардӣ. Ман сад бор ба шумо гуфтам, ки шумо лашкари Хуросон ва Мовароуннаҳред ва дар ин диёр бегонаед ва ин вилоят ба шамшеру қаҳр ва тағаллуб гирифтаед. Мо ҳама мусулмони покизаем ва аҳли Ироқ бадмазҳаб, баддин ва бадэътиқоданд…. Агар камтар инҳо кувват гиранд, ҳам аз ҷиҳати мазҳаб ва ҳам аз ҷиҳати вилоят якеро аз мо туркон зинда намонанд ва аз хару гов камтар бошанд, он ки дӯсту душман надонанд» [11,с.131-132].

Дар ин ҷумла, рақобати динӣ-мазҳабӣ ва сиёсии турку араб дар зери пардаи дини ислом таҷассум ёфтааст.

Пас аз кушта шудани Алпарслон (с.1072) ҳокимият ба ихтиёри писари ӯ Маликшоҳ мегузарад. Ба дарбори Маликшоҳ яке аз мутаассибони сахти динии ҷараёни исмоилия Ҳасани Сабоҳ ба хизмат ҷалб мегардад, ки байни Низомулмулк ва ӯ зиддияти эътиқодӣ ба вуҷуд меояд. Сипас, бо ҳамдастии Турконхотун, зани Маликшоҳ, ки бисёр бадахлоқу ишратпараст ва дар корҳои давлатдорӣ мунтазам дахолату таъсиргузорӣ менамуд, 14 октябри соли 1092 Низомулмулк дар вақти сафари Бағдодаш дар наздикии шаҳри Наҳованд бо теғи қотили фармоишшуда – Абутоҳир (бо фармоиши Ҳасан Сабоҳ) ба қатл расонида мешавад [11,с.4-5].

С.В. Помазан, иброз медорад, ки тибқи сарчашмаҳо дар асоси ангезаҳои экстремистии динӣ-сиёсӣ Ҳасан Сабоҳ ҳадафро интихоб карда, ба қотилон барои куштани онҳо маблағи пулӣ низ медодааст. Амалиёти мутаассибони динӣ, ки аз ҷониби Ҳасан тарҳрезӣ мешуданд, асосан барои нобуд кардани одамони баландмақом (префектҳо, губернаторҳо, халифаҳо) нигаронида шуда буд. Аъзои ин равияи динӣ-сиёсӣ ҳатто тавонистанд, ки подшоҳи Байтулмуқаддас Конрад Монферратро кушанд. Фаъолияти онҳо ба дараҷае расида буд, ки мансабдорони баландпоя танҳо баъд аз он, ки ғуломони онҳо нахуст хӯрокро мечашиданд, сипас ба хӯрдани чизе шуруъ мекарданд [14,с.16].

Ба ақидаи Н.А. Халфин, барои амалӣ намудани манфиатҳои геополитикии худ дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 20-уми асри XX хадамоти ҷосусии Британияи Кабир мусулмонҳои ҳиндустониро истифода мебурданд. Онҳо аз ҷониби толибилмони собиқ мактаби махсуси разведкавии ин кишвар дар Ҳиндустон тайёр карда шуда, амалиётҳои махсуси онҳо аз ин кишвар роҳандозӣ карда мешуданд [21,с.28]. Британияи Кабир бо мақсади фишор овардан ба Россия зери ливои мубориза бо «кофарон» пантуркистонро ба таври васеъ истифода мебурд.

Б. Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» меафзояд, ки гарчанде ҳукумати Русияи подшоҳӣ ба интишори шиорҳои пантуркизм дар Туркистон бо хавф менигаристанд ва ҷосусони туркиро сахт назорат мекарданд, бисёр ҷосусон аз доираи назорат берун мемонданд ва аз Туркия ба Осиёи Марказӣ ҷосусони туркӣ меомаданд, кору бори пайравони худро тафтиш мекарданд, роҳу равиши минбаъдаро нишон медоданд, бо адабиёти лозима таъмин менамуданд [3,с.729].

Афкори «салафия» бошад, дар ҳаёти мусалмонони Осиёи Марказӣ ҷараёни ҷадиде мебошад, ки аз солҳои 80-уми асри гузашта доман паҳн намуда, онро муҳаққиқон «исломи ғайрисуннатӣ» арзёбӣ менамоянд. Асосгузорони идеологияи «салафӣ» гӯё мардуми мусалмонро ба барқарорсозии принсипҳои исломи «ноб» даъват менамоянд. Аммо асосгузори ин идеологияи экстремистии арабӣ Ибни Таймия (1263-1328) буд, ки аз тарафи пайравони мазҳаби Имом Ҳанбал дастгирӣ ва пуштибонӣ ёфт, ки танҳо бо мақсади пурқувват кардани манфиатҳои миллии арабҳо буд. Ақидаи ӯро Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (1703-1792) ҳамчун нишони эътироз ва таҷзияи Империяи Усмонӣ тақвият бахшида аст. Намояндаи дигари ин равия Ҳасан-ал-Банно (1906-1949), ки асосгузори ташкилоти экстремистии «Бародарони мусалмон» дар Миср буд, солҳои 30-40-ум аз ин кишвар ронда шуда, дар Арабистони Саудӣ дубора пуштибонӣ ёфт.

Бинобар иттилои таҳлилгарони сиёсӣ [10,с.37], ташкилоти террористии «Толибон» аз ҷониби Покистон ва Арабистони Саудӣ пуштибонӣ меёфт. Ташкилотҳои хайриявии исломии Туркия «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон»-ро ҳамаҷониба дастгирӣ мекарданд. Дар Сурия ва Ироқ бошад, Туркия аз ташкилоти террористии «Ҷабҳат-ан-нусра» пуштибонӣ менамуд.

Дар Тоҷикистон солҳои 1997-1998 тадриҷан таъсири ҳизби дар тамоми ҷаҳон маъруфи исломии тундгарои «Ҳизб-ут-Таҳрир» густариш ёфт, ки яке аз шохаҳои ташкилоти динии «Ихвон-ул-муслимин» (Бародарони мусулмон) мебошад. Мақсади ғоявии «Ҳизб-ут-Таҳрир» дар байни шаҳрвандони кишварҳои исломӣ ташкил кардани давлати ягонаи теократӣ (исломӣ) мебошад, ки тибқи аҳкоми шариат арзи ҳастӣ хоҳад кард [9; 8,с.35-39].

Солҳои 1999-2002 дар Тоҷикистон 126 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 276 нафар роҳбарону узви «Ҳизб-ут-Таҳрир» оғоз карда шуда, аз онҳо зиёда аз 700 китобу маҷалла ва 1700 варақаи фарогири ғояи ин ҳизб пайдо ва мусодира карда шуд. Ташхиси судии адабиёю сиёсӣ, муаллифшиносӣ, таърихӣ, ҳуқуқшиносӣ ва дигар намуди ташхисҳо оид ба ин мавод нишон доданд, ки адабиёти мусодирагардида арзишҳои исломи сиёсиро таблиғ карда, барои барангехтани кинаву адовати динӣ-мазҳабӣ мусоидат менамояд, ба сарнагункунии сохти конститутсионӣ ва таъсиси давлати исломӣ (Хилофат) даъват мекунад [22,с.15].

Дар солҳои 2000 паҳн намудани чунин варақаҳо ва моил кардани ҷавонон ба узвияти «Ҳизб-ут-Таҳрир» дар водии Фарғона, вилоятҳои Сурхандарё ва Қашқадарёи Ӯзбекистон ва вилояти Бодканди Қирғизистон низ хеле вусъат ёфта буд. Дар натиҷа садҳо нафар мубаллиғон дар Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд, аммо ин тамоюл имрӯз дар кишварҳои номбурда аз нав вусъат ёфтааст.

ИМА, Англия, Фаронса ва шарикони стратегии онҳо – Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Қатар, Покистон ва ғайра ҳангоми воридшавии неруҳои Шуравӣ ба Афғонистон, ба хусусияти ҷиҳодӣ ва такфирӣ касб кардани ҷараёни «салафия» такон дода буданд. «Имрӯз ин ҷараён бо шаклу муҳтавои нав дар сиёсати таҷовузкоронаи онҳо бо ҳамдастии бархе аз давлатҳои мусулмонтабор аз худ дарак медиҳад» [1,с.89].

Дар мавриди шиддатёбии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон, бояд нақши манфии ташкилоти экстремистию террористии Ҳизби наҳзати исломӣ (минбаъд – ТЭТ ҲНИ)-ро низ таъкид кард.

Ҷонибдорони ТЭТ ҲНИ бо ҳимояти мазҳабӣ, идеологӣ, сиёсӣ, молӣ ва моддию техникии бархе аз давлатҳои мусулмонӣ даргириҳои мусаллаҳонаро аз соли 1992 оғоз карданд, ки то соли 1997 идома ёфт [5,с.120].

Ба ақидаи мутахассисони соҳа, яке аз сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон он буд, ки амалан тамоми фазои сиёсии ҷумҳурӣ бо тарҳҳои байналмилалии исломгароӣ пур шуд. Лоиҳаҳои исломгароёни фаромиллӣ таҳия гардиданд, зеро дар марҳалаи аввали истиқлол исломгароёни Тоҷикистон барномаи худро надоштанд ва онҳо воқеан кӯшиши амалӣ кардани идеяҳо ва лоиҳаҳоеро доштанд, ки манфиатҳои миллии Тоҷикистонро дар назар надоштанд [4,с.26].

Маҳз дар ҳамин давра механизми ба гурӯҳҳои ифротгаро ҷалб намудани ҷавонони аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир васеъ паҳн гардид.

Омӯзиш ва таҳлили маводи парвандаҳои оперативӣ ва ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки аз соли 1992 то соли 1999 дар ҳудуди Қирғизистон, Туркманистон, Қазоқистон ва Озарбойҷон хадамоти махсуси давлатҳои манфиатдори исломӣ аъзои ТЭТ ҲНИ-ро, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ аз хоки ҷумҳурӣ баромада, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта буданд, фаъолона ба ҳамкорӣ ҷалб мекарданд.

Соли 1994 то соли 2002 аъзои ба ном «фаъол»-и ТЭТ ҲНИ бо роҳнамоӣ ва дастгирии молиявии намояндагони хадамоти махсуси ҳосусии баъзе давлатҳои исломӣ нисбат ба хизматчиёни ҳарбии дивизияи 201-уми Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходимони ҷамъиятию динӣ ва давлатии Тоҷикистон, инчунин раҳбарони руҳонии ҷараёнҳои

динии ғайриисломӣ, зиёда аз 30 амали террористӣ содир карда, садҳо мардуми бегуноҳро ба қатл расониданд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти гуфтаҳои боло, чунин хулосаву пешниҳодотро мувофиқи мақсад мешуморем:

1. Идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ маҷмуи ғояҳо ва амалҳои хусусияти зӯроваронаи психологӣ-оммавӣ, идеологӣ-сиёсидоштаро дар бар мегирад, ки аз ҷониби давлатҳои гуногун ва ҷараёнҳои мухталифи динӣ – мазҳабӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ, нисбат ба рақибони худ амалӣ карда шудааст.

2. Ба ҳайси субъектҳои мафкураи экстремистии динӣ-сиёсидошта давлатҳои алоҳида ва ё ҳизбу ҳаракатҳои динӣ баромад намуда, онҳо тафаккури экстремистӣ-диниро бо мақсадҳои сиёсӣ истифода бурда, бо роҳи барангехтани кинаву адовати динӣ-мазҳабӣ дар байни омма аз шумули мардуми ноогоҳ ҷонибдорони сершуморе пайдо намуда, онҳоро барои бо роҳи зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимияти давлатӣ ва ё сарнагун сохтани режимҳои демократӣ ва созанда истифода мебаранд.

3. Экстремизми динӣ-сиёсӣ аз оғози таърих то ба имрӯз дар сиёсати бархе аз давлатҳои Шарқ ва Ғарб дар асоси тафаккури таҳрифшудаи динӣ, барои ба танзим даровардани муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ ва дар мавридҳои зарурӣ барои пахш кардани рақибони сиёсӣ ва озодандешон ба таври васеъ истифода гардидааст.

4. Ба равия ва ҷараёнҳои гуногун ҷудо гардидани динҳои Иброҳимӣ (яҳудӣ, насронӣ, ислом) мазмуну муҳтавои аркони созандаи онҳо аз ҷониби руҳониёни дорои ҷаҳонбинии гуногун ба таври мухталиф тарғибу ташвиқ мешуд, ки ихтилофи ақидаҳо ногузир гардид ва хушунату бадбинӣ аз лиҳози дину мазҳаб боиси фоҷиаҳои даҳшатбори таърихӣ гардид. Дар замони муосир низ идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ дар ҳаракатҳои ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ-террористӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ хеле равшан зуҳур ёфтааст, ки ба муқобили арзишҳои миллӣ, демократӣ ва умумиинсонӣ равона мебошанд.

5. Асосгузорони идеологияи экстремистии «салафия» арабтабороне мебошанд, ки тафаккури онҳо бо мақсади аз зери асорати давлатҳои империалистӣ озод шудан хусусияти «такфирӣ» ва сиёсӣ гирифта буд ва онҳо ҳамин тафаккуро барои ҳифз намудани манфиатҳои худ ва шарикони стратегии ғарбиашон ба муқобили давлати собиқ Шуравӣ дар Афғонистон истифода бурданд ва ин ҷараёни иртиҷоӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ҳамин гуна мақсадҳои геополитикӣ амалӣ гардида истодаанд.

6. Идеологияи динӣ-сиёсӣ дар мамлакатҳои Шарқи ислом бо роҳи исломро дубора азнавсозӣ кардан (исломизатсия) арзи вуҷуд карда истодааст, ки ин раванд боиси пайдо шудани идеологияи тафриқаандоз ва харобиовар гардида, аз ҷавҳари маънавии исломи созанда дур шуда истодааст. Зеро мубаллиғони чунин идеология низоми демократиро дар давлатҳои Осиёи Марказӣ низоми «куфр» хонда, арзишҳои миллии тоисломии мардуми форсу тоҷикро ба мисли Сада, Меҳргон, Тиргон, Наврӯзро «бидъат» ва номҳои миллии тоҷикиро номҳои «маҷусӣ» хонда, расму оин ва арконҳои таҳрифшудаи динии ба мардуми мо бегонаро ташвиқу тарғиб менамоянд.

**Муқарриз: н.и.х., дотсенти ДМТ - Муминзода Н.И.**

**АДАБИЁТ**


1. Баротзода, Ф. Тафаккури дунявӣ ва зиёдаравии динӣ / Ф. Баротзода // Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: Маориф, 2015.
2. Верховский, А. Политический экстремизм в России: общественно-политическая литература / А. Верховский, А. Папп, В. Прибылявский. – М.: Ин-т экспериментальной социологии, 1996.
3. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна / Б.Ғ. Ғафуров.– Душанбе: Ирфон, 1983.
4. Давлатов, М. Национальные интересы Таджикистана и исламские проекты / М. Давлатов // Материалы семинара «Динамика развития национальных и религиозных проектов в Центральной Азии». – Душанбе: Ирфон, 2006.
5. Искандаров, А.И. Родники дружбы (Записки посла) / А.И. Искандаров. – М.: Изд-во «Международные отношения», 2000. – 296 с.
6. Левин, З.И. Реформа в исламе. Быть или не быть? опыт системного и социокультурного исследования: монография / З.И. Левин. – М.: Ин-т востоковедения РАН: Крафт +, 2005. – 230 с.

7. Муминов, А.И. Религиозный экстремизм в контексте социальных изменений: дисс. канд. филос. наук / А.И. Муминов. – Душанбе, 2017.
8. Мухаббатов, К.М. Реакционная политика «Хизб-ут-Тахрир»: монография / К.М. Мухаббатов. – Душанбе, 2010. – 212 с.
9. Муњаббатов, К.М. Социально-политические факторы образования религиозно-политической организации «Хизб-ут-Тахрир» и ее реакционная сущность: по материалам Таджикистана: дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / К.М. Мухаббатов. – Душанбе, 2004.
10. Назиров, Д.Н. Вопросы генезиса религиозно-политического экстремизма и терроризма: монография / Д.Н. Назиров. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 209 с.
11. Низомулмулк. Сиёсатнома / Низомулмулк. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2019.
12. Ожегов, С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка / РАН: Институт русского языка: Российский фонд культуры / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – М., 1993.
13. Политов, С.И. Современный международный терроризм как угроза национальной безопасности России: дис. … канд. полит. наук С.И. Политов. – М., 2007.
14. Помазан, С.В. Уголовно-правовые и криминологические аспекты противодействия терроризму: дис. … канд. юрид. наук: С.В. Помазан. – М., 2001.
15. Риёҳӣ, М. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ) / М. Риёҳӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2012. – 338 с.
16. Сафарзода, Ҳ.С. Асосҳои муқовимат ба экстремизми динӣ-мазҳабӣ / Ҳ.С. Сафарзода, П.А. Насуриён ва диг. – Душанбе, 2022.
17. Сидоренко, А.Г. Терроризм и террористическая безопасность в контексте истории и современной геополитики / А.Г. Сидоренко, Ю.В. Тихомиров. – М.: Кучково поле, 2011. – 243с.
18. Соловьев, А. Политическая идеология в российском транзите: возможности и пределы влияния / А. Соловьев // Власть. – 2001. – № 8. С. 8-15.
19. Улуғзода, С. Фирдавсӣ / С. Улуғзода. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2017.
20. Хайдарзода, М.П. Теоретические основы понятия экстремизма / М.П. Хайдарзода // Актуальные проблемы права и государства в XXI веке: материалы IX Международной научно-практической конференции; г. Уфа, 20-21 апреля 2017 года: в 5 ч. Ч. 3 / под общ. ред. Ф.Б. Мухаметшина. -Уфа: Уфимский ЮИ МВД России, 2017.
21. Халфин, Н.А. Политика России в Средней Азии (1847-1868) / Н.А. Халфин. -М.: Изд-во Восточной литературы, 1960.
22. Хизб-ут-Тахрир. Политико-правовая характеристика. – Худжанд: ООО «Хуросон», 2002.
23. Ятимов С.С. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 191 с.

## ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ИДЕОЛОГИЯИ ЭКСТРЕМИСТИИ ДИНӢ-СИЁСӢ

Дар мақола ҷанбаҳои таърихии пайдоиш ва ташаккулёбии идеологияи экстремистӣ дар равияҳои гуногуни динҳои яҳудиву насронӣ ва ислом, ки боиси хушунат, бадбинӣ, қатлу куштороҳои оммавӣ, паст задани обру ва эътибори дигар миллату халқиятҳо гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки новобаста аз ҷанбаҳои хеле муассири тарбиявию ахлоқӣ доштани динҳои ҷаҳонӣ, дар давраҳои гуногуни таърихӣ, ҷараёнҳои динӣ ва ҳатто давлатҳои алоҳидаи манфиатҷӯ динро барои ба даст овардани қудрати сиёсӣ ба таври васеъ истифода бурдаанд. Пас аз нузули ислом, ҳангоми пайдо шудани ҷараёнҳои гуногун ва бо сиёсат омезиш ёфтани дин, ба сари миллати тоҷик ва давлату давлатдории он фоҷеаҳои даҳшатбор фурӯ рехтаанд.

**Калидвожаҳо**: идеология, таърих, сиёсат, дин, динҳои ҷаҳонӣ, ислом, экстремизм, терроризм, кинаю адоват.

## ЗАРОЖДЕНИЕ И ФОРМИРОВАНИЕ ЭКСТРЕМИСТСКОЙ (РЕЛИГИОЗНО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ) ИДЕОЛОГИИ

В данной статье рассматриваются исторические аспекты зарождения и формирования экстремистской (религиозно-политической) идеологии в различных течениях иудейской, христианской и исламской религий, повлекшие за собой насилие, ненависть, массовые убийства, унижение чести и достоинства отдельных наций и народов. Автор приходит к выводу, что, несмотря на весьма глубокие воспитательные и нравственно-духовные начала мировых религий, некоторые религиозные течения и даже отдельные государства в разные исторические периоды широко использовали религию для подавления политических противников. Появления различных течений в исламе и их слияние с политикой стало причиной больших трагедий для таджикского народа и его государственности.

**Ключевые слова:** идеология, экстремизм, терроризм, история, политика, религия, мировые религии, ислам, ненависть.

## THE ORIGIN AND FORMATION OF EXTREMIST (RELIGIOUS-POLITICAL) IDEOLOGY

This article discusses the historical aspects of the origin and formation of extremist (religious-political) ideology in various currents of the Jewish, Christian and Islamic religions, which led to violence, hatred, mass murder, humiliation of the honor and dignity of individual nations and peoples.The author comes to the conclusion that, despite the very deep educational and moral and spiritual principles of world religions, in different historical periods, some religious movements and even individual states widely used religion to suppress political opponents. After the advent of

Islam, the emergence of its various currents, and mixing with politics, this caused terrible tragedies for Tajik people and its State system.
**Keywords:** ideology, extremist, terrorism, history, politics, religion, islam, hatred, enmity.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Салиҳов Р.С.*** - Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. **Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3. E-mail: **salihovrustam10@mail.ru**

**Сведения о авторе:** ***Салихов Р.С.*** **-** Академия МВД Республики Таджикистан, соискатель кафедры оперативно-розыскной деятельности. **Адрес**: Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Мастонгулов, 3. E-mail: **salihovrustam10@mail.ru**

**Information about the author:** ***Salikhov R.S.*** **-** Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Adjikistan, applicant of Department of operative-research activity. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulov street 3. E-mail: **salihovrustam10@mail.ru**

ТДУ: 343.33

# ГУМРОҲ КАРДАН ОИД БА ХОСИЯТИ ИСТЕЪМОЛКУНӢ Ё СИФАТИ МАҲСУЛОТ (ХИЗМАТРАСОНӢ) ДАР ТАРКИБИ ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ФИРЕБИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

*Шарипов С.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Гумроҳ кардан оид ба хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) – ин хабари нодуруст додан дар бораи хосияти ин ё он мол (хизмат), ки ба сифати он, санаи тайёр кардани он, муҳлати коршоямии он, навъи он, мамлакат ва ё фирмаи тайёркардаи он ва ғайра taaллуқ дорад. Чунин иттилоот барои фиреб додани истеъмолкунанда равона карда шудааст [9].

Хосиятҳои мол – ин хусусияти объективии он мебошанд, яъне чизе мебошад, ки як маҳсулотро аз дигараш фарқ мекунад. Ҳар як маҳсулот дорои хосиятҳои зиёдест, ки метавонанд ҳангоми ташаккул, кор ё истеъмоли он зоҳир шаванд. Хусусиятҳои маҳсулоте, ки фоиданокии онро дар раванди кор ва истеъмол муайян мекунанд, хосиятҳои истеъмолӣ номида мешаванд. Номенклатураи хосиятҳои истеъмолӣ ва нишондиҳандаҳои онҳо аз рӯйи хусусият ва таъиноти маҳсулот муайян карда мешавад. Хусусиятҳои истеъмолӣ барои маҳсулоти тайёр ва молҳои дар савдои чакана фурӯхташуда хосанд.

Хусусияти истеъмолии мол ба якчанд намудҳо ҷудо мешавад, аз ҷумла: хусусиятҳои эргономикӣ – қобилияти маҳсулот барои ба вуҷуд овардани ҳисси роҳат, бароҳатӣ, пурратар қонеъ гардонидани талабот мувофиқи хусусиятҳои антропометрӣ, физиологӣ, психологӣ ва органолептикии истеъмолкунанда мебошад. Эргономика илмест, ки шахсро дар шароити мушаххаси фаъолияташ ҳамаҷониба меомӯзад, то воситаҳо ва равандҳои меҳнатро дар раванди истеъмол оптимизатсия кунад. Ин хосиятҳо талаботи физиологӣ ва психологиро қонеъ мекунанд. Хусусиятҳои антропометрӣ - қобилияти мол ҳангоми истифодааш ба хусусиятҳои ченкунии истеъмолкунанда мувофиқат кардан аст. Ин хосиятҳо бояд ҳангоми истеъмоли мол бароҳатӣ эҷод кунанд. Онҳо дар арзёбии сифати маҳсулоти ғайриғизоӣ, махсусан либос ва пойафзол аҳаммияти калон доранд, бинобар ин, ҳангоми тархрезӣ ва таҳияи маҳсулот маълумотҳо оид ба ченкунии антропометрии аҳолӣ, ки дар асоси онҳо андозаи либосҳо, пойафзол ва кулоҳҳо чен карда мешаванд, истифода мешаванд. Хусусиятҳои физиологӣ – қобилияти мол барои таъмини қулайии фаъолияти узвҳои алоҳида ё қисмҳои бадани инсон ҳангоми истифодабарии онҳоро ифода мекунад. Дар раванди истеъмоли мол одам дар баробари сарфи энергия қувваи муайян сарф мекунад. Ҳангоми истеъмоли маҳсулот ҳар қадар кӯшиши камтар лозим бошад, ҳамон қадар хосиятҳои функсионалии он беҳтар аст. Хусусиятҳои физиологии мол бояд хусусиятҳои инфиродии табақаҳои алоҳидаи истеъмолкунандагонро аз рӯйи асосҳои гуногун (аз рӯйи синну сол, ҳолати саломатӣ) ба назар гиранд.

Ҳамин тавр, барои ҳама маҳсулоти хӯрокворӣ хосиятҳои муайянкунандаи таъиноти функсионалӣ арзиши энергетикӣ ва биологӣ мебошанд; барои як гурӯҳи маҳсулоти либос ва пойафзол, ин хосиятҳои муҳофизатӣ аз таъсири манфии беруна мебошанд.

Яке аз хосиятҳои мол, ки бештар дар амалия барои бандубасти м. 294 КҶ ҶТ аҳаммияти хосса дорад, ин маълумоти нодуруст дар бораи мол мебошад. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаб намояд ва истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) уҳдадор аст сари вақт ба истеъмолкунанда дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) маълумоти зарурӣ ва боэътимоде пешниҳод намояд, ки имконияти интихоби дурусти онро таъмин созад. Мисол, А.А. даст ба содир намудани сӯиқасди ҷинояти муомилот ва фиреби истеъмолкунандагон дар чунин ҳолат задааст. Ӯ аз аввали соли 2018 то инҷониб дар вазифаи директори ҶДММ «Руслан» фаъолият карда истода, дар давоми моҳи декабри соли 2020 бо мақсади ба даст овардани фоидаи муфт бархилофи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" амал карда, дидаю дониста дар сехи истеҳсолии худ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Раҳмон Набиев, бинои №246, 2565 адад арақи "Кристалл", 1380 адад араки "Тоҷикистон", 30 адад "ГОСТ", 240 адад арақи "Ашки гандум", 48 адад арақи "Руслан", 48 адад коняки "Чёрный аист", 16 адад коняки "Тоҷикистон" ва 36 адад коняки "Белый Аист", ҷамъ 4363 адад машруботи спиртии тамғанашуда ва ғайристандартиро ба маблағи умумии 68627 сомонӣ истеҳсол ва

нигаҳдошт карда, онро бо мақсади бе маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ва аломатҳои мутобиқатии аз сохтакорӣ муҳофизатшаванда ба муомилот баровардан, дар сехи номбурда нигоҳ доштааст. Ӯ кирдори ҷинояткоронаи худро идома дода истода, рӯзи 21 декабри соли 2020, 240 адад машруботи спиртии навъи «Ашки гандум»-и истеҳсолкардаашро бе маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус, аломатҳои мутобиқатии аз сохтакорӣ муҳофизатшаванда ва ғайристандартӣ бо мақсади ба муомилот баровардан, ба автомашинаи тамғаи «Опел Астра», рақами қайди давлатиаш 39-50 СТ 01, ки таҳти идораи Г.О.Р., қарор доштааст 2565 адад арақи "Кристалл", 1380 адад арақи "Тоҷикистон", 30 адад "ГОСТ", 48 адад арақи "Руслан", 48 адад коняки "Чёрный аист", 16 адад коняки "Тоҷикистон", 36 адад коняки "Белый аист"-и бе маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус, аломатҳои мутобиқатии аз сохтакорӣ муҳофизатшаванда ва ғайристандартӣ бо мақсади ба муомилот баровардан, ба автомашинаи боркаши тамғаи «Мерседес Атего» рақамҳои қайди давлатиаш 82-71 ОО 01, ки ба шаҳрванд С.М.М., тааллуқ доштааст, барои фурӯхтан, бор карда, сӯиқасди гумроҳи истеъмолкунандагонро дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ва сифати маҳсулот ба миқдори махсусан калонро кардааст. Мувофиқи хулосаи ташхиси комплексии судӣ-молшиносӣ, физикию кимиёвӣ ва бехатарии намунаҳои Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистӣ, №21\4992\2021 аз 11 январи соли 2021 арақҳои тамғаи "Руслан" дар зарфи пластмассӣ, бо ғунҷоиши 1 литр, "Кристалл" бо ғунҷоиши 0,5 литр, "Тоҷикистон" бо ғунҷоиши 0,5 литр ва "Ашки гандум" бо ғунчоиши 1 литр аз рӯйи нишондодҳои сифат, ҳаҷми рехт ва қувватнокӣ ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии ГОСТ 12712- 2013 "Араҳҳо ва шартҳои техникӣ" мутобиқ нестанд. Илова бар ин, коняки тамғаи "Тоҷикистон" бо ғунҷоиши 1 литр ва "Чёрный аист" бо ғунҷоиши 0,5 литр аз рӯйи нишондодҳои сифат ва қувватнокӣ ба талаботҳои ҳуҷҷати меъёрии ГОСТ 31732-14 мутобиқат намекунад [5].

Бояд қайд намуд, ки номгӯйи намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунанда аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муқаррар карда мешавад. Маълумоти дар қисми якуми м. 9 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” зикршуда рӯшану возеҳ ва фаҳмо ба маълумоти истеъмолкунандагон ҳангоми бастани шартномаҳои хариду фурӯш ва шартномаҳои иҷрои кор (хизматрасонӣ) бо тарзҳои маъмулӣ баъзе соҳаҳои хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон ба забонҳои давлатӣ ва русӣ расонида мешавад. Маълумот оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ба таври ҳатмӣ бояд ҳолатҳои зеринро дар бар гирад [3]:

– зикри стандартҳое, ки мол (кор, хизматрасонӣ), нишони мол ё нишони хизмати бақайдгирифташуда (патент кардашуда) бояд ба талаботи ҳатмии ин стандартҳо мувофиқат намояд;

– маълумот оид ба хусусиятҳои асосии истеъмоли мол (кор, хизматрасонӣ), нисбати озуқа – маълумот оид ба таркиб (аз ҷумла номгӯйи дигар маводи хӯрок ва иловаи хӯрок, ки дар ҷараёни тайёр кардани онҳо истифода шудаанд), вазн ва ҳаҷми мавод, калорияи (қувваи) озуқа, таркиби моддаҳои барои саломатӣ зарарнок дар муқоиса бо талаботи стандартҳо, инчунин қобили истеъмол набудани истеъмоли он дар мавриди баъзе бемориҳо. Номгӯйи моле (коре, хизматрасоние), ки маълумот дар хусуси он дар мавриди баъзе бемориҳо бояд дорои нишондоди ғайри қобили истифода бошад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад;

– нарх ва шартҳои ба даст овардани мол (кор, хизматрасонӣ);

– муҳлати кафолат, агар он муқаррар шуда бошад;

– қоида ва шартҳои истифодаи самаранок ва бехатари мол (кор, хизматрасонӣ);

– муҳлати хизмат ва муҳлати коршоямии мол (кор, хизматрасонӣ), ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст ва ҳамчунин маълумот дар бораи амали зарурии истеъмолкунанда баъди гузаштани муҳлати мазкур ва оқибати имконпазир дар сурати иҷро накардани чунин амал, ба шарте ки мол (кор, хизматрасонӣ) баъди гузаштани муҳлати зикршуда барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда хавфу хатар пеш оварад ё худ барои истифода аз рӯйи таъинот корношоям шавад;

– ишораи тарзи тайёр кардани маводи хӯроквории зудтайёршаванда (нимтайёр) дар борҷомаи онҳо;

– маҳалли ҷойгиршавӣ (суроғаи ҳуқуқӣ), рақами телефон, номи фирмавии (номи) истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ва маҳалли ҷойгиршавии ташкилот (ташкилотҳо), ки барои қабули шикоятҳои истеъмолкунандагон, таъмиркунандагон ва хизматрасонии техникии мол (кор) аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ваколатдор карда шудаанд;

– маълумот оид ба сертификати ҳатмии мувофиқати мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), инчунин дар мавриди зарурат маълумот оид ба хулосаҳои санитарию эпидемиологӣ;

– маълумот дар бораи қоидаҳои фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ);

– зикри шахси мушаххасе, ки кор (хизматрасонӣ)–ро иҷро мекунад ва агар ин аҳаммият дошта бошад, маълумот дар хусуси ӯ бо назардошти хусусияти кор (хизматрасонӣ);

– зикри истифодаи фонограммаҳо ҳангоми хизматрасонии фароғатӣ аз ҷониби иҷрокунандагони асарҳои мусиқӣ.

Агар фурӯшанда истеъмолкунандаро вобаста ба хосиятҳои дар боло зикршуда гумроҳ намояд, яъне онҳоро таҳриф намуда, пешкаши истеъмолкунанда гардонад, пас кирдори ӯ бояд бо м. 294 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Масъалаи сифат ва миқдори мол асосӣ буда, зери назорати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва як қатор санадҳои зерқонунӣ қабул шудаанд. Ба монанди Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи номгӯйи молҳо (кор, хизматрасониҳо), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд аз 18 июни соли 2012, №310, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз воридшавии молҳои бесифат аз 26.01.2008, № 47.

*Мафҳуми расмии сифати мол (кор, хизматрасонӣ)* дар Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” дарҷи худро ёфтааст ва мувофиқи он, сифтаи мол - маҷмуи хусусиятҳои моле (коре, хизматрасоние), ки ба талаботи муқарраргардида ва ё эҳтимолии истеъмолкунанда (бехатарӣ, коршоямӣ, хусусиятҳои истифода, боэътимодӣ, камхарҷӣ, талаботи иттилоотии завқӣ ва ғайра)–ро қонеъ гардонидани он нисбат дорад. Ҳамзамон, масъалаи сифати мол махсусан дар м. 6 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” ба таври мушаххас омадааст ва вайронкунии он боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 294 КҶ ҶТ мегардад.

Мафҳуми сифати маҳсулот дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон истифода бурда мешавад. Сифат ҳамчун истилоҳи фалсафӣ аз ҳастии объект ҷудонашаванда будани аломатҳои муайянкунандаи онро ифода менамояд, ки бо туфайли он вай маҳз ҳамон объект аст, на объекти дигар. Маҳз ба туфайли сифат дар як объект аз объектҳои дигар дар алоҳидагӣ вуҷуд дорад ва тасаввур карда мешавад. Сифат дар маҷмуи хусусиятҳои объект ифода меёбад. Сифати молҳо бо фоиданокии он, яъне бо қобилияти қонеъгардонии талаботи одамон вобастагӣ дорад. Сифат маҷмуи ин ва ё он хусусияти молҳо ва фоиданокии онҳо мебошад. Сифати маҳсулот маҷмуи хусусиятҳои вай мебошад, ки мувофиқан бо мақсади пешгузошта дараҷаи коршоямии онро барои қонеъ гардонидани талаботи муайян муқаррар менамояд. Сифати маҳсулот бо ин маънӣ он хусусиятҳои маҳсулотро дар бар мегирад, ки қобилияти қонеъ гардонидани талаботи муайяни молумулкӣ ё шахсӣ дорад [4,с.46].

Муҳаққиқи барҷастаи илми ҳуқуқи соҳибкорӣ М.З. Раҳимов (Раҳимзода) менависад, ки сифати маҳсулот маҷмуи хусусиятҳои ниҳоят муҳимми вай (техникӣ, иқтисодӣ, эстетикӣ ва ғайраҳо) мебошад, ки дар стандартҳо, шартҳои техникӣ ва дар шартнома мустаҳкам карда шудааст. Хушсифатии маҳсулот бошад мувофиқ будани маҷмуи хусусиятҳои муҳимми маҳсулот ба талаботи стандартҳо ва шартҳои техникӣ, инчунин ба шартҳои шартнома вобаста мебошад [7,с.10-11].

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар соҳаи тайёр кардан ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, хизматрасонӣ дар соҳаи савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот ва дар соҳаи хӯроки умумӣ фаъолият менамоянд, вазифадоранд ба харидорон ва истеъмолкунандагон, инчунин ба мақомоти ваколатдори Ҳукумати ҶТ оид ба назорат ва тафтиши сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, риояи талаботи санадҳои меъёрӣ ҳангоми тайёр кардан ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва хизматрасонӣ маълумоти эътимоднок пешниҳод намоянд. Мақомоти ваколатдори Ҳукумати ҶТ оид ба назорат дар соҳаи стандартизатсия, сертификатсия, метрология ва савдо, назорати санитарию эпидемиологӣ, назорати байторӣ ва назорати карантини растанӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони воқеию ҳуқуқӣ, иттилоотро дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот, дар бораи риояи талаботи санадҳои меъёрӣ ҳангоми истеҳсол ва гардиши маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот, хизматрасонӣ дар соҳаи хӯроки умумӣ, дар бораи бақайдгирии давлатии маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот, дар бораи тасдиқи онҳо мувофиқи талаботи санадҳои меъёрӣ ва тадбирҳо оид ба пешгирии фурӯши маҳсулоти хӯроквории пастсифат ва хатарнок, маводу маснуот таъмин менамоянд. Талабот оиди сифати маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот,

таъмини бехатарии онҳо, борбандӣ, тамғазанӣ, назорати истеҳсолӣ ба сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, тартиби баҳодиҳӣ ва тасдиқи мутобиқати онҳо ба санадҳои меъёрӣ, тариқи санҷиш ва мутобиқсозии онҳо, ҳамчунин нисбат ба ҳуҷҷатҳои техникӣ ва системаҳои сифат дар асоси стандартҳои давлатӣ таъин мегардад. Талабот оиди арзиши ғизоии маҳсулоти хӯрокворӣ, бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, бехатарии шароити коркард ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардан, тайёркунӣ ва муомилоти онҳо, бехатарии хизматрасонӣ дар соҳаи савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва соҳаи хӯроки умумӣ мутобиқи қоидаҳо ва меъёрҳои санитарӣ муайян карда мешавад [10].

Аз ҷониби Агентии «Тоҷикстандарт» дар соли 2020 ба миқдори 2 355 256 кг (2 313 736 кг дар соли 2019) маҳсулоти ғизоии гуногуни пастсифат ба қайд гирифта шудааст, ки як қисми ин маҳсулот аз ҷиҳати бехатарӣ (1 708 932 кг) ва қисми дигари он аз рӯйи тамғагузорӣ дар борҷомаашон (646 324 кг) ба талабот ҷавобгӯй набуданд. Соли гузашта аз ҷониби мақомоти мазкур дар умум масолеҳи сохтмонӣ – 3284 кг, фурӯзонакҳои тафсон – 4219 дона, фурӯзонакҳои каммасраф – 22513 дона, бозичаҳо – 54748 дона, ноқил – 58310 метр (аз рӯйи ташхис), тамоку 150 қуттӣ, маводи парфюмерӣ – 25699 кг, дафтар – 2688 дона, китоб – 60 дона, ки ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ ҷавобгӯй набуданд, ошкор ва аз муомилот гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраршуда ба коркарди дубора ё несту нобудсозӣ равона карда шудааст. Аз ҷониби Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати ҶТ бошад, дар соли 2020 ба миқдори 232043,9 кг, 1368 литр, 24251 дона (219388 кг, 1693 литр, 23232 дона дар соли 2019) ҳамчун маҳсулоти бесифат ва хавфнок муайян гардида, аз фурӯш боздошта ва нобуд карда шудаанд. Аз ҷумла, 58671,7 кг маҳсулоти гӯштӣ, 12167,3 кг (литр) маҳсулоти ширӣ, 1368,0 литр равғани растанӣ, 24251 дона тухми паранда, 938,9 кг моҳӣ, 680,5 кг асал, 5793,2 кг маҳсулотҳои намакин, 6027,0 кг меваи хушк, 121145,0 кг меваю сабзавот ва 26620,3 кг маҳсулоти полезӣ. Илова бар ин, дар Озмоишгоҳҳои ташхиси беҳдошти байтории бозорҳои истеъмолии марказҳои зертобеи Маркази миллии ташхиси бехатарии озуқаворӣ 265762 намуна мавод ворид гардидааст, ки аз ин миқдор 59158,8 кг маводи бесифат аз фурӯш боздошта, безарар гардонида шудааст [8,с.14].

Талаботи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоте, ки тибқи стандартҳои давлатӣ, қоидаҳо ва нормаҳои санитарию байторӣ муқаррар гардидаанд, барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки машғули истеҳсол ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, хизматрасонӣ дар соҳаи савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва соҳаи хӯроки умумӣ мебошанд, ҳатмист. Назорати давлатӣ дар соҳаи таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, Хадамоти назорати давлатии байторӣ, Хадамоти давлатии фитосанитарӣ, карантини растаниҳо ва назорати тухмӣ ва инчунин мақомоти назорати давлатӣ дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои ҶТ амалӣ мегардад [10,с.22-23].

Ҷиҳати таъмини бехатарии саломатии шаҳрвандон, яъне пешгирӣ аз воридот ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, ё ин ки муҳлати истифодабариаш гузашта, воридоти молу маҳсулот бидуни расмиёти гумрукӣ ВКД ҶТ низ нақши муассир дорад. Масалан, таҳлили вазъи ҳуқуқвайронкунӣ дар вилояти Суғд нишон медиҳад, ки танҳо дар давоми 6 моҳи соли 2022 157 далели муомилоти молу маҳсулоти пастсифати ба саломатӣ хатарнок ва фиреби истеъмолкунандаро ошкору ҳуҷҷатгузорӣ намудаанд, ки аз ин шумора 91 ҳолати он бо моддаи 294 КҶ ҶТ бандубаст карда шудааст. Бо ошкор намудани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ дар ин самт шуъбаҳои ВКД дар шаҳру ноҳияҳои Ҷ.Расулов 31 ҳолат, Хуҷанд 16 ҳолат, Мастчоҳ ва Ашт 13 ҳолат, Конибодом 11 ҳолат ошкор намудаанд [6].

Яке аз масъалаҳое, ки ба сифати маҳсулот дахл дорад ва дар амалия риоя нагардидани он ҳамчун фиреби истеъмолкунандагон (м. 294 КҶ ҶТ) бандубаст мегардад, ин ба муомилот баровардани маҳсулоти хӯрокворӣи хатарнок мебошад [12]. Маҳсулоти хӯрокворие хатарнок ҳисобида мешаванд, ки агар онҳо ба саломатии инсон зарарнок ва (ё) барои истеъмоли инсон номувофиқ бошанд. Маҳсулоти хӯрокворӣ хатарнок ҳисобида мешаванд, агар:

- дар таркибашон микроорганизмҳо, бактерия - паразитҳо, заҳрҳои бактериологӣ ва моддаҳои фаъоли кимиёвии бофтаҳои аз сатҳи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дахлдор зиёдтар дошта бошанд;
- дар таркиби худ заҳрҳои табиӣ ё дигар моддаҳои заҳрноки табиии аз сатҳи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор зиёдтар дошта бошанд;

- дар таркибашон намакҳои металлҳои вазнин, боқимондаи пеститсидҳо, доруворихои байтории, гормондор, микотоксинҳо ва дигар моддаҳоеро дошта бошанд, ки аз сатҳи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дахлдор баланд бошанд;

- дар таркибашон иловаҳое дошта бошанд, ки дар навъҳои муайяни маҳсулоти хӯрокворӣ набояд истифода шаванд ё агар таркиби иловаҳои иҷозатдодашуда дар маҳсулоти хӯрокворӣ аз сатҳи пешбининамудаи санадҳои меъёрӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор баланд бошад;

- дар таркибашон моддаҳои радиоактивии аз сатҳи меъёрӣ зиёдтар ё агар маҳсулоти хӯрокворӣ аз сатҳи иҷозатдодашуда зиёдтар шуоъ зада бошанд;

- борбандҳо, маводу маснуоте, ки дар якҷоягӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ нигоҳ дошта мешаванд, ба талаботи муқарраршуда мутобиқ набошанд;

- аз ҳайвоноте пайдо шаванд, ки аз назорати пешакӣ ва баъдинаи байтории забҳ гузаронида нашудаанд;

- аз ҳайвоноти бемор ё мурда пайдо шаванд;

- тавсифоти органолептикии онҳо бинобар равандҳои ҷисмонӣ, кимиёӣ, микробиологӣ ва ғайра тағйир ёфта бошанд;

- дар таркибашон моддаҳоеро дошта бошанд, ки арзёбии токсикологиро нагузаштаанд ва хатарнокии онҳо барои истеъмоли инсон санҷида нашуда бошад;

- дар таркибашон омехтаҳои механикӣ дошта бошанд;

- ба борҷомаи онҳо чунин нуқсоне расида бошад, ки он ба ифлосшавии микробӣ, кимиёвӣ ё дигаргуншавӣ мусоидат кунад;

- бо тартиби муқарраршуда истеҳсол, коркард, борбандӣ, борчинӣ ва тақсим карда нашуда бошанд;

- бо тартиби муқарраршуда тамғазанӣ ва нишонагузорӣ нашуда бошанд;

- муҳлат ва (ё) санае, ки то он лаҳза маҳсулоти мазкур бояд истеъмол шавад (барои маҳсулоти хӯрокворӣ, ки нисбат ба онҳо муқаррар намудани муҳлати истеъмол ҳатмӣ мебошад) нишон дода нашуда бошад ё муҳлати истеъмоли онҳо гузашта бошад;

- ба талаботи муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои техникӣ ва меъёрӣ мутобиқат накунанд;

- қалбакӣ бошанд [2]. Муомилот ва фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣи хатарнок манъ аст, дар сурати муомилот ва фурӯши чунин гуна хӯрокворихо кирдори шахс бояд бо м. 294 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

П.Н. Панченко гумроҳкунӣ дар бораи хосиятҳои истеъмолӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ)-ро ҳамчун фиребе мефаҳмад, ки дар он ба истеъмолкунанда дар бораи фурӯхтани маҳсулоти (хизматрасонии) истеъмолии пасттар нисбат ба он хосиятҳо ё сифате, ки бояд ба маҳсули фурӯхташаванда (хизматрасонӣ) хос (мувофиқи шартнома) бошад, хабар намедиҳад. Фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) уҳдадор аст ба истеъмолкунанда мол (натиҷаи кори иҷрошуда), ки ба талаботҳои ҳатмии стандартҳо, шартҳои шартнома, талаботи муқаррарӣ ҷавобгӯ, инчунин маълумот дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) пешниҳоднамудаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда)-ро пешкаш намояд [1,с.48].

Ҳамин тавр, «гумроҳкунӣ»-ро ҳамчун содир намудани амали фаъоли шахси гунаҳкор, ки бевосита хилофи конунҳо ва қоидаҳои савдо равона шудааст, фаҳмида мешавад. Вобаста ба таркиби м. 294 КҶ ҶТ вобаста ба гумроҳ кардан оид ба сифати мол чунин қайд кардан бамаврид аст: фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ба истеъмолкунанда моле медиҳад (кореро иҷро менамояд, хизмате мерасонад), ки сифати он ба шартнома мувофиқ намебошад, ҳол он ки ӯ уҳдадор буд чунин сифатро пешкаш мекард. Дар сурати дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба сифати мол, фурӯшанда вазифадор аст барои мақсадҳое, ки чунин мол одатан истифода мешавад, ба истеъмолкунанда мол фурӯшад (корро иҷро намояд, хизмат расонад).

**Муқарриз: д.и.х., профессори ДМТ - Сафарзода А.И.**

**АДАБИЁТ**


1. Аникиец С.Г. Обман потребителей: уголовно-правовые и криминологические аспекты: Автореферат диссертации к.ю.н. / С.Г. Аникиец. - Н.Новгород, 2001. -С. 48.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2012 - №8. - м.827.
3. Кудратов, Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть / Н.А. Кудратов. -Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2012. -366 с.
4. Мирзозода П.З. Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ: дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқ / П.З. Мирзозода. -Душанбе, 2022. -С.46.
5. Парвандаи ҷиноятии № 129/321-2021. Бойгонии суди н. Синои ш. Душанбе (3 июни соли 2021).

6. Пешгирии муомилоти молу маҳсулоти пастсифат // https://www.vkd.tj/index.php/tj/ruydodho/24098-peshgirii-muomiloti-molu-ma-suloti-pastsifat
7. Раҳимов М.З. Таъмини сифат –талаби замон / М.З.Раҳимов. –Душанбе: Ирфон, 1988. – С. 10-11.
8. Раҳмон Д. С. Ҳуқуқ ва иқтисодиёт: мубрамияти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ / Д. С. Раҳмон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. -2021. -№ 1 (33) - С. 14.
9. Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (муҳаррири масъул - муовини аввали Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия Раҳимов Р.Ҳ.). – Душанбе, 2010. – С. 598-599.
10. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон». Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. -Душанбе: Эр-граф, 2013. – С. 22. 200с.
11. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон». Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. -Душанбе: Эр-граф, 2013. – С.22-23.
12. Kudratov, N. Features of subjective attributes of state treason: Criminal law and psychological analysis / N. Kudratov // Journal of Advanced Research in Dynamical and Control Systems. – 2020. – Vol. 12, No. 2. – P. 2863-2869.

## ГУМРОҲ КАРДАН ОИД БА ХОСИЯТИ ИСТЕЪМОЛКУНӢ Ё СИФАТИ МАҲСУЛОТ (ХИЗМАТРАСОНӢ) ДАР ТАРКИБИ ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ФИРЕБИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои гумроҳ кардан оид ба хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) дар таркиби тарафи объективии фиреби истеъмолкунандагон мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муайян карда шудааст, ки гумроҳ кардан оид ба хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) – ин хабари нодуруст додан дар бораи хосияти ин ё он мол (хизмат), ки ба сифати он, санаи тайёр кардани он, муҳлати коршоямии он, навъи он, мамлакат ва ё фирмаи тайёркардаи он ва ғайра тааллуқ дорад. Таҳлилҳо ва пешниҳодҳое, ки дар мақолаи мазкур оварда шудаанд, метавонанд ҳангоми бандубасти ҷинояти мазкур дар амалия аҳаммияти калон дошта бошанд.

**Калидвожаҳо**: гумроҳ кардан, ҷиноят, фиреб, истеъмолкунанда, сифат, хосият, хизматрасонӣ, маҳсулот.

## ВВЕДЕНИЕ В ЗАБЛУЖДЕНИЕ ОТНОСИТЕЛЬНО ПОТРЕБИТЕЛЬСКИХ ХАРАКТЕРИСТИК ИЛИ КАЧЕСТВА ПРОДУКЦИИ (УСЛУГ) В СОСТАВЕ ОБЪЕКТИВНОЙ СТОРОНЫ ОБМАНА ПОТРЕБИТЕЛЯ

В данной статье анализируются вопросы введения в заблуждение о характеристиках потребления или качестве продукции (услуги) в составе объективной стороны обмана потребителя. Установлено, что введением в заблуждение о характеристиках потребления или качестве продукции (услуг) является предоставление заведомо ложных сведений о характеристиках того или иного товара (услуги), таких как его качество, дата изготовления, срок годности, вид, принадлежность страна или компания, которая его изготовила и т. д. Анализ и рекомендации, представленные в данной статье, могут иметь большое практическое значение при борьбе с данным преступлением.

**Ключевые слова:** введение в заблуждение; преступление; обман; потребитель; качество; свойство; услуги; продукт.

## INTRODUCTION OF MISTAKE REGARDING CONSUMER CHARACTERISTICS OR QUALITY OF PRODUCTS (SERVICES) AS PART OF THE OBJECTIVE SIDE CONSUMER DECEIVATION

This article analyzes the issues of misleading about the characteristics of consumption or the quality of products (services) as part of the objective side of consumer deception. It has been established that misleading about the characteristics of consumption or the quality of products (services) is the provision of deliberately false information about the characteristics of a particular product (service), such as its quality, date of manufacture, expiration date, type, belonging on the country or company that made it, etc. The analysis and recommendations presented in this article can be of great practical importance in combating this crime.

**Keywords:** misleading; crime; deception; consumer; quality; property; services; product.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипов Самандар Самариддинович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **samandar@gmail.com.** Телефон: **(+992) 904-34-60-00**

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Самандар Самариддинович*** - Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **samandar@gmail.com**. Телефон: **(+992) 904-34-60-00**

**Information about the author:** ***Sharipov Samandar Samariddinovich*** - Tajik National University, applicant. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail: **samandar@gmail.com**. Phone: **(+992) 904-34-60-00**

ТДУ: 34.15.6

# МАСОИЛИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ПРЕДМЕТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ РОНДА БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БИДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ

*Шарипов Р.И., Абдусаломзода Ҷ.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар мавриди бандубаст намудани ҷинояти мушаххас предмети ҷиноят нақши муайянро мебозад.

Предмети ҷиноят он чизи муайяни мавҷуда аст, ки ҳангоми бевосита таъсиррасонӣ ба он ҷинояти мушаххас содир карда мешавад [15,с.98].

Предмети ҷиноят ашёҳои моддии олами беруна мебошанд, ки ба онҳо ҷинояткор бевосита таъсир расонида, таҷовузи ҷинояткоронаи худро ба объекти дахлдор амалӣ менамояд [16,с.8].

Ҷудо намудани предмети ҷиноят ҳамчун аломати таркиби ҷиноят, пеш аз ҳама, барои муқаррар намудани сарҳади аниқ ҳангоми бандубасти кирдори мушаххаси барои ҷамъият хавфнок зарур мебошад. Предмет нақши муҳимро ҳангоми ҳалли чунин масъалаҳо, ба монанди муайян намудани моҳияти объекти ҷиноят, механизми расонидани зарар, андозаи зарари расонидашуда ва ғайра иҷро менамоянд [2,с.52].

Предмети ҷиноят дар ҳамаи ҷиноятҳо мавҷуд нест. Он дар ҷиноятҳое ҷой дорад, ки таҷовузи ҷинояткорона ба объекти ҷиноят тавассути бевосита расонидани таъсир ба предметҳои олами моддии беруна ба амал баровarda мешавад.

Предмет танҳо дар диспозитсияи баъзе меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати аломати ҳатмии таркиби ҷиноят пешбинӣ шудааст.

Ба зумураи чунин ҷиноятҳо, ки дар он предмет аломати ҳатмӣ мебошад, ҷинояти дар моддаи 252 КҶ ҶТ муқарраршуда дохил мешавад.

Зеро барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намуда, қонунгузор дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ ба сифати предмети ин ҷиноят автомобил ё дигар воситаҳои нақлиётро номбар намудааст.

Аммо ҳангоми бандубасти ҷинояти мазкур агар муайян намудани мафҳуми “автомобил” одатан ягон мушкилотро ба вуҷуд наоварад ҳам, дар муайян намудани дигар воситаҳои нақлиёт баъзе мушкилиҳо ҷой доранд.

Дар Қарори худ Пленуми Суди Олии ҶТ кӯшиш намудааст ин ҳолатро бартараф созад, ки дар он чунин тавзеҳот дода шудааст: таҳти мафҳуми дигар воситаҳои нақлиёт, ки барои ҳай карда бурдани онҳо бидуни мақсади тасарруф бо моддаи 252-и КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, бояд воситаҳои нақлиёти механикӣ (троллейбусҳо, тракторҳо, мототсиклҳо, дигар мошинҳои худгард бо муҳаррики сӯзиши дарунӣ ё барқӣ, катерҳо, заврақҳои муҳаррикдор) фаҳмида шаванд (б. 20 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28) [11].

Ба андешаи мо, чунин муқаррароти Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ пурра ба ҳисоб намеравад, зеро он 1) мафҳуми воситаҳои нақлиётро маҳдуд месозад; 2) он ҳалли масъалаи дигарро талаб мекунад - оё воситаи нақлиёт механикӣ ба ҳисоб меравад, ё не.

Барои ҳалли ин масъала мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда одатан ба м.212 (Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи нақлиёт) КҶ ҶТ муроҷиат менамоянд, ки мувофиқи эзоҳи он “Таҳти мафҳуми дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ дар моддаи мазкур трактор, дигар мошинҳои худгард, троллейбус, инчунин мототсикл ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ дар назар дошта шудааст”. Вале дар эзоҳи мазкур маҳдудияти истифодаи мафҳуми дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ танҳо нисбати моддаи 212 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, яъне чунин мафҳум танҳо барои моддаи мазкур тааллуқ дорад.

Бинобар ин, чунин мешуморем, ки дар ҳолати бамиёномада мафҳуми дигар воситаҳои нақлиёт бояд вобаста ба меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ муайян карда шавад. Мутобиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳаракат дар роҳ ”аз 17 майи соли 2018* зери мафҳуми воситаи нақлиёт воситае фаҳмида мешавад, ки барои бо роҳҳо интиқол додани одамон, бор ё таҷҳизоти дар болои он васлшуда таъин шудааст. Таърифи ба ин монанд дар б 3 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, № 323 тасдиқ шудааст [9], ҷой дорад. Дар эзоҳ ба қ.4 Қодаҳои бақайдгирии ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 апрели соли 2008 таҳти №172 тасдиқ шудааст, номгӯйи пурраи воситаҳои нақлиёт оварда шудааст, ки мутобиқи он ба воситҳои нақлиёт автомобилҳо, мототсиклҳо, мотороллерҳо, мотоаробаҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ, ки ҳаҷми кории муҳаррикашон зиёда аз 50 см3 аст, инчунин трамвайҳо, троллейбусҳо, тракторҳо ва дигар механизмҳои худҳаракат, аробаҳо (ба истиснои аробаҳои ҳайвоноти боркаш ва саворӣ) дохил мешаванд.

Мафҳуми воситаҳои нақлиёти механикӣ аз рӯйи мазмуни худ назар ба мафҳуми “воситаҳои нақлиёт” маҳдудтар ба ҳисоб меравад, чунки мутобиқи Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ҳамчун “воситаи нақлиёте, ки тавассути муҳаррик ба ҳаракат даровarda мешавад” муайян гардидааст. Истилоҳоти мазкур инчунин ба тракторҳо, мошинҳо ва механизмҳои худгард, ҳамчунин троллейбусҳо ва воситаҳои нақлиёти муҳаррики барқӣ дошта, ки дорои суръати ҳаракати ниҳоии конструктивии беш аз 50 км/соат мебошанд, паҳн мегардад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъала дар бораи муайян намудани дигар воситаҳои нақлиёт баҳснок ба ҳисоб меравад [14]. Зеро дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ қонунгузор талаб накардааст, ки воситаи нақлиёт ҳатман бояд механикӣ бошад, инчунин мафҳуми ягонаи худи воситаҳои нақлиёт низ дар санадҳои меъёрӣ дида намешавад.

Масалан, Ю.М.Ткачевский баён менамояд, ки “аз сабаби он ки дар м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) дар бораи на воситаҳои нақлиёти механикӣ, балки дар бораи умуман воситаҳои нақлиёт сухан меравад, бинобарин ҳавола кардан ба эзоҳи м.264 КҶ ФР (м.212 КҶ ҶТ) ғалат ба ҳисоб меравад”[13,с.210-211].

Аз нуқтаи назари Г.В.Верина, “предмети ҷинояти дар м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) муқарраршуда бо воситаҳои нақлиёти механикӣ маҳдуд намешавад ва аз ҷониби қонунгузор истифода шудани ибораи “воситаҳои дигари нақлиёт” имконият медиҳад, ки воситаҳои нақлиёт ба сифати предмети таркиби ҷинояти мазкур бе маҳдуд намудани он танҳо бо воситаҳои нақлиёти механикӣ васеътар фаҳмида шавад” [3,с.150-151]. Ба андешаи муаллифи мазкур м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) зарур аст, ки бо эзоҳи зер пурра карда шавад: “Зери мафҳуми дигар воситаҳои нақлиёт дар ҳамин модда воситаҳои нақлиёти механикӣ ва ҳам воситаҳои нақлиёти ғайримеханикӣ, ки воситаҳоеро ифода менамоянд, ки барои бо роҳҳо интиқол додани одамон, бор ё таҷҳизоти дар болои он васлшуда таъин шудааст” [3,с.150-151].

Ҳамчунин, А.И. Коробеев баён менамояд, ки “кӯшиши баъзе мутахассисон дар маҳдуд намудани предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт танҳо бо намудҳои воситаҳои нақлиёти механикӣ ба қонун асос наёфтааст ва аз ҷониби амалияи судӣ қобили қабул нестанд” [7,с.201-202]. Дар баробари ин муаллиф пешниҳод дорад, ки предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан дар сатҳи қонунгузорӣ бояд танҳо ҳамчун воситаҳои нақлиёти механикӣ мустаҳакам шавад.

Л.Д. Гаухман пешниҳод менамояд, ки ба предмети ҷинояти баррасишаванда дилхоҳ намуди воситаи нақлиёти механикии руи заминӣ, инчунин ҳайвонот, ки ба сифати воситаи нақлиёт истифода мешаванд, дохил гардад [4,с.213].

Ба сифати предмети ҷинояти мазкур эътироф намудани ҳайвонот, ки ба сифати воситаи нақлиёт истифода мешаванд, қобили қабул буда наметавонад.

А.И. Бойсов ба ғайр аз предметҳои дар моддаи мазкур номбаршуда (автомобил ва дигар воситаҳои нақлиёт) ба сифати предмети ҷинояти м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ)

* http://mmk.tj/content/Қонуни-Ҷумҳурии-Тоҷикистон-дар-бораи-ҳаракат-дар-роҳ

инчунин чунин намудҳои нақлиётро номбар менамояд: мототсиклҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти механикии бо он баробаркардашуда; нақлиёти барқии шаҳрӣ (трамвай, троллейбусҳо); дилхоҳ тракторҳо (тасмчарха,чархдор); дигар мошинҳои худгард, яъне бо муҳаррики алоҳида таҷҳизонидашуда, аз ҷумла дилхоҳ мошинҳои роҳӣ, сохтмонӣ, хоҷагии қишлоқ, борбардор ва дигар мошинҳои худгард (экскаваторҳо, кранҳои борбардор, мошинҳои борбардор, булдозерҳо, комбайнҳо, мошинҳои мумфаршкунанда ва ғайра); мошинҳои ҷангӣ ва мошинҳои нақлиётии Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти махсус. Ғайр аз ин, муаллиф баён менамояд, ки барои воситаҳои нақлиёти зикршуда бояд ба шартҳои зерин ҷавобгӯ бошанд: 1)худгард бошанд, яъне бо муҳаррики худмухтори қувваи кории на камтар аз 50 сантиметри кубӣ ё намудҳои дигари муҳаррики (барқӣ, химиявӣ, газӣ ва ғ.) дорои чунин тавоноӣ ба ҳаракат дароварда шаванд; 2) бо қонунгузории маданӣ вобаста ба тавоноии техникии худ манбаи хавфи баланд дошта эътироф шаванд; 3) бақайдгирии онҳо дар мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ ё қайди дигари махсуси онҳо шарт бошад; 4) барои идора намудани онҳо расидан ба синни муайян (одатан 16-солагӣ) талаб карда шавад; 5) объектҳое ба ҳисоб раванд, ки тартиби ҳаракат ва истифодабарии онҳо тавассути қоидаҳои махсуси ҳаракат дар роҳ ва дигар санадҳои идоравӣ ба танзим дароварда мешавад [1,с.740-741].

Аксарияти олимон ақидаеро ҷонибдорӣ менамоянд, ки мувофиқи он предмети ҷинояти м.252 КҶ ҶТ автомобил ва дигар воситаҳои роҳии нақлиёти механикӣ ба ҳисоб мераванд [12,с.442].

Масалан, ба андешаи И.А. Клепитский ва С.М. Кочои, ҳангоми ҷинояти мазкур танҳо дар бораи воситаҳои нақлиёти механикӣ сухан меравад, дар акси ҳол дар ин бора қонунгузор дар матни м.166 КҶФР (м.252 КҶҶТ) бевосита ишора менамуд [8].

Мо чунин меҳисобем, ки предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт танҳо воситаҳои нақлиёти механикӣ эътироф мешаванд ва ин дар м.252 КҶҶТ бояд бевосита мустаҳакам карда шавад.

Дар Қарори худ Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 таҳти №28 зикр мешавад, ки мутобиқи банди 1.2-и Қоидаҳо ба воситаҳои механикии нақлиётӣ мопедҳо ва дигар воситаҳои нақлиёте, ки бо муҳаррики дорои қувваи кории на зиёдтар аз 50 сантиметри кубӣ ба ҳаракат дароварда шуда, суръати ниҳоии конструктивии он на бештар аз 50 км/соат аст, инчунин велосипедҳои дорои муҳаррикҳои шинондашуда, мокикҳо ва дигар воситаҳои нақлиёте, ки дорои чунин тавсифҳо мебошанд, дохил намешаванд (б.2) [11,с.111].

Аммо чунин тавзеҳоти Пленуми Суди Олӣ то андозае куҳна шуда ба матни ҷойдоштаи б.3 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ мувофиқат намекунад. Дар матни қаблии Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ мопедҳо ба воситаҳои нақлиёти механикӣ дохил намешуданд. Аммо айни замон чунин маҳдудият ҷой надорад. Чунки мутобиқи Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, мопед воситаи нақлиёти механикие, ки тавассути муҳаррики ҳаҷми кориаш то 50 см мукааб ба ҳаракат дароварда мешавад ва дорои суръати ҳаракати ниҳоии конструктивие, ки тавсифномаи техникии он на зиёда аз 40 км/соат аст, муайян карда шудааст. Ба мопедҳо велосипедҳо бо муҳаррики овеза, мокикҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ бо тавсифи техникии шабеҳ баробар карда мешаванд.

Бо муҳаррик инчунин мумкин аст, ки велосипед низ таҷҳизонида шавад. Велосипед воситаи нақлиёте (ғайр аз аробачаҳои маъюбӣ), ки бо воситаи қувваи мушаки одами (одамони) дар болои (дохили) он буда ба ҳаракат дароварда мешавад. Аммо ба мақсад мувофиқ будани ҷавобгарии ҷиноятӣ, масалан барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани велосипед, шубҳаовар мебошад.

Дигар воситаҳои нақлиёт, аз ҷумла автомобилҳои махсус эътироф мешаванд, ки на танҳо вазифаи “нақлиёт”-ро, балки инчунин дигар вазифаҳоро иҷро менамоянд. Ба он дохил мешавад: мошинҳои хоҷагии қишлоқ (масалан, комбайнҳо), мошинҳои роҳсоз

(мумфаршкунанда, заминҳамворкунанда), мошинҳои боркунанда (масалан автокран) ва ғайра.

Воситаҳои нақлиёти механикӣ бояд худгард бошанд, яъне муҳаррики худмухтор дошта бошанд. Воситаҳои нақлиёте, ки бо муҳаррик таҷҳизонида нашудаанд (велосипедҳо, аспу ароба ва ғайра) воситаи нақлиёти механикӣ ҳисобида намешаванд.

Дар амалияи судӣ ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои гуногуни нақлиёт ба чашм мерасад. Аммо бештар ба чунин сифат автомобил баромад менамояд.

Амалияи судӣ аз рӯйи м. 252 КҶ ҶТ ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани ҳама гуна воситаҳои нақлиёти механикиро бандубаст менамояд, ки онҳо ба чунин мафҳум дар Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ мутобиқат мекунанд.

Ба сифати предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан мопедҳо (бо муҳаррики дорои қувваи кории на зиёдтар аз 50 сантиметри кубӣ ва суръати ниҳоии конструктивии на бештар аз 50 км/соат), велосипедҳо, заврақҳои белдор, аспу ароба ва ғ-ра дохил намешаванд.

Ҳангоми муайян намудани предмети м.252 КҶ ҶТ инчунин ба доираи предмети он дохил намудани баъзе аз воситаҳои нақлиёти обӣ низ пайдо мешавад. Пленуми Суди Олии ҶТ ба сифати предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ҳам воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва ҳам баъзе аз воситаҳои нақлиёти обӣ, ба монанди катерҳо ва заврақҳои муҳаррикдорро дохил намудааст. Аксарияти олимон низ чунин мавқеъро ҷонибдорӣ намуда, чунин меҳисобанд, ки киштиҳои хурдҳаҷм (заврақҳои муҳаррикдор, мотоботҳо, катерҳо, яхтаҳо бо муҳаррикҳои овезон) метавонанд ба сифати предмети ҷинояти мазкур баромад намоянд, зеро намудҳои зикршудаи киштиҳои худгард бо мафҳуми “воситаҳои нақлиёти механикӣ” фарогир мебошанд [5,с.39].

Аммо ба андешаи А.И.Коробеев, “дар м.211 КҶ ФР (м.184 КҶҶТ) ягон маҳдудият нисбати категорияи нақлиёти обӣ ва субъекти ин ҷиноят муқаррар нашудааст. Бинобар ин, ягон асос нест, ки мафҳуми ягонаи воситаҳои нақлиёти обӣ ба қисмҳо ҷудо карда шуда, як қисми чунин воситаҳо ҳамчун ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани киштӣ аз рӯйи м.211 КҶ ФР (м.184 КҶҶТ) ва қисми дигари он аз рӯйи м.166 КҶ ФР (м.252 КҶҶТ) бандубаст карда шавад” [7].

Ба андешаи мо, агар воситаи нақлиёти обии хурдҳаҷм дар ҳолатҳое, ки вазифаи воситаи нақлиёти роҳиро иваз намояд, дар чунин мавридҳо бандубаст аз рӯйи м.252 КҶ ҶТ асоснок ба назар мерасад. Ҳамин тавр, ба сифати предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт, ки ҷавобгарӣ барои он дар м.252 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, автомобил ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ баромад менамояд, ки дорои қувваи кории на зиёдтар аз 50 сантиметри кубӣ мебошанд, ки ин бояд бевосита дар меъёри мазкури қонуни ҷиноятӣ зикр шавад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ - Холиқзода Ш.Л.**

**АДАБИЁТ**


1. Бойцов А.И. Преступления против собственности / А.И. Бойцов. -СПб., 2002. – 755 с.
2. Буданова Е.А. Объект и предмет уголовно-правовой охраны преступлений против собственности: современные проблемы квалификации: Монография/Е.А. Буданова. -Воронеж: ВИ МВД России, 2004. -180с.
3. Верина Г.В. Преступления против собственности / Г.В. Верина. -Саратов: СГАП, 2001. - 214 с.
4. Гаухман, Л.Д. Ответственность за преступления против собственности /Л.Д. Гаухман, С.В. Максимов. -М., 1997. - 320 с.
5. Иванов И.И. Предмет посягательства при неправомерном завладении транспортным средством / И.И. Иванов // Законность. -1997. -№12. -С.42.
6. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Под ред. А.Г.Королькова. -М., 2003. - 1120 с.
7. Коробеев А.И. Транспортные преступления (теория и практика уголовного права и уголовного процесса) / А.И. Коробеев. -СПб.: Юридический центр Пресс, 2003. - 406 с.
8. Кочои С.М. Преступления против собственности (комментарий главы 21 УКРФ) / С.М. Кочои. -М.: Проспект, 2001. - 97 с.
9. Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, №323 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www. adlia. tj (санаи муроҷиат: 30.11.2022).
10. Лапунина Н.Н. Объект и предмет угона водного транспорта / Н.Н. Лапунина // Современное право. - 2005. - №1. -С.35-41.
11. Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.2002–2019). -Душанбе, 2019. -449 с.

12. Научно-практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Под ред. П.Н. Панченко. Т. 1. -Н. Новгород, 1996. – 622 с.
13. Российское уголовное право. Особенная часть. Под ред. Л. В. Иногамовой-Хегай. -М.: Норма, 2003. - 623 с.
14. Уголовное право. Особенная часть: учебник. Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. -М.: Норма, 2001. - 516 с.
15. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ҳ.С. Салимов, Н.А.Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – 344 с.
16. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ) / Т.Ш. Шарипов, Сафарзода А.И., З.А. Камолов ва диг. -Душанбе, 2020. – 223 с.
17. Яни П.С. Мошенничество и иные преступления против собственности: уголовная ответственность. -М., 2002. - 136 с.

## МАСОИЛИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ПРЕДМЕТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ РОНДА БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БИДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ

Дар мақола масъалаҳои баҳсноки муайян намудани предмети ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф баррасӣ шудаанд. Муаллиф, тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ дар ин масъала, андешаҳои олимони зиёдро мавриди таҳлил қарор дода, ба хулосае меояд, ки ба сифати предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт танҳо воситаҳои нақлиёти механикӣ ҳисоб шуда метавонанд. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллифро метавон барои такмил додани танзими қонунгузории таркиби ҷинояти м.252 КҶ ҶТ истифода намуд.

**Калидвожаҳо:** воситаҳои нақлиёт, кодекси ҷиноятӣ, автомобил, нақлиёти механикӣ, предмети ҷиноят, дигар нақлиёт, қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, таркиби ҷиноят, мошинҳои худгард.

## ПРОБЛЕМЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ПРЕДМЕТА УГОНА АВТОМОБИЛЯ ИЛИ ИНЫХ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ БЕЗ ЦЕЛИ ХИЩЕНИЯ

В статье рассматриваются спорные вопросы определения предмета угона автомобиля или иных транспортных средств без цели хищения. Автор, анализируя надлежащие разъяснения Пленума Верховного Суда РТ, позиции различных ученых относительно данного вопроса приходит к выводу, что предметом угона транспортных средств могут быть только механические транспортные средства. Выводы и предложения, содержащиеся в статье, могут быть использованы для совершенствования правового регулирования состава преступления ст.252 УК РТ.

**Ключевые слова:** транспортное средство, уголовный кодекс, автомобиль, механический транспорт, предмет преступления, иной транспорт, правило дорожного движения, угон, состав преступления, самоходные машины.

## PROBLEMS OF DETERMINING THE SUBJECT OF THE THEFT OF A CAR OR OTHER VEHICLES WITHOUT THE PURPOSE OF THEFT

The article considers the controversial issues of determining the subject of the theft of a car or other vehicles without the purpose of theft. The author, analyzing the proper clarification of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan, the positions of various scientists regarding this issue, comes to the conclusion that only mechanical vehicles can be the subject of vehicle theft. The conclusions and suggestions contained in the article can be used to improve the legal regulation of the offense of article 252 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** vehicle, criminal code, car, mechanical transport, subject of crime, other transport, traffic rule, theft, corpus delicti, self-propelled vehicles.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шарипов Рустам Исмоилхонович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-33-41-40**
***Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторах:** ***Шарипов Рустам Исмоилхонович*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-33-41-40**
***Абдусаломзода Джавид Абдусалом*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about authors:** ***Sharipov Rustam Ismoilkhonovich*** - Tajik National University, Candidate of Law, Associate Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-33-41-40**
***Abdusalomzoda Javid Abdusalom*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

ТДУ: 32.18(575.3)

# НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДИ ИНТИХОБОТИ ПАРЛУМОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Сафаров Ф.Ш.*

**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Бояд зикр кард, ки дар шароити низоми демократикунонии ҷомеа интихобот ҳамчун механизми ба танзим даровардани иштироки ҳизбҳои сиёсӣ, шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ ба ҳисоб рафта, омили муҳимми ташаккули парламентаризми муосир ба ҳисоб меравад. Пеш аз ҳама қайд намудан зарур аст, ки дар интихобот нақши асосиро ҳизбҳои сиёсӣ бозида, бо имконият ва иқтидори тавонои худ метавонанд дар маъракаҳои муҳимми сиёсӣ ширкати фаъол дошта, мавқеи худро миёни ҷомеа густариш диҳанд ва ҳамчун субъекти раванди интихобот фаъолият намоянд.

Интихобот яке аз падидаҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки дар он унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва қишри зиёди аҳолӣ дар ташкил намудани мақомоти намояндагӣ номзадҳои худро ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо пешниҳод менамоянд, ки шаҳрвандон бо изҳори раъйи худ дар интихобот дар алоқаи устувор ва робитаи ногусастанӣ қарор доштанро бо давлати миллии худ – Тоҷикистони азиз собит месозанд [1,с.196].

Оид ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ бояд мушаххас қайд намоем, ки имрӯз бисёрҳизбӣ ҳамчун яке аз нишонаҳои аввалину муҳимми демократияи муосир ба ҳукми қонун даромада, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтааст. Дар иртибот ба ин масъала дар моддаи 8-уми Конститутсия омадааст: «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад». Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд.

Тавре ки олими бузурги тоҷик, сиёсатшинос Раҳмонов Т. қайд мекунад: «Алҳол, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз нигоҳи таъсисёбӣ, фаъолияти оинномавӣ ва барномаҳояшон ба сифати унсурҳои комилҳуқуқи низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона фаъолият доранд» [2,с.219]. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ 7 ҳизби сиёсии расман аз қайди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта фаъолият доранд ва вакилони 6 ҳизб ба парламенти касбӣ – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудаанд. Ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ интихоб гардида, фаъолона ваколати ба онҳо додаи Конститутсияро ба ҷо меоранд.

Илова бар ин, гуфтан бамаврид аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ тибқи моддаи 8 Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 2 ва 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», ҳақ доранд дар ҳаёти сиёсии мамлакат фаъолона ширкат варзида, намояндагони худро дар мақомоти интихобӣ дошта бошанд ва он намояндагон, дар навбати худ, метавонанд дар мақомоти олии намояндагӣ Маҷлиси намояндагон фраксияҳо ташкил намоянд.

Яке аз субъектҳои муҳимми раванди интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, имконият доранд, ки пеш аз ҳама, имиҷи сиёсиашонро миёни ҷомеа васеъ намуда, элокторати худро миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ пайдо карда, пайваста мавқеашонро миёни ҷомеа густариш диҳанд. Дар раванди чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ, аз ҷумла интихоботҳои парлумонӣ, ҳизбҳои сиёсӣ кӯшиш намоянд, ки дар парлумон намояндагони арзандаи худро ба воситаи ғолиб омадан дар интихобот пешбарӣ намуда, барои рушду нумуи ояндаи ҷумҳурӣ ва тақвияти рушди демократия

мавқеи созгорро пайдо карда, дар мустаҳкам намудани низоми сиёсии ҷомеа мавқеи мушаххассро амалӣ созанд [3,с.49].

Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи раванди давлатдорӣ ҳизби сиёсӣ, яке аз субъектҳои муҳимми низоми сиёсии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар рушд ва инкишофи низоми интихобот мавқеи арзишмандро доро мебошанд. Дар ин самт кулли барномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ҳизбҳои парлумонӣ пешбинӣ гардидаанд, ки мақсади онҳо асосан иштирок дар маъракаҳои муҳимми сиёсӣ, аз ҷумла интихоботи парлумонӣ ва президентӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ҷамоатӣ ба ҳисоб рафта, мувофиқи барномаву оинномаҳои худ мақсади худро дар раванди сиёсии ҷомеа амалӣ карда, фаъолияти устувори хешро дар рушди масъалаҳои муҳимми раванди давлатдорӣ амалӣ созанд [3,с.49].

Дар шароити имрӯза мақсади ҳар як ҳизби сиёсӣ иборат аз амалигардонии намояндагии табақаҳои гуногуни аҳолӣ дар низоми сиёсии ин ё он кишвар буда, тавассути ҳизбҳо ҷомеа ва давлат ба ҳамоии ягона мерасанд. Ҳизбҳо ҷомеаи шаҳрвандиро бо давлат пайваст карда, барои бартараф кардан ва ё кам кардани низоъҳои ҷамъиятӣ шароити мусоид муҳайё мекунанд. Ҳизбҳои пурқувват имконияти пойдориву устувории давлатро ба воситаи фароҳам овардани алоқаи мунтазами давлат бо ҷомеа, инчунин назорати ҷамъиятӣ аз болои равандҳои сиёсӣ таъмин мекунанд [4].

Дар шароити имрӯза барои тақвият ва рушди институти муҳимми пешбарандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне парламентаризм, ҳизбҳои сиёсӣ роҳи ба ин ҳадафи муҳим расидани худро дар интихобот амалӣ карда, фаъолияти сиёсии худро миёни интихобкунандагон густариш дода, барои иштирок дар интихобот, ки яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсӣ эътироф гардидааст, нақши худро бештар миёни ҷомеа таҳким бахшанд. Пеш аз ҳама, дар самти аввал барномаҳои пешазинтихоботии худро миёни мардум паҳн ва муаррифӣ карда, мақсаду мароми ҳизбро ба дарку фаҳмиши аҳолӣ дуруст ба роҳ монда, фарҳанги сиёсии мардум ва маданияти иштирок дар интихоботро дар сатҳи баланд ба роҳ монанд. Ва дар раванди интихобот интихобкунанда тавонад, ки ба намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ раъй диҳад.

Вобаста ба ин масъалаи муҳимми баррасӣ гардида назари Суҳроб Шарипов ба таври зер баён шудааст: «Дар асл рақобат дар байни он ҳизбҳое, ки он қадар нуфузи зиёд ва эътибори ҷиддӣ надоранд, вуҷуд дорад ва таъсири онҳоро ба ҳаёти сиёсии Тоҷикистон ҳам ҷиддӣ буда наметавонад. Муттаҳидии ҳизбҳо ҳам дар муқобили низоми мавҷудаи дунявии мо ҳам вуҷуд надорад. Ҳизбҳое, ки барномаву мафкураи дунявӣ доранд, аз ҷумла ҲСДТ, ҲДТ ва ҲСТ дар ҳолати парокандагӣ қарор доранд. Набудани чунин рақобат байни ҳизбҳо ба нокомии сиёсӣ меорад ва онҳо баҳонаи асосиро фишор маънидод мекунанд» [5].

Олими динишманди миллати тоҷик шодравон Суҳроб Шарипов менависад: «Ба парлумон пазируфта шудани ҳар як вакил аз интихобкунандаи ӯ вобастагии калон дорад. Албатта, номзадҳои ҳар як ҳизбе, ки аз тариқи ҳавзаҳои якмандативу худпешбарӣ пешниҳод шудаанд, ҳуқуқи вакил шуданро доранд. Онҳоро танҳо халқ дар асоси овоздиҳӣ метавонад, интихоб намояд ва кадом номзад қобили дастгирист, муайян хоҳад кард. Ман фикр мекунам, ки аз ҳама он ҳизбҳое, ки номзад пешниҳод шудаанд, имконияти бештарро барои вакил шудан доранд, вале танҳо овози ҳалкунанда халқ буда метавонад. Бинобар ин дар парлумони мо коршиносони сатҳи баланд ва тахассуси имконият дошта ва ғамхори миллат интихоб гарданд. Қонунҳое қабул шаванд, ки дар рушду равнақи кишвар як навъ мусоидат намоянд. Танҳо дар ин сурат метавон гуфт, ки парлумон вазифаҳои худро иҷро карда, дар таҳкими низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим мегузорад» [5].

Масъалаи дигаре, ки ҷомеаи моро ба ташвиш овардааст, ин иштироки начандон фаъоли ҳизбҳои сиёсӣ дар бартараф намудани мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад. Бинобар ин, вазифаи ҳизбҳои сиёсӣ аз он иборат аст, ки барои қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоии ҳама табақа ва аъзоёни ҷомеа он масъалаҳои муҳимеро, ки дар барномаҳояшон оварда шудаанд, дар самтҳои муҳимми ҷомеа амалӣ намуда, дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ мақом ва нақши махсус пайдо кунанд. Инчунин, фаъолияти худро минбаъд мувофиқи

стратегияи ҳизб, Барнома ва Оинномаи ҳизб ба роҳ монда, вазифа гузоранд, ки барои ҷомеа шароити шоистаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро муҳайё созанд [3,с.54].

Вобаста ба ин масъалаи муҳим назари коршинос Давлат Усмон чунин аст: «Оппозитсионери воқеӣ дар вазъияти имрӯзаи Тоҷикистон танҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳастанд, ки нишонаҳояш оҳиста – оҳиста зуҳур мекунанд. Бубинед, имрӯз ҳизбҳои сиёсии кишвар, ки мардум онҳоро мухолиф меноманд, чаро номзад пешниҳод карданд, албатта, ин боз ҳам ба мушкилоти ҷомеа марбут аст. Чунки худи ҳизбҳо ҳам дар тули ҳафт соле, ки масалан раёсати ҷумҳур буд, бо мардум дар бораи интихоботи президентӣ кор накарданд. Вақте ки интихобот шуруъ шуд, ба саҳна баромаданду гуфтанд, ки мо дар интихобот ширкат мекунем. Баъдан номзадии ғайриҳизбиашонро мувофиқа карданд. Ҳизбҳое, ки худро мухолиф меноманд, худ ба маъракаҳои сиёсӣ омода нестанд» [6].

Вобаста ба масъалаи мушкилоти ҳизбҳои сиёсӣ назари Суҳроб Шарипов чунин аст: «Ҳизбҳои сиёсӣ стратегияи муайяни фаъолиятро доро набуда, бо ин сабаб аз эътимоди мардум низ баромадаанд. Он назарпурсиҳое, ки дар байни мардум аз декабри соли 2009 то феврали соли 2011 гузаронида шуда буданд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки Ҳизби коммунистии Тоҷикистон ва ҳизбҳое, ки характери демократӣ ва дунявӣ доранд, 10 фоиз дар ҷамъияти мо ҷонибдор доранд. Ҳол он ки тарафдорони ҲХДТ 49 фоиз аст. Ба назар мерасад, ки ҳизби ҳоким дар фазои сиёсӣ 4-5 маротиба аз дигар ҳизбҳо бартарӣ дорад» [7]. «Ҳамзамон тибқи назарсанҷии афкори омма аз тарафи созмони ҷамъиятии «Шарқ» чунин масъалаҳои муҳим миёни ҳизбҳои сиёсӣ муайян гардиданд: аз назарсанҷӣ нисбат ба шинохти ҳизбҳо бармеояд, ки 87 дарсади аҳолӣ аз фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон огоҳ аст ва ин дар ҳолест, ки ин нишондод дар соли 2004 ба 45 дарсад баробар буд. Зимнан 89 дарсади аҳолӣ фаъолияти ҲХДТ-ро мусбат арзёбӣ намуда, 68 дарсад муътақид аст, ки ҳизби мазкур манфиатҳои ҷомеаи кишварро ҳимоя мекунад» [7]. Бояд қайд намуд, ки 43 дарсад аз фаъолияти ҲДТ маълумот дорад. Маврид ба зикр аст, ки танҳо 6 фоизи аҳолии ба пурсиш фарогирифташуда изҳори ақида кардааст, ки Ҳизби коммунисти Тоҷикистон ифодагари манфиатҳои онҳо мебошад.

Вобаста ба ин масъалаи муҳим назари Суҳроб Шарипов чунин аст: «Дар шароити ҳозира ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон неруи устувор набуда, дар алоҳидагӣ кореро анҷом дода наметавонанд. Зимнан коршиносон низ ба ин назаранд, ки дар ин авохир ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон нуфузи худро аз даст дода, фаъолияти муассир надоранд. Ҳизбҳои сиёсӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ талош надоранд. Зеро, ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар ҳоли шакл гирифтан буда, аз ҷиҳати таҷрибаи сиёсӣ ҳанӯз пухта нашудаанд. Мушкилии дигари заъфи фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дар маҳдудияти шинохти ҳизб танҳо дар симои роҳбарон медонанд. Мутаассифона, гурӯҳе аз ҳизбҳои сиёсиро, танҳо дар симои роҳбарони ҳизбҳо мешиносанд» [8].

Дар раванди имрӯзаи давлатдорӣ ҳизбҳои сиёсӣ яке аз муҳимтарин ширкатдорони интихобот ба ҳисоб рафта, ҳузури фаъолашон яке аз масъалаҳои хело муҳим миёни ҷомеа эътироф гаштааст. Дар ин самт ҳадафи асосии иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот ин имкони расонидани паёми худ ба мардум, саҳнаи намоиши сатҳ ва имконоти ҳизб, имконияти муаррифии симои нави ҳизб аз масъалаҳои муҳимми меҳвариашон дар раванди рушди низоми сиёсӣ ва низоми интихоботӣ ба шумор меравад [3,с.54].

Дар раванди давлатдорӣ, интихобот ҳамчун маъракаи муҳимми пурарзиши сиёсӣ, барои ташхиси моҳият ва самти ҳаракати ояндаи ҷомеаи мо аҳаммияти ҷиддӣ дорад, чунки асоси интихоботро ҳизбҳои сиёсӣ ташкил намуда, ба воситаи ғолиб омадан дар интихобот шомили парлумон мегарданд, ки дар натиҷа барои минбаъда фаъолият намуданашон, нақшаи амалишавии барномаҳои худро пиёда сохта, дар мустаҳкам намудани раванди давлатдорӣ ва низоми интихоботӣ мавқеи аввалиндараҷаро ифо мекунанд.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон барои рушду нумуи кишвар нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳамаи соҳаҳои муҳимми ҷомеа хело баланд арзёбӣ мегардад. Бо имконият ва иқтидори ҳизбҳои сиёсии кишвар метавон гуфт, ки натиҷаҳои калони дурнамои

давлатро муайян карда, ба дастовардҳои муҳимми назаррас ноил мегардем. Дар чунин шароит зарур аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ ҳамеша мавқеи худро нисбат ба ҳамаи масъалаҳои муҳимми давлатӣ дар пайи анҷоми рисолати хеш фаъол намуда, қадами наверо барои муаррифии дурусти барномаҳои худ миёни мардуми кишвар гузоранд [3,с.75].

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш қарор дорад, мақсади асосии гузариш ба низоми сиёсии демократӣ ва низоми бисёрҳизбӣ, демократӣ мебошад. Аммо дар тули солҳои сипаригардида муайян гардид, ки мушкили бунёди давлати демократӣ ва бисёрҳизбӣ то ҳол дар ҳолати амалишавӣ қарор дорад. Дар шароити имрӯзаи раванди демократикунонии ҷомеа зарур аст, ки фаъолияти низоми ҳизбии кишварро дар асоси принсипҳои демократӣ тақвият ва рушд дод [3,с.76].

Имрӯз дар фазои сиёсии кишвар ҳизбҳои сиёсӣ дар баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон бояд мақсадҳои асосии барномаҳои худро вобаста ба ин масъалаи муҳим мавриди баррасӣ ва иҷро қарор диҳанд. Дар натиҷаи гузоришҳои шабакаҳои иҷтимоӣ маълум гардид, ки ҳизбҳои сиёсӣ бояд дар таҳким ва рушди низоми интихобот саҳми сазовор гузоранд.

Ҳар ҳизбе, ки аз он дар интихобот вакил пешниҳод шудаанд, кӯшиш менамояд, ки худро ба ҳар воситае набошад, миёни интихобкунандагон муаррифӣ созанд, то намояндагонашон дар мақоми вакилӣ пазируфта шаванд. Дар ин раванд ҳар кадом ҳизб ба тавону имконият ва нуфузаш дар интихобот иштирок карда, кӯшиш менамояд, ки аз воситаи нави технологияи муосир худро таблиғу ташвиқ намуда, сазовори вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ гардад.

Вобаста ба ин масоили муҳимми баррасигардида назари собиқ раиси ҲКТ Шодӣ Шабдолов чунин аст: «Бо маҳрум шудан аз минбар дар парлумон фаъолияти Ҳизби коммунистии Тоҷикистон аслан тағйир наёфтааст ва онҳо ҳамоно фаъоланд. Онҳо ҳанӯз дар мавқеи худ устуворанд ва дар баробари ҳама гуна мавзуъ ва масоил метавонанд ошкор назари худро баён кунанд. Дар ин раванд ба фаъолияти мо монеа эҷод накардааст. Пеши мардум меравем ва мегӯем, ки ин кор дуруст аст ба ҳамин самт меравем ва инаш нодуруст асту бояд ислоҳ кард. Яъне, фаъолияти мо тағйир намеёбад. Мо хоҳ дар парлумон бошем ё набошем, фаъолиятро идома медиҳем. Парлумон барои мо, ба гуфтаи Ленин, фақат як минбар буд» [9].

Шодӣ Шабдолов мегӯяд: «Минбарро дар парлумон онҳо воқеъбинона ва ба манфиат истифода бурда, тули чанд сол ба ҳайси вакил ба таври ошкору озод дар робита ба ҳар мавзуъ мавқеи худро озод мегуфтем. Озод интиқод мекардем ва ҳамчунин ҳар чизе, ки хуб буд, ҳатман аз он ҷонибдорӣ мекардем. Ҳоло ин минбарро аз даст додем. Бо ин ҳам дар ҲКТ, ҳоло сафи аъзои ҳизб аз ҳисобу занону ҷавонони то 30-сола зиёд мешавад ва намояндагиҳои ҳизб дар ҳама ноҳияву минтақаҳои кишвар ба таври маъмулӣ фаъолияти худро идома медиҳанд. Мо фаъолияти худро ягон зарра кам не, баръакс, фаъолтар мекунем. Ҳоло худам ҳам ба шаҳру ноҳияҳо сафар дорам, нафақагирони ҳизбро хабар мегирем» [9].

Шоди Шабдолов бо ёдоварӣ аз як эътирози Ҳизби коммунист дар парлумон дар робита ба ислоҳоти иқтисодӣ гуфт, Ҳукумат бояд ба назару пешниҳоди мухолифон ҳам гӯш диҳад: «Мо мухолифи ҳукумат нестем, мо мухолифи ислоҳоти иқтисодие ҳастем, ки ба зарари мардуманд. Мо вобаста ба масъалаҳои муҳимми ҷомеа рӯирост фикру ақида, назари худро мегӯем, пешниҳоди худро иброз медорем. Ин пешниҳодҳои мо қабул шуданд хуб, қабул нашуданд ба оянда умед мебандем. Мо як эътироз доштем. Самти ислоҳоти иқтисодиро, як бахши бисёр муҳимашро ҷонибдор набудем. Яъне, мо гуфтем он корхонаҳои соҳаи энергетика, инҳисороти табииро даст назанед, ки агар хароб шуд, дигар давлат имкон надорад, то зиндагии миёнаҳолу камбағалро хуб кунад. Пешгӯиҳои мо шуд. Бисёр соҳаҳо муфлис шуд, ҳама хусусӣ шуданд. Яъне, самти ислоҳот чандон дуруст нест [9].

Вобаста ба ин масъалаи муҳим қайд намудан зарур аст, ки пирӯзии ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот ва фаъолият дар парламентиояндаи кишвар таҳкими низоми интихоботиро тақвият дода, имконият медиҳад, ки асоси ҳуқуқии амалигардонии ҳадафҳои барномавиашонро такмилу таҳким бахшида, низоми сиёсии ҷомеа ва низоми қонунгузории кишварро рушд диҳанд. Вазъи имрӯзаи ҷомеа, тағйирот ва таҳаввулот

дар самти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ тақозо мекунад, ки рафтори ҳизбҳои сиёсӣ тағйир ёбад. Ҳизбҳои сиёсӣ на танҳо дар арафаи интихобот, балки бояд пайваста дар рушди ҷомеа фаъолияти назарас дошта бошанд [3,с.83].

Бояд зикр кард, ки дар шароити имрӯзаи кишвар барпо намудани интихоботи шаффофу демократӣ мақсади сохтани давлати демократӣ мебошад. Давлати демократи будани Тоҷикистон талаб мекунад, ки дар ин маврид ҳизбҳои сиёсӣ бо доштани барномаҳои стратегии худ ва таҷрибаашон доимо кӯшиш намоянд, ки ба манфиати давлат барномаҳои худро омода кунанд, барномаҳояшонро миёни ҷомеа ба масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ равон созанд.

**Муқарриз: д.и.с., профессори ДМТ - Зокирзода Г.**

**АДАБИЁТ**


1. Ойев Х. Иштирок дар интихобот – шаклии олии дарки масъулият ва қарзи шаҳрвандӣ. Нақши падидаи интихобот дар бунёди давлатӣ демократӣ. (маҷмӯи мақолаҳо) / Х. Ойев. – Душанбе, 2015. – С. 196.
2. Раҳмонов Т. Равандҳои сиёсӣ ва таҳаввулоти онҳо дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон / Т. Раҳмонов // Осори мунтахаб. – Душанбе, 2014. – С. 219.
3. Шарифзода Л.Ш. Раванди иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихоботи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С. 49.
4. Сангинов Ҷ. Рисолати таърихӣ. Андешаҳо пиромуни 10-солагии ҲХДТ / Ҷ. Сангинов // Минбари халқ. - №82 (243). 2 октябри соли 2004.
5. Шарипов С.И. Дар Тоҷикистон рақибони сиёсӣ таъқиб мешаванд / С.И. Шарипов // Озодагон. - №38 (198). 5 октябри соли 2011.
6. Давлат Усмон. Хизбҳои сиёсӣ дар раванди маъракаҳои сиёсӣ фаъол бошанд // Фараж. - №43 (360). 23 октябри 2013.
7. Шарипов С.И. Ҳоло, дар ростои интихоботи порлумонии Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсӣ тасмим гирифтаанд, ки бо чеҳраҳои наве вориди сабқат шаванд. [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 18.03.2023 .).
8. Шарипов С.И. Ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди сиёсии ҷомеа фаъол бошанд [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 18.03.2023).
9. Шодӣ Шабдолов мегӯяд, бо маҳрум шудан аз минбар дар парлумон фаъолияти Ҳизби коммунист аслан тағйир наёфтааст ва онҳо ҳамоно фаъоланд [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 23.04.2023 с.).
10. Чаро дар интихобот номзади сазоворе нест? [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 10.02.2023).
11. Раъйдиҳӣ дар аҳди COVID-19. Мақомот мегӯянд, намегузоранд, интихобот сабаби густариши вирус шавад. [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи мурочиат:. 19.02.2023).
12. Артиши нави раъйдиҳандагони тоҷик ба кӣ овоз медиҳад? [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 10.04.2023).
13. Роҳ ба марҳилаи асосии интихобот. Кӣ чӣ қадар имзо ҷамъ кард?. [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 12.03.2033).
14. Посухи КМИРТ ба даҳ суоли Озодӣ дар бораи интихоботи президентӣ [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 12.03.2023).
15. Абдуҳалим Ғаффоров: «Ман дигар он одами соли 2004-ум нестам» [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 12.03.2023).


**НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДИ ИНТИХОБОТИ ПАРЛУМОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


Мақолаи мазукр ба яке аз масъалаҳои муҳимми таҳкими давлатдории Тоҷикистон, нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Бояд зикр кард, ки яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар шароити муосири рушди кишвар барои тақвияти равандҳои демократикунонии тамоми бахшҳои ҷомеа мусоидат менамояд, ин, пеш аз ҳама, иштироки фаъоли ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот мебошад. Яке аз асосҳои муҳимми рушди пояҳои демократия ва интихобот тибқи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ ва байналмилалӣ, мавҷудияти ҳизбҳои сиёсӣ мебошад. Яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди интихобот иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот ба ҳисоб рафта, дар ин замина ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти фаъоли раванди интихобот бояд нақш ва имконияти муҳимро доро бошанд. Дар ин замина ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун масъули баргузории интихобот дар ин раванд бояд дар сафи пеш қарор дошта, дар асоси барномаҳои худ вориди ин чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ гарданд. Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим рушди демократикунонии ҷомеа низоми интихобот, институти бисёрҳизбӣ ба ҳисоб рафта, дар асоси ин омилҳо низоми сиёсии ҷомеа мустаҳкам гардида, дар таҳкими парламентаризм нақши муҳим мегузоранд. Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти ҷомеа ба қувваи озоди сиёсӣ табдил ёфта, мувофиқи Конститутсия ҳуқуқ доранд, ки дар чорабиниҳои интихоботии кишвар иштирок намоянд ва намояндагони хешро ба мақомоти олии қонунбарор, яъне парламент ва дигар мақомотҳои намояндагӣ

пешбарӣ кунанд, то ки дар баррасӣ ва қабули қонунҳои муҳим баҳри рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа ҳиссагузор бошанд. Бояд қайд намуд, ки дар навбати аввал барои рушди низоми интихобот ва демократия ҳамчун омили пешбарандаи ҷомеа зарур аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ ҷиҳати тақвият бахшидан ба рушди фарҳанги сиёсӣ миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ, заминаҳои амалишавии барномаҳои худро таъмин созанд. Дар ин раванд зарур аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ ҷиҳати пешрафти давлати мустақили Тоҷикистон, рушду такомули иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии он саҳми назаррас дошта бошанд.
**Калидвожаҳо:** интихобот, ҳизбҳои сиёсӣ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, парламент парламентаризм, интихоботи парлумонӣ, раванди интихобот.

## РОЛЬ И МЕСТО ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ В ПРОЦЕССЕ ПАРЛАМЕНТСКИХ ВЫБОРОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье анализируются вопросы укрепления государственности Таджикистана и роль политических партий в процессе парламентских выборов Республики Таджикистан. Следует отметить, что одним из важных вопросов, который в современных условиях развития страны способствует усилению процессов демократизации всех слоев общества является, прежде всего, активное участие политических партий в выборах. Одной из важных основ развития основ демократии и выборов согласно Конституции, внутригосударственным и международным правовым актам признается наличие политических партий.Одним из важных вопросов в избирательном процессе является участие политических партий в выборах, и в этом контексте политические партии как активный субъект избирательного процесса играют важную роль и возможности. В этом контексте политические партии, как лица, ответственные за проведение выборов, должны быть в авангарде этого процесса и выходить на эти важные политические мероприятия на основе своих программ. В современных условиях Республики Таджикистан одним из важных вопросов развития демократизации общества является избирательная система, институт многопартийности, на основе этих факторов укрепляется политическая система общества, и они играют важную роль в укреплении парламентаризма. В этом процессе политические партии стали самостоятельными политическими силами в жизни общества и, согласно Конституции, имеют право участвовать в избирательных мероприятиях страны и назначать своих представителей в высшие законодательные органы, то есть продвигать парламент и другие представительные органы, чтобы способствовать рассмотрению и принятию важных законов для развития различных секторов общества.Следует отметить, что, в первую очередь, для развития избирательной системы и демократии как движущего фактора общества необходимо, чтобы политические партии обеспечивали основу для реализации своих программ в целях усиления развития политической культуры гражданского общества. В этом процессе необходимо, чтобы политические партии внесли весомый вклад в прогресс независимого государства Таджикистан, его экономическое, социальное, научное и культурное развитие.
**Ключевые слова:** выборы, политические партии, Собрание представителей Верховного Собрания Республики Таджикистан, парламент, парламентаризм, парламентские выборы, избирательный процесс.

**COMPETITOR OF THE DEPARTMENT OF PHILOSOPHY AND POLITICAL SCIENCE INTERNATIONAL UNIVERSITY OF FOREIGN LANGUAGES**

This article analyzes one of the important issues of strengthening the statehood of Tajikistan, the role of political parties in the process of parliamentary elections in the Republic of Tajikistan. It should be noted that one of the important issues that, in the current conditions of the country's development, contributes to the strengthening of the processes of democratization of all sectors of society, is, first of all, the active participation of political parties in elections. One of the important foundations for the development of the foundations of democracy and elections in accordance with the Constitution, domestic and international legal acts is the existence of political parties.One of the important issues in the electoral process is the participation of political parties in elections, and in this context, political parties, as an active subject of the electoral process, should have an important role and opportunities. In this context, political parties, as persons responsible for holding elections, should be at the forefront of this process and enter these important political events based on their programs. In modern conditions of the Republic of Tajikistan, one of the important issues in the development of the democratization of society is the electoral system, the institution of a multi-party system, based on these factors, the political system of society is being strengthened and they play an important role in strengthening parliamentarism.In this process, political parties have become independent political forces in the life of society and, according to the Constitution, have the right to participate in the electoral activities of the country and appoint their representatives to the highest legislative bodies, that is, to promote parliament and other representative bodies in order to promote the consideration and adoption of important laws for development. various sectors of society.It should be noted that, first of all, for the development of the electoral system and democracy as a driving factor in society, it is necessary that political parties provide a basis for the implementation of their programs in order to strengthen the development of the political culture of civil society. In this process, it is necessary that political parties make a significant contribution to the progress of the independent state of Tajikistan, its economic, social, scientific and cultural development.
**Keywords:** elections, political parties, Assembly of representatives of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, parliament, parliamentarism, parliamentary elections, electoral process.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафаров Фарҳод Шарифович*** **-** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ. **Суроға**: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шДушанбе, кӯчаи Мумҳаммадиев, 17/6

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Фарход Шарифович***- Международный университет иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзода, соискатель кафедры философии и политологии. **Адрес**: 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6

**Information about the author:** ***Safarov Farhod Sharifovich*** **-** International University of Foreign Languages of Tajikistan named after Sotim Ulugzod, applicant for the Department of Philosophy and Political Science. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev street, 17/6

ТДУ: 329.058.1

# ЛОББИЗМ ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ СИЁСӢ

*Чураев А.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Лоббизм яке аз институтҳои муҳимми ҷомеаи муосири демократӣ маҳсуб меёбад. Дар маънои васеъ зери мафҳуми лоббизм «чорабиниҳо оиди расонидани таъсир ба сиёсатмадорон ва мансабдорон» [9], «дилхоҳ кӯшиши афрод ва ё гурӯҳи манфиатҳо ҷиҳати таъсиррасонӣ ба қарори ҳукумат» [11] фаҳмида мешавад. Нуқтаҳои зикршударо хулоса намуда, лоббизмро дар шакли умумитар муҳаққиқи рус Павроз А. В. «ҳамчун фаъолият вобаста ба намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳо ба воситаи таъсиррасонӣ ба ашхоси мансабдор ва мақомоти ҳокимияти оммавӣ бо мақсади таъсиррасонӣ ба ташкил ва амалисозии сиёсати давлатӣ» маънидод мекунад [5,с.158].

Гуфтан зарур аст, ки лоббизм ҳамчун механизм ва ҳамчун технологияи намояндагии манфиатҳои дигарон падидаи меҳварӣ мебошад ва аз ин рӯ, баҳогузорӣ намудани мазмуну мундариҷаи он танҳо дар шароити мушаххас имконпазир мегардад [3,с.123]. Аммо бояд иқрор шуд, ки ба ҳамаи таърифҳои мавҷудаи лоббизм нигоҳ накарда, дар сатҳи афкори ҷамъиятӣ онро ба таври дигар баҳогузорӣ менамоянд ва баъзан онро ҳамчун фаъолияти шабакавӣ ва баъзан вақт фаъолияти пинҳонӣ маънидод мекунанд. Агар ба мазмуни дуюми он таваҷҷуҳ намоем, лоббизм ҳама вақт мазмуни манфӣ мегирад. Ба таври ғайриқонунӣ фишор овардан ба намояндагони ҳокимияти давлатӣ, пораситонӣ, коррупсия ва монанди инҳо ҳамчун воситаи ба манфиати дигарон қабул намудани қарорҳои роҳбарикунанда зуҳуроти лоббизми манфӣ мебошанд. Маҳз дар шароити мавҷуд будани чунин таҷрибаҳо муносибати одамон нисбат ба лоббизм манфӣ мешавад. Дар чунин шароит, агар қудрату имконияти неруҳои иҷтимоӣ инъикос ёбанд ҳам, аз ҷониби дигар осебпазирии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба назар мерасад.

Дар мазмуни фаъолияти шабакавӣ тасаввур гардидани лоббизм онро дар раванди демократии ҷомеа ҳамчун падидаи солим, муътадил ва институти ҳаётан муҳимми ҷомеа муаррифӣ менамояд. Зеро лоббизм ҳамчун низоми муташаккили ифодакунандаи манфиатҳои гурӯҳӣ унсури муҳимтарини ҷомеаи демократӣ мебошад. Маҳз тавассути ин гуна механизм таваҷҷуҳи ҳокимияти давлатӣ ба мушкилиҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҷалб карда мешавад. Дар чунин мазмун лоббизм шакли қонунии фаъолияти гурӯҳҳои фишороваре мебошад, ки бо мақсади қонеъ сохтани манфиатҳои сохторҳои мушаххаси иҷтимоӣ ба раванди қабули қарорҳои сиёсӣ таъсиррасонӣ менамоянд.

Миқдори таърифҳои лоббизм хеле зиёд аст, аммо ҳамаи онҳоро таҷзия намуда, дар ду шакл маънидод намудани онҳоро мувофиқи мақсад мешуморем. Дар навбати аввал, лоббизм фаъолияти субъектҳое фаҳмида мешавад, ки ба сохторҳои ҳокимияти давлатӣ таъсиргузорӣ менамоянд, то ки онҳо қарорҳои дахлдор қабул кунанд. Дар маънои дуюм бошад, лоббизм фаъолияти касбие мебошад, ки онро ташкилотҳои махсус дар сохтори ҳокимияти давлатӣ барои ҳимояи манфиатҳои мизоҷони худ анҷом медиҳанд.

Барои хубтару беҳтар нишон додани моҳияти лоббизм ба инобат гирифтани сохтори мураккаби фаъолияти лоббистӣ низ хеле муҳим мебошад. Бо ин мақсад чунин унсурҳои таркибии ин гуна фаъолиятро нишон додан мумкин аст:

– Мавҷудияти субъект ва объекти таъсиррасонӣ. Чун анъана, мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, мансабдорони ниҳодҳои мазкур, кормандони дастгоҳи марказии мақомоти ҳокимият ва ғ. объектҳои таъсиррасонӣ мебошанд.

– Фаъолияти лоббистӣ барои ҳимояи манфиатҳои мушаххас анҷом дода мешавад.

– Лоббистон дар байни гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ, ширкатҳои молиявӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ вазифаи миёнаравиро иҷро мекунанд.

– Лоббизм ҳама вақт пуштибонии манфиатҳои шахсони алоҳида, гурӯҳи шаҳрвандон, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳоро ифода менамояд. Манфиатҳои пешбаришаванда метавонанд ҳам умумӣ ва ҳам мухолифи дигарон бошанд.

Лоббизм таърихи дурудароз дорад. Ташаккули он дар асрҳои XVII–XIX ба амал омада, бо тавлиди таҷрибаи таъсиррасонии ғайрирасмӣ ба одамони тобеи ҳокимияти давлатӣ алоқаманд буд. Калимаи «лобби» (lobby) ба забони англисӣ аз лотинии асримиёнагӣ (лот. lobia) ворид шуд ва барои ифодаи даҳлез ва ё галереяҳои ибодатгоҳҳо истифода мегардид. Солҳои 40-уми асри XVII вестибюл ва ду даҳлези палатаи обшинҳоро дар парлумони британиягӣ, ки дар он ҷо депутатҳо (вакилон) метавонистанд бо ашхоси дар фаъолияташон манфиатдор, ки ба ҷаласаҳои палата роҳ дода намешуданд вохӯрӣ намоянд, ҳамин тавр (яъне «lobby») ном мебурданд. Дар ИМА низ чун дар Британияи Кабир, клуарҳои барои омма дастраси Палатаи намояндагон ва Сенат, ки дар он ҷо шаҳрвандони манфиатдор метавонистанд бо аҳли парлумон барои таъсиррасонӣ ба тафаккури онҳо нисбати ин ё он лоиҳаи қонун вохӯрӣ гузаронанд, бо калимаи «лобби» номгузорӣ гардиданд. Маҳз дар ИМА дар нимаи аввали асри XIX истилоҳи «лобби» маънои сиёсӣ касб кард ва гурӯҳи одамонеро ифода менамуд, ки бо манфиатҳои умумӣ (масъалаҳои корӣ, марзӣ-ҳудудӣ, касбӣ ва ғ.) муттаҳид гаштаанд. Мафҳумҳои аз он ҳосилгардидаи «лоббизм» (lobbyism) ва «лоббикунонӣ» (lobbying) бошад, барои таърифдиҳии таъсири ғайрирасмӣ ба овозҳои қонунгузорон дар даҳлезҳои парлумон (lobby), яъне берун аз палатаи қонунгузор, истифода мегардид [1,с.5-8].

Лоббизм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ хусусиятҳои гуногун дорад. Дар навбати аввал, тавассути лоббизм рӯнамоӣ кардану намояндагӣ намудани манфиатҳои давлат, соҳаҳои мушаххас, ширкатҳо, табақаҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои этникию мазҳабӣ, элитаҳои сиёсии минтақавӣ имконпазир мегардад. Дуюм, лоббизм таъсиррасонии муташаккилонае мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, ҳокимияти маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ғайриҳукуматӣ ва касбӣ, васоити ахбори омма ва ғайра. Бо мақсади қабул намудан ё накардани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйиру иловаҳо ворид намудан ба мундариҷаи онҳо ва умуман барои таъсир расонидан ба раванди қабули қарорҳо дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Сеюм, лоббизм воситаи муҳимми барқарор намудани иртибот дар байни мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, ниҳодҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки тавассути он мубрамияти мушкилиҳои ҷамъиятӣ асоснок карда шуда, барои ҳалли масъалаҳои мазкур иттилооти зарурӣ ҷамъоварӣ карда мешавад. Чорум, лоббизм ҳатто метавонад дар ҳалли як қатор масъалаҳои низоми муносибатҳои байналхалқӣ нақши муҳим бозад. Дар ин маврид фаъолияти марказҳои илмию таҳқиқотӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, форумҳои байналмилалӣ ва монанди инҳо фаъолнокӣ нишон медиҳанд.

Дар таҳқиқоти олимони соҳа шаклҳои зоҳиршавӣ ва навъҳои лоббизм ҳамчун институти сиёсӣ низ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Муҳаққиқи рус А.В. Попова қайд менамояд, ки дар адабиёти илмии муосир аксари муаллифон миёни истилоҳоти «лоббизм» ва «фаъолияти лоббистӣ (ё лоббикунонӣ)» фарқият намегузоранд, ки ин ба нофаҳмии истифодабарии илмӣ ва мустаҳкамнамоии ҳуқуқии он оварда мерасонад [6,с.33].

Муносибати дигар вобаста ба мафҳуми мазкур дар мақолаи муҳаққиқи рус В.А.Лепехин "Лоббизм дар Россия ва масоили танзими ҳуқуқии он" ба чашм мерасад. Муаллиф тасдиқ менамояд, ки ақидаи умумиқабулшуда оиди он, ки лоббикунонӣ (лоббизм), пеш аз ҳама, фишор ба ҳокимият аст, нодуруст ва нокомил мебошад. Ба андешаи ӯ, ба ҳокимияте, ки нисбати он фишор оварда мешавад, танҳо ҳокимияти "расмӣ" ("рӯякӣ", "рамзӣ" – М.М.) мебошаду халос (институтҳои сиёсӣ дар фаҳмиши анъанавии он – ҳамчун ашхоси қабулкунандаи қарор), аммо ҳокимияти воқеӣ маҳз ҳамон қувваҳое маҳсуб меёбанд, ки раванди лоббикуниро амалӣ менамоянд. Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои Лепехин ба хулосае омадан мумкин аст, ки лоббизм на танҳо артикулятсияи (намояндагии) манфиатҳои ин ва ё он гурӯҳ (иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ) дар сохторҳои давлатист, балки раванди мувофиқнамоии ҳокимияти расмӣ бо ҳокимияти воқеӣ мебошад [4]. Таҳлили мазкур шояд аз воқеияти сиёсии давраи гузариши ҷомеаи Россия баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии он сарчашма гирифта бошад.

Манфиатҳои шахсиро ҳимоя намуда, лоббистҳо маълумоти муҳимро вобаста ба талабот ва хоҳишҳои қишрҳои гуногуни ҷомеа ба сиёсатмадрон мерасонанд. Лоббистҳо нишон медиҳанд, ки чӣ тавр қарорҳои сиёсӣ ба гурӯҳҳои алоҳида таъсир мерасонанд, натиҷаҳои он дарояндаи наздик ва дур чӣ тавр метавонанд бошанд ва ҳамчунин қарори беҳтаринро аз нуқтаи назари ин ва ё он гурӯҳҳои ҷамъият ба сиёсатмадорон пешниҳод менамоянд. Дар натиҷаи гирифтани чунин иттилоот, дар шуури сиёсатмадорон вобаста ба манфиатҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва алтернативаҳои қарорҳои сиёсӣ тасаввуроти комил ҳосил мегардад, ки ба онҳо барои қабули қарори самараноктар кумак менамояд. Дар ин ҳолат лоббистҳо бо сиёсатмадорону мансабдорон зид гузошта намешаванд ва баръакс ба раванди сиёсӣ-маъмурӣ ба таври амиқтар ворид мегарданд. Мувофиқи андешаи Ҷ. Бирнбаум, «лоббистҳо ҳамчун кормандони пардохтнашавандаи (бемузди) субъектони қабулкунандаи қарор кор мекунанд. Онҳо қонунгузоронро бо маблағ таъмин менамоянд, ки он барои аз нав интихоб шудани онҳо (қонунгузорон, яъне аҳли парлумон) лозим аст ва иттилоотеро оиди сиёсат ва равандҳои бавуқуъоянда ба онҳо мерасонанд, ки барои мансабдорони давлатӣ дастрас намудани чунин маълумот аз тарафи сохторҳои ҳукуматии аксаран ба таври зарурӣ малағгузоринашаванда, на он қадар осон ба даст меояд» [8,с.6].

Стюарт Томсон ва Стив Ҷон дар китоби худ «Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар амалия» менависанд: «Лоббизм таркиби муҳимми равандҳои демократӣ буда, ҳамеша мавҷуд буд ва боқӣ мемонад. Барои маслиҳате, ки мушовири сиёсӣ медиҳад, маблағ додан кори нодуруст нест. Соҳибкорон, муассисаҳои хайриявӣ ва ассотсиатсияҳои савдоӣ мутахассиси соҳаи низоми сиёсӣ нестанд ва онҳо ба шахсоне маблағ медиҳанд, ки мутахассиси ҳамин соҳаанд» [10,с.3].

Сенатори ИМА К. Левин қайд менамояд, ки лоббизм имрӯзҳо ҳамон унсури идоракуние, амсоли коркард ва гузаронидани лоиҳаи қонунҳо ва ё мурофиаи оммавие маҳсуб меёбад ва нақши муҳимтаринро дар интиқол ва гирифтани иттилоот дар раванди сиёсӣ бозӣ мекунад, ки устувории ҳаёти демократияро таъмин менамояд. Режимҳои ғайридемократӣ ба лоббизм ниёз надоранд, зеро дар онҳо шароити лозимае мавҷуд нест, ки дар он ашхоси ба ҳукумат шомилнабуда имконияти таъсиррасонӣ ба қарорҳои аз ҷониби ҳукумат қабулшавандаро дошта бошанд. Дар шароити демократия ҳолат умуман дигаргуна аст. Иттилооти аз ҷониби шаҳрвандон мерасида барои қабули қонунҳои инъикоскунандаи ихтиёри халқ ва ҳимояи раванди солими демократӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад [2]. Яъне, ба андешаи муҳаққиқи мазкур, барои мавҷудияти лоббизм ва фаъолияти лоббистон низоми демократӣ муҳим ва зарурӣ буда, дар ҷомеаи ғайридемократӣ аз сабаби набудани зарурияти объективӣ ва шароити сиёсӣ-иҷтимоӣ, лоббизм ҳамчун институти ҷамъиятӣ мавҷуд нест ва ё агар вуҷуд дошта бошад ҳам, ба таври фаъолу самаранок фаъолият (амал) карда наметавонад. Вале, мо метавонем ба ин нуқтаи назар пурра розӣ нашавем, зеро лоббизм новобаста ба он ки дар ягон санадҳои меъёрӣ навишта шудааст ва ё зикр нагардидааст, хосси тамоми системаи сиёсӣ мебошад. Энсклопедияи Британника дар маънидоднамоии лоббизм маҳз ба ҳамин нуқта ишора менамояд: «лоббизм дар шаклҳои гуногун дар дилхоҳ системаи сиёсӣ мавҷуд аст» [9].

Лоббизм ҳамчун институти махсуси амалисозии ҳокимияти давлатӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

- объекти лоббикунонӣ (мақом ва ё мақомоти давлатӣ, ки лоббикунонӣ нисбати он равона гардидааст);
- предмети лоббикунонӣ (бевосита ба мақомоти давлатие алоқаманд аст, ки лоббикунонӣ ба он равона гардидааст);
- субъекти лоббикунонӣ (лобби-институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои гуногуни ифодакунандаи манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, экологӣ ва ғ., ки фишороварии мақсаднокро ба мақомоти гуногуни давлатӣ амалӣ менамоянд) [7,с.27-28].

Лоббизм барои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ хеле муҳим аст. Он ба ҳаёти ҳар як ҷомеа ҳам оқибатҳои мусбӣ ва ҳам оқибатҳои манфӣ ба бор меорад. Ҷиҳатҳои мусбӣ

ва манфии лоббизмро дида мебароем. Ба ҷиҳатҳои мусбии лоббизм омилҳои зерин дохил мешаванд:

Якум, ба ҳокимияти сиёсӣ таъсир расонида, лоббизм мақомотҳои идориро маҷбур менамояд, ки худро дар ҳолати хуби касбӣ нигоҳ доранд. Бо ҳокимият рақобат карда, ҳокимиятро маҷбур менамояд, ки зудҳаракат бошад. Дар шароити тақсими ҳокимият ҳар як шохаи ҳокимият метавонад ин ё он гурӯҳи лоббистиро ба манфиати худ истифода барад. Масалан, дар Конгресси ИМА байни қонунгузорон ва лоббистон ҳамкории зич мавҷуд аст. Ин ҳамкорӣ мавқеи мақомоти қонунгузориро қавӣ мегардонад.

Дуюм, лоббизм ба сифати воситаи (инструмент) худтакмилдиҳии ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад мекунад. Ба воситаи он дастгирии ҷамъиятӣ ва ё оппозитсияи ин ё он қонун ё қарор сафарбар карда мешавад. Дар чунин ҳолат лоббизм ба сифати рақиби бюрократия амал мекунад.

Сеюм, лоббизм имконият фароҳам меоварад, то манфиатҳои ақаллиятҳо ҳимоя карда шаванд.

Чорум, лоббизм имконият медиҳад, ки базаи информатсионӣ ва ташкилии қарорҳои қабулмешуда васеъ шавад ва диққати зарурӣ ба масъалаҳои актуалӣ равона карда шавад. Гурӯҳҳои лобистӣ мақомотҳои давлатиро бо ахбороти зарурӣ оиди масоили баррасишаванда таъмин мекунанд. Аъзоёни парлумон ва дигар вазифадорони давлатиро бо мушкилиҳои табақаҳои гуногуни ҷомеа шинос мекунанд. Барои ҳамин онҳоро «фурӯшандагони ахбор» низ меноманд.

Панҷум, лоббизмро метавон ҳамчун воситаи ҳамкории байни мақомоти қонунгузор ва иҷроия номид. Тақсими ҳокимият ин ду шохаро дар муқобили ҳамдигар намегузорад. Ҳамкории байни лоббистони вазоратӣ ва лоббистони парламентӣ ба фоидаи кор аст. Ин ҳамкорӣ падидаи мусбӣ дар ҳаёти сиёсӣ ҳисобида мешавад.

Шашум, сифати идоракунии давлатиро баланд мебардорад ва сатҳи хатою иштибоҳҳои мақомоти идоракуниро кам мегардонад.

Дар баробаи ҷиҳатҳои мусбӣ лоббизм ҳамчун институти сиёсӣ-ҷамъиятӣ палуҳои манфӣ низ дорад.

Якум, ҳангоми пурқувват будани лоббизми хориҷӣ, ки як навъи лоббизм мебошад, манфиатҳои миллӣ метавонанд сарфи назар гарданд. Ҳолати мазкур хосси кишварҳои рӯ ба инкишоф ва ё ҷомеаҳое мебошад, ки таҷрибаи ҷомеаи сармоядориро кам доранд. Дар ин кишварҳо ширкатҳои фаромиллӣ баҳри ҳимояи манфитаҳои худ бо роҳҳои нисбатан нарм ба қонунгузорӣ таъсир мерасонанд, ки аксаран ба манфиати давлат набуда, метавонад манфиатҳои милливу давлатӣ сарфи назар шаванд.

Дуюм, лоббизм метавонад аз механизмҳои ғайриқонунии фишор ба мақомотҳои давлатӣ истифода барад. Дар ин ҷо метавон аллакай дар бораи навъҳои лоббизме сухан гуфт, ки пояҳои давлатдориро суст мегардонанд.

Сеюм, лоббизм метавонад омили рушд ва ҳимояи бюрократияи носолим, маҳалгароӣ, миллатгароии канора ва ғайра гардад. Раванди ҳимояи «манфиатҳои махсус» хеле зиёд мешавад.

Чорум, лоббизм метавонад унсурҳои ҳокимияти халқиро суст гардонад. Институтҳои демократиро ба институтҳои пурқуввати гурӯҳҳои алоҳидаи манфиатҷӯ табдил медиҳад.

Панҷум, маъракаҳои лоббистӣ метавонанд сабаби зиёдшавии нобаробарии иҷтимоӣ гарданд. Гурӯҳҳои лоббистӣ манфиатҳои гурӯҳҳои бузурги молиявию иқтисодиро ҳимоя карда, аксар вақт манфиати оммаро сарфи назар мекунанд.

Шашум, дар баъзе ҳолатҳо лоббистон монеи қабули қарорҳои барои ҷомеаи муфид мешаванд. Онҳо аксар вақт манфиатҳои оммаро қурбони манфиатҳои гурӯҳҳои олигархӣ мекунанд.

Аз таҳлили ҷиҳатҳои мусбату манфии лоббизм ба хулосае омадан мумкин аст, ки зоҳиршавии лоббизмро ҳам дар шакли расмӣ (институтсионалӣ) ва ҳам ғайрирасмӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Дар навбати аввал, лоббизм ба мақомоти давлатӣ имконият медиҳад, ки дар бораи вазъияти мавҷуда тасаввуроти зарурӣ ва иттилооти даркорӣ пайдо намоянд ва самаранокии қарорҳои қабулшавандаро зимни татбиқи онҳо

баланд бардоранд. Аммо паҳлуҳои манфии лоббизм бештар дар ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки агар иштирокдорони он манфиатҳои шахсӣ ва ғаразноки худро пайгирӣ намуда, барои суиистифода гардидани ҳокимият ва ба амал омадани коррупсия шароит муҳайё созанд. Аммо бо назардошти рушди ниҳодҳои сиёсӣ ва бештар гардидани таҷрибаҳои лоббистӣ роҳу усулҳои пешгирӣ намудани лоббизми ғайрирасмӣ ва зиёновар низ ба вуҷуд оварда мешаванд. Пеш аз ҳама, дар заминаи қонун ба роҳ мондани ин навъи фаъолият, бештар намудани шумораи иштирокдорони он, афзоиш додани рақобат дар байни онҳо, баланд бардоштани касбияти лоббистон, баланд бардоштани ахлоқи хизматчиёни давлатӣ ва марҳила ба марҳила ташаккул додани механизми фаъолияти лоббистӣ масъалаҳое мебошанд, ки барои аз байн рафтани лоббизми ғайрирасмӣ шароит фароҳам меоваранд.

Бояд гуфт, ки лоббизм ҳамчун унсури муҳимтарини системаи сиёсӣ ва низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷойи хушку холӣ ба вуҷуд намеояд ва мавҷудияти он низ ҳодисаи тасодуфӣ нест. Лоббизм шакли рафторе мебошад, ки тавассути он дар соҳаи сиёсат намояндагии манфиатҳо ба амал баровардa мешавад. Танҳо масъалае, ки бояд ба инобат гирифта шавад, ин аст, ки хусусият ва хосиятҳои зоҳиршавии лоббизм дар мамлакатҳои алоҳида аз омилҳои гуногун вобастагӣ доранд ва пеш аз ҳама омилҳои таърихию сиёсӣ дар ин самт таъсири бештар доранд. Бо назардошти типологияи лоббизм, гуфтан мумкин аст, ки таносуби лоббизми институтсионалӣ ва ғайриинституттсионалӣ дар кишварҳои олам аз ҳамдигар тафовут дорад. Дар ҷомеаҳои демократӣ аз ҳама бештар лоббизми институтсионалиро мушоҳида намудан мумкин аст.

Лоббизм яке аз институтҳои намояндагии сиёсии гурӯҳи манфиатҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, усулҳои лоббизм на танҳо дар низоми намояндагии манфиатҳои функсионалӣ, балки инчунин дар самтҳои зиёди ҳаёти сиёсӣ-ҷамъиятӣ, аз ҷумла фаъолияти сиёсӣ-идорӣ низ истифода мегардад. Мавқеъ ва нақши лоббизмро дар низоми идоракунии сиёсӣ метавон бо баинобатгирии як қатор махсусиятҳои лоббизм ҳамчун институти ҷамъиятӣ дарк намуд.

Якум, лоббизм – ин "кӯчае бо ҳаракати яксамта" мебошад, ки дар он уҳдадории тарафайни иштирокчиён мавҷуд набуда, баръакс низоми намояндагии функсионалӣ дар ҳолатҳои муайян масъулияти тарафҳоро барои амалҳои худ пешбинӣ манамояд.

Дуюм, лоббизм аксаран алоқаҳои ғайрирасмиро истифода менамояд. Он, чун қоида, манфиатҳои ашхосеро ҳимоя менамояд, ки имконияти иштирок дар раванди қабули қарорро надоранд ё онро аз даст додаанд.

Сеюм, лоббикунонӣ ҳамкорӣ миёни давлат аз як тараф ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандиро аз тарафи дигар дар назар дорад.

Ҳамин тавр, лоббизм – ин низоми намояндагии ғайрирасмии манфиатҳо дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ буда, дар фаҳмиши сиёсӣ-идорӣ он одатан ҳамчун таъсиррасонии гурӯҳҳо ва ташкилотҳои онҳоро дар ҳокимияти давлатӣ намояндагикунанда бо мақсади қабул ва ё раднамоии қарорҳои ба манфиати ин гурӯҳҳо дахлдор мебошад. Метавон гуфт, ки лоббизм на фаъолият, балки як навъ зуҳурот ва низомеро ифода менамояд ва танҳо муносибати мазкур имконият медиҳад, ки лоббизм ҳамчун институти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқ карда шавад.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ - Сафарализода Х.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Автономов А. Азбука лоббирования / А.Автономов. - М.: Права человека, 2004. 112 с. (Avtonomov A. S.The ABC of Lobbying. M.: Prava cheloveka, 2004. 112 p.).
2. Закон об открытости лоббистской деятельности 1995 года: взгляды двух законодателей // Вопросы демократии. Лоббирование в Америке. 1998. Июнь. Т. 3, № 2. С. 8–12 (Lobbying Disclosure Act of 1995: the Views of Two Legislators // Issues of Democracy. Lobbying in America. 1998. June. Vol. 3, N 2. P. 8–12).
3. Кисилев К.В. Лоббизм: проблемы правового регулирования / К.В. Кисилев // Чиновник. – 2000. –№3. – С.123.
4. Лепехин В.А. Лоббизм в России и проблемы его правового регулирования/ В. А. Лепехин // Политические исследования, 1998. -№ 4.

5. Павроз А. В. Институт лоббизма в современных демократических обществах / А. В. Павроз // Политическая экспертиза: ПОЛИТЭК - 2014. -Т. 10. -№ 3.
6. Попова А.В. Лоббизм и лоббистская деятельность / А.В.Попова // ПРАВОВОЕ ГОСУДАРСТВО: теория и практика, 2014. -№4 (38).
7. Толстых П.А. GR. Практикум по лоббизму в России. - М.: Альпина Бизнес Букс, 2007.
8. Birnbaum J. The Lobbyists: How Influence Peddlers Get Their Way in Washington. New York: Three Rivers Press, 1993. 334 p.
9. Encyclopedia Britannica. Lobbying // www.britannica.com/EBchecked /topic/345407/lobbying (date of access: 17.01.2021).
10. Stuart Thomson, Steve John. Public affairs in practice. –London, 2007. -P.3.
11. Webster's New Collegiate Dictionary. Lobbying // www.merriam-webster.com// lobbying (date of access: 17.01.2021).

## ЛОББИЗМ ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ СИЁСӢ

Низоми сиёсии ҷомеа ҳамчун майдони мубориза гурӯҳи манфиатҳо ба ҳисоб меравад. Яке аз воситаҳои муҳимми таъсиррасон ба раванди идоракуниро дар замони муосир лоббизм дорад. Дар адабиёти сиёсии муосир лоббизм ҳамчун ниҳоди сиёсӣ дар низоми сиёсӣ дониста мешавад, ки дар раванди қабули қарори сиёсӣ хосияти таъсиррасониро доро мебошад. Лоббизм – ин низоми намояндагии ғайрирасмии манфиатҳо дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ буда, дар фаҳмиши сиёсӣ-идорӣ он одатан ҳамчун таъсиррасонии гурӯҳҳо ва ташкилотҳои онҳоро дар ҳокимияти давлатӣ намояндагикунанда бо мақсади қабул ва ё раднамоии қарорҳои ба манфиати ин гурӯҳҳо дахлдор мебошад. Метавон гуфт, ки лоббизм на фаъолият, балки як навъ зуҳурот ва низомеро ифода менамояд ва танҳо муносибати мазкур имконият медиҳад, ки лоббизм ҳамчун институти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқ карда шавад. Дар мазмуни фаъолияти шабакавӣ тасаввур гардидани лоббизм онро дар раванди демократии ҷомеа ҳамчун падидаи солим, муътадил ва институти ҳаётан муҳимми ҷомеа муаррифӣ менамояд. Зеро лоббизм ҳамчун низоми муташаккили ифодакунандаи манфиатҳои гурӯҳӣ унсури муҳимтарини ҷомеаи демократӣ мебошад. Дар мақолаи мазкур лоббизм ҳамчун институти сиёсӣ ва нақши он дар раванди идоракунии сиёсӣ аз нигоҳи муҳаққиқони Ғарб, олимони русу ватанӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст. Лоббизм ҳамчун институти сиёсӣ дар адабиёти сиёсии ватанӣ падидаи нав ба ҳисоб меравад. Аммо дар таҷрибаи амалии кишварҳои Ғарб ва ИМА таърихи дурудароз дорад.

**Калидвожаҳо:** лоббизм, институти сиёсӣ, низоми сиёсӣ, мафҳуми лоббизм, фаъолият, субъект, объект, ҷанбаҳои лоббизм, лоббизми мусбӣ, лоббизми манфӣ, гурӯҳи манфиатҳо, таҷрибаи сиёсӣ.

## ЛОББИРОВАНИЕ КАК ПОЛИТИЧЕСКИЙ ИНСТИТУТ

Политическая система общества рассматривается как поле борьбы групп интересов. Лоббирование является одним из важных средств воздействия на процесс управления в современное время. В современной политической литературе лоббизм рассматривается как политический институт в политической системе, имеющий возможность влиять на процесс принятия политических решений. Лоббирование – это система неформального представительства интересов в процессе принятия политических решений, а в политико-административном понимании его обычно определяют как влияние групп и их организаций, представляющих их в правительстве, с целью принятия или отклонения решений в интересах этих групп. Можно сказать, что лоббизм – это не деятельность, а некое явление и система, и только такой подход позволяет изучать лоббизм как общественно-политический и конституционно-правовой институт. В контексте сетевой деятельности лоббизм представлен в демократическом процессе общества как здоровое, уравновешенное явление и жизненно важный институт общества. Потому что лоббизм как организованная система, представляющая групповые интересы, является важнейшим элементом демократического общества. В данной статье исследован и проанализирован лоббизм как политический институт и его роль в процессе политического управления с точки зрения западных исследователей, российских и отечественных ученых. Лоббизм как политический институт - новое явление в отечественной политической литературе. Однако он имеет долгую историю в практическом опыте западных стран и США.

**Ключевые слова:** лоббизм, политический институт, политическая система, понятие лоббизма, деятельность, субъект, объект, аспекты лоббизма, позитивный лоббизм, негативный лоббизм, группа интересов, политический опыт.

## LOBBYING AS A POLITICAL INSTITUTION

The political system of society is seen as a field of struggle for interest groups. Lobbying is one of the important means of influencing the management process in modern times. In modern political literature, lobbying is seen as a political institution in the political system that has the ability to influence the process of political decision-making. Lobbying is a system of informal representation of interests in the process of making political decisions, and in the political-administrative sense it is usually defined as the influence of groups and their organizations representing them in the government, with the aim of making or rejecting decisions in the interests of these groups. We can say that lobbying is not an activity, but a certain phenomenon and system, and only such an approach allows us to study lobbying as a socio-political and constitutional-legal institution. In the context of network activity, lobbying is presented

in the democratic process of society as a healthy, balanced phenomenon and a vital institution of society. Because lobbying as an organized system representing group interests is an essential element of a democratic society. This article explores and analyzes lobbying as a political institution and its role in the process of political management from the point of view of Western researchers, Russian and domestic scientists. Lobbying as a political institution is a new phenomenon in Russian political literature. However, it has a long history in the practical experience of Western countries and the United States.

**Keywords:** lobbying, political institution, political system, concept of lobbying, activity, subject, object, aspects of lobbying, positive lobbying, negative lobbying, interest group, political experience.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Чураев Аминчон Абдукаримович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **989-99-85-58**

**Сведения об авторе:** ***Джураев Аминджон Абдукаримович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры политических процессов в Таджикистане. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **989-99-85-58**

**Information about the author:** ***Juraev Aminjon Abdukarimovich*** - Tajik National University, Ph.D student of the Department of Political Processes in Tajikistan. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **989-99-85-58**

ТДУ: 321.7

# ИРТИБОТИ СИЁСӢ ДАР ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ

*Одинаев У.Ғ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тағйиротҳое, ки дар ҷаҳони муосир дар натиҷаи афзоиши нақши инқилоби иттилоотӣ ба амал меоянд, дар омӯзиши падидаҳое, ки бо ин ё он шакл бо ҷаҳони сиёсӣ, бо сиёсат алоқамананд, пайдоиши парадигмаи нави иттилоотиро муайян мекунанд. Технологияҳои тағйирёбандаи иттилоотӣ ҳам ниҳодҳои сиёсиро ҳамроҳ бо муносибатҳои сиёсӣ ва ҳам шаклҳо, механизмҳо, технологияҳои таъсиррасонӣ ба ҷаҳони сиёсӣ, умуман ба ҷомеа, ба шуури он, роҳҳои аз худ кардан/омӯхтани воқеияти сиёсиро тағйир медиҳанд.

Умуман, таҳлили адабиёти ҷамъиятшиносӣ ва алалхусус адабиёти сиёсӣ нишон медиҳад, ки аз солҳои 50-уми асри ХХ сар карда, муҳаққиқони воқеияти сиёсии муосир дарк карданд, ки барои илми сиёсатшиносӣ на танҳо самти амалию татбиқии он, балки самти назариявӣ-пешбиникунандаи он низ муҳим мебошад. Охир, маҳз бо донистани контурҳои фардо гузоштан ва амалӣ гардондани мақсадҳои мураттаби алоқаманд ба шуури ҷамъиятӣ ва ба ҳаёти сиёсӣ табдил додани онҳо мумкин аст. Давраи муроҷиат ба маводи назариявии ҷамъшуда дар соҳаи сиёсат ба солҳои шастуми қарни бистум рост меояд. Як қатор олимон инро ба пайдоиши футурологияи ғарбӣ ва консепсияҳои ҷомеаи постиндустриалӣ (баъдисаноатӣ) марбут медонанд [1,с.184].

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷамъияти Ғарб муддати дароз аз ҷиҳати руҳ ва моҳият индустриалӣ ва технократӣ буд. Саноатӣ будани ҷомеаи ғарбӣ ба постулати фоида ва мавҷудияти технократии он умуман ба идеяи идоракунии иҷтимоӣ-сиёсӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ, бартарияти гурӯҳҳои элита бар шахс асос ёфта буд. Итоаткорӣ ҳам дар ҷойи кор бо ёрии захираҳои иқтисодӣ ва ҳам тобеъ гардондани шуур тавассути манипулятсияи воситаҳои ахбори оммавӣ мушоҳида мешавад. Ҷомеаи муосири Ғарб, ба ақидаи Г.Маркузе (ва мо бо ӯ розӣ ҳастем), на танҳо як маҷмуаи назоратшаванда, балки маҷмуи аз ҳад зиёд идорашавандаи «одамони якченака» мебошад, ки заминаи идеалии манипулятсияи иҷтимоӣ ва сиёсиро ташкил медиҳанд. Маҳз шумораи зиёди «одамони якченака» раванди ғайрисиёсикунонии ҷамъиятро муайян мекунад. Мо ба ин ақидаи муҳаққиқи финӣ Т.Тейвайнен розӣ ҳастем, ки «шаҳрвандони муосир торафт бештар ба одамони одӣ, ба тамошобинони як операи беохири интерактивӣ табдил меёбанд, ки драмаи зиддиятҳои сиёсиро иваз кардааст. Ҳамин тавр, онҳо бо мурури замон қобилияти таҳлилу баҳодиҳии танқидии сиёсӣ, интихоби оқилона ва бошуурона, худташкилкуниро гум мекунанд» [2,с.178].

Истилоҳи «ҷомеаи постиндустриалӣ» (баъдисаноатӣ) соли 1914 дар Британияи Кабир пайдо шудааст ва солҳои 1950 ва 60-ум дар илми ҷомеашиносии Амрико ва Фаронса васеъ паҳн шудааст. Тахти ин мафҳум раванди дигаргунсозии сохтори саноат фаҳмида мешавад, ки ду аср давом кардааст. Ҷиҳати дигари ин дигаргунсозиро иқтисодчии австралиягӣ Колин Кларк, ки дар солхои 40-ум мафҳуми «сектори сеюм»-ро кор карда баромада буд, таъкид кардааст, ки он аҳаммияти рӯзафзуни соҳаи хизматрасониро нисбат ба истеҳсолоти моддӣ инъикос мекунад. Истифодаи истилоҳи «автоматика», ки онро муҳандисони заводи Г.Форд пешниҳод кардаанд, ибтидои мубоҳисаи дурудароз дар бораи пешомадҳо, фоида ва зарари инкишофи технологияи чи саноат ва чи иттилоот гардид.

Таваҷҷуҳ ба иваз кардани «меҳнати дастӣ» ба «меҳнати ақлӣ» роҳро барои мафҳуми ҷомеаи иттилоотӣ боз кард. Ин тағйиротро тақрибан соли 1890 ҳам иктисодчӣ А.Маршал ва ҳам файласуфи инқилобгаро П.Кропоткин муайян карда буданд. Калимаи «интеллигенсия» (зиёӣ), ки пас аз соли 1848 дар кишварҳои олмонизабон паҳн шудааст, аҳаммияти рӯзафзуни ин гурӯҳи иҷтимоиро дар бозори меҳнат ва ҳаёти зеҳнии ҷомеа нишон медиҳад ва аз афзоиши шумораи одамоне шаҳодат медиҳад, ки барои ба даст овардани шароиту воситаҳои зиндагӣ аз донишу қобилиятҳои зеҳнии худ истифода мебаранд. Баъдтар, дар миёнаҳои асри ХХ, истилоҳи «гиребони сафед» дар адабиёти

иқтисодӣ ва илмҳои иҷтимоӣ эътирофи расмӣ пайдо кард. Ин таъриф, ки дар соли 1919 пайдо шуда буд, дар ибтидо танҳо барои ишора ба он кормандон истифода мешуд, ки корро дар фабрикаҳо ва корхонаҳо бо кори зеҳнӣ иваз кардаанд. Баъдтар ба ин гурӯҳи ҷамъиятӣ коргарони баландихтисос низ дохил шуданд. Дар соли 1967 П.Дракер мафҳуми «корманди меҳнати фикрӣ»-ро пешниҳод кард [3].

Д.Белл хусусиятҳои фарққунандаи ин ҷомеаро чунин тасвиф менамояд [4]:

- ба андозаи бештар табдил додани иқтисодиёт аз истеҳсоли мол ба тавлиди хизматрасонӣ;

- ба яке аз гурӯҳҳои калонтарини соҳаи шуғл табдил додани синфи мутахассисони касбӣ ва техникӣ;

- мавҷудияти навоварӣ, ки дар муносибатҳои тағйирёбанда дар хатти илм – техника, назарияи иқтисодӣ – сиёсат ифода меёбад. «Ронанда» ё муҳаррики асосии ин навигариҳо пешравиҳои соҳаи донишҳои назариявӣ буданд;

- афзоиши сарват дар шакли ба ном «шакли иҷтимоӣ»;

- тамоюли вайроншавии ҷомеа бо афзоиши мувозинати сатҳи вазъи низоъбарангез ва низоъ дар пасманзари раванди мушкили ҳамоҳангсозии манфиатҳои гурӯҳӣ.

Ба ҷуз аз вижагиҳои қаблан таъкидшуда, Д.Белл қайд мекунад, ки болоравии сатҳи зиндагии ҷомеаи муосир, афзоиши даъвои бисёре аз аъзои он дар бораи манфиатҳои ҳадди имконпазир боиси ҳам аз ҷониби онҳо ва ҳам аз ҷониби ниҳодҳои сиёсӣ дарк ва эътироф шудани зарурати ивазкунӣ ва таҷдиди механизмҳои тақсимот «аз рӯйи адолат» [5] мегардад, ки бисёре аз тадқиқотчиён онро бо ғояҳои «ҷомеаи некуаҳволӣ» алоқаманд мекунанд [6,с.75-89].

Бояд гуфт, ки мафҳумҳои муосири ҷомеаи иттилоотӣ, аз як тараф, навъҳои гуногуни назарияи ҷомеаи постиндустриалӣ ва аз тарафи дигар, идомаи он мебошанд.

Дар охири асри XX - ибтидои асри XXI истифодаи мафҳуми ҷомеаи иттилоотӣ на танҳо дар сиёсатшиносӣ, балки дар амалияи сиёсӣ, маркетинги сиёсӣ ва ҷаҳони тиҷорат низ як амри маъмулӣ шуд. Ниҳоят, ин консепсия бо пирӯзӣ дар ВАО-и чопӣ ва электронӣ қарор гирифт. Аммо дар мавриди таъриф ва вижагиҳои мафҳум дар байни муҳаққиқон ҳамфикрӣ вуҷуд надорад. Дар бораи ҷомеаи иттилоотӣ назарияҳои зиёде мавҷуданд, ки дар умқи илмҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд. Истифодаи аввалини истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» дар Ҷопон ибтидои солҳои 1960 алоқаманд аст. Фаҳмиши ҷопонии ин ибора ("ҷоҳо шаҳаҷ") бори аввал дар суҳбати байни меъмори маъруф Кишо Куракава ва муаррих ва антрополог Туду Умезао дар соли 1961 пайдо шудааст. Якчанд олимони ҷопонӣ барои истифодаи аввалини ин ибора дар асарҳои илмии хаттӣ рақобат мекунанд, аммо баҳс нест, ки ин кишвари ҷазиравӣ зодгоҳи истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» аст: дар соли 1971 дар Ҷопон «луғат»-и танзимшудаи ҷомеаи иттилоотӣ «Johoko Shahaj Jiten» («Луғати ҷомеаҳои иттилоотӣ») нашр шуд. Аввалин корбурди ин ибора дар забони инглисӣ бо номи Йонечи Масудо алоқаманд аст, ки дар гузориши худ дар конфронси байналмилалӣ дар соли 1971 аз он истифода кардааст [7,с.3].

Аммо ин маънои онро надорад, ки ин мафҳум дар забонҳои дигар вуҷуд надошт. Барои воқеиятҳои аз нав зоҳиршавандаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз қабили ҷомеаи постиндустриалӣ ё инқилоби «гиребонҳои сафед» таърифҳои гуногун истифода шудаанд. Аммо онҳо танҳо унсурҳои ҷудогонаи маҷмааи босуръат тараққиёбандаи иҷтимоию иқтисодиро тавсиф мекарданд. Ва танҳо аз солҳои 80-уми асри бистум метавон дар бораи ташаккули консепсияи наве сухан гуфт, ки мафҳумҳои «иттилоот» ва «ҷомеа»-ро муттаҳид намуда, тамоми мафҳумҳоро фаро гирифтааст.

Муаллифони назарияи ҷомеаи иттилоотӣ аз ғояи таҳаввули иҷтимоӣ ҳамчун «тағйири марҳилаҳо» дур шуда, пайдоиш ва инкишофи онро бо ташаккули бахши истеҳсолот вобаста мекунанд, ки бо тавлиди иттилоот ва идеяҳо алоқаманд мебошад ва бо мурури замон дар такрористеҳсолкунии иҷтимоию иқтисодӣ ҳукмрон мешавад. Бахши ба истилоҳ ибтидоӣ бо кишоварзӣ ва саноати истихроҷ, дувумӣ бо истеҳсолот ва сеюмӣ бо хидматрасонӣ алоқаманд аст. Дар асоси он, ки ташаккул ва рушди соҳаҳои хизматрасонӣ нобаробар аст, назариячиёни ҷомеаи иттилоотӣ ин соҳаҳоро ба бахшҳои сеюми ба истилоҳ «модарӣ», ки бо хизматрасониҳои дорои хусусияти моддӣ, «ҷорум»,

ки бо тиҷорат, молия, суғурта, амволи ғайриманқул алоқаманданд ва «панҷум», ки бо хидматҳои шахсӣ, касбӣ, тиҷоратӣ ва идоракунии давлатӣ алоқаманданд, ҷудо кардаанд. Ба гуфтаи назариячиёни ҷомеаи иттилоотӣ, бахши панҷум истеҳсолкунандагони ҳам ғояҳо ва ҳам иттилоотро мутамарказ кардааст. Ба шарофати ин гурӯҳи истеҳсолкунандагон ва вазъи кунунӣ иттилоот мақоми мушаххас - мақоми қувваи бевоситаи истеҳсолкунанда пайдо мекунад.

Ғайр аз ин, маҳз бахши панҷуми иқтисодиёти имрӯза тадриҷан таъғйир ёфта, ба мақоми аввалиндараҷа соҳиб мешавад ва «ҳамаи моро бо захираҳои муҳимтарини истеҳсолӣ таъмин менамояд». Муҳаққиқи рус В.И. Иноземтсев ба муносибати ин дигаргуниҳо қайд карда буд, ки дар нимаи солҳои 80-уми асри XX дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико каме бештар аз шаст дарсади коргарон ҳамчун кормандони иттилоот, яъне онҳое, ки иттилоот истеҳсол мекарданд, тасниф карда мешуданд: олимон, мушовирон, кормандони биржаи фондӣ, таҳлилгарон, оморчиён, аудиторҳо, муҳосибон, муаллимон, кормандони ВАО ва соҳаи алоқа, маъмурони системаҳо ва ғайра. Каме бештар аз ҳафтод фоизи тамоми вақти корӣ дар Иёлоти Муттаҳида дар ин намуди корҳо масраф мешуд. Қариб хафтод фоизи тамоми музди корро коркунони соҳаи иттилоот гирифтаанд. Музди кори онҳо назар ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти Амрико ба ҳисоби миёна сеяк зиёд буд [8,с.38].

Э.Тоффлер дар қисмати ниҳоии трилогияи худ «Зарбаи оянда» - «Мавҷи сеюм» - «Метаморфозаҳои қудрат» менависад, ки номафҳумияти зерин хосси замони муосир аст: фард/гурӯҳ танҳо дар сурате қудрат дошта метавонанд, ки захираҳои муайян дошта бошанд. Он захираҳо, ба гуфтаи Э.Тоффлер, инҳоянд: қувва, сарват ва дониш. Вай қайд мекунад, ки маҳз қуввае, ки ба дониш асос ёфтааст, кувваи «сифати олӣ» мебошад [9,с.38].

П.Бурде[1] исбот мекунад, ки чунин сармояи рамзӣ, ба мисли иттилоот ва дониш, нисбат ба қудрат ё сармоя табиати комилан дигар дорад. Якчанд фарқиятҳоро метавон муайян кард:

- дар ҳоле ки замин ва сармоя захираҳои маҳдуданд, дониш метавонад ба муддати номуайян тавлид шавад;
- дар ҳоле ки замин ва сармоя ба доираи муайяни истифодабарандагон маҳдуд аст, дониш барои шумораи беохири истифодабарандагон дастрас аст;
- дар сурате ки замин ва сарват ба сарватмандону тавонмандон дастрас аст, «хусусияти ҳақиқатан револютсионии дониш дар он аст, ки он ҳам ба сарватмандону тавонмандон ва хам барои камбағалону заифон дастрас аст» [10,с.38].

Гуфтаҳои боло, агарчи зуҳуроти демократинокии моликияти ба доштани маълумот ва дониш асосёфта аст, аммо проблемаҳои синфиро пурра бартараф намекунад. Дар рафти ҳаракат ба тарафи ҷомеаи иттилоотӣ, синфҳои дигари бо ҳам мухолиф: технократҳо ҳамчун синфи ҳукмрон ва синфҳои саркӯбшаванда ё бегонакардашуда пайдо мешаванд. Синфи ҳукмфармо онҳоеро дар бар мегирад, ки соҳиби дониш ва иттилоот буда, онҳоро моҳирона идора мекунанд ва таъсири худро дар се сатҳ: миллӣ (коркунони идораҳои давлатӣ), саноат (мутахассисон ва коршиносони академӣ) ва ташкилию иқтисодӣ (сохторӣ-техникӣ) - вусъат медиҳанд. Синфи саркӯбшавада якхела нест. Ба он ҳамаи онҳое, ки супоришҳои ҳукуматро бо иҷро кардани кори ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ ҷиҳати таъмин намудани ҷараёни ахборот иҷро мекунанд; операторон- иҷрокунандагони соҳаи истеҳсолоти моддӣ дохил мешаванд. Синфи махсусан бегонакардашударо аъзоёни ҷамоатҳои маҳаллӣ, коргарони машғули меҳнати ҷисмонӣ, ки ба равандҳои муосири технологии муосир мувофиқат намекунанд ва намояндагони касбҳои азбайнраванда ташкил медиҳанд. Ба ақидаи идеологҳои ҷамъияти баъдииндустриалӣ, намояндагони синфҳои бегонакардашуда аз нуқтаи назари низоми сиёсӣ ба тамоюлҳои пасазиқтисодӣ муқобил мебароянд.

Бюрократҳои давлатӣ, ки ҷараёни иттилоотро назорат ва идора мекунанд, ҳадафҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро муайян мекунанд. В.Л. Иноземтсев

[1] Бурдьё П. Социология социального пространства. - М., 2007

бар ин назар аст, ки «синфи ҳукмрон ҳадафи худро рушду пешрафт эълон карда, мувофиқи идеяҳои худ амал мекунад, дар ҳоле ки на ҳамеша ба манфиатҳои гурӯҳҳои мушаххас, ҷомеаҳои маҳаллӣ ва шахсони алоҳида ҳассос боқӣ мемонад» [11,с.310].

Раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотиро тамоюлҳои зерин ҳамроҳӣ мекунанд:

- бо рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки бо истеъмоли хеле ками неру алоқаманд аст, бегонашавӣ аз воситаҳои истеҳсолот, ки хосси ҷомеаи индустриалӣ мебошад, тадриҷан аз байн меравад ва ин дар навбати худ метавонад боиси аз байн рафтани ихтилофҳои синфӣ гардад.

- ба сабаби пайдо шудани гурӯҳҳои нав берун аз нухбагони ҳукмрон ва пурзӯр шудани нуфузи онҳо дуршавӣ ва бегонашавии шаҳрвандони одӣ аз ҳокимият метавонад кам шавад;

- «вертикализатсияи» ҷамъиятӣ метавонад коҳиш ёбад;

- мушкилоти демографӣ метавонад коҳиш ёбад.

Аммо рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки ба ҷалби шумораи зиёди одамон ба мубодилаи иттилоот, ба фаъолияти эҷодӣ, дар раванди демократияи мустақим ва мубориза бо элитизми сохтори мавҷудаи ҷамъиятӣ мусоидат мекунад, метавонад омили пайдоиши тоталитаризми «ҷадид» шавад, ки он ба манипулятсияи умумиҷаҳонии шуури омма бо мақсади муқаррар намудани назорати пурра аз болои ҳар як шаҳрванд асос ёфтааст.

Дар робита ба ин, Э.Тоффлер навиштааст, ки низоми кунунии истеҳсол/таҷдиди арзишҳои моддӣ бо мавҷудияти «пайванди фаврӣ ва паҳн кардани маълумот, идеяҳо, рамзҳо» алоқаманд аст. Вай таклиф мекунад, ки иқтисодиёти ҳозиразамон «иқтисодиёти супер-рамзҳо» номида шавад, ки дар он «ҳокимият қисми таркибии раванди истеҳсолот мебошад» [9,с.21].

Тағйиротҳо дар идоракунӣ ва ҷараёни иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ ҳоло ба фишанги қудрат дар маҷмуъ, аз ҷумла ба қудрати сиёсӣ табдил меёбанд. Э.Тоффлер комёбиҳои ояндаи рушди сиёсӣ ва навсозии сиёсиро бо қобилияти моҳирона идора кардани иттилооти сиёсӣ ва ҷараёни иртибототи сиёсӣ алоқаманд мекунад. Ин раванд дар ҷаҳони муосир ҳам дар пешгӯиҳои глобалӣ, миллӣ ва ҳам минтақавӣ «ҷанг»-ро барои иттилоот, барои назорат бар ҷараёни иттилоот, барои қудрат ба вуҷуд меорад. Дар ин робита, Э.Тоффлер навишта буд, ки «ҷомеаи муосир ба давраи метаморфози қудрат, ба замоне ворид мешавад, ки тамоми сохтори қудрат, ки ҷаҳонро муттаҳид мекард, пароканда мешавад». «Метаморфоз» ба ҷуз табдили ҳокимият, пайдоиши чунин падидае, ба мисли «мета-ҳокимият» чизи дигаре нест. Асоси дигаргуниҳои муосири табиати қудрат дониш ҳамчун иттилоот аст: «ҳам қудрат ва ҳам сарват ба дониш ба таври аҷиб вобастагӣ доранд» [9,с.39]. Дар рафти тадқиқоти худ Э.Тоффлер чунин хулоса мебарорад, ки дониш маънои худро ҳамчун идомаи кувваи пул ва қувваи ҳокимият аз даст дод ва ба моҳияти онҳо табдил ёфт. Дар асл, ин қувватдиҳандаи ниҳоии онҳост. Ин калиди дарки метаморфозаи ояндаи қудрат аст ва он мефаҳмонад, ки чаро мубориза барои назорати дониш ва воситаҳои муоширати дар тамоми фазои ҷаҳонӣ аланга мезанад.

Ҷузъи иттилоотии сохти нави ҷаҳонӣ қудрати сиёсиро тағйир дода, онро дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон муттаҳид мекунад. Ин муттаҳидшавӣ бо нақши технологияҳои нави манипулятсионӣ дар фаъолияти сохторҳои бюрократии давлатӣ, бо суръати тез тараққӣ кардани воситаҳои ахбороти оммавӣ ва алоқа, истифодаи технологияи нав дар интиқоли иттилооти сиёсӣ ва ташкили алоқаи сиёсӣ инъикос меёбад ва бо онҳо алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз, ҳанӯз дар миёнаҳои асри гузашта Ҷ.Эллул тавлид ва табдили технологияҳои таблиғотиро бо табиат ва моҳияти давлатҳои муосир рабт дода буд. Дар ин бора ӯ навиштааст, ки «давлати муосир мисли як соҳибкор наметавонад бидуни гаҷетҳои гуногун кор кунад... зеро давлат созмонест, ки ба он мураккабии рӯзафзуни ташкил ва фаъолият хос аст ва дар ин робита дар татбиқи функсияҳои он истифодаи ҳадди аксар маҷмуи максималии технологияҳои ҷаҳони имрӯзаро талаб мекунад [12,с.254].

Ба назари мо, назарияи В.Бек идомаи самти тафаккур дар бораи табдили қудрат ва формати нави он ҳамчун маҳсули ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. В.Бек дар китоби худ

«Ҳокимият ва мухолифони он дар асри глобализм: иқтисоди нави сиёсии ҷаҳонӣ» тезиси зеринро таҳия ва исбот мекунад. Дар ҷаҳони муосир дар таърихи муносибатҳои қудратҳо дар ҳоли ҳозир тағйироти куллӣ ба амал омада истодааст, ки ба ташаккули мета-қудрат бурда мерасонад. Сарчашмаи асосии он на бо таҳдиди «ҳуҷум, балки бо таҳдиди ҳамла накардани сармоягузорон, бо таҳдиди хуруҷи онҳо аз фазои миллии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ» алоқаманд аст [13,с.167].

Мета-қудрат ҳамчун як шакли ҳукмронӣ дар шароити густариши раванди ҷаҳонишавӣ бо инҳо асос ёфтааст:

-идеяи геомолиявӣ, яъне имконияти аз сармоягузорӣ ба ин ё он кишвари мушаххас даст кашидан ва бо фоидаи бештар сармоягузорӣ кардани як кишвар ба кишварҳои дигар;

- набудани алоқамандии субъекти ҳокимият ба ҳудуди мушаххас;

-имконияти ба шарофати воситаҳои иртибототи оммавӣ ва бозори ягонаи молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсии худ истифода бурдани фишори геомолиявӣ (дар ҳолати рад кардани зӯроварии мустақим);

-сармоягузорӣ накардан бидуни ба таври оммавӣ тавзеҳ додани тасмими худ.

Ҳамаи ин, фишанги асосии хокимият барои бозигарони низоми ҷаҳонии муосир мебошад. Навъи якуми мета-қудрат дар мафҳуми В.Бек мета-қудрати сармоя ва навъи дуюм мета-қудрати «ҷомеаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ» мебошад. Охирин ба ғояи вазн ва аҳаммияти маҷмӯи ҳуқуқҳои шахс ҳамчун антиподи аҳаммият, амнияти миллӣ ва манфиатҳои миллии давлат асос ёфтааст. Гирифтани мақоми «шаҳрванди ҷаҳон» дар шароити афзоиши истиқлолияти давлати миллӣ мушкил аст. Дар натиҷа, исрор ба риояи ҳуқуқҳои фард дар як кишвари мушаххас, ки аксаран на аз ҷониби давлатҳо, балки аз ҷониби бозигарони хориҷ аз ҳокимият бармеояд, фазои фаромиллии ҷомеаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ ба вуҷуд меояд, ки он барои таъсиррасонӣ ба мақомоти ҳокимияти миллӣ ҷиҳати дар худуди онҳо татбиқ намудани чорабинихои ба мақсади муҳофизати қисми фарогири аҳолӣ равонашуда, захираҳои иқтисодӣ, иттилоотӣ ва дигар захираҳои заруриро дорад. Ҳамин тариқ, мо шоҳиди таҳмил ва таҳкими нуфуз ба ниҳодҳои сиёсӣ тавассути убури марзҳои миллӣ, паст задан ё нигоҳ доштани нуфузи онҳо, қонунӣ ё ғайриқонунӣ кардани қудрат дар дохили кишвар мешавем. Тавре В.Бек менависад, маҳз «забони ҳуқуқи инсон барои ... муҳокимаи қонунӣ ... дар бораи моҳияти қудрат ... барои ҳуқуқҳои худро талаб кардани гурӯҳҳои мазлум ва камбизоат ва эҳтимолан, барои бо дастгирии беруна аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ татбиқшавии онҳо дар дохили мамлакат имкон медиҳад» [13,с.167].

Чуноне ки натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳанд, қобилияти идоракунии иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва ҷараёни иттилоот яке аз фишангҳои асосии қудрати сиёсии муосир мебошад. Муваффақияти рушди сиёсиро, аз ҷумла, метавон бо қобилияти тавлид, пахш, идоракунии иттилооти сиёсӣ, мавҷудияти механизмҳо ва ниҳодҳое, ки бо ин кор ба таври кофӣ мубориза мебаранд, алоқаманд кард. Аз охири солҳои 60-ум то аввали солҳои 1980-ум истилоҳи «ҷомеаи баъдисаноатӣ» дар тавсифи дигаргуниҳои ҷории иҷтимоӣ мафҳуми асосӣ буд, вале торафт бештар баҳсбарангез гардид. Фритс Машлуп, яке аз пешравони мубоҳисаи ҷомеаи иттилоотӣ, бо истифода аз забони иқтисод нишон дод, ки истеҳсоли дониш як фаъолияти иқтисодӣ аст ва онро метавон ба мисли ҳама гуна навъи саноат тавсиф кард. Вай дар бораи мавҷудияти саноати ягонаи донишҳо, ки сохтори он 30 бахши гуногунро муттаҳид кардааст, сухан ронд. Вай яке аз бахшҳо - истеҳсоли донишро муфассал тавсиф намуда, нишон дод, ки муҳимтарин бахш - соҳаи маориф мебошад» [14,с.5].

Ҳамин тариқ, мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» як сохтори чаҳорчӯбаест, ки чунин хусусиятҳои асосии сифатии тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муайяншавандаи ҷомеаи муосир, аз қабили ҳаракати «қудрат» ба фазои фаромиллӣ, раҳоии он аз назорати сиёсӣ; идеяи демократикунонӣ ҳамчун раванди кам кардани доираи истифодаи зӯроварӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ; давлати заиф, ки барои иҷрои вазифаҳои асосии режими сиёсиро бо демократия айниятдиҳанда қудрати кофӣ надорад, он вазифаҳоро ба агентҳои дигар медиҳад; ҳаракати уфуқии баъзе вазифаҳои давлат ба сӯйи бозорҳо, ки аз дахолати сиёсӣ озод буда, мавҷудияти

ғайрисиёсӣ мебошанд, ё ҳаракати нузулӣ, яъне ба дӯши шахс таҳмилшавии як қатор вазифаҳои давлат ба амал меояд; ғайрисиёсишавии ҷомеа мушоҳида мешавад; шаҳрванд кобилияти баҳодихии мустақилона ба ҳодисаҳои сиёсӣ, интихоб кардани қувваҳои сиёсии рақобаткунанда ва умуман, мустақилияти худро гум мекунад.

**Муқарриз: д.и.с., профессори ДМТ - Маҳмадизода Н.Д.**

### АДАБИЁТ


1.Волочаева О.Ф. Политические процессы в контексте геоинформационной парадигмы: механизмы, векторы развития / О.Ф.Волочаева, Г.В.Косов, Н.В.Рахно, Е.А. Соловьева. - Ставрополь: Ставролит, 2012. - 184 с.

2. Teivanen T. Enter Economism, Exit Politics / T.Teivanen. - London, 2002. - P. 178.

3. Друкер Питер Ф. Задачи менеджмента в XXI веке. - М., "Вильямс", 2001.

4. Белл Д. Постиндустриальное общество // «Американская модель»: с будущим в конфликте / Д.Белл. - М., 1984; Бэлл Д. Грядущее постиндустриальное общество / Д. Бэлл. - М.: Академия, 1999.

5. Бэлл Д. Грядущее постиндустриальное общество / Д.Бэлл. - М.: Академия, 1999.

6. Ansell C. Network institutionalism // The Oxford Handbook of Political Institutions / Rhodes, R. A. W.; Binder, Sarah A.; Rockman, Bert A. - 2008. - 75-89 pp. [Электронный ресурс]. URL: http://www.oxfordhandbooks.com/oso/public/content/oho_politics/9780199548460/oxfordhb-9780199548460-chapter-5.html?q=Network|institutionalism#oxfordhb-9780199548460-chapter-; Хайек Ф. Право, законодательство и свобода: Современное понимание либеральных принципов справедливости и политики. - М.: ИРИСЭН, 2006; Фридман М. Капитализм и свобода. - М.: Новое издательство, 2006; Нозик Р. Анархия, государство и утопия. М.: ИРИСЭН, 2008.

7. Laszlo Z. Karvalics. Information Society - What is it exactly? (The meaning, history, and conceptual framework of an expression) / Z. Laszlo. Budapest, 2007, p. 3.

8. Иноземцев В. Перспективы постиндустриальной теории в меняющемся мире // Новая постиндустриальная волна на западе. Антология / В. Иноземцев. - М., 1999. -С. 38.

9. Тоффлер Э. Метаморфозы власти / Э. Тоффлер. - М., 2002. - С. 23.

10. Бурдьё П. Социология социального пространства / П. Бурдьё. - М., 2007. – С.37.

11. Иноземцев В.Л. Очерки истории экономической общественной формации /В.Л. Иноземцев. -М., 1996. -310с.

12. TEllul J. The Technological Society. With an Introduction by Robert K. Merton. -New York, 1964. -P.253-254.

13. Бек У. Власть и ее оппоненты в эпоху глобализма: новая всемирно-политическая экономия / У. Бек. -М., 2007. – 167с.

14. Laszlo Z. Karvalics. Information Society - What is it exactly? (The meaning, history, and conceptual framework of an expression). Budapest, 2007. -p. 5.


### ИРТИБОТИ СИЁСӢ ДАР ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ


Дар мақола муаллиф масъалаҳои назариявии иртиботи сиёсиро дар ҷомеаи иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» як сохтори чаҳорчӯбаест, ки чунин хусусиятҳои асосии сифатии тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муайяншавандаи ҷомеаи муосир, аз қабили ҳаракати «қудрат» ба фазои фаромиллӣ, раҳоии он аз назорати сиёсӣ; идеяи демократикунонӣ ҳамчун раванди кам кардани доираи истифодаи зӯроварӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ; давлати заиф, ки барои иҷрои вазифаҳои асосии режими сиёсиро бо демократия айниятдиҳанда қудрати кофӣ надорад, он вазифаҳоро ба агентҳои дигар медиҳад; ҳаракати уфуқии баъзе вазифаҳои давлат ба сӯйи бозорҳо, ки аз дахолати сиёсӣ озод буда, мавҷудияти ғайрисиёсӣ мебошанд, ё ҳаракати нузулӣ, яъне ба дӯши шахс таҳмилшавии як қатор вазифаҳои давлат ба амал меояд; ғайрисиёсишавии ҷомеа мушоҳида мешавад; шаҳрванд қобилияти баҳодиҳии мустақилона ба ҳодисаҳои сиёсӣ, интихоб кардани қувваҳои сиёсии рақобаткунанда ва умуман, мустақилияти худро гум мекунад.



**Калидвожаҳо:** иртиботи сиёсӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ», ҷомеаи муосир, назорати сиёсӣ.


### ПОЛИТИЧЕСКАЯ КОММУНИКАЦИЯ В ИНФОРМАЦИОННОМ ОБЩЕСТВЕ: ВОПРОСЫ ТЕОРИИ


В статье автор рассматривает теоретические вопросы политической коммуникации в информационном обществе. Автор отмечает, что понятие «информационное общество» представляет собой рамочную структуру, включающую в себя основные качественные характеристики современного общества, определяемые информационно-коммуникационными технологиями, такие как перемещение «власти» в транснациональное пространство, ее освобождение от политического контроля; идея демократизации как процесса сокращения масштабов применения насилия для достижения политических целей; слабое государство, не обладающее достаточной властью для выполнения основных задач политического режима с конституционной демократией, передает эти задачи другим агентам; горизонтальное движение некоторых функций государства в сторону рынков, свободных от политического вмешательства и являющихся неполитическим существованием, или движение вниз, т. е. наложение на человека ряда функций государства; наблюдается деполитизация общества; гражданин теряет способность самостоятельно оценивать политические события, выбирать конкурирующие политические силы и в целом терять свою независимость.

**Ключевые слова**: политическая коммуникация, информационное общество, понятие «информационное общество», современное общество, политический контроль.

**POLITICAL COMMUNICATION IN THE INFORMATION SOCIETY: THEORETICAL ISSUES**

In the article the author examines the theoretical issues of political communication in the information society. The author notes that the concept of "information society" is a framework structure that includes the main qualitative characteristics of modern society, determined by information and communication technologies, such as the movement of "power" into the transnational space, its liberation from political control; the idea of democratization as a process of reducing the use of violence to achieve political goals; a weak state that does not have sufficient power to carry out the basic tasks of a political regime with a constitutional democracy, transfers these tasks to other agents; the horizontal movement of certain functions of the state towards markets that are free from political interference and are a non-political existence, or downward movement, i.e., the imposition of a number of state functions on a person; there is a depoliticization of society; the citizen loses the ability to independently evaluate political events, choose competing political forces, and generally lose his independence.

**Keywords**: political communication, information society, the concept of "information society", modern society, political control.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Одинаев Убайдулло Ғуломалиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **1111_ubaydullo@mail.ru.** Телефон**: 909-32-52-52**

**Сведения об авторе:** ***Одинаев Убайдулло Гуломалиевич*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры политических процессов Таджикистане. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **1111_ubaydullo@mail.ru.** Телефон**: 909-32-52-52**

**Information about the author:** ***Odinaev Ubaidullo Gulomalievich* -** Tajik National University, applicant for the Department of Political Processes in Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **1111_ubaydullo@mail.ru.** Phone**: 909-32-52-52**

ТДУ: 32(5753).13

# ИТТИҲОДИЯҲОИ СИЁСӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ИДОРАКУНӢ

*Абдуллоева Л.М.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Ниҳод ва ё иттиҳодияҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти идоранамоӣ яке аз шаклҳои фаъоли ҳизбҳои сиёсӣ ва ё ташкилотҳои оммавию сиёсӣ ба шумор меравaнд, ки ҳимояи манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ва синфиро ба ҷо меоранд. Ҳизби сиёсӣ – ташкилоти ихтиёриест, ки ба умумияти идеологӣ ва манфиатҳо асос ёфта, ба даст овардани ҳокимият ё баамалбарории ҳокимият мақсади асосии он аст. Мақсади асосиро ҳимояи талаботу манфиатҳои умумиятҳои иҷтимоию сиёсӣ ташкил медиҳанд [1,с.33]. Ҳокимиятро ҳамчун воситаи асосии ба мақсад муваффақ шудан истифода менамоянд. Худи истилоҳи "ҳизб" дар замонҳое мавриди истифода қарор гирифта буд, ки ҳанӯз ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд надоштанд. Он гурӯҳҳоеро ифода мекард, ки байни худ барои ҳокимият рақобат доштанд.

Маврид ба зикр аст, ки дар адабиёти муосир мафҳуми «иттиҳодияҳои сиёсӣ» шарҳу тавзеҳи гуногунро ифода мекунад. Масалан, тавсифи анъанавии иттиҳодия, ки барои илми сиёсӣ хос аст, чунин аст: иттиҳод - қисми нисбатан фаъол ва мустақили ин ё он синф ва ё табақае мебошад, манфиатҳои онҳоро ифода мекунад. Инчунин, ба ҳамин маъно тавсифи дигари абстрактие мавҷуд аст, ки мувофиқи он «иттиҳод ин давлат дар дохили давлат» ё «миёнарав байни давлат ва ҷомеа» мебошад.

Иттиҳодия ва ҳизбҳои сиёсӣ дар инкишофи таърихии инсоният мақом ва нақши муҳиро бозидаанд. Он дар фазою вақт ҳамқадами ташаккулу инкишофи институтҳои дигари идоракунии ҷомеа мебошад. Ғояҳои ибтидоии идораи корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар саромади шаклгирӣ ва рушди иттиҳодия ва ҳизбҳо дар марҳилаҳои мухталифи инкишофи таърихии инсоният қарор доштанд. Оғози давраи ташаккули иттиҳодияҳо ба замони ташаккули ташкилотҳои сиёсии аҳди қадим рост меояд. Тадриҷан, неруҳои гуногуни риштаи идораи корҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро ба ҳадафи асосӣ ва мақсади фаъолияти хеш қарор медиҳанд. Омили муҳимтарин ва асосии чунин рӯовариҳо ғояҳо ва таълимотҳои гуногун ба шумор мерафтанд, ки онҳо назари хоссаи инфиродӣ ва гурӯҳиро дар худ таҷассум менамуданд.

Дар ҳар як давраи таърихӣ иттиҳодия ва ҳизбҳои сиёсӣ махсусияти инкишофи худро пайдо менамояд, ки аз манфиатҳо ва талаботҳои доираи гуногуни аҳолӣ ва табақаҳои дорою ҳукмрон бармеояд. Яъне, ҳар давраи рушди таърихӣ навъҳо ва шаклҳои гуногуни иттиҳодияҳо ва ҳизбҳои хоссаро ташаккул медиҳад. Дар инкишофи иттиҳодия, неруҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун унсури муҳимми идораи корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ гардиши сифатӣ ба асри XIX рост меояд. Моҳияти асосии ташкилот ва иттиҳодия на ҳамчун воситаи идоранамоӣ ва таъсиррасонӣ ба раванди ҷамъиятӣ эътироф мегардад, балки иттиҳод ва ё ҳизбҳоро ҳамчун маҷмуи ғояҳо, таълимот ва донишҳое эътироф мекунанд, ки дар ҷомеаи навин метавонанд манфиатҳои табақаҳои гуногуни ҷомеаро ҳимоя намоянд.

Дар давраҳои мухталифи таърихӣ иттиҳодия ва ҳизбҳои сиёсӣ мартабаи гуногунро соҳиб гардидаанд. Аммо, мақоми он бештар дар сатҳи шуур ва маданияти омма ва сифати унсури муҳимтарини сиёсати идоранамоии давлатӣ эътибор пайдо намуда, арзишманд гардидааст. Дар асри XX иттиҳодия ва ҳизбҳои сиёсӣ хусусиятҳои гуногунро ифода менамуданд ва онҳо воситаи муайян намудани муносибатҳои байниҳамдигарии ташкилотҳои бузурги сиёсӣ, омили меҳварии муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳои муқтадири сохти иҷтимоиашон гуногун, меъёри муносибатҳои мутақобилаи низоми сармоядорӣ ва сотсиалистӣ ва зиёда аз ин, барагезандаи муқовимати сиёсии неруҳои сиёсиро муайян месохтанд.

Қобили тазаккур аст, ки дар асри XXI муносибат ба идеология ва мақоми иҷтимоии он то андозае тағйир ёфтааст. Бештари мамлакатҳое, ки низоми арзишии демократияро қабул намудаанд, дар рафти модернизатсияи сиёсӣ ва равандҳои самараноки ғоявию сиёсии худ аз он ба таври васеъ истифода менамоянд, ки ин ҷо

иттиҳодия ва ё ҳизбҳо на ба сифати рукни сиёсати давлатӣ, балки дар сатҳи афкори омма эътироф мегарданд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ҷомеаи мутамаддин навъҳо ва шаклҳои гуногуни иттиҳодия ва ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд доранд, ки онҳо барои ҳимояи манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳида равона гардидаанд. Талаботи асосӣ аз иттиҳодияҳои мазкури сиёсӣ ин аст, ки онҳо набояд хосияти зиддиҷамъиятӣ дошта бошанд. Яъне, итиҳодия ва ҳизб бояд ба сифати омили рушди самаранокии ҷомеа баромад намояд. Чунин муносибат эътибори амалӣ ва қимати иттиҳодияҳою ҳизбро кам намегардонад. Онро ҳамчун ҳолати сифатан нави инкишоф гуфтан мумкин аст, зеро он дар низоми нави ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии унсурҳои мухталифи сиёсат таҷассумгари воқеияти амалии падида дар олами идоранамоӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, иттиҳодияҳои сиёсӣ ё худ ташкилотҳои сиёсӣ дар раванди идоранамоӣ мақоми барҷастаро дар ҷомеа сазовор мебошанд. Онҳо ҳамчун ифодагари манфиатҳои умумиятҳои иҷтимоӣ, воситаи танзими муносибатҳои низоми сиёсӣ амал менамоянд. Иттиҳодияҳои сиёсӣ дар раванди идоранамоӣ вазифаҳои гуногунро иҷро менамоянд. Аз ҷумла:

- алоқаи байни ҷомеа ва давлатро таъмин менамоянд;
- доираи манфиатҳои гурӯҳҳо, табақаҳо, синфҳои ҷомеаро фаро гирифта, хусусиятҳои онҳоро мушаххас мегардонанд;
- манфиатҳоро аз рӯйи афзалияташон зинабандӣ менамоянд, ки ба раванди қабули қарори сиёсӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсири бевосита мерасонанд;
- табақаҳои ҷамъиятиро муттаҳид ва фаъол мегардонанд дурнамои фаъолияти онҳоро нишон медиҳанд;
- ба ташаккулу инкишофи таълимоту идеология, ки моҳияту хусусиятҳои объективиро дар бар мегиранд, мусоидат менамояд;
- худи иттиҳодияҳои сиёсӣ, махсусан ташкилотҳои болоии онҳо, дастгоҳи ҳизбӣ дар ташаккул ва такмили раванди идоранамоии низоми сиёсӣ бевосита ширкат меварзанд.

Яке аз вазифаҳои асосии иттиҳодияҳои сиёсӣ дар раванди идоранамоӣ ин мубориза барои ҳокимият буда, онҳо ҳокимиятро ҳамчун воситаи зарурии амалигардонии мақсадҳои ниҳоии худ медонанд. Аммо иттиҳодияҳои сиёсии дигаре низ вуҷуд доранд, ки бо вуҷуди ниҳоди болозикр фаъолият намудан, дар раванди амалишавии ҳадафу манфиатҳои муштаракашон дар шакли коалитсионӣ фаъолона ширкат меварзанд. Ин ҳолат ба онҳо имконият медиҳад, ки дар татбиқи амалии ҳокимияти давлатӣ фаъолона иштирок намоянд.

Яке аз падидаҳои муҳиме, ки зимни фаъолияти иттиҳодияҳои сиёсӣ рух медиҳад, ин ташакулли сарварон ва элитаи сиёсӣ дар дохили онҳо мебошад. Яъне, иттиҳодияҳои сиёсӣ ҳамон умумият ва ё неруи сиёсие мебошанд, ки қудрати аз таркиби худ ташаккул ва пешниҳоди сарварро доранд. Он имкон дорад, ки шахсиятҳои сиёсиро вориди элитаи сиёсии ҷомеа гардонад. Иттиҳодияҳои сиёсӣ инчунин сафарбарнамоӣ ва ҷомеапазирии сиёсии шаҳрвандонро дар раванди идоранамоӣ вазифаи худ мешуморанд. Онҳо такмили афкор, сатҳи маданияти пайравони худ ва ба шахсони дигар таъсир расониданро яке аз мақсадҳои асосии худ мешуморанд.

Муҳаққиқ А. Боднар қайд менамояд, ки иттиҳодияҳои сиёсӣ метавонанд иҷрои қисме аз вазифаҳои худро ба ихтиёри ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои сиёсӣ ва ё гуруҳҳои фишоровар диҳанд. Дар ин айём гурӯҳҳои фишоровар бештар фаъол мегарданд. Онҳо аксар вақт дар ҳалли масъалаҳои мушахас зудҳаракат мегарданд. Аз ном ва супориши ҳизбҳои сиёсӣ амал менамоянд. Бештар дар ҳалли масъалаҳои гуногун гурӯҳҳои мазкур ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ фишор меоранд [2,с.93].

Масъалаи дигаре, ки бояд мавриди таҳлил қарор бигирад, ин низоми фаъолияти иттиҳодияҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Низоми иттиҳодияҳои сиёсӣ гуфта, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ҳаракатҳои оммавӣ ва ташкилотҳои гуногуни сиёсӣ дар раванди идоранамоӣ фаҳмида мешавад, ки онҳо барои ба даст овардан, нигоҳ доштан ва амалӣ гардонидани ҳокимият кӯшиш менамоянд. Низомҳои итиҳодияҳои сиёсӣ гуногунанд. Ба яке аз он парокандагии коалитсияи ҳамеша тағийрёбандаи ҳизбҳои сиёсӣ хос

мебошад. Бархе аз онҳоро низоми ҳизбии плюралистии бисёрсоҳа низ меноманд, ки дар муносибатҳои байниҳамдигарии ҳизбҳои сиёсӣ ба хубӣ ба мушоҳида мерасад.

Фаъолияти низоми иттиҳодияҳои сиёсӣ аз рӯйи сатҳи инкишофи гурӯҳҳои сиёсию иҷтимоӣ, таносуби қувваҳои синфӣ, анъанаҳои таърихӣ, шаклҳо ва усулҳои мубориза ва ҳукмронӣ, таркиби миллӣ, арзишҳои динӣ ва дигар унсурҳо муайян карда мешавад.

Мафҳуми «иттиҳодияҳои сиёсӣ» ба чанд маъно истифода мегардад:

- иттиҳодияҳои сиёсӣ – ин ҳизбҳо, ҳаракатҳо, ташкилотҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа мебошанд;

- иттиҳод – гурӯҳи одамоне мебошад, ки ба як ақида омадаанд ва сарҷамъ шудаанд;

- иттиҳод – як гурӯҳ одамоне аст, ки ба идеологияи умумӣ такя мекунанд;

- иттиҳод – ифодакунандаи манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳидаи умумиятҳои иҷтимоӣ мебошад ва ғ. [13].

Ҳаёти сиёсии ҷомеа аз ҳодисаву равандҳо, муносибатҳои мухталифу мураккаб ва зиддиятҳо таркиб ёфтааст. Вобаста ба сатҳи инкишофи ҷанбаҳои дигари ҳаёт равандҳо ва муносибатҳои сиёсии байни одамон ва умумиятҳои мухталифи иҷтимоӣ хосиятҳои гуногунро соҳиб мегарданд. Ҳаёти сиёсӣ, ба истиснои ҳолати бӯҳронӣ, нисбат ба соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа сатҳи баландтарини муташаккилиро доро мебошад. Дар ҳолати бӯҳронӣ ба ҳаёти сиёсӣ таъсири омилҳои дигар бештар мегардад. Роҳбарияти сиёсӣ имконияти худро пайи ҳам аз даст медиҳад. Сатҳи баланди муташаккилӣ зимни фаъолият коҳиш меёбад ва ба ҷойи он аксар вақт равандҳои бесуботӣ, бедавлатӣ ва «ҳокимияти авом» ҳукмфармо мегардад. Чигунагии муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ва субъектҳои дигари сиёсат бештар ба табиати ташкилоти сиёсии ҷомеа, низоми сиёсӣ ва умуман, ба хусусияти муносибатҳои сиёсии куллии ҷомеа вобастаанд.

Ҳамин тариқ, низоми идоранамоии ҷомеа таркиби худро доимо аз ҳисоби иттиҳодияҳои гуногун ғанӣ мегардонад. Ташаккул ва инкишофи шаклҳои мухталифи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хосияти мушаххасро соҳиб буда, ба анъанаҳои демократӣ, сатҳи зарурии озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва махсусан, сиёсии одамон вобастаанд. Дар ҷомеаи демократӣ баҳри ташаккул ва инкишофи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шароиту имкониятҳои васеътар муҳайё мебошанд. Пайдоиш ва фаъолияти иттиҳодияҳои сиёсӣ ва созмонҳои иҷтимоӣ яке аз шаклҳои иштироки фаъоли оммаи мардум дар равандҳои идоранамоии ҳаёти сиёсии ҷомеа ва ба ин васила таъмини иштироки онҳо дар идораи корҳои давлатӣ мебошад.

Иттиҳодияҳоро аз рӯйи ақида ва хусусияти инкишофашон шартан ба чунин шаклҳо ҷудо менамоянд:

- иттиҳодияи эволютсионӣ. Ин шакли иттиҳод чунин ақидаро ҷонибдорӣ мекунад, ки тағйиротҳои иҷтимоию сиёсӣ бояд бе ҳаракатҳои инқилобӣ гузаронида шаванд. Ҷамъият дар натиҷаи инкишофи дурудароз ба таври эволютсионӣ шаклҳои куҳнаи муносибатҳои ҷамъиятиро ба муносибатҳои нав табдил медиҳанд;

- иттиҳодияҳои ислоҳотчигӣ бар он назаранд, ки раванди ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеро фақат бо роҳи ислоҳоти зарурӣ идора ва пеш бурдан мумкин аст;

- иттиҳодияҳои инқилобӣ, ки раванди инкишофи ҷамъиятро на бо роҳи гузаронидани ислоҳот, балки танҳо тавассути инқилобҳо таъмин кардан мехоҳанд [10,с.50-53].

Дар баробари ин, иттиҳодияҳои сиёсӣ - ташкилотҳо, ҳизбҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ташкилотҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои алоҳидаи ҷамъиятие низ ба ҳисоб мераванд, ки ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва синфҳоро мақсади худ қарор дода, амалишавии онҳоро бо роҳи ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ, ё ин ки фаъолият намудан дар сохторҳои он амалӣ мегардонанд.

Чуноне дар боло ишора рафт, дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, хосса раванди идоранамоӣ, иттиҳод ва ташкилотҳои гуногуни сиёсӣ нақши муҳимро иҷро менамоянд. Дар шакли умумӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ҳамчун кӯшиши якҷояи одамон барои амалӣ гардидани мақсадҳои умумӣ гуфтан мумкин аст.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ вобаста ба мақсадҳои асосии худ аҳаммияти гуногун доранд:

Аввалан, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хусусияти ғайирисиёсӣ дошта, мубориза барои ба даст овардани ҳокимият, тағйир додан ва ё мустаҳкам намудани низоми мавҷудаи муносибатҳои сиёсии ҷомеаро мақсади худ намешуморанд. Ба ин иттиҳодияҳо бештар иттифоқи нафақахӯрон, соҳибхоназанон, ҳаракатҳои феминистӣ ва ғайра дохил мегарданд. Нақши онҳо дар низоми идоранамоии ҷомеа назаррас нест.

Ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии анъанавӣ иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои ҷавонон ва занон дохил мешаванд. Ҳамаи онҳо дар асоси оинномаи мушаххас фаъолият менамоянд [13].

Ҳоло дар низоми идоранамоии сиёсии ҷомеа иттиҳодия, ташкилот ва ё ҳаракатҳои ҷамъиятие, ки фаъолияташон характери сиёсӣ доранд, аҳаммияти зиёдтарро соҳиб аст. Онҳо барои тағйир додани шароитҳои мавҷуда ё мустаҳкам намудани мақомашон бо роҳи таъсир расонидан ба ҳокимият ё бо роҳи мубориза барои ба даст овардани он кӯшиш менамоянд. Метавон гуфт, ки ин гуна иттиҳодияҳо дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ иштироки фаъол доранд. Аз ҷумла дар ташаккулёбии сохторҳои идоранамоии давлатӣ, афкори умум, муҳокима ва қабули қарорҳои сиёсӣ, инчунин амалигардонии назорати иҷтимоӣ ва ғайра [9,с.37].

Бо дарназардошти сатҳи фаъолии сиёсӣ ва арзишҳое, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пайгирӣ мекунанд, онҳоро чунин таъсиф намудан мумкин аст:

- вобаста ба дараҷа ва шаклҳои ташкили ҳаракатҳо:

а)номуташаккил;

б)суст ташкилшуда;

в)иттиҳодияҳои муташаккил;

- вобаста ба муносибатҳои онҳо дар сохти идоранамоии мавҷуда:

а)консервативӣ;

б)реформистӣ;

в)инқилобӣ;

г)аксулинқилобӣ [174,с.34].

Ҳамин тариқ, иттиҳодияҳои сиёсӣ ташкилотҳои сиёсии ғайридавлатӣ буда, мубориза ва ҳимоя намудани ҳадафҳои сиёсии худ мақсади асосии онҳо мебошад. Дар замони муосир шаклҳои гуногуни иттиҳодияҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд доранд, ки ҳар яки онҳо мақсадҳои хосси идеологӣ доранд. Ҳизбҳо аз рӯйи хусусиятҳои худ ба ҳизбҳои кадрӣ ва оммавӣ ҷудо мешаванд. Аз рӯйи хусусияти рафтор дар ҷомеа ба демократӣ, тоталитарӣ, аз рӯйи мақом дар низоми идоранамоии сиёсӣ ба ҳизбҳои ҳукмрон, мухолифин, ошкоро, нимошкоро ва ғайриошкоро, аз рӯйи ақида ва муносибат ба инкишофи ҷомеа ба ҳизбҳои эволютсионӣ, ислоҳотчигӣ, инқилобӣ, ифротӣ, аз рӯйи равияи идеологӣ ба ҳизбҳои рост (консервативӣ, либералӣ), чап (сотсиалистӣ, коммунистӣ) ва марказхоҳ ғайра.

Аз рӯйи пайгирии арзишҳои сиёсӣ дар ҷамъият се шакли ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд доранд:

- ***демократӣ***. Ба он гуногунандешӣ, таҳаммулпазирӣ нисбат ба дигар ҳизбҳо, рақобати бисёрҳизбӣ, созиш ва ҳамкорӣ бо дигар табақаҳои иҷтимоии ҷомеа хос аст, ки инро шакли беҳтарини сохти идоранамоии замони муосир мешуморанд;

- ***ҳизбҳои авторитарӣ.*** Чунин ҳизбҳо хислати субъективӣ дошта, бо вуҷуди доштани оинномa ва барномаҳои худ, тамоми дастовардҳои сиёсиро бо фаъолияти сарвари ҳизб вобаста мекунанд;

- ***ҳизбҳои тоталитарӣ.*** Чунин ҳизбҳо кӯшиш менамоянд, ки дар ҷомеа мавқеи яккасардорӣ дар идоранамоӣ дошта, тамоми институтҳои сиёсӣ, ҳизбҳо, ҳаракатҳо ва давлатро дар зери тасаруфи худ гиранд ва идеологияи ягонаро ҷорӣ намоянд [3,с.113].

Иттиҳодияҳои сиёсӣ аз рӯйи мавқеашон дар раванди идоранамоӣ ба ҳизбҳои идоракунанда ва мухофилин ҷудо мешаванд. Чунин аҳзоб ба гурӯҳи ҳизбҳои **ошкоро** (***легалӣ)***, яъне ҳизбҳое, ки мувофиқи қонун аз тарафи мақомоти ваколатдори ташкилотҳои давлатӣ ба қайд гирифта шудаанд ва озодона амал мекунанд, шомиланд. **Нимошкоро** (***нимлегалӣ)*** бошад, ҳизбҳо, ки ҳоло аз қайд нагузаштаанд, вале манъ ҳам карда нашудаанд. **Пинҳонӣ** (***ғайрилегалӣ)*** ин ҳизбҳое мебошанд, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ манъ карда шудаанд ва ба таври пинҳонӣ фаъолият мекунанд [12,с.48].

Ҳамин тариқ, охирҳои асри XX ин ташкилотҳо авзои сиёсӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва пешрафти фарҳангии ҷомеаро ба назар гирифта, сатҳи нави муносибатҳои давлатдорию идораи корҳои ҷамъиятиро пеш гирифтаанд, ки дарҳол ҳамовозии васеъ пайдо намуда, бо номи «бозсозӣ» машҳур гардид. Ҳоло дар бораи «бозсозӣ» андешаҳои гуногун - ҳам манфӣ ва ҳам мусбӣ, ҳам иртиҷоӣ ва ҳам пешқадам иброз мегарданд. Бо ҳама хубию бадиаш «бозсозӣ» ҳамчун давраи таърихӣ дар инкишофи мамлакат нақши хосса дорад. «Бозсозӣ» натавонист иллатҳои ҷомеаро аз байн барад. Махсусан, равандҳои номатлуби иҷтимоию иқтисодӣ боз ҳам амиқ гаштанд. Ҳаёти сиёсию фарҳангӣ бештар хусусиятҳои либералиро пайдо намуд. Дар маркази «бозсозӣ» аҳли зиё ҳамчун неруи мутаҳаррик баромад менамуданд. Зиёиён вобаста ба мақоми ҷамъиятиашон ба муносибатҳои ҷамъиятию сиёсӣ аз назари танқидӣ менигаристанд. Дар арафаи «бозсозӣ» норозигиҳои зиёиён аз сохти сиёсию ҷамъиятӣ сабабҳои зиёд дошт. Аз ҷумла, масъалаҳои аъзогии зиёиён ба ҳизби коммунист, интихоб шудан ба мақомоти интихобии роҳбарикунанда, сатҳи таъин намудани зиёиён дар мансабҳо, ҳатто, ба хориҷи кишвар рафтани онҳо мушкилиҳои иловагӣ доштанд. Ё худ бигиред нашр нагаштани асарҳое, ки ба чаҳорчӯбаи идеологияи коммунистӣ мувофиқ намеомаданд. Роҳбарияти нави кишвар ба сифати амалҳои таъҷилӣ аз бадарға баргардонидани А.Д.Сахаров, озод кардани маҳбусони сиёсӣ, нашри китобҳои манъшуда, ошкорбаёнӣ, плюрализми сиёсӣ, интихоботи алтернативӣ, риояи ҳуқуқи муҳоҷират ва ғайраҳоро ба роҳ монд. Чунин иқдом боиси он гардид, ки зиёиён ҳокимиятро дастгирӣ кардaнд [4,с.216].

Дар баробари ин, баъд аз фурӯпошии иттиҳоди болозикр ва куллан ивазшавии муносибатҳо дар сатҳҳои мухталиф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи мазкур тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омаданд, ки ниёз ба тавзеҳ доранд. Барои мисол, бо мақсади пешгирии интервенсия ва маҳдуд гардонидани таъсири давлату ташкилоти хориҷӣ фаъолияти ҳизбҳои сиёсии давлатҳои дигар дар қаламрави кишвар манъ карда шудааст. Ҳизбҳои сиёсие, ки мақсади зӯран тағйир додани сохти конститутсионӣ, ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ, барангехтани низои нажодӣ, миллӣ, маҳаллӣ, иҷтимоӣ ва диниро доранд, таъсис додан ва фаъолияти онҳо манъ карда мешавад. Дар Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсӣ аз ташкилотҳои динӣ истифода карда наметавонад [6,с.6]. Дар мақоми низомӣ ва қудратии ҳокимият, тамоми мақомоти давлатӣ ва дар мактабҳои миёна ва олӣ ташкилотҳои ҳизби сиёсӣ таъсис ва фаъолият бурда наметавонанд. Корманди мақомоти қудратии ҳокимияти давлатӣ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аъзои ҳизби сиёсӣ шуда наметавонанд. Дигар ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки синашон ба 18 расидааст, ихтиёран ҳуқуқи озодона аъзошавӣ ба ҳизбҳои сиёсии амалкунандаро доранд.

Ба расмият шинохтани ҳизбҳои сиёсиро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад. Баъди таъсиси ҳизби сиёсӣ дар муддати як моҳ бо имзои шахси ваколатдор ариза пешниҳод мегардад. Ба ғайр аз ариза оиннома, нусха аз протоколи анҷумани муассисон, рӯйхати на камтар аз 10 нафар иштирокчиёни маҷлиси муассисон бо маълумоти васеъ дар бораи онҳо, як нусха нашрияи воситаи ахбори умум, ки дар бораи маҷлиси муассисон хабар чоп намуда буд, ҳуҷҷати бонкӣ дар бораи супоридани боҷи давлатӣ дар бораи бақайдгирии ҳизб ва рӯйхати ҳазор нафар аъзои ҳизб пешниҳод карда мешавад [11,с.4].

Мақомоти давлатӣ дар давоми як моҳ ҳуҷҷати ҳизби сиёсиро, ки акнун ҳуқуқи шахси юрдикӣ (ҳуқуқӣ) пайдо менамояд, дида мебарояд. Ҳизби сиёсӣ дар муддати се моҳ дар аксарияти вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ташкилотҳои ибтидоӣ таъсис медиҳад. Роҳбарияти ҳизби сиёсӣ баъди таъсиси сохтори ҳизб дар шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо ба ҳокимияти маҳаллӣ ба таври хаттӣ хабар медиҳад [5,с.291-292].

Дар низоми идоранамоии демократӣ ва сохтори бисёрҳизбӣ суботи ҷамъиятӣ ва амният кафолат дода мешавад. Зеро, дар чунин низом интихоботи озоди демократӣ ҳамчун шарти иштироки бисёрсатҳии ҳамагон дар идоранамоии ҷомеа амал карда, мубориза ғайриқонунӣ барои иштироки сиёсӣ аз байн меравад. Ҳизбҳои сиёсӣ гуногунфикрии ҷомеаро мавриди истифода қарор дода, аз муҳити ғайрирасмӣ ба фазои идоранамоии расмӣ ворид месозад. Чунин фаъолияти расмӣ дар фазои идоранамоии

сиёсӣ, ки дар он усул ва ахлоқу қоидаҳои иштирок аз тарафи қонун муайян шудааст, пеш аз ҳама, боиси ташаккул ёфтани раванди сиёсӣ мегардад.

Хулоса, имрӯз дар Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ ва 1264 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фаъолият менамоянд. Дар мамлакат 272 воситаи ахбори омма, 7 агентии иттилоотӣ ба қайд гирифта шудаанд. Теъдоди студияҳои телевизионӣ ва радиошунавонӣ ба 29 расидааст, ки аз онҳо 10-тоаш ҷамъиятӣ ва хусусӣ мебошанд. Далелҳои мазкур шаҳодати гуногунандешӣ ва озодии сухан буда, Тоҷикистонро миёни мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мақоми аввал қарор медиҳад. Имрӯз заминаҳои ҳуқуқии инкишофи гуногунандешӣ ва гузаронидани интихоботҳо, имкониятҳои гуногуни ҳизбӣ барои фаъолият дар парламент ва асосҳои демократия васеъ инкишоф ёфтаанд. Вале барои кишварҳое, ки чун Тоҷикистон низои ҷиддии дохилиро аз сар гузаронидаанд, ҳалли ин масъала аҳаммияти хосса дорад. Махсусан ҳалли чунин масъалаҳо аҳамияти аввалиндараҷа доранд: такмил ташкил ва гузаронидани интихоботҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, таъмини шаффофияти раванди омодагӣ ва гузаронидани интихоботҳо, баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва таъмини уҳдадориҳои мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ дар тамоми зинаҳо, инчунин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иттиҳодияҳо, ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи парламент бо мақсади таҳкими гуногунандешии сиёсӣ ва ғ.

**Муқарриз: д.и.с., профессори ДМТ - Зокирзода Г.**


**АДАБИЁТ**

1. Рахнамо А. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ (масъалаҳои фаъолияти ҳизби сиёсии дорои хусусияти динӣ дар шароити давлати дунявӣ). - Душанбе: Дониш, 2008. – С.33.
2. Боднар А. Основы политологии / А. Боднар. - Киев, 1991. - С. 93.
3. Дюверже М. Политические партии. Академический Проект / М. Дюверже. - М., 2002. - С.113.
4. Зокиров Г.Н. Геополитика / Г.Н. Зокиров. - Душанбе, 2009. - С.216.
5. Зокиров Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳо ва дурнамои инкишоф / Г.Н. Зокиров. - Душанбе, 2011. - С. 291-292.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2016. - С.6.
7. Морозов Г. И. Международные организации / Г. И. Морозов. – М.,1989. - С.34.
8. Маҳфили мубоҳисавии сиёсӣ. - Душанбе, 2003.- С.41.
9. Михельс Р. Социология политической партии в условиях демократии / Р. Михельс //Диалог, 1990. -№5. - С.37.
10. Савчук И.М. Международные организации / И.М. Савчук. - М., 2007. - С.50-53.
11. Имомов А. Сотрудничество партий и движений - залог национального мира и согласия / А. Имомов //Партии и движения Таджикистана, 1998. - №3. - С.4-6.
12. Шокиров Б. Возникновение политических партий и движений и их деятельность / Б.Шокиров, А. Махмадкаримов. - Душанбе, 1995. - С. 48.
13. [Электронный ресурс]. https://businessman.ru/new-politicheskie-organizacii-vidy-celi-i-zadachi.html дата обращения. 12.08.2018.


## ИТТИҲОДИЯҲОИ СИЁСӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ИДОРАКУНӢ


Иттиҳодияҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти идораномоӣ яке аз ниҳодҳои фаъоли ҳизбҳои сиёсӣ ва ё ташкилотҳои оммавию сиёсӣ ба шумор мераванд, ки ҳимояи манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ва синфиро ба ҷо меоранд. Ҳизби сиёсӣ – ташкилоти ихтиёриест, ки ба умумияти идеологӣ ва манфиатҳо асос ёфта, ба даст овардани ҳокимият ё иштирок дар баамалбарории ҳокимият мақсади асосии он мебошад. Мақсади асосии онро ҳамчунин ҳимояи талаботу манфиатҳои умумиятҳои иҷтимоию сиёсӣ ташкил медиҳанд. Ҳокимиятро ҳамчун воситаи асосии ба мақсад муваффақ шудан медонад. Худи истилоҳи “ҳизб” дар замоне мавриди истифода қарор ёфта буд, ки ҳанӯз ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд надоштанд. Он ифодаи гурӯҳҳое буд, ки байни худ барои ҳокимият рақобат доштанд. Дар адабиёти муосир мафҳуми «иттиҳодияҳои сиёсӣ» маъноҳои гуногунро дар бар мегирад. Масалан, тавсифи анъанавии иттиҳодия, ки барои илми сиёсӣ хос аст, чунин аст: иттиҳод - қисми нисбатан фаъол ва мустақили ин ё он синф ва ё табақае мебошад, ки манфиатҳои онҳоро ифода мекунад. Инчунин, тавсифи дигари абстрактикие мавҷуд аст, ки мувофиқи он «иттиҳод ин давлат дар дохили давлат» ё «миёнарав байни давлат ва ҷомеа» мебошад. Иттиҳодия ва ҳизбҳои сиёсӣ дар инкишофи таърихии инсоният мақом ва нақши муҳим доштанд. Он дар фазою вақт ҳамқадами ташаккулу инкишофи ниҳодҳои дигари идоракунии ҷомеа мебошад.



**Калидвожаҳо:** иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳизбҳои эволютсионӣ, ташкилотҳои сиёсӣ, ислоҳотчигӣ, идоранамоии сиёсӣ, низоми демократӣ, ҳокимияти давлатӣ, таҳаввулот, инқилоб.

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ ОБЪЕДИНЕНИЯ КАК СУБЪЕКТ УПРАВЛЕНИЯ

Политические объединения как административная единица являются одной из активных форм политических партий или общественно-политических организаций, защищающих политические интересы определенных социальных и классовых групп. Политические партии – это добровольные союзы, имеющие общность идеологии и интересов, стремящиеся к власти или участию в реализации власти. Их основной целью является обеспечение потребностей и интересов социальных и политических сообществ. Они используют власть как основное средство для достижения цели. Сам термин «партия» использовался в то время, когда еще не было политических партий. Он был использован для выражения групп, которые боролись за власть. В современной литературе понятие «политические союзы» имеет различные толкования. Например, таково традиционное описание союза, характерное для политической науки. Союз является относительно активной и самостоятельной частью того или иного класса или сословия, представляет их интересы. Существует и другое абстрактное описание, согласно которому «союз есть государство в государстве» или «посредник между государством и обществом». Союзы и политические организации сыграли важную роль в историческом развитии человечества. В пространстве и во времени это такой же шаг в становлении и развитии других институтов государственного управления.

**Ключевые слова:** общественные объединения, политическая партия, эволюционные партии, политическая организация, реформаторская, политическое управление, демократическая система, государственная власть, эволюция, революция.

## POLITICAL ASSOCIATIONS AS A SUBJECT OF MANAGEMENT

Political institutions or associations as an administrative unit are one of the active forms of political parties or socio-political organizations that protect the political interests of certain social and class groups. Political parties are voluntary unions based on ideological ties, striving for power or should participate in the exercise of power. The main goal is to ensure the needs and interests of social and political communities. They use power as the primary means to an end. The very concept of a party was used at a time when there were no political parties. It was an expression of groups that fought for power. In modern literature, the concept of «political unions» includes various interpretations. For example, the traditional description of a union, characteristic of political science, is as follows: a union is a relatively active and independent part of a particular class or estate, and represents their interests. There is another abstract description, according to which «the union is a state within a state» or «an intermediary between the state and society.» Unions and political organizations have played an important role in the historical development of mankind. In space and time, this is the same step in the formation and development of other institutions of public administration.

**Keywords:** public associations, political party, evolutionary parties, political organization, reformist, political management, democratic system, state power, evolution, revolution.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Абдуллоева Латофат Музафаровна* -** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҷомеашиносӣ. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **906915454, 988719091**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоева Латофат Музафаровна*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, ассистент кафедры общественных дисциплин. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон**: 906915454, 988759091**

**Information about the author:** ***Abdulloeva Latofat Muzafarovna*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Assistant of the Department of Social Sciences. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5. Phone: **906915454, 988759091**

ТДУ: 322.19.3(575.3)

# ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ФУНКСИЯҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Бобоев А.Ш.*

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Омӯзиши омилҳои иҷтимоӣ ва функсияҳои асосии сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳимми назариявӣ, амалӣ ва методологӣ дорад. Таҷрибаи таърихӣ ва натиҷаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки сиёсати дохилии ҳар як давлат бо пайдоиш ва ташаккули давлат пайванди ногусастанӣ дорад [11,с.66]. Пеш аз гузаштан ба баррасии ин масъала, бояд амиқ намуд, ки давлат ва сиёсати дохилии он дар асоси кадом омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ-идеологӣ пайдо шудаанд.

Таҳлили таҷрибаи таърихӣ ва амалии маъхазҳои дахлдор ва адабиёт нишон медиҳанд, ки сиёсат қувваи асосии ҷомеаест, ки муваффақияти кишварро ба танзим медарорад.

Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки сиёсат дар ҳаёти шахс, давлат ва ҷомеа мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур омилҳои иҷтимоӣ ва функсияҳои асосии сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ мекунем.

Таҳлили илмӣ ва назариявии мафҳум ва моҳияти сиёсати дохилӣ нишон медиҳад, ки ин масъала ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мутафаккирон, олимон, назарияшиносон ва сиёсатмадорони давраҳои гуногуни рушди ҷомеаи инсонӣ қарор дорад.

Бо дарназардошти консепсия ва моҳияти иҷтимоии сиёсати дохилӣ, мо бояд ҳадаф, мавқеъ ва вазифаҳои асосии сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯзем.

Ҳадаф ва вазифаи асосии сиёсати дохилӣ сафарбар намудани тамоми аҳолӣ, неруи ҷамъиятию сиёсии кишвар барои иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои дохили ҷомеа мебошад. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки тамоми таърихи таҷрибаи инсоният нишон медиҳад, ки сиёсати дохилӣ дар рушду такомули ҷомеа нақши бузург дорад. Татбиқи бомуваффақияти сиёсати дохилӣ, пеш аз ҳама, ба сатҳи истеҳсолоти моддӣ, заминаи мустаҳками иқтисодӣ, фароҳам овардани шароити устувори моддӣ барои амнияти иқтисодӣ ва тақсимоти сарватҳои моддӣ дар байни аҳолӣ вобаста аст. Дар шароити тақсимоти ҷамъият байни синфҳо, моҳияти иқтисодӣ хусусияти синфӣ дошт. Дар ин робита К.Маркс ва Ф.Энгелс навиштаанд: «Фикрҳои синфи ҳукмрон дар ҳар давру замон фикрҳои ҳукмрон мебошанд. Ин чунин маъно дорад, ки синфе, ки қувваи ҳукмрони моддии ҷомеаро ифода мекунад, дар айни замон қувваи руҳонии бартаридошта низ мебошад. Синфе, ки воситаҳои истеҳсолоти моддиро дар ихтиёр дорад, инчунин як воситаи истеҳсолоти маънавиро ихтиёрдорӣ мекунад ва ба туфайли ин, андешаҳои онҳое, ки воситаҳои истеҳсоли маънавӣ надоранд, худро дар маҷмуъ ба синфи ҳукмрон итоат мекунанд [10,с.76]. Мувофиқи таълимоти К.Маркс ва Ф.Энгелс метавон гуфт, ки иқтисодиёт ва заминаи моддӣ дар маркази сиёсати дохилӣ қарор доранд. Дар ин росто, мо бояд ҳадаф ва вазифаҳои асосии сиёсати дохилиро дар шароити Тоҷикистони соҳибихтиёр асоснок ва ошкор намоем.

Пас аз пошхӯрии ИҶШС дар Тоҷикистон равандҳои дохилӣ, ки дар натиҷаи ноустувории иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ, қавмӣ ба вуҷуд омадаанд, аксар вақт шиддат мегиранд ва хусусияти таҳдидҳои низомӣ ё низоъҳои мусаллаҳона пайдо мекунанд. М.Б. Сафарян манфиатҳои стратегии давлатҳои Иттиҳодро арзёбӣ намуда, менависад: «Мазмуни манфиатҳои стратегии кишварҳои узви ИДМ ба таъмини амнияти низомии тамоми Иттиҳод дар маҷмуъ ва алалхусус ҳар як давлат, инчунин нигоҳ доштани сулҳи байналмилалӣ равона карда шудааст. Умумияти ин манфиатҳоро мушаххасоти мавқеи стратегии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил талаб мекунад [10,с.15].

Ин мавқеи стратегӣ сиёсати дохилӣ, ҷойгоҳ ва нақши Тоҷикистони соҳибихтиёрро дар ҳалли муассир, чи дар сиёсати дохилӣ ва чи дар сиёсати хориҷӣ, муқаррар кардааст. Аз ин рӯ, имрӯз танҳо кумаки дастаҷамъӣ барои таъмини соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти ҳар як давлати ИДМ муҳим аст.

Ба ақидаи В.А. Гаврилов: «Комилан возеҳ аст, ки ин фазо манфиатҳои умумии геополитикӣ, ягонагии ҳадафҳои ҳарбӣ-сиёсиро дар назар дорад, ҳамон тавре ки интегратсияи иқтисодӣ ягонагии манфиатҳои иқтисодии давлатҳои гуногунро дар назар дорад» [3,с.24]. Дар айни замон, вазифаи асосӣ ба эътидол овардани вазъ дар фазои пасошуравӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, мушкилоти эҷоди системаҳои амнияти минтақавӣ, ки метавонанд як механизми муассири пешгирӣ ва ҳалли бухронҳо ва низоъҳои мусаллаҳона дар қаламрави ИДМ гарданд, рӯз то рӯз фаъолтар муҳокима мешаванд».

Таҳлили вазъиятҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ-идеологӣ дар давраи гузариш нишон медиҳад, ки ташаккули сиёсати дохилӣ дар Тоҷикистон дар шароити хеле душвор сурат гирифтааст.

Дар асоси таҳлили маъхазҳо ва адабиёт, бояд қайд кард, ки дар Осиёи Марказӣ Тоҷикистон эҳтимолан аз ҷиҳати ашёи хом яке аз сарватмандтарин кишварҳо ҳисобида мешавад. Дар ҷумҳурӣ захираҳои бузурги гидроэнергетика, маъданҳои фоиданок мавҷуданд. Дар ин ҷо иқтидори базаи ашёи хом барои рушди саноати химия амалан номаҳдуд аст. Барои ташкили корхонаҳои рушди металлургияи ранга имкони васеъ мавҷуд аст. Таъсиси корхонаҳои муштарак метавонад шакли муассири ҳамгироии иқтисодиёти кишварҳои ИДМ гардад. Яке аз омилҳои асосии рушду таҳкими минбаъдаи соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон ҳамкории иқтисодӣ бо кишварҳои ИДМ мебошад.

Рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ИДМ аз бисёр ҷиҳатҳо ҷараён дорад. Соли 1999 шомилшавии Тоҷикистон ба Иттиҳоди Гумрукӣ ба анҷом расид, ки ин омили муҳимми ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Иттиҳод ва суръатдиҳандаи ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Дар роҳи барқарор ва мустаҳкам кардани соҳибихтиёрии давлатӣ дар Тоҷикистон зиддиятҳо дар муносибатҳои маҳалгароӣ оғоз ёфт. Тавре ки маълум аст, ба қонунияти ин раванд ва рушди сиёсати дохилӣ зиддиятҳо ва ҳолатҳои муноқишавӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд доштанд, сахт халал мерасонданд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки мушкилоти ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии ин ё он миллат ё халқро берун аз таҳлили ташкили умумии ҷамъият, сохторҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти истеҳсолии он, равандҳои идеологии иқтисодӣ, сиёсӣ, ки бештар ҷомеаи муосирро тавсиф мекунанд, иҷро кардан мумкин нест. Мутаносибан, ҳангоми гузариш ба марҳилаи истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, тамоюлҳои регрессивӣ дар бисёр соҳаҳо ва пеш аз ҳама дар соҳаи иқтисодӣ ба назар мерасиданд. Бо шиддат ёфтани як қатор мушкилоти дар ҷомеа ҷамъшуда, пастравии суръати рушди иқтисодӣ ба назар мерасад, ақибмонии музмин дар ҳосилнокии меҳнат, сифати маҳсулот, пешрафти техникӣ боиси паст шудани сатҳи зиндагӣ, ҷинояткории васеъ, бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ гардид ва шумораи зиёди аҳолӣ ба камбизоатӣ гирифтор гардиданд. Дар ин шароити душвор сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ёфт ва мустаҳкам низ гардид.

Пас аз пошхӯрии ИҶШС, Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ИДМ шуд. Робитаҳои мустаҳками Тоҷикистонро бо ин созмон на танҳо робитаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муайян мекунанд. Маълум аст, ки аз моҳи декабри соли 1991 ИДМ даъват карда шуд, ки то андозае сукути ногузири Иттиҳоди Шуравиро ба танзим дарорад. Дар ҳалли ин масъала сиёсати дохилӣ нақши муҳим дошт. Ҳангоми ташаккули ин Иттиҳод равандҳои ҳамгироӣ ва парокандагӣ дар тамоми фазои ИДМ тақрибан яксон буданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон мебоист ҷойгоҳи худро дар ин раванд ва дар ин Иттиҳод муайян мекард.

Ҳамзамон, сиёсати дохилии Тоҷикистон дар вазъияти душвори иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба вуҷуд омад. Системаи маъмурию фармондеҳӣ ва бозсозӣ дар системаи сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон осори вазнин гузоштанд. Фазои руҳониро таҳаммулнопазирӣ ихтилофот, бераҳмӣ, шубҳа, тарсончакӣ ва хоҳиши аз рӯйи қолиб заҳролуд кард. Ғайр аз ин, дар ҷумҳурӣ боварии кӯркӯрона дар байни баъзе нафарон буд. Дар натиҷа, муноқишаҳои байнимиллӣ, миллатгароӣ, маҳалгароӣ афрӯхтанд, тақсимоти ҷомеа ба амал омад. Намунаи ин ноустувории иҷтимоию сиёсӣ дар Тоҷикистон, ҷанги шаҳрвандӣ мебошад.

Ин ҳама заминаи иҷтимоии шиддат гирифтани зиддиятҳо дар роҳи пайдоиш ва ташаккули сиёсати дохилии Тоҷикистон буд.

Агар мо ба шароити иҷтимоию сиёсии солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон баргардем, метавон гуфт, ки парлумони ҷумҳурӣ нотавонии сиёсиро ошкоро нишон дод. Худи мақомоти маҳаллии ҳокимият пароканда карда шуданд. Қонун ва адолат қариб ки вуҷуд надошт. Пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе дар дасти гурӯҳҳои ҷиноӣ буд. Роҳи оҳан фалаҷ шуда буд. Аҳолӣ нони кофӣ надоштанд. Давлат амалан аз фаъолият бозмонд. Ҳамаи ин боиси суст шудани сиёсати дохилии ҷумҳурӣ гардид.

Дар омӯхтани хусусиятҳои омилҳои иҷтимоию сиёсии ташаккули сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бояд таъкид кард, ки бешубҳа, яке аз рӯйдодҳои ҷиддитарини таърихи ҷаҳонӣ дар нимаи дувуми асри XX пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ташаккули давлатҳои ҷавони мустақил буд. Дар натиҷаи ин раванди таърихӣ ва имрӯз комилан аён аст, ки ҳам сабабҳои объективии хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ ва ҳам ҳисобҳои ҷиддии идоракунии кишвар мавҷуд буданд.

Яке аз хусусиятҳои асосии ташаккули сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки солҳои аввали соҳибихтиёрӣ масъалаҳои зерин барои ҷумҳурӣ душвор ва пуршиддат буданд, ба монанди:

- номувофиқати қонунгузории ҷумҳурӣ бо бисёр меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ монеаҳои зиёдеро барои бомуваффақият паси сар кардани давраи гузариш ба вуҷуд овард;
- дар Тоҷикистон набудани механизми дастгоҳи идоракунии давлатӣ, ки мушкилоти сиёсати хориҷии ҷумҳуриро ҳал мекунад.

Марҳилаи асосии таърихи фаъолияти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 оғоз ёфт. Принсипҳои асосие, ки дар заминаи он сиёсати дохилии Тоҷикистон оғоз ёфт, дар эълони истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ муқаррар карда шуд. Охири соли 1991 ва аввали соли 1992 раванди ба расмият шинохтани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон оғоз ёфт. Имрӯз, беш аз 140 давлати ҷаҳон Тоҷикистонро эътироф кардаанд [9,с.460].

Таҷрибаи амалии Тоҷикистони соҳибихтиёр нишон медиҳад, ки Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали пайдоиши худ дар харитаи сиёсии ҷаҳон бо бисёр кишварҳо муносибатҳои дипломатӣ барқарор кардааст. Ҳамин тавр, аз соли аввали истиқлолият зиёда аз 40 давлати ҷаҳон дар Тоҷикистон сафоратхонаҳо ва намояндагиҳои дипломатии худро доранд. Ба он кишварҳои зерин дохил мешаванд: Афғонистон, Белоруссия, Федератсияи Россия, Олмон, Ҳиндустон, Эрон, Чин, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, ИМА, Туркия, Ӯзбекистон ва ғайра. Ҷумҳурии Тоҷикистон сафоратхонаҳои худро дар Австрия, Белоруссия, Олмон, Эрон, Қазоқистон, Чин, Покистон, Федератсияи Русия, Туркия, Ӯзбекистон ва дигар кишварҳо кушод. Дар соли 1992, Тоҷикистон узви СММ шуд, дар чунин созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили САҲА, СҲИ, ЭКО, ХБА, ҲИА, ЮНЕСКО узвият ба даст овард ва аз ҳамон вақт инҷониб онҳо дафтарҳои худро дар ҷумҳурӣ боз карданд.

Тоҷикистон ҷонибдори ҳамгироӣ ва наздикшавии минбаъда бо кишварҳои узви ИДМ мебошад. Солҳои охир дар вохӯриҳои сарони давлатҳо, сарони ҳукуматҳо, вазирони корҳои хориҷӣ ва дар баъзе дигар чорабиниҳои аз ҷониби мақомоти оинномавии ИДМ баргузоршуда, масъалаҳои Тоҷикистон давра ба давра, асосан, ба масъалаҳои ба эътидол овардани минбаъдаи вазъ марбут буданд. Бо мақсади ба эътидол овардани марзҳои ҷанубии кишварҳои ИДМ неруҳои дастаҷамъии посдорони сулҳ дар Тоҷикистон мустақар буданд, ки барои ба эътидол овардани вазъ мусоидат мекарданд. Масалан, соли 1995 дар Минск дар ҷаласаи сарони давлатҳои ИДМ як санади хеле муҳим - Нақшаи ҳамаҷонибаи ҳалли марзи Тоҷикистону Афғонистон қабул карда шуд.

Яке аз омилҳои муҳимми таҳкими сиёсати дохилии Тоҷикистони соҳибихтиёр он буд, ки Тоҷикистон дар соли 1995 дар доираи Иттиҳод талошҳои фаъол барои ворид шудан ба Иттиҳоди Гумрукӣ кард.

Ташаккул ва таҳкими сиёсати дохилии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ робитаи наздик дорад. Мо аллакай таъкид карда будем, ки дар як қатор давлатҳое, ки Тоҷикистон муносибатҳои наздик ва дӯстона дорад, ҷойгоҳи махсус ба Федератсияи Русия тааллуқ дорад. Тақвияти робитаҳои дохилӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бо Русия барои Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол аҳаммияти зиёд дорад. Ҳамкории дуҷониба, наздик ва мутақобилан судманд аст ва онро шарикии стратегӣ ҳифз мекунад. Муносибатҳои Тоҷикистон ва Русияро санадҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Русия ва бисёрҷониба дар доираи ИДМ дар бораи ҳамкорӣ ва кумаки мутақобила дар соҳаҳои ҳарбӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра танзим мекунанд. Зиёда аз 150 шартнома ва созишнома баста шудааст.

Омӯзиш ва таҳлили маъхазҳо ва адабиёт нишон медиҳад, ки дар як қатор кишварҳои ИДМ равандҳои дохилӣ, ки дар натиҷаи ноустувории иҷтимоӣ-сиёсӣ, динӣ, қавмӣ ба вуҷуд омадаанд, аксар вақт хусусияти таҳдидҳои низомӣ ё низоъҳои мусаллаҳонаро афзоиш медиҳанд. Ба ин кишварҳо ҷумҳуриҳои зерин дохил мешаванд: Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Украина, Гурҷистон, Федератсияи Русия ва дигар кишварҳои узви ИДМ.

Тамоюли устувори тағйирёбии институтсионалӣ ба мушоҳида мерасад, ки боиси озодшавии савдо, тавсеаи хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ва бахши хусусӣ, алалхусус дар соҳаи кишоварзӣ ва савдо гардиданд. Дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тағйироти назаррас ба амал омаданд, ки принсипҳои асосӣ ва тартиби татбиқи онҳо дар қонун «Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки соли 1993 қабул шудааст, муайян карда шуданд. Таҳлили моҳияти иҷтимоию сиёсӣ ва самтҳои асосии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки солҳои охир иқтидори иқтисодии Тоҷикистони соҳибихтиёр дар иртиботи зич бо кишварҳои Иттиҳод босуръат рушд карда истодааст. Масъалаи стратегияи иқтисодӣ муфассалтар дар асарҳои А.Соколский, Л.Беззубов, М.Пешков, Т.Н.Назаров, Т.Койчуев, З.Ш.Саидов ва дигарон омӯхта шудааст, ки ҷойгоҳ ва нақши сиёсати иқтисодиро баррасӣ мекунанд. Асарҳои ин олимон нақш ва аҳаммияти стратегияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таҳким ва рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои ИДМ ҳамаҷониба таҳқиқ мекунанд.

Имрӯзҳо дар доираи ИДМ ҷузъҳои иқтисодии муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба рушд мекунанд. Доираи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои ИДМ ба қадри кофӣ васеъ буда, соҳаҳои мухталифро дар бар мегирад.

Дар ин робита, бояд таъкид кард, ки имрӯз масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ доимо дар маркази диққати роҳбарияти кишварҳои узви ИДМ қарор доранд. Комиссияи байниҳукуматии ҳамкориҳои иқтисодии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои созишномаҳои дар ин самт ҳосилшударо муфассал таҳлил менамояд, қадамҳои мушаххаси рушди минбаъдаи ҳамкориҳои тарафҳоро дар соҳаҳои савдо, саноат, энергетика, кишоварзӣ муайян мекунад, рушди захираҳо ва дигар соҳаҳо ҳамкориҳои иқтисодӣ мавриди таваҷҷуҳи тарафайн қарор доранд.

Ҳамзамон, таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир дар ин соҳаҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои иқтисодиро бо дигар кишварҳои ИДМ дар ду самт инкишоф медиҳад:

- аввалан, моҳҳои март-апрели соли 1999 пайвастани Тоҷикистон ба Иттиҳоди Гумрукӣ ба анҷом расид, ки ин, ба ақидаи мо, омили муҳимми ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Иттиҳод мебошад ва сониян, ин суръатбахши ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Ҳамзамон, Тоҷикистон ба барқарор намудани робитаҳои кооперативӣ дар доираи панҷгона ва истифодаи имкониятҳои иттиҳодияи нақлиётӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи майи соли 1999 ба он пайвастааст, аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи Иттиҳоди гумрукӣ, Тоҷикистон ахиран робитаҳои худро бо Белорус хеле тақвият бахшид, ки ин дар ҷаласаи ИДМ дар Минск дар аввали моҳи июни соли 1999 ба таври возеҳ тасдиқ шуд. Равандҳои ҳамкории иқтисодии Тоҷикистон ва Русия пас аз сафари Владимир Путин ба Тоҷикистон такони тоза

гирифтанд. Дар ин мулоқоти сатҳи олӣ масъалаҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ баррасӣ шуданд. Бояд қайд кард, ки рушди пайдарпайи ҳамкориҳои ҳамаҷониба бо Федератсияи Россия дар асоси мутақобилан судманд ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳамкориҳо бо Русия дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятнок боқӣ мемонад.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз доштааст: «Русия барои мо иттифоқчии асосии стратегӣ буд ва боқӣ мемонад. Ин мавқеи расмии на танҳо роҳбарияти кишвар, балки тамоми мардуми Тоҷикистон аст» [16,с.54].

Солҳои охир бисёр асарҳо ба табъ расиданд, ки дар онҳо моҳият ва вазифаҳои сиёсати дохилӣ баррасӣ карда мешаванд. Ба унвони мисол, метавон асарҳои М.Малишев, Б.Ахмедов, И.А.Василенко, М.Пешков, Ҷ.Семлен, М.С.Ҳакимов, М.Х.Ҷалилова ва дигаронро ном бурд. Ин муаллифон, гарчанде ки онҳо масъалаҳои сиёсати дохилиро ба пуррагӣ наомӯхта бошанд ҳам, аммо сабабҳои пайдоиши моҳияти иҷтимоӣ ва вазифаҳои асосии сиёсати дохилиро таҳқиқ намудаанд.

Ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои дар боло зикршуда амали муштараки доимӣ, мушаххас ва возеҳро аз тамоми давлатҳои ИДМ талаб мекунад. Солҳои охир олимони тоҷик иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин соҳа муфассал баён карданд. Ба унвони мисол, мо метавонем асарҳои М.Ҷалилов, З.Саидов, К.Юлдошев, Р.Мирзоев, Т.Назаров ва як қатор олимони дигарро номбар кунем. Таҳлили ин таҳқиқот нишон медиҳад, ки кишварҳои Иттиҳод дар таҳияи сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳои ИДМ якҷоя фаъолона иштирок мекунанд. Бояд қайд кард, ки муносибатҳои дӯстона байни Тоҷикистон ва Федератсияи Россия бомуваффақият рушд карда истодаанд.

Тибқи як нуқтаи назар, сиёсат ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба теври васеъ тафсир карда мешавад, вақте ки тамоми фаъолияти бошууронаи инсон, дар маҷмуъ, ба сиёсат мубаддал мешавад. Ҳамин тариқ, сиёсатшиноси амрикоӣ Д.Хелд ҷаҳони сиёсатро ҳамчун "мубориза барои ташкили қобилияти инсон" муайян мекунад. Вай мегӯяд, ки сиёсат як ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми ҳаёти инсон аст, зеро мавзуи ҳамкориҳои сиёсӣ, ба ақидаи ӯ, ҳукмронӣ, қудрат, қобилияти агентҳо ва институтҳои иҷтимоӣ барои нигоҳ доштан ё тағйир додани муҳити иҷтимоӣ ва ҷисмонии худ мебошад.

Соҳаи муносибатҳои дохилӣ он соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, ки ба он бо ҳам пайвастан ва ҳамкории омилҳои сершумори ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ хос аст. Рӯйдодҳои сиёсӣ ҳамеша хеле мураккаб ва печида мебошанд. Онҳоро метавон ҳамчун як занҷири пайвастаи далелҳо муаррифӣ кард, аммо барои нигоҳ доштани тамоми занҷир пайванди асосиро қайд кардан лозим аст. Қобилияти муайян кардани омилҳои асосие, ки риштаи асосии ин занҷирро ташкил медиҳанд, пеш аз ҳама, аз ифшои қонунҳои рушди ҷомеаи инсонӣ сарчашма мегирад.

Ҳамин тариқ, омилҳои асосии муносибатҳои дохилӣ тибқи назарияи реализми сиёсӣ инҳоянд: нақши баҳснопазир ва афзалиятноки давлат ҳамчун мавзуи асосӣ ва дарвоқеъ, ягона, шарти сиёсати давлатҳо бо манфиатҳои миллӣ, зӯрӣ (пеш аз ҳама ҳарбӣ) ҳамчун воситаи асосии расидан ба ҳадафҳо, нақши ҳалкунандаи қудратҳои бузург дар сиёсати ҷаҳонӣ, таносуби қудратҳо ҳамчун воситаи нигоҳ доштани суботи байналмилалӣ ва танзимгари асосии тартиботи байналмилалӣ.

Воситаи асосии татбиқи муносибатҳои давлатҳо дар дохили ҷомеа сиёсати хориҷӣ мебошад - ин сиёсатест, ки барои танзими муносибатҳои байни давлатҳо ва халқҳо дар асоси меъёрҳо ва принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшуда ва мутобиқи манфиатҳо ва ҳадафҳои миллии онҳо амалӣ карда шудааст.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ - Бедилов Ҳ.**


**АДАБИЁТ**

1. Белов Е.В. Исторический опыт переговорного процесса по урегулированию межтаджикского конфликта (1993-1997 гг.): Автореферат дис. на соис.учен.степ. канд.ист.наук / Е.В. Белов. - Душанбе, 1999.
2. Вестник МГУ.Сер.12.,1992.-С.58-71. 55. См..‘Вестник МГУ .Сер 12,1992. - № 3.

3. Гаврилов В.А. Место и роль коллективных сил по поддержанию мира СНГ в миротворческом процессе / В.А. Гаврилов // Материалы 5-й международной научно-практической конференции. «Миротворческий процесс в Таджикистане: консолидация и гарантирование миротворческого процесса. -Душанбе, 1999.- С.24.
4. Имонов К.В. Политический анализ. Учебное пособие / К.В. Имонов. - М.: Логос, 2002.
5. Маҳмадов А.Н. Социология и политология / А.Н. Маҳмадов. - 1998.
6. Политология: Учебник для студентов вузов. Под.ред. В.Н. Лавриенко-3-е изд. -М.:ЮНИТИ. Дана. 2007.
7. Поппер К. Открытое общество и его враги / К. Поппер. - М., 1992. 52; См.: Амелин В.Н. Власть как общественное явление / В.Н. Амелин // Полигика: проблемы теории и практики. -Вып.5. -Ч. 1,- М.,1990.
8. Рахимов Р. "Мужские дома" в традиционной культуре таджиков / Р. Рахимов. - Л., 1990.
9. Саидов З.Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе / З.Ш. Саидов. - Душанбе: Авесто, 2006. - С.460 -468
10. Сафарян М.Б. Формирование системы коллективной безопасности стран Содружества Независимых Государств: политические аспекты: автореферат дисс.на соискание уч. степ. канд. ист. наук / М.Б. Сафарян. - Москва, 1999. - С.15.
11. Человек. Цивилизация. Общество П.Сорокин. - М. 1992.-С.342Dahl R.Modern Political Analysis. -New Jersey, 1920.-p.28.
12. Спиноза Бенедикт. Избранные произведения: В 2т. М 1957. Т.2. '* 62. Шаран П. Сравнительная политология / П. Шаран. -Ч.1.-М.,1992.
13. Чвырь Л. Таджикистан. Весна 1992 года (комментарий этнографа к политическим событиям) / Л. Чвырь // Вестник Евразии.- №1. -М., 1995.
14. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений / Ш.Шоисматуллоев. - Душанбе: Ирфон, 2006.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост. -Душанбе: Ирфон, 2000. -С.5.
16. Эмомали Рахмон. Ответственность за будущее нации // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2003. - №1(2). -С.54.

## ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ФУНКСИЯҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Рушди ҷомеа дар роҳи демократия, азхудкунии шаклу усулҳои нави танзими ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ бо зарурати омӯзиши хусусиятҳои сиёсати дохилии Тоҷикистони соҳибихтиёр вобаста аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки давраи муосири рушди иҷтимоии ҷаҳонӣ бо афзоиши нақши сиёсат дар ҳаёти ҷомеа тавсиф мешавад. Аз ин рӯ, сиёсат имрӯз тамоми соҳаҳои ҷомеаро фаро гирифта, ба фаъолият ва рушди онҳо таъсири бузург мерасонад. Ҳамин тариқ, сиёсат, гарчанде ки он ба ҳама намудҳои фаъолияти инсон таъсир мерасонад, вале бепоён буда наметавонад, дар маҷмуъ, тамоми рафтори инсонро дар бар мегирад. Бо доштани ҳудуди болоӣ ва поёнии таъсиррасонии худ, сиёсат доираи муносибатҳои инсонӣ ва соҳаҳои ба он алоқамандро танзим мекунад. Сиёсат ғайриимкон аст, агар бинобар шароити объективӣ тағйир додани ҷараёни ҳодисаҳо ва ҳатто таъсир расонидан ба онҳо ғайриимкон бошад. Бо назардошти ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати дохилӣ, мо бояд вазифаҳои асосии аввалиндараҷаи онро таҳқиқ кунем. Дар заминаи таҳлили илмӣ ва ҷамъбасти проблемаи сиёсати дохилӣ бояд қайд кард, ки аҳаммият ва нақши сиёсат ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ аз ҷониби вазифаҳои дар ҷомеа иҷрошаванда муайян карда мешавад. Вазифаҳо самтҳои асосии таъсири сиёсатро ба ҷомеа тавсиф мекунанд. Ҳар гуна мушкилоти иҷтимоӣ, агар он ба манфиатҳои тамоми ҷомеа дахл дошта бошад ва ҳалли он дахолати институтҳои ҳокимияти давлатиро талаб кунад, сиёсӣ мешавад. Дар робита ба ин саволе ба миён меояд: доираи сиёсат дар чист ва маҳдудияти воридшавии он ба ҷомеа вуҷуд дорад? Албатта, ҳудудҳои ҷаҳони сиёсат вуҷуд доранд, аммо онҳо хеле чандиранд. Дар тули таърихи башарият ин ҳудудҳо тағйир ёфта, баъзан тангтар ва сипас васеъ мешаванд. Дар назария, оид ба дар ин масъала дидгоҳҳои мухталиф мавҷуданд.

**Калидвожаҳо**: омилҳо, иҷтимоӣ, функсия, сиёсат, дохил, Ҷумхурии Тоҷикистон.

## СОЦИАЛЬНЫЕ ФАКТОРЫ И ОСНОВНЫЕ ФУНКЦИИ ВНУТРЕННЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Развитие общества на пути к демократии, принятие новых форм и методов регулирования общественно-политической жизни связаны с необходимостью изучения специфики внутренней политики суверенного Таджикистана. Опыт показывает, что современный период мирового общественного развития характеризуется возрастающей ролью политики в жизни общества. Поэтому политика сегодня охватывает все сферы жизни общества и оказывает большое влияние на их деятельность и развитие.Таким образом, политика, хотя и затрагивает все виды человеческой деятельности, но не может быть бесконечной, включает в себя все человеческое поведение вообще. Имея верхний и нижний пределы своего влияния, политика регулирует сферу человеческих отношений и связанные с ними области. Политика невозможна, если в силу объективных условий невозможно изменить ход событий и даже повлиять на них. Принимая во внимание цели и задачи внутренней политики, следует рассмотреть ее основные первоочередные задачи. В контексте научного анализа и обобщения внутриполитической проблемы следует отметить, что значение и роль политики как социального института определяются задачами, выполняемыми в обществе. Задачи описывают основные сферы влияния политики на общество. Разнообразие политических задач по своей глубине в обществе расширяется и свидетельствует о самых разных социальных явлениях. Любая социальная проблема становится политической,

если она затрагивает интересы всего общества и ее решение требует вмешательства государственных институтов. В связи с этим возникает вопрос: каковы рамки политики и каковы пределы ее вхождения в общество? Конечно, в мире политики есть границы, но они очень подвижны. На протяжении всей истории человечества эти границы менялись, то сужаясь, то расширяясь. Существуют и разные взгляды на этот вопрос.

**Ключевые слова**: факторы, социальная, функция, политика, внутренняя, Республика Таджикистан.

**SOCIAL FACTORS AND MAIN FUNCTIONS OF THE INTERNAL POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The development of society on the path to democracy, the adoption of new forms and methods of regulating social and political life is associated with the need to study the specifics of the domestic policy of sovereign Tajikistan. Experience shows that the modern period of world social development is characterized by the growing role of politics in the life of society. Therefore, politics today covers all spheres of society and has a great influence on their activities and development.Thus, politics, although it affects all types of human activity, but cannot be infinite, includes all human behavior in general. By having upper and lower limits of its influence, politics regulates the scope of human relations and related fields. Politics is impossible if, due to objective conditions, it is impossible to change the course of events and even influence them. Taking into account the goals and objectives of the domestic policy, we should examine its main primary tasks. In the context of the scientific analysis and summary of the internal policy problem, it should be noted that the importance and role of politics as a social institution is determined by the tasks performed in society. Tasks describe the main areas of influence of the policy on the society. The diversity of the political tasks about its depth in the society is expanding and testify to very different social phenomena. Any social problem becomes political if it affects the interests of the whole society and its solution requires the intervention of state institutions. In this regard, a question arises: what is the scope of politics and what are the limits of its entry into society? Of course, there are boundaries in the world of politics, but they are very flexible. Throughout human history, these boundaries have changed, sometimes narrowing and then widening. In theory, there are also different views on this issue.

**Keywords**: factors, social, function, policy, internal, Republic of Tajikistan.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Бобоев Абдураҳим Шамсович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, г.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. Телефон: **900361616**

**Сведения об авторе:** ***Бобоев Абдурахим Шамсович*** - Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, докторант Ph.D. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **900361616**

**Information about the author:** ***Boboev Abdurahim Shamsovich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, Ph.D. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 121. Phone: **900361616**

## ИҚТИСОД - ЭКОНОМИКА


*Кодирзода Д.Б., Хушвахтзода К.Х., Ялунина Е.Н., Дьячкова С.П.* Эффективность управления сельскохозяйственными организациями и факторы, оказывающие на нее влияние…………… *5*

*Сайфуров К.Ф., Буриев Ш.М.* Дистанционные банковские услуги как механизм развития банковского сектора Таджикистана........................................................................................... *17*

*Исахова П.Б., Рахматзода Б.М.* Пути повышения качества обслуживания в ГУП «Сберегательный банк Республики Таджикистан «Амонатбанк»».............................................. *24*

*Ёров Дж.Н.* Кластеризация как элемент инновационного подхода к обеспечению развития туристской индустрии в Республике Таджикистан……………………………………………. *36*

*Турсунов Р.Р.* Цифровизация экономики и методы регулирования рынка труда. Опыт развитых стран............................................................................................................................... *42*

*Сайдуллаев У.У.* Роль систем условного доступа в развитии услуг цифрового телевидения…. *49*

*Кенжаев И.У.* Теоретические основы исследования инвестиционной привлекательности водно-энергетического сектора региональной экономики………………………………………. *58*

*Рауфи Ф.А.* Вопросы развития управленческого персонала в транспортной системе Таджикистана в стратегических документах развития страны…………………………………. *66*

*Зиёев Б.С.* Развитие институциональных основ эколого-экономического регулирования землепользования………………………………………………………………………………. *74*

*Саидмуродова М.А., Қурбонова М.С.* Таҷрибаи хориҷии ташаккули минтиқаҳои озоди иқтисодӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.......... *81*

*Давлатов А.А., Қодирзода Ф.А.* Ҳадафи чоруми миллӣ саноатикунонии босуръати мамлакат ва марҳилаҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...................................... *90*

*Саидова Ҳ.М., Мирбобоев Р.М.* Баландбардории самаранокии хизматрасонӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................ *99*

*Ҳаитова Б.Ҳ., Одинаев М.А.* Таҳлили омории нишондиҳандаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон....................................................................... *108*

*Саидов С.С., Маҷидзода Д.М.* Истифодаи самараноки захираҳои об ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисоди сабз…………………………………………………………………… *116*

*Маъмуров А.М.* Самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз дар раванди ҷорикунии технологияи иттилоотии рақамӣ................................................................ *125*

*Халифазода С., Абдураҳмонов М.М.* Танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................... *135*

*Мирсаидов А.Б., Раҳимова Қ.О.* Тамоюли стратегии рушди комлекси агросаноатӣ ва таъмини амнияти иқтисодиву озуқаворӣи Тоҷикистон……………………………………….. *143*

*Ғафуров С.Х.* Таҳлили вазъи муосири идоракунии давлатии рушди инноватсионии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................. *153*

*Наимова З.Х.* Принсипҳо ва усулҳои ташаккули сиёсати саноат ва савдо дар корхона..... *161*

*Ҳусайнов С.М.* Асосҳои назариявии консепсияи сифртахриби истифодаи заминҳои кишоварзӣ................................................................................................................... *168*

***Олимов У.М.*** Роҳҳои такмили низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон………………….. ***176***

***Курбонов Ҷ.Н., Абдуллоева Ш.Б.*** Нақши ташаккул ва андӯхти дониш дар рушди фаъолияти инноватсионии корхона……………………………………………………….. ***183***

***Ашуров К.Р., Миров Ф.Т.*** Баҳисобгирии ҳаҷми воридоту содироти неруи барқ............. ***190***

***Ғафорзода Ҷонона Ғафор.*** Хусусиятҳо ва мушкилоти рушди хизматрасонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..................................................... ***198***

***Дӯстзода М.Ҳ.*** Такмили сохтори иқтисодиёти кишоварзӣ дар доираи диверсификатсияи амудӣ (усули кластерӣ)......................................................................................... ***207***

***Мухитдинова Ш.С.*** Масъалаи омӯзиши шуғли аҳолӣ дар таткиқотҳои олимони хориҷию ватанӣ............................................................................................................... ***217***

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Рахмон Озода Эмомали.*** Гендерное равенство: проблемы понимания и регламентации в праве ***223***

***Эльназаров Д.Х., Хакимов М.К.*** Роль Лидера нации в укреплении национальной государственности – развитие точных наук для прогресса и безопасности Таджикистана…… ***227***

***Раҳмон Озода Эмомалӣ.*** Усули таҳлили гендерӣ ҳамчун заминаи методологии таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон.......................................................................................... ***233***

***Азиззода У.А., Калонов Ф.М.*** Ҷойгоҳи маърифати ҳуқуқӣ дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ............................................................................................................... ***240***

***Шодизода Н.М.*** Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ.......................................................... ***249***

***Миралиев И.Қ.*** Афзалиятҳо ва амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар ҶТ ***256***

***Буриева Д.Т.*** Танзими ҳуқуқии имтиёзҳо аз супоридани андози замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................................................................... ***262***

***Салихов Р.С.*** Пайдоиш ва ташаккулёбии идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ.............. ***273***

***Шарипов С.С.*** Гумроҳ кардан оид ба хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) дар таркиби тарафи объективии фиреби истеъмолкунандагон............... ***281***

***Шарипов Р.И., Абдусаломзода Ҷ.А.*** Масоили муайян намудани предмети ғайриқонунӣ ронда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф............ ***287***

## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

***Сафаров Ф.Ш.*** Нақш ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................................................................... ***292***

***Ҷураев А.А.*** Лоббизм ҳамчун институти сиёсӣ................................................................ ***299***

***Одинаев У.Ғ.*** Иртиботи сиёсӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ: масъалаҳои назариявӣ.................. ***306***

***Абдуллоева Л.М.*** Иттиҳодияҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти идоракунӣ................................ ***313***

***Бобоев А.Ш.*** Омилҳои иҷтимоӣ ва функсияҳои асосии сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................................................................... ***320***

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия социально-экономических и общественных наук**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2023. №7**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К. Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А. Назарова
Редактор таджикского языка: Ш. Абдуллоева
Редактор русского языка: О. Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 41,25 усл. п.л. 41,25.
Подписано в печать 28-08-2023